Разбрызгать – 2. пошида тамом кардан, расхлебать (прост.) – хӯрда тамом кардан, расторговать (прост.) – фурӯхта тамом кардан, раскрасть – дуздида тамом кардан, распить – бо ҳам нӯшида тамом кардан, раскурить – 2. (прост.) кашида тамом кардан, раскупить – харида тамом (соф) кардан, расправиться II – 2. (перен. разг.) хӯрда тамом кардан, распрыскать (разг.) – чошида тамом кардан, распродать – фурӯхта тамом кардан.

Как показывает наш материал, данный способ употребляется чаще всего при переводе глаголов конкретного физического действия.

4) словосочетание - в его составе повторяющиеся слова + глагол или сложный глагол (15 случаев).

Распивать – 2. оҳиста-оҳиста нӯшидан, раскромсать (разг.) – бурида-бурида нобуд кардан, расхлестать (прост.) – зада-зада аз кор баровардан, расхныкаться (разг.) – ҳиқ-ҳиқ гиристан, развариваться – 2. страд. – ҳилм-ҳилм пухта шудан, разверстать – ҳисса-ҳисса тақсим кардан, разварить – ҳилм –ҳилм пазондан (пухтан), расковырять – кофта-кофта васеъ (фарох) кардан, распеть – 2. (разг.) – суруда-суруда овози худро пухта кардан, разронять – (разг.) якто-якто афтондан, расщепить – 2. тор-тор кардан, растоптаться (разг.) – пӯшида-пӯшида васеъ шуда мондан, растерять – рафта-рафта гум кардан.

Граф *расхохотался*. (В. и м., 59) – Граф *қоҳ-қоҳ хандид* (94).

5) глагольное словосочетание - в его составе наречие «хеле» (13 случаев)

Разобидеться – хеле ранҷидан, разжиреть (разг.) – хеле фарбеҳ шудан, разнежиться (разг.) - хеле нозпарвард шудан, растолстеть – хеле фарбеҳ (тануманд, ғафс) шудан, растревожить – хеле безобита кардан, раскудахтаться (разг.) – хеле қут-қут кардан, разутюжить – хеле дарзмол кардан, разутешить (разг., поэт.) хеле хушнуд кардан, располнеть – хеле фарбеҳ шудан, разъярить – хеле бадқаҳр шудан.

6) глагольное словосочетание - в его составе составное наречие «аз ҳад зиёд» (6 случаев)

Разболтаться II (разг.) – аз ҳад зиёд лаққидан, разважничаться (разг.) – аз ҳад зиёд калонигарӣ (калонгирӣ, такаббур) кардан, разнежничаться (разг.) – аз ҳад зиёд ноз кардан, разрекламировать – аз ҳад зиёд овоза (ҳангома) кардан.

7) глагольное словосочетание – в его составе наречие «нағз», «хуб» (7 случаев)

Растолковываться (страд.) – нағз баён карда шудан, раслышать – нағз шунидан, дуруст (равшан, возеҳ) шунидан, размеситься (разг.) – нағз пухта шудан, разодеть (разг.) – бо либоси нағз оростан, растолковать – хуб фаҳмонда додан, нағз баён кардан, распропагандировать (разг.) – хуб ташвиқот карда ба роҳе даровардан.

Также весьма удачно в художественной литературе использованы **фразеологизмы** в таджикском языке.

Зашел разговор о лошадях, и Печорин начал *расхваливать* лошадь Казбича (Гер.наш.вр., 319) – Сухан дар болои асп омад ва Печорин ба *таъриф ва тавсифи* аспи Казбич *сар кард*:…(с.19).

Итак, как показывает наш фактический материал, русским глаголом с приставкой РАЗ- в значении: «действие, названное мотивирующим глаголом, совершить с большой интенсивностью»: в таджикском языке чаще всего соответствуют глагольные словосочетания в составе наречий: «сахт», «бисёр», деепричастие прошедшего времени + «тамом кардан», повторяющиеся слова + глагол или сложный глагол, редко встречаются модели №3, №4, а также в единичных случаях встречаются наречия «аз ҳад зиёд» «нағз», «хуб». Вышесказанное наглядно выглядит так:

] АЗ-	«действие, названное мотивирующим глаголом, совершить с большой интенсивностью»:	1.глагольные словосочетания в составе наречий: «сахт», «бисёр», деепричастие прошедшего времени + «тамом кардан», повторяющиеся слова + глагол или сложный глагол; 2. модели №3, №4; 3. в единичных случаях наречия «аз ҳад зиёд», «нағз», «хуб».

Итак, как показывает наш материал, русским глаголам с приставкой РАЗ-/РАС- в таджикском языке соответствуют:

приставка	**значения**	**Способы выражения**
РАЗ-/РАС-	«направить в разные стороны, распространить, разъединить с помощью действия, названного мотивирующим глаголом»	1. конструкция в составе «ба ҳар тараф», «пароканда» 2.сложноименные глаголы
	«действие, названное мотивирующим глаголом, совершить с большой	1.глагольные словосочетания в составе наречий: «сахт», «бисёр», деепричастие прошедшего времени + «тамом кардан»,

интенсивностью»: повторяющиеся слова + глагол или сложный глагол;

2. модели №3, №4;

3. в единичных случаях наречия «аз ҳад зиёд», «нағз», «хуб».

Л И Т Е Р А Т У Р А

2. Валеева Н.Т. Глагольные префиксы как средство моделирования пространства и направления перемещения (на материале русского языка) / Н.Т.Валеева. -М., 2002.
3. Вараксин Л.А. Семантический аспект русской глагольной префиксации./ Л.А.Вараксин. – Екатеринбург, 1996. -369 с.
4. Игнатьев М.В. Функции и система пространственных значений глагольных приставок в современном русском языке. / М.В.Игнатьев. - Новосибирск, 1967.
5. Милославский И.Г. Вопросы словообразовательного синтеза./И.Г.Милославский. - М., 1980.
6. Русская грамматика. /глав. ред. Ю.Н.Шведовой. –М.: Наука, 1980. -Т.1.-783с.
7. Словарь русского языка. /глав. ред. А.П.Евгеньева. –М.: Русский язык, 1983. Т.3 – 735 с.
8. Толковый словарь русского языка / под ред. С.И.Ожегова и Н.Ю. Шведовой. –М., 2007.
9. Толковый словарь русского языка. В 4 т. /под ред. Д.Н.Ушакова. –М., 1996.

Источники

1. Лермонтов М.Ю. Герой нашего времени. / М.Ю.Лермонтов. – М.: Художественная литература, 1984. -415 с.
2. Лермонтов М.Ю. Ќањрамони даврони мо. /М.Ю.Лермонтов. – Сталинабад: Нашриёти Давлатии Точикистон, 1958. -157 с.
3. Русско-таджикский словарь / под ред. М.С.Асимова. М.: Русский язык, 1985. – 1280 с.
4. Толстой Л.Н. Анна Каренина. /Л.Н.Толстой. Часть I–4. Тула: Издательство «Приокское книжное», 1983.
5. Толстой Л.Н. Анна Каренина /Л.Н.Толстой. Љилди I–4. Сталинабад: Нашриёти Давлатии Точикистон, 1960.

ГЛАГОЛЫ С ПРИСТАВКОЙ РАЗ-/РАС- В СОВРЕМЕННОМ РУССКОМ ЯЗЫКЕ И ИХ СООТВЕТСТВИЯ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Статья посвящена способам передачи пространственно-направительного и количественно-временного значения русских глаголов с приставкой РАЗ-/РАС- на таджикский язык. Автор уделяет особое внимание тем случаям, когда русские приставочные глаголы не имеют соответствия в таджикском языке.

Ключевые слова: приставочные глаголы, локальные значения, количественно-временные значения, способы передачи, сложноименные глаголы, сложнодеепричастные глаголы, конструкции.

VERBS WITH PREFIXAL РАЗ-/РАС - IN MODERN RUSSIAN LANGUAGE AND THEIR CONFORMITY IN TAJIK LANGUAGE

Article is devoted to methods of transmission of the guide space – and – time value quantitatively Russian verbs with the раз-/рас - In Tajik Language. The author pays special attention to those cases where the Russian prefixal verbs have no match in Tajik Language.

Key words and phrases: prefixal verbs, local values, quantitative and time values, modes of transmission, slozhnoimennye verbs slozhnodeeprichastnye verbs design.

Сведения об авторе: Азизова М.Э. -докторант ТНУ. Телефоны**: (+992) 919148797; 2323775**

КАЛИМАҲОИ МУРАККАБИ МУОДИЛИ ИБОРА ДАР ОСОРИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ

С.Ҳ. Қурбонов, И.С.Ҳасанов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимасозӣ яке аз роҳҳои ташаккули таркиби луғавии забон ба шумор меравад. Калимаҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ бо роҳу усулҳои гуногун таркиб меёбанд. Дар забони тоҷикӣ калимаҳои мураккаби муодили ибора фаровон истифода мешаванд. Дар ташкили ин навъи калимасозӣ исм мавқеи муҳим дорад. «Таҳлили муқоисавии исмҳои мураккаб ва ибораҳо нишон медиҳад, ки бисёре аз калимаҳои мураккаб дар асл аз ибораҳои изофӣ ва ғайриизофии исм ба амал омадаанд» [4, 122].

Омӯзиши ин масъала дар асоси маводи осори шоирону нависандагон аҳамияти аввалиндараҷаро касб менамояд. Вобаста ба маҳорати фардии шоирону нависандагон калимаҳо дар шаклҳои гуногун барои ифодаи маъноҳои нозук корбаст мешаванд, ки омӯзиши хусусияти забонии ин шаклгириҳо басо муҳим ба шумор меравад. Калимаҳои мураккаб вобаста ба мавқеи нутқ дар ифодаи маънои грамматикӣ тобиши махсус пайдо мекунанд. Ин масъала ҳамеша дар мадди назари забоншиносон буд. Вобаста ба табиати забони тоҷикӣ дар асоси қолаббандии

ибораҳои озоди синтаксисӣ ба миён омадани калимаи мураккаб ҳодисаи маъмулӣ ба шумор рафта, омӯзиши ин бахш рӯшаниандози бисёр масъалаҳо хоҳад буд [ниг.: 8, 15].

Омӯзиши ин масъаларо дар асоси осори мунтахаби мутафаккири маъруф Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ба таври мухтасар раво донистем. Дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ калимасозии навъи мураккаб фаровон ба назар мерасад:

Даст дар домани соҳибдавлат зан, агар давлат хоҳӣ… [7, 102].

***

Чун миёнашро каноре нест, з-он дар ҳайратам,
К-он чунон нозукмиёне нест доим дар канор (7, 53).

Бояд гуфт, ки калимаҳои мураккаб дар таркиби ибора ва ҷумла маъноҳои нави забониро касб менамоянд, вобаста ба имконоти луғавии ҷузъҳо ин навъи калимаҳои мураккаб сервазифа мегарданд.

Сифатҳои мураккаб чун ҷузъи тобеи ибораҳои исмии изофӣ дар осори шоир фаровон истеъмол ёфтаанд:

Гар кунӣ бар дили пурдарди Асоӣ назаре,
Аз ҷафоҳои фалак як раҳ амоне ёбад (7, 45).

***

Бӯе зи хоки кӯяш бар ҷони ҳар кӣ ояд,
Анфоси мушкбораш бӯе бувад ҳамеша (7, 58).

Албатта, вобаста ба талаботи нутқ ва ифодаи мақсад калимаҳои мураккаби ***пурдард*** ва ***мушкбор*** дар қолабҳои гуногуни морфологиву синтаксисӣ метавонанд ифода ёбанд: ***пур аз дард, пури дард, пурдард***; ***борандаи мушк, бориши мушк, мушкбор*** ва ғайра.

Қолаби калимасозӣ ва ибораорой дар ҳамаи забонҳо, аз ҷумла забони тоҷикӣ, вобаста ба ифодаи мақсад тағйир мепазирад, ки дар ин замина омӯзиши воҳидҳои забонӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Ин нуктаро забоншинос Ҳамроқулов Х. хуб арзёбӣ намудааст: «Калимабандӣ қолаби муайян дорад ва ҳар як қолаб миқдори муайяни тарҳбандиро ташкил менамояд, ки ҷузъҳои он аз ҳиссаҳои ҷудогонаи нутқ иборат мебошад. Ба ин тариқа, қолаб ва тарҳи калимабандӣ ҳамчун як воҳиди синтаксисӣ дар муносибати умумӣ ва конкретӣ меистанд. Калимабандие, ки чанд тарҳи гуногун дорад, дар як қолаб ғунҷоиш меёбад ва баръакс, як қолаб чанд тарҳбандӣ дошта метавонад» [10, 43].

Дар осори Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ чун ҷузъи тобеи ибораҳои исмӣ омадани сифатҳои мураккаби муодили ибораҳо фаровон ба назар мерасад:

То нагардӣ марди соҳибдард ту,
Дар сафи мардон наоӣ мард ту (7,70).

Қобили қайд аст, ки ин ибораҳо бо васеътар будани доираи маъноӣ аз дигар ибораҳои исмии бо сифат ташкилёфта фарқ доранд ва ин ҳодиса, пеш аз ҳама, ба маънои луғавии сифатҳои мураккаб дахл дорад.

Ҳангоми омӯзиши калимасозӣ ва созмонёбии ибора ба ин масъала диққати ҷиддӣ додан аз аҳамияти илмӣ холӣ нест, ки «аломати ҳақиқии таҳлили синтаксисии имрӯза категорияи маънӣ, аниқтараш тарзи тафсири категорияи маънӣ дар тадқиқоти алоҳида, ҳисоб меёбад» [2, 18]. Дар осори шоир калимаҳои мураккаби услуи луғавию синтаксисӣ камтар ба қайд гирифта шуданд:

Габри ҳазорсола гар бӯи ӯ шамидӣ,
Дар ҷамъи соликонаш ӯ мардикор будӣ (7, 60)

Дар осори шоир омадани калимаҳои мураккаби муодили ибораҳои озод, ки дар асоси ибораҳои ғайриизофӣ сохта шудаанд, бештар мушоҳида мешаванд:

Чун битобад офтоби маърифат,
Аз сипеҳри ин роҳи олисифат (7, 77).

***

Чун миёнашро каноре нест, з-он дар ҳайратам,
К-он чунон нозукмиёне нест доим дар канор (7, 53).

Дар калимаҳои мураккаб фурӯгузор шудани бандаки изофии **-и** низ зиёд ба чашм мерасад:

Дурии дарди ту доруи дили ҳар бехабар,
Зевари зикри ту зеби холи ҳар соҳибҷамол (7, 55).

***

Гар бувад дармонии сад навҳагар,

Оҳи соҳибдард ояд коргар (с.70).

***

Ва толибмурод матлуб омада … (с.90).

Бахшҳои забоншиносӣ бо якдигар алоқаи ногусастанӣ доранд. Омӯзиши ин вобастагиҳо аҳамияти илмӣ доранд [ниг.: 1, 53]. Дар мисолҳои боло алоқамандии сохти морфологиву синтаксисиро мушоҳида менамоем. Устод М. Шукуров ин ҳодисаро мусбат арзёбӣ кардааст: «Иқтидори забони тоҷикӣ дар ин аст, ки калимаи мураккаб бисёр дорад» [11, 166].

Меъёри грамматикии забони тоҷикӣ барои дар қолабҳои гуногуни муъҷаз ифода гаштани ибора замина ба вуҷуд овардааст. Чунин шаклҳои синтаксисиро истифода кардан пеш аз ҳама ба мавқеи нутқ ва маҳорати фардӣ вобаста мебошад. Дар забоншиносии тоҷик ин масъала камтар тадқиқ гаштааст. Забоншиносони рус дар ташкили ибора мавқеи муҳим доштани калимаи мураккабро қайд намудаанд [ниг.: 1, 51].

Дар осори шоир калимаҳои мураккабе ба назар мерасанд, ки хусусияти фардӣ доранд ва корбасти онҳо аз мавқеи нутқ ва маҳорати касбӣ вобастагӣ дорад. Калимаҳои ***гаронҷонӣ, кулҷӯён, ҷоммурод*** ба гуфтаи мо мисол шуда метавонанд:

Ҷузву кулҷӯёни хоки кӯи он олимақом,
Ҳар ки ёбад накҳате, азмаш ба ақсо мекашад (7, 46).

***

Гар даме васлаш ба сад ҷонат муяссар мешавад,
Рав, гаронҷонӣ макун, чун дӯст арзон мешавад (7, 53).

Аз ҷумла муҳаққиқон И. А. Уолш ва В. П. Берков дар мақолае зери унвони «Калимаҳои мураккаби муодили ибораҳои озод» дуруст зикр менамоянд, ки «Калимаҳои мураккаби муодили ибораҳои озод чун ибораҳои мавҷуда озодона дар нутқ сохта мешаванд. Хусусияти муҳимми онҳо ин аст, ки ҳатто соҳиби забон ҳангоми талаффуз кардан ё шунидани ин навъи калимаҳои мураккаб одатан ба ин навъи калимаҳо дучор гардиданашро ба хотир оварда наметавонад, нав будани ин калимаҳо ҳис карда намешавад. Дар асл, барои фард муқаррарӣ ё ғайримуқаррарӣ будани ифода, аз ҷумла ягонагиҳои бори аввал истифодашаванда ва сохти калимаи лозима фарқ надорад» [9, 8].

Инчунин, дар омӯзиши ибора ба калимасозӣ ва семантика диққати махсус мебояд дод, ки дар шаклҳои гуногун бо воситаҳои грамматикӣ омада, маъноҳои зиёди забониро ифода кардани ин воҳиди забонӣ ба он вобаста мебошад [3, 6].

Ҳамин тавр, калимаҳои мураккаби муодили ибораҳо дар осори аллома ва шоири маъруф Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ фаровон ба чашм мерасанд, ки калимаҳои ***мушкбӯй, тирборон, собитқадам, мурдадил, пурдард, пурхатар, кулҷӯён, олимақом, гаронҷонӣ, нозукмиён, пурсафо, соҳибҷамол,ишқхоҳон, тирарӯзгор, бадном, мушкбор, корхона, дилбеқарор, мардикор, анбарбӯ, нонреза, хастадил, хирадбахш, пурофтоб, ҳақшинос, гуноҳомурз, узромурз, соҳибдард, корсоз, фатҳёб, соҳибдавлат, соҳибназар, дамсоз, ҷонбозӣ, ҷонсӯз, хушқабо, гармрӯ, модарзод, олисифат, хушқалб, пурнур, толибмурод, ҷоммурод*** муште аз хирвор мебошанд.

Фарқи онҳо аз муодили иборавиашон ин аст, ки яклухтии маъно дар онҳо нигоҳ дошта мешавад ва баръакси ин ибораҳои муодил ба онҳо мафҳуми мураккабро ифода менамоянд. Ин шаклҳои дар ифодаи маъноҳои грамматикӣ ҳамвазифа бо мавқеъ ва дараҷаи истеъмолашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Дар доираи як мақола баррасии ин масъалаи муҳимми соҳаи забоншиносӣ ғайриимкон буда, дар асоси маводи мансуб ба даврaҳои гуногуни забони тоҷикӣ ва гӯйишҳои он мавриди таҳқиқ қарор гирифтани калимаҳои мураккаби муодили ибораҳо ба манфиати кор мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ахманова О.С. К вопросу об отличии сложных слов фразеологических единиц/ О.С. Ахманова // Труды Института языкознания АН СССР, т. 4. – М., 1954. – С. 51.
2. Будагов Р. А. Что означает словосочетание современная лингвистика?/ Р. А. Будагов // ВЯ. – 1976. – № 6. –С.46–53.
3. Виноградов В.В. Вопросы изучения словосочетаний (На материале русского языка)/ В.В. Виноградов // ВЯ. –1954. – №3. –С.3–25
4. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди аввал. Фонетика ва морфология. –Душанбе: Дониш, 1985. –355 с.
5. Ғаффоров Р. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ/ Р.Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1979. –267с.

6. Лейзерсон О.Д. К вопросу о «грамматичности» сложного слова/ О.Д. Лейзерсон // ВЯ. – 1969. – С.62–67.
7. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ–шоҳи ҳамадон. Осори мунтахаб I. – Душанбе: Ирфон, 1994. –159с.
8. Рубинчик Ю.А. Персидского-русский словарь. Том I- II/ Ю.А.Рубинчик. –М.: Русский язык, 1985. – 800; 864 с.
9. Уолш И.А., Берков В. П. О статусе сложных слов−эквивалентов свободных словосочетаний/ И.А.Уолш, В. П. Берков // Вестник Ленинградского университета. (Серия истории языка и литература, выпуск 2), 1984. –С. 66–71.
10. Ҳамроқулов Х. Таснифи ҳиссаҳои нутқи забони тоҷикӣ аз рӯи мавқеи калима дар калимабандӣ/ Х. Ҳамроқулов // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. –Душанбе, 1978. –С. 43–47.
11. Шукуров М. Забони мо ҳастии мост/ М.Шукуров. –Душанбе: Маориф, 1991. –320 с.

СЛОЖНЫЕ СЛОВА ЭКВИВАЛЕНТ СЛОВОСОЧЕТАНИЯ В ПОЭЗИИ МИР САИД АЛИ ХАМАДОНИ

В данной статье исследован конструкция сложные слова эквивалентов словосочетании в поэзия Мир Саид Алии Хамадони. А также определенно значения и важность таких конструкции в таджикском языке, отличия сложных слов от словосочетания.

Ключевые слова: слово, словосочетания, существительное, конструкция, поэзия, эквивалентность, сложные слова, прилагательное, субстантивное словосочетания, синоним, синтаксис, морфология, синтаксические единицы.

COMPOUND WORDS OF AN EQUIVALENT OF THE PHRASE IN POETRY MIR SAID ALII HAMADONI

In this article is investigated the design of compound words of equivalents of the phrase in poetry of Mir Said Alii Hamadoni.. And olso are defined walues and importance of sueh designs in the tajik language, differences of compound words from the phrase.

Key words: word, phrase, noun, design, poetry, equivalence, difficult words, adjective, noun phrases, synonym, syntax, morphology, syntax units.

Сведения об авторе: ***С.Х. Курбонов-*** кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы ТНУ. Телефон: **(+992) 907 73 96 02**
И.С.Хасанов **-** ассисент кафедры таджикского языка и методики преподавания таджикского языка и литературы ТНУ

КОММУНИКАТИВНАЯ ПРИРОДА ЯЗЫКА И ВЕЖЛИВОСТЬ

М. Р. Джураева
Таджикский национальный университет

Жизнь требует, чтобы мы говорили правильно, доступно, а самое главное, выразительно. Наука о литературном языке может и должна помочь людям в процессе овладения ими речевой культурой.

По данным некоторых источников [2; 3; 4] в Китае и Индии, в древней Греции и Риме, за несколько веков до нашей эры уже развивалась культура родного слова. Древний мир взрастил прекрасных поэтов, писателей, драматургов – мастеров художественной речи. Этот мир подарил истории выдающихся ораторов, практически и в теории решавших важные вопросы речевого мастерства. В обществе день ото дня росло понимание пользы и необходимости хорошей речи, укреплялось уважение к тем, кто умел ценить и успешно применять родной язык. Крепло сознание того, что речь – могущественная сила, если человек желает и умеет ею пользоваться.

Несмотря на историческую и практическую важность этой темы в таджикском языкознании она остается почти неизученной.

В русском языкознании этой проблематике уделяется значительное внимание еще с начала второй половины прошлого столетия. Огромное количество научных трудов и литературы освещают различные аспекты коммуникативной природы языка. Выявлены и достаточно подробно описаны компоненты речевого общения. К примеру, А.П.Крысин считает, что одним из решающих факторов в использовании речевых единиц, является *ситуация*, в которой происходит речевое общение [4, 70]. По его мнению, *ситуация*, понимаемая нами в значении «конкретные условия речевого общения», состоит из таких формирующих ее компонентов: 1) говорящий (или пишущий); 2) слушающий (читающий); 3) отношения между говорящим (пишущим) и слушающим (читающим); 4) средство связи (язык, диалект, стиль); 5) способ связи (контактный или дистантный – например, разговаривают ли двое за обеденным столом или по телефону – устный или письменный; 6) место; 7) цель; 8)

тема общения. Количество ситуаций очень велико хотя бы потому, что изменяясь, каждый из перечисленных компонентов, обретает множество значений: говорящий (или слушающий) может быть молодым, старым, рабочим, крестьянином, словоохотливым, молчаливым, давним жителем такого-то города, приезжим и т.д.; отношения между участниками общения варьируются от официальных до интимно-дружеских; средствами связи могут служить многочисленные стили и диалекты языка, которыми говорящие пользуются либо устно, либо письменно; не поддаются учету все места, где может вестись общение, цели и темы. Перечисляя факторы, которые обусловливают особенности разнообразных речевых ситуаций, никак нельзя упускать из виду и то, как, каким способом общаются между собой люди: видят ли они при этом друг друга или беседуют по телефону, переписываются по почте или же один читает произведение другого, никак не ставя его в известность о своей реакции и т.д. В каждом обществе вырабатываются особые речевые формы, которые помогают человеку вести себя так, как этого требуют культурные и нравственные традиции данного коллектива. Бесцеремонность, грубость, излишняя фамильярность никогда не считались в цивилизованном обществе признаком хорошего тона. И напротив, предупредительность, вежливость, качества, за которые люди благодарны друг другу.

Этимология французского слова *etiquette* (обхождение, учтивость) показывает, что этикет – это такие правила обхождения, учтивости, которые освящены обычаями, традициями данного общества, специфичные для него. Это соответствует тому, что есть в действительности. Но следует помнить: что нормально в одном обществе, в другом оценивается негативно; одни и те же формы речевого этикета могут иметь разное содержание у различных народов.

На первый взгляд может показаться, что формы обхождения важны лишь в некоторых ситуациях общения, в особо торжественных и официальных случаях, например, на дипломатическом приёме, в обстановке переговоров между главами государств, во всякого рода церемониях. Действительно, во всех подобных ситуациях участники достаточно строго придерживаются определенных правил этикета как в речи, так и в неречевых формах поведения. Но и в обычной жизни, общаясь друг с другом, люди используют общепринятые способы приветствий, обращений, прощания, благодарности и т.д.

Эти способы привычны и не осознаются членами каждого общества как условные, но они являются как раз таковыми, т.е. условными, принятыми в данном коллективе приемами установления или прекращения коммуникативного контакта. Если вы начинаете общение с вашим знакомым без обычного *«Ассалому алейкум» (здравствуйте)*, то он может либо оскорбиться, либо предположить, что у вас случилось нечто, что выбило вас из колеи и заставило пренебречь нормами этикета.

Чрезвычайно разработанная система этикета, в том числе и речевого сохраняется по традиции в Японии и в других странах Востока. У японцев существуют целые системы приветствий, рекомендаций, просьб, форм благодарности и т.п. [5].

По данным исследователя японского речевого этикета В.М.Алпатова японцы используют многообразные языковые средства, описанные в различного рода рекомендациях, просьбах. Такая детализированная система речевого этикета соответствует своеобразным, идущим из глубокой древности этическим традициям, которые до сих пор сохраняют незыблемыми многие условности обращения людей (в особенности старшего поколения) к друг другу [1, 51]. Следует отметить, что уважение к древним традициям речевого общения в Японии длится уже несколько столетий, независимо от общественного строя – будь оно императорским, или парламентарным, всегда находит поддержку со стороны государства.

Японский язык вообще может служить хорошим примером языка с развитой системой форм вежливости. Так, в системе глагола здесь существуют две грамматические категории, называемые адрессивом (или респективом) и гонорativом. Формы адрессива показывают отношение говорящего к собеседнику: противопоставлены простые (без специальных показателей), вежливые и особо вежливые формы; простые формы воспринимаются как нейтральные, если не имеется в виду определенный собеседник (что имеет место только в письме: научные тексты, информация в газетах и т.д.), тогда как при обращении к конкретному собеседнику они невежливы. Формы гонорativа показывают отношение говорящего к лицам, о

которых идет речь. Простым формам противопоставлены формы субъектной вежливости (действия или состояния «уважаемого лица», которым может быть собеседник или 3-е лицо) и объектной вежливости (так называемые скромные формы). В последнем случае речь идет о действиях говорящего или лица, близкого к нему, по отношению к «уважаемому» 2-му или 3-му лицу; говорящий одновременно выражает вежливость к объекту действия и «умаляет» себя. Имеются сложные правила выбора форм: например, сотрудник фирмы в разговоре с посторонним не может невежливо говорить о своем начальнике, это значит нарушить этикет в отношении собеседника. Особенно сложно устроена система повелительных форм. Имеются также разнообразные лексические средства выражения положительной и отрицательной вежливости [1].

Следует отметить, что семантика категории вежливости и правила ее употребления достаточно сложны и не всегда подробно описаны даже в языках с не слишком развитыми системами форм вежливости. Так, простое обиходное представление о вежливости не объясняет, например, некоторые случаи выбора форм обращения в некоторых языках, в том числе в таджикском, к примеру обращение «на ты» к Богу (единственно возможное).

В начале нового периода развития персидско-таджикского языка существовали многообразные формы речевого этикета, в том числе для выражения вежливости, почтительности, а так же скромности и смиренности, в чем остро нуждается нынешнее общество. Следует отметить, что в последнее десятилетие заметно возрождение многих лексических и грамматических средств вежливого общения. Так например, местоимение 3 лица множественного числа «эшон», употребляемое в начале нового периода развития таджикского языка по отношению 3 лица единственного числа для выражения почтительности [6], переживает второе свое рождение. Мы можем твердо утверждать, что в современном таджикском речевом этикете эта единица в значении вежливости употребляется чаще, нежели в своем прямом назначении.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Алпатов В.М. Категория вежливости в современном японском языке/ В.М.Алпатов. – Москва: Наука, 1973. – 109 с.
2. Гольдин В.Е. Обращение: теоретические проблемы/ В.Е. Гольдин. – Изд-во Саратовского ун-та, 1987. –129 с.
3. Гольдин В.Е. Русский язык и культура речи/ В.Е.Гольдин. – Саратов.: Изд-во Саратовского ун-та, 2001. –212 с.
4. Крысин Л.П. Язык в современном обществе/ Л.П. Крысин. – Москва: Просвещение, 1977. – 191с.
5. Федоренко Н.Т. Японские записи/ Н.Т.Федоренко. – Москва: Советский писатель, 1966.- 416с.
6. Ҷӯраева М.Р. Роҳҳои ифодаи эҳтиром ва фурӯтанӣ дар забони тоҷикии асри XVI/ М.Р.Ҷӯраева.- Душанбе, 2004. – 130с.

КОММУНИКАТИВНАЯ ПРИРОДА ЯЗЫКА И ВЕЖЛИВОСТЬ

Ситуация, понимаемая в значении «конкретные условия речевого общения», состоит из нескольких формирующих ее компонентов. Количество ситуаций речи очень велико хотя бы потому, что изменяясь, каждый из перечисленных компонентов, обретает множество значений: Перечисляя факторы, которые обусловливают особенности разнообразных речевых ситуаций, никак нельзя упускать из виду и то, как, каким способом общаются между собой люди: видят ли они при этом друг друга или беседуют по телефону, переписываются по почте или же один читает произведение другого, никак не ставя его в известность о своей реакции и т.д. В каждом обществе вырабатываются особые речевые формы, которые помогают человеку вести себя так, как этого требуют культурные и нравственные традиции данного коллектива.

Ключевые слова: ситуация речи; условия речевого общения; речевые ситуации, речевые формы.

COMMUNICATIVE NATURE OF LANGUAGE AND POLITENESS

The situation which has been understood as "specific conditions of speech communication" consists of several components forming it. The quantity of speech situations is very great at least because changing themselves each of the listed components, finds a set of values: Listing factors which cause features of various speech situations, in any way it is impossible to forget, how people communicate among themselves: whether do they see each other within this process or just talk by phone, correspond by e-mail or one person reads another person’s work, in any way without informing the first guy about his own reaction, etc. There are special speech forms in each society which help the person to behave themselves so, as it has been demanded by cultural and moral traditions of this collective.

Key words: speech situation; conditions of speech communication; speech situations, speech forms.

Сведения об авторе: ***Джураева М. Р.***- докторант Таджикского национального университета.Телефон. **(+992) 93-880-93-01.** E-mail: **light_angel-65@mail.ru**

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ТАШБЕҲӢ БО ПАСОЯНДИ «БАРИН»

Ҳ. Дӯстов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ (муқоисавӣ) як қабати азими таркиби фразеологии забонамонро ташкил медиҳанд. Онҳо ба мисли дигар навъҳои воҳидҳои фразеологӣ ҳам дар нутқи шифоҳӣ ва ҳам навиштор̄ӣ васеъ истифода мешаванд. Адиб аз онҳо ҳангоми офаридани манзара, тасвир, образ, ягон ҷиҳати назарраси персонаж кор мегирад. Тамоми воҳидҳои фразеологии забонамон, ки дар асоси ташбеҳ ва муқоиса бо ягон шайъ ё хусусияти барҷастаи он сохта шудаанд, аз се ҷузъ: ташбеҳшаванда, ташбеҳкунанда ва адоти ташбеҳ (ҷузъе, ки бевосита маънои ташбеҳии ифода тавассути он сурат мегирад) иборатанд.

Дар ВФТ ба ғайр аз ташбеҳшаванда ва ташбеҳкунанда боз адоти ташбеҳ мавҷуд аст, ки он бо ёрии унсурҳои гуногуни забонӣ ифода меёбад. Маҳз ба тавассути воситаҳои адоти ташбеҳ ташбеҳшаванда бо ташбеҳкунанда алоқа пайдо мекунад. Воситаҳои алоқаи адоти ташбеҳ бо ташбеҳшаванда гуногун аст. Он бештар бо пасоянду пешояндҳои монандӣ ифода шудааст. Адоти ташбеҳ аз нуқтаи назари забонӣ дар таркиби ВФТ воситаи ёрирасон маҳсуб меёбад, ки бо ёрии он ташбеҳшаванда возеҳу равшан ифода карда мешавад. Ба вазифаи адоти ташбеҳ бештар пасоянд ва пешояндҳои монандӣ истифода шудаанд.

Бо пешоянду пасоянд ифода ёфтани адоти ташбеҳ ва ҳамчун воситаи алоқа бо ташбеҳшаванда истифода шудани онҳо дар ВФТ ҳодисаи маъмулист. Қисмати зиёди ВФТ-и забонамон бо пешояндҳо сохта шудаанд, ки ин аз серистеъмол будан ва бо калимаҳои дигар доираи васеи ҳамнишинӣ доштани онҳо шаҳодат медиҳад.

Дар баробари пешояндҳои гуногуни монандӣ, пасоянд низ дар сохтмони ВФТ саҳми назаррас дорад. Дар ин вазифа танҳо пасоянди **барин** истифода шуда метавонад. Он бо пешояндҳои номбаршудаи монандӣ муродиф аст ва қариб дар ҳама мавридҳо онҳоро иваз карда метавонад. Инро дар ҳолати табдили пешояндҳои гуногун бо пасоянди мазкур дар ВФТ баръало мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, **ба мисли гунҷишкбачаҳои навбол - гунҷишкбачаҳои навбол барин** «ноӯҳдабароёна, бетартибона», **мисли оҳубарраи шӯх - оҳубарраи шӯх барин** «чусту чолок, чаққон», **чун аспи ҷувоз - аспи ҷувоз барин** «бардам, боқувват», **монанди хурӯси ҷангӣ - хурӯси ҷангӣ барин** «ғазаболудона, бадқаҳрона»;

Се наберачаи дӯстдорами кампири Ороста дар атрофи он **ба мисли гунҷишкбачаҳои навбол** парпанак мезаданд (Ҷ. Акобир, Пазмонӣ, 254). Ҳо, чӣ рӯзгоре доштӣ, Маҷида! **Мисли оҳубарраи шӯх** будӣ, Маҷида! (Ҷ. Акобир, Пазмонӣ, 157). Ӯ аз зӯрии дарди сар дам ба дам аз ҷояш хеста гирдогирди суфа **чун аспи ҷувоз** чарх мезад (Р. Ҷалил, Одамони ҷовид, 97). Шарикон бар болои он ҷумла гардани худро **монанди хурӯсони ҷангӣ** дароз карда, мисли гурбагон мӯйҳояшонро хезонда ва овозашонро баланд карда бо якдигар ба ҷанг даромаданд (С. Айнӣ, Марги судхӯр, 226).

Пасоянди **барин** бо калимаҳои гуногун омада, муносибатҳои монандӣ пайдо мекунад. Бештар бо ибораҳои изофие, ки ҷузъи асосиашонро навъҳои гуногуни исмҳо ташкил медиҳанд, алоқаманд мешавад. Дар таркиби ВФТ ба маънои фразеологии ифода қувват бахшида, ҳамчунин дар заминаи маънои фразеологӣ ба маънои ташбеҳии дар дохили он хобида замина мегузорад. Одатан дар бештари ВФТ-и забони тоҷикӣ пасоянди **барин** дар мавқеи охири онҳо меояд. Бо ин усул қариб нисфи ВФТ-и забонамон сохта шудаанд. Дар ин навъи ВФТ ташбеҳшаванда зикр намеёбад. Маҳз ҳамин гуна ифодаҳое, ки дар онҳо ташбеҳшаванда зикр намеёбад, аз ҷиҳати сохту маъно рехтаву устувор буда, тафсири дақиқро талаб мекунанд. Муайян кардани маънои чунин ифодаҳои фразеологии ташбеҳӣ ба соҳибзабон танҳо дар дохили матн даст медиҳад. Аз қабили, **хаёли маҳол барин** «мушкил, дастнорас», **ба деги ҷӯшида оби хунук андохтагӣ барин** «фавран, ногаҳон», **аз осмон фаромада омадагӣ барин** «бехабар, ноогоҳ», **дарёи бетаг барин** «чизи ниҳоят ҷуқур», **гули алов барин** «каме, андак»:

Ҳарчанд орзуи хондан, хусусан баъд аз васияти падарам, аз аввала зиёдтар шуда бошад ҳам, ин орзу ба назарам як **хаёли маҳол барин** менамуд (С. Айнӣ, Ёддоштҳо, 161). **Ба деги ҷӯшида оби хунук андохтагӣ барин** ҳама якбора ором шуда, аз ҷилавхона берун баромаданд (Р. Ҷалил, Одамони ҷовид, 117). – Худо медонад, **аз**

осмон фаромада омадагӣ барин (Р. Ҷалил, Одамони ҷовид, 42). Ҷанг **дарёи бетаг барин** ҳамаро фурӯ бурда истодааст (Р. Ҷалил, Одамони ҷовид, 187). Агар Шариф ман инсон мегуфту дар дилаш **гули алов барин** раҳм медошт, туро аз хонаи дигараш ҷой медод (Ҷ. Акобир, Пазмонӣ, 249).

Дар гурӯҳе аз ВФТ пасоянди **барин** мавқеашро иваз намуда, миёни ташбеҳкунанда ва ташбеҳшаванда меояд. Ин навъи ВФТ аз ҷиҳати ифодаи маъно фасеҳу равшан буда, дар онҳо тамоми унсурҳои ташбеҳсоз иштирок мекунанд. Аз ин рӯ барои муайян намудани маънои ифода ба хонанда мушкилӣ пеш намеояд. Дар назари аввал чунин менамояд, ки чунин воҳидҳои фразеологии муқоисавӣ маънои зоҳирӣ дошта, ба тафсир эҳтиёҷ надоранд. Ногуфта намонад, ки ҳатто дар чунин ифодаҳо низ маънои фразеологӣ ба шарҳу тафсир ниёз дорад. Ҳарчанд қисмати ночизи захираи фразеологизмҳои ташбеҳии забонамон бо ин усул сохта шуда бошанд ҳам, вале бо нишонаҳои маъноиву сохторӣ аз гурӯҳи аввал фарқ мекунанд. Чунончи, **мех барин рост** «ноҷунбон», **кӯҳи Қоф барин бузург** «аз ҳад зиёд калон, азимҷусса», **қаймоқ барин бомазза** «хӯрданбоб, серғизо», **тароша барин шах шудан** «беҳаракат, ноҷунбон, беҳис», **хирс барин хоб рафтан** «дароз, тӯлонӣ»:

Дар болои аспи саманди худ **мех барин рост** менишаст, шамшерзаниашро ҳама рустамона гӯён таъриф мекарданд (Ф. Ниёзӣ, Сарбозони бесилоҳ, 354). Агар гӯем, ки ягон пушту паноҳи **кӯҳи Қоф барин бузург** медоштӣ вай будагӣ гап, ташвиши хонаро ҳам осон мекард (Ҷ. Акобир, Пазмонӣ, 246). Чойи кабуд баъди ош ба даҳон **қаймоқ барин бомазза** мерасид (П. Толис, Куллиёт, Ҷ. 2, 74). – Ду поям аз зарби хунук **тароша барин шах шуд**… (Ф. Ниёзӣ, Сарбозони бесилоҳ, 137). Модари вай рӯзи дароз дар офтоб сӯхтаву пухта кор мекард, Саидбегими тапакрӯ дар таги сояи себ оби чашма мезад, паҳлу нагашта, **хирс барин хоб мерафт** (Ҷ. Акобир, Пазмонӣ, 288).

Тавре маълум гардид, иваз намудани мавқеи пасоянди **барин** дар таркиби ифодаҳои рехтаи ташбеҳӣ ба устувории сохту маъно оварда мерасонад. Дар гуруҳи аввал адиб дарки матлабро ба хонанда ҳавола карда, вобаста ба матни мавриди назар аз он истифода мебарад. Дар гуруҳи дуюм бошад ҷузъи ташбеҳшаванда иштирок мекунад. Ба истилоҳи дигар ташбеҳ равшан буда, хонанда аз маънии он бохабар аст. Аз ин рӯ, тафсири маънои чунин ифодаҳои ташбеҳӣ аз соҳибзабон як андоза зиракӣ ва дониши забониро талаб менамояд. Агар дар гуруҳи якум барои ифодаи комили фикр тафсири маънои ВФТ лозим бошад, пас дар гуруҳи дуюм гӯё маъно дар заминаи ташбеҳшаванда ниҳон аст. Масалан, дар ифодаи рехтаи ташбеҳии **пардаи пиёз барин тунук** калимаи ташбеҳшаванда-**тунук** ҳарчанд ҳамчун қисми маънидодкунандаи ҷузъҳои дигар омада бошад ҳам, вале матлабро дар алоҳидагӣ пурра ифода карда наметавонад. Метавон маънои онро дар шакли «аз ҳад зиёд тунук, борик, ноустуворона» низ тафсир намуд:

Кафи кафш акнун ба қавли соҳибаш **пардаи пиёз барин тунук**, пошнаҳош хӯрда шуда буданд (Р. Ҷалил, Шӯроб, 36).

Дар гурӯҳи сеюми ВФТ бо пасоянди **барин** он баъд аз ташбеҳкунанда омада, ҷумлаи пайрави муайянкунанда қабул мекунад. Ҷузъи пайрав ташбеҳкунандаро, ки бо артикли номуайянии **-е** ифода мегардад, эзоҳ дода, дар якҷоягӣ маънои умумии ифодаро ташкил медиҳанд. Ин қолаб хеле камистеъмол буда, бо он қисмати ками ВФТ-и забонамон сохта мешаванд. Дар ВФТ-и дар заминаи ин қолаб сохташуда ташбеҳшаванда иштирок намекунад, бинобар ин тафсири маънои онҳо як андоза ба маънои матни мавриди назар алоқамандӣ дорад. Чунончи, **баррае барин, ки дур аз очааш бурданд** «дар фироқ буда, ҳақирона», **моҳие барин, ки аз об берун афтода** «пуртаҳлука, имдодталабона»:

Лекин Меҳрубони ӯ аз вай ҷудо, **баррае барин, ки дур аз очааш бурданд** ӯро (К. Мирзоев, Дар орзуи падар, 144). - Аммо ман **моҳие барин, ки аз об берун афтода,** бе ту нафас кашида наметавонам… (А. Самад, Паррончакҳо, 90).

Ҳамин тариқ, ба вазифаи адоти ташбеҳ пасоянду пешояндҳои монандӣ истифода шуда, аз ин ҷумла пешояндҳо бештар фаъоланд. Ҳар яке аз онҳо бо гурӯҳи муайяни калимаҳо ҳамнишин гардида, барои ба вуҷуд овардани ифодаи ташбеҳӣ заминаи мусоид муҳайё месозанд. Пасоянди **барин** ягона пасояндест, ки дар сохтмони ВФТ нақш бозида, дар ҳама ҳолат пешояндҳоро иваз карда метавонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка/ Х.Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 406 с.

2. Сидякова Н. М. Анализ первых и вторых компонентов устойчивых сравнений типа AS + прилагательное + AS + существительное в современном английском языке/ Н. М. Сидякова // Уч. записки Вологодского гос. пед. инс-та. – Том 28. – Вологда, 1964. – С. 194-221.
3. Фозилов М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик (Фарҳанги фразеологӣ). – Ҷ. 1. – (А-Р)/ М.Фозилов – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1963. – 952 с.; – Ҷ. 2. – (С-Ҷ) – Душанбе: Ирфон, 1964. – 802с.

КОМПАРАТИВНЫЕ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ С ПОСЛЕЛОГОМ «БАРИН»

Структурная особенность компаративных фразеологических единиц заключается в том, что в них часто применяются вспомогательные части речи со значением и функциональных особенностей сравнения, сопоставления и уподобления. Следует отметить, что в этом плане предлоги встречаются чаще и сыграют основную роль образования фразеологических форм сравнительного значения. Послелог “барин” является единственным послелогом образования компаративных фразеологизмов и может заменить предлоги сравнения и уподобления.

Ключевые слова: компаративные фразеологические единицы, вспомогательные части речи, функциональных особенностей сравнения, послелог, образование компаративных фразеологизмов.

КОМПАРАТИВНЫЕ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИЕ ЕДИНИЦЫ С ПОСЛЕЛОГОМ «БАРИН»

The comparative phraseologies use as auxiliary prepositions of likeness and on this base, they are active. Each of them combining with words makes the bases of expressing likeness phrases. The postposition **barin** is only postposition which takes play in forming of the comparative phraseology and always changes prepositions of likeness.

Key words: comparative phraseological units, auxiliary parts of speech, functional features of comparison, postposition, education comparative idioms.

Сведения об авторе:*Дустов Х.*- кандидат филологических наук, доцент кафедры современного таджикского языка Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 904 41 84 80**

МАРОСИМИ ХОНАДОРШАВИИ ТОҶИКОНИ ЧИН ВА ИСТИЛОҲОТИ ХОСИ ОН

Хуршед Кабиров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маросими хонадоршавии (тӯйи арӯсӣ) тоҷикони муқими Ҷумҳурии Мардумии Чин яке аз муҳимтарин расму ойинҳои суннатии эшон буда, гарчи ҷараёни баргузорӣ ва истилоҳоти ин маросим ба маросими хонадоршавии тоҷикон ва ҳатто мусулмонони Осиёи Марказӣ хеле шабоҳат дошта бошад ҳам, лекин ҳамзамон дар ин замина тафовутҳо низ ба мушоҳида мерасад.

Пеш аз ҳама, лоиқи зикр аст, ки издивоҷу хонадоршавӣ ва солимиву мустаҳкамии оилаи тоҷикони сариқӯлӣ нисбат ба ҳамсоягон дар сатҳи баланд қарор дорад ва ин нуктаро афсари рус Зайченко ҳанӯз сад сол пеш аз ин чунин таъкид намудааст:«Женитьба среди сарыкольцев выгладела более серьёзным институтом, чем среди их соседей в Яркендской области, так как развод неизвестен и мужчина не может взять вторую жену при жизни первой. Вдова остаётся в трауре в течение года, прежде чем ей будет позволено утешиться, взяв второго мужа, но если по истечению этого периода, она предпочитает оставаться в безбрачии, она покидает дом родственников своего умершего мужа и возвращается в свой преженый дом» [Искандаров, 110].

Аз ҷониби дигар, бо вуҷуди он ки онҳо бо мусулмонони дигар муносибати дӯстона дошта бошанд ҳам, лекин ба онҳо пайванди хешутаборӣ барқарор намекунанд, яъне издивоҷи фарзандонро бо дигар қавмҳо намепазиранд. Ба андешаи шаҳрванди тоҷики Чин профессор Замир Саъдуллозода, ин падидаро ба сифати бурди ҳаммиллатон пазируфтан мебояд, зеро дар дарозои таърих агар тоҷикони камшумори Чин бо миллатҳои дигар меомехтанд, ба гумон буд, ки то имрӯз ҳувияти миллӣ, забон, фарҳанг, урфу одат ва анъанаву суннатҳои аслии хешро нигаҳбон мешуданд. Дар байни хешу табори наздик то ба се насл иҷозаи издивоҷ дода намешавад [Шокирзода, 4]. Воқеан, ин одату анъанаи оқилонаи онҳоро муаррихи фарзона М. Бобохонов низ ҷонибдорӣ намуда, мегӯяд: «Ҳақ ба ҷониби Замир Саъдуллозода мебошад.Тоҷикони Чин, алалхусус тоҷикони сариқӯлӣ тавонистанд ба ин восита мавҷудияти худро то ин замон на танҳо нигоҳ доранд, балки нуфуси онҳо афзуд» [Бобохонов, 227].

Қабл аз баррасии ҷараёни расми хонадоршавии тоҷикони Чин бояд изҳор намоям, ки дар мавриди таҳқиқи расму оинҳои суннатии тоҷикони сариқӯлӣ дар баробари иштироку мушоҳидаву маълумотҳои ҷамъовардаи худ инчунин аз

маълумотҳои донишманди арҷманд Абдуқаҳҳор Саидов (Ишораҳое ба таърих ва оинҳои тоҷикони Хитой, Душанбе, 2006, 89 с.) ба ҳадди лозима истифода намудем, ки барои маълумотҳои арзишмандаш ба эшон изҳори сипос менамоям.

Дар байни тоҷикони сарикӯлӣ интихоби арӯсшаванда маъмулан аз ҷониби падару модар сурат мегирад ва ҷавонон дар ин маврид аз интихоби волидон саркашӣ намекунанд. Дар мавриди интихоби арӯс хешони наздики ҷавон низ даъват шуда, бо маслиҳат интихоби арӯсро ҳаллу фасл намуда, дар сурати ризояти умум рӯзи хостгориро муайян мекунанд.

Дар рӯзи муайяншуда ҳайати тақрибан даҳнафара аз хешовандони наздики домодшаванда, ки дар ин ҷумла ҳатман модари ҷавон ва як нафар мӯйсафеди соҳибэҳтиром шомил мебошад, ба хонаи арӯсшаванда барои хостгорӣ меоянд.

Чун ба хонаи қудошаванда ворид мешаванд, нияти хостгорӣ, ки онро қудодорӣ мегӯянд, пиронсоли (оқсақоли) ҳайат бо забони тоҷикӣ чунин изҳор мекунад: «Ба номи Худо, ба шариати Муҳаммади Мустафо. Об аз ях, ях аз об. Занҷир бо занҷир пайванд, сари занҷир дар дасти Худованд. Духтар талабидан айб нест, дар надодан ҷанг нест. Мо аз Шумо як дастагул металабем ва ба даргоҳи Шумо бо худ як ғулом овардаем».

Дар сурати пазируфтани хоҳиши хостгорҳо, он гоҳ зане аз ҷониби арӯс ризояти хешованд шуданро баён мекунад. Баъди ризоият миннатдорӣ баён карда, дастархони дорои 8 дона нонҳои калон ва чор порча матоъ ва гӯсфанди овардаашонро пешкаш менамоянд. Сипас, ин гӯсфандро забҳ намуда, ҳамдигарро табрик гуфта, ба меҳмонон зиёфат медиҳанд. Халифа дуо мехонад ва ҳамаро бо ин рӯзи фараҳбахш табрик мекунад. Бо чаҳор порча матоъ орд мепошанд. «Сипас, яке аз занҳо (аксар вақт модари домод), ки ҳамроҳи ҳайати хостгорони домод омадааст, ба гӯши арӯси оянда гӯшвори тиллоӣ ё нуқрагин меовезад ва ба сараш рӯймол мебандад. Ин русумро онҳо «***рӯймолвастӣ»*** (ё ***рӯймолтаркол***, яъне рӯймолбасар- Х. К.) меноманд, ки он маънои эъломи оммавие мебошад, ки духтар акнун арӯс шудааст» [Саидов, 53].

Бо ҳамин нишона, яъне ҷавондухтароне, ки аз болои кулоҳ (тоқӣ) рӯймол меандозанд (мебанданд), маънои онро дорад, ки ҷавондухтар издивоҷ кардааст. То издивоҷ духтарон танҳо кулоҳи (тоқии) шайдоӣ (бидуни рӯмол) ба сар мекунанд.

Чун анъана сипас масъалаи муқаррар намудани қалин мавриди муҳокима қарор дода мешавад. Маъмулан қалин 12 порча матоъ, як қутос, 6-7 сар гӯсфанд ва 1-2 бузро дар бар мегирад. Албатта, дар мавриди миқдори қалин байни тарафҳо-тарафи домод барои коҳиш додан ва тарафи арӯс барои зиёд кардан талошҳо сурат мегирад. Бояд гуфт, ки дар ҳар сурат миқдори ҷиҳози арӯс (қалин) барои ҳама, чи дорову чи нодор, тақрибан баробар буда ва ин чун анъана риоя мегардад.

Баъди ҳаллу фасли масъалаи қалин рӯзи тӯй муқаррар карда мешавад. Агар рафту дар маҳаллаи арӯсу домод дар давоми сол касе фавтида бошад, дар ин сурат соҳибони тӯй сарвари хонаи азодорро (бо ду-се хешовандонаш) даъват карда, чорвое забҳ намуда, онҳоро меҳмондорӣ карда, тассалият изҳор намуда, ба пеши онҳо доира, ду най ва як шиша нос мегузорад. Агар эшон ба зери забон нос гузошта, асбобҳоро навозанд, ин маънои ризоияти онҳоро оид ба баргузории тӯй ифода мекунад.

Барои баргузории тӯй як-ду рӯз қабл аз тӯй хешони арӯсу домод ҷамъ омада, нону орзуқ (орзуқҳои тоҷикони сарикӯлӣ ҳаҷман хеле калон ва дарунхолӣ мебошанд) мепазанд.

Ба тӯй аҳли деҳа даъват карда мешавад. Даъватшудагон мувофиқи ҳимматашон бо худ туҳфа меоранд. Хешовандону дӯстони наздик, албатта, туҳфаҳои нисбатан гаронбаҳо тақдим мекунанд. Баъзеҳо чун туҳфа бузу гӯсфанд меоранд. Дар тӯй хурду калони деҳа иштирок мекунад ва аз оғози тӯй рақсу суруд ва хушҳолӣ оғоз меёбад.

Тӯйи арӯсӣ маъмулан се рӯз давом мекунад. Дар рӯзи аввали тӯй дар хонаи арӯсу домод зиёфати бошукӯҳ барпо карда мешавад. Азбаски тоҷикони сарикӯлӣ серчорвоанд, бинобар ин дар тӯйҳо хӯрокҳои сергӯшт зиёд таҳия карда мешавад. Рӯзи дуюми тӯй низ қудошавандаҳо дар хонаҳои худ гӯсфанд кушта, бо тантанаву шукуҳ тӯйро идома медиҳанд. Занҳо доира ва мардон най менавозанд. Зану мард якҷо суруд мехонанд ва мерақсанд, яъне баробариии комил ба мушоҳида мерасад.

Ҳамзамон дар ҳамин рӯз мусобиқаи гуштингирӣ, аспдавонӣ (пойга) ва бузкашӣ низ баргузор карда мешавад. Ин маъракаҳои фараҳбахш бо садои мусиқии хоси мардуми кӯҳистон, ки бо номҳои: ***валвали хик, ҷон(у)ҷигар (ё ҷунҷигар), тумбаксӯз (ҳангоми бузкашӣ), майлис (бо дафу най), чопсӯз*** (мусиқии рақси уқоб) ёд мешаванд,

дар сатҳи хеле баланду ҷолиб баргузор мешавад. Махсусан, барои мутантан гузаронидани ин дилхушиҳо аз доира бештар истифода мекунанд.

Сипас, рӯзи сеюм барои анҷом додани маросими ақди никоҳ домодро бо либосҳои домодӣ оро дода, ба сараш саллаи аз абрешими сафед ё сурх бофташуда гузошта, бо мушоиати рақсу суруд ба хонаи арӯс меоранд (агар хонаи арӯс наздик бошад, домод аспсавор меояд, лекин агар арӯс аз дигар деҳ, яъне дур бошад, он гоҳ дар шароити имрӯза ин чорабинӣ бо мошина анҷом дода мешавад).

Бояд зикр кард, ки қабл аз ақди никоҳи суннатӣ ҷавонон аз ақди никоҳи давлатӣ гузашта, ба онҳо шаҳодатномаи (бо талаффузи эшон –шаҳодатнумо) ақди никоҳ дода мешавад. Ҳамроҳи домод ду нафар гувоҳидиҳанда (шоҳид) аз тарафи росту чап, ки аз ҷумлаи хешу табор ё дӯстони наздики домод маҳсуб мешаванд, ба хонаи арӯс меоянд. Лекин домодро вақте иҷозати ба хона ворид шудан медиҳанд, ки арӯсро бо либоси беҳтарини овардаи домод ва зару зевар оро дода бошанд. Сониян, домодро назди арӯс бурда, халифа (охун) дуо хонда, як нон ва косаи оби намакинро ба онҳо медиҳад, то ки аз онҳо чашанд. Волидайн низ ба ҷавонон фотиҳаи хушбахтӣ медиҳанд. Домод ангуштарини риштаи сурхдорро ба ангушти арӯс ва арӯс ангуштарини риштаи сафеддордорро ба ангушти домод мегузаронанд. Барои хондани хутбаи никоҳ шахсе аз улуми динӣ огоҳ, ки онро ***хоҷавакил*** (халифа) меноманд, ҳозир буда, ҳамчунин аз ҷумлаи занҳо бо ин ҳайат иштироки яке аз хешовандони домод, ки онро ***равот*** мегӯянд, ҳатмист. «Вазифаи ***равот*** иборат аз ҳамроҳӣ кардани арӯс ба хонаи домод ва таҳияи ҷойхоби наварӯсон мебошад» [Саидов, 57] Ҷойи хоби арӯсу домод хеле баланд-аз якчанд қабат кӯрпа омода карда мешавад.

Ҳайати ба хонаи арӯс омада ҳамроҳи худ барои бузкашӣ як буз меоранд, ки онро ***тумбак*** меноманд. Мардони тарафи домод бузро кушта, маросими бузкаширо баргузор мекунанд ва дар ин бузкашӣ мардони тарафи домод бо асп, вале мардони аз ҷониби арӯс пиёда ширкат мекунанд. Агар дар бузкашӣ намояндаи домод ғолиб ояд, яъне тумбакро ба даст оварад, ӯро бо мукофот (инъом) сарфароз мегардонанд, ки чунин мукофотро ***патта*** меноманд.

Калимаи мазкур дар ФЗТ (ФЗТ,ҷ.II,45) ***иҷозатнома, гузарнома, хатти роҳ*** маънидод шудааст;

Дар ҷаннати фирдавс касеро нагузоранд,
То доғи ғуломи туаш ***патта*** набошад.
Хусрави Деҳлавӣ

Воқеан, раванду натиҷаи ҳамин чорабинӣ, ки бо пат(т)а анҷом мепазирад, муродиф будани пат(т)а-ро бо ***иҷозатнома*** ва ё ***гузарнома*** собит менамояд.

Қабл аз ақди никоҳ домод бо ду шоҳид қалини муқарраршударо пешкаш намуда, баъдан аз ҷониби арӯс зиёфати бошукӯҳ ороста мешавад ва дар ин нишаст табрикоти тарафайн сурат мегирад.

Дар ҳамин ҳолати фараҳбахш дар ҳузури хешу табор маросими ақди никоҳ ботантана баргузор мешавад ва ин маросимро хоҷавакил сарварӣ мекунад.

Пеш аз ақди никоҳ гирди чашмони арӯсу домодро бо холҳои сафед оро медиҳанд, ки шабеҳи чашмони уқоб мешавад, уқобе, ки барои ин мардум азизу рамзи миллӣ аст. Ҳамзамон то оғози ақди никоҳ дастархоне омода карда мешавад, ки дар дохили табақ ва дар табақ зарфи (косаи хурдакак) чинӣ бо оби софу тоза гузошта шудааст ва онро ***салсабил*** мегӯянд. Ин калимаи арабиест, ки дар ФЗТ (ФЗТ,ҷ.II, 183) I.Оби гуворои хушхӯр; II. Чашмае дар биҳишт тафсир шуда ва то имрӯз ин калимаи нодир дар забони ин тоҷикони ҳувиятпараст зинда мондааст.

Ба маънои аввал:

Шароб аз дасти хубон ***салсабил*** аст.
В-агар хуни майхорон сабил аст.
Саъдӣ

Ба маънои дуюм:

Биҳишт шуд чаману хуш касе, ки бо хубон,
Дар он биҳишт шаробе чу ***салсабил*** кашид.
Хусрави Деҳлавӣ

Пеш аз оғози ақди никоҳ намояндаи арӯс аз хоҷавакил мепурсад, ки: «Ту дар куҷо будӣ ва аз куҷо омадаӣ?» Хоҷавакил ҷавоб медиҳад, ки: «Ман барои иҷрои кори хайр равон шудам ва барои аҷом додани кори хайр омадаам».

Баъди ин суолу ҷавоб, дар ҳузури ҳама домод бо ду шоҳид дар рӯ ба рӯйи хоҷавакил рост истода, хоҷавакил «Никоҳнома»-ро, ки аз шоир ва мутафаккири

бузург Носири Хусрав ба мерос мондааст, ба ҳамон забони таълифшуда, яъне ба забони тоҷикӣ мехонад (ҳар як халифа «Никоҳнома»-ро бо хатти зебои настаълиқ рӯбардор карда, ба шакли китобча дар даст дорад).

Хоҷавакил (халифа) аввал аз шоҳиди тарафи рости домод гувоҳӣ доданашро хостгор мешавад ва шоҳид мегӯяд: «Ман имрӯз гувоҳӣ медиҳам ва фардо ҳам дар ин хусус гувоҳӣ медиҳам…» Шоҳиди паҳлӯи чап низ суханҳои ӯро такрор мекунад. Баъдан, хоҷавакил аз домод се бор мепурсад: «Ту ӯро ба зани хостӣ ва қабулаш кардӣ?» Домод ҷавоб медиҳад: «Хостам ва қабулаш кардам ба занӣ».

При рассмотрении грамматических признаков субстантиватов вначале может показаться, что по наличию глагольных характеристик субстантивированные причастия полностью повторяют несубстантивированные. Об этом свидетельствует и возможность субстантивации в разных залоговых и временных формах, сохранение глагольных признаков у причастий, участвующих в субстантивации: верующий (в знач. «придерживающийся какого-то вероисповедания»), любящий, окружающие, успевающий (в знач. «успешно занимающийся»), вооружённый, демобилизованный, судимый, заинтересованный, обиженный, обречённый, оскорбленный, посвящённый, разжалованный, раненный, угнетённый.

Указанные причастия, становясь субстантиватами, могут сочетаться с зависимыми словами подобно глагольным словоформам:

1). Вокруг профессора образовался кружок **сочувствующих** его учению. (К.А.Федин)

2). Сотни грузовиков повезли с поля убитых и **тяжелораненных**. (М.Шолохов)

В то же время именно эта группа причастий опровергает мысль о том, что субстантивированные причастия просто повторяют размещение глагольно-именных признаков. Являясь субстантиватами, эти причастные формы употребляются без зависимых слов, при нейтрализованной глагольности.

Таким образом, субстантивация может вызвать известное ослабление глагольности. Если причастие и адъективируется и субстантивируется, то наблюдается определённый контакт субстантивации и адъективации: субстантивация причастий происходит преимущественно при нейтрализованной глагольности [6].

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Лукин М.Ф. Морфология современного русского языка/ М.Ф.Лукин.-М.,1973.
2. Виноградов В.В. Вопросы современного русского словообразования/ В.В.Виноградов– М., 1952.
3. Маркарян Р.А. Члены формы страдательных причастий в современном русском языке/ Р.А.Маркарян– Научные труды Ереванского ун-та, Т.39, - 1953, вып.2. стр. 176.
4. Лукин.М.Ф. Переход причастий в прилагательные и существительные в современном русском языке/ М.Ф. Лукин. - Киев, 1965.
5. Лопатин В.В. Субстантивация как способ словообразования в современном русском языке/ В.В.Лопатин– М:, Изд-во Наука, 1967.
6. Смолянинова М.И. Субстантивация причастий в форме среднего рода/ М.И.Смолянинова.- Тула, 1970.

ПЕРЕХОД ПРИЧАСТИЙ В ИМЯ СУЩЕСТВИТЕЛЬНОГО

В данной статье рассмотрен процесс субстантивации причастий, морфолого-синтаксическое образование существительных прилагательного склонения. Основное условие перехода причастий в существительные – это опущение определяемого существительного в словосочетании «причастие + существительное». Указаны несколько случаев субстантивации причастий, причины перехода. Отмечаются признаки, которые приобретают причастия при субстантивации.

Ключевые слова: субстантивация, причастия, развитие омонимии, возвратные причастия, одушевлённое или неодушевлённое, адъективация.

TRANSITION OF PARTICIPLES IN A NOUN NAME

In given article process of substantivation of participles, morphology and syntactic education of nouns of an adjective of declination is considered. The basic condition of transition of participles in nouns are an omission of a defined noun in a word-combination «a participle + a noun». Some cases of substantivation of participles, the transition reasons are specified. Differs signs which get participles at substantivation.

Key words: substantivation, participles, homonymy development, the returnable participles animated or inanimate, of adjectivisation.

Сведения об авторе: ***Шарипова О.П.*** –кандидат педагогических наук, КГУ им.А.Рудаки;
Э.Киматби -магистрант Кулябского государственного университета им.А.Рудаки

КОРБУРДИ ОНОМАСТИКА ДАР АШЪОРИ МУҲАММАД ИҚБОЛИ ЛОҲУРӢ

Ҳилола Оқилова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Ономастика яке аз қисматҳои забоншиносӣ мебошад, ки ба лексикология робитаи ногусастанӣ дорад. Ономастика аз решаи юнонии onomastikos таркиб ёфтааст, ки маънии «**мансуб ба исмҳои хос**» - ро ифода менамояд. Мавзӯи тадқиқу таҳлили он номҳои хос, ҷой, маҳал, ҷирмҳои осмонӣ ва ғайра мебошад. Ономастика дар навбати худ ба шохаҳои гуногун ҷудо мешавад, ки онҳо антропонимика ва топонимика мебошанд.

Омӯзиши номҳо дар ибтидои асри XIX аз назари олимон дур намонда буд. Аз ибтидои пайдоиши Иттиҳоди Шӯравӣ ин масъала диққати як зумра донишмандони маъруф В. В. Бартолд, С. Ф. Олденбург, А. А. Фрейман, М. С. Андреев, Н. А. Белгородский ва дигаронро ба худ ҷалб намуд [3,8].

Ҳамин тавр, як қатор олимони забоншинос дар тӯли таърихи забон саҳми худро дар ривоҷи соҳаи ономастика гузоштаанд ва маҳз бо кӯшишу заҳмати эшон будааст, ки новобаста ба будани илми ҷадид ономастика, босуръат пеш меравад.

Ономастика хусусиятҳои семантикӣ, этимологӣ, савтӣ, морфологӣ, калимасозии номҳоро меомӯзад. Вобаста ба хусусиятҳои забонӣ ономастика ба **адабӣ** ва **лаҳҷавӣ**, **воқеӣ** ва **шоирона, таърихӣ** ва **муосир, илмӣ** ва **амалӣ** ҷудо мешавад [2].

Антропонимика мисли соҳаҳои дигари ономастика усулу роҳҳои гуногуни тадқиқ дошта, бо илмҳои адабиётшиносӣ, услубшиносӣ, этнография, таърих, ҷуғрофия, сотсиология ва психология алоқаманд аст.

Номҳо маҳсули тафаккури давраҳои гуногуни инкишофи ҷамъият буда, сарвати маънавӣ, ганҷинаи боэтимоди таъриху маданият ва як ҳиссаи фонди луғавии забони халқ ҳисоб меёбанд ва дар шарҳу маънидод, таҳлилу тадқиқи масъалаҳои гуногуни этимология, калимасозӣ, фонетика, грамматика, шевашиносии таърихиву ҳозира ва дигар қисматҳои забоншиносӣ кӯмаки калон мерасонанд.

Илова бар ин, номҳо тарзи зисту зиндагонии мардумро дар замонҳои гуногун, баъзе дигаргуниҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва мадании онро ҳам акс менамоянд. Бесабаб нест, ки дар ҳар давру замон барои соҳибони ном донистани олами номҳо, аллалхусус таърихи пайдоиш, инкишоф, усулҳои таъбир, дараҷаи истеъмолу ҳудуди интишор, ойинҳои номмонӣ ва омилҳои интихоби он, номҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, асрори лақаб, тахаллус, номҳои мустаор ва ғайра шавқангез будааст. Ҳамин гуна хусусиятҳои антропонимҳо водор кардааст, ки тадқиқгарони як қатор илмҳо (мисли забоншиносӣ, адабиётшиносӣ, таърих, ҷуғрофия, этнография ва ғайра) ба омӯзишу тадқиқи масъалаҳои ҷудогонаи онҳо камар банданд ва дар як муддати кӯтоҳ барои пешрафти ономастика ҳиссаи арзанда гузоранд [3, 9].

Мо мақсад гузоштем, ашъори Аллома Иқболро мутолиа намуда, корбурди ономастика ва унсурҳои топонимикиро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор диҳем. Дар

рафти ин ҷустуҷӯ бароямон мусаллам гардид, ки Иқболи Лоҳурӣ чун суханвари мумтоз аз он фаровон истифода намудааст.

Мо ономастикаи ашъори Иқболро ба ҳафт гурӯҳ тақсим намудем: Антропонимҳо, топонимҳо, этнонимҳо, лингвонимҳо, астроним ва космонимҳо, хрематонимҳо, зоонимҳо. Дар ин ҷо сухан аз фишурдаи пажӯҳиши мо меравад.

Антропонимҳо дар асарҳои бадеӣ, таърихӣ, ҷуғрофӣ, адабӣ низ мавриди истифодаанд, ки омӯзиши он барои муҳаққиқ маълумоти гаронбаҳо дода метавонад.

А) Номҳои асотирӣ ва афсонавӣ (мифонимҳо): Одам, Заҳҳок, Офаредун//Афредун, Хизр (41), Фиръавн (74), Симурғ (158), Зулайхо, Юсуф (171), Одам, Иблис, Хусрави Парвез(207), Рустами Дастон (226) Ширин (229)

Б) Номҳои шахсони воқеӣ – таърихӣ (**реалионимҳ**о), ки ба ин гурӯҳ ному насаби шахс, тахаллус ё лақаб, номи авлодӣ дохил мешаванд: Муҳаммад , Искандар, Мустафо (44), Сино, Калим (47), Бутуроб (48), Озар, Иброҳим, Қайс (55), Охонд, Мусӣ, Муллоҷалол, Иброҳим, Қолӣ (59), Афлотун, Шофеӣ, Калим, Ҳайдар, Ҳорун, Салмон, Билол (64), Хайрулбашар (69), Алвандӣ (74), Сиддиқ (74), Фиръавн (74), Зулфиқор, Холид, Акбар, Доро, Оламгир, Бароҳим (77), Халил (77), Набӣ, Кисро, Кӯҳкан, Парвез (79), Бӯубайд, Яздаҷард, Габрӣ, Ковиёнӣ (80), Сулаймон (81) Шиббир, Язид, Шаббир, Иброҳим, Исмоил, Ҳусайн, Румӣ (83), Озар, Мавло, Исроил, Ҳорун (91), Искандару Доро, Шайх Аҳмад (93), Марям, Исо, Шери Худо, Муртазо, (107 **Бӯзар,** Билол) Ҷибрил, Калим, Сино (109) Бӯалӣ, Кайковус, Ҳорунаррашид, Нақфур, Молик, Масеҳо (110), Салмо (115), Холид, Форуқ, Аюб , Сиддиқ, Умар (120), Форуқӣ, Ҳайдарӣ (122), Кайқубод, Хизар, Сикандар (128), Зарирӣ, Розӣ, Намруд, (131) Афлотун, Форобӣ (142), Урфӣ (146), Симурғ (158), Форёбӣ (159), Гейне (171), Хизр, Салимо (172), Сулаймонӣ, Халил, Маҳмуд, Довуд (175), Темурӣ (176), Ғазнавӣ, Веймар, Ҷам, Ҷибрил (181), Парвез, Ҳалоку, Фарҳод, Чингиз (181) Булаҳабӣ, Фағфурӣ, Лайло, Ҷамшеди Дороӣ (183), Маҳмуди Ғазнавӣ (185), Муҳамади Арабӣ, Озарӣ (186), Барҳаманӣ (187), Қайс (189), Одам, (190), Искандарию Дороӣ, Кӯҳканӣ, Парвезӣ, Азизӣ (191), Шопенҳауер, Нича Нитсше, Толстой, Карл Маркс, Ҳегел, Маздак, Халил, Хусрав, Масеҳ, Чингиз (193) Ҳаким Эйнштейн, Ҳалим Тур, Калим (193), Зартушт (194), Ҳорун (194), Байрон (194), Гегел, Нуъмонӣ, Петеф, Огнюст Конт, Аёз (196), Гётте, Иблис (196) Бергсон, Мӯсӣ, Ленин, Қайсар (Ю Сезар) (197) ва ғайра (1).

Шони ӯ Ҷибриливу номаш Суруш,
Мебарад аз ҳушу меорад ба ҳуш (1,448).
Соҳиби ӯ кист Бо ман бозгӯй!
Гуфт: "Ин кошонаи Шарфуннисост” (1,439).

Абуҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ (соли ваф. 1111) фақеҳ ва файласуфи маъруфи форсу тоҷик. Аюбӣ - ишора ба Салоҳиддини Айюбӣ, сарлашкари мусалмонон дар ҷангҳои салибӣ:

То Ғаззолӣ дарси «иллаҳ- ҳу» гирифт,
Зикру фикр аз дудмони ӯ гирифт (1,542).

Аёз - ғулом, маҳрам ва маҳбуби Султон Маҳмуди Ғазнавист:

Барҳамане ба Ғазнавӣ гуфт: - Карометам нигар,
Ту, ки санам шикастаӣ, банда шудӣ Аёзро (1,264).

Амонуллоҳхон (1892 - 1960) - шоҳи Афғонистон дар солҳои 1919-1929 милодӣ:

Аналҳақ (ман Ҳақ ҳастам). Ин гуфтаи орифи машҳури қарни IX Мансури Ҳаллоҷ аст, ки ӯро бо ҷурми он, ки худро Ҳақ, яъне Худо гуфтааст, ба дор кашида буданд:

Ман аз рамзи "Аналҳақ" бозгӯям,
Дигар бо Ҳинду Эрон роз гӯям (1,396).

Антропонимҳои зикршуда дар ашъори Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ бар он далел мебошанд, ки шоир аз таъриху фарҳанги куҳанбунёди замони гузашта огоҳӣ дошт, дар гирудори замони худ тафаккур дошт ва иҷтимои пурталотуми қарни XX-ро бо тамоми вуҷудаш эҳсос менамуд ва хеле бамаврид кор бастааст. Омӯзиши он барои

муҳаққиқ дар пажӯҳиши ҷаҳони андешаи шоир маълумоти гаронбаҳо дода метавонад.

Топонимҳо дар асарҳои таърихиву ҷуғрофӣ, адабӣ-бадеӣ истифода шуда, маънои хешро доранд. Асаре нест, ки аз истифодаи топонимҳо дар канор бошад. Аз ин рӯ, топонимҳо дар асарҳои бадеӣ- адабӣ ва таърихӣ-ҷуғрофӣ мавқеи хоссаи худро доранд. Омӯзиши онҳо барои тадқиқотчӣ имконият медиҳад, ки аз таърихи илму маданияти ҳамон халқу мамлакат маълумотҳои гаронбаҳо ба даст оварад.

Тур (с.231) - кӯҳе, ки дар Арабистон воқеъ гардидааст:

Гадоӣ ҷилва рафтӣ бар сари Тӯр,
Ки ҷони ту зи худ номаҳраме ҳаст.
Қадам дар ҷустҷӯйи одаме зан,
Худо ҳам дар талоши одаме ҳаст (1,195).

Сино – номи кӯҳе дар Арабистон, ки Мӯсо ба умеди дидори Илоҳӣ ба он ҷо рафта буд:

Баркҳо хобида дар ҷони ман аст,
Кӯҳу саҳро боби ҷавлони ман аст.
Панҷа кун бо баҳрам, ар саҳростӣ,
Барқи ман даргир, агар Синостӣ(1,24).

Алванд номи кӯҳест дар ҷануби Ҳамадон, номи рӯдхона ҳам ҳаст, ки ба тарафи Қасри Ширин (Эрони Ғарбӣ) ҷорӣ аст:

Хок агар **Алванд** шуд, ҷуз хок нест,
Равшану поянда чун афлок нест (1,425).

Ҳиро номи кӯҳест дар наздикии Макка, ки Муҳаммад (с) дар ғори он ҷо ибодат мекард ва рисолат аз он ҷо ёфт:

Мустафо андар **Ҳиро** хилват гузид,
Муддате ҷуз хештан касро надид (1,349).

Бесутун номи кӯҳест дар Эрон:

Ба зарби теша бишкан **Бесутун**ро,
Ки фурсат андаку гардун дуранг аст.
Ҳакимонро дар ин андеша бигзор,
Шарар аз теша хезад, ё зи санг аст (1,723).

Форон номи кӯҳест дар нимҷазираи Арабистон:

Синост, ки **Форон** аст? Ё Раб, чӣ мақом аст ин?
Ҳар зарраи хоки ман чашмест тамошом аст! (1,653).

Хофтину Ялдарам- номҳои кӯҳҳои оташфишони сайёраи Қамар:

Сад ҷабал аз **ХофтинуЯлдарам**
Бар даҳонаш дуду нор андар шикам (1,440).

Қашмруд- номи кӯҳест дар сайёраи Қамар.

Номҳои шаҳр, деҳот ва номҳои кӯҳ, ки дар асар истифода шудаанд, моро аз таърихи баромади онҳо, аз мавқеи таърихӣ ва ҷуғрофиёии Ҷумҳурии Исломии Эрон то андозае ошно намуданд. Дар рафти пажӯҳиш бароямон маълум гардид, ки дар ашъори хеш Иқбол дар рафти тасвири ҳаводису воқеот ва эҳсосоти олами ботинӣ аз ин номҳо самаранок истифода намудааст ва бад-ин восита ӯ тавонистааст, ки аз шаҳру деҳҳо ва кӯҳҳои зебою дилфиреби манотиқи Эрон ва берун аз он ном барад, ки ин аҳамияти басо бузург дорад.

Дар рафти пажӯҳиш бештар диққати моро номҳои шаҳрҳо ба сӯйи худ ҷалб намуданд, зеро дар бораи онҳо мо маълумоти наву ҷолиби диққатро пайдо намудем ва аз таърихи баромади бархе аз онҳо ва ҳамчунин мавқеи ҷойгиршавии онҳо ошно гаштем. Намунае аз корбурди номҳо ва исмҳои хос дар ашъори Иқбол:

Ҳиҷоз, Курд, Ҳинд, Эрон, Зам-зам (43) Ҳиҷоз, Чин, Рум (48), Тур (54), Ҳалаб, Қоф (75), Аҷам (78), Ҳоқон (79), Ҷобон, Сосон (80), Ҳайжар (80), Қанбар (81), Карбало (83), Румо, Тоториён, Бағдод, Хутан, Алванд, Водии Батҳо (92), Яман, Хизар, Ироқ, Ясриб, Турк, Тоҷик, Араб (114) Фаранг, Бадахшон, Сино (121), Яман, Қаран, Тотор, Занг, Паран, Кашмир, Кошғар, Кошон (164), Порс, Андалс (167), Канъон (170), Кошмар (171), Тӯронӣ, Афғонӣ, Хуросон, (173), Лоҳур, Самарқанд (176), Табрез, Аҷам, Рум, Каъба, Ҳинд (183), Бухоро, Кобул, (184), Хайбар (185), Тур (186), Ҳиҷоз, Шероз (187), Ҳиндустон (189), Англия (199), Ҳиҷоз, Кӯфа, Шом (206), Самарқанд, Ҳамадон (228), Канъон, Миср, Яман, Фурот (270), Алванд (277), Уммон (278), Қашмруд (287), Русия, (311) Миср, Ироқ, Араб (316), Ясриб, Наҷд (322), Нил,

Ганг, Амрик, Япония Зиндарӯд, Марӯдини Бархиё (324), Ҷанево (354) Вулар (355) ва ғ. [1]

Батҳо- ноҳияи водии Макка.

Бастом- номи маҳал дар Эрон.

Начд - номи яке аз ноҳияҳои калони Арабистони Саудӣ. Бастом - номи маҳал дар Эрон, Веймар - шаҳри қадимаи Олмон ва маркази бузурги маорифпарварии ин кишвар дар қарни XIX, Вулар - номи рӯдест дар Кашмир, Дахма - хонаи зеризаминие, ки дар он ҷасади оташпарастонро мегузоранд, сағона, гӯр, Байтулҳарам -Каъба дар Макка ва Байтулмуқаддас дар Фаластин, Уммон - номи мавзее дар нимҷазираи Арабистон, Ҳарам - макони муқаддас, иҳотаи атрофи хонаи Каъба.

Ба ин маънӣ, дар матн бо ҳарфи калон навишта шудааст, Уммон - номи мавзеъ дар нимҷазираи Арабистон, уқёнус, Умм-ул-китоб - модаркитоб, яъне Қуръони маҷид, модар будан, Эрони Сағир - Кашмир, Юруп - Ғарб, Аврупо, Урупо, Ясриб - номи қадимаи шаҳри Мадина, Қашмруд - номи кӯҳе дар сайёраи Қамар, Rулзум - номи шаҳре дар Миср, баҳр, уқёнус. Ҳарам - макони муқаддас, иҳотаи атрофи хонаи Каъба.

Хулоса, топонимҳо дар ашъори Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ мавқеи хоссаи худро доранд. Омӯзиши онҳо барои пажӯҳишгар имконият медиҳад, ки аз таърихи илму маданияти халқу мамлакатҳо ва ҷаҳони андешаи шоир маълумотҳои гаронбаҳо ба даст оварад.

А Д А Б И Ё Т

1. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Куллиёти форсӣ Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Душанбе: Паёми ошно,2008.-778с.
2. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷик (асрҳоиIX-X)/ М.Н. Қосимова-Душанбе, 2003 – 490 с
3. Ҳайдаров Ш. Луғати чандомади антропонимҳои тоҷикони райони Ашт/ Ш.Ҳайдаров –Душанбе: Дониш, 1986.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ОНОМАСТИКИ В ПОЭЗИИ МУХАММАДА ИКБОЛА ЛОХУРИ

Ономастика является частью языкознания и тесно связаны с лексикологией. Она происходит из греческого слова onomastikos и означает «**связанное с именами собственными**». Предметом изучения ономастики являются **имена собственные**, название местностей, небесные тела. Ономастика в свою очередь разделяется на антропонимику и топонимику. Великий поэт Мухаммад Икбол Лохури в своем творчестве широко использовал лексические единицы антропонимики и топонимики. Антропонимика использованная в творчестве Икбола свидетельствует, о том, что поэт очень хорошо знал историю и древнюю культуру Востока, размышлял о проблемах и трагедии своего времени и всесторонне чувствовал происходящие событиях XX века и своевременно использовал этих языковые единицы в своём творчестве.

Ключевые слова: ономастика, языковые единицы, лексические единицы антропонимики и топонимики, Мухаммад Икбол Лохури, творчество Икбола.

THE USE OF ONOMASTICS IN POETRY MUHAMMAD IQBOL LAHORI

Onomastics use in Muhammad Iqbal Lohuri's PoeticsOnomastics is the part of linguistics and closely connected with lexicology. It derives from Greek word onomastikos and means "connected with proper nouns". Onomastics objects are proper nouns, place's name and celestial orbits. Onomasticsdivides intoantroponimics and toponimics in turn.The great poet Muhammad Iqbal Lohuri often used lexical units antroponimics and toponimics in his creative works. Antroponimics which are used in Iqbal's creations shows that he knew history and ancient culture of the East, thought about problem and tragedy of those years, comprehensively endure about event of the XX century, and at the same time used these units of language.

Keywords: onomastics, language units, lexical unit anthroponymy and place names, Mukhammad Ikbol Lahori, creativity Iqbol.

Сведения об авторе:*Окилова Хилола* –преподаватель кафедры современного персидского языка ХГУ им.Б.Гафурова

КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ПРИЗНАКИ КОНЦЕПТА «СЕМЬЯ»
(на примере компонента «муж/ шавҳар»)

М.М.Имомова
Российско-Таджикский (славянский) университет

Различное мировосприятие разных народов связано с тем, что в основе восприятия окружающего мира лежит система предметных значений, специфичная для конкретного народа. Отражаемый языком образ мира составляет языковое

сознание конкретного народа. Для изучения данного феномена большое значение имеет изучение концептов, связанных с коммуникативной деятельностью.

Понятие «концепт» в разных научных областях имеет свойственные лишь для нее аспекты изучения. Так для лингвокультурологических исследований наиболее предпочтительным представляется лингвокультурный концепт, под которым понимается «условная ментальная единица, направленная на комплексное изучение языка, сознания и культуры».

В конце 19-начале 20 веков одним из распространенных направлений лингвистических исследований становится изучение языковой репрезентации отдельных концептов, что позволяет говорить о становлении лингвоконцептологии. Предметом изучения новой научной дисциплины являются опредмеченные в языке культурные концепты. Лингвоконцептологию многие исследователи рассматривают как теоретическую базу межкультурной коммуникации. Одной из предпосылок достижения успеха в межкультурной коммуникации является общность когнитивной базы языков коммуникантов. Знание о системе ключевых концептов иной лингвокультуры дает возможность как реального и правильного восприятия речи собеседника, так и создание обратного положительного эффекта. Поэтому при сопоставлении концептов разных языков важным представляется как выявление универсальных явлений, так и определение национально-культурной специфики концептов, обусловленной различиями национально-культурных традиций.

Несмотря на то, что лингвоконцептология является очень молодой междисциплинарной наукой, в ней сложились различные школы и направления, отличающиеся пониманием предмета дисциплины, методами и приемами исследования. В качестве основных подходов к осмыслению концепта выделяются лингвокогнитивный и лингвокультурный.

Одной из известных и авторитетных школ является воронежская школа под руководством И.А. Стернина. Основной идеей указанной школы является семантико-когнитивный подход к языку в рамках лингвокогнитивной концептологии, в которой ставится задача моделирования содержания концепта с применением методики когнитивной интерпретации результатов лингвистического исследовании и определения места концепта в национальной концептосфере [Антология концептов, 2007, С.9]. Школа И.А. Стернина снискала серьезный авторитет в исследовании концетов.

Лингвокогнитивный и лингвокультурный подходы дополняют друг друга, так как именно в сознании осуществляется взаимодействие языка и культуры, поэтому любое лингвокультурологическое исследование есть одновременно и когнитивное исследование [Антология концептов, 2007, С.12].

Представители школ лингвоконцептологов в одинаковой степени признают, что концепт является основной единицей сознания, он имеет овеществление языковыми средствами. Именно поэтому через анализ совокупности языковых средств, объективирующих концепт, можно составить представление о содержании и структуре концепта в концептосфере и описать данный концепт. Хотя вместе с тем отмечают, что описание, основывающееся только на языковых данных, не является исчерпывающим в связи с наличием невербальной части содержания концепта. Однако именно концепт является наиболее приемлемой единицей при сопоставлении языков и культур.

В лингвоконцептологии не все вопросы, связанные с пониманием сущности концепта, до конца решены. Появляются новые работы, посвященных систематизации точек зрения на понятие «концепт». Ведутся споры вокруг разграничения концепта и категории, концепта и значения, концепта и понятия, концепта и концептуальной сферы [Карасик В.И., Прохвачева О.Г., Зубкова Я.В., Грабарова Э.В., 2005 С.24-27; Шафиков С.Г. 2007, С.3-17]. Во многих лингвоконцептологических исследованиях данные понятия употребляются в качестве синонимов, авторы не считают необходимым разграничить данные термины и привести их четкие определения, что создает терминологический разнобой и не способствует ясности исследования.

Так как термин «концепт» (от лат. conceptus – «мысль», «понятие») является междисциплинарным, то в зависимости от направления научного исследования термин получает разное определение, а именно философское, психологическое, культурологическое, лингвистическое и т.д. (культурологическое определение дано в «Словаре констант русской культуры» Ю.С. Степанова, логико-философское

определение дано в работах Н.Д. Арутюновой, психолингвистическое определение концепта можно обнаружить в работах А.А. Залевской, лингвокультурологическое понимание концепта отражено в работах В.И. Карасик). Концепт трактуется как представление [Алексеев 1997, с. 271] ключевое слово культуры [Вежбицкая, 1999]; «сгусток культуры в сознании человека», «пучок» представлений, понятий, знаний, ассоциаций, переживаний, который сопровождает слово», «основная ячейка культуры в ментальном мире человека» [Степанов 2001, с. 43]; как знание об обозначаемом во всех его связях и отношениях [Телия 1996, с. 100]; как содержание понятия в отвлечении от конкретно-языковой формы его выражения [Степанов 1997, с. 40]; как «зерно первосмысла» [Колесов 2002, с. 51]; как «квант знания», «семантический эмбрион», или «смысловой ген» значения языкового знака [Алефиренко 2003, с. 4]; инвариант значения лексемы [Рахилина 2000, с. 281]; сложный комплекс признаков, который используется для описания фрагмента мира или части такого фрагмента (Пименова 2003) и т.п». По «Краткому словарю когнитивных терминов», «понятие концепт отвечает представлению о тех смыслах, которыми оперирует человек в процессах мышления, и которые отражают содержание опыта и знания, содержание результатов всей человеческой деятельности и процессов познания мира в виде неких «квантов» знания» [Краткий словарь когнитивных терминов 1996, с. 90].

Именно поэтому, несмотря на многочисленные исследования, даже в рамках одного научного направления термин концепт до сих пор не имеет однозначного определения. «Дело в том, что концепт – категория мыслительная, ненаблюдаемая, и это даёт большой простор для её толкования. Категория концепта фигурирует сегодня в исследованиях философов, логиков, психологов, культурологов, и она несёт на себе следы всех этих внелингвистических интерпретаций» [Попова, Стернин 2006, с. 21].

Мы вслед за Карасиком В.И. под концептом понимаем «многомерное смысловое образование, в котором выделяются ценностная, образная и понятийная стороны» [Карасик, 2002, С.129].

В соответствии с данным определением концепта в нашей работе используется комплекс методов исследования его репрезентации в языке, включающий изучение коллективного языкового сознания, кодифицированного в лексике и во фразеологии языка.

Другая сложность при исследовании концепта заключается в том, что до конца не определены структура и типология концепта. Ю.С. Степанов в структуре концепта выделяет три основных слоя: буквальный смысл (внутренняя форма), пассивный (исторический), новейший (актуальный и активный) [Степанов 1997, с. 41]. В.И. Карасик выделяет образный (относит «зрительные, слуховые, тактильные, вкусовые, воспринимаемые обонянием характеристики предметов, явлений, событий, отражённых в нашей памяти»), понятийный («языковую фиксацию концепта, его обозначение, описание, признаковую структуру, дефиницию, сопоставительные характеристики данного концепта по отношению к тому или иному ряду концептов, которые никогда не существуют изолированно») и ценностный («ценностная сторона концепта является определяющей для того, чтобы концепт можно было выделить») компоненты концепта [Карасик 2001, с. 8].З.Д. Попова, И.А. Стернин в структуре концепта выделяют ядро (базовый слой) и периферию (интерпретационный слой). «Базовый слой концепта может исчерпывать содержание концепта, если он отражает конкретные чувственные ощущения и представления, либо концепт представлен в сознании очень примитивно мыслящих индивидов. В более сложных концептах дополнительные когнитивные признаки (концептуальные слои) наслаиваются на базовый образ и образуют мякоть плода. Признаков может быть много, они могут образовывать относительно автономные концептуальные (когнитивные) слои и наслаиваться как слои в облаке от более конкретного слоя к более абстрактному» [Попова, Стернин 2002, с. 61]. Интерпретационное поле концепта составляет его периферию и содержит «оценки и трактовки содержания ядра концепта национальным, групповым и индивидуальным сознанием» [Попова, Стернин 2001, с. 97]. Очень важным для исследователей концепта является разграничение понятий «концептосферы» и «семантического пространства языка». Концептосфера - это «совокупность всех знаний и понятий, возникающих при произношении и осмыслении данного слова в сознании индивидуальной личности, а также систему представлений, образов и ассоциаций, рождающихся при сознательном или

бессознательном механизме восприятия и ассоциирования. Основной функцией является функция замещёния не только основных значений слова, но и всех его возможных вариантов и оттенков употребления» [Лихачёв 1993, с. 14]. Каждый концепт имеет свою концептосферу, которая, в свою очередь, является одним из составных элементов общей концептосферы носителя языка и всего народа. Семантическое пространство языка – это та часть концептосферы, которая получила выражение с помощью языковых знаков – «слов, фразеосочетаний, синтаксических структур» [Рудакова 2004, с. 54–55]. Вся совокупность значений, передаваемых языковыми знаками данного языка, образует его семантическое пространство. Семантическое пространство имеет только языковое выражение, в отличие от концептосферы, которую образуют концепты – единицы сознания, включающие как вербализованные, так и невербализованные знания. Семантическое пространство языка формируют семемы и денотаты, концептосферу составляют денотаты и смыслы.

Языки существенно отличаются друг от друга своим семантическим пространствам, так как у них различная вербализация значения и различная структурная организация концепта. В разных языках концепт охватывает неодинаковые фрагменты действительности, вложенные в основу, ядро концепта, т.е. в основу одних и тех же концептов у разных народов могут быть вложены разные признаки. С этой точки зрения сопоставление концептов одной концептосферы в разных языках дает интереснейший материал для лингвиста. Семантическое пространство языка дает информацию только о части концептосферы, концептосфера гораздо объёмней и шире семантического пространства языка, хотя оба явления представляют мыслительную сущность носителя языка и потому тесно связаны друг с другом. «Когнитивная картина мира существует в виде концептов образующих концептосферу народа, языковая картина мира – в виде значений языковых знаков, образующих совокупное пространство языка» [Попова З.Д., Стернин И.А., 2007, с.6].

Семья как социальный институт, взаимодействуя со всеми сферами жизни общества, является одной из главных ячеек, с которой человек сталкивается с самого рождения и пребывает в ней до конца жизни. В течение всей сознательной жизни может изменяться только статус человека в семье, но ни один из нас не остается в изоляции от данного общественного института. В большинстве коллективистских обществ, к числу которых относится и Таджикистан, семья состоит из довольно большого количества людей, живущих по определенным устоявшимся традициям. В таджикскую семью, как и во многие другие азиатские семьи, как правило, входят не только родители и их дети, но также дедушки, бабушки, дяди, тети и прочие родственники. Такие образования называются большими семьями или семейными кланами. Поэтому семья играет важную роль в жизни представителей этих народов.

В XX веке подход в понимании концепта «семья» изменился в связи с изменением общественного строя, который ввел в семейные отношения новые законодательные процедуры, хотя мало что изменилось в менталитете народа по отношению к семье. Таджикские традиционные культурные ценности в отношении семьи позволяют нам отнести таджикскую культуру к таким видам культур, где на первом месте стоят семья и семейные ценности, хотя наблюдаются существенные изменения в роли членов семьи. Так, например, существенно изменилась роль женщины в семье. Теперь женщина не является простой домохозяйкой, занимающейся воспитанием детей. Она строит карьеру, утверждает свои позиции в обществе.

При рассмотрении концепта «семья» следует исходить из того, что понимание «семьи» в разных культурах различно. В каждой культуре существует свой концепт «семьи». Разное содержание данного концепта находит свое отражение в языке и речи и проявляется в лексико-грамматических, функциональных, прагматических особенностях.

Концепт *семья* является композитивным ментальным образованием, представляющим собой интегральную совокупность ряда более конкретных концептов: *жена*, *муж, мать*, *отец*, *дети*, *родственники* и т.д., которые образуют его содержание в своем единстве. Концепты-компоненты в концепте *семья* образуют вариативный и открытый концептуальный ряд. Таким образом, композитивный концепт *семья* является открытым композитивным концептом в отличие от закрытых композитивных концептов, образуемых постоянными концептами-компонентами.

Семья имеет структуру вертикального родства по схеме: семья–род– клан - нация, где семья служит фундаментом иерархической системы, отражающей путь становления социальных отношений от отдельной ячейки общества до целого государства. В основе горизонтального среза концепта *Семья* лежит тип родства: кровное родство по прямой линии, кровное родство не по прямой линии, родство по браку, а также те неродственные отношения, которые попадают в разряд семейных. Исходя из перечисленных типов родства и их сочетаний выделяются две основные разновидности семьи: нуклеарная (одна семейная пара с детьми) и сложная (включающая родственников по восходящей и боковым линиям). Основой является нуклеарная семья, поскольку ее функцией является продолжение рода по нисходящей линии.

Анализ семантического поля составляющих концепта Семья (муж, жена, сын, дочь, брат, сестра дедушка, тетя, дядя и т.п.), их синонимических и ассоциативных рядов, а также их символической значимости с учетом национальной и культурной специфики позволяет выявить большой спектр концептуальных признаков. Например, концепт «муж/ **шавҳар**» в качестве основного компонента концепта *Семья* в таджикской языковой концептосфере имеет свои специфические содержательные наполнения.

Лексико-семантический анализ современной лексемы «муж/ **шавҳар**» и ее концептуального поля на основании словарных статей и синонимических рядов позволяет выделить следующие концептуальные признаки:

1) ҳамсар;
2) хуҷаин;
3) завҷ**;**
4) ҳамболишт;
5) мардак.

Один из основных концептуальных признаков реализован в слове «ҳамсар»**.** В толковом словаре таджикского языка «Фарҳанги забони точикӣ» данное слово дается в двух значениях: 1. баробар, ҳамқаду баст. 2. завҷ, завҷа, ҷуфт, зан ё шавҳар нисбат ба ҳамдигар. Концепт «муж» выведено из значения двух слов – баробар (равные) и ҷуфт (пара). Например, в русском языке указанный концептульный признак реализован в слове «половина», т.е. одна из равных частей. Данное слово часто используется в поэтической речи.

Лексема «хуҷаин» в словаре имеет следующее толкование: соҳиб, молик, соҳибкор. Значение «муж» в «Фарҳанги забони тоҷикӣ» у данного слова не зафиксировано. Связано это с тем, что данное значение появилось у слова в связи с социальным положением женщины. В таджикском обществе в концепте мужа всегда присутствовало значение кормилец, добытчик, а значит и хозяин. Женщина в основном была домохозяйкой, хранительницей очага. Мысли о превосходстве мужчин красной нитью проходят через текст Корана. Власть мужа над женой трактуется представителями духовенства как идейная основа семейной иерархии. Если главенство мужа оценивается положительно, то власть жены получает резко отрицательную оценку, а в эмотивном плане крайнее неодобрение. В современном таджикском языке данная лексема широко используется в разговорной речи.

Концептуальный признак «завҷ» заимствовано из арабского языка и имеет значение 1) ҷуфт; 2) шавҳар, шӯй. Второе значение выводится из первого, основного – пара.

Концептуальный признак «ҳамболишт» в концепте «муж/ **шавҳар**» появилось в связи с совместной супружеской жизнью.

Концептуальный признак «мардак» выводится из слова «мард/мужчина», используется в разговорной речи.

Таким образом, концепт «муж/**шавҳар**» репрезентируется словоформами, имеющими специфические и стилистические оттенки. Это дает возможность носителям языка не только констатировать положение мужчины как главы семьи, но и выражать свое личное отношение к нему в зависимости от ситуации общения. Подобную картину можно наблюдать и при анализе других компонентов концепта «семья» в его горизонтальном срезе.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Алефиренко Н.Ф. Проблема вербализации концепта: Теоретическое исследование / Ф. Алефиренко. – Волгоград: Перемена, 2003.

2. Антология концептов / под ред. В.И. Карасика, И.А. Стернина. М.: Гнозис, 2007.
3. Аскольдов С.А. Концепт и слово // Русская словесность. От теории словесности к структуре текста. Антология / С.А. Аскольдов. – М.: Academia, 1997.
4. Вежбицкая А. Семантические универсалии и описание языков / А. Вежбицкая. – М.: Языки русской культуры. – 1999.
5. Карасик В.И. О категориях лингвокультурологии / В.И. Карасик // Языковая личность: проблемы коммуникативной деятельности. – Волгоград: Перемена, 2001.
6. Карасик В.И. Языковой круг: личность, концепты, дискурс. Волгоград: Перемена, 2002.
7. Карасик В.И., Прохвачева О.Г., Зубкова Я.В., Грабарова Э.В. Иная ментальность. М.: Гнозис, 2005.
8. Колесов В. В. Философия русского слова. СПб., 2002.
9. Краткий словарь когнитивных терминов 1996.
10. Лихачёв Д.С. Концептосфера русского языка / Д.С. Лихачёв // Известия АН СССР. – Серия литературы и языка. – 1993. – Т. 52. – Вып. 1. – № 1.
11. Пименова М.В. Ландшафтные признаки концептов внутреннего мира (на примере концепта душа) // М.В. Пименова // Концепт и культура: Материалы Международной научной конференции (Кемерово, 30 сентября 2003 г.). – Кемерово: Графика, 2003.
12. Попова З.Д, Стернин И.А. Семантико-когнитивный анализ языка. Монография. Воронеж: издательство Истоки , 2006.
13. Попова З.Д. Очерки по когнитивной лингвистике / З.Д. Попова, И.А. Стернин. – Воронеж: Истоки, 2001.
14. Попова З.Д., Стернин И. А., Язык и национальная картина мира, Воронеж 2002.
15. Попова З.Д. Язык и национальная картина мира/ З.Д.Попова, И.А.Стернин.- Воронеж, 2007.
16. Рахилина Е.В. О тенденциях в развитии когнитивной семантики /Е.В. Рахилина // Изв. РАН – СЛЯ. – 2000. – № 3.
17. Рудакова А.В. Когнитология и когнитивная лингвистика / А.В. Рудакова. – Воронеж: Истоки, 2004.
18. Степанов Ю.С. Константы: Словарь русской культуры. 2-е изд., испр. и доп/ Ю.С.Степанов. -М.: Академ. проект, 2001.
19. Степанов Ю.С. Константы: Словарь русской культуры/ Степанов Ю.С.- Издательство: Языки русской культуры, 1997.
20. Стернин И.А. Лексическое значение слова в речи/ И.А.Стернин. Воронеж: Изд-во Воронежского гос. ун-та, 1985.
21. Телия В.Н. Коннотативный аспект семантики номинативных единиц/ В.Н.Телия. -М.: Наука, 1986.
22. Телия В.Н. Русская фразеология. Семантический, прагматиче-ский и лингвокультурологический аспекты/ В.Н.Телия.- М., 1996.
23. Шафиков С.Г. Категории и концепты в лингвистике/ С.Г. Шафиков // Вопр. языкознания. -2007. -№ 2.

КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ПРИЗНАКИ КОНЦЕПТА «СЕМЬЯ»
(на примере компонента «муж/ шавњар»)

Отражаемый языком образ мира составляет языковое сознание конкретного народа. Для изучения данного феномена большое значение имеет изучение концептов, связанных с коммуникативной деятельностью. Концепт «муж/**шавњар**» репрезентируется словоформами, имеющими специфические и стилистические оттенки. Это дает возможность носителям языка не только констатировать положение мужчины как главы семьи, но и выражать свое личное отношение к нему в зависимости от ситуации общения. Подобную картину можно наблюдать и при анализе других компонентов концепта «семья» в его горизонтальном срезе.

Ключевые слова: концепт, синонимические ряды, ассоциативные ряды, концептуальные признаки, концептосфера

CONCEPTUAL CHARACTERISTICS OF THE CONCEPT «FAMILY»
(on the example of a component of a husband/ save»)

Reflected in the language of the way the world is linguistic consciousness particular nation. To study the phenomenon of great importance is the study of the concepts related to communicative activities. The concept of «husband/Savar» presentable forms, with specific and stylistic nuances. This allows native speakers not only to ascertain the position of men as heads of families, but also to Express their personal attitude to it depending on the situations. A similar picture can be observed in the analysis of other components of the concept of «family» in its horizontal slice.

Key words: concept, synonymous series, associative series of conceptual signs, conceptosphere

Сведения об авторе: ***М.М.Имомова*** – аспирантка РТСУ. Телефон: **(+992) 988 51 22 22**

БАРРАСИИ ПЕШВАНДҲОИ КАЛИМАСОЗ ДАР ВОЖАГОНИ «ЗАХИРАИ ХОРАЗМШОҲӢ»- И ИСМОИЛИ ҶУРҶОНӢ

Заҳро Аҳмадӣ Калотеҳаҳмад
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Забони форсӣ дар давраи бостон вандҳои фаровоне доштааст, ки дар давраи интиқол ба форсии миёна бештари онҳо ё аз байн рафтаанд ва ё бо решаи калимаҳо

чунон пайваста шудаанд, ки дигар қобили шиносоӣ нестанд. Аз ҷумла, метавон ба /-ana/ дар hav- ana (ҳован), /-ma/ дар ga-ma (гом) ишора намуд.

Дар давраи форсии миёна ба далели аз миён рафтани вандҳои форсии бостон, форсизабонон ба вандҳои ҷадиде ниёзманд шуданд. Дар натиҷа вандҳои ҷадиде аз таркиби вандҳои куҳан ва ё аз табдили калимаҳо падид омаданд. Дар замони интиқоли забони форсии миёна ба форсии нав муҷаддадан баъзе аз ин вандҳо матрук (хомӯш) шудаанд ва иддае боқӣ мондаанд. Дар давраи форсии нав низ вандҳои ҷадиде падид омадаанд, ки ё аз табдили калимаҳои мустақил сохта шудаанд (бор, сон, дис, када) ва ё аз забонҳои ғайриэронӣ гирифта шудаанд (бало-, ло-, -бошӣ). Бинобар ин, метавон вандҳои забони форсиро ба се даста тақсим намуд:

а) дасте, ки тамоман матруку хомӯшанд, монанди /a-/ дар **омада, оромида**; /pa-/ дар **падид, пагоҳ**; /ni-/ дар **нишастан, ниҳодан** [1, 26, 46-49].

б) иддае, ки ҳанӯз маъниии нахустини худро ҳифз кардаанд ва аз рӯйи қиёс бо калимаҳои дигар метавон онҳоро бозшинохт, вале барои сохтани калимаҳои ҷадид ба кор намераванд, ки ба ин гурӯҳ истилоҳан ситарванд гӯянд, монанди /pad-/ дар **подзаҳр**; /-ak/ дар **хӯрок, пӯшок**; /-ize/ дар **покиза** [2, 83].

в) дастаи сеюм вандҳое, ки аз онҳо барои сохтани вожаҳои нав бисёр истифода мешаванд, ки ба ин гурӯҳ серистеъмол (зоё) ҳаммонанди /-i/ **хубӣ, шодӣ**; /-a/ дар **рӯза, поя**.

Дар ин қисмат ба муаррифии пешвандҳое мепардозем, ки дар китоби «Захираи Хоразмшоҳӣ» истифода шудааст. Бояд зикр намуд, ки барои ҳар пешванд намунаҳое бо зикри саҳифа оварда шудааст:

Пешванди о - /a-/

Ин пешванд ба маъно ва мафҳуми сӯйе, салб зидди нафӣ аст ва гайрифаъол мебошад [3, 414].

Дар забони форсӣ ин пешванд гоҳе мафҳуми расидан ба ҷойеро мерасонад ва дар бархе аз вожаҳои порсӣ ҳанӯз зинда аст, монанди **осудан, омадан**; гоҳе ин пешванд нишонаи салб ва нафӣ аст, ҳаммонанди **овардан** (о+вардан= бурдан), **оканда** (о+ кандан= гудкардан) ба маънои пур кардан; гоҳе низ онро аз гунаи пешвандҳо ба шумор намеоваранд, ҳаммонанди ошомидан, ошуфтан, овехтан; дар порае аз вожагон ҳаммонанди **обистан, ожив**, аз абзорҳои чигунагӣ шуморида мешавад. Корбурдҳои дигари он ба ин гуна аст, ҳарфи нидо, решаи ҳоли феъл аз масдари омадан, монанди **биё, бозо** [4, 35].

Намунаҳое аз китоби «Захираи Хорзамшоҳӣ»:

• Бо вай бибояд **омехт**, то қуввати ӯро нигоҳ дорад (51);

Шояд, ки дар ин ҷо ҳаммонанди калимаи омехтан, пешванди «-о» набошад, чаро, ки калимаи мехт ба танҳои маъно ва мафҳум надорад.

• Занони **обистанро** қин нашояд кард (С. 28);

Дар «Фарҳанг»-и Деххудо калимаи обистан дар маънои боргирифта, ҳамлбардошта ба кор рафтааст, бинобар ин пешванди «-о» дар ин калима маъно ва мафҳуми обзоре барои ҳамл карданро ифода мекунад.

• Ба атса **овардан (С.33);**

• Қай **орад;**

Дар ин ҷумла чизе боиси атса мешавад ва атсаро эҷод мекунад ва дар ҷумлаи чаҳор қай орад, чизе боиси қай мешавад. Бинобар ин, пешванди «-о» дар ин ду феъл дар маънии салб ва нафий ҳамроҳи калимаи вардан (ба маънии бурдан) ба кор рафта ва мафҳуми салбу нафийро ифода мекунад.

• Берун **омадани** дору (С.42):

Пешванди «о-» дар калимаи омадан маъно ва мафҳуми ҳаракат ва расидани дору аз ҷойе ба ҷойи дигарро (аз даруни бадан ба самти беруни бадан) нишон медиҳад.

Пешванди андар- /andar-/

Ин пешванд аз пешвандҳои феълӣ мебошад ва дар паҳлавӣ «андараг» ва дар авестоӣ «антаре» ва дар забони форсии дарӣ «андар» будааст. Ин ванд дар мавориди мафҳуми зарфият дар феълро мерасонад ва гоҳе ҳам бар хилофи ин дида мешавад. Дар замони Сомониён ба ҳеҷ ваҷҳ калимаи «дар» дар наср истифода нашудааст ва ҳама ҷо «андар» ба «кор рафтааст. Вожаи «дар», ки мухаффафи «андар» аст, дар рӯзгори Ғазнавиён пайдо шудааст [4, 77]. Аз қарни VI ҳичрӣ ба баъд калимаи «андар» аз навиштаи форсӣ бардошта шуд ва имрӯз тамоман аз миён рафтааст, магар

дар сурудаҳо, он ҳам бисёр кам дида мешавад. Ин ванд бештар бар сари масдар ва ё феъл меояд ва аз пешвандҳое аст, ки маънои вожаро дигаргун мекунад ва ба маънои «дарун» аст. Бояд баён намуд, ки гоҳе вақтҳо «анда» ҳарфи изофо мебошад ва ба маънои «дар» аст, ки ҳар гоҳ бо исм ба кор равад ҳарфи изофа маҳсуб мешавад, монанди андар хона (дар хона).

• **Андаршинохтани** ғизое, ки меъдаро зиён дорад (С.5);

Пешванди «андар-» дар калимаи «андаршинохтан» мафҳуми дарунро мерасонад, ба иборати дигар андаршинохтани ғизо, яъне ба даруни хосияти ғазоҳо пай бурдан аст.

• Андар гармоба ба **андаромадан** (С.71);

Дар феъли сохтаи «андаромадан» дар ин ҷумла, яъне ворид шудан ба гармоба мебошад ва ин пешванд мафҳуми дарунро ифода мекунад.

• Оби ӯ ба чашм **андаркашанд** (С. 139);

Калимаи «андаркашанд» дар ин ҷумла мафҳуми дохил кунанд, бирезандро мерасонад. Ҳамон тавре ки дар тавзеҳи пешванди «андар-» баён шуд, мафҳуми дарунро дар ин калима метавон фаҳмид.

Пешвандҳои ба- /ba-/, би -/be-/

Корбурдҳои ин пешванд ба ин қарор аст:

1. Ин пешванд дар сурате, ки ба феъл афзуда шавад, гоҳе барои таъкид, зинат, зарурат, лузум ба кор меравад ва ба хотири ҳамин онро «б»-и таъкид (пофишорӣ, супориш) меноманд, монанди **бибояд донист**, **бистонад**. Бархе онро «б»-и атнобия ё (дарозгӯйӣ) номидаанд, ин ванд дар гузашта бар сари масдар ва ҳамаи сиғаҳои феъл меомадааст, монанди **ба кор доштан, ба ҳам омехтан**. Дар ин маврид Маликушшуарои Баҳор мегӯяд: «Ин пешванд, ки онро соҳибони фарҳанг бои зинат номидаанд ва баъзе фузало онро бои зоид ном додаанд ва мо онро бои таъкид донем, зеро ҳеҷ ҳарфе ё абзоре дар забон нест, ки фақат зинат ё ба зиёдатӣ истеъмол шавад ва ин бо ки бар сари феълҳо дармеомадааст ва имрӯз ҳам дар баъзе сиғаҳо мустаъмал аст, бои таъкид аст» [5,333-335].

2. Ин пешванд дар базъе аз маворид ба маънои ташбеҳ ва шабеҳ мавриди истифода қарор мегирад.

3. Гоҳе пешванди **/ba-/ ва /be-ё bi/** ба ҷойи танвини насби арабӣ ва нишонаи тамиз (ҷудоӣ) аст, монанди батадриҷ (тадриҷан), бақиёс (қиёсан).

4. Агар бар сари решаи порае аз вожаҳо ба кор равад ба он мафҳуми фоилӣ медиҳад, аммо набояд онро бо савум шахси муфради феъли амр иштибоҳ кард, монанди **бисоз** (созгор), **бизан** (касе, ки хуб мезанад).

5. Пешванди **ба /ba-/** гоҳ бар сари масдар ва ҳосили масдар ва исми маънӣ ба кор меравад ва аз он қайд (зарф) месозад. Ҳамчунин бар сари қайд меояд ва қайди тоза ё зарфи тоза падид меоварад, ҳамонанди **базудӣ, бағоят.**

6. Корбурди дигари ин пешванд, ки бо исми маънӣ меояд ва сифат месозад (Зиёудини Ҳоҷарӣ. Фарҳанги вандҳои забони форсӣ.-Теҳрон: Интишороти «Овои нур».- 1377.-С. 86-89).

• Андар вай молида шавад, пас **биниҳан** то **бинишинад**, аз об ки бар сари ӯ **бимонад**, бирезанд (С.93).

Дар ин ҷумла пешванди «би-» бар сари феълҳои «ниҳанд», «нишинад», «монад» ва «резанд» изофа шуда ва ба онҳо маънии таъкид ва заруратро илова кардааст.

Пешванди бо - /bā/

Ин пешванд аз вандҳои ғайрифаъол намебошад, «бо-», ки дар паҳлавӣ «опок» /āpāk/ буда пешванде аст, ки агар бар сари исм биояд адоти (абзор) сифат ба шумор меравад ва ба маънои худованд, дороӣ, соҳиб ва моликаст, монанди **боустухон** (дорои устухон), **бомазарт** (дорои зарар ва зиён). Пешвандҳои «бе-, но-» муттазоди он мебошанд. Ин ванд бештар бар сари исми маъно дармеояд ва аз он сифат месозад. Монанди **болаззат**. Ҳамчунин ин пешванд бар сари баъзе аз исмҳои маънӣ дармеояд ва аз онҳо зарф месозад. Ҳамонанди **бохатар, боталош** [4, 91-92]

Дар китоби «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» омадааст: «Пешвандҳои «бо-//ба-» сермаҳсул буда аз исм, сифати аслӣ месозанд, ки мазмунан ба ягон хосият ё аломат соҳиб будани ашёро мефаҳмонад. Масалан: фикри бомаънӣ, духтари ботамкин, донаи бобаракат. Ин пешвандҳо якдигарро озодона иваз карда метавонанд, мисли: бачаи боадаб- баадаб, одами боандеша- баандеша [6, 144].

• Кори дору **ботақсир** ва душхорӣ бошад (С.42).

Пешванди «бо-» бар сари исми маънии «тақсир» даромадааст ва мафҳуми равиши кори доруро дар ин ҷумла нишон медиҳад.

• Ҳар ҷонваре, ки ҳаракат камтар кунад, хосса ки мизоҷи ӯ тар бошад, ҳама **бозуҳумат** ва **бофузул** бошад (С.32).

Пешванди «бо-» бар сари исмҳои «зуҳумат» ва «фузул» омадааст ва аз онҳо сифате, ки мафҳуми дорои ва соҳиб буданро ифода мекунанд, сохтааст.

• Хӯрдани он **бохатар** аст (С.35).

Дар ин ҷумла пешванди «бо-» бо калимаи «хатар» ба кор рафта ва зарф сохтааст.

Пешванди боз- /bāz-/

Ин пешванд бар сари афъол меояд ва дорои маъонии мухталифе мебошад, аз ҷумла:

1. Ин пешванд аз паҳлавӣ «опоч» /āpāč/, авестоӣ /āpāk/, дар форси миёна ба сурати / ābāz/ аст, ки ба маънои «аз нав, дубора, бори дигар, муҷаддадан» бар сари афъол меояд. Ҳаммонанди **бозовардан, бозгуфтан.**

2. Коре думболи коре анҷом ёфта бошад, ҳаммонанди бозгирифт.

3. Пай дар пай будани корро нишон медиҳад, ҳаммонанди боздид кардан.

4. Ба маънои «пас, бар, дар, бар, дор» низ ба кор меравад, ҳаммонанди бачаро аз шир бозгирифт.

5. Пешванди «боз-» ванди ғайрифаъол намебошад, бештар дар оғози феъл ё калимаҳои дигар меояд ва бар онҳо маънои «кореро бар вазъи охирини худ, даровардан ё дубора анҷом додан» медиҳад. Барои намуна: ӯ боз омад, яъне ӯ рафта буд ва дубора омад [3, 94-95]. Дар «Сабкшиносӣ»-и Баҳор омадааст: «Дар паҳлавӣ «опоч» аст, ин пешванд маънии исмӣ низ дорад, ки зидди бароз ба маънии баста аст. Дар қадим ғолибан пешванди феъл будааст ва ду маънӣ бар он мебахшидааст, яке маънои такрор ва иода ва дигар маънии эзоҳ ва равшан кардани маънӣ, чун **бозгуфтан, бозовардан, бозхостан**. Монанди баъзе пешвандҳо гоҳе маънои феълро тағйир медиҳад, чун феъли хостан, ки ба маънои талабидан аст, вале феъли мураккаби бозхостан, ки масдари мураххами он «бозхост» ба маънои муохиза кардан дар арабӣ аст» (Муҳаммадтақии Баҳор [5, -341-343].

Бояд баён намуд, ки ин пешванд ҳам ба унвони пешванди феълӣ ва ҳам пешванди ғайрифеълӣ ба кор меравад, монанди **бозомадан, боздам, бозпас.**

Ин ванд ба унвони пешванди феълӣ серистеъмол аст ва маънои он ақиб, баръакс ё дубора аст ва гоҳе дар калимоте истифода мешавад, ки маънии хоси ба он калима намеафзояд, балки сирфан барои тақвияти он ба кор меравад, ҳаммонанди **бозшинохтан**. Пешванди «боз-» ба унвони пешванди ғайрифеълӣ ҳам бо маонии «ақиб, баръакс ва дубора» ба кор меравад [2, 85-86].

Пешванди бар- /bar-/

Пешванди «бар-» кӯтоҳшудаи «аба-», «авар-» паҳлавӣ аст ва ҳизвораши он «қадам» аст. Дар забони паҳлавӣ ин пешванд бисёр кам бар асари феъл меомадааст ва ба ҷойи «бар-» дар забони форсии дарӣ, дар паҳлавӣ «ав-» ба кор мерафтааст, вале дар забони форсии дарӣ ба ҷойи «ав» пешванди «бар-» қарор гирифтааст. Гоҳе «вар-» ҳам дар навиштаҳои гузашта дида мешавад ва имрӯз ҳам короӣ дорад. Ҳаммонанди **варуфтод, варшикаст** [5, 337]. Бархе аз маонии пешванди «бар-» иборатанд аз: аз, бо, боз, барои, баҳри, басари, байн, пай, то, дар, миён, боло, ба сӯйи боло, ва … [4, 100-101]. Бояд зикр намуд, ки ин ванд ба унвони пешванди феълӣ ва ғайрифеълӣ ба кор меравад.

Ин пешванд ҳамроҳ будани корро бо баланд шудан мерасонад, монанди: **баромад, баргирифт**. Гоҳе бар сари феъл меояд ва ба он маънои «зид, хилоф» медиҳад, монанди **чидан, барчидан**. Гар феъл бо «бояд» сарф шавад нахуст вожаи «бояд» ва пас аз он «бар» оварда мешавад, ҳаммонанди **бояд бархост**. Пешванди «бар-» пеш аз феъл ё масдар меояд ва масдар ё феъли омехта месозад, ҳаммонанди **бардошт, бардоштан.** Пешванди «бар-» ба унвони пешванди феълӣ чандон серистеъмол нест. Бояд баён намуд, ки дар баъзе таркибот ин ванд маънои аслии худро аз даст дода ва фақат барои тақвияти маънии калима, ки ба он таркиб шуда, ба кор меравад. Ҳаммонанди **баргузор, барандоз.**

Дар китоби «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик» баён шудааст: «Ин пешванд каммаҳсул буда аз исм, сифат ва аз зарф, сифат месозад. Ин гуна сифатҳо ба ягон аломат доро будани ашёро ифода менамояд ё аломати дар реша номбаршударо

қувват медиҳад, ҳаммонанди суханҳои бардурӯғ, ташвиқи барзиёд, ақли баркамол» [4, 144].

Хӯриш дар ҷой-ҷойи дигари абёти «Шоҳнома» метавонад, маънои исми масдар аз хӯрдан бидиҳад, на исми умумии хӯроке ё таом ва байти зери шоҳиди ин мафҳум аст:

Бикоранду варзанду худ бидраванд,
Ба гоҳи хӯриш сарзаниш нашнаванд (3).

Туранҷ аз хӯрданиҳо дар «Шоҳнома» ва аз растаниҳост, ҷузъе аз меваҳо мебошад ва вожаи форсӣ аст. Меваест хӯрдани, ки тақрибан фаровон ба кор бурда шудааст. Туранҷ (ба лиҳози қофия гоҳ турунҷ) меваи дарахти боланг аст ва аз мураккабот аст, ки зардранг мебошад. Ин мева маъруф аст ва аз пӯсти он мураббо месозанд. Абёти зер намунае аз ба кор бурдани ин меваи хӯрданӣ дар «Шоҳнома» аст:

Биёмад бар он курсии зар нишаст,
Пур аз хашм буё, турунҷе ба даст (6).
Сикандар биёмад турунҷе ба даст,
Аз айвони солори Чин ниммаст (7).

Турунҷ дар адабиёти «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ маънои мухталифро ифода мекунад, ки чанд намуна дар боло зикр шудааст, аммо ба таври куллӣ меваи хӯрданӣ аст. Дар «Фарҳанг»-и Муин зикр шудааст, ки иллати номгузории туранҷ ин буда, ки пусти он дорои чин ва шикан аст, аммо зоҳиран бо таваҷҷуҳ ва диққат ин мафҳум баид ба назар меояд ва иллати ин номгузорӣ наметавонад ин хусусият бошад [8].

Хулоса, «Шоҳнома» муҳимтарин чашмаи ҷӯшони форсӣ аст ва китоби гӯйёи суннати маруми Эрон дар ҳар заминае аст. Инчунин аз лиҳози сабки сухансароӣ шомили баландтарин ва зеботарин суханони манзуми форсӣ аст. Матолиб ва мазмуни «Шоҳнома» муштамил аст бар ашъори ҷаззоб, ки ба дунёи пур аз фарозу нишеб, ранҷу шодӣ, зишту зебое, ки дар айни ҳол намоёнгари ҷанбаҳои мухталиф аст. Ҳар кадом аз вожаҳои абёти «Шоҳнома» на танҳо ояти фасоҳат ва балоғат аст, балки метавонад дунёе аз ҳунару суннат, таърихи Эрони бостон ва асолати онҳо бошад. Дар «Шоҳнома» барои касоне, ки ба забони он китоб ошно буда ва онро бифаҳманд ва ба лутфи он суханон пай баранд аз ҳар фанни шеърӣ дида мешавад ва дар сарҳади комил ва зебоие аст. Ҳарчанд, ки рухдодҳо ва ҳаводис дар ҳамоса аз аҳамияти фавқулодае бархурдоранд, аммо дар ниҳоят таъсири калимот ва зебоии вожаҳо дар тобишҳои маъноӣ бар шунаванда ва хонанда боқӣ мегузорад ва шоир ҳадафи худро ба дараҷаи ғоёӣ мерасонад ва дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ин ҳадаф бар ҳеч касе пӯшида нест. Аз лиҳози адабӣ ва фаннӣ ба рағми ин ки ин китоб мақом ва мавқеияти мумтоз дорад, дар устураороӣ, инсиҷом, гуногунии вожагон, хушоҳангӣ ва ҳамоҳангиҳои мусиқоии шеъри Фирдавсӣ назди шеършиносон ҷойи сухане нест, чунон ки мақом ва мавқеи «Шоҳнома» ба унвони асаре, ки бештарин нақшро дар ҳифз, нигаҳдорӣ ва истеҳкоми забони форсӣ бар ухда дошта ва дар тӯли таърих ба китоби «Шоҳнома» таърих, муътақидот, одобу русум ва ба таври хулоса куллияи ҷилваҳои зиндагии қавми эронӣ ба гунаи ом ва куллӣ матраҳ шуд, ки ҳамвора дар ҳамаи замонҳо ва назари ҳамаи эрониён ва ҳатто форсизабонони ғайриэронӣ сарфи назар аз кишвар, мазҳаб ва бовариҳои минтақавӣ ба унвони мероси муштарак, на танҳо матлуб ва дилпазир, ки ғурурангез будааст. Бинобар ин, «Шоҳнома» дар ҳамаи давраҳое, ки аз беҳтарин ва матлубтарин китобҳо ва ҳамдами шабҳои тори онон будааст. Яке аз далоили фавқ «Шоҳнома»-ро илова бар муҳтавои он ки ҳама иборат, панд, озодагӣ, додхоҳӣ ва дину эмони тамом ва аз рӯйи камоли сафои ботини умур ва дар роҳи назари «Шоҳнома» гом бардошта зиндагӣ ва сарвати мероси худро бар сари ин кор гузоштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Аттобеки Парвиз. Вожаномаи Шоҳнома/ Аттобеки Парвиз.- Теҳрон, 1379.- С. 292.
2. Нӯшини Абдулҳусейн. Вожаномак (фарҳанги вожаҳои дастурии «Шоҳнома»)/ Нӯшини Абдулҳусейн. Нӯшини Абдулҳусейн.- Теҳрон, 1384.- Ҷ.1.- С. 40.
3. Занҷони маҳмуд. Фарҳанги ҷомеи «Шоҳнома»/ Занҷони Маҳмуд.- Теҳрон, 1372.- Ҷ.3.- С. 305.
4. Қамарзода Маҳноз. Размвожа дар «Шоҳнома»/ Қамарзода Маҳноз.- Теҳрон: Ҷавҳар Ҳаёт, 1391.- Ҷ.2.- С. 117.
5. Толибон Яҳёӣ, Наҷмияи Ҳусейн. Сохтори достони «Зол ва Рӯдоба»/ Толибон Яҳёӣ, Наҷмияи Ҳусейн // Фалсномаи илмӣ ва пажӯҳишии анҷумани забон ва адабиёти форсӣ.- 1383.-№ 5.- С. 44.
6. Ёҳаққӣ Муҳаммадҷаъфар. Аз пож то дарвозарезон/ Ёҳаққӣ Муҳаммадҷаъфар..- Теҳрон: сухан, 1381.- С. 108.

7. Муин Муҳаммад. Фарҳанги Муин/ Муин Муҳаммад. Муин Муҳаммад. Муин Муҳаммад. –Техрон: Роҳи рушд, 1383.- С. 88.

ИЗУЧЕНИЕ НЕКОТОРЫХ СЛОВ ОБОЗНАЧАЮЩИХ ПИЩУ В «ШАХНАМЕ» ФИРДОУСИ

В истории персидско-таджикской литературы существует большое количество литературных источников, которые займают важное место в развитии литературного языка и среда них особое место занимает «Шахнаме» Фирдоуси, которое имеет огромное значение по своему лексическому составу и другим языковым особенностям. В данной статье автор рассматривает значение некоторых слов, обозначающих пищу в «Шахнаме» Фирдоуси.

Ключевые слова: связь языка и культуры, определённые формы народной культуры, «Шахнаме» Фирдоуси, лексика обозначающая пищу, получение разнообразной информации.

LEARNING SOME WORDS FOR FOOD «SHAHNAME» FERDOWSI

In the history of Persian-Tajik literature, there is a large body of literature that taimaut important place in the development of the literary language and the environment takes a special place «Shahname» Ferdowsi, which has great importance in its lexical composition and other language features. In this article the author examines the meaning of some words for-food «Shahname» Ferdowsi.

Key words: relationship between language and culture, certain forms of popular culture, «Shahname» Ferdowsi, lexics denoting food, receive diverse information.

Сведения об авторе: ***Махноз Камарзод*** – докторант Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

КАЛИМАСОЗИИ ИСМҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ ДАР НАСРИ БАДЕИИ ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ

Аминҷон Амлоев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Калимасозии исмҳои мураккаб яке аз роҳҳои муҳимтарин ва серистеъмолтарини калимасозии забони адабии ҳозираи тоҷик маҳсуб меёбад. Ин роҳи калимасозӣ, яъне бо роҳи ба якдигар ҳамроҳ кардани исмҳои мураккаб дар забони тоҷикӣ хеле тараққӣ кардааст. Калимасозии навъи мураккаб барои кӯтоҳу муъҷаз ифода кардани фикр мусоидат мекунад, зеро калимаҳои мураккаб на танҳо ибораҳо, балки ҷумлаҳоро низ иваз карда метавонанд. Ин усули калимасозӣ барои рушду инкишофи минбаъдаи забони тоҷикӣ аҳамияти бағоят калон дорад.

Табиист, ки калимаҳои мураккаб бо ин ё он воситаи грамматикӣ сохта мешаванд. Исмҳои мураккаб ҳам бо роҳҳои гуногун, яъне бевосита ҳамроҳ кардани калимаҳо (тоҷикдухтар, сартарош) ва ба воситаи миёнвандҳои (интерфикс) **-у-** ва **-о-** (омадурафт, даводав) сохта мешаванд. Аз ин рӯ, исмҳои мураккаб аз рӯйи навъи алоқа ба ду гурӯҳи калон: **исмҳои мураккаби пайваст** ва **исмҳои мураккаби тобеъ** ҷудо мешаванд.

Исмҳои мураккаби пайваст гурӯҳи махсуси исмҳои мураккабро дарбар мегирад. Ин гурӯҳи исмҳои мураккаб аз рӯйи муносибати ҷузъҳо ва алоқаи грамматикиашон аз исмҳои мураккаби тобеъ фарқ мекунанд. Яке аз хусусиятҳои барҷастаи фарқкунандаи исмҳои мураккаби пайваст ё копулятивӣ аз исмҳои мураккаби тобеъ ин аст, ки ҷузъҳои ин гурӯҳи исмҳои мураккаб бар хилофи муносибати ҷузъҳои исмҳои мураккаби тобеъ, ки яке аз ҷузъҳояшон ба дигаре тобеъ аст, барбарҳуқуқ мебошанд. Аз рӯйи навъи алоқа низ ин ду гурӯҳи исмҳои мураккаб аз ҳамдигир фарқ мекунанд. Агар ҷузъҳои исмҳои мураккаби тобеъ бо роҳи алоқаи изофӣ ва ғайриизофӣ сохта шаванд, ҷузъҳои исмҳои мураккаби пайваст бошад, ба ду гурӯҳи калон тақсим мешавад, яке ба тарзи такрор ва дигаре аз асосҳои гуногун ба амал омадаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ин ду гурӯҳи калимасозии исмҳои мураккаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик мавқеи хосаро касб кардааст. Бо ин усулҳои калимасозии исмҳои мураккаб дар забони адабии тоҷик калимаҳои зиёде сохта шудаанд, ки таркиби луғавии забони тоҷикиро бою ғанӣ кардонида, барои сареҳу муҷаз ва ифоданок баён намудани фикр хизмат мекунанд.

Дар хусуси калимасозии исми мураккаби пайваст донишмандони гузаштаамон қайду ишораҳои муфид кардаанд. Масалан, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар «Чаҳор гулзор» доир ба калимасозии исмҳои мураккаби пайваст, махсусан ба воситаи миёнванди **-о-** сохта шудани исмҳои мураккаб чунин фармудааст: «Фарқ дар миёни «алиф»-и робита ва «алиф»-и атф (садонок ё миёнванди «о») ҳамин аст, ки «алиф»-и

робита дар миёни ду феъл ва ду исм, ки аз як қисм бошад, меояд. Ва «алиф»-и атф дар миёни ду исм ва ду феъл, ки аз ду қисм бошад, воқеъ мешавад ва маънии «вов»-и атф (садонок ё миёнванди «у») пайдо менамояд, чун шабонарӯз, такопӯ, саропо, такодав ба маънии шабурӯз, такупӯ, сарупо, такудав» [3, 20].

Профессор Д. Хоҷаев ин масъаларо дар «Чаҳор гулзор»-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, чунин мефармояд: «Чунон ки аз ин мулоҳизаҳои Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар мавриди чанд унсури шаклсозу як воситаи калимасоз дида мешавад, ӯ морфемаҳои шаклсозу маъносозро дуруст ҷудо карда, шинохта тавонистааст ва ҳамоно хусусияти муродифии воситаҳои калимасозро ҳам таъкид кардааст» [4, 60].

Нависандаи нозукбаёну маънирас Ф. Муҳаммадиев низ дар баробари ба воситаи аффиксҳо (пешванду пасвандҳо) сохтани калимаҳои гуногуншаклу гуногунмазмун ба ин роҳи калимасозӣ, яъне калимасозии исмҳои мураккаби пайваст диққати махсус зоҳир намуда, дар баробари истифодаи калимаҳои маъмулу мавриди истифодаи ҳамагон қарордошта дар навбати худ бо ин роҳи калимасозӣ як қатор калимаҳое сохтааст, ки аз услубу маҳорати эҷодӣ ва навоварии адиб шаҳодат медиҳад.

Дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев исмҳои мураккаби пайваст фаровон истифода шудааст. Онҳо аз рӯйи навъи алоқаи ҷузъҳояшон гуногун буда, дар насри бадеии адиб ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд.

Аз рӯйи мушоҳидаи мо дар осори мавриди таҳқиқ дар асоси калимасозии ин гурӯҳи исмҳои мураккаб 82 адад калима сохта шудааст.

Чунончи: **омад-омад, нигоҳубин, такудав, гуфтугӯ, хайрухуш, корубор, такопӯ, кофтуков, кашокаш, давоғеҷ, обуранг, долузарб, гуфтушунид, кашмакаш, чутучӯ, пурсупорс, тақ-тақ, нависонавис, ҷастухез, гирдогирд, даводав, тозотоз, гаштугузор, гум-гум, тохтутоз, бам-бам, чақ-чақ, ҷумбуҷул, миш-миш, пичир-пичир, гирифтугир, чир-чир, гуп-гуп, чирчирак, давутоз, гурс-гурс, тук-тук, пурсуков, кӯчокӯч, хуфтухоб, шикастурехт, омадурафт, бардорумон, афтударафт, сайругашт, гирдуғун, бардорузан, кашкаш, харидуфурӯш, ғурунг-ғурунг, пурсуҷӯ, суросур, рафтуо, равуо, даступо, рафтуомад, сарубор, тиқ-тиқ, қур-қур, шитир-шитир, бӯсобӯс, ғур-ғур, тақар-туқур, доругир, хишир-хишир, шибир-шибир, сарулибос, шартошурт, шустушӯ, шарақ-шарак, хорумол, аф-аф, молумол, дағар-буғур.**

Чунон ки ишора кардем, ҷузъҳои исмҳои мураккаби пайваст бо се роҳ ё воситаи грамматикӣ сохта мешаванд. Ин ҳам бошад бо миёнванд (интерфикс)**-и** –**о**- , **-у**- ва бевосита такрор шудани калимаҳо. Бинобар ин, исмҳои зикргардидаро аз рӯйи навъи алоқаи грамматикиашон ба чунин гурӯҳҳо тақсим намудем:

1. Бевосита такрор шуда омадани калимаҳо

Доираи истеъмоли ин гурӯҳи исмҳои мураккаби пайваст монанди забони адабии ҳозираи тоҷик дар насри бадеии нависанда сермаҳсул буда, аз рӯйи таркиби сарфӣ ба чунин гурӯҳҳо тақсим мешаванд:

а) **Дар шакли такрор омадани исм**

Дар шакли такрор омадини исм дар насри бадеии адиб монанди забони адабӣ бемаҳсул аст. Дар ин қолаб дар насри бадеии Ф. Муҳаммадиев ду калимаро мушоҳида намудем. Чунончи: **гирдогирд, суросур:**

Азбаски шуълаи равшантарини чароғҳо ҳам аз канора то мобайни ин майдон иқтидори расидан надошт, **гирдогирди** он прожекторҳои (нурафкан-А. А.) пурқуввати қисми зенитро болои мошинҳои гарони боркаш ниҳода буданд (Муҳаммадиев Фазлиддин. Осори мунтахаб. Ҷ. 2, саҳ. 106) ‡‡‡. Эҳтимол, партфелҳои худро аз таки дар ба миёни хона ғурронида, дар рӯйи ҳавлӣ ба даводаву **суросур** даромада бошанд (Ҷ. 2, 201).

б) **Такрор шудани асоси замони гузаштаи феъл.** Дар рисолаи доктории забоншинос Рустамов Ш. ин қолаби калимасозии исм сермаҳсул қаламдод шудааст. Аммо Ф. Муҳаммадиев дар ин қолаб танҳо як калимаро истифода кардааст: **омад-омад:**

Намояндагони комитети партиявӣ ва комиҷроияи район, ки аз **омад-омади** онҳо Амиров ким-чӣ хел карда огоҳ мегардид…(Ҷ.1, 9).

‡‡‡ Минбаъд дар қавс танҳо ҷилд ва саҳифа нишон дода мешавад.

в) **Бо такрори исмҳои тақлидӣ сохта шудани исмҳо**

Исмҳои тақлидӣ асосан дар шакли такрор меоянд ва ба ин васила мафҳуми предметии онҳо ба давомнокии амалу ҳолате, ки тақлидкорона ифода мекунанд, омехта ва равшан зоҳир мешавад (1, 120). Ин гурӯҳи исмҳои мураккаби пайваст ду шакл доранд:

Шакли якум айнан такрор шудани як калима. Дар осори мавриди таҳқиқ бештари исмҳои мураккаби пайвасти аз исмҳои тақлидӣ сохташуда маҳз дар асоси ин қолаби калимасозӣ ба вуҷуд омадаанд. Аз рӯйи мушоҳидаи мо дар насри бадеии нависанда дар ин қолаб 18 адад исми мураккаби пайваст ба назар расид.

Чунончи: **тақ-тақ, гум-гум, бам-бам, чақ-чақ, миш-миш, пичир-пичир, чир-чир, гуп-гуп, гурс-гурс, тук-тук, ғурунг-ғурунг, тиқ-тиқ, қур-қур, шитир-шитир, хишир-хишир, шибир-шибир, шарақ-шарақ, аф-аф.**

Мисолҳо: Ҳамон шаб Мункир то қарибиҳои саҳар дари хонаи моро **тақ-тақ** зада, аз ҷонам безор кард, аммо накушодам, садое набаровардам (Ҷ.1, 80). … Дигаре рафтори махсуси паҳлавононро чунон касб мекунад, ки ҳангоми калон-калон қадам гузошта роҳ паймуданаш замини гирду атроф **гум-гум** садо бароварда, сабук-сабук меларзад (Ҷ.1, 135). Духтурҳо ё рафиқонаш гап зананд, Аҳмадбек ҷунбонидани лабу даҳони онҳоро медид, аммо ба гӯшаш фақат садои «**гум-гум-гум**», «**бам-бам-бам**» мерасидиду бас (Ҷ.1, 138). Қисми асосии тӯй рӯзона гузашта, ҳоло мардуме боқӣ монда буданд, ки меҳмонони махсусан муътабар ҳисоб меёфтанд ва мебоист то охири тӯй, то як-ду поси шаб нишаста хурсандӣ ва **чақ-чақ** мекарданд (Ҷ.1, 141). Ана, он **миш-мишу пичир-пичирҳои** Муҳаммадмурод чӣ маъное доштанд (Ҷ.1, 143). **Тук-туки** дил ба **гуп-гуп** ва сонӣ ба **гурс-гурс** бадал мешавад (Ҷ. 2, 301). **Қур-қури** маҳини ғукҳо, чирроси малаҳҳо ба гӯш форам мерасид (Ҷ.1, 202). Ҳар гоҳ, ки лаб фурӯ бастанд, садои **шитир-шитири** хасу хошок шунида мешуд (Ҷ.1, 202).

Шакли дуюм дар шакли тағйирёфта омадани ҷузъҳои дуюми калимаҳои тақлидӣ. Дар сурати тағйир ёфтани ҷузъи дуюми ин қолаби калимасозии исм ба ҷойи садоноки **-а**-и калимаи асосӣ дар ҷузъи дуюм садоноки –**у** меояд.

Дар насри бадеии Ф. Муҳаммадиев назар ба қолаби калимасозии ин навъи исмҳои мураккаби пайваст миқдори исмҳо хеле кам буда, шумораашон ба як адад мерасад: **тақар-туқур**.

Мисол: …Устою халифаю шогирд бо асбобу анҷомашон меоянду **тақар –туқур** корро сар мекунанд (Ҷ.1, 221).

Исмҳое, ки аз такрори ҷузъҳо ба вуҷуд омадаанд, инчунин бо миёнванди **-о-** низ меоянд.

Дар насри бадеии адиб дар ин қолаб бештар такрор ёфтани асоси замони ҳозираи феъл дида мешавад, Мисли: **кашокаш, кашмакаш, нависонавис, даводав, тозотоз, кӯчокӯч, бӯсобӯс, моломол.**

Мисол: Тақрибан ду дақиқа **кашокаш** карданд…(Ҷ.1, 37).

Дар насри бадеии адиб вожаи **кашокаш** дар шакли **кашмакаш** низ омадааст:

Албатта, кор бе ҷанҷол нагузашт, лекин ин дафъа он **кашмакаши** аз боиси пила шудагӣ барин нашуд, чунки баъзеҳо он дафъа музтар шуда монда буданд (Ҷ.1, 55).

Охир дар ин вазъият на худи Мункир дарс тайёр карда ё бо **нависонависи** худ машғул шуда метавонад, на маро мемонад, ки аз пайи корам шавам (Ҷ.1, 80). Рост, дастархон мӯл, рӯйи он фаровонӣ, аммо бояд гуфт, ки **даводаву тозотоз** ҳам каму андак не (Ҷ.1, 125).

Исми «**даводав**»-ро дар шакли «**даводавӣ**» низ мушоҳида кардем. Чунончи: Худаш чӣ қадарҳо **даводавӣ** карда, ӯро ба кор дароварда монд (Ҷ.1, 251).

Дар андоми бемор ифодае нақш баста буд, дар ин **кӯчокӯч** на гуноҳе дорад, на хизмате…(Ҷ. 2, 378). Он ду нафар, ки рост истода, ҳамдигарро ба канор кашида машғули **бӯсобӯс** ва изҳори муҳаббату садоқат буданд, лаҳзае шах шуда монданд (Ҷ.1, 203).

Исмҳои мураккаби пайвасти гурӯҳи дуюм вобаста ба таркиби ҷузъҳо ва воситаҳои алоқаашон ба гурӯҳҳои зерин тақсим мешаванд.

1. Дар қолаби исму исм ифода ёфтани исмҳои мураккаби пайваст

Ин қолаби калимасозии исмҳои мураккаби пайваст, ки ҷузъҳои онҳо бе ёрии ягон морфема бо ҳам алоқаманд шудаанд, дар забони адабии ҳозираи тоҷик бемаҳсул аст. Профессор Рустамов Ш. ҳангоми таҳлилу баррасӣ ва шарҳи гурӯҳҳо ва қолабҳои калимасозии исмҳои мураккаби пайваст доир ба ин масъала сухан ронда,

мисолҳои зеринро ҳамчун намуна дар қолаби исму исм овардааст: **ғалладона, каллапоча, ширбиринҷ, шабонарӯз, саломалайк, порча-палос** (2, 172).

Дар насри бадеии адиби нозукбаён Ф. Муҳаммадиев низ ин қолаби калимасозӣ бемаҳсул буда, танҳо ду калима зикр шудааст: **ғалладона, шабонарӯз.**

Мисол: Модагови зоти шведӣ ҳар **шабонарӯз** се сатил шир медодагӣ намешавад… (Ҷ.1, 20).

Калимаи «**шабонарӯз**» аз морфемаҳои **шаб+она+рӯз** иборат бошад ҳам, ҷузъи якум **шабона** (ба маънии шаб) ва ҷузъи дуюми он – **рӯз** буда, бо ҳам баробарҳуқуқанд ва дар шакли як шабонарӯз, ду шабонарӯз низ истифода мешаванд.

Исми «ғалладона» ҳам ба ҳамин гурӯҳ дохил мешавад, чунки дар байни ҷузҳои онҳо муносибати тобеият дида намешавад.

Мисол: Дар анбор аз **ғалладона** фақат ҷаву гадуми тухмӣ боқӣ мондааст, ки он ҳам кифоя намекунад (Ҷ.1, 13).

2. Исмҳое, ки ба воситаи инфикси (миёнванди) -у- сохта шудаанд

Ба воситаи миёнванди **-у-** ҳам исмҳои модӣ ва ҳам исмҳои маънӣ сохта мешавад. Дар насри бадеии Ф. Муҳаммадиев дар асоси ин қолаби калимасозӣ 9 калима сохта шудааст: **хайрухуш, корубор, обуранг, долузарб, рангубор, дастурӯй, гирдуғун, даступо, сарулибос.**

Ин исмҳои мураккаби пайваст аз рӯйи мазмун ба чунин гурӯҳҳо ҷудо мешаванд:

а) **Исмҳои мураккаби пайваste, ки шайъи модиро мефаҳмонанд**

Дар ин қолаб дар насри бадеии нависанда се калима кор фармуда шудааст: **сарулибос, дастурӯй, даступо.**

Мисолҳо: Абдулвоҳидака дар хонаи Саидмурод **сарулибоси** тарашро хушк карда, ҳар ду ба боғи ӯ равон шуданд (Ҷ.1, 275). Арачи борон шиддат ёфта буд, мо дар оби ин баҳри овозадор **дастурӯй** шустем (3. 164, 130). Манзарбекро аз хонааш даҳон ва **даступо** баста кашон-кашон ба лаби Панҷ овардааст (Ҷ.1, 173).

б) **Исмҳои мураккаби пайвасти ифодагари исмҳои маънӣ**

Ф. Муҳаммадиев бо ин қолаб дар насри бадеиаш 6 калимаро мавриди истифода қарор додаст: **ҳайрухуш, корубор, рангубор, обуранг, гирдуғун, долузарб** Мисолҳо: Раис бо моён **хайрухуш** карда, пойи пиёда ба сӯйи МТС равон шуд (Ҷ.1, 25). Паҳлавонон зотан пайкари салобатнок доранд ва ба замми ин барои афзудани ҳаммаашон ҳар кадоме ба тарзе андоми худро «**рангубори»** иловагӣ медиҳад (Ҷ.1, 135). Аз худатон гап наемонад, гоҳе мешавад, ки ягон фикри аҷоиб ба саратон меояду … андешаҳоятонро **обуранг** дода баён мекунед (Ҷ.1, 45). Вай гӯё ҳамаи қуввати рӯҳии худро **гирдуғун** карда дар чеҳрааш ифодаи таваллоомезе сохта буд (Ҷ. 2, 80). Бригадир мегуфт, ки дар айни **долузарби** пахтачинӣ тамоми кори ин хирманҷойро фақат як пирамард уҳда мекунад…(Ҷ. 1, 49).

3. **Исмҳои мураккаби пайваste, ки аз исм ва асоси замони ҳозираи феъл сохта шудааст**

Дар насри бадеии адиб дар ин қолаб танҳо як калима сохта шудааст: **нигоҳубин.**

Мисол: Фермаи чорводорӣ аз танқисии хӯрок, беназоратии превления ва **нигоҳубини** бад дар пеши чашми деҳқон харобу адо мешуд (Ҷ.1, 10).

4.**Исмҳои мураккаби пайваste, ки аз исм ва асоси замони гузаштаи феъл сохта шудаанд**

Бо ин қолаби калимасозӣ низ дар осори мавриди таҳқиқамон қароргирифта танҳо як калимаро мушоҳида намудем: **сайругаш**.

Мисол: Анбӯҳи тираи магас дар фазо озодона дар **сайругашт** аст (Ҷ. 2, 76).

5.Исмҳои мураккаби пайваste, ки аз асосҳои гуногуни замони ҳозираи феъл сохта шудаанд

Ф. Муҳаммадиев дар насри бадеиаш бо ин қолаб калимаҳои зеринро мавриди истифода қарор додааст: **пурсуков, бардорумон, бардорузан, пурсуҷӯ, равуо, доругир, хорумол.**

Мисолҳо: **Пурсуков** сар мешавад, чӣ мегӯем? (Ҷ. 2, 336). … Азбаски аз **бардорумони** кӯч устухонҳои баданам сӯзиш мекард, як бурда нону як пиёла чойи ширин хӯрда дарҳол ба хоб рафтам (Ҷ.1, 414). … Аз **бардорузани** рӯйи сангҳои ноҳамвор саёҳати шарифи ҳоҷиёни бемор ба саёҳати вопасин мубаддал гардид (Ҷ. 2, 89). Вай аз ҳамсафарони тотору бошқирди мо дар бораи Тотористон, Қазон, зисту зиндагонии ҳамдиёронаш **пурсуҷӯ** мекард (Ҷ. 2, 178). …Дар ин сӯ бо роҳи васеи ҳамвор мошинҳо **равуо** мекунанд (Ҷ.1, 166). Ман ҳанӯз хурд будам ва дарк

намекардам, ки боиси ин ҳама **доругир** ишқ аст… (Ҷ.1, 262). Ҳар қадар навозиш кунам, кӯлчаю қанд диҳаму **хорумол** кунам бефоида (Ҷ.1, 351).

6. Исмҳои мураккаби пайваста, ки бо асосҳои замони гузаштаи феъл сохта шудаанд

Дар насри бадеии адиб бо асосҳои замони гаштаи феъл чунин исмҳои мураккаби пайваст зикр шудааст: **гуфтушунид, хуфтухоб, шикастурехт, омадурафт, афтударафт, рафтуомад**.

Мисолҳо: Дар омади гап як **гуфтушуниди** худро бо ин одам ба шумо нақл мекунам (Ҷ.1, 53). Ва ин корро чунон уҳда мекунанд, ки бинандаро ба ҳоли хуши ҳайвонот, ба озодагии ҷойи хӯрок, **хуфтухоби** он ҳавас меояд (Ҷ.2, 387). Ба **шикастурехти** он воқеан, лойбетони имрӯза ба кор намеравад… (Ҷ. 2, 496). Мухбир шаҳодатномаро ба раис дод, ки **омадурафташро** қайд кунад, муҳр занад (Ҷ.1, 401). … **Рафтуомади** мошин дар роҳи Хоруғ зиёд шуду дар тангоб кемаи калон сохтанд (Ҷ.1, 173). Шояд, аз он ки устухони вай аз кӯдакӣ бо меҳнат ва **афтударафти** рӯзгор шах шуда буд… (Ҷ.1, 477).

7. **Исмҳои мураккаби пайваста, ки аз асоси замони гузашта ва ҳозираи феъл сохта шудаанд**

Дар насри бадеии адиб бо ин қолаби калимасозӣ 9 калима сохта шудааст: **гуфтугӯ, кофтуков, ҷустуҷӯ, ҷастухез, гаштугузор, тохтутоз, гирифтугир, харидуфурӯш, шустушӯ.**

Мисолҳо: Вай акнун ақаллан ҳафтае як бор ҳатман ба мактаб рафта, бо муаллимон **гуфтугӯ** мекард…(Ҷ.1, 19). Фурсати **кофтукови** «материали аҷиб» набуд (Ҷ.1, 30). Дар воқеъ, дар айни долузарби кор **ҷустуҷӯ** кардани шахсе, ки барои ҳосили 180 гектар мутасаддӣ шудааст, аз корҳои камэътимод аст (Ҷ.1, 65). Аспони дигар барин **ҷастухез** надорад …(Ҷ.1, 89). Гарчи борон шиддат ёфта буд, мо дар оби ин баҳри овозадор (манзур баҳри Иссиққул аст – А. А.) **дастурӯй** шустем, дар соҳилаш муддате **гаштугузор** кардем (Ҷ.1, 130). Дафъи дигар мебинед, ки Аҳмадпаҳлавон бо таҳамтани девпой коре ҳарб карда, бо ҳила ва усулҳои аҷибу ғариб ӯро дар гирди майдон ба **тохтутоз** андохта, мадорашро тадриҷан хушк мекунад …(Ҷ.1, 136). – **Гирифтугираш** ба ман маъқул не (Ҷ.1, 45). Агар ягон чиз **харидуфурӯш** кардан лозим бошад, бандаи фақир ба хизмат тайёр (Ҷ.2, 100). Вакил саросема **шустушӯ** намуд, тағйири либос кард ва ҳар ду бо исрори Шоҳида ба сӯйи кинотеатр равон шуданд (Ҷ.1, 300).

Ҳамин тариқ, устоди насри бадеӣ Ф. Муҳаммадиев дар корбурд ва сохтани вожаҳои мураккаби навъи пайваст ба меъёрҳои классикии забони адабӣ ва меъёрҳои вожасозии забони адабии муосири тоҷикӣ такя карда, ин меъёрҳоро комилан риоя намудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. –Душанбе, 1985.-Қ. 1.–350 с.
2. Рустамов Ш. Исм (категорияи грамматикӣ, калимасозӣ ва мавқеи исм дар системаи ҳиссаҳои нутқ) / Ш. Рустамов -Душанбе, 1981.–216 с. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор / Хоҷа Ҳасани Нисорӣ – Душанбе, 1998. – 116 с.
3. Хоҷаев Д. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва афкори забоншиносии ӯ / Д. Хоҷаев - Душанбе, 2004. – 124 с.

Манбаъҳо:

1. Муҳаммадиев Фазлиддин. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 1/Фазлиддин Муҳаммадиев. –Душанбе: Ирфон, 1978. - 556 с.
2. Муҳаммадиев Фазлиддин. Асарҳои мунтахаб. Ҷилди 2 / Фазлиддин Муҳаммадиев – Душанбе: Ирфон, 1980. - 504 с.

СЛОВООБРАЗОВАНИЕ СЛОЖНОСОЧИНЁННЫХ ИМЁН СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ В ПРОЗЕ ФАЗЛИДДИНА МУХАММАДИЕВА

В данной статье рассматриваются рамки использования сложносочинённых имён существительных и их место и значение в прозаических произведениях Фазлиддина Мухаммадиева.

Ключевые слова: сложные слава, имена существительные, методы словообразования, классические нормы, инфикс.

SLOZHNOSOCHENENYE WORD FORMATION OF NOUNS IN PROSE FAZLIDDIN MUKHAMMADIEVA

This article examines the scope of use slozhnosochenenye nouns and their place and importance in prose Fazliddin Mukhammadieva.

Key words: complex glory, nouns, derivation methods, the classic rules infix.

Сведения об авторе: ***Аминджон Амлоев*** **–** аспирант Таджикского национального университета.

ВОСИТАҲОИ АЛОҚАҲОИ НАҲВИИ ҶУМЛАҲОИ СОДА ДАР «КАЛИЛА ВА ДИМНА»

Ҷаъфари Рӯдсаробӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

1- пешоянд ва пасоянд

Ҳуруфи изофа (пешоянду пасояндҳо)

Ба ҳуруфе гуфта мешавад, ки нисбати миёни ду калимаро баён менамояд ва калимаи баъд аз худро пуркунандаи бавосита мекунад. Дар ҳақиқат ҳуруфи изофӣ нишонаи пуркунандаи бавосита аст ва ҳар ҷое, ки ба кор рафта бошад, калимаи баъдӣ аз он пуркунандаи бавосита ё пуркунандаи бевоситаи ғайрисареҳ мешавад:

Аз куҳҳо илмҳоро хостаанд (18).

Даст аз нек ва бад бидор (128)

Рӯзҳо аз шикор бимонд (107).

Дар ҷумлаҳое, ки ҳарфи изофа ба кор меравад ва пуркунандаи бавоситаи феълӣ вуҷуд дорад, маънии феъл бидуни пуркунандаи бавосита ноқис мешавад:

Аз ин андешаи носавоб даргузар (45).

Дар дастури забони тоҷикӣ пуркунанда (пуркунандаи бавосита) - и, ки ба феъл вобаста бошад, ба унвони нақши пуркунандаи бавосита ба ҳисоб меояд ва калимае, ки бо ҳарфи изофа ояд ва битавон онро аз ҷумла ҳазф кард, ҳол шумурда мешавад. Аммо дар дастури забони эронӣ тамоми калимоте, ки бо ҳарфи изофа меоянд, пуркунанда (пуркунандаи бавосита) ба ҳисоб мераванд ва ба пуркунандаи бавосита ё пуркунандае, ки битавон аз ҷумла ҳазф кард, пуркунандаи бавоситаи қайдӣ ё пуркунандаи ҳолӣ гуфта мешавад. Масалан, ҷумлаҳои зер пуркунанда ё пуркунандаи бавосита доранд:

Худ ба таҳорат машғул гашта (85)

Аз бадон бибуридам (51)

Аммо дар ҷумлаҳои зер аз назари дастури эронӣ, пуркунанда ба сурати қайдӣ ё ҳол омада дар ҳоле, ки дар дастури забони тоҷикӣ фақат ҳол ба ҳисоб меояд:

Марде дар биёбон ганҷе ёфт (39)

Дар ин ҷумла «дар биёбон» ҳарфи изофа ва исм аст, ки дар дастури забони тоҷикӣ ҳоли макон ва дастури эронӣ пуркунанда ё пуркунандаи бавоситаи қайдӣ ба ҳисоб меояд. Дар ҳақиқат дастури забони тоҷикӣ ва эронӣ дар мавриди маънои он, ки ҳол ё қайди макон аст, ҳеҷ ихтилофе надоранд, аммо ихтилофи онҳо дар пуркунанда ё пуркунандаи бавосита будани он аст. Дар ҷумлаи зер низ пуркунанда ба сурати ҳоли замон ба кор рафтааст.

Дар ин фурсати нафис захирате бадаст овардӣ (276)

Машҳуртарин ҳуруфи изофа иборатанд аз: дар, бо, бе, бар, баҳр, рӯйи, миён, назд, наздик, андар, пеш, барои, сӯи, паи, мисли, монанди, чун ва…

Пешоянди «дар»:

Баъзе ба тариқи ирс даст дар шохи заиф зада.(48)

Гурба дар дом афтод (267)

Бозаргон дар он нишот машғул шуд (51)

Ҳарфи изофаи «аз»: дар баъзе аз ҷумлаҳои «Калила ва Димна» ҳарфи изофаи «аз» омадааст:

Боха аз дарди фурқат ва сузи ҳичрат бинолид (111)

Бозаргон ба зарурат аз уҳда берун омад (52)

Муш ба талаби туъма аз сӯрох берун рафт (267)

Пешоянди «бо»:

Бо вай ду гов буд.(60)

Муроқибати (наздики) ман бо ҳамин мазоҳ дорад (300)

Ғукро бо бачагон ҷумла бихурд (119)

Ҳарфи изофии «бе»: Ҷумлаҳое, ки бо ҳарфи изофаи «бе» ба кор рафтаанд, бисёр кам ҳастанд

Манъи некӯ бе тангхӯӣ мефармо (22).

Ман ба манфиати таъзиби (озор) ҳайвон раво надорам (156)

Ҳарфи изофии «то»:

Шабе паланг то бегоҳӣ пушти ӯ буд. (128)

Рӯз ба тимори он нукта то рӯзи вафоти Димна медошт (149)

Ҳарфи изофии «ба»:

Ӯ ҷавон ва раънову маст буд ба рои хеш (61)
Ба ҳама ақолими олам ва офоқи гетӣ бирасид (232)
Ҳардуро ба якдигар дод (226)
Ҳарфи изофии «бар»:
Бар ҷое сокин мебуд (61).
Ин сухан бар шер гарон омад (256).
Ногоҳ чашми зан бар пои ӯ уфтод (219).
Ҳарфи изофии «баҳр»:
Соҳиби ҳиммати собит азимати баҳри нокоме ва муштақ дар мақому андӯҳ ва зафрат наафтад (228).
Ҳарфи изофии «рӯй»:
Рӯйи писар сӯйи пушти модарат (бошад). (54)
Рӯйи духтар сӯи шикам бошад (54)
Ҳарфи изофаи «бар рӯи»: дар теъдоде аз ҷумлаҳои «Калила ва Димна» ҳарфи изофаи «бар рӯй»: ба кор рафтааст. Монандӣ:
Зикри малик ва давлати ӯ бар рӯйи рӯзгор боқӣ монд (417)
Зикри он бар рӯйи рӯзгор мухаллат (ҷовидон) гашт (422)
Пас бар рӯи маликзода ҷаст (285)
Ҳарфи изофии «миён»:
Миёни он мавзеъ ва Бағдод масофати тамом нишон медиҳад (20).
Ҳарфи изофии «назд»:
Зан касе ба назди ӯ фиристод. (154)
Ҳарфи изофии «наздик»:
Наздики Калила рафт.(74)
Ҳарфи изофаи «ба назди»: дар баъзе аз ҷумлаҳои «Калила ва Димна» ҳарфи изофаи «ба назди»: ба кор рафтааст, монандӣ:
Зан касе ба назди ӯ фиристод (154)
Ҳарфи изофаи «ба наздики»: дар бархе аз ҷумлаҳои «Калила ва Димна» ҳарфи изофаи «ба наздики» омадааст, монандӣ:
Ба наздики шер фиристод (155)
Ба наздики оҳу омад (184)
Пас ба наздики шер омад (319)
Ҳарфи изофаи «аз наздики»:
дар баъзе аз ҷумлаҳои «Калила ва Димна» ҳарфи изофаи «аз наздики» омадааст, монандӣ:
Аз наздики шер бирафт (155)
Ҳарфи изофии «андар»:
Шароити баҳс андар он тақдим намуд (48).
Оташ андар он зад (120)
Шароити таъкид ва аҳком андар он ба ҷой оварад (73)
Ҳарфи изофии «ба»:
Маро ба ҳамсоягони ту ҳоҷат нест.(128)
Ҳарду рӯй ба ҷониби шер ниҳоданд (73)
Дар талаби ӯ рӯй ба шаҳр ниҳод (74)
Ҳарфи изофии «барои»:
Писарро барои бақои зикр хоҳанд (288)
Ба ҳар ҷониб барои эҳтиёт чашм меандохт (267)
Ҳарфи изофии «сӯй»:
Эмин ва мурафа сӯйи мискин рафт.(189)
Мукориён (кироядиҳандагони шутур)-ро сӯйи хонаи хеш бурдан ба маслиҳат наздиктар намуд (39).
Сӯйи дарахт илтифоте намуд (267).
Ҳарфи изофаи «ба сӯйи»: дар гурӯҳе аз ҷумлаҳои «Калила ва Димна» ҳарфи изофаи «ба сӯйи» омадааст, монандӣ:
Оҳиста нарм-нарм рӯй ба сӯйи шер ниҳод (86)
Дар ин миён малик ба сӯйи эшон илтифоте фармуд (372)
Малики пилон бо ҷумлагии ҳашам (хидматкорон) ва атбоъ (ҳамроҳон) ба об хӯрдан ба сӯйи он чашма рафт (202)
Ҳарфи изофии «дар пайи»:
Сайёд пайи эшон истод.(159)
Ҳарфи изофии «мисл»:

Аз амсоли ин ҳикоят кабутару зоғу мушу боха ва оҳуст.

Ҳарфи изофии «монанд»:

Пас монанди мост шавад.

Ҳарфи изофии «чун»:

Уштур ин дам чун шакар бихурд. (109)

Ҳеҷ илм чун тадбир нест (178)

Ҳеҷ тавонгарӣ чун қаноат нест (178)

Ҳуруфи нишонаи «-ро»:

Ҳарфи «-ро» маъмулан нишонаи пуркунандаи бевосита аст:

Номаро муҳр карданд.(35)

Писарро ба падар супорид (264)

Ин ҳуруфи нишона дар «Калила ва димна» бисёр пуркор бурдааст:

Эшонро аз шаҳр берун овардам.(416)

Ин суханро ёд дор (270)

Ҳарфи нишонаи «-ро» дар бисёре аз ҷумлаҳо ҳазф шудааст Масалан дар ҷумлаи зер нишонаи «-ро», бояд пас аз «ҷуфти тутӣ» меомада, ҳазф шудааст:

Сайёде ҷуфте тӯтӣ мегардонид.(416)

Дар ҷумлаи зер низ нишонаи «-ро», ки нишондиҳандаи нақши пуркунандаи бевосита ё пуркунандаи бевоситаи сареҳи «миёни он» аст, ҳазф шудааст:

Рӯзе сайёд дом биниҳод (267)

Боха миёни он ба дандон бигирифт маҳкам.(112)

Шер шарти назр ба ҷой оварда (254)

Ин ҳуруф нишонаи илова бар нишонаи пуркунандаи бевосита мафҳумҳои дигареро дар бар мегирад, ки иборатанд аз:

«-ро» факки изофа ва ҳарфи изофа:

Ҳарфи нишонаи «-ро» факки изофа:

Дар бисёре аз ҷумлаҳо ҳарфи нишонаи «-ро» миёни музоф ва музофун илайҳ қарор гирифта ва онҳоро аз ҳам ҷудо намудааст:

Ман ӯро туъма ва ӯ дар ман тамаъ.(105)

Дар ҷумлаҳое, ки баён шуд мақсуд ин аст: ман туъмаи ӯ ҳастам. Бинобар ин туъмаи музоф ва ӯ музофун илайҳ аст.

Дар ҷумлаҳое, ки «ро» факки изофа аст ин нишона маънои нақшномаи изофае «и» медиҳад:

Якеро Калила ном буд дигареро Димна (61).

Дар ҷумлаҳое, ки баён шуд мафҳуми ҷумла ин аст: номи яке Калила ва номи дигаре Димна буд.

Ҳарфи нишонаи «-ро» ҳарфи изофа:

Дар бисёре аз ҷумлаҳо ҳарфи нишонаи «-ро» ба маънои ҳарфи изофӣ барои ҷумла омадааст ва калимаи баъд аз худро пуркунандаи бавосита намудааст:

Хуллас худро тариқе меҷуст. (56)

Дар ҷумлаи зер «-ро» ба маънои ҳарфи изофаи «дар бораи» омадааст:

Он суханро достоне гӯянд (408).

Дар ҷумлаи зер «-ро» ба маънои ҳарфи изофаи «барои» омадааст:

Ман ин меҳнатро дармоне андешидаам (406).

Дар ҷумлаи зер «-ро» ба маънои ҳарфи изофаи «аз» омадааст:

Ҷуфтро истидоъ кард (243).

2.Бандакҳои феълӣ, шиноса ё ниҳоди пайваста

Шиноса ё бандаки феълӣ ҷузъе аз феъл аст, ки шахси феълро мушаххас мекунад ва ба интиҳои он изофа мешавад ва номи дигари он ниҳоди пайваста аст ва ба ин далел, ки ғайриқобили ҳазф шудан аст, ниҳоди иҷборӣ ҳам номида мешавад, монанди:

Шабонгоҳӣ он ҷо расиданд (215)

Касе ба наздики ӯ фиристам (98)

Шиносаро ниҳоди пайваста ё ниҳоди иҷборӣ мегӯянд, зеро ҳамеша ҳамроҳи феъл аст, мисол:

Қавли носеҳ ба дурустӣ ва тезӣ мардуд нагардад (97)

Моҳиён ин сухан бишнуданд (92)

Шиноса дар забони форсӣ шаш навъ аст:

1. «-ам», ки шиносаи аввалшахси муфрад аст ва дар «Калила ва Димна» бисёр ба кор рафта, монанди:

Ин ҳол бо ӯ бигӯям (98)

Дар рӯи замин ӯро назире намедонам (390)

Маликро насиҳате кардам (133)

2. «-и», ки шиносаи дуввумшахси муфрад аст ва дар «Калила ва Димна» камтар аз шиносаи аввалшахси муфрад ба кор рафтааст, монанди:

Ҳар оина рӯзе пушаймон гардӣ (403)

Дар кори мо чи савоб бинӣ (83)

Онро бардорӣ (85)

3. «-ад», ки шиносаи саввумшахси муфрад аст ва дар «Калила ва Димна» корбурди фаровоне надорад, зеро дар феълҳои саввумшахси муфрад, ки замони мозии сода ҳастанд, маъмулан бандак намеояд, аммо дар феълҳои саввумшахси муфрад, ки замони ҳол ё музореъ доранд бандак ё шиноса ба кор рафтааст, монанди:

Имрӯз натиҷаи зуҳди ту дар ҷонҳо зоҳир мегардад (338)

То домани қиёмат аз таваллуд ва таносули эшон муъмин ва муъмина бизояд (13)

Муддати давлат ва таматтӯи неъмат ба дунё, эшонро андак даст диҳад (380)

Дар бисёре аз феълҳои саввумшахси муфрад, ки замони мозии сода ҳастанд, бандак ё ниҳоди пайваста «-ад» ба кор намеравад. Дар дастури забони эронӣ ба шиносаи ин феъл, ки дар он пинҳон аст шиносаи туҳӣ ё таквожи сифр гуфта мешавад. Ин навъ шиноса ё бандак дар «Калила ва Димна» ба далели достоне будани он бисёр пуркорбурд аст. Монанди:

Зоҳид узр хост (171)

Сӯи чашма рафт (205)

Тушаи роҳи уқбо (охират) ба тавбат ва инобат месохт (240)

4. «-ем», ки шиносаи аввалшахси ҷамъ аст ва дар бархе аз ҷумлаҳои «Калила ва Димна» ба кор рафтааст, монанди:

Қозӣ аз ӯ одилтар нахоҳем ёфт (206)

Ногоҳ аз роҳгузарон осебе ёбем (169)

5. «-ед», ки дар феъли дуввумшахси ҷамъ ба кор меравад ва дар «Калила ва Димна» корбурди зиёде надорад, мисол:

Шумо ҳанӯз дар такопӯй бошед (136)

Ин мавоизро ба самъи хирад истимоъ намоед (бишнавед) (310)

6. «-анд», ки шиносаи саввумшахси ҷамъ аст ва ба далели достони будани «Калила ва Димна» дар он бисёр ба кор рафтааст, монанди:

Ҷумла наздики шер рафтанд (86)

Малик ва ҷумлагӣ онро писандида доштанд (37)

Ҳамроҳони ман дар касб мекӯшиданд (444)

3- пайвандак

Ҳарфи рабти (атф) «ва»: ин ҳарф байни ду вожа меояд ва он ду вожаро дар як нақш нишон медиҳад. Ба ин навъ ҳарф, ҳарфи рабти сода ё ҳарфи атф гуфта мешавад. Дар забони форсии тоҷикӣ ба ин ҳарф, пайвандаки пайвасткунанда мегӯянд. Ин ҳарф агар пас аз ниҳод биёяд ба калимаи баъд аз худ низ нақши ниҳод ё мубтадо медиҳад, монанди:

Нотавонии зан ва парешонии ҳол, маро муттафакир мегардонад (249)

Дар ин ҷумла «парешонии ҳол», ки пас аз пайвандаки пайвасткунандаи «ва» омадааст, нақши мубтадо ё ниҳод гирифтааст. Ин ҳарф агар пас аз пуркунандаи бевосита биёяд калимаи пас аз худро дар нақши пуркунандаи бевосита нишон медиҳад, монанди:

Бад-ин мисол ин банда ва бандазодаро ташрифи ҳарчи бузургтар ва тарбияти ҳарчи тамомтар буд (27)

Дар ин ҷумла калимаи «бандазода» ба воситаи ҳарфи «ва» нақши пуркунандаи бевоситаи ё пуркунандаи бевосита гирифтааст.

Дар ҷумлаи зер ҳарфи «ва» пас аз ҳол омада ва калимаи пас аз худро дар нақши ҳол овардааст:

Эман ва фориғ ба маҷлиси малик барем (352)

Дар ҷумлаи зер ҳарфи «ва» боис шудааст, ки калимаи пас аз он нақши изофӣ бигирад.

Дар таҳрири (баёни) шукр ва узр ифрот намуд (404)

Дар баъзе аз ҷумлаҳо низ ҳарфи «ва» боис шудааст, ки калимаи пас аз он нақши изофаи тавсифӣ ё сифат бигирад, монанди:

Ҷавоби некӯ ва ба вақҳ (ба ҷо) гуфт (413)

Дар ҷумлаи зер низ чанд ҳарфи «ва» калимаи пас аз худро нақши пуркунанда ё пуркунандаи бавоситаи қайдӣ додааст, монанди:

Ин маҷмӯъ ба наздики дӯсту душман ва мусалмону мушрик мақбул бошад (422)

Дар бархе ҷумлаҳо омадани «ва» боис шудааст, ки калимаи пас аз он нақши хабари номӣ ё хабари номӣ бигирад, монанди:

Муддати дароз бар даргоҳи ман ранҷур ва маҳҷур будааст (72)

Ҳуруфи рабти «ё»:

Ҳуруфи рабти «ё» дар «Калила ва димна» ба кор нарафтааст, аммо дар адабиёти ҷадид ва имрӯза

бисёр ба кор меравад:

Меравӣ ё мемонӣ?

Ҳуруфи рабти «аммо»:

Ҳуруфи рабти «аммо» низ дар «Калила ва димна» ба кор нарафтааст, аммо дар адабиёти ҷадид ва имрӯза мавриди истеъмол қарор гирифтааст:

Омад аммо намонд.

4.Бандаки изофи «нақшнамои изофа»

Яке аз пуркорбурдтарин нишонаҳое, ки дар таъини нақши наҳви таъсир дорад, нишона ё бандаки изофӣ аст, ки дар дастури забони эронӣ нақшнамои изофа номида мешавад, монанди:

Яке писари маликро додӣ (284)

Ногаҳон зани тавонгаре бар вай гузашт (412)

Дар кори мо чи савоб бинӣ (83)

Бандаки изофа ё нақшнамои изофа, замоне, ки дар ҷумлае ба кор меравад, калимаи пас аз худро ё нақши муайянкунандаи тавсифӣ мебахшад ё нақши муайянкунандаи милкӣ, ки дар дастури забони эрон ба он музофунилайҳ мегӯянд.

Дар бисёре аз ҷумлаҳои содаи «Калила ва Димна» бандаки ё нақшнамои изофӣ таркиби васфӣ ё мавсуфу сифат сохтааст, монанди:

Он зан канизакони бекора дошт (75)

Такя бар устухонҳои пӯсида карда (48)

Зиндаро аз дониш ва кирдори нек чора нест (40)

Дар бисёре аз ҷумла ҷои содаи «Калила ва Димна» омадани ин нишона боиси ба вуҷуд омадани таркиби изофӣ ё ҳамон музоф ва музофунилайҳ гардидааст, монанди:

Фармони ӯ нигоҳ доштанд (159)

Зиндагонии малик дароз бод (284)

Сухани эшон бишнид (352).

Дар бисёре аз ҷумлаҳои сода беш аз як нишонаи изофа ба кор рафтааст, масалан дар ҷумлаи содаи зер ду нишонаи изофа ба кор рафта, ки корбурди ин нишона як мавсуф ва сифат ва пас аз он як музоф ва музофунилайҳ сохтааст (бародари меҳтар) (бародари эшон):

Бародари меҳтари эшон рӯй ба тиҷорат овард (60).

Аммо дар ҷумлаи зер ду нишонаи «-и» боис шудааст, ки ду таркиби изофа, яъне ду музоф ва музофунилайҳ дар ҷумла оварда шавад (зикри фикрат) (фикрати малик):

Дар ҷумла, зикри фикрати малик шоеъ шуд (362)

Дар ҷумлаи зер нишонаи изофа ду таркиби васфӣ, яъне ду мавсуфу сифатро дар канори ҳам қарор додааст (уштури дарозгардан) (уштури кашидаболо)

Ин фусул бо уштури дарозгардани кашидаболо бигуфтанд (108)

Дар ҷумлаи зер нишонаи изофӣ се таркиби изофӣ ё се музоф ё музофунилайҳ ба вуҷуд овардааст (қабули узр) (узри арбоб):

Дар мазҳаби хирад қабули узри арбоби ҳиқди маҳзур аст (292)

Дар ҷумлаи зер низ се таркиби васфӣ, яъне се мавсуф ва сифат ба воситаи омадани нишонаи изофа дар ҷумлаи сода ба кор рафтааст (сипеҳри кужпушт, сипеҳри шухчашм, сипеҳри рӯзкӯр):

Ин сипеҳри кужпушти шухчашми рӯзкӯр аст (192)

Дар баъзе аз ҷумлаҳо замоне, ки нишонаи изофа ба калима изофа шудааст, барои он ки битавон калимаро ба дурустӣ хонд бояд ба охири он илова бар бандаки изофа, «-йе» ҳам афзуд, масалан дар ҷумлаҳои зер ба ин иллат, ки ҳарфи поёнии мавсуф ё музоф «о» мебошад, ҳатман бояд байни мавсуфу сифат ё музоф ва музофунилайҳ ҳарфи «-йе» қарор бигирад:

Такя бар устухонҳои пусида карда (48)

Ҳар ду даҳоии (зиракӣ) тамом доштанд (61)

Ҳикояти маликзода ва ҷафоҳои хеш ҳама бозронд (413)

Дар ҷумлаҳои содаи «Калила ва Димна» нишонаи изофа, анвои таркибҳои изофиро сохтанд, ки аз ҷумла метавон ба изофаи милкӣ, изофаи ташбеҳӣ, изофаи истиорӣ ва ғайра ишора намуд:

Хиромидани ӯ дар чашми ман хуш омад (344)

Духтари амирро бикушт (404)

Дар бисёре аз ҷумлаҳои содаи «Калила ва Димна» нишонаи изофа, изофаи милкӣ сохтааст, монанди:

Ба хонаи ӯ рафт (412)

Ман аз уҳдаи ҳавли хеш берун меоям (113)

Дар баъзе ҷумлаҳо, нишонаи изофа боис шудааст, ки изофаи истиорӣ сохта шавад, монанди:

Ногоҳ дасти рӯзгори ғаддор рухсори ҳоли эшон бихарошид (111)

Дар ҷумлаи зер ба кор рафтани нишонаи изофа ду изофаи ташбеҳӣ сохтааст:

Боха (сангпушт) аз дарди фурқат ва сӯзи ҳичрат бинолид (111)

Анвои изофа:

1. Изофаи милкӣ:

Гоҳе музоф ва гоҳе ҳам музофунилайҳ колои қобили харид ва фурӯш ҳастанд ва баръакс, дигаре инсон аст ва имкони моликият дорад:

Боғи Ҳасан (музофунилайҳ молики музоф аст), соҳиби хона (музоф молики музофунилайҳ аст)

Дар ҷумлаи содаи зер аз «Калила ва Димна» таркиби изофии моли зоҳид ба далели он, ки мол қобили хариду фурӯш аст, изофаи милкӣ ба ҳисоб меояд:

Моли зоҳид ба сабаби халофи душманон мусаллам монд (215)

2. Изофаи ихтисосӣ (таҳсисӣ)

Музоф ба музофунилайҳ тааллуқ дорад ва махсуси музофунилайҳ аст, аммо ҷанбаи моликият надорад. изофаҳои роиҷ дар забони форсӣ аз ин гурӯҳ ҳастанд: чашми Аҳмад, дастаи сандалӣ, шохаи гул. Дар ин навъ изофа музоф мутааллиқ ба музофунилайҳ аст, аммо музофунилайҳ наметавонад музофро харид ва фурӯш намояд. Дар «Калила ва Димна» ин навъ изофа бисёр ба кор рафтааст:

Ногоҳ чашми зан бар пойи ӯ уфтод (219)

Мурид ишорати пирро пос дошт (225)

3. Изофаи баёнӣ (баёни ҷинс)

Музофунилайҳ ҷинси созандаи музофро баён мекунад. Ба ин изофа, изофаи ҷинсӣ ҳам мегӯянд:

Ангуштари тилло, косаи сафол, нигини фирӯза

Агар ба музофунилайҳи изофаи ҷинсӣ пасванди «-и» биафзоем, дигар изофа нестанд, балки табдил ба мавсуф ва сифат мешаванд, монанди: ангуштари тиллоӣ, косаи сафолӣ, нигини фирӯзаӣ

Ин навъ изофа дар ҷумлаҳои содаи «Калила ва Димна» вуҷуд надорад.

4. Изофаи тавзеҳӣ

Музоф ва музофунилайҳ ҳарду аз як ҷинс ҳастанд вале музоф исми ом ва музофунилайҳ исми хос мебошад:

Дарёи Хазар, ҷангали Амазон, китоби «Гулистон»

Дар ҷумлаи зер аз «Калила ва Димна» ба воситаи ба кор рафтани нишонаи изофа, изофаи тавзеҳӣ ба кор рафтааст:

Китоби «Калила ва Димна» понздаҳ боб аст (37)

5. Изофаи бунувват (фарзандӣ)

Музоф ё музофунилайҳ бо якдигар робитаи падару фарзандӣ ё модару фарзандӣ ё ҷад ва наве ва наводагӣ доранд: падари Алӣ, Рустами Достон, Ҳусайни Фотима

Дар ҷумлаи зер Абӯҷаъфар фарзанди Ҳорун аст ва изофаи бунувват сохта шудааст:

Амиралмуъминин Абӯҷаъфари Ҳорун ба Тартус ба мулки охират рафт (20)

6. Изофаи ташбеҳӣ

Байни музоф ва музофунилайҳ робитаи шабоҳат вуҷуд дорад. Дар ағлаби корбурдҳои ин изофа ҷои ду калима иваз мешавад:

Лаби лаъл мусовии лаъли лаб, гесӯйи каманд мусовии каманди гесӯ, абрӯйи камон, мусовии камонабрӯ

Дар ҷумлаи содаи зер ду изофаи ташбеҳӣ вуҷуд дорад (биёбони тараддуд, биёбони ғайрат):

Бо ин фикрат дар биёбони тараддуд ва ғайрат якчанде бигаштам (48)

7. Изофаи истиорӣ

Ҳар гоҳ музоф аз калимаи дигаре гирифта шуда ва ба музофунилайҳ нисбат дода шавад ва дар маънии аслии худаш набошад, балки мафҳуми маҷозӣ дорад ва навъи робитаи шабоҳат бидуни зикри мушаббаҳунбеҳ дар он вуҷуд дорад, мегӯем изофаи истиорӣ аст. Дар изофаи истиорӣ музофунилайҳ асл аст, монанди:

Дасти рӯзгор (қудрати рӯзгор), чанголи марг (хунхор будани марг), хандаи гул (шукуфтани гул)

Дар ҷумлаи зер аз «Калила ва Димна» дӯстии дунё изофаи истиорӣ аст ва дар мушаббаҳунбеҳ, ки инсон аст ҳазф гардида:

Аз изоӣ (озор) мардумон ва дӯстии дунё ва ҷодуӣ ва дигар мункарот парҳез воҷиб дидам (51)

8. Изофаи истиронӣ

Вақте ки байни музоф ва музофунилайҳ робитаи ҳамроҳӣ, чигунагии анҷоми кор ё баёни иллат ё пазируфтани як ҳолат бошад изофаи истиронӣ ба вуҷуд меояд. ҳар изофаи истиронӣ дорои чаҳор вижагӣ мебошад:

1. Музоф ҷанбаи киноявӣ дорад ва ҷузъе аз феъли ҷумла аст
2. Музофунилайҳ яке аз вижагиҳо ё корҳои хубу бади инсон мебошад
3. Бандаки изофа ба маънои «ҳамроҳ бо», «аз рӯй», «ба қасде» ё «дар маъное» ба кор меравад.
4. Музофунилайҳро метавон аз музоф ҷудо кард ва ба он ҳолати қайди ё ҳол бахшид.

Масалан, дар ҷумлаи зер даст баланд кардан ба маънои машғули дуо шудан ва инобат ба маънои тавба кардан аз аъмоли мусбат аст. Дар ин ҷо бандаки изофӣ ба маънии «аз рӯйӣ» ва «ба қасди» ба кор рафтааст:

Дасти инобат ба даргоҳи Худованд баланд кард

Дар ҷумлаҳое соддаи зер аз «Калила ва Димна» чашми ибрат ва ангушти маломат, изофаи ихтиронӣ ҳастам:

Худ ба чашми ибрат дар саҳв ва ғафлати эшон менигарист (84)

Он гаҳ ангушти маломат бигазид (21)

А Д А Б И Ё Т

1. Анварӣ Ҳасан. Дастури забони форсӣ/ Анварӣ Ҳасан, Гивӣ Аҳмад. Анварӣ Ҳасан, Гивӣ Аҳмад.- Теҳрон,1367 шамсӣ. – С. 356.
2. Деҳхудо Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо/ Деҳхудо Алиакбар.- Теҳрон, 1325-1361.- Ҷ.19. –С.1000.
3. Парвиз Нотил Хонларӣ. Дастури забони форсӣ/ Парвиз Нотил Хонларӣ.- Теҳрон, 1363.- С.367.
4. Грамматикаи забони тоҷикӣ (китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ).- Душанбе, 1963.- С.182.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, Ҷ.2.1987.- С.223.
6. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор/ Хоҷа Ҳасани Нисорӣ.-Душанбе, 1998.-С.116.
7. Забон- рукни тоат// Маҷмӯаи мақолаҳо.- Душанбе, 2008.- С.360.
8. Хаёмпур А. Дастури забони форсӣ/ А.Хаёмпур -Табрез, 1388.- С.192.
9. Шариат Муҳаммадҷавод. Дастури забони форсӣ/ Шариат Муҳаммадҷавод.-Теҳрон,1371.- С.459.

СПОСОБЫ СИНТАКСИЧЕСКОЙ СВЯЗИ ПРОСТЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ПРОИЗВЕДЕНИИ «КАЛИЛА И ДИМНА» НАСРУЛЛО МУНШИ

Данная статья рассматривает способы синтаксической связи простых предложений в поэме «Калила и Димна» Насрулло Мунши, где изучаются основные особенности различных значений простых предложений в данном произведении. . Наряду с этим, посредством изучения предложений в поэме «Калила и Димна» и их структуры, можно получить представление о языковой культуре и особенностях того времени. Изучение построения простых предложений в поэме «Калила и Димна», знакомит с величайшими и ценнейшими историческими памятниками персидско-таджикской и мировой литературы и дает превосходную возможность лучше и глубже воспринять структуру других литературных памятников.

Ключевые слова: способы синтаксической связи, простые предложения, изучение построения простых предложений в поэме «Калила и Димна».

METHODS OF SYNTACTIC RELATIONS OF SIMPLE SENTENCES IN THE WORK «KALILA AND DIMNA» NASRULLO MUNSHI

This article discusses the methods syntactic relations of simple sentences in the poem «Kalila and Dimna» Nasrullo Munshi, where all the main features of the different values of simple sentences in this work. . Along with this, by the study of the proposals in the poem «Kalila and Dimna» and their patterns, you can get an idea about the language, culture and peculiarities of that time. The study construct simple sentences in the poem «Kalila and Dimna»acquaints us with the greatest and the most important historical monuments of Persian / Tajik and world literature and provides an excellent opportunity for a better and deeper to perceive the structure of other literary monuments.

Key words: methods of syntactic relations, simple sentences, study construct simple sentences in the poem «Kalila and Dimna».

Сведения об авторе: ***Джафар Рудсароби*** - соискатель Таджикского национального университета

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ САВТИЁТ ДАР «МАТЛАЪ-УЛ-УЛУМ ВА МАҶМАЪ-УЛ-ФУНУН» - И ВОҶИДАЛИХОНИ МУҶМАЛӢ

О. Додаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Илми савтиёт ё ба истилоҳи умумӣ фонетика яке аз бахшҳои умдаи илми забоншиносӣ ба шумор меравад, зеро калима, ки дар ташкили ибораву ҷумлаҳо нақши муҳимро мебозад, аз овозҳо ё худ ҳуруф иборат аст. Аз ин рӯ, олимон чӣ дар гузашта ва чӣ имрӯз ба омӯзиши махраҷи ҳуруф ва нақши грамматикии онҳо аҳамияти ҷиддӣ додаанд. Ҳарчанд ки Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ (100 – 175 ҳ.)дар забони арабӣ ва Абӯалӣ ибни Сино дар забони форсии тоҷикӣ оид ба мохорич ҳуруф қадамҳои нахустинро гузоштаанд, вале аз ҷониби олимони баъдина вазифаи грамматикии онҳо низ муайян карда шуда, аз рӯйи таъсирашон ба калимаву ибора ва нақши онҳо дар матн ба гурӯҳҳои махсус ҷудо гардида, номгузорӣ шудаанд.

Ба ҳама маълум аст, ки «ал - Кофия»-и Ибни Ҳоҷиб яке аз китобҳое маҳсуб мешавад, ки донишмандон шарҳҳои зиёде ба он навиштаанд. Яке аз ҳамин шуруҳе, ки воқеан арзиши гарон дорад, бо номи «Таҳрири санбат» машҳур ва маъруф аст, ба қалами Муҳаммад Шуайб тааллуқ дорад. Муаллифи «Таҳрири санбат» ҳарфҳоро дар мабҳаси ҳарф ба сездаҳ навъ ҷудо мекунад, ки иборатанд аз: ҳуруф-ул-ҷар, ал-ҳуруф ал-мушаббаҳа би-л-феъл, ал-ҳуруф-ул-отифа, ҳуруф-ут-тасния, ҳуруф-ун-нидо, ҳуруф-ул-иҷоб, ҳарфо ат-тафсир, ҳуруф-ул-масдар, ҳуруф-ут-тахсис, ҳарф-ут-таваққӯъ, ҳарфо ал-истифҳом, ҳуруф-уш-шарт, ҳарф-ур-радъ [10, 302-317].

Ҳамчунон ки аз тақсимбандии Муҳаммад Шуайб бармеояд, боз як бори дигар муайян карда мешавад, ки ҳуруф дар грамматикаи ҳама намуди забон нақши муҳим мебозад. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки мавзӯи таҳқиқи мо, ки ба масъалаҳои савтиёт дар «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун» -и Воҷидалихони Муҷмалӣ вобастагӣ дорад, ба шарҳи муфассали ҳуруфи фавқуззикр напардохтем.

Албатта, то таълифи «Матлаъ-ул -улум ва маҷмаъ-ул - фунун» - и Воҷидалии Муҷмалӣ якчанд асарҳои пуразришеро ном бурдан мумкин аст, ки оид ба масъалаҳои савтиёт маълумот додаанд.Масалан, «Китоб-ул-мусиқӣ» - и Форобӣ, «Махориҷ-ул-ҳуруф» - и Ибни Сино, «Меъёр-ул-ашъор» - и Насируддини Тусӣ, «ал-Муъҷам» - и Шамси Қайси Розӣ, «Чаҳор гулзор» -и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва ғ.

Маълум аст, ки баъди зуҳури дини мубини ислом ва китобат шудани «Қуръон» - и карим барои саҳеҳ хондани ояҳои «Қуръон» ва аҳодиси набавӣ мактабҳои забоншиносии Басра ва Куфа пайдо мешаванд, ки дар натиҷа чандин дастурҳои таълимӣ ба вуҷуд меояд.

Мувофиқи шаҳодати баъзе сарчашмаҳо гӯё Абӯасвад ад-Дуалӣ дар гуфтори духтараш хатоӣ мушоҳида мекунад, ба назди ҳазрати Алӣ ибни Абутолиб (р) ташриф оварда, арз мекунад, ки коре бояд кард, ки мардум ояҳои «Қуръон»-и карим ва аҳодисро дуруст хонанд.

Дар натиҷаи шаклгирии филологияи араб ва густаришу табодули афкори забоншиносии намояндагони ҳамин ду мактаб намояндаи мактаби забоншиносии Басра Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ китобе бо номи «Китоб-ул-айн» таълиф менамояд, ки аввалин шуда дар забони арабӣ хусусиятҳои махраҷии ҳарфҳоро муайян менамояд. Масалан, ӯ ҳарфҳоро аз рӯйи махраҷашон ба нуҳ навъ ҷудо менамояд:

1) ҳамсадоҳои ҳалқӣ; 2) забончагӣ; 3) забонӣ; 4) каноризабонӣ; 5) комузабонӣ; 6) забонукомӣ; 7) нӯгизабону дандонӣ; 8) нӯгизабонукомӣ 10) лабӣ [11, 13-14].

Аммо аввалин касе, ки сирф ба омӯзиш ва муайянкунии мохориҷи ҳуруфи арабиасоси форсии тоҷикӣ пардохтааст, Абӯалӣ ибни Сино мебошад. Суоле ба миён меояд, ки илми савтиёт дар асрҳои миёна ҳамчун илми мустақил омӯхта мешудааст ё дар дохили дигар илмҳо? Андешаи забоншиноси варзидаи тоҷик профессор Д. Хоҷаев метавонад ҷавоби муфиде ба ин савол бошад. Гумони ғолиб он аст, ки илми ҳуруф ё савтиёт дар гузашта дар ҳайати илмҳои арӯз ва қофия омӯхта мешудааст.

Дар аксари рисолаҳое, ки дар бораи илми сегонаи адабӣ навишта шудаанд, муаллифон дар онҳо, пеш аз ҳама оид ба ҳуруф, ному хели онҳо ва саҳмашон дар сохтмони шеър маълумот додаанд, - қайд меномояд профессор Д. Хоҷаев. Сипас, фикрашро идома дода, мегӯяд: «Илми арӯз бо илми забоншиносӣ, махсусан бахши фонетика, иштиқоқ, наҳв алоқаи қавӣ дорад, зеро арӯз, ки ба каломи мавзун сари кор дорад, дар ташкили воҳидҳои ин навъи калом, воҳидҳои сатҳҳои гуногуни забон, мисли овоз, ҳиҷо, калима, ибораю ҷумла бевосита иштирок мекунанд. Аз ин ҷост, ки ин ду илмро аз ҳам ҷудо тасаввур кардан мумкин нест» [6, 15].

Дарвоқеъ, ҳамчунон ки забоншиноси мумтоз профессор Д. Хоҷаев таъкид менамояд, бахши фонетика дар гузашта дар дохили илми арӯзу қофия омӯхта мешудааст. Барои исботи ин фикр метавонем, мисолҳои зиёд орем, масалан донишманди асри миёнаи форсу тоҷик Насируддини Тусӣ дар асари волоарзиши худ дар фасли аввали «Меъёр-ул-ашъор» «Дар ишорат ба аҷзои аввали шеър ва он **ҳуруф** ва ҳаракот аст» ном дорад, пеш аз он ки оид ба масъалаҳои дигари шеър, аз қабили баҳрҳо, рукнҳо ва даврaҳо пардозад, нахуст ба хусусиятҳо ва баёни номи ҳаруфу ҳаракатҳо пардохтааст. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар гузашта муайян кардани хусусиятҳои овозӣ ва нақши ҳарфҳо дар дохили калима, ибора ва ҷумлаҳо дар мади назари донишмандони улуми лисонию адабӣ қарор доштааст.

Дар ҳамин фасле, ки дар боло ишора кардем, Хоҷа Насируддини Тӯсӣ оид ба вижагиҳои садодорию бесадоии ҳуруф изҳори ақида намуда, чунин гуфтааст: «Ва чун таҳқиқи ҳуруфи мутаҳаррик ва сокин карда шуд, гӯем: дар забони арабӣ ҳуруфи мусаммат (ҳамсадо – Д. О.) бисту ҳашт аст ва ҳуруфи мусавват (садонок – Д. О.) шаш: се мақсур (кӯтоҳ), ки онро «ҳаракоти сегона» (фатҳа, касра, замма – Д. О.) ва аз ҳуруф намешумуранд (яъне ҳамчу ҳарф ба ҷумлаи алифбо дохил намешаванд – Д. О.) ва се мамдуд (дароз), ки онро ҳарфи мад(д) хонанд. Ва дар порсии дарӣ аз ҷумлаи бистуҳаштгонаи мусаммат ҳашт ҳарф соқит (берун – Д. О.) ва он: «со» («со» - и мусаллас – Д. О.) ва «ҳо» («ҳо» - и ҳутӣ – Д. О.) ва «сод» ва «зод» ва «то» («то» - и бенуқта (итқӣ) – Д. О.) ва «зо» («зо» - и муъҷама (изғӣ) – Д. О.) ва «айн» ва «қоф» аст. Ва панҷ ҳарфи мусаммати дигар дар ин луғат зиёдат шавад ва он: «по» ва «чим» ва «жо» ва «фо» ва «гоф»аст» [2, 20].

Ҳамчунон ки дар шарҳи Насируддини Тӯсӣ мушоҳида мешавад, ҳамин усул дар дигар дастурҳо, умуман дар низоми дастури форсии тоҷикӣ идома меёбад. Масалан, дастури таълимие, ки махсус барои мубтадиён бо номи «Чаҳор гулзор» маъруф аст ва ба қалами донишманди шаҳири тоҷик Хоҷа Ҳасани Нисорӣ тааллуқ дорад, оид ба ҳарфҳое, ки хоси форсии тоҷикӣ нестанд, муаллиф изҳори назар намуда, ин андешаи худро ба ин қитъаи Шарофиддин Алӣ тақвият медиҳад:

Ҳашт ҳарф аст, ки андар порсӣ н-ояд ҳаме,
То наёмӯзӣ, набошӣ андар ин маънӣ маоф.
Бишнав аз ман то кадом аст он ҳуруфу ёд гир:
«Со» - ву «ҳо» - ву «сод» - у «зод» - у «то» - ву «зо» - ву «қоф» «ъайн» - у [6, 63].

Дар мавриди он ки ин ҳашт ҳарф хоси форсию тоҷикӣ намебошад, забоншиноси муосири эронӣ Муҳаммад Ҷаводи Шариат чунин ақида дорад: «Бад-он гуна, ки мегӯянд дар забони форсӣ ҳашт ҳарфи арабӣ ворид шудааст, ки иборатанд аз: «со», «ҳо», «сод», «зод», «то», «зо», «ъайн», «қоф», яъне калимае, ки яке аз ин ҳуруфро дошта бошад, он калима арабӣ аст. Аммо ин сухан дуруст нест, зеро нахуст, он ки бисёре аз калимоти форсӣ ҳастанд, ки дар онҳо як ё ду ҳарф аз ин ҳуруф вуҷуд дорад, монанди: Таҳмурас ва Каюмарс ва Исфаҳон» [9, 9]. Ҳамаи ин мисолҳое, ки оварда шуд, дар китобат ба алифбои арабиасоси форсии тоҷикӣ аён мегардад.

Бояд гуфт, ки дар забони форсии тоҷикӣ чунин ҳарфҳо дида шавад ҳам, аз рӯйи махраҷ чун забони арабӣ талаффуз карда намешаванд.

Масоили марбути фонетика (савтиёт) дар «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун» дар боби аввал тасвир ёфтааст. Чунончи: боби аввал – «Дар баёни муфрадот ва мураккаботи ҳуруфи таҳаҷҷӣ ва тасрифи масодири форсӣ» ном дорад. Дар ин боб муаллиф дар иртибот бо таълими ҳуруф дар макотиби замонааш аз боби махсусиятҳои овозҳои нутқ суҳбат кардааст.

Воҷидалихон пеш аз тасвири ҳуруф бо ҳаракатҳои сегона (фатҳа, касра, замма) як муқаддимаи мухтасареро зарур дониста, чунин таъкид кардааст: «Муаллимро бояд, ки ҳар гоҳ мутааллимро ҳуруфи таҳаҷҷии форсӣ таълим кунад, ҳуруфи таҳаҷҷии арабӣ низ, ки ба сафҳаи муқобил мундариҷ аст, маа мураккаботи он таълим кунад, ки ба ҷиҳати хондани Каломи Маҷид муфид аст ва қавме, ки каломи Аллоҳ

бихонанд, онҳоро ёд диҳонидани он холӣ аз манофеъ нест, то ба хондани кутуби матбуа, ки иборати форсӣ ва хати арабӣ дошта бошад, маъзур набошад» (1, 6).

Пас аз ин муқаддима тамоми ҳуруфи забони форсии тоҷикиро вобаста ба хатти арабӣ бо ҳаракати сегона ва танвин меорад.

Бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки муаллиф баъд аз анҷоми тасвири ҳуруф вобаста ба ҳаракати сегона ва танвин оид ба ҳодисаи ташдид чунин мулоҳиза меронад: «Маълум бод, ки ташдид дар форсӣ мушаддад хонда шавад ба тариқи шумор ва нодир аст ва дар арабӣ истеъмоли ташдид аст, чун аксар алфози арабӣ дар форсӣ шомил аст, форсихононро аз таркиби лафзи мушаддад воқиф шудан зарур аст, лиҳозо навишта мешавад» [1, 7].

Пас аз ин Воҷидалихони Муҷмалӣ ҳама ҳарфҳоро бо ишораи ташдид меорад. Ҳамчунон ки муаллиф дар муқаддима таъкид карда буд, пас аз ҳуруфи муфрадоти форсӣ ҳуруфи муфрадоти арабиро низ меорад, фарқ дар ин аст, ки ҳарфҳои забони форсии тоҷикӣ 32 адад, аммо арабӣ 28 аст (дар алифбои тоҷикӣ 4 ҳарф: п, ч, ж, г) илова мешавад.

Пас аз ин таъкид мекунад: «Муаллимро бояд, ки ин ҳама алфози муфассилаи зайл мутааллимро бо маъно ёд диҳонад ва ҳиҷои онро маа маъонии хуб ҳифз гардонад» [1, 8].

Дар ҳамин маълумоти фишурда муаллиф муҳимтарин ҷиҳатҳои бахши фонетикаро таъкиду ёдрас шудааст. Алалхусус, дар забони форсии тоҷикӣ мустаъмалу роиҷ набудани ҳодисаи ташдидро таъкид кардани муаллиф хеле муҳим аст.

Дар фароварди ин бахш Воҷидалии Муҷмалӣ ба ҳодисаи фонетикии бадалшавии овозҳо (ба таъбири ӯ бадали ҳуруф) дахл намудааст.

1. Табдили «о» ба «д»: бо ин – бад-ин;2) табдили «а» ба «ё»: армуғон – ёрмуғон;3) табдили «б» ба «в»: хоб – хов; 4) табдили «п» ба «ф»: сапед – сафед, пил – фил; 5) табдили «ҷ» ба «з»: кач – каз; 6) табдили «ҷ» ба «ш»: коҷ – кош; 7) табдили «ҷ» ба «г»: ҷавҳар – гавҳар; 8) табдили «ч» ба «з»: пичишк – пизишк; 9) табдили «ҷ» ба «к»: вазоҷ-вазок; 10) табдили «х» ба «з»: сӯхт-сӯз, дӯхт – дуз; 11) табдили «д» ба «т»: дароҷ - тароҷ, кадхудо – катхудо; 12) табдили «з» ба «д»: устоз-устод, кофаз – коғад; 13) табдили «р» ба «л»: нилуфар-нилуфал, сур-сул; 14) табдили «з» ба «ҷ»: газ – гаҷ; 15) табдили «з» ба «е»: айёз – айёс; 16) табдили «з» ба «ғ»: гурез – гуреғ; 17) табдили «с» ба «ш»: фариста – фаришта; 18) табдили «с» ба «ҳ»: ҷастан-ҷаҳад, растан – раҳад; 19) табдили «ш» ба «ч»: гош – гоч; 20) табдили «ш» ба «с»: мушк – муск; 21) табдили «ғ» ба «к»: лағом – лаком; 22) табдили «ғ» ба «з»: кареғ – карез; 23) Табдили «ф» ба «в»: фом – вом; 24) табдили «қ» ба «к»: тарёқ – тарёк, далқ – далк; 25) Табдили «к» ба «х»: шомокча – шомохча; 26) Табдили «д» ба «п»: дом-пом.

Тавре ки аз баррасии ин ҳодисаи фонетикӣ маълум шуд, Воҷидалии Муҷмалӣ аз асосҳои дастури забони тоҷикӣ хуб огоҳ буда, дар мадди назар доштани онро зарур донистааст.

Дар ин бахши китоби «Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун» як маълумоти муҳимме, ки ба илми фонетикаю луғат иртибот дошта, барои таълими алифбои арабиасоси форсии тоҷикӣ дорои аҳамияти муҳим аст, баёни маънии ҳуруфи алифбои арабӣ аст. Воҷидалии Муҷмалӣ маънии ҳар як ҳарфро аз рӯйи тартиби алифбо ба чунин низом овардааст:«Алиф» ба маънои марди муҷаррад; «Ио» ба маънии марди касралҷамол; «То» ба маънии хамир ва «то» - и мусанно ва «то»-и фавқонӣ ва «то» - и карашат хонанд; «Со» дар луғат ба маънии нарм ва низ чашми захм ва «со» - и мусаллас хонанд; «Ҷим» ба маънии шутур ҳаст ва «ҷим» - и тозӣ хонанд; «Ҳо» ба маънии зани тавилқомат ва низ забон ва «ҳо» - и ҳуттӣ хонанд;«Хо» дар луғат ба маънии мӯйи гардан ва «хо» - и муъҷама гӯянд;«Дол» ба маънии зани фарбеҳ ва «дол» - и муҳмала хонанд; «Зол» ба маънии бонгидани хурӯс ва низ тоҷи хурӯс ва золи муъҷама хонанд; «Ро» ба маънии фарди кинаҷӯ ва низ ба маънии кафчаи хурд ва «ро» - и муҳмала гӯянд; «Зо» ба маънии марди бадхӯй ва марди бисёрхӯр ва «зо» - и муъҷама хонанд; «Син» дар луғат ба маънии фарбеҳ ва марде, ки бисёр сарфа кунад ва «син» - и муҳмала гӯянд; «Шин» дар луғат ба маънии марди даванда, билфатҳ зиштӣ ва айб ва билкаср марде, ки зани бисёр кунад ва «шин» - и муъҷама хонанд; «Сод» дар луғат ба маънои мурғест, ки ба хок мароға кунад ва «сод» - и муҳмала хонанд. «Зод» ба маънои хурӯсе, ки бар мокиён овоз кунад ва ба маънои хусумат ҳам омада, «зод»-и муъҷама хонанд;

«То» дар луғат ба маънои марди ҳарис ва касе, ки ба занон суҳбати бисёр кунад ва «то» - и муҳмала ва «то» - и ҳуттӣ хонанд;

«Зо» ба маънои зани бузургпистон ва низ пистони пиразан ва «зо» - и муъҷама гӯянд;

«Айн» ба маънии номи шутур ва чашмаи чашм ва офтоб ва зар ва «айн» - и муҳмала гӯянд;

«Фо» ба маънии забдалбаҳр ва гирдоб;

«Қоф» ба маънии тавонгар ва номи кӯҳ;

«Коф» ба маънии марди хашмнок ва «коф»-и тозӣ гӯянд;

«Лом» ба маънии шутур ва зар ва низ нишони сиёҳ, ки ба ҷиҳати дафъи чашми захм бар баногӯш ё бар пешонии тифлон кашанд;

«Мим» дар луғат маънии давот ва танаи дарахт ва номи шаҳре;

«Вов» ба маънии кӯҳони шутур ё ба маънии тапонча ба рӯйи кӯдак задан ё ба маънии ширест, ки баъди дӯшидан ё хӯрдани тифл дар пистон боқӣ монад.

Пас аз шарҳи маънии ҳарфҳо аз рӯйи тартиби ҳисоби абҷад рӯйхати онҳоро меорад, ки ба ин низом аст: а, б, ҷ, д, (абҷад) ҳ, в. з, (ҳаваз) х, т, йо, (ҳутӣ) к, л , м, н, (калиман) с, ъ, ф, с, (саъафас) қ, р, ш, т, (қарашат) с, х, з, (сахаз) з, з, ғ (зазағ).

Дар хотимаи ин фасл таъкид мекунад, ки ҳашт ҳарф ҳаст, ки хоси арабӣ буда, дар форсӣ мустаъмал нест.

Ин андеша дар «Меъёр –ул - ашъор» - и Насируддини Тусӣ ва «Чаҳор гулзор» - и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ низ дида мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Муҷмалӣ Воҷидалихон. Матлаъ-ул-улум ва маҷмаъ-ул-фунун / Муҷмалӣ Воҷидалихон – Нувалкушур, 1331, ҳ. – 442 с.
2. Насируддини Тӯсӣ. Меъёр-ул-ашъор / Насируддини Тӯсӣ – Душанбе, 1992. – 152 с.
3. Хоҷаев Д. Воҷидалии Муҷмалӣ ва асари ӯ «Матлаъ-ул-ъулум ва маҷмаъ-ул-фунун» / Д. Хоҷаев // Маърифати омӯзгор, №1, 1992. С. 8 – 9.
4. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор / Хоҷа Ҳасани Нисорӣ – Душанбе, 1998. – 116 с.
5. Хоҷаев Д. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ва афкори забоншиносии ӯ / Д. Хоҷаев – Душанбе, 2004. – 124 с.
6. Хоҷаев Д. Гуфтори накӯ куҳан нагардад / Д. Хоҷаев – Душанбе, 2011. – 229 с.
7. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X – XVI / Д. Хоҷаев – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. –343 с.
8. . Шариат Муҳаммад Ҷавод Дастури забони форсӣ / Шариат Муҳаммад Ҷавод – Теҳрон, 1371 ҳ. – 459 с.
9. Шамси Қайси Розӣ. ал-Муъҷам / Шамси Қайси Розӣ. – Душанбе, 1991. – 463 с.
10. Шуайб Муҳаммад. Таҳрири санбат маъа туҳфат-ил-ходимия / Шуайб Муҳаммад. – Пишовар – Покистон, бидуни соли нашр. – 317 с.
11. Яъқубов Тоҷиддин. Намояндагони шинохтаи мактабҳои забоншиносии араб / Яъқубов Тоҷиддин. – Душанбе, 2004. – 100 с.

НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ ФОНЕТИКИ В «МАТЛА-УЛ-УЛУМ И МАДЖМА-УЛ-ФУНУН» ВОДЖИДАЛИХАНА МУДЖМАЛИ

В данной статье автором рассмотрены некоторые вопросы фонетики в «Матлаъ-ул-улум и маъмаъ-ул-фунун» Воджидалихона Муджмали.

Ключевые слова: артикуляция звуков, звук фонетика, речь, «Матлаъ-ул-улум ва маъмаъ-ул-фунун» Воджидалихона Муджмали.

SOME OF THE ISSUES OF PHONETICS IN «MATL-ST-ULUM AND MAJMA-UL-FUNUN» MODIGLIANI MUJMAL

In the article the author considers some of the issues of phonetics in «Matlay-St-Ulum and Mamay-ul-funun» Modigliana Mujmal.

Key words: articulation of sounds, sound phonetics, speech, «Matlay-St-Ulum VA Mamay-ul-funun» Modigliana Mujmal.

Сведения об авторе: ***Додаров О.*** – соискатель ТНУ. Телефон: **(+992) 918 67 94 41**

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

НАЗАРЕ БА ЗИНДАГИНОМАИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Сироҷиддин Эмомалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳангоме ки ба ҳаёту фаъолият ва корномаи бархе аз шахсиятҳои барҷастаи фарҳангии асри ХХ–и тоҷик шинос мешавем, шоҳиди он мегардем, ки на танҳо тавассути осори безаволашон дар рушди адабиёти миллати хеш ҳиссагузор гардидаанд, балки бо роҳи тайкардаи эҷодӣ, рӯзгор ва зиндагиномаи худ дар дилу дидаи ин халқи фарҳангдӯст ҷой гирифта, бо гузашти солҳо ниёзи ҷомеаи тоҷикон ба шинохти ҳасби ҳоли онҳо афзудааст.

Шоҳиди ин гуфтаҳо рӯзгору осор ва китоби зиндагии Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода мебошад. «Муайян кардани ҳасби ҳол, рӯзгор ва саҳифаҳои зиндагии ӯ (С. Улуғзода – С. Э.), – қайд мекунад профессор Х. Асозода, – аз вазифаҳои умдаи илми адабиётшиносӣ мебошад. Осори эҷодкорро бидуни донистани роҳи тайкардаи вай, ки одатан аз нишебу фарозҳо иборат мебошад, ба таҳқиқ гирифтан амри муҳол аст» [1, 18].

Хушбахтона, солҳои охир, махсусан баъди ба даст омадани истиқлолияти кишвар дар адабиётшиносии тоҷик, омӯзиш ва муайян намудани роҳи тайкардаи адибони садаи ХХ аҳамияти хосса пайдо карда истодааст. Беҳуда нест, ки дар ин давра ҳаёт ва эҷодиёти устодон С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, Ҷ. Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Лоиқ Шералӣ мавриди баррасии ҷиддӣ қарор гирифтаанд. Махсусан, доир ба шахсият, рӯзгору осори С. Улуғзода мақолаҳои илмиву оммавӣ ва публитсистии зиёде рӯйи чоп омада, аз ҷумла муҳаққиқон Х. Шарифов, Х. Асозода, М. Исоматов, М. Раҷабӣ ва М. Наҷмиддинов рисолаву монографияҳо ва мақолаҳои алоҳида ба нашр расонидаанд.

Миёни адибоне, ки дар боло зикрашон кардем, устодон Айнӣ ва Улуғзода ба таъбири адабиётшинос А. Саъдуллоев, «Чанорҳои сершоху барг ва серсояеро мемонанд, ки онҳо ба таъриху тамаддуни асили миллат решапайвандии амиқ дошта, садсолаҳо, балки ҳазорсолаҳо бо эҷодиёташон мавриди таваҷҷуҳи хонандагону муҳаққиқон қарор мегиранд» [4, 5]. Дар ҳақиқат, С. Улуғзода дар қатори дигар адибони шинохтаву маъруфи адабиёти давраи нави тоҷик дар ҳаёти фарҳангии ин халқ хизмати бузургеро ба сомон расондааст. Мутаассифона, зиндагии Сотим Улуғзода баъди солҳои 60-уми асри ХХ ба душвориҳои зиёде рӯ ба рӯ гардид. Дар рӯзгори ин адиби номвар бисёр ҳодисаву воқеаҳо рух додаанд, ки сабаби ранҷиши хотир, озурдагиву нокомиҳо ва ранҷуриҳояш шудаанд. Сабаби асосии ин нокомиҳо дар зиндагӣ фирори ҷигарбандаш Азиз аз хоки собиқ Ҳукумати Шӯравӣ мебошад, ки соли 1967 дар Ҳиндустон дар сафорати Англия паноҳгоҳи сиёсӣ талаб намудааст.

Ба ҳамин иллат адибро аввалан, аз сафи Ҳизби Коммунист хориҷ намуданд, баъдан чопи осорашро боздошта, номашро аз барномаҳои таълимии мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олии ҷумҳурӣ бардоштанд ва талаб намуданд, ки аз баҳри фарзандаш гузарад ва ҳол он ки фирори сиёсии Азиз ба адиб ягон иртибот надоштааст. Баъди фавти С. Улуғзода мусоҳибаи рӯзноманигор Ҷумъахони Сайдалӣ бо Азиз Улуғзода ба табъ расид, ки дар он писари нависанда чунин изҳор намудааст: «Кореро, ки ман кардам, ба падарам ҳеҷ иртибот надорад. Вақте ки чунин тасмим гирифтам, бо ӯ маслиҳате накардам. Дар қарори қабулкардаам қатъӣ будам, падарам гуноҳе надорад» [5, 6].

Ибтидои солҳои 70–уми асри ХХ арафаи анҷумани VI Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд. Ба ин муносибат нашриёти «Ирфон» интишори албоми адабиеро ба нақша гирифт. Дар нашриёт масъалаи аз албоми адабии мазкур баровардани номи Сотим Улуғзода ба миён меояд. Он вақт раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон устод М. Турсунзода ба хашм омада гуфта буд: «Шумоён дар албоматон Улуғзодаро чоп накунед, киро чоп мекунед? Ӯро чоп кардан нахоҳед, Турсунзодаро ҳам чоп накунед» [3, 109]. Дар воқеъ чунин ҳолатҳои ноҳинҷор ба сари С. Улуғзода баъди фирори фарзандаш Азиз тез - тез рух медоданд.

Фаъолияти эҷодии Сотим Улуғзода мисли зиндагиномааш бою рангин ва пур аз нишебу фароз мебошад. Дар ҳақиқат, ӯ чеҳраест, ки баъд аз устод С. Айнӣ бо фаъолияти мутарҷимӣ ва ба воситаи офаридаҳояш дар соҳаи драматургия, нақди адабӣ ва асарҳои насрии баландпоя дар инкишофи адабиёти нимаи дуюми асри ХХ-и

тоҷик саҳми босазое гузоштааст. Аммо «Режими тоталитарӣ ба Сотим Улуғзода раҳму шафқат накард.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ӯ солиёни зиёд ба чопи асарҳояш имкон надошт, аз сафи Ҳизби Коммунист ронда шуд, ӯро ба ҷамъомадҳо даъват намекарданд, номашро ба рӯйхати мукофотгирандагон ворид намекарданд ва ғайра ва ҳоказо. Ин ҳама кӯшишҳои радди маърака намудани нависанда, драматург ва олими забардаст фақат як сабаб дошт – фирори писараш аз Иттифоқи Шӯравӣ, ҳарчанд ки Азиз дар он замон баркамол буду барои ҳар кирдораш худаш бояд ҷавоб мегуфт» [2, 3].

Лозим ба ёдоварист, ки аз соли 1929 фаъолияти мутарҷимӣ ва аз соли 1939 фаъолияти драматургии адиб хеле назаррас мебошад. Мутаассифона, ин самти фаъолияти нависанда низ бо иллати фирори фарзандаш муддате аз назарҳо дур мондааст.

Аввали солҳои 1970 дар бинои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон пленуми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон баргузор гардида буд, ки дар он масъалаи бурду бохт ва комёбиву норасиҳои соҳаи драматургияи тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифт. Дар маърӯзаҳои иштирокчиён оид ба фаъолияти драматургии устод Сотим Улуғзода сухане ҳам гуфта нашуд. «Ниҳоят, Ҷалол Икромӣ, - қайд мекунад М. Наҷмиддинов, - ки дар президиум менишаст, сухан гирифт ва назди минбар омада гуфт: «Сад афсӯс, ки аз эҷодиёти Улуғзода ҳамчун драматург дар маърӯза як сухан нашуд. Улуғзода бунёдгузор, поягузори мустаҳками драматургия ва киноссенарияи тоҷик аст. Магар мумкин аст ҳарф назадан дар бораи киноссенарияҳои «Қисмати шоир», «Ибни Сино» ва филмҳои он, ки дар кинофестивали мамлакатҳои Осиё ва Африқо дар Қоҳира мукофоти «Уқоби тиллоӣ» гирифтааст. Улуғзодаро аз сафи ҳизб ронданд, аз сафи нависандагӣ не. Ӯро аз касби драматургӣ ҳеҷ кас хориҷ накардааст. Сотимхон дар театр ва кинои тоҷик номи худро абадӣ сабт кунондааст. Чашмпӯшӣ ва замонасозӣ ба эбашу ҳадаш» [3,127]. Бешубҳа, Сотим Улуғзода ҳамчун драматурги касбӣ асарҳое ба вуҷуд овардааст, ки то кунун зеби саҳнаи театри тоҷик мебошанд.

Зарбазаниҳои сиёсатмадорон ба нависанда ба итмом нарасида буд, ки вазъи сиёсии ҷомеаи собиқ Ҳукумати Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ба куллӣ дигаргун шуд. Азбаски ҳамсари устод С. Улуғзода русзабон буд, вазъияти нооромии сиёсии пойтахти Тоҷикистон аввал ба оилаи ӯ таъсири худро расонид.

Моҳи феврали соли 1989 дар Тоҷикистон як навъ вазъияти ноҳинҷор ҳукмфармо гардид ва ин вазъият характери миллатчигиро касб намуд. Ба замми ин, соли 1991 давлати абарқудрати Шӯравӣ рӯ ба парокандагӣ овард ва ҷумҳуриҳое, ки тобеи идеологияи Ҳизби Коммунист буданд, соҳибистиқлол шуданд. Тоҷикистон низ дар қатори дигар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ истиқлолият ба даст овард. Ин солҳо вазъи саломатии С. Улуғзода низ чандон хуб набуд ва рафъи камбудии рӯзғорро завҷаи нависанда Любов Андреевна ба уҳда дошт.

Рӯзе баъди бозгашт аз бозор дар сари роҳе, ки Любов Андреевна сӯйи хона меомад, як гурӯҳ ҷавонони бетарбияти маҳалла ҳамсари адибро нашинохта, дашному ҳақоратҳои гӯшношунид медиҳанд ва «чаро ба Россияаш намеравад, дар маҳаллаи мо озодона гаштугузор мекунад ин зани рус» гуфта, таҳқир мекунанд. Баъди фирори фарзанд, таҳқири завҷааш аз ҷониби авбошон азоби рӯҳии нависандаро яке бар сад афзуд ва оқибат боиси фирори якумраи нависанда аз Тоҷикистони азизаш гардид.

Муҳаққиқони рӯзгору осори Улуғзода пуртоқатӣ, фурӯтанӣ, дурандешӣ, шиква накардан аз сахтиҳои басарашомадаи нависандаро ҳамеша таъкид менамоянд. Мутаассифона, ин дафъа ба он таҳқир нависанда таҳаммул карда натавонист. «Як вақт дар сари ин кӯча Фазлиддинро корд зада буданд ва оқибат аз зарби теғи онҳо ӯ мурд. Акнун ман ҳам (С. Улуғзода – С. Э.) дар ин кӯча гашта наметавонам, дилам аз ин ҷо ях барин шуд» [3,118]. Ҳамин тавр, аҳли оилаи Сотим Улуғзода баъди ин моҷаро ба шаҳри Маскав рахти сафар баст.

9–уми сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон истиқлолияти сиёсиву фарҳангӣ ба даст оварда, Ҷумҳурии Тоҷикистон ном гирифта, ҳамчун кишвари соҳибистиқлол эълон гардид. Аммо ин хурсандӣ дер давом накарда, дар ин кишвари азияткашида соли 1992 ҷанги шаҳрвандӣ оғоз ёфт, ки ба сари мардуми он хонавайрониву сарсониҳо овард.

Хушбахтона, сессияи XVI Шӯрои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, даъвати XII, ки аз 16. 11. 1992 то 02. 12. 1992 дар вилояти Суғд давом кард, халқи тоҷикро аз ин буҳрони шадиди сиёсӣ раҳоӣ бахшид.

Вазъи сиёсии кишвар бо сарварии раиси Шӯрои Олии ҳамонвақтаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Раҳмонов Эмомалӣ Шарифович оҳиста-оҳиста рӯ ба эътидол овард. Бар асари мулоқоту воҳӯриҳои пайдарпайи Сарвари давлат ва намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гурӯҳҳои мухолифини тоҷик 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Маскав созишномаи Оштии миллии тоҷикон барои барқарор намудани сулҳу салоҳ дар Тоҷикистон ба имзо расид.

Пӯшида нест, ки дар тамоми давраҳои таърихӣ ҳастии миллатро ба воситаи адабиёту фарҳанги он мешиносанд ва қадршиносӣ мекунанд. Ҳанӯз дар асрҳои IX-X баъди ба сари қудрат омадани шоҳони Сомонӣ дар Мовароуннаҳр ва Хуросон бо омезиши фарҳанги гузаштаву замони худ забону адабиёти наверо ба вуҷуд оварданд, ки сабаби пойдории фарҳанг ва бақои миллати тоҷик гардид. Яъне, асри X-ро бе муболиға метавон давраи тилоии инкишофи ҳамаи соҳаҳои адабу фарҳанги тоҷикон номид. Ҳамин падидаи некро истиқлолияти сиёсиву фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мардуми он файзёб гардонид.

Баъди ба эътидол омадани вазъи сиёсии кишвар таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон нисбат ба аҳли зиё пайваста дар амал тадбиқ мегардад. Маҳз ҳамин сиёсати маорифпарварона ва таваҷҷуҳи беандозаи Президентамон нисбат ба аҳли зиё буд, ки эшон моҳи майи соли 1995 ҳангоми вохурии сарони давлатҳои муштаракулманофеъ дар шаҳри Маскав ба шарафи 50–солагии Ғалаба бар Германияи фашистӣ фурсати муносиб ёфта, ба аёдати Сотим Улуғзода рафта буданд, ки таассуроти ин сафар чунин аст: «Домулло, ба Ватан баргардед, - қайд мекунад Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, - як шакароб хӯред, ҳама дардҳо рафъ мешаванд. Ман омадам, ки шуморо барам. Хонаву ҷоятон обод, духтурони беҳтаринро ба нигоҳубину табобати шумо вобаста мекунам». Ин лаҳза чашмони устод ашкрез гаштанд ва ҳаракати аз ҷо хестан намуданд. Устод Ватан мегуфтанду оби чашмонашон беист мерехт» [6, 3].

Ҳарчанд ки аёдату суханҳои заминию самимии Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Сотим Улуғзода таъсир расонда, лаҳзае ба адиб сабукӣ бахшида бошад ҳам, вале дурии чандсола аз ватану дӯстон кайҳо боз устодро беҳолу бемадор карда будааст.

Ҳамин тариқ, Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода фирори фарзанд, таҳқири ҷавонони пастфитрати бефарҳанг ва дурии ватанро таҳаммул накарда, 25-уми июни соли 1997 дур аз ёру диёр дар шаҳри Маскав аз олам гузашт. Ҷасади нависандаро бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вориди шаҳри Душанбе сохтанд ва мазори Лучоби шаҳри Душанбе манзили ҳамешагии Сотим Улуғзода қарор гирифт.

Пӯшида нест, ки таваҷҷуҳи Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба аҳли зиё пайваста дар амал татбиқ мешавад. «Мо аз таърихи начандон дури Ватанамон низ номи даҳҳо шахсиятҳоеро бо ифтихор ба забон оварда метавонем, ки ба нафъи миллати хеш хизмати фидокорона ва бузург кардаанд… бо назардошти хизмати шоёни нависандагони забардаст Сотим Улуғзода ва Ҷалол Икромӣ дар рушди адабиёти муосири тоҷик, ки ҷашни 100 - солагии онҳо дар назар аст, Вазорати фарҳанг, Академияи илмҳо, Иттифоқи нависандагон, Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон ва Ҳукумати шаҳри Душанбе дар бобати абадӣ гардонидани хотираи онҳо бояд тадбирҳо андешанд» [7, 1].

Маҳз ҳамин самимияти сарвари давлатамон буд, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28-уми декабри соли 2008, №594 Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода гузошта шуд.

Дар ҳақиқат, нависандае, ки хонандаро ба ҳисси баланди ватандорӣ, худогоҳиву худшиносӣ ва ифтихори миллӣ ҳидоят менамояд, дар ҳамаи давру замонҳо аз тарафи халқу мамлакати азизаш чун накӯтарин инсон қадрдонӣ мешавад. Бе муболиға Сотим Улуғзода ҳам дар дилу дидаи мардуми фарҳангдӯсти тоҷик бо офаридаҳояш абадӣ ошиён гузоштааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода Х. Сотим Улуғзода ва фоҷиаи ӯ / Х. Асозода. -Душанбе: Деваштич, 2005. - 205 с.
2. Икромӣ Ҷонон. Зиндачудоии Сотим Улуғзода бо нури чашмонаш Азиз /Ҷонон Икромӣ // Минбари халқ. -2007. –7 июл. - С. 3 - 4.
3. Наҷмиддинов М. Сурати башарию сирати малакӣ /М. Наҷмиддинов //Садои Шарқ. -2000. - №7-12. - С. 106 -130.

4. Саъдуллоев А. Достоне аз ҳамосаи миллат / А. Саъдуллоев // Ҷавонони Тоҷикистон. - 2003.-28-уми март, №13 (8766).-С.5
5. Улуғзода А. Падари ман гуноҳе надорад / А. Улуғзода //Фараж. – 2008. –25 сентябр. - С. 4 – 6.
6. Ҳалимаи Х. Диду боздид дар кишвари Русия / Х. Ҳалимаи. -Душанбе: Ирфон, 2003. –100 с.
7. Ҷабборова М. Т. Донишманди озодандешу воқеъбин / М. Т Ҷабборова //Ганҷинаи сухан. –2009. - 20 май. - С. 2.

ВЗГЛЯД НА БИОГРАФИЮ САТЫМА УЛУГЗАДЕ

В данной статье автор рассматривает жизнь и творчество великого таджикского писателя Сатыма Улугзаде. Таджикскую литературу нельзя представить без творчества этого великого ученого и мастера художественного слова.

Ключевые слова: Сатым Улугзаде, жизнь и творчество, литературная деятельность, таджикский читатель, признание.

VIEW BIOGRAPHY SATIM ULUGZADA

In this article the author examines the life and works of the great Tajik writer Satim Ulugzada. Tajik literature is impossible to imagine without the work of this great scientist and masters of artistic word.

Key words: Satim Ulugzada, life and works, literary activities, Tajik reader, recognition.

Сведения об авторе: ***Сироджиддин Эмомали*** – кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета. Телефон **(+992) 907 65 38 38**

РӮДАКӢ ВА ТАКОМУЛИ УЛУМИ АДАБӢ

Урватулло Тоиров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммади Рӯдакӣ соли 858 дар деҳаи Панҷрӯд, ки яке аз деҳаҳои ноҳияи Панҷакенти имрӯза аст, ба дунё омада, соли 941 дар синни 83 - солагӣ аз олам даргузаштааст. Илмҳои маъмули замонаашро дар зодгоҳ ва мактабҳои деҳоти атрофи зодгоҳаш омӯхта, дар ҳафтсолагӣ «Қуръон»-ро ҳифз кардааст. Рӯдакӣ, ки овози хушу дилкаш дошт, дар хурдсолӣ аз пайи омӯхтани нозукиҳои илми мусиқӣ меафтад ва барои сайқал додани ин ҳунар ба шаҳри Самарқанд меравад. Дар Самарқанд, дар баробари омӯхтани илмҳои маъмули замона навохтани барбату чангу уду рудро ёд мегирад ва дар натиҷа ба дараҷаи устодӣ мерасад.

Рӯдакӣ чанг баргирифту навохт,
Бода андоз, к-ӯ суруд андохт.

Овозаи навозандагию сарояндагии Рӯдакӣ ба дараҷае зиёд мешавад, ки ӯро дар Самарқанд ба дарбори Насри I ибни Аҳмад (865-892) даъват мекунанд. Баъдтар бо даъвати вазири номдори Сомониён Абулфазли Балъамӣ (892-938) ба Бухоро омада, муддате аввал дар дарбори Исмоили Сомонӣ (892-907) ва баъд дар дарбори Насри II Аҳмади Сомонӣ (914-943) хидмат мекунад.

Шуҳрат ва эътибори Рӯдакӣ дар дарбори Сомониён, махсусан дар замони Насри II хеле баланд мегардад. Ӯ дар бештари сафарҳову ҷамъомадҳои амирон ширкат мекунад. Ҳамроҳи Насри II Аҳмади Сомонӣ ба Бодғиси Ҳирот рафтани Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ чор сол дар он ҷо мондан ва эҷод шудани қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме» дар таърихи адабиёт хеле машҳур аст. Рӯдакӣ дар дарбори Сомониён бо қасоиди худ нуфузи зиёд пайдо карда, аз амирону вазирони давраш туҳфаи зиёд мегирифт. Шоире мегӯяд (ба қавле Унсурӣ):

Чиҳил ҳазор дирам Рӯдакӣ зи меҳтари хеш
Ато гирифт ба назми «Калила» дар кишвар.

Ибни Ямини Фарюмадӣ дар хусуси мартабаву эътибори Рӯдакӣ дар замони Сомониён чунин мегӯяд:

Зи шоир зинда мемонад ба гетӣ ном шоҳонро,
Фурӯг аз Рӯдакӣ дорад чароғи дудаи Сомон.

Абулфазли Балъамӣ, ки мураббӣ ва ҳомии Рӯдакӣ буд, ба қудрати устодии ӯ баҳои баланд дода, «Дар Аҷаму Араб мисли Рӯдакӣ шоире нест» мегӯяд.

Рӯдакӣ солҳои дар дарбори Сомониён буданаш шоирони зиёде (Муродӣ, Шаҳиди Балхӣ, Робиа, Фароловӣ ва дигарон)-ро тарбият кардааст.

Шуҳрат ва эътибори Рӯдакӣ дар дарбори Сомониён дер давом накард. Дар давраи пирӣ ӯ азобу шиканҷаи зиёд кашид. Ӯро аз ҷумлаи қарматиён шуморида, молу мулкашро мусодира карда, ба чашмонаш мил кашиданд. Аксари муҳаққиқони

эҷодиёти шоир дар ин ақидаанд, ки дар ҳамин давра осори ӯро низ оташ заданд. Рӯдакӣ дар ҳолати пирию нотавонӣ ба зодгоҳаш -Панҷрӯд бармегардад ва соли 941 аз олам чашм мепӯшад. Дар таърихи адабиёти форс-тоҷик Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро ба унвонҳои зерин ёд кардаанд:

«Одамушшуаро», «Устоди шоирони Аҷам», «Нахустин гӯяндаи бузурги шеъри порсии дарӣ», «Устоди шоирон», «Пешоҳанги шеъри порсӣ», «Пешвои шоирон», «Устоди Аҷам», «Устоди самарқандӣ», «Падари шеъри форсӣ», «Падари адабиёти форсӣ-тоҷикӣ», «Устоди адаби форсии тоҷик», «Падари шеъри форсӣ-тоҷикӣ», «Суханвари бузург», «Султони шоирон», «Падидаи нодир ва ҷаҳонии тамаддуни аҳди Сомониён», «Наводири фалакӣ ва аҷоиби айём», «Падидаи нодири ҷаҳонӣ», «Падидаи осмонӣ», «Падидаи ғайриодӣ», «Наводири фалакӣ», «Устоди шоирони ҷаҳон», «Зеби ҷаҳон», «Соҳибқирони шоирӣ», «Рӯдакиро дар Арабу Аҷам монанд нест», «Аввалин Пайғамбари шоирони ҷаҳон», «Падидаи воқеии нодири ҷаҳонӣ», «Саромади бошарафи адабиёти оламшумули классикии форс-тоҷик», «Шоири воқеии бузурги ҷаҳонӣ», «Падидаи бузурги кайҳонӣ», «Зуҳури малакути осмонӣ», «Султони шоирони Аҷам», «Маликушшуаро», «Сари шоирон», «Соҳибқирон», «Сухансарои бузург», «Офаридгори назми оламгир», «Қофиласолори назм ва тоҷи адаби тоҷик», «Надимушшуаро», «Адибушшуаро», «Адимушшуаро», «Дар Аҷаму Араб мисли Рӯдакӣ шоире нест», «Пешвои адибон», «Сардори шоирони ҷаҳон», «Сардори шоирони Аҷам», «Сардори адибони дарбор», «Сардафтари адабиёти тоҷик», «Султон ва пешвои шоирон», «Дурахшонтарин чеҳраи фарҳанги аҳди Сомониён», «Поягузори адабиёти форс -тоҷик».

Аз баъзе байтҳои устод Рӯдакӣ баръало маълум мешавад, ки ӯ аз хидмати дарбор ва аз инъомҳое, ки аз ҳокимону амирони давр гирифтааш пушаймон аст:

Басо нишастам ман бо акобиру аъён,
Биёзмудамашон ошкору пинҳонӣ.
Нахостам зи таманно, магар ки дастурӣ,
Наёфтам зи атоҳо магар пушаймонӣ.

Рӯдакӣ шоири сермаҳсул аст. Мутаассифона, девони комили ӯ то замони мо нарасидааст. Доир ба миқдори ашъори ӯ дар байни донишмандону муҳаққиқон ақидаҳои зиёд вуҷуд дорад, аммо ин муамморо чанд сол пеш (2001) устоди шодравони мо-Саъдоншоҳ Имронов нисбатан ҳал кард.

Доир ба миқдори ашъори устод Рӯдакӣ ду байти ғазали шоири асри XII Рашидии Самарқандӣ:

Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некӯшоирӣ,
Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ.
Шеъри ӯро ман шумурдам сенздаҳ раҳ сад ҳазор,
Ҳам фузун ояд, агар чунон ки бояд бишмарӣ.

бештар муҳаққиқонро ба гуногунфикрӣ овард.

Аксари олимони Шарқу Ғарб дар асоси мисраи сеюми ғазали боло миқдори ашъори Рӯдакиро як миллиону сесад ҳазор байт донистанд.

Дар байни олимоне, ки мисраи сеюми шеъри Рашидиро ба маънои як миллиону сесад ҳазор фаҳмидаанд, олими номии Эрон- Саид Нафасӣ низ буд.

Устод Саъдоншоҳ Имронов бо далелҳои хеле қатъӣ исбот кард, ки ин миқдор шеърро ҳеҷ шоире дар умри худ гуфтан наметавонад.

Ҷустуҷӯйи пайваста устод Имроновро ба мурод расонид. Ӯ дар асоси гуфтаи Наҷотии Самарқандӣ дар китоби «Шарҳи таърихи Яминӣ» мисраи сеюми ғазали Рашидиро чунин тасҳеҳ мекунад:

«Шеъри ӯро ман шумурдам сесаду даҳ сад ҳазор»

«Агар эҳтимоли ин ҷониб ва тасҳеҳи мисраи севуми шеъри Рашидӣ аз лиҳози маънию мантиқи калом иртиботе бо нусхаи асл дошта ва ба ҳақиқат наздик бошад, дар ин ҳол метавон гуфт, ки теъдоди абёти Рӯдакӣ сад ҳазору сесаду даҳ байт (сесаду даҳ сад ҳазор)-ро ташкил медиҳад ва гумони ғолиб он аст, ки Рашидӣ низ шояд маҳз ҳамин маъниро дар назар дошта бошад» -ҷамъбаст менамояд устод Имронов.

Ба таври муфассал нигаред ба мақолаи устод Имронов «Таҷдиди назар ба масъалаи миқдори шеъри Рӯдакӣ», дар китоби: «Ёдномаи устод Рӯдакӣ», Душанбе: Сино, 2001,- саҳ.109-127.

Соли 2010 маҷмӯаи мақолаҳоии арабшиноси тоҷик, доктори илмҳои филологӣ, профессор Тоҷиддин Мардонӣ бо номи «Рӯдакӣ ва адабиёти араб» (Душанбе:Ирфон, 2010.-128 саҳ.) ба табъ расид, ки дар илми рӯдакишиносӣ сухани тозаву нав дорад. Муаллиф дар ин китоб дар баробари таҳқиқи муносибати Рӯдакӣ бо ашъори араб ва

муайян намудани саҳми донишмандону мутарҷимони араб дар ташвиқу тарғиби шеъри шоир дар мамлакатҳои арабӣ ба бозёфти илмӣ муваффақ гардидааст.

Тоҷиддин Мардонӣ дар мақолаи «Бори дигар роҷеъ ба осори боқимондаи устод Рӯдакӣ» (китоби зикршуда, саҳ 25-40) дар асоси мақолаи китобшиноси муосири араб Асъад Талас: «Китобхонаҳои Фаластин ва нафистарин дастнависҳо» (1945) бо далелҳои муътамад собит кардааст, дастхатҳое, ки дар китобхонаи «Ал-Холидия»-и шаҳри Ал-қудс бо номҳои «Тоҷал - масодир фи-л-арабия ва –л-форсия» ва «Ас-сомӣ фи-л-асомӣ» мавҷуданд, моли Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ мебошад. Тоҷиддин Мардонӣ бовар дорад, ки дар байни дастнависҳои китобхонаҳои Ал-қудс нусхаи асли девони Рӯдакӣ низ мавҷуд аст.

Шеъри Рӯдакӣ ҳанӯз дар замони зиндагияш шуҳрат ва эътибори зиёд дошт. Дар асрҳои миёна, дар тазкираву фарҳангҳо, асарҳои адабиётшиносӣ ва таърихӣ доир ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии устод Рӯдакӣ маълумоти зиёде дода шудааст.

Таҳқиқ ва омӯзиши ашъори устод Рӯдакӣ дар Аврупо аз ибтидои асри XIX оғоз ёфтааст. Донишманди франсавӣ Амелс Журден дар асари худ «Эрон» (1814), муҳаққиқи австриягӣ Ҳаммер Пургштал дар «Таърихи шеъри форсӣ» (1818) ном китобаш, Луи Дюбо дар асари хеш «Эрон» (1841), шарқшиноси машҳури олмонӣ Ҳермон Эте дар мақолаи «Рӯдакӣ- шоири Сомониён» (1873), донишманди франсавӣ Шарл Шеффер дар асари худ «Дар мунтахаботи форсӣ» (1875), шарқшиноси англис Чарлз Пиккеринг дар мақолааш «Ҳофиз ва пайравони ӯ», шарқшиноси машҳури англис Эдвард Браун дар китоби «Таърихи адабиёти Эрон» (1902 - 24), донишманди амрикоӣ Вилямс Ҷексон дар мақолаи «Шеъри қадими форсӣ» (1920), донишманди англис Рубин Левин дар китоби «Адабиёти форсӣ» (1925), олими чех Ян Рипка дар китоби таълимияш «Таърихи адабиёти форс - тоҷик» (1956), шарқшиноси олмонӣ Паул Ҳорн дар муқаддимаи «Луғати Фурс» - и Асадии Тӯсӣ ва дигарон роҷеъ ба шарҳи ҳол ва эҷодиёти устод Рӯдакӣ, девони ашъор доштани ӯ, дар анвои гуногуни шеър эҷод карданаш ва ғайра маълумот додаанд.

Донишмандони рус А.Е. Кримский (Таърихи Эрон, адабиёт ва маслаки дарвешии он, 1914), Е.Э. Бертелс («Таърихи адабиёти форс - тоҷик», 1960), А.А. Семёнов, И. С. Брагинский («Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар Рӯдакӣ», 1974), А.Тоҳирҷонов («Рӯдакӣ. Ҳаёт ва эҷодиёти ӯ», 1968), М.Н. Усмонов, Д.С. Комиссаров («Рӯдакӣ. Стихи». М., 1964) доир ба паҳлӯҳои ашъори устод Рӯдакӣ асарҳои илмӣ – тадқиқотӣ таълиф карданд.

Аз донишмандони Ҳиндустону Эрон – Шиблии Нуъмонӣ («Шеър – ул - Аҷам»), Ризозода Шафақ («Таърихи адабиёти Эрон»), Забеҳуллоҳ Сафо («Таърихи адабиёти Эрон»), Бадеъуззамони Фурӯзонфар («Сухан ва суханварон», Теҳрон, 1369ҳ.), Саиди Нафисӣ («Аҳвол ва ашъори Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакии Самарқандӣ», 1385, «Андар ашъори Рӯдакӣ», «Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ», Теҳрон, 1963), Шафеии Кадканӣ («Тозиёнаҳои сулук. Нақд ва таҳлили чанд қасида аз Ҳаким Саноӣ», Теҳрон, 1380), Ҷалолуддини Ҳумоӣ («Маҳрами асрор», гузинаи мақолот, Теҳрон, 1379) ва дигарон доир ба эҷодиёти Рӯдакӣ асарҳо таълиф кардаанд.

Доир ба ҳаёт, эҷодиёт ва хусусияти ашъори (сабки) устод Рӯдакӣ олимону донишмандони тоҷик мақолаву рисолаҳои илмиву маърифатии зиёде таълиф кардаанд, ки дар байни онҳо «Намунаи адабиёти тоҷик» (соли 1926), «Устод Рӯдакӣ» (1940) ва «Устод Рӯдакӣ» (Жизнь. Творчество, М., 1959) – и устод Айнӣ, «Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои 10 - 15» (1957), «Абӯабдулло Рӯдакӣ» (1958), «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ва таъсири он» (1971), «Боз дар атрофи мақоми таърихии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» (1963), «Рӯдакӣ – асосгузори адабиёти классикии форс - тоҷик» (1974), «Пайравӣ аз як шеъри Рӯдакӣ дар назми асри 19 ва ибтидои асри 20» - и Абдулғанӣ Мирзоев, «Сухансарои Панҷрӯд» - и Шарифҷон Ҳусейнзода (1958), «Аз Рӯдакӣ то имрӯз –и Расул Ҳодизода (1988), «Одамушшуаро Рӯдакӣ»-и Аълохон Афсаҳзод (2003), «Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ»-и Амон Нуров (1990), «Ёдномаи устод Рӯдакӣ»-и устод Саъдоншоҳ Имронов, «Озурдагон ва умедворон»-и профессор Худоӣ Шарифов ва ғайра мақоми хосса дорад.

Дар бораи маҳорати шоирии устод Рӯдакӣ (вазн, қофия, бадеъ ва анвои шеър) мақолаи «Оид ба вазни ашъори Рӯдакӣ»-и донишманди тоҷик- Баҳром Сирус, (1958), китоби «Арӯзи Рӯдакӣ»-и донишманди эронӣ- Масъуди Фарзод (соли 1385), маҷмӯаи «Насими Мӯлиён»-и Асрори Раҳмонфар (соли 1999), мақолаи «Фурӯғ аз Рӯдакӣ»-и муаллифи ин сатрҳо (соли 2007), «Авзони ашъори Рӯдакӣ»-и Мисбоҳиддини

Нарзиқул (соли 2011) ва ғайра барои омӯхтани вазну қофияю бадеъ ва анвои шеъри Рӯдакӣ аҳамияти махсус доранд.

Дар байни ин мақолаву рисолаҳо китоби «Авзони шеъри Рӯдакӣ»-и Мисбоҳиддини Нарзиқул (соли 2011) –ро дар омӯзиши вазни шеъри Рӯдакӣ аз ҷумлаи комилтарин тадқиқот донистан мумкин аст. Ин донишманди ҷавон тадқиқоти худро дар асоси «Девон»-и нашри Олмотӣ анҷом додааст. Муаллиф кӯшидааст, ки вазни шеърҳоро мувофиқи тартиби ҷойгиршавии онҳо дар маҷмӯаи мавриди назар муайян кунад. Дар аввал байти якуми шеърро оварда, баъд шакли афоили ҳар ду мисраъро нишон медиҳад, сипас ба кадом баҳри арӯз тааллуқ доштани он байтро қайд мекунад ва дар охир агар тағйироте дар байтҳои дигари шеър мавҷуд бошад, тавзеҳ медиҳад.

Агар ба сайри таърихи таҳаввул ва такомули арӯз дар назария ва амалияи шеъри форсӣ-тоҷикӣ нигарем, мебинем, ки намунаи ашъоре, ки аз Рӯдакӣ ва шоирони асрҳои IX-X то замони мо боқӣ мондааст, маълум месозанд, ки авзони аксари онҳо ба авзони баҳрҳое, ки дар доираҳои арӯзи араб буданд, мувофиқат намекунад. Барои намуна абёти аввали нахустин қасидаҳои комили устод Рӯдакиро аз назар мегузаронем.

Матлаи қасидаи «Шикоят аз пирӣ»:
Маро бисуду фурӯ рехт, ҳар чӣ дандон буд,
Мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/ фаълон
V – v - \ vv - - \ v – v - \ - ~
Набуд дандон, ло-бал чароғи тобон буд.
Мафоъилун/ мафъулун/ мафоъилун/фаълон
V – v - \ - - - \ v – v - \ - ~

Вазнаш: Муҷтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ (ҳашви якуми мисраъ дуюм-мушаасс).

Матлаи қасидаи «Модари май»:
Модари майро бикард бояд қурбон,
Муфтаъилун/ фоъилоту/ мафъӯлун/фоъ
- v v - \ - v – v \ - - - \ ~
Баччаи ӯро гирифту кард ба зиндон.
Муфтаъилун/ фоъилоту/ муфтаъилун/ фоъ
- v v - \ - v – v\ - v v - \ ~

Вазнаш: Мунсареҳи мусаммани матвии маҷдӯъ (ҳашви дуюми мисраи якум-мақтӯъ)

Матлаи ғазали машҳури Рӯдакӣ:
Ҳар бод, ки аз сӯйи Бухоро ба ман ояд,
Бо бӯйи гулу мушку насими суман ояд.
Мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ фаъӯлун
- - v\ v – - v\ v - - v\ v - - -

Вазнаш: Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф. Байти машҳури дар шакли мусаммани Хафиф сурудаи Рӯдакӣ:
Гар кунад ёрие маро ба ғами ишқ он санам,
Фоъилотун/ мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун
- v - - \ v – v -\ v v - - \ v – v -
Битавонад зудуд з-ин дили ғамхора занги ғам.
Фаъилотун/ мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун
V v - - \ v – v - \ v v - - \ v – v -
Вазнаш: Хафифи мусаммани махбун (садр-солим).
Байти аввали рубоии машҳури устод Рӯдакӣ:

Бо дода қаноат куну бо дод бизӣ,
Мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ фаъал
- - v / v - -v/ v - -v /v -
Дар банди такаллуф машав, озод бизӣ
Мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ фаъал
- - v / v - -v/ v - -v /v -

Вазнаш: Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб.

Чӣ тавре ки мебинед, ашъори Рӯдакӣ дар вазнҳои Муҷтасси мусаммани махбуни аслами мусаббағ, Мунсареҳи мусаммани матвии манҳур ё маҷдӯъ, Ҳазаҷи

мусаммани солим, Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб, ё абтар, ё аҳтам, ё азалл, Муҷтасси мусаммани махбуни мақсур, Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур эҷод шудаанд. Намунаи чунин авзонро ҳеҷ гоҳ дар ашъори ҳеҷ як шоири пешазисломӣ (давраи ҷоҳилия) ва баъдиисломии араб намеёбед. Дар дойираҳои мураттабкардаи мухтареи арӯз-Халил ибни Аҳмад низ чунин вазнҳо вуҷуд надоштанд. Дар арӯзи арабӣ фақат баҳри Тавил дар шакли мусамман меояд ва шаклҳои мусаддасу мураббаъ надорад. Баҳрҳои Мадиду Ҳазаҷу Музореъу Муқтазабу Муҷтасс ҳеҷ гоҳ дар шакли дойиравӣ (яъне мусаддас) истифода намешаванд ва фақат дар шакли кӯтоҳ (маҷзу, яъне мураббаъ) меоянд. Баҳрҳои боқимондаи доираҳои арабӣ (Вофир, Басит, Комил, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Мутадорик, Хафиф, Сареъ, Мунсареҳ) ҳам дар шакли кӯтоҳ (мураббаъ) меоянд.

Аввалин навпардозие, ки дар арӯзӣ форсӣ- тоҷикӣ рух дод, тағийр додани доираҳои арӯзи араб буд. Табиати шеъри тоҷикӣ ва намунаҳои фаровони авзоне, ки дар шеъри устод Рӯдакӣ буд, имкон намедод, ки шеъри тоҷикиро шикаста онро ба доираҳо мувофиқ кунанд. Илоҷи ягона шикастани доираҳои арӯзи араб ва онҳоро аз нав мувофиқи қаду басти вазни шеъри тоҷикӣ буридан буд. Арӯзиёни форс-тоҷик ин корро карданд, аммо ҳар кадом мувофиқи салоҳдиди хеш анҷом доданд.

Арӯзиён баъди омӯзиши фаъолияти амалии шоирони форс-тоҷик диданд, ки дар ду доираи аввали Халил ибни Аҳмад (Мухталифа ва Муъталифа) шеъри форсӣ-тоҷикӣ мавҷуд нест ва бошад ҳам, ба маънои том онро шеър гуфтан душвор аст, аз ин рӯ аз баҳри ин ду доира баромадаанд.

Се доираи дигари арӯзи араб (Муҷталиба, Муштабиҳа, Муттафиқа) низ дар ҳамон шакле, ки Халил ибни Аҳмад мураттаб карда буд, дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ батамом татбиқ нашуд, чунки авзони шеъри форсӣ-тоҷикӣ ба он сурату шакле, ки Халил ибни Аҳмад дар доираҳо кашидааст, на ҳамеша мувофиқат мекунанд.

Арӯзиёни мо дуруст дарк кардаанд, ки мақсад аз муайян кардани назарияи арӯзи тоҷикӣ сохтани қолабҳои таёри назарӣ нест, балки дар системаи илмӣ фаро гирифтани он қонуниятҳое мебошад, ки дар вазни шеъри зинда, дар фаъолияти шоирон, хусусан устод Рӯдакӣ амал мекунанд.

Навпардозии дигаре, ки дар арӯзи тоҷикӣ рух дод, ихтирои вазни рубоӣ аз баҳри Ҳазаҷ аст, ки ин низ ба устод Рӯдакӣ вобастагӣ дорад. Сабаби пайдоиши ин навъи вазн ҳамоно ба эътибор гирифтани таҷрибаи эҷодии шоирони форс-тоҷик, пеш аз ҳама устод Рӯдакӣ мебошад. Ба ақидаи муаллифи «Ал-муъҷам» сабаби пайдоиши вазни рубоӣ мисраи зерини кӯдаке буд, ки ҳангоми бозии гӯй ва гирдакон дар Ғазнин бадоҳатан аз даҳонаш баромад:

Ғалтон-ғалтон ҳамеравӣ то буни гав,

Гӯё, Рӯдакии шоир дар он ҳангом, ки кӯдак ин мисраъро мегуфт, ҳозир буд ва «шоирро аз ин калима вазне мақбулу назме матбӯъ омад. Ба қавонини арӯз муроҷиат кард ва онро аз муфтареоти баҳри Ҳазаҷ берун овард ва ба воситаи ин кӯдак бар ин шеър шуур ёфт (огоҳ шуд) ва азми маҳаллу лутфу мавқеи он ба наздики ӯ дар назми ҳар қитъа (шеър) ду байт иқтисор кард». Боз дар поёнтар сухани худро давом дода, менависад: «ва ба ҳақиқат, ҳеҷ вазн аз авзони мубтадаъ (навэҷодшуда) ва ашъори мухтараъ (ихтироъшуда), ки баъди Халил эҳдос (эҷод) кардаанд, ба дил наздиктару дар табъ овезандатар аз ин нест ва ба ҳукми он ки арбоби синоати мусиқӣ бар ин вазн алҳони шариф сохтаанд ва тариқи латиф карда… Аҳли дониш малҳуноти (лаҳнҳои) ин вазнро тарона ном кардаанд ва шеъри муҷарради онро «дубайтӣ» хонданд, барои он ки бинои он бар ду байт беш нест ва мустаъраби онро «рубоӣ» хонданд, аз баҳри он ки баҳри Ҳазаҷ дар ашъори араб мураббаъулаҷзо омадааст. Пас, ҳар байт аз ин вазн ду байти арабӣ бошад, лекин дар ҳукми он ки зиҳофе, ки дар ин вазн мустаъмал аст, дар ашъори араб набудааст. Дар қадим бар ин вазн шеъри тозӣ нагуфтаанд ва акнун муҳаддисони арбоби табъ дар он иқболе тамом кардаанд ва рубоиёти тозӣ дар ҳама билоди араб шоеъу мутадовил (ҷорӣ) гаштааст.

Аз гуфтаи Шамси Қайси Розӣ маълум мешавад, ки амалияи эҷоди шеър (якум, мисраи кӯдаке, ки ба гӯйбозӣ машғул буд, дуюм, рубоиёти худи устод Рӯдакӣ) арӯзиёни форс-тоҷикро маҷбур сохтанд, ки қонун ва қоида, яъне назарияи авзони рубоиро муайян намоянд ва боз ба гуфтаи худи Шамси Қайси Розӣ, яке аз донишмандони илми арӯзи форсӣ-тоҷикӣ-Хоҷа Имом Ҳасани Қаттон (1073- 1154) дар асоси рукни асосии баҳри Ҳазаҷ-мафоъӣлун ва зиҳофҳои ахрабу (мафъӯлу) ахраму (мафъӯлун) макфуфу (мафоъӣлу) мақбузу (мафоъилун) аштару (фоъилун) муханнақу (мафъӯлун) абтару (фаъ) азаллу (фоъ) маҷбубу (фаъул) аҳтам (фаъӯл) 24 навъи шаҷараҳои ахрабу ахрамро ихтироъ кард.

Муаллифи «Рисолаи рубоӣ» дар фасли аввали асари худ менависад: «Гӯянд, устод Рӯдакӣ, ки аввалин қасидаи ғарро ӯ гуфта ва рутбаи сухани форсиро аз саро то Сурайё расонида, рӯзе аз аъёд (идҳо) дар сари ҷамоати кӯдаконе, ки гирдакон мебохтанд ва дили тамошоёинро дар гави ҳайрат меандохтанд, гузашт. Иттифоқан, дар ин миён кӯдаке буд, хеле шӯх ва танноз, ҳама тан карашма, саропо ноз, базласанҷу латифапардоз. Рӯдакӣ шефтаи адову фиреftаи андозаш гардид, мушоҳидаи роҳи ҳаракаташ менамуд. Чун он фитнаи рӯзгор гирдаконро даруни гав андохт, аз иттифоқот, гирдаконе аз онҳо беруни гав афтода, ҷониби гав ғалтон гардид. Кӯдак дар нишот омада, гуфт:

«Ғалтон-ғалтон ҳамеравад то сари гав».

Рӯдакиро ин қавли мавзунаш ниҳоят матбӯи хотир афтод ва вазнаш-мафъӯлун/ фоъилун/ мафоъӣлу/фаъал аз фурӯъи Ҳазаҷ қарор дода, се даври дигар ба ӯ муназзам намуд ва шуарои дигар низ бар ин вазн табъозмоиҳо кардаанд. Рафта – рафта ин вазн он қадар матбӯи табоеъи хоссу ом афтод, ки садҳо занони дӯшиза ба истеъмои он домани қабо чок карда, аз хонаҳо бурун шитофтаанд, аз ин ҷиҳат, ӯро «тарона» номидаанд.

Арӯздонони гузашта дар рисолаҳои хеш таъкид кардаанд,ки вобаста ба инзимом ва иҷтимои аркону қавофии мисраъҳои рубоӣ авзони хеле зиёди ин навъи шеърӣ ба вуҷуд меояд. Сайфии Бухорӣ-муаллифи «Арӯзи Сайфӣ» менависад: «Баъзе гуфтаанд, ки авзони рубоӣ ба даҳ ҳазор мерасад ва аз он ҷумла ин аст, ки мафъӯлу/ мафоъилун/ фаъӯлун/ фаълун ва инро мисол оварда ки:

Ал-ошиқу фӣ ҳавоқи соҳин соҳир

Тақтеаш: алоши- фаъӯлу/ қу фӣ ҳаво-мафоъилун/ қи соҳин-фаъӯлун/ соҳир-фаълун. Шак нест, ки ин мисраъро чунин тақтеъ метавон кард, ки: алоши-фаъӯлу/ ку фӣ ҳаво-мафоъилун/ қасоҳинсо-мафоъилун/ ҳир-фаъ.

Дар ҳақиқат, вазни мисраи арабии фавқ дар тақтеи аввалааш, яъне мафъӯлу (- - v), мафоъилун (v – v -), фаъӯлун (v - -), фаълун (- -) аз авзони рубоӣ ҳисоб намеёбад, зеро шакли афоъили фаъӯлун (v - -) ва фаълун (- -) аз аркони авзони рубоӣ ҳисоб намеёбад ва ин ду шакли афоъил: фаъӯлун, фаълун ҳеҷ гоҳ дар арӯзу зарби рубоӣ наомадааст. Аз оҳанги мисраи болоӣ шакли афоъили мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлун/ фаъ (- - v \v – v -\ v - - -\ -) берун меояд, ки яке аз авзони шаҷараи ахраб аст. Дар тақтеи аввалаи мисраъ қонун ва қоидаи илми тақтеъ, ки эътибор ба оҳанг ва тарзи талаффуз аст, ба инобат гирифта нашудааст.

Муаллиифи «Рисолаи рубоӣ» муътақиди он аст, ки аз омезиши аркони мустаъмали рубоӣ ва тағйири қофияҳои он ҳаштоду ду ҳазору нуҳсаду чиҳилу чаҳор вазни рубоиро баровардан мумкин:

«Бояд донист, ки бисту чаҳор вазни рубоӣ, ки аз фасли гузашта собит шуда бар нақд барбаст, ки ҳар чаҳор мисраи он муттаҳидулвазн бувад ва бар тақдири ихтилофи авзони масореъ бо якдигар бисёр намудор гардид, чи дар сурате, ки арӯзу зарб фаъ ё фаъал бувад, қофия мухталита ё ғайримухталита дуруст бошад ва он дар дувоздаҳ вазн аст аз авзони бистучаҳоргона ва ҳамчунин, агар қофия фоъ ё фаъӯл бувад ва ин ҳам дар дувоздаҳ вазн аст.

Оре, қофияи фоъ бо фаъӯл бо фаъал ва фаъ дуруст набошад, пас бар тақдири аввал, яъне будани фаъ ё фаъал дар охири дувоздаҳ вазн аз инзимоми ҳар як аз ин дувоздаҳ бо ҳар яке инҳо яксаду чиҳилу чаҳор саиноии мухталифвазнанд ё тартибан ба қоидаи як зарб дар шаш рада дар дувоздаҳ ҳомил шавад ва дар дувоздаҳ санноӣ аз онҳо ба инзимоми ҳар вазн бо нафси худаш, агарчи бар ду мисраъ муттаҳидулвазн бошад, лекин дар санное аз онҳо ба санноиёти дигар ломақола вазнин ё тартибан мухолиф хоҳад буд ва ҳар гоҳ барои иҷтимои се мисраъ бо ҳар яке аз ин яксаду чиҳилу чаҳор санноии ҳар яке аз авзони дувоздаҳгонаи мазкура муназзам шавад, ба қонуни зарб яксаду чаҳор дар дувоздаҳ ба як ҳазору ҳафтсаду бисту ҳашт мерасад.

Чун барои такмили рубоӣ бо ҳар яке аз ин аъдод ҳар яке аз авзони дувоздаҳгонаи мастура муназзам шавад, аз зарби дувоздаҳ дар аъдоди мазкура бист ҳазору ҳафтсаду сию шаш рубоӣ ҳосил ояд ва ҳамин қадари дигар бар тақдири сонӣ, яъне аз ихтилототи дувоздаҳгонаи дигаре, ки дар арӯзу зарб ё фоъ, ё фаъӯл бувад, то маҷмӯи он чиҳилу як ҳазору чаҳорсаду ҳафтоду ду расад ва ин ҳама дар суратест, ки ҳар чаҳор мисраи он қофия дошта бошад ва агар ба назар чу аз ихтилототи фоъу фаъу фаъал дар рубоиёте, ки мисраи севуми онҳо мавсум ба хассӣ муттаҳидулқофия набошад, аъдоди ихтилоти се мисраъ, ки охир фоъ ё фаъӯл бошад, зарб кунем, бист ҳазору ҳафтсаду сию шаш рубоӣ ҳосил гардад ва сурати зарб дар моқабл гузашт ва

ҳамин қадар дар акси он, яъне охири се мисраъ фаъ ё фаъал ва охири мисраъи севум фоъ ё фаъӯл бошад, то маҷмӯаш чиҳилу як ҳазору чаҳорсаду ҳафтоду ду бошад ва бо маҷмӯи собиқа, ки низ ҳамин қадар аст, ҳаштоду ду ҳазору нуҳсаду чиҳилу чаҳор мерасад, ки бисту чаҳор аз он муттаҳидулрбаъ аст ва ба вофӣ мухталиф ё тартибаи тамитта.

Махфӣ намонад, ки авзони мухталити мазкура на аз қабили эҳтимолоти ақлияи маҳз аст, бал аз муҳтамалоти воқеа, ки шеър бар онҳо тавон гуфт ва лиҳозо Мавлоно Ҷомӣ барои забти авзони бистучаҳоргона шаш рубоӣ фармуда, ки ҳар як аз муштамил аст бар чаҳор вазни мухталиф.

Баъзе арӯзиён гуфтаанд, ҷамъи ахраб бо ахрам нашояд, лекин бисёре аз шуаро бок надоштаанд (ба эътибор нагирифтаанд), бал баъзе вазни сабуки ахрабро ба сақилтарии авзони ахрам ҷамъ карда ва аз он аст ин шеър (байт):

Гуфтам, ки даҳон надорӣ, ай мискинак?
Гуфто: «-Дорам». Гуфтам: « -Ку?» Гуфт: «-Инак!»,

ки бар вазни:

мафъӯлу/ мафоъилун/мафоъӣлун/ фаъ
мафъӯлун/ мафъӯлун/ мафъӯлун/фаъ

оварда».

Ашъори боқимондаи устод Рӯдакӣ 1062 байтро ташкил медиҳад, ки дар анвои ғазал (52-то), қитъа (63-то), қасида (10-то), рубоӣ (35-то), маснавӣ (9-то) эҷод карда шудаанд.

Ҳангоми муайян кардани авзони шеъри Рӯдакӣ маълум гардид, ки ӯ дар баҳрҳои Ҳазаҷ (115-то), Рамал (53-то), Раҷаз (4-то), Мутақориб (23-то), Қариб (5-то), Музореъ (43-то), Мушокил (3-то), Хафиф (66-то), Муҷтасс (57-то), Сареъ (14-то) ва Мунсареҳ (21-то) шеър гуфтааст.

Дар шеъри ӯ қофияҳои муқайяду мутлақ, аз ҳарфҳои қофия ба равӣ, ридф (ридфи муфрад ва ридфи зойид), қайд ва васл, хурӯҷ, мазид, ҳаракатҳои қофия ба ҳазв, тавҷеҳ, маҷро ва нафоз дучор меояд.

Барои дилкашу дилнишин шудани ашъораш устод Рӯдакӣ санъатҳои тафвиф, ташбеҳ, истиора, муболиға, тарсеъ, таҷоҳули ориф, саволу ҷавоб, раддулаҷуз илассадр, талмеҳ, ирсоли масал, муталавван, тазод ва муқобила, лаффу нашр, илтифот, раддулматлаъ, мураддаф, сиёқатулаъдод, таҷнис, саҷъ, такрор, киноя, иктифо, муроти назир, ҳусни матлаъ, ҳусни мақтаъ, ҳусни тахаллус, нидо, мадҳи шабеҳ ба зам, тавсиф, иштиқоқ, луғз, эънот, мурдаф, ва ғ. хеле устодона истифода кардааст. Бештари ашъори ӯ ҳоҷиб ва радиф доранд.

Мо ҳангоми муайян кардани авзони ашъори Рӯдакӣ ва тақтеи шеърҳои ӯ равиши зеринро бояд пеш гирифт: аз ҳамаи шеърҳои ӯ байти аввалро интихоб кардан лозим аст. Агар мисраъҳои ҳар байт аз ҷиҳати вазн яксон бошанд, баъди мисраи дуюм рукнҳо ва мутобиқати овозии онҳоро ҷой додан беҳтар аст. Мисол:

Биёр он май, ки пиндорӣ, равон ёқути ноб астӣ
Ва ё чун баркашида тег пеши офтоб астӣ.
Мафоъӣлун\ мафоъӣлун\ мафоъӣлун\ мафоъӣлун
V - - -\ v - - -\ v - - -\ v - - -

Агар ҳар мисраи байт дар авзони гуногун суруда шуда бошад, баъди ҳар мисраъ шакли овозии онҳоро додан хубтар аст, яъне тақтеъ кардем. Мисли ин байт:

Ай дӯст, ба ҳар чиз чаро боядат озард,
Мафъӯлу/ мафоъилу/ мафоъилу/ мафоъил
- - - v\ v - -v/ v - -v/ v - ~
К-ин айш чунин бошад-гаҳ шодию гаҳ дард.
Мафъӯлу/ мафоъилун/ мафъӯлу/ мафоъил.
- - v\ v - - -\ - - v\ v - ~

Аммо ҳангоми тақтеи рубоиҳо хубтар аст, ки вазни ҳар мисраи онро дар алоҳидагӣ нишон диҳем. Масалан:

Ҷойе, ки гузаргоҳи дили маҳзун аст,
Мафъӯлу/ мафоъилу/ мафоъилун/ фоъ
- - v \ v - - v \ v - - - \ ~
Он ҷо ду ҳазор найза боло хун аст.
Мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлун/фоъ

- - v \ v –v -\ v - - -\ ~
Лайлисифатон зи ҳоли мо бехабаранд,
Мафъӯлу/ мафоъилун/ мафоъӣлу/ фаъӯл
- - v\ v –v- \ v - - v\ v ~
Маҷнун донад, ки ҳоли Маҷнун чун аст.
Мафъӯлун/ фоъилун/ мафоъӣлун/ фоъ
- - -\ - v -\ v - - -\ ~

Чунин тарзи тақтеи рубоиҳо сабаб доранд. Маълум аст, ки дар рубоӣ шоир имкон дорад, ки аз зиҳофҳои ахраб, ахрам, муханнақ, мақбуз, макфуф, абтар, аштар, маҷбуб, азал(л) ва аҳтам истифода кунад. Чунин тарзи истифодаи зиҳофҳо боиси он мегардад, ки вазни ҳар мисраи рубоӣ дигар шавад. Вазни рубоии фавқро чунин номгузорӣ кардан мумкин аст: Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи азал (ҳашви якуми мисраи дуюм ва ҳашви якуми мисраи сеюм- макфуф, арӯзи мисраи сеюм-аҳтам, ибтидои мисраи чорум-ахрам ва ҳашви якуми мисраи чорум аштар).

Дар ашъори устод Рӯдакӣ ба абёте дучор меояд, ки дар як мисраъ зиҳофи мушаасси мусаббаҷ, дар мисраи дигар зиҳофи махбуни мусаббаҷ ҷой дода шудааст. Ин тарзи ба кор бурдани зиҳофҳо ба он далолат мекунад, ки устод аз қонун ва қоидаҳои илми арӯз ва нозукиҳои он хеле хуб огоҳӣ дорад. Чӣ тавре ки мебинед, дар байти боло дар рукни охири мисраи якум (яъне дар арӯз) шакли овозии зиҳофи мушаасси мусаббаҷи рукни солими баҳри Рамал-фоъилотун (- v - -)-ро оварда, дар рукни охири мисраи дуюм (яъне зарб) зиҳофи махбуни мусаббаҷ (фаъилийён)-ро ҷой додааст, ки аз рӯйи қоидаи илми арӯз ҳар ду шакл (мафъӯлон - - ~ ва фаъилийён v v - ~) дар як вазнанд. Сабаби вазни яксон доштани ин ду шакл (яъне мафъӯлон фаъилийён) дар он аст, ки ҳиҷои якуми мафъӯлон (- - ~) - «маф» (-) аз сабаби хафиф (-) ва ҷузви якуми фаъилиён (v v - ~) аз сабаби сақил иборат аст. Мувофиқи қоидаи илми арӯз шоир метавонад, ки дар мисраи аввал сабаби хафиф (яъне як ҳиҷои дароз) ва дар мисраи дуюм сабаби сақил (яъне ду ҳиҷои кӯтоҳ) –ро ҷой диҳад. Вобаста ба ҳамин қоида мисраи якуми байти боло Хафифи мусаддаси махбуни мушаасси мусаббаҷ ва мисраи дуюм Хафифи мусаддаси махбуни мусаббаҷ номида мешавад.

Устод Рӯдакӣ гоҳе барои вазн калимаҳоро тағйир додааст. Дар байти зер, барои он ки калимаи «намебинам» ба вазни Рамал мувофиқат кунад, дар шакли «менабинам» оварда шудааст.

Ҳеҷ роҳат менабинам дар суруди руди ту,
Фоъилотун\ фоъилотун\ фоъилотун\ фоъилун
- v - -\ - v - -\ -v - -\ -v -
Ҷуз ки аз фарёду захма-т халқро котура хост.
Фоъилотун/ фоъилотун /фоъилотун/ фоъилон
- v - -\ - v - - \ - v - - \ - v ~

Дар ашъори Рӯдакӣ шеърҳое вуҷуд доранд, ки ҳар мисраи он вазни алоҳида дорад. Масалан, қитъаи:

Анде, ки амири мо бозояд пирӯз,
Марг аз паси дидан-ш раво бошаду шояд.
Пиндошт ҳаме ҳосид, к-ӯ бознаёяд,
Бозомад, то ҳар шафақе жож нахояд.

дар чор навъи баҳри Ҳазаҷ навишта шудааст. Вазни мисраи якум Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи муханнақи аҳтам (мафъӯлу/ мафоъилун/ мафъӯлун/ фаълон - - - v\ v – v -\ - - -\ v ~), вазни мисраи дуюм Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф (мафъӯлу/ мафоъӣлу/ мафоъӣлу/ фаъӯлун\ - - v\ v - -v\ v - - v\ v - -), вазни мисраи сеюм Ҳазаҷи мусаммани аҳрами маҳзуф (мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафъӯлу/ фаъӯлун\ - - v\ v - - -\ - - v\ v - -), вазни мисраи чорум Ҳазаҷи мусаммани аҳрами ахраби макфуфи маҳзуф (мафъӯлун/ мафъӯлу мафоъӣлу/ фаъӯлун\ - - -\ - - v\ v - - v\ v - -) суруда шудааст.

Ин таври эҷоди шеър фақат ба шоирони асри 10, хусусан ба устод Рӯдакӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Сабаби дар як шеър истифода кардани чандин навъи як баҳр дар он аст, ки устод Рӯдакӣ аз илми авзони шеър, яъне арӯз хеле хуб бохабар будааст. Дигар ин ки ӯ бо арӯзи араб ва тарзи истифодаи зиҳофҳо дар шеъри арабӣ сохт ошноӣ доштааст.

Маълум аст, шоирони араб дар як шеър аз чандин зиҳофи як баҳр (хусусан, баҳри Рачаз) истифода мебурданд. Азбаски асри Рӯдакӣ ба асри ихтирои арӯзи араб наздик буд, ӯ тавонист, дар асоси услуби шеърнависии шоирони араб ва махсусан,

дар истифодаи авзони гуногуни як баҳр дар як шеър асоси арӯзи форс-тоҷикиро гузорад. Дар ҳақиқат, устод Рӯдакӣ дар баробари он ки асосгузори адабиёти классикии форс-тоҷик аст, бешубҳа, асосгузори арӯзи форс-тоҷик низ ҳаст. Анвои авзоне, ки дар ашъори Рӯдакӣ истифода шудааст, дар доираҳои ихтироъкардаи Халил ибни Аҳмад (Мухталифа, Муъталифа, Муҷталиба, Муштабиҳа, Мунфарида) умуман дида намешаванд.

Ӯ нахустин шоирест, ки дар навъҳои гуногуни баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Рағаз, Музореъ, Муҷтасс, Қариб, Хафиф (Хафифи мусаммани махбун), Сареъ, Мунсареҳ шеър эҷод кардааст. Дар арӯзи арабӣ ва дар таҷрибаи шоирони араб шеъре, ки дар шаклҳои солим ва мусаммани музоҳафи баҳрҳои Ҳазаҷу Рамалу Рағазу Муҷтассу Мунсареҳу Муқтазабу Музореъ, Хафиф суруда шуда бошад, умуман вуҷуд надорад. Баҳрҳои Ҳазаҷу Рамалу Рағаз дар шеъри арабӣ дар доира дар шакли мусаддас буда, дар амалияи шоирони араб дар шакли мураббаъ маълум аст.

Рӯдакӣ дар эҷоди ғазалу қасида аз тамоми имконоти илми арӯз истифода кардааст. Ӯ, ки нозукиҳои илми арӯзро хуб медонист, дар эҷоди як шеър, масалан қасидаи «Омад баҳори хуррам» авзони гуногуни баҳри Музореъро ба кор бурдааст. Байти аввали қасидаи зикршуда дар ду навъи баҳри Музореъ эҷод шудааст.

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,
Мафъӯлу/ фоъилотун/ мафъӯлу/ фоъилон
- - v\ - v - -\ - - v\- v ~
Бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб.
Мафъӯлу/ фоъилоту/ мафоъӣлу/ фоъилон
- - v\ - v – v\ v - -v\ -v ~

Чӣ тавре ки мебинед, вазни мисраи аввал Музореи мусаммани ахраби мақсур ва вазни мисраи дуюм Музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур мебошад. Дар баъзе байтҳои ҳамин қасида, масалан дар байти ҳаштуми он:

Борони мушкбӯй биборид нав ба нав
Мафъӯлу/ фоъилоту/ мафоъӣлу/ фоъилун
- - v\ - v –v\ v - -v\ - v -
В-аз барф баркашид яке ҳуллаи қасиб.
Мафъӯлу/ фоъилоту/ мафоъӣлу/ фоъилон
- - v\ - v – v\ v - - v\ - v ~

дар арӯз (рукни охири мисраи якум) зиҳофи маҳзуф (фоъилун) ва дар зарб (рукни охири мисраи дуюм) зиҳофи мақсурро овардааст. Чунин ҳолат дар ашъоре, ки дар баҳрҳои Хафиф, Муҷтасс, Мунсареҳ ва Рамал эҷод шудаанд, бештар мушоҳида мешавад. Сабаби ин дар он аст, ки дар баҳрҳои зикршуда зиҳофҳои махбун (фаъилотун), мушасс (мафъӯлун), махбуни маҳзуф (фаъилун) ва аслам (фаълун) вуҷуд доранд. Азбаски ба ҷойи ду ҳиҷои кӯтоҳ овардани як ҳиҷои дароз ҷоиз аст, Рӯдакӣ дар шеърҳои худ ба ҷойи фаъилотун (v v - -) мафъӯлун (- - -), ба ҷойи фаъилун (v v -) фаълун (- -)-ро овардааст.

Маълум аст, ки баҳри Хафиф ҳам дар доираи арӯзи арабӣ ва ҳам дар доираи арӯзи форсӣ-тоҷикӣ дар шакли мусаддас омадааст. Дар таърихи адабиёти форс-тоҷик тамоми шоирон дар шакли мусаддаси баҳри Хафиф шеър эҷод кардаанд. Рӯдаки ягона шоирест, ки ҳам дар шакли мусамман ва ҳам дар шакли мусаддаси баҳри Хафиф шеър гуфтааст. Байте, ки дар баҳри Хафифи мусаммани махбун суруда шудааст, ин аст:

Гар кунад ёрие маро ба гами ишқ он санам,
Битавонад зудуд з-ин дили ғамхора занги ғам.
Фоъилотун/ мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун
- v - -\ v –v -\ v v - -\ v –v -

Рӯдакӣ гоҳе барои вазн калимаҳоро дар шакли кӯтоҳ меорад. Масалан дар байти:

Ба хирасар шумарад сархурда гурсунаро,
Чунонки дарди касон бар дари касе хор аст.

Ки дар баҳри Муҷтасси мусамани махбуни аслами мусаббағ (арӯз-махбуни маҳзуф) суруда шудааст, калимаи «гурусна»-ро дар шакли «гурсуна» овардааст.

Дар байни абёти бозмондаи устод Рӯдакӣ байте дучор омад, ки аз ҷиҳати аҷзои аркон хеле нодир аст. Байти мазкур дар баҳри Музореи мусаммани макфуфи маҳзуф суруда шудааст, ки дар эҷоди шоирони дигар мушоҳида нашуд.

Байт ин аст:

Ситохе баромад аз бари шохи дарахти уд,
Ситохе зи мушку шох зи анбар, дарахт уд(?)
Мафоъӣлу/ фоъилоту/ мафоъӣлу/ фоъилун
V - - v\ - v – v\ v - - v\ - v -

Баҳри Мушокил аз баҳрҳоест, ки арӯзиёни форс-тоҷик ихтироъ кардаанд ва намунаи аввалин шеър дар ин баҳрро устод Рӯдакӣ гуфтааст:

Талх шуд рӯзгорам аз каримӣ,
Марҳамат кун ба қадре офрӯша.
Фоъилотун/ мафоъилун/ фаъӯлун
- v - -\ v –v -\ v - -

Чӣ тавре ки мебинед, вазни ин байт Мушокили мусаддаси мақбузи маҳзуф буда, Рӯдакӣ аз рӯйи қоидаи, он ки агар ҳиҷо ба садоноки дароз ба охир расиду калимаи баъдӣ ба садонок сар шавад, ҳиҷои дарози қаблӣ ба ҳиҷои кӯтоҳ табдил меёбад, хеле хуб истифода кардааст. Дар байти боло калимаи «қадре» бо ҳиҷои дарози «-ре» ба охир расидааст, зеро ҳиҷои «-ре» аз як ҳамсадо (р) ва садоноки дароз (е) сохта шудааст. Аз рӯйи қоида ин навъи ҳиҷо бояд ҳиҷои дароз шавад, аммо дар ин байт шоир ин ҳиҷоро чун ҳиҷои кӯтоҳ истифода кардааст. Сабаби ин дар он аст, ки баъди калимаи «қадре» калимаи «офрӯша» (номи яке аз анвои хонагӣ, ки афрӯша низ гӯянд) омадааст ва ҳарфи аввали он садоноки дароз (о) аст.

Баҳри Хафиф ва анвои он хусусияти хеле аҷиби вазнсозӣ доранд. Ашъоре, ки дар авзони ин баҳр эҷод карда мешавад, қариб ба насри хеле одӣ монанданд. Шоир фикри худро тарзе баён мекунад, ки гӯё ҷумлаи сода месохта бошад. Устод Рӯдакӣ аз ин хусусияти баҳри Хафиф хеле хуб истифода кардааст. Диққат кунед ба ин байт:

Мардумон аз хирад сухан гӯянд,
Фоъилотун/ мафоъилун/ фаълон
- v - -\ v –v -\ - ~
Ту ҳавозӣ ҳадиси гоб кунӣ!
Фоъилотун/ мафоъилун/ фаъилун
V v - -\ v – v -\ v v –

Вазни ин байт Хафифи мусаддаси махбуни аслами мусаббағ (ибтидо-махбун, зарб-махбуни маҳзуф) мебошад. Агар ин байтро ба наср гардонем, бе ивази ҷойи калимаҳои он як ҷумлаи мураккаби тобеъ ба вуҷуд меояд:

«Мардумон аз хирад сухан гӯянд, аммо ту якбора суханҳои беҳуда мегӯӣ».

Мисоли дигар:

Ман кунам пеши ту даҳон пурбод,
Фоъилотун/ мафоъилун/ фаълон
- v - -\ v –v -\ - ~
То занӣ бар лобам ту зобгаре.
Фоъилотун/ мафоъилун/ фаъилон
- v - -\ v –v-\ v v ~

Ин байт дар вазни Хафифи мусаддаси махбуни аслами мусаббағ (зарб-махбуни мақсур) эҷод шудааст ва мисли байти боло ҳамагӣ аз як ҷумлаи мураккаб иборат аст.

Чунин хусусият на фақат дар ашъоре, ки дар авзони баҳри Хафиф эҷод шудааст, дида мешавад, балки сабки худи устод чунин аст. Яъне, устод тарзе эҷод мекунад, ки шеъри ӯ суҳбати марди хирадмандро ба хотир меорад. Ба ин байт, ки дар баҳри Мутақориби мусаммани солим эҷод шудааст, диққат диҳед:

Чӣ некӯ сухан гуфт ёрӣ ба ёрӣ,
Ки то кай кашем аз хусур зиллу хорӣ?
Фаъӯлун/ фаъӯлун фаъӯлун/ фаъӯлун
V - -\ v - -\ v - - \ v - -

Ё ба ин байт диққат диҳед:

Пушт кӯжу сар тавилу рӯй бар кирдори нил,
Соқ чун сӯҳону дандон бар мисоли устура.
Фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилон
- v - -\ - v - -\ - v - -\ - v -

Мисоли дигар:

Аз хару полик он ҷой расидам, ки ҳаме
Мӯзаи чинӣ мехоҳаму аспи тозӣ!
Фоъилотун/ мафъӯлун/ фаъилотун/ фаъилун
- v - -\ - - -\ v v - -\ v v-

- v - -\ - - -\ v v - -\ - -

Устод Рӯдакӣ дар ашъори худ, аз қоидаи он, ки агар ҳиҷо бо садоноки дароз ба охир расаду калимаи баъдӣ бо садонок сар шавад, ҳиҷои дарози қаблӣ ба ҳиҷои кӯтоҳ табдил меёбад, хеле хуб истифода кардааст. Мисол:

Ба як гардиш ба шоҳаншоҳӣ орад,
Диҳад дайҳиму тоҷу гӯшворо.
Мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун
V - - - \ v - - -\ v - -

Дар ин байт калимаи «шоҳаншоҳӣ» бо ҳиҷои «-ҳӣ» ба охир мерасад ва он, албатта, ҳиҷои дароз аст, зеро ба қоидаи ҳиҷои дароз (як ҳамсадову як садоноки дароз) мувофиқат мекунад. Аммо Рӯдакӣ ҳиҷои «-ҳӣ»-ро ҳамчун ҳиҷои кӯтоҳ истифода кардааст, зеро баъди садоноки дарози «ӣ» садоноки дарози «о» омадааст. Дар байти:

Он чи бо ранҷ ёфтишу ба зулл,
Фоъилотун/ мафоъилун/ фаъилон
- v - -\ v – v -\ v v ~
Ту ба осонӣ аз газофа мадеш.
Фоъилотун/ мафоъилун/ фаъилон
- v - -\ v – v -\ v v ~

Устод ҳиҷои «нӣ»-и калимаи «осонӣ»-ро ҳамчун ҳиҷои кӯтоҳ истифода кардааст, зеро баъди калимаи «осонӣ» калимаи «аз» омадааст, ки ҳарфи аввали он садонок аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Авфӣ Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб. Аз рӯйи чопи профессор Броун, бо муқаддима ва таълиқоти аллома Муҳаммади Қазвинӣ ва нусхаи таҳқиқоти устод Саид Нафисӣ ва тарҷумаи дебочаи англисӣ ба форсӣ, ба қалами Муҳаммад Аббосӣ /Авфӣ Муҳаммад. – Теҳрон. Китобфурӯшии Фахри Розӣ, 1361.
2. Брагинский И.С. Абу Абдуллах Джафар Рудаки / И.С. Брагинский. –Москва: Наука -Главная редакция восточной литературы, 1989.
3. Мавлоно Муфтӣ Муҳаммад Саъдуллоҳ. Мизон-ул-афкор-шарҳи «Меъёр-ул-ашъор», «Рисолаи рубоӣ», Нувалкишур/ Мавлоно Муфтӣ Муҳаммад Саъдуллоҳ.- Теҳрон, 1282.
4. Мирзоев Абдулғанӣ. Абӯ Абдулло Рӯдакӣ/ Мирзоев Абдулғанӣ. –Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958.
5. Мисбоҳиддини Нарзиқул. Авзони ашъори Рӯдакӣ /Мисбоҳиддини Нарзиқул. –Душанбе: Сино, 2011.
6. Насруддин Абдуманнон. Рӯдакӣ (нусхашиносӣ ва нақду баррасии ашъори бозмонда)/ Насруддин Абдуманнон. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 1999.
7. Нафисӣ Саид. Муҳити зиндагӣ ва аҳволу ашъори Рӯдакӣ/ Нафисӣ Саид. –Теҳрон: Амири Кабир, 1385 (чопи панҷум).- МААР.
8. Рӯдакӣ Абӯабдуллоҳ. Ашъор/ Таҳияву тадвини матн бо муқаддима ва луғату тавзеҳот аз Расул Ҳодизода ва Алии Муҳаммадии Хуросонӣ. –Душанбе Адиб, 2007.
9. Тоиров У. Арӯз ва тасҳеҳи шеъри Рӯдакӣ/У.Тоиров //Симпозиуми байналмилалии саҳми мардумони Эронӣ дар рушди тамаддуни
10. Тоиров У. Дар баёни муносибат ва вобастагии илмҳои арӯзу қофия ва бадеъ/У. Тоиров // Маърифат, 2002, № 1-2, с.41-46.
11. Тоиров У. Офтобе дар миёни сояе/ У.Тоиров. - Душанбе: Сино, 1999.- Қисми 1.–164с.
12. Тоиров У. Офтобе дар миёни сояе/ У.Тоиров. - Душанбе: Сино, 1999.- Қисми 2.-134с.
13. Тоиров У. ва Дурманова С. Рӯдакӣ – офаридгори назми оламгир/ У.Тоиров.– Д.: Ҳоҷӣ Ҳасан, 2013.-272 с.

РУДАКИ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ПОЭТИКИ

Рудаки является основоположником персидско-таджикской классической поэзии, который заложил основы жанров и форм персидской поэзии, разработал основные размеры персидского стихосложения. В его творчестве объединилось высокое мастерство и богатство родного языка.

Ключевые слова: мастерство Рудаки, становление литературного творчества Рудаки, поэт периода Саманидов, основоположник персо-таджикской классической поэзии, жанры и формы персидской поэзии.

RUDAKI AND IMPROVEMENT OF POETICS

Rudaki is the founder of the Persian-Tajik classical poetry, which laid the foundations of genres and forms of Persian poetry, developed the main dimensions of Persian poetry. In his works has teamed up high skills and wealth of the native language.

Key words: skills Rudaki, the development of literary creativity Rudaki, the poet of the period of Samanids, the founder of the Persian-Tajik classical poetry, genres and forms of Persian poetry.

Сведения об авторе: ***Урватулло Тоиров*** – доктор филологических наук, профессор ТНУ

ТАСВИРИ СИМОИ ЗАНИ МУБОРИЗ ДАР РОМАНИ «БАНТИИ ШУМО» («АПКА БАНТӢ»)-И МАННУ БҲАНДАРӢ

М.А. Нурова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

«Ҷомеае, ки ба зан-модар гамхорӣ менамояд, ба ояндаи худаш гамхорӣ мекунад. Давлате, ки нисбат ба модар - сарчашмаи ҳаёт ва бақои насли ояндаи инсон бепарво бошад, ояндаи худро аз даст медиҳад»

Эмомалӣ Раҳмон

Замоне, ки сухан аз адабиёт дар миён аст, нахустин нуктае, ки ба назар мерасад ва асрҳо таваҷҷуҳи башариятро ба худ ҷалб намудааст, тасвири симои зан аст, ки адабиёти ҳар миллат дар тавсифу бозтоби он намунаҳои ҷолибе дорад. Албатта, агар муқоиса намоем, маълум мегардад, ки нисбати ин масъала адабиёти ҷаҳон якрангу дар як сатҳ нест. Вале бар хилофи он мавзӯи ёдшуда дар эҷодиёти адибони муосири ҳиндӣ чун Моҳан Ракеш, Рачендра Ядав, Манну Бҳандарӣ, Камлешвар ва д. ҷойи махсусе дорад.

Чи тавре ки адиби маъруфи Ҳинд Моҳан Ракеш дар бораи хеш сухан ронда, худро «нависандаи ба масъалаи занҳо сахт вобастабуда» номида буд, мисли ӯ нависандагони дигари Ҳиндустонро низ ба ин гурӯҳ илова кардан зарур мебошад, чунки дар адабиёти халқҳои Ҳиндустон адиберо ёфтан душвор аст, ки дар эҷодиёташ ба масъалаи тасвири симои зан рӯ наоварда бошад» [5, 44].

Адибони ҳинд дар насри худ ҳаёти мушкили пур аз ғаму ташвиши зани ҳиндуро новобаста ба сину сол ва ба кадом табақаи ҷамъиятӣ тааллуқ доштанаш воқеъбинона ба қалам дода тавонистаанд. Ҳарчанд симои зан дар ҳикоя ва романҳои нависандагони ҳиндӣ дорои ҷаҳонбинии гуногун буда, аз ҷиҳати ҷойи зист ва мазҳаб аз ҳам хеле дар тафовутанд, лекин ҳамаи онҳоро як чиз ба ҳам мепайвандад, маънии онҳоро дар зиндагӣ як мекунад, ки он ишқу муҳаббати модарона, занона, умуман, ишқу муҳаббати инсонӣ аст, ки дар ҳаёт ба онҳо баъзан хурсандиҳоро ато мекунад.

Ҳикоя ва романҳои ба ҳаёти занҳо бахшидашудаи адибони ҳиндро таҳлил намуда, мо ба осонӣ дида метавонем, ки занҳои ҳинду чӣ гуна сол то сол дар ҳалли масъалаҳои ҳаётии худ ва мубориза барои беҳбуди зиндагӣ фаъолтар, далертар ва боҷуръаттар шудан мегиранд.

Адибони Ҳинд дар тасвири зиндагии занҳо маҳорати хубе доранд. Аз замонҳои қадим то ба имрӯз садҳо занҳо ҳамчун қаҳрамони асосии асарҳои бадеӣ маълум мешаванд. Баъзе аз ин занҳо шахсиятҳои воқеии таърихӣ мебошанд, баъзеашон маҳсули бофтаи адибонанд. Маъмулан, занҳои тасвиршуда, хусусан дар нақшҳои асосӣ қаҳрамонҳои мусбат мебошанд.

Дар солҳои авҷ гирифтани муборизаҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар саросари Ҳиндустон занҳо дар сафи мардони хеш баҳри озодии ватан бархостанд. Қаҳрамонӣ ва ҷонсуприи занҳо на танҳо намунаи ибрат барои мардуми Ҳинд, балки барои ҷаҳониён шудааст. Дар саҳифаҳои эҷодиёти адибони Ҳинд тасвир ва тавсифи амали занҳои ҳинду барои эҷодкорон эҳтироми хосае дошт.Мардони ҳинду ба қудрат ва тавоноии зани ҳинду аҳсан хондаанд ва англиси мустамликадор эҳсос кард, ки қувваи зани ҳинду низ ҷазби худро дорост.

Чунончи, адибаи ҳиндӣ Субҳадри Кумари Чауҳан муаллифи беҳтарин достон дар бораи қаҳрамонии малика Лакшми Бай («Ҷҳансӣ ки рани Лакшми Бай») барои муҳофизати хонигарии худ Ҷансӣ якчанд маротиба барои ҳаракатҳои озодихоҳонааш зиндонӣ шудааст.

Ин аст, ки пас аз соҳибистиқлол шудан (1947) сарвазири Ҳиндустон Ҷавоҳирлол Неҳру барои ба вазифаҳои роҳбарикунанда пешбар намудани занҳои ҳинду саҳмгузор аст ва таърих гувоҳ аст, ки занҳои ҳинду дар вазифаҳои мухталиф дар сафи мардон баҳри пойдории озодӣ ва пешравии мамлакати худ кӯшиш ба харҷ дода истодаанд. Имрӯзҳо дар сафи адибони ҳинд адибаҳо адабиёти муосири ҳиндиро бо намунаҳои эҷодиёти худ бою ғанӣ гардонида истодаанд.

Манну Бҳандариро дар ватан, яъне дар Ҳиндустони бузург хонандагони сершумор мешиносанд ва эҳтиром мекунанд. Адиба дар инкишофи адабиёти

муосири ҳиндӣ нақши муайяне гузошт. Аз ин сабаб шуҳрат ӯро дар ҳаёт ҳамсафар гаштааст. Далели ин суханҳоро дар муқоваи маҷмӯаи ҳикояҳояш бо номи «Тришанку» дарёфт кардан мумкин аст, ки наметавон дар Ҳиндустон хонандаеро дарёфт, ки номи Манну Бҳандарӣ барояш ношинос бошад [2, 17].

Манну Бҳандарӣ ба жанрҳои гуногуни адабӣ рӯ оварда, дар навиштани ҳикоя, роман ва драма қувваозмоӣ кардааст. Вай муаллифи шаш маҷмӯаи ҳикояҳо, панҷ роман ва дарамаи «Хонаҳои бедевор» («Бина деварон ке гҳар») мебошад.

Манну Бҳандарӣ фаъолияти эҷодии худро аз ҳикоянависӣ оғоз намуда, баъдтар драма, роман, асарҳо барои бачаҳо, сенария барои филмҳо навиштааст. Гуфтан лозим аст, ки дар адабиёти муосири ҳиндӣ Манну Бҳандарӣ бештар чун ҳикоянависи болаёқат ном баровардааст вале мавзуъҳое, ки адиба дар романҳои худ бардоштааст, барои ҳалли мушкилоти Ҳиндустони соҳибистиқлол дар муносибати марду зан ва проблемаҳои зани ҳинду тавонистанд, ки диққати аҳли ҷомеаи Ҳиндустони озодро ба онҳо ҷалб кунанд.

Муҳаққиқони эҷодиёти Манну Бҳандарӣ, аз ҷумла профессор Ҳ. Раҷабов романҳои Манну Бҳандариро ба тариқи зайл тақсимбандӣ намудааст: «Як инч табассум» («Эк инч мускан», якҷоя бо Раҷендра Ядав), «Бантии шумо» («Ап ка Бантӣ»), «Хӯҷаин» («Свамӣ»), «Калава», «Қурбонии калон» («Маҳабҳоҷ») [6, 29].

Манну Бҳандариро намояндаи маъруфи ҷараёни «Ҳикояи нав», яке аз асосгузори ин ҷараён мешуморанд, вале худи адиба ба ин ё он ҷараёни адабӣ шомил буданашро рад мекунад. Ҳатто таъкид мекунад, ки дар канори ин ҷараён, яъне ҷараёни «Ҳикояи нав» ҳам наистодааст. Чунончи, худи адиба дар ин асос чунин меорад: «Маркази ҷараёнҳои ҳикояро он тараф монед, ман ҳатто дар канораш набудам. Ин як тасодуф аст, ки солҳои ба кори эҷодӣ шурӯъ намудани ман ба солҳои авҷи инкишофи ҷараёни «Ҳикояи нав» рост омад. Шояд, ба аксарияти намояндагони «Ҳикояи нав» дӯстӣ доштанам, маро ба сафи онҳо шомил намуданд».

Ҳарчанд оид ба ҷараёни «Ҳикояи нав» шомил будани адиба ақидаи худи Манну Бҳандарӣ радкунанда аст, вале чун дар ҳикояҳои ӯ ҷой доштани тамоми хусусиятҳои «Ҳикояи нав» дида мешавад. Муҳаққиқони соҳаи хеш ӯро ҳамсафи Моҳан Ракеш, Раҷендра Ядав, Камлешвар ва дигар намояндагони ин ҷараён медонанд. Намояндагони ҷараёни мазкурро аз ҷиҳати услуб, интихоби мавзӯъҳо, интихоби қаҳрамонҳо, ҳалли масъала, ноумедӣ, нокомӣ, эсоси танҳоӣ, оҷизӣ барин хусусиятҳо бо ҳам мепайвандад.

Қаҳрамонҳои «Ҳикояи нав» дар зиндагӣ ягон кори ғайр ва ё қаҳрамонӣ нишон намедиҳанд, бе дахолати муаллифон, аллакай хислатҳои қаҳрамониашонро гум кардаанд. Дар саҳифаҳои ҳикояҳо онҳо ҳаёти ҳаррӯзаи худро беягон тавзеҳот ва ё таркиботи муаллиф аз сар мегузаронанд.

Солҳои 50-60-уми асри гузашта пас аз соҳибистиқлол гаштани Ҳиндустон замоне буд, ки ана ҳамин гуна қаҳрамонҳо арзи вуҷуд кардаанд. «Чомеа чунин қаҳрамонҳоро ба вуҷуд овард, ки худ қаҳрамону ба ҳимоякунанда муҳтоҷанд» [6, 134], - ба қаҳрамонҳои «Ҳикояи нав» баҳо додааст доктор Ҳ. Раҷабов дар рисолаи худ, ки ба ташаккули ҳикояи ҳиндӣ бахшида шудааст.

Манну Бҳандарӣ қайд мекунад, ки соҳиби мансабу сарват шудан аз дили одамон якдигарфаҳмӣ, андеша, дар сари вақт изҳори муҳаббати самимӣ кардан ва мисли инҳоро бурдааст ва бегонашавӣ, танҳои, ғусса хӯрдану ба касе дарди дил нагуфтанро ба вуҷуд овардааст [2, 20].

Манну Бҳандарӣ ҳақиқати зиндагиро ҷустуҷӯ мекунад ва барои дарёфти ин ҳақиқат ба ӯ лозим меояд, ки чандин гиреҳҳоро кушояд ва ҳамаи ин кӯшишҳо ба хотири ғами инсони одиро хӯрдан, ба ӯ ёрӣрасонидан ва нисбати тақдири ӯ бетафовут набудан, бо ӯ ҳамдилу ҳамфикр ва шарики дарду ғами ӯ будан аст.

Дар осори адибон намунаҳои таҳлили муносибат ба зан-модар ва танқиди вазъи номатлуби иҷтимоии зан кам нестанд. Зан ҳамчун модар тамоми ҳастии худро барои фарзандон мебахшад, мафҳуми фарзанд барои модар бо мафҳуми зиндагӣ тавъам аст. «Пас, хидмате, ки модар барои фарзандони худ мекунад, ҷоннисориест барои ҷомеаи инсонӣ» [1, 41], - овардааст шарқшиноси тоҷик А. Байзаев бузургии зан-модарро тараннум карда. Парастишу ситоиши мақоми модар дар романи «Бантии шумо»-и нависанда-зани ҳинд Манну Бҳандарӣ (тав. 1931) мавқеи махсус дорад.

Дар охири солҳои 70-80-ум романи психологии адибаи ҳиндӣ Манну Бҳандарӣ зери номгӯйи «Бантии шумо» («Апка Банти», 1977) байни хонандагон хуш қабул

гардид ва зери таҳқиқи мунаққидон қарор гирифта, чун намунаи услуби «романи нав» эҷод шуд.

Манну Бҳандарӣ дар асарофарӣ ба шаклу услубҳои адабии навоварии замон диққати ҷиддӣ намедод, ӯ танҳо ҳақиқатро беягон дигаргунию тағйирдиҳӣ тасвир мекунад. Маҳз ҳамин ҳақиқатнигорӣ ва ҳамдилӣ бо симоҳои интихобнамудааш адибаро номдор ва соҳибэҳтиром гардонид.

Манну Бҳандарӣ кӯшиш кардааст, ки танҳо тасвири ҳақиқатонаи ҳолати рӯҳии қаҳрамонҳои романро нишон диҳад: зани ҷавоне бо номи Шакун ва писари ӯ Бантӣ. Дар асар ҳолатҳои мухталиф аз зиндагии мардум оварда мешавад. Зану шавҳар аз ҳам ҷудо шуданд. Мард бо оилаи наваш ба шаҳри дигар кӯчидааст. Зани бадбахт, яъне Шакун бо писари худ танҳо мемонад. Вале мебинем, ки дар зиндагии худ Шакун аллакай ба муваффақиятҳо низ ноил гаштааст: ӯ роҳбарии коллеҷи начандон бузургро бар дӯш дорад, аз ҷиҳати иқтисодӣ соҳибихтиёр аст, дар хона низ ба чизе муҳтоҷ нест. Ҳаёти Шакун якранг паси сар мешуд, аммо, зиндагии ороми зани ҷавонро доктор Ҷошӣ халалдор мекунад. Оқибат, Ҷошӣ аз Шакун хоҳиш мекунад, ки ҳамсараш шавад.

Чун ҳиссиёти нав қалби зани ҷавонро фаро мегирад, Шакун пеш аз ҳама модар буданашро фаромӯш намекунад. Рӯзҳое буданд, ки чунин эҳсосот қалбашро саршор карда буд ва имрӯз зани бечора метарсид, ки ин ҳиссиёти ӯро фарогирифта мабодо, ҳолати рӯҳии фарзандашро халалдор накунад. Меҳру муҳаббати модар Бантиро аз хурдсолӣ насиб буд ва дигар наметавонист ва шояд намехост, ин муҳаббатро бокасе тақсим намояд.

Муаллиф ҳолати рӯҳии писарбача Бантиро тасвир намуда, эҳсосоти кӯдакеро ба қалам медиҳад, ки то имрӯз меҳри модар танҳо насиби ӯ буд. Аз паҳлӯи дигар, нависанда кӯшиш кардааст, ки ҳиссиёти рӯҳии модарро нишон диҳад, ки дар чорсӯйи зиндагӣ баҳри интихоби роҳи дуруст сарсон аст: аз як тараф, ҳис ва қарзи модарӣ, аз тарафи дигар, хоҳиши ба роҳ мондани ҳаёти шахсӣ.

Чун ба адабиёти солҳои 50-60-ум назар кунем, қаҳрамонҳо ва симоҳои асарҳои дар ин солҳо эҷодшуда дар зиндагӣ қаҳрамоние нишон намедиҳанд, онҳо ҳамон тавре рӯзҳои ҳаёти худро паси сар мекунанд ва ҳатто, баъзан барои дигаргун сохтани зиндаги худ кӯшише намекунанд ва ё кӯшиш кардан ҳам намехоҳанд. Чунин рӯҳияи дилозурдагӣ ва рӯҳафтодагии муаллифони романҳо ба қаҳрамонҳои онҳо низ таъсир карда буд.

Пас аз охири солҳои 70-80-ум адибони ҳиндӣ аз ин ҳолат берун баромадан гирифтанд ва акнун қаҳрамонҳои романҳои онҳо ба зиндагӣ дилгарм шуда, баҳри ояндаи беҳтаре дар талош ҳастанд. Ин аст, ки Шакун дигар худро танҳо ҳис намекунад: ӯ соҳиби фарзанди дустрӯй аст ва мақоме дар ҷомеа низ дорад.

Ин зан, пас аз он ки шавҳараш ӯро бо писарчаи хурде танҳо гузошта худ бо оилаи наваш ба шаҳри дигар кӯчидааст, рӯҳафтода нашуд, зеро тарбияи фарзанд ва нигаҳдории хонаи хеш бар дӯши ӯ афтода буд ва акнун ӯ мардонавор барои ба воя расонидани писараш камар баст. Шакун барои писараш Бантӣ тамоми шароитҳоро муҳайё сохт, ки фарзандаш аз чизе танқисӣ накашад.

Гуфтан лозим аст, ки дар ҷомеаи муосири Ҳинд чунин вазъи занҳоро вохӯрдан мумкин аст, аммо зани муосири ҳинду барои дигар исбот кард ва нишон дод, ки имрӯз қудрати ҳалли на танҳо мушкилоти оилавиро дорад, балки чун фарди зарурии ҷомеа баромад карда метавонад ва дар ҳалли мушкилоти ҷомеаи муосир дар канор нахоҳад монд.

Манну Бҳандарӣ занеро тасвир намудааст, ки ҳамчун зан ва модар нуқсоне надорад. Вай бо вуҷуди зани дигар гирифтану ӯро партофтани шавҳараш нисбати ӯ фақат муносибати хубро раво мебинад. Зан ба ҳама мушкилиҳо шикояте накардааст. Муаллиф натанҳо пуртоқатию сарпастии зани ҳинду, балки дар вазъияти санҷиши ҳолати табии инсонӣ, қавиродагӣ, ҷиддият ва соҳибғурур будани занро боварибахш тавсиф мекунад.

Дар роман мебинем, ки ҳолати рӯҳии Шакунро танҳо ба ҳаёти ӯ ворид шуданимарде бо номи Ҷошӣ халалдор месозад. Шакун пеш аз ҳама занаст ва дар чунин ҳолат ҳисси модарӣ болотар аз ҳиссиёти шахсӣ меистад. Вақте ки Ҷошӣ барои бо ҳам хонадор шуданаш ба Шакун таклиф мекунад, дар ин маврид ҳам, модар пеш аз ҳама дар фикри фарзанд аст ва баҳри оромии рӯҳии фарзандаш фикр мекунад.

Гуфтан лозим аст, ки мавзӯи волидайн ва фарзандони онҳо дар адабиёти аврупоӣ мавзӯи паҳнгашта буда, ҳоло ба адабиёти ҳиндустонӣ низ ворид шудааст.

Дар ҷомеаи Ҳинди муосир занҳое ба монанди Шакун зиёд шуда истодаанд. Манну Бҳандарӣ тавонист, ки аз диди адабӣ ва боваринок чунин ҳолати нави оилаҳои муосири ҳиндувонро нишон диҳад.

Романи насрнависи адабиёти муосири ҳиндӣ шуҳрати зиёдеро ноил шуд ва яке аз романҳои беҳтарин дар ин мавзӯъ эътироф шуд.

Манну Бҳандарӣ чун аксарияти насрнависони гуногуни Ҳиндустон, ки дар солҳои 50-70-ум асарҳо эҷод кардаанд, новобаста ба он ки ба ягон ҷараёни адабӣ шомиланд ё не, новобаста ба он ки дар зери таъсири ин ё он адиб ё ҷараёни аврупоӣ ҳастанд ва ё нестанд мавзӯи муносибатҳои пурпечутоби зану мардро озодона тасвир кардааст [5, 130-131], - қайд мекунад профессор Ҳ. Рачабов эҷодиёти Манну Бҳандариро тадқиқ карда.

Ҳиндшиноси ҷавони тоҷик Меҳриниссо Солиева [7] ба тадқиқи зиндагинома ва махсусан, ҳунари ҳикоянависии адиба Манну Бҳандарӣ машғул буда, монографияи худро зери унвони нашр кардааст. Чун аз номгӯи асар бармеояд, муаллиф дар асари худ бештар ба симои зан, мавқеи зани ҳинду дар ҷомеа ва оилаи муосир таваҷҷуҳ кардааст.

Агар ба таърихи адабиёти ҳиндӣ аз замонҳои қадим то имрӯз назар кунем, шоҳиди он мешавем, ки проблемаи занро пайваста чӣ дар назм ва чӣ дар наср адибон тасвир мекарданд. Мушкилот ва талаботу хоҳиши занромардони бузург ба қалам медоданд, яъне мақому манзалати зани ҳинду ҳам дар ҷомеа ва ҳам дар оила аз нигоҳи мардон муайян мешуд.

Имрӯз дар адабиёти муосири ҳиндӣ адибаҳои зиёде ба майдони наср ворид шудаанд, ки дар саҳифаҳои асарҳои худ мушкилоту талаботи зани ҳиндуро аз дидгоҳи зан ҳаллу фасл намуда, мақоми худро дар оила ва ҷомеаи муосири Ҳиндустон ишғол карда истодаанд. Чунончи, Манну Бҳандарӣ, Кришна Собатӣ, Уша Приямвада, Меҳруниссо Парвиз ва дигарон аз қабили ҳамин гуна насрнависоне ҳастанд, ки дар ҳикоя ва романҳои худ қаҳрамони марказиро аз қабили зани соҳибмаълумот ва ҳам бесавод, доро ва нодор, зани оиладор ва зани бевамонда, хизматгор ва коргар, зани деҳотию шаҳрӣ, умуман аз ҳар табақаю синфи ҷомеаи муосири Ҳинд интихоб кардаанд.

Манну Бҳандарӣ чун нависандаи нозукбин ба воситаи асарҳояш тавонистааст, проблемаи зани имрӯзаи ҳиндуро бо ҳама печу тоб, хушию бадбахтӣ, нобаробарию дорӣ, бурдборию пастиаш нишон диҳад.

Мавзӯи асосии эҷодиёти Манну Бҳандариро муайн намуда, муҳаққиқони эҷодиёти адиба Лакшмисагар Варшнея, Трибҳуван Синҳ ва Вишванатҳ Прасад ба як натиҷа омадаанд, ки ӯ «муносибатҳои марду зан» нагуфта, «муносибатҳои зану шавҳар» ва «ишқи ҳозиразамон» мегӯяд… Ҳикояҳои ӯ бо тасвири зиндагии оилавӣ, муносибати зану шавҳар ва ишқу муҳаббати хоси замони ҳозира маҳдуд мешаванд».

Чи тавре ки болотар қайд кардем, Манну Бҳандарӣ дар офаридани роман низ қувваозмоӣ кардааст. Гуфтан лозим аст, ки мавзӯи романҳои адиба чун давоми мавзӯи ҳикояҳои ӯ мебошанд. Яъне Манну Бҳандарӣ дар саҳифаи романҳояш ҳам аз ҳаёти нооромии зани ҳинду сухан гуфтааст. Образи зани боғурур, дилсоф, дорои ақлу фаросатбударо ба қалами тасвир кашида, боз ҳам хонандаи худро барои ҳамфикру ҳамқадам, дилсӯзу ғамбардории занҳои бамушкилиафтода даъват мекунад. Адиба борҳо ишора ба он мкунад, ки барои инсони дардманду дарднок баъзан кофист, ки ӯро каме дилбардорӣ намоӣ, дилсӯзӣ кунӣ, ҳамфикри ӯ бошӣ, то худро дарин дунёи ниҳоят бузург танҳо эҳсос накунад.

Ба ҳунари эҷодӣ ва шуҳратманд шудани Манну БҳандарӣМоҳан Гупта чунин баҳо додааст: «…Манну Бҳандарӣ нисбатан кам эҷод карда бошад ҳам, асарҳои арзишманди замонавӣ офаридааст. Бисёр адибоне ҳастанд, ки якчанд асари тоза офарида, баъдтар худро гаштаю баргашта такрор мекунанд. Манну Бҳандарӣ аз ҷумлаи ин гуна адибон нест. Дар адабиёти муосири ҳиндӣ мавқеи хос доштани ин адиба маҳз дар тозабаёнӣ ва сари вақт дарк намудани дигаргуниҳои айём аст» [4, 5].

А Д А Б И Ё Т

1. Байзоев А. Масоили гендерӣ дар забон ва адабиёт: даст.таълим барои донишҷӯёни факултетҳои шарқшиносӣ ва филология /А. Байзоев. – Душанбе: ЭР - граф, 2008. – 125 с.
2. Бҳандарӣ, Манну. Тришанку /М. Бҳандарӣ. –Деҳлӣ: Радҳакришна Пракашан букс, 1995. – 160с.
3. Бҳандарӣ, Манну. Бантии шумо (Апка Банти) /М. Бҳандарӣ. –Деҳлӣ: Рагҳакришна пракашн, 1983. – 208 с.

4. Гупта,Моҳан. Эҳсоси ботинии ҳуд /Бҳандарӣ Манну//Ҳикояҳои интихобшуда. – Деҳлӣ, 1986. – С. 3-6.
5. Раджабов, Х. Мохан Ракеш – новеллист / Х. Раджабов // Памир. -1985. -№8. – С. 65-72.
6. Раҷабов, Ҳ. Се насли ҳикоянависони ҳиндӣ / Ҳ. Раҷабов –Душанбе: Статус, 2001. - 272 с.
7. Солиева, М. Симои зани ҳинду дар ҳикояҳои Манну Бҳандарӣ /М. Солиева. –Душанбе: Ирфон, 2006. - 128 с.

ОТРАЖЕНИЕ ОБРАЗА ОТВАЖНОЙ ЖЕНЩИНЫ В РОМАНЕ «ВАШ БАНТИ» («АПКА БАНТИ») МАННУ БХАНДАРИ

В конце 70-80-х г.г. в свет вышел психологический роман писательницы современной литературы хинди Манну Бхандари «Ваш Банти» («Апка Банти», 1977), который приветствовался среди многочисленных читателей и был признан исследователями данной области как пример «нового романа» хинди. Шакун, героиня романа не опускает руки перед трудностями после того как муж оставив ее с маленьким Банти на руках, уехал с новой женой в другой город. Мать сделала все, чтобы ее сын ни в чем не нуждался. Она добилась больших успехов в жизни. Теперь она директор колледжа. Только Джоши тревожит уже налаженную жизнь. Но Шакун и здесь поступает как любящая мать. Она выбирает спокойствие и счастье для Банти.Манну Бхандари со знанием такого положения индийской женщины смогла описать переживания одинокой женщины, посвятившей жизнь воспитанию ребенка.

Ключевые слова: литература, общество, современный, Индия, роман, герой, писательница, женщина, мать, любовь.

THE REFLECTION OF THE IMAGE BRAVE WOMAN IN THE NOVEL “YOUR BNATI” (“APKA BANTI”) MANNU BHANDARI

At the end of the 70-80 -years the band released a psychological novel writer a modern Hindi literature Mannu Bhandari "Your Bunty " ("ApkaBanti", 1977), which was welcomed by many of the readers and has been recognized by researchers as an example of the art of the "new novel" Hindi.

Shakun, the heroine of the novel did not lose heart in face of difficulties after her husband left her with a little baby on his hands, and he moved with a new wife to another city. The mother did everything to her son he needn’t anything. She achieved a great success in her life. Now she is director of the college. Only Joshi worries already set life. But Shakun and here comes as a loving mother. She chooses peace and happiness for Bunty.

Mannu Bhandari with knowledge of the provisions of the Indian woman was able to describe the experiences of a single woman dedicated her life to look after a child.

Key words: literature, society, modern, India, novel, hero, writer, woman, mother, love.

Сведение об авторе: ***Нурова М.А.*** **–** докторант Таджикского национального университета. Телефон: (+992) **909-00-92-62**

ФИҒОНӢ ВА БАЁНИ ВОҚЕИЯТ ДАР МАТОЛИБИ ИШҚӢ

О. Ш. Саидҷаъфаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бобо Фиғонии Шерозӣ дар нимаи дувуми асри XVI зуҳур намудааст. Дар хусуси мушаххасоти зиндагонии Фиғонӣ дар аксари тазкираҳо маълумоте дастрас нест ва агар дар чанд тазкира дар бобати ин шоири ҳунарманд маълумоте оварда шуда бошанд, он ҳам бисёр мухтасару муҷмаланд.

Шиблӣ дар ҳамин маврид чунин мегӯяд: «… Афсӯс ва ҳазорон афсӯс аст, ки арбоби тазкира дар ҳолоти як чунин шахсе ҳам зиёда аз як ду чаҳор сатр навиштанро дареғ доштанд» [2, 22]. Соли таваллуди Фиғонӣ маълум нест ва дар ин хусус дар ягон сарчашмае маълумоте дода нашудааст. Муҳаммад Афзали Сархуш дар тазкираи худ танҳо оварда, ки Фиғонӣ ҳамасри Мавлоно Ҷомӣ аст [4, 63]. Соммирзо ҳам дар тазкирааш фақат қайд карда, ки зодгоҳи Фиғонӣ Шероз аст [5, 176]. Ҳатто мусаҳҳеҳ ва мураттиби девони Бобо Фиғонии Шерозӣ Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ ҳам, ки девони комили шоирро дар асоси чандин нусхаи қадим омода сохтааст, дар муқаддимаи муфассале, ки дар хусуси ҳаёт ва эҷодиёти Фиғонӣ навиштааст, дар ин маврид чунин қайд кардааст: «Таърихи таваллуди Бобо Фиғониро ҳеҷ як аз муаррихон ва тазкиранависон сабт накардааст ва ба таври таҳқиқ номаълум аст» [6, нуҳ].

Ӯ ҳам мисли Забеҳуллоҳи Сафо ва дигар муҳаққиқон фақат ба ин маълумот, ки Фиғонӣ намояндаи нимаи дувуми асри асри XV1 аст, басанда кардааст, ки ин, албатта, дақиқ нест. Бе нишондоди муҳаққиқони мазбур ҳам аён аст, ки Фиғонӣ

намояндаи даврони мазкур аст, чун дар замони Султон Ҳусайни Бойқаро- ҳокими Ҳирот ва Султон Яъқуб- ҳокими Табрез ба сар мебурд.

Ҳаёти Фиғонӣ то ҳудуди сисолагӣ дар зодгоҳаш сипарӣ мешавад ва пас аз ин барои дарёфти ном азми сафари Хуросон менамояд. Дар Шероз Фиғонӣ ба шуғли кордгарӣ рӯзгор мегузаронд [5, 176]. Чун то ҳудуди синни 30- солагӣ Фиғонӣ дар ватани худ ба сар бурда буд, бешубҳа, метавон гуфт, маълумоти ибтидоӣ ва таҳсили илму адабро ҳам дар зодгоҳи худ гирифта ва баъди он азми сафар карда буд. Аҳмади Розӣ дар хусуси сабаби мусофирати Фиғонӣ чунин гуфтааст: «Чун рӯзгоре дар ватани маълуф бигзаронид, ба мазмуни ин сухан, ки «тӯли иқомат муҷиби шаъмат аст», саёҳат оғоз намуд» [3, 231].

Дар ибтидои сафари худ Фиғонӣ ба Ҳирот меравад. Зоҳиран, ӯ мехост ба дарбори Султон Ҳусайни Бойқаро роҳ ёбад ва бо ин тариқ ба муҳити адабии дарбори ин султони илмпарвар, ки зери роҳбарии вазири маъруфи ӯ Алишери Навоӣ фаъолият мекард, ворид шавад. Фиғонӣ чанде ҳам дар Ҳирот умр ба сар мебарад ва дар ин муддат чандин бор ба суҳбати Мавлоно Ҷомӣ мерасад. Аммо Фиғонӣ дар мусоҳиботу муошират бо Мавлоно Ҷомӣ ва муҳити шоирони ҳавзаи Ҳирот муваффақ намегардад ва шеъри ӯ сахт мавриди накӯҳиш ва таҳқиру тардиди онон қарор мегирад. Шиблӣ дар ин маврид мегӯяд:

«Он замон шевае, ки дар шоирӣ мавриди таваҷҷуҳ ва мақбули ом буд, шеваи шуарои Султон Ҳусайн Мирзо будааст ва чун сабки Фиғонӣ аз онҳо ҷудо буд, касе аз ӯ қадрдонӣ нанамуд. Балки каломашро ба қадре лағв ва бемаънӣ хиёл мекарданд, ки ҳар вақт шеъри муҳмале аз касе хонда мешуд, мегуфтанд «фиғониёна» аст. Ҷомӣ то он вақт ҳаёт дошт ва Фиғонӣ ӯро ҳам мулоқот намуд вале аз ӯ ҳам натиҷаи матлуб гирифта нашуд …» [2, 22].

Бо сабаби омилҳои зикршуда Фиғонӣ бо яъсу навмедӣ Ҳиротро тарк менамояд ва ба тарафи Озарбойҷон равона мешавад. Дар шаҳри Табрез-пойтахти онрӯзаи Озарбойҷон Фиғонӣ мавриди таваҷҷуҳ ва қабули суханварони он ҷо қарор мегирад. Амин Аҳмади Розӣ, бо ин ки замони ин сафари Фиғонӣ ба Озарбойҷонро дар фасли дай мегӯяд, дар хусуси соли он маълумоти дақиқ намедиҳад. Ӯ дар ин маврид қайд менамояд: «Чу дар аснои фасли дай ба Табрез, ки маҳалли айшу ишрат ва макони сайру саёҳат аст, расид, азиматаш бад- он қарор гирифт, ки то мавсими қаҳқаҳаи гул ва замони замзамаи булбул дар он диёр бошад» [3, 231].

Фиғонӣ чанде дар Табрез ба сар бурда, дар он миён бо Султон Яъқуб наздикӣ меҷӯяд ва дар ниҳоят, ба ҳузури вай бор ёфта, мавриди иноят ва қабули ӯ воқеъ мегардад. Султон Яъқуб Фиғониро дар силки мулозимони худ дохил фармуд ва ба гуфтаи Амин Аҳмади Розӣ, Фиғонӣ дар хидмати султони мазкур «машмули алтофи хусравона гардид ва хитоби бобоӣ ёфт» [3, 230]. Фиғонӣ дар дарбори Султон Яъқуб аз эҳтирому эътибори шахси султон ва муҳити дарбори вай бархурдор мешавад. Чунонки Соммирзо қайд намуда, дар дарбори Султон Яъқуб ӯро ҳама Бобо- шоир ном мегирифтанд ва Фиғонӣ ҳам бар асари иноёт ва илтифоти султони мазбур дар ин давра «тараққии куллӣ» мекунад [5, 176].

Аммо соли 1491 Султон Яъқуб вафот мекунад ва Фиғонӣ аз ҳомии аслии худ маҳрум мемонад. Ду ҳафта баъд бародари Султон Яъқуб, Юсуфбег ва модараш Салҷуқшоҳ- хотун ҳам аз дунё мегузаранд [6, чаҳордаҳ].

Баъд аз муддате Фиғонӣ Абевардро низ тарк менамояд ва Машҳадро барои истиқомати доимӣ интихоб менамояд. Фиғонӣ пас аз муддати кӯтоҳи истиқомат дар Машҳад, соли 1519 дар шаҳри мазкур вафот мекунад [5, 176; 3, 230].

Бо ин ки Фиғонӣ ба эҷоди анвои гуногуни шеърӣ эҳтимом варзидааст, ӯ аслан шоири ғазал аст ва ҷавҳари ҳунари вай дар ин навъи шеърӣ ҷилваи вижаи худро пайдо намудааст. Дар нигоҳ бар ҳамин навъи шеърии Фиғонӣ аст, ки Муҳаммад Афзали Сархуш қайд карда, ки «шеъри вай дараҷаи қабул ва истеҳсони Мавлавӣ (Ҷомӣ- С. О.) дарёфта» [4, 63]. Тарзу услуби сухангустарии Фиғонӣ, махсусан сабки

ӯро дар эҷоди жанри ғазал шоирони пасини вай, яъне намояндагони сабки маъруф ба ҳиндӣ ҷиддан мавриди пайравиву татаббуи худ қарор додаанд.

Сабки шеърпардозии Фиғонӣ бо тарзу равиши шоирони муосираш ҳамоҳанг набуд ва аз бисёр ҷиҳат аз онҳо фарқ менамуд. Бинобар ин, метавон гуфт, ки шеваи шеърпардозии Фиғонӣ, албатта, дар худии худ ба сабки ҳиндӣ тааллуқ надорад, чун дар овони ҳаёт ва фаъолияти адабии вай ҳанӯз сабке бад- ин ном ё лоақал бо ин тарзу равиши шеърпардозӣ арзи ҳастӣ накарда буд. Аммо баъдан, чун сабки ҳиндӣ ба вуҷуд омад ва шоирони зиёде аз хусусиёти гуногуни он истифода намуданд, як идда аз намояндагони бузурги ин сабк пайравии қобили таваҷҷуҳе аз тарзи Фиғонӣ карданд ва бо ин васила дар рушду тараққии минбаъдаи сабки машҳур ба ҳиндӣ саҳм гузоштанд. Аз ҷумла, Соиби Табрезӣ дар ғазалиёти худ чандин бор худро пайрави Фиғонӣ ҳисобида, ҳамчунин дигаронро низ талқин бар пайравии тарзи Фиғонӣ намудааст

Яке аз вижагиҳои назарраси сабки Фиғонӣ баёни воқеият дар матолиби ишқӣ аст. Бакоргирии воқеият ё вижагиҳои ҳаёти воқеӣ дар тасвироти марбут бар ишқ ва маъшуқ, ки яке аз вижагиҳои сабки ҳиндӣ ва равиши тозагӯйӣ дар авохири садаи XV ва ибтидои асри XVI ба шумор мерафт, низ оғози худро аз шеъри Фиғонӣ гирифтааст. Қабл аз Фиғонӣ, албатта, шоирони дигаре ҳам монанди Шайх Саъдӣ ва Амир Хусрав барои тасвири матолиби ишқии худ гоҳ- гоҳ аз воқеият ва хасисаҳои ҳаёти воқеӣ кор мегирифтаанд.

Аммо баъдан, то зуҳури Фиғонӣ ва вуруди вай ба шеъри форсӣ ба таъсири ирфону тасаввуф ва нақши зиёди истилоҳоти марсуму ананавишудаи ирфониву тасаввуфӣ дар шеър, бавижа дар ғазал, баёни воқеият дар матолиби ишқӣ, на ин ки маҷоли роҳ намеёфт балки ҳақиру ночиз ба ҳисоб мерафт. Шояд яке аз сабабҳои рад шудани сабки Фиғонӣ аз ҷониби шоирони муосираш ва аз ҷониби онон мавриди пайгирӣ қарор нагирифтани равиши ғазалпардозии вай ва ҳатто, муҷиби таҳқиру истеҳзо қарор гирифтани услуби ӯ ва ниҳоятан, бо тамасхур «фиғониёна» ном гузоштани ҳар сухани пасту бурун аз қавоиди марсуму ананавӣ ҳамин истифодаи воқеиёт ва вижагиҳои ҳаёти воқеӣ дар тасвири матолиби асосии ғазал, яъне мавзӯи ишқ ва маъшуқ бошад, ки дар ғазалиёти Фиғонӣ нақши хеле назаррас дорад.

Дар аҳди Шоҳ Таҳмоспи Сафавӣ шоири маъруфе бо номи Мирзо Шарафҷаҳон, ки Шараф тахаллус дошт, фаъолият мекард ва дар дарбори сафавӣ қариб 15 сол дорои мақому манзалати олии садруссудур ва муваззафи муҳиммоти саркори Шоҳ Таҳмоспи Сафавӣ буд. Ӯ дар шеъри ин давра вуқӯъгӯйӣ ё баёни воқеиятро бисёр ривоҷ дода буд. Аммо бояд қайд кард, ки Фиғонӣ ба майдони ғазали форсӣ муддате пештар аз Шарафҷаҳон ворид шуда буд.

Симои асосии ашъори ғиноии Фиғонӣ, яъне ба истилоҳ образи лирикии ғазалиёти Фиғонӣ, бешубҳа маъшуқи азалӣ- Худованд аст, ки дар жанри ғазал дар шеъри форсӣ то зуҳури Фиғонӣ симои марказӣ ва бебадал ба ҳисоб мерафт. Назаргоҳи шоири форсӣ ҳам бар ин симои азалӣ ва тасвири ишқу муҳаббат ба вай, аз нуқтаи бисёр пасту ҳақир сурат мегирифт, то ҷое ки ин маъшукро бар нуқтае бас баланду дастнаёфтанӣ арҷ дода буд ва ҳеҷ василаи тамосу иртибот миёни ин маъшуқ ва шоир вуҷуд надошт. Иллати ин албатта, зери таъlimоти тасаввуф нуҳуфта буд, ки як умр бар шоири мутасаввифу ориф ё ирфонпеша, ё лоақал, тазоҳуркунанда бар орифу ошиқи Ҳақ иҷоза намедод, ки бар маъшуқи азалӣ ва қаҳрамони ишқномаҳо, яъне ғазалҳояш назари дигартарро раво бидонад ва бо вай аз тариқе мутағайир ҷуз аз истифода аз истилоҳоти марсуму мурдарег тамос бигирад.

Маъшуқи шоирони қабл аз Фиғонӣ ҳамагӣ дастнаёфтанӣ ва болотар аз ҳама гуна пиндорҳо буд, ки пас аз хондани ашъори ғиноии шоирони мазбур дар зеҳни ҳар хонандае ҷуз аз як нақши хаёлӣ ва мавҳуми маъшуқи номаълум чизи дигаре дарнамеомад. Ин маъшуқ ба ҳадде мавҳуму мармуз буд, ки ҳар хонандаи одӣ, ҳатто ҳар хонандаи закитабъ ҳам аз вуҷуди ҳақиқии вай воқиф намегашт, то ин ки бо

истилоҳоти вижа ва мармузу маҷҳули тасаввуфӣ ошно намегашт. Вуҷуди ҳамин истилоҳоти тасаввуфӣ шеъри сабкҳои қабл аз Фиғонӣ ва маъшуқи шоирони ин сабкҳоро ба ҳадде мубҳаму маҷҳул ва торику мармуз гардонида буд, ки аз кайфияту чигунагии он ва ҳақиқат он ҷуз аз тариқи дарси мадраса огоҳӣ наметавонистӣ пайдо кард.

Дар ниҳояти худ маъшуқи шоирони мутаорифи қабл аз Фиғонӣ маъшуқе мадрасавӣ ва илмӣ буд, ки дар шеъри онҳо тавассути истилоҳоти илмии омехта бо сухани бадеъ намои мавҳуми худро пайдо менамуд. Ҳатто дар ғазали Хоҷа Ҳофиз ҳам, бо ин ки тавассути нозукии ҳадди аълои адо ва сеҳромезии баён сурати мафтункунандаеро метавон аз маъшуқи вай пайдо намуд, дар ниҳояти худ ин маъшуқ ҳам танҳо барои худи вай ва ё миқдори бисёр маъдуде аз аҳли илм ва аҳли розу ҳол чизеро аз худ менамоёнад, то куҷо расад бар оммаи мардум.

Бо ин ки Хоҷа Ҳофиз ҳам бар хилофи мавҳумпарастии аҳли тасаввуф, чеҳраи отифӣ ва дар ҳадди басити зебоӣ аз маъшуқро бо ҳунармандии танҳо ба хештан хос барои хонандагон ошно намуд ва то ҷое парда аз ин чеҳраи маҳҷуб кушод, аммо чун шахси худи Хоҷа ҳам аҳли мадраса буд ва шеър дар замони ӯ мадрасаӣ буд ва ӯ ҷиҳати тасвири ҷаззобияту зебоии ломутаноҳии маъшуқаш васоити ороишу тазайюнотро аз истилоҳоти тоқу равоқи мадраса барчида буд, маъшуқи вай ҳам бо ин васила бисёр мармуз буд ва зери ҳиҷоби ниҳоят ҳарири рамзҳову кашфҳо қарор гирифта буд. Ҳақиқати маъшуқи Хоҷа ҳам дар ниҳояти худ ҷуз аз худи вай бар ҳеҷ касе кушода нест ва ҳатто, эҳтимол меравад, ки бар шахси худи вай ҳам нокушода мондааст, то чи расад бар дигарон.

Худи Хоҷа ҳам қоил бар ин ақида аст, ки барои дарёфти ин ҳақиқат ва барои пайдо кардани қудрати дидори маъшуқ дидаи зоҳир ва нерӯи тан оҷиз аст, чаро ки ҳиҷоби тани одамӣ ҳамеша ғубори чеҳраи маъшуқ хоҳад буд.

Аммо бо ин ки маъшуқи Фиғонӣ ҳам асли ҳамон маъшуқ аст, ки кулли шоирони қаблӣ аз он сухан гуфтаанд, дар манзари тахайюли вай бо сурате бисёр содаву одӣ ва барои ҳар кас ошнову қарин ҷилва ёфтааст. Фиғонӣ ҳам, албатта, дар навбати худ аз дастнаёфтаниву маҳҷубии маъшуқ сухан гуфтааст вале ӯ дар ҳамин маврид ҳам аз истеҳҷоб ва нопайдоиву дастнаёфтании маъшуқ ба он тариқ сухан мегӯяд, ки дар назари ҳар хонанда чун маъшуқе воқеӣ нақш мепазирад:

Берун нарафту халқи ҷаҳонанд ошиқаш,
Олам гирифту по ба рикобаш касе надид (1, 248).

Тасвири боло тасвире заминӣ аз маъшуқи осмонӣ ва офариниши нақше воқеӣ аз моварои воқеият аст, ки тавассути зеҳну тахайюли шоир сурат пазируфтааст, чун ба василаи чашми басар танҳо бар воқеиёт метавон вуқуф пайдо намуд. Ин тарзи тасвир аз маъшуқ ӯро бисёр заминиву воқеӣ нишон додааст, чун берун рафтану нарафтан бар инсон тааллуқ дорад ва олам гирифтану по ба рикоб ниҳодан низ бар ҷинси хоссае аз инсон, яъне подшоҳон алоқаманд аст.

Бо ин ки ин маъшуқ дар назари Фиғонӣ ҳам бисёр дастнаёфтанӣ аст, чунонки худи ӯ ҳам гуфтааст:

Нозуктар аст аз он ки тавон дод аз ӯ нишон,
Он гул, ки тоза сохт ҷаҳон аз насими хеш (1, 292).

Аммо ӯ дар заминиву воқеӣ ҷилва додани ин маъшуқ ва мардумрас гардонидани ӯ саъйи зиёд кардааст. Дар ин маврид Фиғонӣ кӯшиш ба харҷ додааст, то вижагиҳои отифии маъшуқи худро бо тарзе нав дар маъразӣ дигарон воқеъ гардонад. Ин ки дар байти поён мегӯяд: «Ҳар рассоме, ки ҷамолу сурати мавзуни ёрашро кашад, дар тасвири нозу ғамзаи ӯ дар ҳайрат меафтад», худи ҳамон маъшуқи кулли азалӣ аст, ки шоирони ориф аз он сухан гуфтаанд ва Фиғонӣ ҳам чун рассом саъй дорад сурати хаёлии ӯро тасвир намояд:

Ҳар мусаввир, к- он ҷамолу сурати мавзун кашад,
Ҳайратам гирад, ки нозу ғамзаи ӯ чун кашад (1, 269).

Маъшуқи Фиғонӣ хасиса ва афъоли наздик ба мардумиро доро мебошад. Ӯро метавон шабонгаҳон интизорӣ кашид, ӯ бисёр қарин аст, метавон барои ӯ чароғ даргиронда, омаданашро мунтазир шуд ва дар остона то омаданаш хушҳоливу умедворӣ кашид:

Басе шаб аст, ки дар интизори мақдами ту,
Чароғи дида ниҳодам бар остонаи хеш (1, 283).

Ин маъшуқ кунҷковӣ ва нигоҳҳои инсонворона дорад. Ӯ ҳам мисли инсоне, ки дар як маҷлис ё ҷамъомад оҳиста- оҳиста, пинҳонӣ чашми ҳамсуҳбатонро гурезонда, ба гӯшаи чашм бар ҳар яке аз ҳозирин дуздида дида медӯзад, бар ошиқони худ назар меандозад:

Як- як ба зери чашм ҳарифони худ шинохт,
Бовар макун, ки аз ҳама ғофил нишаст ёр (1, 275).

Албатта, дар байти боло матлаб ва мақсуди аслии Фиғонӣ на ин аст, ки дигаронро бовар кунонад, ки ёр аз ҳама огаҳ аст. Агар матлаби шоирро танҳо иборат аз ин маънӣ донем, ки гуфта шуд, ин матлабро ҷуз аз ҷаҳолат ва нуқси имону маърифати вай наметавон бар чизи дигаре талаққӣ намуд. Охир, ҳама икрор ва бовар бар ин доранд, ки маъшуқи азалӣ аз ҳеҷ чиз ғофил нест ва бар ҳама чиз огоҳ аст.

Бинобар ин, матлаби шоир тарзи нави тасвир аз маъшуқ аст, ки ба ин тариқ, ин маъшуқи муддати мадид ноошноро дар назари ҳар хонандае дастёфтаниву мардумрас ва ошнотару маҳрамтар ҷилва диҳад. Асоси ин мазмуни Фиғонӣ, албатта, баргирифта аз ояи шарифа ва суханони шоироне монанди Мавлавӣ (Эй қавми ба ҳаҷрафта, биёед, биёед …) ва Хоҷа Ҳофиз (Бедиле дар ҳама аҳвол Худо бо ӯ буд …) ва амсоли онон хоҳад буд, ки тасдиқи олимии маъшуқи азалӣ мекунанд.

Коре, ки Фиғонӣ дар ин маврид карда, иборат аз ин аст, ки ин мазмунро бо тарзи тамоман наву заминӣ дархӯри фаҳми ҳамагон- чӣ хоссу чӣ ом гардонидааст. Ба ҷиҳати равшании мазмун ва содагии адо ва истифода накардан аз истилоҳоти мармузи аҳли мадраса сатҳи фаҳми онро бисёр ҳамвор гардонида, ки дар он асаре аз кӯҳу кӯтал ва мармузоту тааммуқи маонӣ, чунонки ду аср баъд Бедил аз он мефахрид, дида намешавад.

Маъшуқи Фиғонӣ заминитар ва дастёфтанитар аз шоирони дигари муосир ва пешин аст, чун бо ӯ метавон сухан кард, матолиби қалбии худро арза дошт ва бо вай дар кӯчаҳо сайр намуд:

Ба роҳе бо рақибон дидам он бадмастро ногаҳ,
Нагуфтам як сухан бо ӯ, маҳал чун танг медидам (1, 324).

Хонанда бо аввалин хондан фикр мекунад, ки ин маъшуқ як инсоне воқеӣ аст. Вале чунин нест, ин маъшуқ ҳамон маъшуқи Мавлавӣ ва Хоҷа аст. Дар ғайри ин, Фиғонӣ наметавонист аз ишқи як маъшуқи инсонӣ дам занад. Агар маъшуқи ӯро инсон гирем, дар ҷомеаи динии пуртаассубе, ки Фиғонӣ зиндагӣ мекард, ин мавзӯъ номумкин буд ва агар ин маъшуқро мард биангорем, чунонки бо нишондоди кутуби таърих ва тазкира бар асари бурузи бадахлоқӣ дар даврони Сафавия ҳамҷинсбозӣ низ гоҳо миёни қишрҳои ҷомеа, ҳатто бархе аз шоирон ба назар мерасид, мартабаи ахлоқии Фиғониро ҷуз аз сифлитарин маротиб наметавонистем баҳо дод. Аммо ҳақиқатро бояд гуфт, ки симои аслии ғазалиёти Фиғонӣ маъшуқи азалӣ аст, яъне зоти Худованд.

Иллати ба вуҷуд омадани шубҳа дар ҳамин маврид даст гирифтан аз тасвири воқеӣ ё вуқӯънигарии Фиғонӣ дар тасвири маъшуқ аст, ки дар бисёрии мавридҳо ба ҳамин далел хонанда фикр мекунад, ки шоир на дар хусуси маъбуд, балки дар бобати як инсон сухан мегӯяд. Чунончи дар ин байт низ ҳамин шубҳа ба вуҷуд меояд:

Ба бистар уфтаму мурдан кунам баҳонаи хеш,
Бад- ин баҳона магар орамаш ба хонаи хеш (1, 283).

Чи маъбудро наметавон бо баҳона фиреб дод. Ин ҷо зебоии адову лутфи сухан аст, ки байти мазкурро таъсирбахш намудааст ва ин латофату зебоӣ дар навбати худ тавассути воқеънигарии шоир нисбат ба маъшуқ ба вуҷуд омадааст.

Хасисаи инсон аст, ки бар лаби бом барояд ва аз фарози он ба атроф чашм дӯзад. Фиғонӣ ин хасисаи инсониро ҳам дар мавриди маъшуқи азалӣ ба кор бурдааст ва бар ӯ вижаи инсонӣ бахшидааст:

Бар лаби бом ою аз ҳар гӯша бингар, моҳи ман,
Сад чароғи дида нурафшон ба гирди боми хеш (1, 290).

Чунонки инсонҳо баъзан хандаҳои пинҳонӣ мекунанд, то бо ин роҳ коре кунад, ки хандаи ӯро мусоҳибони вай ё шахси алоҳидае набинад, маъшуқи Фиғонӣ ҳам чунин хандаҳо дорад:

Мабин, ки тоби нигоҳи ту, офтоб надорам,
Ба ноз хандаи пинҳон мазан, ки тоб надорам (1, 325).

Маъшуқи Фиғонӣ чун як инсони ҳамадону олим бо сухани худ касро мулзам мегардонад, ки дар баробари вай наметавон лофи сухандонӣ зад:

Бимонд дониши ман дар ҷавоби як сухани ту,
Дигар зи ҳар чи сухан мекунӣ, ҷавоб надорам (1, 325).

Ин маъшуқ бо Фиғонӣ мукотиба ва додугирифти хаттӣ мекунад:

Яке бикшой ҳичронномаи дарди ману бингар,
Ки дар васфи рухат дар ҳар варақ фарде аҷаб дорам (1,327).

Мардум барои кушодани дари бахти худ дар мазорҳо назру ният мекунанд, фиғонӣ ин ҳолатро низ дар мавриди маъшуқи худ ба кор бурдааст:

Шамъи мурод як шаб равшан нагашт моро,
Чандон ки назру ният дар ҳар мазор бурдам (1, 318).

Фиғонӣ бо чунин тасвир кардани маъшуқ ва ба воқеият савқ додани вай, дар муносибат ба ин симои асосии ғиноии худ тарзеро истифода карда, ки ба василаи он маъшуқи вай ба инсоният бештар алоқамандӣ дорад, то бар маъбуд. Ин заминӣ нишон додани маъшуқ, малмусу маҳсус ҷилвагар кардани вай ва аз он буруз кардани хасисаҳои башарӣ баъд аз Фиғонӣ интиқол ба шеъри сабки ҳиндӣ гардид ва ҳатто, метавон гуфт, ки он ба ҳайси як миёнҷӣ ва як пул миёни Фиғонӣ ва кулли шоирони сабки мазбур талаққӣ шуд, то он ҷо ки бо шиносоии ғазалиёти шоирони ин сабк, ба хосса шоирони мартабаи аввали он монанди: Назирӣ, Толиб, Калим ва Соиб метавон муайян кард, ки ин тарзи баёни Фиғонӣ баъдан дар шеъри шоирони мазбур ҳамчун вижагии назарраси сабкӣ таҷаллои дигари худро ба вуҷуд оварда ва бо ин тариқ тарзи баёни шоирони номбурда бо нуқоти мусалсали бо ҳам пайванд дар гирди камолу меҳвари худ- тарзи баёни фиғониёна давр зада, онро ҳар яке бо тариқе гоҳ мутафовит ва гоҳ мубассит ҷилваи дигар бахшиданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобо Фиғонии Шерозӣ. Девони ашъор. Ба муқаддима, тасҳеҳ ва итмоми Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ / Бобо Фиғонии Шерозӣ. –Теҳрон: Иқбол, бидуни соли нашр.- 447 с.
2. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-Аҷам ё тарихи шуаро ва адабиёти Эрон.Тарҷумаи Саид Муҳаммад Фахр Доии Гелонӣ.-Теҳрон: Ҷили севум. Дунёи китоб, 1334.- 204 с.
3. Розӣ, Амин Аҳмад. Ҳафт иқлим. Бо тасҳеҳ, таълиқот ва ҳавошии Саид Муҳаммадризо Тоҳирӣ / Розӣ, Амин Аҳмад. –Теҳрон: Ҳасрат.- Ҷилди аввал. Суруш, 1378.- 515 с.
4. Сархуш Муҳаммад Афзал. Калимот- уш- шуаро. (Муштамил бар зикри шуарои асри Ҷаҳонгир то аҳди Оламгир) /Сархуш Муҳаммад Афзал.- Захираи дастхатҳои АФ Тоҷикистон.- №. 3222.- 167 с.
5. Соммирзои Сафавӣ. Туҳфаи Сомӣ / Соммирзои Сафавӣ; бо тасҳеҳ ва муқаддимаи Рукнуддини Ҳумоюнфар. -Теҳрон, бидуни соли нашр.- 438
6. Хонсорӣ Аҳмад Суҳайлӣ. Муқаддима / Хонсорӣ Аҳмад Суҳайлӣ // Бобо Фиғонии Шерозӣ. Девони ашъор; ба тасҳеҳ ва итмоми Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ.- Теҳрон: Иқбол, бидуни соли нашр.- С.35.

ФИГАНИ И ОПИСАНИЕ ДЕЙСТВИТЕЛЬНОСТИ НА ТЕМУ ЛЮБВИ

Бобо Фигани Ширази является одним из видных представителей литературного круга Герата времен правления Султана Хусейн Бейкаро. Творческое наследие Фигани в основном состоит из жанра газели. Несмотря на то, что сборник стихотворений Фигани содержит и другие жанры, жанр касыды в нем имеет особое значение, известность и прославленность поэту принесли его газелы. Газелы Фигани в свое время не были приняты его современниками, да и были отвергнуты всеми представителями литературного круга Герата. Даже Маулана Джами - наставник этого известного литературного круга, несмотря на то что признавал поэтический талант Фигани, не воспринимал его газелы всерьёз. Поэтому, отвергнутый стиль Фигани в то время прославился презрительным именем «фиганиёна», который означает «по- фиганийски».

Ключевые слова: Бобо Фигани Ширази, возлюбленная, любовь Фигани, описание действительности, по- фиганийски, стиль Фигани, тема любви, Шарафджахан

BOBO FIGANI AND REAL DISCRIPTION IN LOVE THEME

Bobo Figani Shirazi considered one of the famous representative of Hirot's literature circle, during Sulton Husein Boiqaro's governing. Figani's creative haritage consist of gazel genre. In spite of that Figani's collection of poems include and other genres qasidas has special meanings. Repulation and becoming famous brought him gazels. Figani's gazels didn't approve by his contemporary and turned down- by all the representatives of Hirot's literature circle. Mavlono Jomi also was the pupil of this literature circle. In spite of that he identified poetical talent of Figani, but he didn't took out his gazels seriosly. That is why Figani's tumed down style becoming famous as contemtuons name "Figaniyona", which it means "as figanian".

Key words: Bobo Figani Shirazi, beloved, Figani's love, discription of reality, as figani, Figani's poetical style, the theme of love.

Сведения об авторе: ***О. Ш. Саидджаъфаров*** – кандидат филологических наук, доцент, докторант Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 934091537**

ШАРОИТИ УСТОДӢ ВА ШОГИРДӢ ДАР ШЕЪР АЗ НАЗАРИ АМИР ХУСРАВ

Р. Тағоймуродов
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Яке аз масъалаҳои муҳим ва пурихтилоф, ки Амир Хусрав дар дебочаи девони «Ғуррат-ул-камол» ба он таваҷҷуҳи бештаре зоҳир кардааст, масъалаи устодӣ ва шогирдӣ дар шеър аст. Сарфи назар аз он ки Хусрав табъи мавзун ва табиати нозимаро аз атияи яздонӣ медонад, такмилу боз ҳам беҳтар шудани самараи ин табъро муҳтоҷ ба омӯзишу парвариш меҳисобад.

Мусаллам аст, ки ҳунари шоирӣ монанди ҳар ҳунари дигаре мусталзими парваришу тарбияти завқ ва истеъдод аст. Маҳз ба омӯзишу парвариш ниёз доштани қувваи шоирӣ буд, ки аз дер боз шоирони навпову мубтадӣ барои баҳрагирӣ аз донишҳои лозима ба маҳзари шоирони машҳуру бузург меомаданд. Шоирӣ дар тӯли асрҳои зиёд фазилати бузурге ба ҳисоб мерафт. Аз ин рӯ, шефтагони ин ҳунари воло барои ба мартабаву ҷойгоҳи писандида ноил шудан аз ҳеҷ гуна талоше фурӯгузор намекарданд. Иштирок дар маҷлису маҳфилҳои адабӣ, расидан ба суҳбати шоирони баландпоя, баҳраманд шудан аз файзи суҳбату истифода аз таҷриба ва дониши эшон ба мақсади дастёбӣ ба ҳамин фазилати бузург буд.

Гузашта аз ин, дар музофоту шаҳрҳо муҳит ва доираҳои калону созмонёфтаи адабӣ амал мекарданд. Шоирони соҳибсабк мактаби хосси худро доштанд, ки ба шогирдони зиёд аз нозукии касбу тарзи хеш сабақ медоданд, робитаи адабӣ миёни шоирон барои сайқали истеъдоду маҳорат барқарор буд. Илова бар ин, дарку дарёфти маҳзари устодони бузург яке аз омилҳои вижае барои рушду пешрафти шоирон ба шумор мерафт. Сарчашмаҳои таърихиву адабӣ иллати нокомиву ба ҳадди рушд нарасидани бархе аз шоирони соҳибтабъро дар надоштани устоди комилу мураббии хуб, наёфтани суҳбати комилон ва ҳатто беҳтар аз худ арзёбӣ кардаанд. Муътақид будани бузургони адаб ба лозим будани муаллиму мураббӣ дар шеъру шоирӣ, дар радифи истеъдоду қобилият баҳри тавсеа ёфтани ҳунари адабӣ далолат бар он дорад, ки адами омӯзишу парвариш ҳар шогирду пайравро аз дастёбӣ ба паҳнову уфуқҳои фикрии наву тоза боз медорад ва истеъдоду маҳорати онҳоро заиф гардонда, тадриҷан аз байн мебарад.

Шоирони гузашта пеш аз огоҳии комил бар қавоиду донишҳои адабӣ аз қабили арӯз, қофия, бадеъ ва дигар улуми ақлонӣ лаб ба сухан намекушуданд. Сабаби эътирофу эътибори онҳо дар маҷолису маҳофили бузургон ҳамин огоҳиву дониши адабии эшон ба шумор мерафт. Масири камолоти тадриҷии шоирро бо тамоми ҷузъиёташ Хусрав хеле хуб ва батафсил арзёбӣ карда, мартабаи устодиву шогирдиро дар шеър ба таври возеҳ нишон додааст, ки мо ин ҷо баррасии пурраи онро ба ҷиҳати хеле муҳимму арзишманд буданаш лозим медонем. Аз ҷумла, ӯ чунин менигорад:

«Ва он ки дар шеър устод ва шогирд гӯянд, росттабъонро дар ин хилофи бисёр аст ва он масъала мухталиф. Воқеа чунон аст, ки агар мурод аз шогирди назм ва мақсуд аз устодии шеър он аст, ки муҳаввасе бе табъи нозима хоҳад, ки пеши устод тасниф ва иншои тааллум касб кунад, устоди иншод (касе, ки шеъри худ ва ё шахсеро бар дигаре хонад) мумкин аст, ки шавад, аммо устоди иншо муҳол аст, ки агар сад соли дувоздаҳмоҳии айёми ҳаётро дар дукони заргарии сухан пеши иксиргарони комил сарф кунад, чун кафаи кифояти табъаш мизоне надорад ва ҳар чӣ хоҳад аз

хизонаи хотир баркашад, номавзун бошад, на мавзун ва сахт бошад, на сахта» [Хусрав 537, в.19[a]].

Аз ин нақли қавл бармеояд, ки масъалаи мазкур пурихтилоф аст, яъне баъзе мутафаккирон бар он назаранд, ки шеър маҳсули талошу саъйи андешаву тафаккури ҳар гуна афрод метавонад бошад. Аз ин дидгоҳ шоирӣ мусталзами таълиму тааллум ва тафаккуру тадбир аст. Бархеи дигар аз соҳибназарон бар он бовараанд, ки илҳом ва талқини шеър тавассути нерӯи ғайбӣ ва фаросӯйии қудрати башарӣ сурат мегирад, яъне барои гуфтани шеър ҳузури андешаву ақлро қоил нестанд.

Амир Хусрав ин мухолифати андешаҳоро зикр карда, маншаи бавуҷудоии шеърро «табъи нозима» медонад ва «табъи нозима»-ро атоиву василаи ҳунари шоирона мешуморад. Ӯ бар ин ақида аст, ки агар кас соҳиби «табъи нозима» ё худ табъи мавзун набошад, бо омӯзишу таълим, ҳатто дар ҳузури устоди бузург ҳам мумкин аст, устоди «иншод» шавад, аммо устоди иншо (офаридан ва аз худ чизе гуфта тавонистан) шудани ӯ амри маҳол аст.

Аммо агар дар вуҷуди шогирди навомӯзу мубтадӣ аз табъи мавзун нишоне бошад ва дар назму наср устоди комиле пайдо кунад, ки иштибоҳоту хатоҳои ӯро ба ислоҳ дароварда, вайро ба роҳи рости эҷод ҳидоят намояд, маҳз бо ёрии «табъи нозима» ва устоди бузург ӯ дар тариқи сухан гавҳаре суфта метавонад. Чунончи:

«Пас саҳифаи шогирдӣ ва устодиро аз ҷиҳати тааллуми тасниф бо лавҳи шеър бозхонде нест. Аммо агар мубтадист, ки аз табъ дар иншое нишоне дорад, назме метавонад сохт ва сухане метавонад сахт. Агар дар назм устоди рашид расид ва асқоти хати хато ва савби савоб бад-ӯ боз намуд, умед бошад, ки гавҳаре тавонад суфт ва чун даромаду беруншуди абёт ба раҳнамо дарёфт, ин навхостаро ҳоҷат афтад ба ҷузвҳои бузургон. Гоҳ девонҳои мутақаддимонро дастуре созад ва дар он сиёқат (шева, равиш тарз) назар мекунад, то маҳалли вуқуф расад.

Гоҳ чун магас гирд ба гирди қадаҳи муосирон мепарад ва даст бар даст мемолад, ки забонаш аз он чошнӣ ба ком расад. Агар табъаш ба ҳадди камол набошад, худ гирди иҳом ва хаёл ва ғайри он натавонад, ки бигардад ва ҳам бо ошноии баҳре ва равонии назме фурӯ шавад ва мустағрақ бимонад. Ва агар тафаккуре болиғ ва тасарруфе ғолиб дорад, худ чун ғазале тар аз он соҳибтаровате бар забон орад, аз ғояти ҳавас об дар даҳони ӯ ояд ва хоҳад, ки он чунон дуда аз қалами ӯ чакад. Ва чун қитъаи сӯзон аз он сӯхта аз сари килки ӯ дудангезӣ кунад, оташи табъи ваққод аз даҳони ӯ забона задан гирад ва хоҳад, ки он чароғи маънӣ дар байти ӯ афрӯхта шавад» [Хусрав 537, в.19[a]].

Ба қавли Амир Хусрав агар шогирди соҳиби табъи нозима бо ҳидояти устод моҳияти ҳақиқии шеърро шинохт, ӯро ҳоҷат ба дарёфти мушаххасоти кори бузургони ин фан меафтад. Барои андӯхтани таҷрибаи эҷодӣ ӯро лозим аст, ки девонҳои шоирони пешинро дастуру сармашқи худ қарор дода, тарзу услуби эҷодии онҳоро омӯзад. Баъди вуқуфи комил пайдо кардан аз хасоиси шеъри бузургони салаф шогирди мубтадӣ ногузир аст, то аз ашъори муосирон чошнӣ баланд кунад ва ба василаи омӯзишу ҳифзи ашъори эшон табъи нозимаи худро ба марзу сарҳади камол расонад. Агар табъи ӯ ба ин ҳад нарасида бошад, барои истифодаи санъатҳои маънавии иҳому хаёл дар шеър дастрасӣ пайдо карда наметавонад ва дар инҳисори баҳреву равонии назме дил хуш хоҳад кард.

Зимнан бояд қайд кард, ки андешаҳои Хусрави Деҳлавӣ дар мавриди омӯзиши аносири фунуни шеър аз ҷониби шогирд ба шартҳое, ки Низомии Арӯзӣ барои шоир мегузорад, шабоҳат дорад. Арӯзии Самарқандӣ, ба ҷиҳати он ки шеъри шоир дар саҳифаи рӯзгор абадият пайдо кунад, чунин шарт мегузорад: «… дар унфувони шубобу дар рӯзгори ҷавонӣ бист ҳазор байт аз ашъори мутақаддимон ёд гирад ва даҳ ҳазор калима ба осори мутааххирон пеши чашм кунад. Ва пайваста давовини устодон ҳамехонаду ёд ҳамегирад, ки даромаду буруншуди эшон аз мазоиқ ва дақоиқи сухан бар чӣ ваҷҳ будааст» [Арӯзӣ 1986, 55].

Ҳарчанд Хусрав барои шоири мубтадӣ ҳифзи миқдори абёти мутақаддимону теъдоди калимоти мутааххиронро ба таври мушаххас номбар накардааст, вале бар шартҳои гузоштаи Низомии Арӯзӣ такя доштанаш равшан аст. Зиёда аз ин, ӯ таъкид мекунад, ки агар шогирд «тафаккури болиғ» ва «тасарруфи ғолиб» дошта бошад, ҳангоми хондани шеъри шоири бузурге, ки муқтазои ҳоли вай қарор мегирад, орзу мекунад, ки ин гуна шеърро кош худи ӯ гуфта метавонист. Ин қабил шеърҳо дар дили шоири навпо шӯру ҳаяҷон ба амал оварда, табъи вайро ба кӯшишу ҳаракат во медорад. Мунтаҳо, шоири мубтадӣ нахуст бо роҳи тақлиди устодон ба сурудани

чунин шеър иқдом менамояд. Омӯзиши таҷрибаи бузургони сухан аз давовини онҳо ва дар ибтидо тақлиду пайравӣ ба эшон тафаккуру тааққули шоири навшогирдро фаъолу пӯё гардонда, ба сарҳади камол мерасонад. Ин навшоирон дар натиҷаи омӯзишу тақлиди бузургон тадриҷан таҷриба ҳосил карда, худ ба уфуқҳои тозаи эҷодӣ ва тарзи хос дастрасӣ пайдо мекунанд. Дар ин бора Хусрав мегӯяд:

«Пас чун нишона шудан гирифт, агар ба ғарази шоирӣ машғул шавад, теғи забонаш ба гавҳарфишонӣ иштиҳор ёбад… Чун дасташ бад-ин поя расид, он чавгонбози майдони гуфтугӯй аз се ҳол холӣ набошад, ё ӯро алоҳида тарзе пайдо гардад, ки пеш аз он дигареро набуда бошад, чунонки тарзи Маҷд Маҷдуди Саноӣ ва Анварӣ ва Заҳири Форёбӣ ва Хоҷа Низомӣ аст тарзи хос ва равиши равшан ва на он чунончи Хоқониро аз Муҷир ва Камоли Сифаҳониро аз Мавлоно Разиуддини Нишопурӣ ва Муиззиро аз мутақаддимину муосирин ва ё мутобиати тарзе кунад аз мутақаддимин ва муосирин ва ё дар кушодани барбастҳои дигарон шавад ва тезии табъи даррокро корди бозгункардаи иқдҳои моядорони сухан бурад, ки агар он қоили қобилро сонеи маснуот дар тарзе мутлақ забоне мантиқ бахшид, беш касеро дар сухани ӯ сухан нарасад ва дар тариқи устодӣ латоифи манзума ва зароифи мансура аз наздики уламои ин фиқҳ (илм) мутаффиқ бошад.

Агар тирозандаи назмро дар тариқи хос равише бо ихтисос пайдо нагардад ва пешравии пешрафтагон ва дунболаравии пасмондагон коре пеш барад ва нақши худро дар тарзи дигарон дӯзад, чун хаёлаш дар таҳрир устодона бошад ва дар дили сӯхта доғдӯзӣ тавонад кард, ӯро низ устод гиранд, аммо нимтамом, зеро ки чун мутобеи тарзи ғайр аст, ба зарурат агар шогирди таълим ва тааллум нест, шогирди тарз ҳаст» [Хусрав 537, в.19[a]].

Мувофиқи назари Амир Хусрав омӯзишу фарогирии улуму фунун ва осори адабӣ дар маҳзари устоди бузурге дараҷаву мартабаи шоири навқаламро муайян мекунад. Ӯ таъкид мекунад, ки гарчи дар рӯзгори вай сухан ба мартабаи камол расидааст, аммо набояд фазли мутақаддимонро фаромӯш кард, зеро нахуст эшон қуллаҳои суханро фатҳ карда, ҳар кадом дар ҳар навъи сухан ба дараҷаи устодӣ расидаанд ва шоирони рӯзгори муаллиф ҳамагӣ парвардаи неъмати онҳо ҳастанд.

Сарфи назар аз он ки Амир Хусрав ба ашъор ва тарзи хосси баъзе аз бузургони пешин арҷ мегузорад, вале масъалаи кашфи тарзу тозагӯйӣ дар эҷодро бо онҳо амали хатмшуда ҳисоб намекунад ва ба шоирони аҳди хешу ояндагон иброз медорад, ки лаззати ҳунарии шеър дар тозагии он аст. Аз ин хотир, Хусрав шоирони навқаламро ба се даста табақабандӣ мекунад. Табақаи аввал онҳое ҳастанд, ки бар асари омӯзишу таҷрибаи эҷодӣ соҳиби тарзи алоҳидае мегарданд, ки пеш аз онҳо каси дигареро набудааст. Мақсади муаллиф аз баёни «тарзи алоҳида» таъкиди сабки вижаи шеърист.

Ногуфта намонад, ки Хусрав зимни ёдоварии «тарз» аз шоироне чун Саноӣ, Анварӣ, Заҳир, Низомӣ ва монанди инҳо ном бурда, дорои «сабки хоссу равиши равшан» будани онҳоро баён мекунад. Мақсади Амир Хусрав аз баёни «тарзи хос»-и шоирон ҳам маънои луғавӣ ва ҳам маънои истилоҳии ин мафҳум аст. Тарз аз дидгоҳи ӯ ғолибан ҳам ҳайат ва шакли асари ҳунарӣ ва ҳам баёни мафоҳиму маонӣ дар гунаҳои махсусу мухталифи баён ва анвои адабист.

Амир Хусрав шоиронеро, ки бо тасарруфоти дилангезу такаллумоти нишотангези худ соҳиби раъйи озодандешӣ дар тарзи сухан гаштаанд ва роҳу равиши тозае дар ҷодаи ҳунар пайдо кардаанд, устоди фан ном мебарад.

Табақаи дуюми шоирон, ки зимни омӯзиши осори бузургону устодони фан тасарруфоту такаллуфоти махсусу инфиродии ҳунарӣ зоҳир намекунанд, вале дар мутобиқати тарзи сухани «моядорони сухан» пойдорӣ карда, нақши худро дар тарзи дигарон медӯзанд», онҳо низ аз назари Амир Хусрав устоданд, вале устоди нимтамом. Иллати устоди нимтамом дониста шудани шоирони пайрав дар он аст, ки ин қабил шоирон бо вуҷуди фаро гирифтани тамоми улуму фунуни зарурӣ донистани латоифу зароифи сухани манзуму мансур, устодона гуфта тавонистани сухани балеғу муассир, даст доштан дар таҳриру такмили офаридаҳои дигарон худ соҳиби тарзи хос нестанд. Бинобар ин, онҳо ҳарчанд дар донистану офаридани вижагиҳои сухан устоданд, вале чун мутобиати тарзи дигарон мекунанд, нимтамоманд, яъне ин шоирон шогирди таълим набошанд ҳам, шогирди тарз ҳастанд.

Ба табақаи сеюми шоирон Хусрави Деҳлавӣ онҳоеро шомил месозад, ки худ бо ҳама ҷаҳду кӯшиш на соҳиби тарзи хос гаштаанд ва на дар мутобиати устодони сухан

устувору побарҷо мондаанд. Ӯ ин тоифа шоиронро «ғару ғоратгар» номида, резачини ангехтаи дигарон меҳисобад. Чунончи:

«Пас устод он кас бошад, ки соҳиби тарз аст ва мутобеи тарз шогирди ӯ бувад. Агар муҷидро (кӯшандаро) на тарзе муҷаддад даст диҳад ва на мутобиати устодеро пой дорад, бар ҳоли савум монад ва агар ба ғарӣ ва ғоратгарӣ муғаббар (ғуборолуда) шуд ва аз ихтироъ ба интиҳом (сирқатҳои адабӣ, нисбат додани шоир ё нависанда сухани дигареро ба худ бо каме тағйир) дил ниҳад ва рехтаи мардумон чидан ва ангехтаи дигарон дуздидан гирифт, пас ӯро маҷол ва маҳалли он набошад, ки номи устодони суханро бар забон ронад. Аз косаи савдои ҳар кӣ луқма бурдааст, бар ҳукми ин зилла (ғанимат) резачини хони ӯ бошад. Агар он мустанкари (зишту нописанд) мункар (нораво) худ аз ин кор инкор кунад, аммо нек дар он аст, ки тамйиз (фарқ) ва табйин (ошкор намудан) дар дасти дигарон аст, на дар дасти ӯ. Байт:

Чу манҳусе кунад дуздӣ ва ё тарзи касе гирад,
Чу доно ҳаст дар олам, агар мункир шавад, гӯ шав!»
(Хусрав 537, в.19[6]).

Зиёда аз ин, Амир Хусрав миёни шоире, ки ба ҳадди устодӣ расидааст ва шоире, ки табъи мавзун дорад, фарқ гузошта мавзунонро нисбатан дунмартабаи ин шоирон қарор медиҳад. Шоир, аз додгоҳи ӯ, касе аст, ки соҳаташ бояд аз дуздӣ кардану тавассул ҷустани шеъри дигарон мубарро бошад, зеро иқтисори гӯянда бар ҷавози шеърӣ баёнгари ачзу нотавонии ӯст. Хусрав ҳар касеро, ки муртакиби ҷавози шеърӣ мешавад, мавзунтабъ мешуморад, на шоир. Барои ҳамин ҳам ӯ баҳри расидан ба сарҳади устодӣ дар шеър чор шарт мегузорад, ки иҷроиши онҳо кори саҳлу сода нест. Тибқи нишондоди шарти аввал устоди комил касест, ки бар иловаи назми фасеҳу ҷазил ва балеғу бадеъ гуфта тавонистан соҳиби тарзи хос, яъне соҳибсабк бошад.

Сабке ки Амир Хусрав дар назар дорад, навовариву тозагӣ дар тарзи баёну маънӣ мебошад. Сабк дар воқеъ, иборат аст аз шеваи тоза, ки бо шеваҳои мавҷуд фарқ дорад. Шоир барои даст ёфтан ба сабки хосси худ бояд аз шаклҳои маъмулу таҷрибашуда хориҷ шавад ва забону баёни хоссе интихоб намояд.

Шарти дуюми устоди шеър буданро Хусрав дар он мебинад, ки шоир бояд дар ифодаи маонӣ аз тарзу равиш ва сабку услуби сирф шоирона кор гирад, на аз тарзи сӯфиёнаву музаккирон, зеро сӯфиёну музаккирон танҳо ба маънӣ ва матлаби мавриди назари хеш таваҷҷуҳ зоҳир карда, ба дигар унсурҳои шеър, аз қабили вазн, қофия, санъатҳои бадеӣ, таносуби вазну мазмун, тарзи тасвир ва амсоли инҳо аҳамияти қобили мулоҳизае намедиҳанд.

Илова бар ин, андешаҳои шоирони сӯфимашраб такрори таҷрибаҳои пешиниён аст. Ин тоифаи шоирон худро барои офариниши ҷаҳони дигар муваззаф насохта, балки ҳақиқати худро дар эҷоди ҳаводиси лафзӣ меҷӯянд. Шеъри эшон завқи навҷӯву таҳаввулталабро сероб намекунад. Шоири сӯфӣ инсони танҳост, танҳо фикр мекунад ва дар лаҳзае худро ғарқ мекунад. Андешаи онҳо дар аксар маврид ба андешаи ҷомеа вобаста нест. Дар эҷодиёти камтар аз орифон ишқи ҳамосӣ эҳсос карда мешавад, изҳори ачзу ноумедии инсон аз вижагиҳои шеъри сӯфиёна аст ва амсоли инҳо. Аз ин хотир, Амир Хусрав сабку услуб ва тарзи нигориши сӯфиёнаро чандон қабул надорад ва ин тарзро дар шеър устодона намеҳисобад. Гузашта аз ин, муаллиф сабкро ба касбу пешаи мардум иртибот медиҳад, ки саҳеҳ ба назар мерасад, чунки имрӯз ҳам услубҳои забони тоҷикӣ ба касбу пешаҳо марбут тасниф мешаванд.

Шарти сеюме, ки муаллиф барои устод амри ҳатмӣ медонад, масъалаи сиҳатии шеър аст. Мубарро будани шеъри ин ва ё он шоир аз хатоиву лағзишҳо обрӯ ва нуфузи муаллифонро дар ҷомеа муайян мекард. Воқеан, риоят нашудани вазн, қофия таносуби мантиқии байни калимот, иштибоҳ дар тарзи баёни сидқу кизби маънӣ ва дигар унсурҳои шеър дар гузашта айб дониста мешуд. Амир Хусрав муътақид аст, ки ҳар чӣ шоир бештар дар шеър тааммул кунад ва дар дарёи андеша бештар фурӯ равад, гуфтораш беҳтару ҳунаритар мегардад.

Сарфи назар аз он ки Хусрав ҳунари шоириро мушаххасан, табъи мавзунро мавҳибати худододӣ медонад, аммо беҳтар аз беҳ шудан ё худ таҳриру тасҳеҳи самараи табъи нозимаро муҳтоҷ ба амали ақлу андеша ва зеҳн мешуморад. Мусалламан лаззати шеър ҳамон лаззатест, ки насиби зеҳн мешавад. Аз ин рӯ шеъре, ки дар коргоҳи зеҳни варзидаву фарҳехта таҳриру сайқал меёбад, аз лағзишу иштибоҳот орӣ ва лаззату таъсираш ба дигар зеҳнҳо афзунтар аст. Ба таври дигар, шеъре, ки маҳсули андешаву тааммул, табъу завқ, донишу маҳорат ва қобилияту худогоҳии шоир аст, аз шеъре, ки дар лаҳазоти сукру ваҷд ва дигар ҳолоти

нохудогоҳи сӯфиён офарида мешавад, аз лиҳози шаклу муҳтаво, вазну оҳанг, корбурди ороясҳо, тасвироти шоирона, таъсирбахшӣ, мубарро будан аз лағзишу иштибоҳоти шакливу маъноӣ ва дигар зебоиҳои ҳунарӣ тафовут дорад. Бо назардошти ин масоил Амир Хусрав огоҳӣ, донишҳои адабӣ ва иттилооти густурдаро барои устоди шеър шарти зарурӣ медонад.

Дигар аз шартҳое, ки Хусрав барои устод воҷиб медонад, дар шеъри худ мавриди истифода қарор надодани мазмуну маънии ашъори дигар шоирон мебошад. Масъалаи мазмунрабоиро дар адабиёт маъмулан бо истилоҳоти сирқат, таворуд ва ибтизол ном мебаранд, ҳар як аз ин истилоҳ дар маҷмӯъ мафҳумҳои ба ҳам наздик бошанд ҳам, моҳиятан аз якдигар фарқ доранд. Мушорикати мазмуну лафзи ба якдигар мушобеҳ миёни ду шеър мумкин аст ё сирқат бошад ё таворуд. Агар шоире бидуни иттилоъ ва огоҳӣ аз шеъри шоири пешин мазмуну маънии воҳид ва лафзи мушобеҳеро дар шеъри худ истифода барад, истилоҳан онро таворуд мегӯянд, аммо дар ҳар сурат шеъри дуюм нисбат ба шеъри қаблӣ мубтазалу такрорӣ дониста мешавад. Сирқат бошад, анвои зиёд дошта, умуман, ахзи маънӣ ва лафзи шоири пешин аз тарафи шоири баъдӣ ба таври огоҳона аст. Истилоҳи «ибтизол» низ аксаран ба маънии собиқа доштани як шеър дар шеъри дигарон аст. Шеъри мубтазал шеъресте, ки мазмуни он тоза нест.

Масъалаи мазмунрабоии шоирон аз якдигар ҳодисаи нав нест, ҳанӯз дар аҳди бостон дар Юнони қадиму Рим ва араб шоирони бузург ба сирқати адабӣ гирифтор шудаанд. Сабаби рух додани ин ҳодисаро баъзе назарияшиносон дар огоҳӣ, эҳсос ва таҷрибаҳои мушобеҳи шоирон бо якдигар медонанд, зеро адабиёти ҳеҷ халқе дар ҳеҷ давре аз сукуту хомӯшӣ ибтидо нашуда, балки дар заминаи суннатҳои деринаи адабӣ бунёд меёбад.

Илова бар ин, идрокоту мушоҳидоти ҳамсон ва муҳити зиндагии воҳид боиси ба вуҷуд омадани ҳаммонандиҳое дар лафзу маънии осори адабӣ шуда метавонад. Мавҷудияти мазомини муштарак ва маонии мушобеҳ дар осори адибон бархе аз назарияшиносонро бар ин гумон овардааст, ки гӯё мазмунҳо тамом шудаву дигар сухани тозае барои гуфтанӣ намондааст. Аз ин рӯ, шоирон ногузиранд, мазмуни ашъори пешиниёнро такрор кунанд. Ин гумон, ки тӯлу умқи дониш ҳама фаро гирифта шудаасту ҳама гуфтаниҳоро гуфтаанд, Амир Хусравро бисёр нигарон сохтааст, зеро ӯ аз касонест, ки ба маҳдудияти мазомину маонӣ эътимод надорад ва бо касоне, ки мазмунҳоро тамомшуда мепиндоранд, мувофиқ нест. Ӯ маониро файзи илоҳӣ медонад ва таъкид мекунад, ки файзи илоҳӣ тамомнашаванда аст.

Ҳарчанд худи вай дар достони «Маҷнун ва Лайлӣ» ҷое арз медорад, ки Низомӣ барои мо чизе нагузошт, чунонки (Медод чу назми номаро печ,- Боқӣ нагузошт баҳри мо ҳеҷ) [Хусрав 1971 (1), 366], боз ба шоирон ҳушдор медиҳад, ки мазмунёбиву маъниофаринӣ ба саъю кӯшиши адибон вобаста аст.

Маънӣ, ки файзи илоҳист, поённопазир аст. Аз ин рӯ, шоири комил ва устоди фан аз назари ӯ касе аст, ки аз такрори мазмуну маънии пешиниён иҷтиноб варзида, барои дарёфти маънии наву тоза ва мазомини дастнохӯрда талош мекунад.

Баъд аз баррасӣ кардани шартҳои устодӣ дар шеър Амир Хусрав арз медорад, ки шартҳои мазкур ба худи ӯ дахл надорад, зеро вай аз ин чаҳор шарти гузошташуда танҳо дар ду шарти он ба андозае муваффақ шудааст. Аз ин рӯ, ӯ худро дар ҷодаи устодӣ нимтамом муаррифӣ мекунад. Чунончи:

«Боре ҳар чӣ дар мавзеи мавоиз ва ҳикам гуфтаам, ҳукми он мутобеи табиати Саноӣ ва Хоқонӣ аст ва он тариқ чун оташ аст, ки майл ба улув дорад. Ва он чи шеър тахлис ва хулосаи хаёл аст, ки аз пардаи дил бурун додам, татаббӯи табъи Розӣ ва Камол аст. Ва он селе аст чун об, ки дар сафо ва равонӣ хаёлангезу ҷоновез аст. Ва он чи маснавӣ ва ғазал равон кардаам, аз атбоъ (ҷӯю рӯдхона) итбои (пайравӣ) Низомӣ ва Саъдӣ аст. Ва ҷунбише аст чун бод, ки дар латофату тарии лаззот аз оби зулол латифтар аст» [Хусрав 537, в.19[6]].

Амир Хусрав ба далели мутолиаи фаровони осори шоирони пешин ва муосири худ сабку тарзи навоварону муқаллидонро хеле хуб дарёфтааст. Ин қудрат, ки натиҷаи бархурдории ӯ аз анвои улуму фунун дар шинохти осори адабӣ ва таҷрибиёти фаровон дар хондани шеъри шоирону тамйизи вижагиҳои ашъори эшон аст, ӯро дар муайяну мушаххас намудани сабку услуб ва тарзҳои мухталиф ёрӣ кардааст. Илова бар зикри тарзҳои шахсӣ, дар гуфтори муаллиф ба истилоҳоте рӯ ба рӯ мешавем, ки марбут ба сабки шахси хоссе нест, балки теъдоди эҷодкорони зиёде ба он шева шеър гуфтаанд. Чунин сабкҳоро метавон сабкҳои гурӯҳӣ номид.

Чунонки аз андешаҳои фавқ маълум мешавад, Амир Хусрав ба ҷиҳати изҳори хоксориву фурӯтанӣ худро соҳиби тарзи хоссе намедонад. Ӯ таъкидан иброз медорад, ки дар сурудани ашъори ҳакимонаву комилона, ки муштамил бар мавоизу танбеҳот, амсолу ҳикам, баёни маърифату сулук, иғлоқоту иғроқот, ташбеҳоти бадеъ ва тахаюлоти содиқ бо ибороти лоиқ асту «чун оташ майл ба улув» дорад, ба устодони ин тарз, яъне Саноиву Хоқонӣ, дар баёни андешаҳои фозилонаву мудаққиқона, ки иборат аз алфози муаббар ба истиғроқу балоғат, ибдои ғулув, тасарруфот дар иҳому зулмаънайн ва хаёл, ки дар сафову равонӣ чун селоб ва «хаёлангезу ҷоновез» аст, ба Мавлоно Разиуддини Нишопуриву Камоли Исфаҳонӣ дар таълифи маснавиву ғазал, ки онҳоро ба ҷиҳати фарогирии тавориху, қассас, ҳикояту ривоят, сӯзу гудози ишқ бо баёни салису маонии бадеъ, завқи баланд ва монанди инҳо метавон тарзи надимонаву ошиқона номид, ба Низомиву Саъдӣ пайравӣ кардааст.

Амир Хусрав роҷеъ ба тасарруфоту навоварӣ ва кашфу ибдооти хеш дар баъзе жанру ороёҳои адабӣ мухтасаран чунин мегӯяд:

«Ва он чи муқаттаоту рубоиёт ва муаммову луғз аст, ғуборе аз вуҷуди мани хокист ва аз маъҷуне аст чун хок, ки чандин латоиф дар он афтодаву касиф гашта. Мисраъ: Оре, оре хок гардад, ҳар чӣ дар хок уфтад» [Хусрав 537, в.19б].

Бо вуҷуди он ки нақши Хусрав дар тарзи хос, кашфи баъзе санъатҳои адабӣ ва тасарруфоти ӯ дар такмилу дигаргун сохтани бархе жанрҳои маъмули адабиёти форсӣ-тоҷикӣ хеле чашмгир аст ва таҷрибаи вай дар адабиёт минбаъд ба ҳукми анъана даромадааст, ӯ кашфиёту ибдооти худро хоксорона ночиз ва ҳатто «касиф» арзёбӣ мекунад. Илова бар ин, муаллиф арз медорад, ки худ соҳиби тарзи хосси эҷодӣ нест, дар ҳоле ки муҳаққиқон ва назарияшиносони баъдӣ тарзу сабки вайро бо унвони «тарзи хусравона» зикр намуда, дар ин фан устод буданашро таъкид кардаанд. Хусрав дар ин бора чунин мегӯяд:

«Мурод аз чандин баён ин аст, ки банда аз он чаҳор шарти устодӣ, ки гуфта шуд, аввал шарте, ки мулкияти тарз аст, бар ҳукми моҷарое, ки дар маҷрои қалам ҷараён ёфт, ки чандин устодро мутобеи калимот будаам, нест, байт:

Чун пасрави тарзи ҳар саводам,
Пас, шогирдам, на устодам» (Хусрав 537, в.19б).

Баррасии тарзи хоси устодони тарзи пешин, ки аслан бар асоси мавзӯъ ва мақсад сурат гирифтааст ва худро пайрави бархе аз онон донистани Амир Хусрав гувоҳ бар он аст, ки вай бо роҳи омӯзишу мушоҳидаи осори эшон ҳақиқату воқеияти тарзу тариқаҳо, қавонин ва дигар вижагиҳои сухани манзумро ба дурустӣ дарк намуда, ба ин васила мехоҳад барои сохтани тарзу услуби хоссаи худ, ки бояд фарогири ҳама ҷанбаҳои аносири шеърӣ ва рушду такомули минбаъдаи сабку услубҳо дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ бошад, замина гузорад. Ҳарчанд Хусрав аз тарзи хосси худ сухане ба миён намеорад, лекин дар заминаи тарзи устодони пешин ба ибдои тарзи хоссе иқдом карданаш эҳсос мешавад. Бинобар ин, худро пасрави тарзи дигарон ва дар ҷодаи тарз «шогирд» мешуморад. Воқеан, ҳеҷ тарзу услуби эҷодии нову тоза бе заминаҳои суннатии адабиёт ва огоҳии муаллифон аз онҳо арзи ҳастӣ карда наметавонад.

Дигар аз масъалаҳое, ки Хусрав худро дар он ҳамчун устоди комил намедонад, масъалаи мавҷудияти баъзе лағзишҳову хатоҳо дар шеър аст. Ӯ дар чанд ҷо таъкид мекунад, ки пеш аз он ки шоир девони ашъорашро таҳия ва ба хонандагон манзур намояд, бояд онро нахуст аз назари устоде гузаронад, зеро рух додани заъфи таълиф дар осори ҳар шоире эҳтимол дорад. Муаллиф борҳо изҳор доштааст, ки худи ӯ баъд аз таълиф ва қабл аз ба девон ворид кардани ашъораш онҳоро ба манзури ислоҳ аз назди устоди соҳибназаре гузаронда, таҳриру тасҳеҳи раводидаи эшонро аксаран пазируфтааст. Хатову иштибоҳоте, ки эҳтимоли содир шудан доранд, дар шеър зиёд ва мухталифанд, ки мо қаблан аз онҳо ёд кардем ва зикри дубораи онҳоро лозим намедонем.

Хусрав дар ин бора чунин мегӯяд:

«Шарти дувум, ки дар нофаи савод бӯйи хато набошад, аз он низ дам натавонам зад, ки назми банда агарчи бештарӣ равон аст, аммо ҷо ба ҷо дар ғазал ва луғз лағзидан ҳам ҳаст.

Дар ин ду шарт мустаъриқ ва муътарифам, ки аз лофи устодӣ қуръа бар фол натавонам ғалтонид» [Хусрав 537, в.19б].

Аз хилоли гуфтаҳои Хусрав бармеояд, ки ӯ нисбат ба эҷодиёти худ бисёр ҳам сахтгиру серталаб аст ва ба василаи мисол овардани ашъори худ бармало месозад, ки

дар иҷрои ин шарт мақоми устодиро сазовор шудан ба ҳар як эҷодкор даст намедиҳад. Ҳатто ӯ худашро дар ин ҷода «нимтамом» медонад. Чунончи:

«Пас ҳам худ ҳаками ҳоли худ шудам ва ҳукм кардам, ки дар ин маснад устодии нимтамом дорам, ки агар устодони тамом банда Хусравро дар устодӣ нимтамом гиранд ҳам, тамом бошад, фард:

Бидҳам аз инсофи худ ин ҷо тамом,

Нотамомам, нотамомам, нотамом» (Хусрав 537, в19[б]).

Муҳаққиқи осори Амир Хусрав, донишманди тоҷик Муҳаммадвафо Бақоев зимни баррасии афкори назарии Хусрави Деҳлавӣ мушаххасан, дар мавриди андешаҳои мазкур чунин андеша дорад:

«Замони баён гардидани ин фикрҳо ба соли 1294 (вақти мураттаб гардидани девони «Ғуррат-ул-камол») рост меояд, ки Амир Хусрав дар ин давра 41-сола буд. То ин замон шоир ҳанӯз бисёр асарҳои худ-достонҳои «Хамса», достонҳои дар мавзӯъҳои маҳаллӣ навиштааш – «Мифтоҳ-ул-футӯҳ», «Дувалронӣ ва Хизрхон», «Нуҳ сипеҳр» «Туғлуқнома», асарҳои илмӣ-таърихӣ дар соҳаи наср «Хазоин-ул-футӯҳ» ва «Эҷози хусравӣ»-ро таълиф накарда буд.

Девонҳои чорум ва панҷуми худ –«Бақияи нақия» ва «Ниҳоят-ул-камол»-ро низ мураттаб нанамуда буд.

Агар Хусрав хоксорӣ намуда, худро то санаи 1294, яъне пеш аз навиштани асарҳои мазкур устоди нимтамом гуфта бошад ҳам, баъди таълифи асарҳои дар боло қайдгардида бо камоли боварӣ ӯро метавонем устоди комили соҳаи назм шуморем…» [Бақоев, 1975, 257].

Мусаллам аст, ки эҳсос, эътироф ва дарки эҳтимолан содир шудани баъзе лағзишу хатоҳо дар тарзи баёну маънӣ ва сурату муҳтавои эҷодиёти адибон ин худ нишони камолот ва устодӣ дар фан аст. Мақсади Амир Хусрав аз баррасии лағзишу хатоҳои эҳтимолии шоирон, ки асоси таҷрибӣ дорад, аслан маътуфи сурат ва сохти шеър аст, яъне шоир ҳангоми баёни маониву мақосид эҳтимолан дар гузиниши вожаву иборот ба иштибоҳоти наҳвиву луғавӣ мувоҷеҳ шавад. Адами таносуб миёни калимоту таркибот, пурра риоят нашудани меъёрҳои сабкӣ, заиф будани ваҳдати сохторӣ, лағзишҳо дар унсурҳои шаклии шеър, аз ҷумла вазн, қофия, радиф ва амсоли инҳоро дар эҷодиёти ҳар шоире дидан мумкин аст. Барои ҳамин ҳам, Хусрав бо намунаории ашъори худ арз медорад, ки дар амали ҳунарии ҳар ҳунарманд, ҳатто устоди бузург ҳам имкони ворид шудани саҳву иштибоҳот ҷой дорад. Аз ин рӯ, ҳар кӣ дар ин масъала худро устоди мутлақ шуморад, яқинан иштибоҳ хоҳад кард ва ҳар кӣ воридшавии баъзе лағзишу хатоҳоро дар амали худ инкор намекунад, устод аст.

Чи хеле ки қаблан зикр кардем, Амир Хусрав роҷеъ ба масъалаи шогирдӣ дар шеър таваҷҷуҳи қобили мулоҳизае дорад. Сабаби дахолати зиёди ӯ ба вижагиҳои ашъори шогирдони шеър далолат бар он дорад, ки худи вай ба ислоҳи шеъри шоирон машғул мешудааст, зеро Хусрав марҷаи шоирони форсизабони Шибҳи қораи Ҳинд дар аҳди худ ба шумор мерафт ва ҳатто шоирон аз диёри дур шеъри худро ба манзури ислоҳ ба назди ӯ мефиристоданд. Барои ҳамин ҳам, нуқтаи назари Амир Хусрав доир ба ҳусну қубҳи ашъори шоирони навқалам ва дигар шогирдон аз таҷриба фароҳам омадааст. Мувофиқи хулосаҳои Хусрав шогирдон дар шеър ба се даста тақсим мешаванд, ки онҳо аз шогирди ишорат, шогирди иборат ва шогирди ғорат иборатанд. Муаллиф дар хусуси шогирди ишорат чунин мегӯяд:

«Аввал шогирди ишорат аст. Ва он чунон бошад, ки гоҳ-гоҳ мубтадиро дар вазн хато меафтад ва ё дар маънӣ фасоде мехезад ва дар назари устоде бино медорад ва устод фасод ва салоҳи он мебинад ва ба ислоҳи он ишорат мекунад, ки ин ҷо чунин банд ва он ҷо чунин кушой, то он мубтадӣ аз ишорати он бар ғавомизи он кор муталлеъ мешавад. Ин шогирди ишорат аст» [Хусрав 537, в.19[б]].

Аз тавзеҳоти боло бармеояд, ки «шогирди ишорат» шоири навқаламест, ки дар аснои таълифи шеър баъзе хатоҳои вазнӣ ва риоят нашудани таносуби маъноии байни калимот, ки маъноро коста мегардонад, дар ҳунари адабии ӯ ҷой дорад. Чун ин шогирд шеърро аз назари устоде мегузаронад, устод норасоиҳоро дарёфта, танҳо барои ислоҳи онҳо ба ишорате иктифо мекунад ва таҳриру тасҳеҳи хатоҳои мавҷударо бар уҳдаи муаллиф мегузорад. Мақому мартабаи «шогирди ишорат» дар муқоиса бо дигар шогирдон аз назари Хусрав баланд аст, зеро интихоби алфозу маонӣ дар шеъри шогирди ишорат ба муаллиф тааллуқ дорад, на ба каси дигаре.

Мухтассоти шогирди иборатро Амир Хусрав чунин тавзеҳ медиҳад:

«Дувум, шогирди иборат аст. Ва он чунон бошад, ки мубтадӣ тариқи иборати мунтаҳиро татаббуъ кунад ва ҳар лафз ва маънӣ, ки дар иборати устод бубинад, намуна бармечинад. Ин шогирди иборат аст» [Хусрав 537, в.19б].

Шогирди иборат аз зумраи шогирдонест, ки бо вуҷуди баҳрабардорӣ ва пайравӣ аз сабку услуби устоде баъзе калимаву иборат ва ҳатто мазмуну маънии ашъори эшонро дар эҷодиёти худ ба таври огоҳона мавриди корбурд қарор медиҳад. Мартабаи шогирди иборат аз дидгоҳи муаллиф дуни мартабаи шогирди ишорат аст. Хусрав, ки худ тазмини шеъри дигаронро намеписандид, истифода аз алфозу маонии тайёрро амали ношоиста медонад.

Тазмин ва сирқатро Амир Хусрав заъфу нотавонии шогирдони шеър нишон дода, ин амалро на танҳо сабаби дасткӯтоҳии муаллиф дар ҳунари адабӣ, балки дуздӣ ва ғоратгарӣ низ қаламдод мекунад. Шогирдеро, ки дар баробари татаббуъ аз тарзу усули устодон аз алфозу маонии офаридаи онон дар шеъри худ истифода мебарад, Хусрав «шогирди ғорат» меномад ва дар ин бора чунин мегӯяд:

«Савум, шогирди ғорат аст. Ва он чунон бошад, ки якеро ҳиммат дар ангехт қосир афтад ва ҳушаш дар тасниф ғолиб, ҳар бор дар абёти устод нақб мезанад ва хизонаи ӯро дар харобаи худ меорад ва қатраи хунеро, ки аз дили доное берун афтодааст, ҷигаргӯшаи худ месозад ва ҳам аз вай менависад ва ҳам бар вай мехонад. Ва аз вай медуздад ва ҳам бар вай меафшонад. Яқин аст, ки шогирди сухани устод аст, аммо шогирде ғоратгар. Инро шогирди ғоратгар мегӯянд, байт:

Чӣ суд арбада, чун аз замири дуздфанат
Ба рӯйи сафҳа гувоҳӣ ҳамедиҳад суханат» (Хусрав 537,в.20а).

Амир Хусрав шеъри шогирди ғоратро, ки такрори мазомину алфози устодон аст, шеъри мубтазал ё худ беқадру беарзиш баррасӣ мекунад, чунки ин шогирд ба абёти устод нақб задаву хизонаи ӯро вориди харобаи хеш сохтааст.

Изҳори нафрат кардани Хусрав ба ин қабил шогирдон шаҳодат бар он медиҳад, ки чунин ҳодиса дар ҳаёти шахсии шоир воқеъ шудааст. Муаллиф шеъреро, ки ба сабаби такрор ё фуқдони кайфияти матлуб, ҷаззобият надошта бошад, нотамому ноқис дониста, амали шогирди ғоратро қалб ва беинсофӣ меҳисобад. Чунончи:

«Ҳароина, ҳар лафзе, ки мураттаб бошад, чун касе қалб хонад, мубаттар (ноқису нотамом) шавад ва ҳар назму насре, ки латифат бувад, чун беинсоф ба муохизае маъхуз гардонад, албатта, дар дили мустамеъ онро диле пайдо гардад» [Хусрав 537, в.20а].

Аз идомаи суханони Хусрав маълум мешавад, ки миқдори шогирдони ғорат дар шеър хеле зиёданд. Дар шеъри ин гуна шоирон аз истеъдод дида ҳавас ғолибият дорад. Мақсуди шогирди ғорат аз корбурди алфозу маонии собиқадор дар эҷодиёти худ орзуву ҳаваси ба зуддӣ дар радифи суханварони бузург маъруфияту маҳбубият пайдо кардан аст, на чизи дигаре. Амир Хусрав чунин тоифаи шоиронро ба харе монанд мекунад, ки мавқеи суханашон чун «наъраи нобаҳангом»-и хар аст. Чунонки:

«Бисёр гулузор бошанд, ки ӯро дар шеър ҳавасе ғолибу олӣ афтад ва қуввати таснифаш ноқису қосир, худро ба муохиза ва тахтиа (иштибоҳу хато) дар миёнаи тоифаи суханварон ғалат кунад, то ӯро аз эшон донанд… Ҳар харе, ки аз ин тавила аст, ӯро ҳам ба тозиёнаи сафоҳат адаб бояд кард, зеро ки сухани ӯ чун бонги хар аст… Мардумӣ он бошад, ки агар харе наъраи нобаҳангом занад, ӯро ҳам ба харе дигар ҳавола кунад» [Хусрав 537, в.20а].

А Д А Б И Ё Т

1. Арӯзӣ 1986.- Чаҳор мақола/ Низомии Арӯзии Самарқандӣ; Мураттиб, муаллифони сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ирфон, 1986.- 160 с.
2. Бақоев 1975- Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ/ М. Бақоев. –Душанбе: Дониш, 1975. – 282 с.
3. Хусрав 537-Девон/ Амир Хусрави Деҳлавӣ. Ғуррат-ул-камол. Дастнависи китобхонаи Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Рақами 537.
4. Хусрав 1971 (1) – Маҷнун ва Лайлӣ. (Осори мунтахаб) /Амир Хусрави Деҳлавӣ. – Душанбе: Ирфон, 1971. – Ҷилди якум. – 492с.

УСЛОВИЕ НАСТАВНИЧЕСТВА И УЧЕНИЧЕСТВА В ПОЭЗИИ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ АМИРА ХУСРАВА

Автор статьи рассматривает одно из важнейших проблем теории литературы, в частности условия наставничества и ученичества в поэзии. Эти вопросы красной нитью проходят в предисловии дивана «Гуррат-ул-камал» Амира Хусрава. Автор исследует взгляды Амира Хусрава на данную проблему. Наиболее подробно подвергается анализу точка зрения и предлагаемые Амир Хусравом условия по данному вопросу.

Ключевые слова: наставник, воспитанник, стиль, необходимость, плагиат, случайое совпадение стиха, воображение, упорядоченный, неполный, ошибка.

CONDITION MASTER AND TIME SPRNT AS A STUDENT IN POETRIES WITH STANDPOINT AMIRA HUSRAVA

The Author of the article considers one of the the most most important problems to theories of the literature, in definitely condition master and time sprnt as a student in poetries. These questions by red thread pass in foreword of the sofa "Gurrat-str-камал" Amira Husrava. The Author researches the glances Amira Husrava to problem. Most in detail is subjected to the analysis a standpoint and proposed condition Amir Husravom on this subject.

Key words: mentor, alumnus, style, need, plagiarism, случайое coincidence of the verse, imagination, ranked, incomplete, mistake.

Сведения об авторе: ***Тагаймуродов Р. Х.***- кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы КТГУ имени Носира Хусрава. Телефон: **(+992) 917-57-55-22**

МАВЗӮИ МАЙ ВА СОҚӢ ДАР ДОСТОНҲОИ ИШҚИИ РОМАНТИКИИ АСРИ XV

С. Маҳкамов
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф

Мавзӯи май ва соқӣ дар осори адибони классикии форсу тоҷики асри XV ҳамчун асрҳои пешина мақому манзалати хосса дорад. Ба ин мавзӯъ қариб ҳамаи адибон даст зада, мавзӯву мундариҷа ва муҳтавои осори хешро бой ва ғанӣ гардонидаанд. Аз ҷумла, устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ мефармояд:

Соқӣ, гузин **бодаву май** хӯр ба бонги зер,
К-аз кишт сор ноладу аз боғ андалеб (1,19).

Ё:

Соқӣ, ту бидеҳ **бодаву** мутриб, ту бизан руд,
То **май** хӯрам имрӯз, ки вақти тараби мост (1,20).

Умари Хайём ба соқӣ муроҷиат менамояд.

Соқӣ, гулу сабза бас тарабнок шудаст,
Дарёб, ки ҳафтаи дигар хок шудаст.
Май нӯшу гуле бичин, ки то дарнигарӣ
Гул хок шудасту сабза ҳам пок шудаст (2,79).

Ё ин ки:

Ёрон, чу ба иттифоқ меод кунед,
Худро ба ҷамоли якдигар шод кунед.
Соқӣ чу **майи маонӣ** бар каф гирад,
Бечора маро ҳам ба дуо ёд кунед (2,110).

Ҳофизи Шерозӣ айшу мастиро, бо вуҷуди ҳозир будани соқию мутрибу май бе ёр тасаввур намекунад:

Соқию мутрибу **май** ҷумла муҳайёст, вале
Айш бе ёр муҳайё нашавад, ёр куҷост? (3,48)

Ё худ:

Сухани ишқ на он аст, ки ояд ба забон,
Соқиё, **май** деҳу кӯтоҳ кун ин гуфтушунуфт (3,58)

Ин қабил мисолҳо зиёд мебошанд. Мо мавзӯи номбурдаро танҳо дар достонҳои ишқии романтикии «Саломон ва Абсол», «Юсуф ва Зулайхо», «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ, «Ширин ва Хусрав» ва «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдуллоҳи Ҳотифӣ мавриди баҳс қарор диҳем.

Маълум аст, ки соқӣ оғозкунанда, пешбаранда ва ҷамъбасткунандаи маҳфил буда, мутриб шодкунандаи хотири мардум мебошад. Адибон барои он ки қаҳрамонони марказии достонҳо ғами рӯзгорро дарк насозанд ва як лаҳза бошад ҳам, аз хушиҳои зиндагӣ баҳра бардоранд, ба соқӣ муроҷиат менамоянд, то ин ки ба эшон май бирезад. Чунончи, Ҷомӣ дар боби «Дар зикри баъзе марказнишинони нуқтаи ҳол»-и достони «Лайлӣ ва Маҷнун» дар ҳафт ҷо ба соқӣ муроҷиат мекунад, ки яке аз дигаре бо мазмуну муҳтаво фарқ мекунад. Аз ҷумла, дар муроҷиати аввал аз соқӣ дархост мегардад, ки бо умеди то субҳгоҳ хушу хурсанд нишастан ва дафъи хумор ба онҳо майи сабӯҳӣ бирезад:

Эй соқии ҷон, фидока рӯҳӣ,
Пур кун **қадаҳ** аз **майи сабӯҳӣ**.

З-он **май**, ки бар аҳли дил мубоҳ аст,
Равшанкуни ғурраи сабоҳ аст.
То ҳозири субҳдам нишинем,
Дар партави он ба ҳам нишинем.
Ронем ба маҷлиси ҳарифон
Ҳарфе зи латоифи латифон (6,13-14).

Дар муроҷиати дувум ба соқӣ таъкид карда мешавад, ки аз ҷоми тарабфизой бо умеди ба ёд овардани ашхоси муқаддам майи ғамзудой бирезад:

Соқӣ, майи ғамзудой дардеҳ
В-он **ҷоми тарабфизой** дардеҳ.
Он **май**, ки чу табъ аз он шавад шод,
Аз ҳоли муқаддамон диҳад ёд (6,14).

Аз муроҷиати савуми ба соқӣ намуда маълум мегардад, ки пастиву баландии инсонро ғам фаро гирифтааст. Аз ин лиҳоз, май бирезад, то ин ки ғам аз дили сӯфиён дур гашта, аз нақши худиву худписандӣ ба нақшбандиён бирасанд.

Соқӣ, дили мо зи мо гирифтаст,
Ғам шебу фарози мо гирифтаст.
Май деҳ, ки аз ин манию моӣ
Як дам моро диҳад раҳоӣ.
Лабҳои умедро бихандон
Аз **ҷуръаи ҷом**и нақшбандон.
Аз нақши худиву худписандӣ
Моро бирасон ба нақшбандӣ (6,15).

Муроҷиати чаҳорум ба соқӣ ба вобастагии май ба таърихи куҳнаву нав равона гардидааст. Маҳз баъди нӯшидани май таърихи гузаштаву имрӯза пеши назар меояд. Кас аз бевафоии дунёи фонӣ ҳасрат мекунад, зеро дар масири таърих ашхосе умр ба сар бурдаанд, ки бархе бо некӣ ва дигаре бо бадӣ дар қалби мардум ошиён гузоштаанд:

Соқӣ, бидеҳ он **майи чу хуршед**,
Дар **ҷом**и ҷаҳоннамои Ҷамшед.
Он **май,** ки бувад зи нури партав
Таърихкушои куҳнаву нав.
Баҳром куҷову гӯри ӯ ку?
В-он бозуи шерзӯри ӯ ку?
Ковус чӣ кард коси худро?
В-он кохи сипеҳрасоси худро?
Чингиз, ки буд гурги ин дашт
В-ин дашт зи гургияш тиҳӣ гашт.
Дар панҷаи марг рӯбаҳӣ кард,
Қолиб ба масофи ӯ тиҳӣ кард.
Темуршаҳ, он чу сади оҳан,
Эмин зи фасоди рахнаафган
Шуд дар кафи аҷз нарм чун мум,
Ҷон дод зи мулку мол маҳрум.
Шаҳрух, ки ба фаррухӣ ба сар бурд,
Овоза ба шаҳрухӣ бадар бурд.
Шуд дар сафи ин бисоти офот
Бо шоҳ рухе қаринаи мот (6,15-16).

Дар муроҷиати панҷум қаҳрамони лирикӣ аз соқӣ хоҳиш мекунад, ки майе ба ҷоми ӯ бирезад, то ба хотири шоҳи одил нӯши ҷон намояд:

Соқӣ, нафасе баҳона бугзор,
Ратле ду **майи муғона** пеш ор.
Он **май**, ки дамад ба бӯяш аз дил
Райҳони дуои шоҳи одил.
Шоҳе, ки зи зулм ор дорад
В-аз адлу карам шиор дорад.
Адлаш чу паноҳи тахту тоҷ аст,
Ӯро ба дуо чӣ эҳтиёҷ аст?
Форуқ чу ноқа з-ин фазо ронд,
Овозаи адл аз ӯ ба ҷо монд (6,16).

Дар мисраи дувум – «Ратле ду майи муғона пеш ор» калимаи «ратл» ба ду маъно истифода шудааст: яке ба маънои пиёла (пиёлаи шароб), паймона, ҷом, қадаҳ ва дигаре ба маънои ченаки вазн – баробари 144 дирҳам ё 449,28 грамм. Яъне қаҳрамони лирикӣ аз соқӣ хоҳиш кардааст, ки ба ӯ «ду майи муғона (оташпарастӣ)» (қариб 1 литр) бирезад. Дар навбати худ, «майи муғона» майи одӣ нест. Онро танҳо рӯҳониёни оташпараст (зардуштӣ), ки ба дараҷаи поёнтар аз мубадон меистанд, нӯшида, дами беғам мезананд.

Дар муроҷиати шашум қаҳрамони лирикӣ аз соқӣ хоҳиш мекунад, ки ба ӯ на ин ки аз ҷоми майи нав, балки аз ҷоми майи куҳна бирезанд, то онро ҳамроҳи дӯстон баҳри меҳру вафо бинӯшад:

Соқӣ, бидеҳ он **майи куҳансол**,
Ёқути музобу лаъли сайёл.
Он **май**, ки чу дӯстон бинӯшанд,
Бо ҳам ба вафову меҳр кӯшанд.
Ором шавад рамидагонро,
Пайванд диҳад буридагонро.
Ёре, ки кунад ба ёр пайванд,
Нахли амалаш шавад барӯманд (6,17).

Дар қатори дӯстони бовафо шоир Алишери Навоиро мегузорад, ки ёриву мадади хешро аз бечорагону бенавоён (дилшикастагон) асло дареғ намедошт:

Хоса, ки ба боғи ошноӣ,
Бар шохи вафо бувад Навоӣ.
Яъне ки навои лутф созад,
Дилҳои шикастагон навозад.
Қоре набувад ба ҷойи ин кор,
Ёрони ҷаҳон фидои ин ёр! (6,17).

Муроҷиати ҳафтум ба соқӣ дар айёми субҳ ба амал меояд. Насими субҳхез ба машом аз шаробхона бӯе меорад. Қаҳрамони лирикӣ аз он бӯйи гуворо ба ваҷд меояд ва ба соқӣ амр мекунад, ки аз шаробхона бо кӯза (сабӯ)-е май орад, то баъди нӯшидан пойбанди ақл нагардида, аз мояи ишқ баҳра барад, зеро дар сояи ишқ осуда зистан нисбат ба ҳиласозиҳои ақл беҳтар аст:

Соқӣ, дами субҳ мушкбез аст
В-анфоси насим субҳхез аст.
Омад зи **шаробхона** бӯе
Бархезу ба даст кун сабӯе.
З-он **май**, ки чу шамъ ҷон фурӯзад,
Парвонаи ақлро бисӯзад.
Чун ақл бисӯхт, ишқ сар зад,
Гунҷишк бишуд, ҳумой пар зад.
Худро бираҳон зи ҳилаи ақл
В-озода шав аз ақилаи ақл.
То суд барӣ зи мояи ишқ
В-осуда зиӣ зи сояи ишқ.
Ҳар ҷо ишқ аст, покбозист,
Ҳар ҷо ақл аст, ҳиласозист (6,17,18).

Тавре ки мушоҳида мегардад, қаҳрамони лирикӣ аз соқӣ, дар муроҷиати аввал майи сабӯҳӣ (майнӯшии пагоҳӣ барои дафъи хумор), дар муроҷиати дувум – майи ғамзудой, дар муроҷиати савум – майи ҷоми нақшбандон, дар муроҷиати чаҳорум – нӯшидани май ба хотири таърихи куҳнаву нав, дар муроҷиати панҷум – бардоштани қадаҳ ба хотири шоҳи одил, дар муроҷиати шашум – майи куҳансол ба хотири меҳру вафо ва дар муроҷиати ҳафтум – майи субҳона ба хотири баҳрабарӣ аз мояи ишқ талаб намудааст, ки ҳар як муроҷиат дар навбати худ барои боз ҳам гуворову ҷаззоб гардидани боби номбурдаи достони «Лайлӣ ва Маҷнун» нақши муҳим бозидааст.

Дар достони «Юсуф ва Зулайхо»-и Ҷомӣ Азизи Миср ба истиқболи Зулайхо омодагии ҳамаҷониба дида, бо ғуломону канизони гулчеҳра ва мутрибони нуктапардоз ба пешвози ӯ мебароянд (5,193-194).

Дар боби «Дар сифати базми айшсозӣ ва суруди ишратпардозии вай»-и достони «Саломон ва Абсол» низ Ҷомӣ базмгоҳ оростани Саломон ва дархостани мутрибонро қайд карда, сархушии Саломон ва бо мурури вақт паридани чодир (ҷилбоб)-и шарм аз рӯйи ӯро ба таври табиӣ меофарад:

Шаб, ки аз ҳар кор дил пардохтӣ,

Бо ҳарифон нарди ишрат бохтӣ.
Базмгоҳе чун биҳишт оростӣ,
Мутрибони ҳурпайкар хостӣ.
Чун димоғи ӯ шудӣ аз **бода** гарм,
Баргирифтӣ аз миён ҷилбоби шарм (4,197).

Абдуллоҳи Ҳотифӣ дар боби «Дар таърифи шурӯъ ва имтиёз кардан»-и достони «Лайлӣ ва Маҷнун» аз адибони пешинаи маснавинавис – Низомии Ганҷавӣ ва Амир Хусрави Деҳлавӣ ёдовар гардида, маҷозан Низомиро ба базми назм соқӣ таъин менамояд. Низомӣ дар навбати худ ба ҷодаи назм майи маонӣ мерезад ва бо ин роҳ базми назмро метафсонад:

Он ганҷфишони мулки маънӣ,
Ганҷинакушои Ганҷа, яъне
Муншии саҳифаҳои номӣ,
Султони суханварон – Низомӣ.
Шуд сиккаи шоирӣ баномаш,
Сад Хусрави Деҳлавӣ ғуломаш.
Гашт аввал базми назм **соқӣ**,
Нагзошт зи соф **бода** боқӣ.
Омехт ба он **май**и маонӣ,
Он Хусраваш оби зиндагонӣ.
Дардод **раҳиқ**и рӯҳпарвар,
Бе миннати ҷому нанги соғар.
Базми хушу соқии ҷавонмард,
Дар ҳар нафасе хуме тиҳӣ кард (7,99-100).

Аз ҷуръаи боқимондаи Низомӣ Амир Хусрав хумор мешиканад, зеро ӯ дар пайравии «Хамса»-и Низомӣ, ки аз маснавиҳои «Махзан-ул-асрор» (1176), «Хусрав ва Ширин» (1181), «Лайлӣ ва Маҷнун» (1188), «Ҳафт пайкар» (1197) ва «Искандарнома» (1203) иборат мебошад, ба навиштани «Хамса»-и нав (дорои маснавиҳои «Матлаъ-ул-анвор» (1299), «Ширин ва Хусрав» (1299), «Маҷнун ва Лайлӣ» (1299), «Ойинаи Искандарӣ» (1300) ва «Ҳашт биҳишт» (1302) шурӯъ намуда, онро бомуваффақият ба анҷом мерасонад:

Ҳар **ҷуръа**, ки монда буд аз вай,
Бишкаст хумор Хусрав аз пай.
Ӯ ҳам ба суханварӣ фасона,
Дар хайли суханварон ягона.
Соҳиби ҳунар – баландпоя,
Дар ҳар ҳунаре – тамоммоя.
Он сеҳри сухан зи шоирӣ кард,
Дар шеваи назм соҳирӣ кард (7,100).

Вақте ки соқӣ (Худованд) даври навиштани қиссаи «Лайлӣ ва Маҷнун»-ро ба ман супурд,- мегӯяд шоир,- бидуни дарди май чизе набуд. Он гоҳ Хизри хаёл раҳнамун гардид ва ман барои фориғ шудан аз ғами замона ба навиштани қиссаи «Лайлӣ ва Маҷнун» шурӯъ намудам.

Аз ин рӯ, ӯ ба соқӣ муроҷиат мекунад, ки аз ҷом ишқи илоҳиро бирезад, то ин ки ранҷу ғами замонаро ҳис насозад:

Чун давр ба ман супурд **соқӣ**,
Ҷуз дарди **май** набуд боқӣ.
Соқӣ ману аҳли базм **махмур**,
Дар ҳаҷлаи токи бикри ангур.
Қаҳат **маю** қавм лоуболӣ,
Дар даст зи ғайри **ҷом**и холӣ.
Шуд Хизри хаёл раҳнамунам,
Нагзошт чу бедилон забунам.
З-он дард, ки монда буд аз он **май,**
Гуфтам **арақе** бигирам аз вай.
Бошад, ки даме ба он баҳона,
Фориғ шавам аз ғами замона (7,100).

Шоир дар достони «Ширин ва Хусрав» менигорад, ки Маҳинбону барои пешвоз гирифтани Хусрав омодагии беандоза мебинад. Аа ҷумла, ҳолати майнӯшии парирӯён ва нағмаҳои дилнавози асбобҳои мусиқиро ба таври зайл таҷассум менамояд:

Чу он хиргоҳро ном осмон шуд,
Бар ӯ ҳар сӯ танобаш Каҳкашон шуд.
Дар он ҳар чӯби рангине, ки бинмуд,
На чӯби хиргаҳ он қавси қузаҳ буд.
Чу он хиргоҳро омода карданд,
Ҳавои **соқиён**и сода карданд.
Зи себи пургулобу манқали зар
Падид омад биҳишту ҳавзи Кавсар.
Парирӯён ба **май** хӯрдан нишастанд,
Зи фикри ҳар ду олам боз растанд.
Баромад нолаи **уд** аз сари ҳол
Чу бар набзаш ниҳод ангушти қаввол.
Лаби **мутриб** ба **най** чун кард пайванд,
Зи оби Хизр сар бармезадӣ қанд.
Зи хидмат баҳри хубони қадаҳнӯш
Даф омад аз ҷалоҷил ҳалқа дар гӯш.
Ғиҷак мезад чу хубони сумансоқ
Ба абрӯйи камонча роҳи **«Ушшоқ»** (8,48).

Ҳотифӣ дар ҷойи дигар, дар боби «Нигоштани Шопур сурати офатангези Ширинро дар лавҳи дили андӯҳгини Хусрав ва фурӯхтани оташи муҳаббат дар синаи он сӯхтаи шуълаи барқи забонаи оташ»-и достони номбурда ба соқӣ хитоб намудани Хусрави Парвиз дар бобати бо ёди Ширин рехтани май дар соғарҳоро чунин ба қалам медиҳад:

Сӯйи **соқӣ** ишорат кард Парвез,
Ки **май бар ёди чонон дар қадаҳ рез**.
Равон гардид ҳар сӯ **соғари май**,
Ба **бонги арғунуну нолаи най**.
Баромад бонги **нӯшонӯши мастон**,
«Бидеҳ!» гуфт ин яке, он гуфт: «Бистон!» (8,31).

Лев Толстой как выдающий писатель известен в мировой литературе. Он с юности проявил любовь к восточной литературе. В статье показаны история и пути распространения произведения «Калилы и Димны» в Европе и на Востоке. Толстой на примере рассказа «Два брата», используя содержание притчи «Калилы и Димны», передал особенность русского мотива.

Ключевые слова: Лев Толстой, восточная литература, произведение «Калила и Димна», особенность русского мотива.

USE OF A PARABLE " KALILAH AND DIMNA " IN THE STORIES JIEV TOLSTOY

Лев Thick as the giving out writer is known in the world(global) literature. He from youth has shown love to east literature. In clause are shown a history and ways of distribution of the book " "Kalilah and Dimna". In Europe and East. Thick in an example of the story " Two brothers " using the contents of a parable "Kalilah and Dimna", has passed feature of Russian motive.

Key words: Lev Tolstoy, east literature, work "Kalila and Dimna", feature of the Russian motive.

Сведения об авторе: ***Гуландом Рустамзода*** – кандидат филологических наук, Институт энергетики Таджикистана в г.Курган – Тюбе. Телефон: (+992) **907913677, 378800357**

ЗАМИН АЗ НАЗАРИ НУҶУМИ ИМРӮЗ

Насрини Қосимӣ Тахта Чӯб
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Яке аз нуҳ ситора манзумаи шамсӣ, ки ба даври Хуршед мечархад (албатта, бо хориҷ кардани Плутон аз сайёраҳо ва ворид шудани ситора ба садно ба листи манзумаи шамсӣ (дар миёни чаҳор сайёраи хокӣ (Тир, Зӯҳра, Миррих ва Замин), ки ба даври Хуршед мечарханд, бузургтарин ситора аст ва то кунун танҳо ситорае аст, ки сатҳи васеъ аз он пӯшида бо об аст ва ҳамчунин танҳо ситорае манзумаи шамсӣ аст, ки ҳаёт дар он вуҷуд дорад.

Замин пас аз Уторид ва Зӯҳра савумин сайёраи кӯчак дар манзумаи шамсӣ аст, ки дар фосилаи ҳудуди 150 миллион километр аз ситораи Хуршед қарор дорад. Фосилаи Замин то Хуршед ба тавре аст, ки шароити муҳити он қобилияти зистанро ба мавҷудоти зинда имконият медиҳад.

Замин ситораи сангӣ бо миқдори зиёде об аст. Сохтмони Заминро лоиҳаҳои мухталифе ташкил медиҳад ва гирдогирди онро пӯшише аз ҳаво иҳота кардааст. Сатҳи рӯйии Замин аз нитроген ҳудуди ҳаштод дарсад, оксиген ҳудуди бист дарсад ва чандин гази дигар аст.

Чун Замин ба чор қабат тақсим мешавад, дар қабати поёнтар аз абрҳо мебошанд ва болотар аз он қабати азон қарор дорад ва болотари азон қабате аст, ки шаҳоби сангҳо дар он шуълавар мешаванд ва охирин қабат мавҷуди Хуршедӣ мувофиқ мешавад. Баландтарин нуқтаи рӯйи хушкҳои Замин кӯҳовар ном дорад, ки наздик ба нуҳ километр аз сатҳи дарё болотар. Амиқтарин қисмати дарёҳо низ дар наздикии ҷазираи Фаластин дар Уқёнуси Ором қарор дорад. Умқи ин ноҳия ҳудуди 11 километр поёнтар аз сатҳи дарё аст.

Кураи Замин дар 23 соат ва 56 дақиқаву ву 09,4 сония гирди меҳвари худ мечархад (ҳаркати вазъ) ва ҳар 365 ва як чаҳорум рӯз ба даври Хуршед мечархад (ҳаракати интиқолӣ) ва дар ҳар рӯз гардиши худ ба даври Хуршед мавқеияташ нисбат ба Хуршед бо рӯзи дигар мутафовит аст.

Пайдоиши Замин. Баъзеҳо эътимод доштанд, ки Замин ва дигар сайёраҳо манзумаи шамсӣ ба таври ҳамзамон ба вуҷуд омаданд ва назарияи дигар ин аст, ки

Хуршед қабл аз сайёраҳо буда, сайёраҳо аз он ба вуҷуд омаданд. Баъзе дигар синни кураи Моҳро бо кураи Замин як медонанд ва мегӯянд, ҳар ду кура ҳамзамон аз Хуршед ҷудо шудаанд ва умри ҳар дуи онҳоро 4500 миллион сол тахмин кардаанд. Гурӯҳи дигар 4550 мелодӣ сол ҳадс задаанд. Қадимтарин санге, ки дар Замин ёфта шуда, муҳаққиқ ба 3800 миллион сол қабл аст. Сайёраи мо 4550 сол дорад, ки андаке аз Хуршед ҷавонтар аст. Таҳқиқоти охир нишон медиҳад, кураи Замин бисёр зудтар аз он чӣ тасвир мешавад, ба дунё омадааст. Синни ҷадиди сайёраи Замин 4467 мелод сол тахмин шудааст, ки нисбат ба синни қадимтари он дар ҳудуди 4538 миллиард сол бароварда шуда буд, бисёр ҷавонтар ба назар мерасад.

Офариниши Замин аз назари пешиниён. «Офариниши Замин дар асотири бостон дар нимаи аввали ҳазораи қабл аз мелод бо ғулғулаи ба қудрат расидани ориёиён дар Наҷди Эрон ва Осиёи Ғарб аст. Ба дасти Худованди бузург анҷом мепазирад, ки дар Бобул ӯро Мардух дар сарзамини Ошвар ӯро ошӯр меномиданд. Худованди бузург, ки дар садри офариниши ҳастӣ буд, Ҳавво – зани нахустин Тиёмит, ки модари бузурги худоён буд, ба таҳрик ва бино ба мувофиқати худоён дар набарди шигифтовар ва пурбим кушт ва он гоҳ бар он шуд, ки Ҳавворо ба ду ним кунад ва аз он халқияте ҳушмандона падид овард. Пас, ниёматро чун садафе ба ду нима кард. Як пораро бар офариниш ва паҳнои осмонро сохт ва аз пораи дигар Заминро бароварда» [2,49].

Дар ойини маздаясноӣ, ҳамон тавре ки Осмон муқаддас аст ва қобили ситоиш, Замин ва он чӣ бар рӯйи ӯст аз қабили об гиёҳ, чорпоён, оташ ва ғайра муқаддас ва қобили эҳтироманд, дар усутраҳо ном Замин ба муносибҳои мухталиф ба танҳоӣ ва ё дар канори осмон оварда шудааст.

«Ин ки Заминро меситоем, Замине, ки моро дар бар гирифтаст» (Ҳот 38 /фақра 1).

«Замин ва Осмонро меситоем» (Ҳот 47 / фақра 3).

«Замин ва чизҳои некро меситоем» (Ҳот 42/фақра 3).

«Саросари Заминро меситоем, саросари Осмонро меситоем» (Ясно /Фуқра90).

Замин дар «Қуръон». Замин муодили арабии он арз 461 бор дар «Қуръон» оварда шудааст ва дар тамоми маънӣ ба сурати муфрад (ягона) ба кор рафтааст. Аз назари луғавӣ, арз ба маънои кураи хокӣ, ки инсон бар рӯйи он зиндагӣ мекунад. Ҷамъи он арзун ва ароз аст ва гоҳе дар маънои гурӯҳи хокие, ки инсон бар рӯйи он зиндагӣ мекунад, ҷамъи он разун ва ароз аст ва гоҳе дар маънии муқобил (симо) қарор мегирад, ки ба маънои ҳар чизи паст ва пойин дар муқобили боло ва баландӣ аст. Ҳангоме ки мутлақ гуфта шавад, ба маънои кураи хокӣ аст.

Дар сураи «Моида» ду бор ба вожаи арз ишора карда, ки дар як ҷо ба маънои Замин (кураи хокӣ) аст. Инчунин дар ҳамон сура ба маънии қитъаоти Замину маҳалли зиндагӣ ва ҷойгоҳи зист маънидод шудааст:

Донишмандони қадим дар бораи шаклу ҳастии Замин тасаввуроти мухталиф доштанд. Баъзе онро мустаҳ ва гурӯҳе онро курси тахт ва бархе курае тасвир мекарданд.

Замин дар мактабҳои умдаи фалсафаи Юнон

Толисим Молитӣ (546-636қ.м) мегӯяд: Мояи ҳар чиз об аст ва Заминро курси тахте муҷассам карда, ки дар об шиновар аст.

Оникасо Горес (428-499қ.м) тасвири бисёр дақиқтар аз дигарон дошт. Ӯ Моҳ ва ситораҳоро ҳамчун Замин медонист ва мегуфт, ки онҳо ҳам монанди Замин пӯстаҳои сахт доранд ва нури Хуршедро боз метобонанд.

Фисоғурес (507-582 қ.м) нахустин касе аст, ки шакли Заминро куравӣ дониста. Гурӯҳе буданд, ки Заминро гоме бузург барои башарият дониста, ситораҳоро гунбади осмонӣ мешумурданд. Муътақид буданд, ки ситораҳо Заминро ба тамом иҳота кардаанд.

Филолоус (450 қ.м.) муътақид буд, ба он ки Замин собит нест ва мегуфт як оташмарказе вуҷуд дорад (на Хуршед), ки Замин Моҳу Хуршед ва дигар сайёраҳо онро давр мезананд.

Арасту Замини кураеро маркази олам медонист, ки дар ҷойгоҳи худ беҳаракат истода ва Хуршеду Моҳ сайёраҳои дигар дар мадорҳои даври он мечарханд. Ин андеша 2000 сол бар андешаи мардум ҳукумат кард. Хоқонӣ низ Заминро сокин ва осмонро гардон медонист.

Ташкили Замин аз рӯйи ақидаҳои миллатҳои гузашта. Дар асотири ҳиндӣ мардум бар он ақида буданд, ки одам, аз тухми мурғе ба вуҷуд омада, як сол бар

ҷойи худ монд ва баъд аз як сол ба ду нима шуд, нимаи симин, ки Заминро ташкил дод ва нимаи заррин, ки Осмон шуд. Ҳамчунин дар «Майнавӣ» омада, ки Осмону Замин ва обу ҳар чизе, ки даруни он аст, ба шакли тухми мокиён аст.

Осмон болои Замин монанди тухми мурғ ба василаи Аҳурамаздо манзум шуда ва шабоҳати Замин дар миёни Осмон монанди зардаи миёни тухм ва об дар миёни Замин ва Осмон ҳамчун об дар тухм аст.

Замин дар ҳолати аслӣ ва дастнахӯрда худ ҳамвор буд ва нуҳ даррае дошт, на кӯҳ. Хуршеду Моҳ ва ахтарони болои Замин беҳаракат дар васити Осмон қарор доштанд.

ЮнониёниbостонЗаминро дашти ноҳамвор ва каму беш ҳамвор медонистанд, ки даври онро ҷараёни Уқёнус гирифта ва самараи издивоҷи Уронус (Осмон) ва гоё (Замин) аст.

Ведо, Замин бузург паҳновар, густурда ва бекарон аст ва онро гирд чун чархе медонанд, дар асотири Эрон Замин гирду даврагузар ва монанд ба гӯй аст.

Шуаро низ дар шеъри худ Заминро монанди гӯй ва гул (гули муҳра) тавсиф мекунанд:

Хати фалак хиттаи майдон нест,
Гӯё Замин дар хуми чавгони туст (Девон, Хоқонӣ.- С.212).
Ҳиққаи маҳ дар гули ин муҳра зан
Санги Зуҳал бар қадаҳи Зӯҳра зан (Махзан-ул-асрор, С.166).

Гарчанд шакли Замин куравӣ аст, аммо ба таври комил гирд нест ва дар қутбайн дорои фурӯрафтагӣ ва дар хатти иставо дорои баромадагӣ аст ва ҳатто хатти иставо низ андаке моил ба байзо аст. Дар қадим гоҳо Заминро ҳамвор медонистанд.

Дар «Авесто» омада: «Замин дар марҳилаи савум аз офариниш ба вуҷуд омад ва тӯлу арзу жарфои он бо ҳам баробар аст ва онро дуруст миёни осмон қарор дод. Аҳурамаздо ибтидои як савум (аз се як ҳисса) аз Заминро офарид, ки бисёр сахт чун сангзор буд ва марҳилаи дувуми як савум (аз се як ҳисса) дигар Заминро офарид, ки мушкил аз гирд пардохта буд ва дар марҳилаи як савум (аз се як ҳисса) Замин аз гили нарм буд.

Замин ва Осмон маҳзари мода ва рӯҳу асли модару падар ҳастанд,ба ҷуз дар намодҳои Мисри тутанӣ (яке аз қабилаҳо) ва уқёнусҳое, ки вазъият баръакс аст. Дар намодҳо бабри сафед ва гоҳ намоде аз Замин аст. Ҳамон гуна ки аждаҳо ва асп намоде аз Осмон дар «Кашф-ул-луғот» таркиби ду говро киноя аз Замину Осмон овардааст. Дар шеъри шуаро киноя аз гов Осмон (сур) аст ва гови Замин (гове, ки ба эътиқоди қудамо Замин бар рӯйи шохи ӯ қарор дорад) омадааст. Эҳтимолан, дар «Кашф-ул-луғот» маънои маҷозиро дар назар гирифтааст:

Аз киштзору Замин, ки эй ду гови рост
Як ҷав наёфтам, ки ба чарх дароварам (Аз Сурайё то Сурайё).

Табақаҳои Замин

Замин ҳафт аст, агар ҳафтод будӣ
Агар хокаш набудӣ, бод будӣ («Хусрав ва Ширин», Низомӣ. С.23).

Ҳамон гуна ки Осмон ҳафт табақа аст, Замин низ монанди он мушкил аз ҳафт табақа аст. Ахтаршиносон ҳар кадоме аз ин ҳаф иқлимро ба яке аз сайёраҳои ҳафтгона алоқаманд мекарданд.

«Пас аз тозиши Аҳриман бар Замин Эзид таштари обро бардошт, боди обро ба Осмон бурд ва бар Замин боронид. Дар пайи ин бориши бузург Замин намнок шуд ва ба ҳафт пора ҷудо шуд. Ба ҳар пора иқлим мегуфтанд, ки дар паҳлӯе ба он кишвар гӯянд. Порае, ки ба андозаи монанди пораҳои дигар дар аторофи он қарор гирифтанд ва ҳамаи ин дигаргуниҳо бар табақаи фавқони Замин чарх дод, ки қобили зист буд. Қисмати поёнии миёна Хунерис аст, ки ба шакли Ханира ва Хазира низ омадааст. Кишваре, ки дар Шарқ буд, Арза (**Arza**) ва он ки дар Ғарб буд, Савоҳ (**Savah**) ду порае, ки дар бахши Ҷанубӣ қарор гирифт. Фирдадафаш (**ferdadafaš**) ва вепдадафаш (**vepdadafaš**) ду порае, ки дар бахши Шимолӣ қарор гирифт ва руҷаришин (**vorujare**šen) ва ворубарисин (**vorubaresen)** хонда шуд» [2,140].

«Қуръон» низ ба ҳафт табақа будан ишора дорад:

«Иллалази халақа сабъа самовоти ва миналарз мисли ҳуна». Худо онест, ки ҳафт Осмонро офарид ва монанди он Заминро низ ҳафт табақа халқ кард (Талоқ /12).

Ҳафт табақа будани Замин дар шеъри шуаро низ инъикос ва ба фарҳанги «Кашф-ул-луғот» низ роҳ ёфт. Фарҳанги ҳафт табақа будани Заминро бо таркиботе

чун ҳафт руқаи адкан (**haft roqa'e ye-adkan)** ба маънии саҳфаи хоколуд ва деви ҳафтсар (**div-ehaft sar**) тавсиф мекунанд:

Аз ҷаври ҳафт пардаи азрақ зи ашки лаъл
Тӯфон ба ҳафт руқъаи адкан бароварам (Девон, Хоқонӣ. С.382).

А Д А Б И Ё Т

1. Аббос Моҳир. Аз Сурайё то Сурайё. Ҷоми гул/ Аббос Моҳир.– Теҳрон,1382.– С. 349.
2. Баҳор Меҳрдод. Пажӯҳиш дар асотири Эрон/ Баҳор Меҳрдод. – Теҳрон, 1391. –С.1672.
3. Девони Хоқонӣ. Веростории доктор Мирҷалолиддин Казозӣ/ Девони Хоқонӣ. – Теҳрон: Марказ, 1375. –С.1406.
4. Доирт-ул-маориф Бузрагзаррин/ Таҳти назорат ва сарпарастии Бобаки Ҳақоиқ, Бобаки Риёҳӣпур. – Теҳрон: Зарин,1377. – Ҷ.2. – 1514.
5. Низомӣ. Хусрав ва Ширин/ Тасҳеҳи Ҳусайн Ваҳиди Дастгурдӣ.– Теҳрон: Сара, 1378.
6. Низомӣ. Махзан-ул- асрор/ Таълифи доктор Барот Занҷонӣ. – Теҳрон, 1374. – С.414.
7. Раҳим Афифӣ. Асотири фарҳанги эронӣ дар навиштаҳои паҳлавӣ/ Раҳим Афифӣ.– Теҳрон, 1385. – С.1406.
8. Доктор Сайид Ризоддин Саҷҷодӣ. Фарҳанги луғат ва таъбироти Хоқонӣ/ Доктор Сайид Ризоддин Саҷҷодӣ.– Теҳрон: Мумтоз, 1374.

ИЗУЧЕНИЕ ВОЗНИКНОВЕНИЯ ЗЕМЛИ В СОВРЕМЕННОЙ АСТРОНОМИИ

В статье рассматривается возникновение и создание Земли с точки зрения предков, а также в Коране. Автор, исследуя процесс творения Земли, изучает труды греческих философских школ о небесных телах.

Ключевые слова: Земля, астрономия, воззрения, создание и возникновение Земли, Коран.

THE VIEW OF THE EARTH IN THE CURRENT ASTRONOMY

The article discusses the emergence, the creation of the Earth from the point of view of their ancestors, as well as the creation of the Earth in the Qur'an. The author, exploring the process of creation of the Earth, exploring the universal Greek philosophical schools and the top layer of the Earth.

Key words: Earth, astronomy, view, layer, a process universally, Qur'an.

Сведения об авторе: ***Насрин Касими Тахта Чуб*** - аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ

ИРФОНИ КЛАССИКӢ ВА ИРФОНИ НАВ ДАР ШЕЪРИ ФОРСӢ

Симин Мирзои Пуинак
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Вожаи ирфон бо калимаи маърифат ва урф ҳамхонавода мебошад ва ба маънои шинохт аст. Шинохт аз роҳи дил, кашф ва шуҳуде, ки инсонро ба Худованд бирасонад. Дар «Луғатномаи Деҳхудо» ба маънии шинохтан ва донистан баъд аз нодонӣ омадааст «ва низ ба мафҳуми ом, вуқуф ба дақоиқ ва румузи чизе, муқобили илми сатҳӣ ва қишрӣ. Ба мафҳуми хос, ёфтани ҳақоиқи ашё ба тариқи кашф ва шуҳуд ва ба ин ҷиҳат тасаввуф яке аз ҷилваҳои ирфон аст» [12-1978].

Бешак тасаввуф яке аз боризтарин ҷилваҳои ирфон аст, аммо ин ду чунон ба ҳам танидаанд, ки дар китобҳои мухталиф ҳамвора номашон дар канори ҳам ва маъмулан дар як маъно ва корбурд зикр шудааст. Ҳамон тавр ки дар «Луғатномаи Деҳхудо» омадааст, тасаввуф танҳо яке аз ҷилваҳо ва шохаҳои ирфон аст ва бешак машҳудтарини онҳо. Бинобар ин, барои баррасӣ ва шинохти ирфон ногузир ба баррасии тасаввуф мебошем.

Дар садри ислом ҳар чӣ аз даврони Паёмбар (с) мегузашт, мусалмонон аз таолими миёнаи ӯ дур мешуданд ва дунёталабӣ ва судҷӯйӣ ғолиб мегашт. Ҳамин амр муҷиб шуд, то иддае худотарс ва порсо бо дурӣ аз ҳукумат ва мардум ба зуҳд ва ибодат рӯй оварданд ва кам -кам гурӯҳ ва фирқа ташкил доданд. Дар ҳудуди соли 200 ҳичрӣ фирқае ба номи мутасаввифа ба тадриҷ шакл гирифт ва номи сӯфӣ ва тасаввуф роиҷ шуд.

Дар мавриди решаи калимаи сӯфӣ дар китобҳои мухталиф бисёр сухан ронда шудааст. Мо ба ҳамин басанда мекунем, ки Абулҳасани Ҳуҷвирӣ дар «Кашфу-ул-маҳҷуб» овардаст: «Гурӯҳе гуфтаанд, сӯфиро аз он ҷиҳат суф хонанд, ки ҷомаи суф дорад ва гурӯҳе гуфтаанд, бад-он суф хонанд, ки андар сафи аввал бошанд ва гурӯҳе гуфтаанд, ки бад-он сӯфӣ хонанд, ки тавалло ба асҳоби сӯфӣ кунанд ва гурӯҳе гуфтаанд, ки ин ном аз сафо муштақ аст» [13-34].

«Аммо он кӣ гӯяд, ин аз суф аст ва тасаввуф, суф пӯшидан аст, ин рӯй бувад, валекин ин қавм ба суф пӯшидан ихтисос надоранд» [14-468]. Бинобар ин, сӯфиро ба

маънии пашминапӯш донистаанд. Чаро ки суфиён аз зоҳирҳои дунё буридаанд ва маъмулан, либоси пашмин ба тан мекарданд ва баъдҳо низ чи ин фирқа либоси пашмин ба тан доштанд ё на ин исм бар онҳо мондагор шуд.

Вожаи «ориф» ва «ирфон» ҳудуди як қарн баъд, яъне охирҳои қарни сеюм ба кор рафт ва маъмул шуд. Мегӯянд, вожаи «ориф» аввалин бор дар бораи Ҷунайди Бағдодӣ (вафот 298ҳ.қ.) ба кор бурда шуд ва аз он пас сӯфӣ ва ориф бо ҳам ҳаммаънӣ шудаанд. Аммо сӯфӣ бештар ҷанбаи зоҳирӣ дошт ва ориф ҷанбаи ботинӣ. Ба гуфтаи устод Мутаҳҳарӣ: «Аҳли ирфон ҳар гоҳ бо унвони фарҳангӣ ёд шаванд, бо унвони урафо ва ҳар гоҳ бо унвони иҷтимоӣ ёд шаванд, ғолибан мутасаввифа номида мешаванд».

Дар тайи қарнҳои мутамодӣ сӯфиён аслро бар тайи марҳила ва манзилҳои хос ниҳодаанд ва ба тадриҷ бо эҷоди хонаҳо ташаккул ёфтанд ва дорои муршид, қутб ва қудрат шудаанд. Тавре ки кам-кам, ҳатто бо дахолат дар сиёсат ҳукмронон низ аз онҳо ҳисоб мебурданд. Аммо иддае низ буданд, ки танҳо ба рӯҳ ва маънои тасаввуф назар доштанд, ки ҳамвора мавриди эҳтиром ва қабули мардум буданд ва бо дури аз қудрат, риёкорӣ ва рӯй овардан ба поксозии нафс ва худошиносӣ, роҳи хешро ҷудо карданд.

Инҳо худоҷӯёне буданд, ки дар қолиби рӯҳ ва маънои тасаввуф аз риёкорӣ ва қудратталабӣ дур мондаанд ва ба мафҳуми ом ориф, яъне худошинос ном гирифтанд, ки суфия низ шомил мешуд. Ҳамон тавр ки зикр шуд, дар «Луғатномаи Деҳхудо» низ тасаввуф ба унвони яке аз ҷилваҳои ирфон омадааст.

Ба назар мерасад, ки Эрони қабл аз ислом бо вуҷуди ойини зардушт, ки бо зуҳд, риёзат ва гӯшанишинӣ миёнае надошт ва онро нописанд мешумурд, омодагии лозим барои парвариши тасаввуфро надошта бошад. Аммо бо вуруди ислом ба Эрон шоҳид ҳастем, ки тасаввуф ба хубӣ заминаи мусоидро меёбад ва ба суръат рушд мекунад. Чаро ки ойинҳои бисёре, ки заминасози тасаввуф будаанд, дар Эрон ва кишварҳои ҳамсоя қарнҳо вуҷуд доштаанд. Ҳатто «қарнҳо пеш аз аҳди Сосонӣ пораи унсурҳои ирфонӣ дар ақоид ва одоби Маздаясно ва ҳам таълими Зардушт ва муҳтавои «Авесто» вуҷуд доштааст, ки ривоҷи онҳо собиқаи омодагии муҳити фикрӣ ва зеҳнии эрониёнро барои қабули порае аз мабодии сӯфия нишон медиҳад. Албатта, зӯҳд ва фақр он гуна, ки назди пайравони ойини масеҳӣ, хосса дар Сурия ва Миср ривоҷ дошт, дар назди эрониҳои зардуштӣ писандида набуд» [15-2]

«Аммо бурузи кашмакашҳои иҷтимоӣ, бархӯрдҳои шадиди табақотӣ, муборизаҳои мазҳабӣ ва каломии Эрони даврони садри ислом ва мазҳабҳои аҳди Сосонӣ, мисли ойини Монӣ, ақидаҳои Ганусӣ, будоӣ ва масеҳӣ низ бетардид таъсири билвоситае дар пайдоиш ва рушди тасаввуф доштаанд» [15-1].

Гурӯҳе низ гуфтаанд, ки тасаввуф аксуламале аст, ки эрониён дар муқобили исломи арабӣ, баъд аз ғалабаи арооб бар Эрон ба вуҷуд оварданд.

Гӯянд аввалин касе, ки ӯро сӯфӣ хондаанд, Абуҳошими Сӯфии Куфӣ буд, ки аввалин хонақоҳро дар қарни дувуми ҳиҷрии қамарӣ дар Рамлии Шом сохт. Дар ин қарн бо рӯйи кор омадани Маъмун ва тарҷумаи бисёре аз китоби паҳлавӣ, ҳиндӣ, сириёнӣ ва ғайра афкор ва андешаҳои милали дигар ба андешаҳои исломӣ ворид шуд ва дар шаклгирии тасаввуф таъсиргузор шуд.

Усули сӯфия дар ибтидои шаклгирӣ бар мабнои риёзат, зӯҳд, гӯшанишинӣ ва тарс аз Худо буд. Ҳеҷ инъитоф ва латофате надошт ва кори сӯфӣ амр ба маъруф ва наҳй аз мункар буд. Аз дигар пешравони суфия дар ин қарн метавон ба Робиа, Иброҳими Адҳам ва Фузайли Аёз низ ишора кард. Гӯянд, Робиа аввалин касе буд, ки ишқро ба ирфон ва тасаввуф афзуд ва тасаввуфро андаке аз зӯҳд ва хушкии мубтанӣ бар тарс бадар овард. Ӯ ашъори дар авҷи ирфон ва ишқи илоҳӣ дорад. Дар қарни сеюм ба далели иртиботи бештар бо дигар милал ва вуруди андешаҳои ҳиндӣ ва навафлотунӣ зӯҳд ва таассуботи хушк камрангтар шуд. Тафаккурот ва андешаҳои ирфонӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Орифон таҷрибаҳои ирфонии худро дар қолиби истилоҳоти ҳол ва мақом ва марҳилаҳои онҳо ба тасниф даровардаанд ва сӯфия дар ин қарн ба шакли ҳизб ва фирқаи хос даромад. Ҳамин урафо ва шогирдонашон баъдҳо фирқаҳои гуногунеро дар инфон ва тасаввуф муҷиб шуданд. Монанди Боязидӣ Бастомӣ, Ҷунайди Бағдоди, Мансури Ҳаллоҷ ва ғайра.

Касоне монанди Боязид ва Ҳаллоҷ истилоҳот ва суханонеро дар асари ғалабаи ишқ ва шавқи илоҳӣ дар ҳолати бехудӣ бар забон ҷорӣ кардаанд, ки ба он «шатҳ» гуфта шуд. Монанди «анал ҳақ» гуфтани Мансури Ҳалоҷ. Ӯ ашъори пур аз шатҳ ва маонии ғариб дорад.

Дар ин қарн барои аввалин бор вожаи «ориф» ва «ирфон» дар бораи Ҷунайди Бағдод ба кор бурда шуд ва Зununи Мисрӣ бо ворид кардани фалсафа ба ирфон суханони муҳаққиқона мегуфт ва бештар ба ирфон ва маърифати илоҳӣ таваҷҷуҳ дошт, то усули сӯфия. Ӯ маонии ирфониро дар қолиби ғазал баён мекард ва сӯфия бо хондани шеърҳои ӯ ба пойкӯбӣ ва рақсу самоъ мепардохтанд.

Дар қарни 4 ба таълифот ва таасснифоти бештаре дар мавзӯи ирфон ва тасаввуф бармехурем ва баҳс аз шариат, тариқат ва ҳақиқат ба миён меояд ва китобҳо дар ин боб нигошта мешавад.

Қарни 5 –ум хурофот ва тассубот дар байни фирқаҳои исломӣ роҳ пайдо мекунад ва ҳамин амр муҷиби низоъҳои мазҳабӣ ва фалсафии бисёр мешавад ва фирқаҳои мухталифи исломӣ ва сӯфия ба баҳс ва ҷадал ва низоъ бо ҳам мепардозанд.

Бо рӯй овардан ба қудратталабӣ ва ҳарақу марақ тасаввуфро ба сӯйи инҳитол ва дунёталабӣ савқ медиҳанд.

Онҳо бо эҷоди хонақоҳҳои бисёр ташаккул ёфтаанд ва бо истифода аз пайравони мутаассиби худ ва эҷоди робитаи мурид ва муродӣ дар пайи қудрат бахшидан ба фирқа ва гурӯҳи худ буданд.

То ҷойе, ки Ғаззолӣ файласуфонро кофир меномид ва ҳатто Ҳоҷаабдуллоҳи Ансорӣ роҳи расидан ба Худовандро танҳо пайравӣ аз фирқаи Ҳанбалӣ медонист, китоби бисёре дар боби масъалаҳои суфия нигошта шуд, аммо баҳси озод ва фалсафа ва ҳар чӣ мухолифи мазҳаб ва сиёсат буд, ба куллӣ аз маҷлис ҳазф шуд. Сӯфия дар 12 фирқаи мушаххас фаъолияти худро идома медод ва фирқаҳои мухталифи исломӣ аз ҳар василае барои бештар кардани қудрати худ истифода мекарданд.

Барои таъсиргузории бештари калом таваҷҷуҳи зиёде ба шеър, шоирӣ ва ашъори ирфонӣ мешуд. Тасаввуф ва ирфон роҳи хешро дар шеър боз кард ва рӯз ба рӯз дар шеър нуфузи бештаре ёфт. Чаро ки ба ҳар ҳол ирфон ҳарфи дил аст ва шеър забони дил. Ин нуфузи табаӣ, ки камобеш дорои… пешина буд, алфоз ва истилоҳот, маонии маҷозӣ, тамсилӣ, истиорӣ ва киноӣ ба худ гирифтанд.

Аз шоирони ориф машҳури ин давра метавон ба Абусаиди Абулхайр, ки рубоиёти бисёре аз ӯ нақл кардаанд, ишора кард Боботоҳири Урён низ дубайтиҳои орифонаи зебое бо рангу буйи ваҳдати вуҷуд дорад. Аз маъруфтарин орифони ин давра метавон ба Абулҳасани Ҳуҷвирӣ, имом Муҳаммади Ғаззолӣ, Абулқосими Қушайрӣ ва Хоҷаабдуллоҳи Ансорӣ ки насраш шабеҳ ба шеър аст, ишора кард.

Аммо дар қарни 6-ум ба далели авзои нобасомони иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҷангҳои дохилӣ ва салибрӯҳӣ ноумедӣ ва ҳарақу марақ бар мамолики исломӣ соягустар шуд ва ақидаҳои тақдиргароёна ва ифрод дар мазҳаб шиддати бештар ёфт. Ба тавре ки ҳар илме то ҷойе, ки ба кори мазҳаб меомад, арзиш пайдо мекард. Уламои динӣ ба шуғлҳои девонӣ, тадрис ва ҳамкорӣ бо ҳукумат машғул шудаанд. Бинобар ин, мардум ба орифон ва аҳли тасаввуф рӯй оварданд. Ҳарчанд ки бештари аҳли тасаввуф низ ба ҷанг, низоъ ва баҳс бо якдигар машғул буданд, аммо паноҳгоҳи мардуми бечора, камбағал ва ноумед аз ҳукумат буданд.

Орифоне, ки ба ҷоҳ, мақом ва моли дунё беэътино буданд ва ба ибодат мепардохтанд, бисёр мавриди эҳтиром ва қабули мардум буданд ва хонақоҳҳо маҳалле шуда буд барои фарёдрасии мардуми ситамдида. Бинобар ин, дар ин қарн сӯфия дорои аҳамият ва азамати бештари иҷтимоӣ ва маънавӣ шуд. Харчанд ки бо муҷодалаҳо ва низоъҳои фирқавӣ пояҳои инҳитон, заъф ва тафриқаро бунёд мениҳод, аммо ҳамин муҷодалаҳо аз ҷиҳати муҷиби навоварӣ ва таҳаввулотӣ низ шуд. Аҳли тасаввуф илова бар «Қуръон» ҳадис ва мукошифа ва гуфтаҳои шайхҳо ва қутбҳо ба фалсафа ва калом низ рӯй оварданд ва бо истедлолоти назарӣ ва баҳсҳои густурдаи фалсафӣ, мазҳабӣ, шеърӣ ва завқи ҳунарӣ, ба ҳар навъ сайъ бар исботи назароти худ доштанд.

Ёрӣ аз таъсиргузорӣ ва мондагории шеър дар ин гуна мунозираҳо ва истидлолҳо муҷиби равнақ бахшидан ба шеър, шоирӣ ва нуфузи бештари ирфон ва тасаввуф миёни оммаи мардум шуд ва шеърҳои ирфонӣ равнақи бештаре гирифт.

Машҳуртарин ва қадимитарин шоири сӯфия, ки ба падари шеъри ирфонӣ машҳур аст, Саноии Ғазнавӣ мебошад. Ӯ дорои девони «Қасидаҳо» ва ғазалиёте бо ақидаҳои маломатия мебошад.

Дар ин давра Айнулғазоти Ҳамадонӣ низ ашъори орифонаи зебое дорад, аммо дар сини 35-солагӣ ба далели шатҳҳои куфромезаш ба дор овехта шуд. Баҳс байни урафо, фалсафа ва нуфузи фалсафа дар ирфон муҷиби пайдоиши илми нав бо унвони «Тасаввуфи фалсафӣ» шуд, ки навъи фалсафаи илоҳӣ буд, ки ба тавзеҳи пастӣ мепардохту ибни Арабӣ онро ба авҷ расонд.

Дар қарни 7-ум дар асари ҳамлаи муғулҳо дар Эрон ва парокандагии олимон ва донишмандон бисёре аз онҳо ба Ҳинд ва Осиёи Сағир муҳоҷират карданд ва ду маркази муҳимми тасаввуфро дар Рум ва Ҳинд ба вуҷуд оварданд.

Дар асари ҳарачу марач ва қатлу ғорат, орифон низ монанди мардум аз рӯйи ноумедӣ бо эътиқод ба қазо ва қадар ба андешаҳои ҷабрӣ, гӯшанишинӣ ва инзивоталабӣ гироиш пайдо карданд ва хонақоҳ аҳамияти бештаре ёфт. Бештар аз пеш маҳалле барои мардуми ситамдида буд. Аммо бо вуҷуди ҳамлаи муғул ва сароғози сайри нузулии ирфон ва тасаввуф дар Эрон ва қудратталабӣ ва муҷодилаҳои асли тасаввуф нуфузи ирфонро дар шеър ба авҷи худ расид. Шоирони сӯфии бузурге по ба арса гузоштанд ва аз ин пас бештари орифон шоир низ буданд.

Ирфон, ки дар авҷи пухтагӣ аст, тавассути орифон монанди Аттор, Мавлоно, Фахруддини Ироқӣ боэҳсосот, хаёлот ва завқи шоирона чунон меомезад, ки ҳам муҷиби мардумӣ шудан ва густариши шеър мешавад ва ҳам муҷиби таъсиргузории бештари ирфон.

Дар ин қарн Аттори Нишопурӣ қиссаҳо ва суханони сӯфиёнро дар қолиби ҳикоят ба назм ва наср кашидааст ва девоне шомили қасидаҳо ва ғазалиёт ҳам дорад. Маъруфтарин китобаш «Мантиқ-ут-тайр» аст, ки дар он 7 марҳилаи ирфонро ба назм кашидааст. Ин китоб бисёр мавриди таваҷҷуҳи Мавлоно будааст:

Ҳафт шаҳри ишқро Аттор гашт,
Мо ҳанӯз андар хами як кӯчаем.

Шайх Фаруддидин Аттор марҳилаҳои ирфонро аз ибтидо то интиҳо дар ҳафт мақом ва марҳила ба шарҳи зер тафсил додаст:

1. Мақоми ҷустӯҷу ва талаб: дар ин мақом солики тариқат бояд дар роҳи мақсуд, тасвияи руҳӣ ва худсозӣ кӯшиш намояд, то омодагӣ дар мақоми баъдиро пайдо намояд.

2. Мақоми ишқ: ориф бояд, ошиқ бошад ва дар роҳи мақсуд дилбастагӣ дошта бошад ва аз сӯхтан наҳаросад.

3. Мақоми маърифат: раҳрави ишқ бояд, дониш ва биниш касб кунад, то битавонад, дар роҳи камоли маънавӣ пеш биравад.

4. Мақоми истиқноъ: орифи воқеӣ бояд, аз ҷаҳон ва ҷаҳониён бениёз гардад ва истиқно бар табъи хеш пайдо кунад.

5. Мақоми тавҳид: яъне дар касрат пай ба ваҳдати вуҷуд бибарад ва дар ҳама чиз Худоро бубинад.

6. Мақоми ҳайрат: ориф дар он водӣ оворагии шигифт, ҳастии худро гум кунад ва худро фаромӯш кунад.

7. Мақоми фано: ки охирин мартаба ва мақом аст. Бояд, худро дар пешгоҳи муқаддаси Оллоҳ, тамоми хостаҳо, шаҳватҳо, ғурур, худпарсатӣ ва ҳар чи ки марбут ба нафс ва лаззатҳои дунё буда, ки албатта дар мақоми нахуст бо муҷоҳидаи нафс, яъне ҷиҳоди акбар худро ороста ва пироста намояд, ин сифотро аз худ дур кунад.

Дар ин мақом ҳам ҳастӣ ва ҳам вуҷуди худро ғарқ дар олами ваҳдат бо Худованд бинамояд, то ӯ шавад.

Дар ин давра шайх Шаҳобуддини Суҳравардӣ муассиси силсилаи Суҳравардия, мақоми баланд дар миёни шайхҳои сӯфия дорад ва ду шоири маъруф Саъдии Шеърозӣ ва Камолуддин Исмоили Исфаҳонӣ аз муридони ӯ ҳастанд.

Ибни Форизи Мисрӣ низ девоне дорад ба арабӣ, ки ашъори ирфонияш дар авҷи камол аст ва дар миёни арабзабонону тоҷикон бисёр машҳур аст.

«Маснавии маънавӣ» бузургтарин асари ирфонии адаби форсӣ дар ин давра суруда шуд. Мавлоно Ҷалодуддини Румӣ , ки ба хоҳиши Ҳисомуддини Чалабӣ онро дар 6 дафтар суруд ва бо баёни матолиб ва равиши китобҳои қиссаи қадимӣ ва овардани ҳикоёте бо назар ба анбиё ва авлиё, аҳволи ирфонии худро баён кард. Ӯ девони ғазалиёте низ дорад, ки онро ба номи Шамси Табрезӣ - пир, роҳнамо ва Хизри роҳаш номгузорӣ кард ва баъдҳо пайравонаш бо унвони «Мавлавия» ба хондани ашъораш, самоъ ва пойкубӣ пардохтанд, ки имрӯз низ ҳарсола дар Қуния маросими самоъ ва мавлонохонӣ баргузор мешавад.

Аз дигар ғазалсарои орифи ин давра Фахруддини Ироқиро метавон ном бурд. Аз таъсири шеър дар нуфуз ва ишоаи ирфон ҳамин бас, ки гӯянд, ӯ дар гушаи чилахона ғазале суруд, ки чизе нагузашт, ки дар кӯча ва бозор машҳур шуд. Шайхи ӯ Баҳоуддини Мултонӣ, ки бо шеър ва самоъ миёнаи хубе надошт ӯро хост ва гуфт, ки ғазалро барояш бихонад. Ироқӣ низ чунин хонд:

Нахустин бода к-андар ҷом карданд,
Зи чашми масти соқӣ вом карданд.

Чу бо худ ёфтанд аҳли тарабро,
Шароби бехуди дар ҷом карданд…
Чу худ карданд рози хештан фош,
Ироқиро чаро бадном карданд?!

Шайх бо шунидани он чунон ҳолате ба ӯ даст дод, ки гуфт, ту дигар ба риёзат ва чиланишинӣ ниёзе надорӣ ва дигар ӯро аз сурудани шеър манъ накард.

Ҳамон тавр ки гуфта шуд, баъд аз ҳамлаи ваҳшиёнаи муғул, ирфон ва тасаввуф дар Эрон рӯ ба завол рафт, аммо дар ду сарзамин Ҳинд ва Рум таҳти таъсири орифони бузурги Эрон равнақ гирифт ва густариши бештаре ёфт. Ҳанӯз ҳам дар Ҳинд ва Покистон тасаввуф ба хусус силсилаи қодирия пайравони зиёде дорад.

Аз шоирони маъруфи сарзамини Ҳинд метавон Амирхусрави Деҳлавӣ маъруф ба тутии Ҳиндро ном бурд. Дар Туркия низ Мавлавӣ ба муридонаш ба фаъолият машғул буданд, ки имрӯз низ фаъолият доранд.

Дар қарни 8-ум бори дигар бо ҳамлаи Амир Темур ба Эрон вайронӣ ва харачу марач соягустар шуд ва беш аз пеш фақр ва харобӣ ва таваҳҳуш гиребонгири мардум шуд, аммо Темур мусалмон буд ва барои олимон ва орифон эҳтиром қоил буд. Бинобар ин, сӯфиёни воқеӣ бисёр мавриди эҳтироми Темур ва фарзандонаш ва мардум буданд. Вале харачу марачҳо ва парокандагиҳо ва муҳоҷирати шайхҳои мутасаввифа, дунёталабӣ ва риёкории бештари онон рӯ ба фузун буд, ки муҷиби нузул ва аз байн рафтани ирфон ва тасаввуф мешуд.

Маънавият ва рӯҳи худоҷӯйӣ дар онон камранг мешуд. Ҳарчанд аз назари иҷтимоӣ қудрат ёфта буданд ва ҳатто гоҳ гоҳе дастгоҳи ҳукумат низ аз онон ҳисоб мебурд, дар ин давра хонақоҳҳои ба ном таъсис шуд , ки илова бар қудрати маънавӣ қудрати моддӣ ва сиёсии бисёре доштаанд. То ҷойе ки шайх Сайфиддини Ардабелӣ ва муридонаш баъдҳо муҷиби ба ҳукумат расидани шоҳ Исмоили Сафавӣ аз наводаҳои шайх Сайфиддини Ардабелӣ шуданд. Ин қурдатталабиҳо, риёкорӣ ва зӯҳдфурӯшӣ дар шеъри шоирони ин давра ба хуби инъикос ёфтааст. Ба тавре ки Ҳофизи Шерозӣ ҷо ба ҷо дар ашъораш ба шиддат ин риёкорон ва зуҳдфурӯшонро мекӯбад ва аз аз ошӯб ва харачу марачи ин давра сухан меронад.

Ӯ ориф, шоир ва муфассири «Қуръон»-и карим, ашъори дар авҷи ирфон бо чунон зароифе дорад, ки камтар касе қодир ба дарки латоифи ирфонии ашъори ӯ аст. Девони ашъораш дар байни форсизабонон чунон муҳтарам ва забонзад аст, ки эрониён муътақид ҳастанд, ҳар касе дар канори «Қуръони карим» бояд, девони Ҳофизро низ рӯйи тоқчаи хонааш дошта бошад.

Сайид Алии Ҳамадонӣ низ дар Кашмир ба таблиғи ислом мепардохт, ки дар Тоҷикистон низ машҳур аст. Камолуддин Масъуди Хуҷандӣ маъруф ба шайх Камол низ аз орифон ва шоирони порсигӯйи қарни 8-уми ҳиҷрии Тоҷикистон буд. Таваллудаш дар Хуҷанди Мовароуннаҳр буд, аммо пас аз сафари ҳаҷ дар Табрез сокин шуд. Бо ин ки шоири пешаи аслии ӯ набудааст, девонаш муштамал бар ҳудуди 8 ҳазор байт аст. Шайх Камол дар хизмати Султонҳусейн Ҷалоир даромад ва дар хонақоҳе, ки Султон барои ӯ сохта буд, ба сар мебурд.

Вай дар ғазалсароӣ маҳорат дошт. Камоли Ҳуҷанди муосири Ҳофиз буд ва дар бораи Ҳофиз чунин гуфтааст:

Нашуд ба тарзи ғазал ҳаминони мо Ҳофиз,
Агарчи дар сафи риндони Булфаворис шуд.

Дар қарни 9-ум бо рӯйи кор омадани наводаҳои Темур, ки бисёр адабпарвар, аҳли илм ва дониш буданд, хонақоҳҳое ҳамчун хонақоҳи шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ ва шайх Сафийиддини Ардабелӣ аз равнақи бештаре бархурдор шуданд, то ҷойе ки онон бо истифода аз қудрати сиёсӣ ва мардумӣ гоҳ тасмимоти ҳукуматро низ таҳти таъсир қарор медоданд ва амирҳо аз онон ҳисоб мебурданд ва ҳукмронон низ гоҳ мушкилоташонро бо кӯмак аз хонақоҳҳо ҳал мекарданд.

Бо сиёсӣ шудани мутасаввифа ирфон ва тасаввуф охирин нафасҳои худро мекашид ва дигар аз равнақи маънавият уфтода буд. Дар ин давра танҳо ду се нафар сӯфии барҷаста дида мешавад. Пайравони шайх Сайфиддини Арбаделӣ бо қудрати сиёсати иҷтимоии зиёде, ки пайдо карда буданд, муташаккил шуда ва дорои дастгоҳ ва қудрати бисёр буданд. То ҷойе ки шоҳ Исмоили Сафавиро ба подшоҳӣ расониданд ва силсилаи Сафавияро бунён ниҳоданд. Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ худ девони ғазалиёте дорад, ки бисёр арзишманд ва марвиди таваҷҷуҳи Ҳофиз будааст ва Ҳофиз дар ҷавоби ғазале ба матлаи:

Мо хокирроҳ бо назар кимиё кунем,
Сад дардро ба гӯшаи чашме даво кунем.

Аз шоҳ Неъматуллои Валӣ ғазале бо матлаи зер сурудааст:

Онон, ки ба назар хокро кимиё кунанд,
Оё бувад, ки гӯшаи чашме ба мо кунанд?

Маъруфтарин орифи шоири қарни 9-ум Абдурраҳмони Ҷоми аст, ки дар адабиёт ба ҳотамушуаро ва дар ирфон ба ҳотамулурафо маъруф аст. Ӯ девоне шомили ғазалиёт ва қасидаҳо ва ғ. дорад ва низ маснавии «Ҳафт авранг», ки мазмунҳои ирфонӣ дар он ба чашм мехӯрад. Ин қарн, ҳамон тавр ки поёни кори тасаввуф ва ирфон буд, то ҳадде поёнии авҷи шеъру шоири низ маҳсуб мешавад, чаро ки ирфон ва шеър дар тайи қарнҳои пешин чунон ба ҳам пайваста ва муассир дар якдигар шуда буданд, ки заволи якояк заволи дигариро низ дар пай дошт ва бо аз миён рафтани шоеътарин ва муассиртарин шеърҳо, ки шеъри ирфонӣ буд, бозори шеъру шоирӣ низ аз равнақ афтод ва аз ин пас дигар шоҳиди зуҳури шоирони пуровозае монанди Мавлоно, Саъдӣ ва Ҳофиз камтар ҳастем.

Аз қарни 9 ва баъд бо руйи кор омадани ҳукумати Сафавия, қутбҳо аз арзиши маънавӣ ва илмии зиёде бархурдор нестанд ва ҳамон тавр ки зикр шуд, қутбият ирсӣ мешавад, ки ин худ боиси заволи бештари тасаввуф ва ирфон шуд.

Силсилаи Сафавия, ки худ ба василаи суфиён рӯйи кор омада буд бо рӯёйии мазҳаб ва ирфони фалафӣ ва ҷангҳои байни фирқаҳои мазҳабӣ кам-кам ба мухолифат бо суфиён пардохт ва кор ба ҷойе расид, ки сӯфикушӣ роиҷ шуд. Танҳо ба иллати ҷонибдории Сафавия аз шиён чанд силсилаи шиамазҳаб, монанди Неъматуллоҳия ва Заҳбия фаъолиятҳое доштанд.

Силсилаҳое чун Неъматуллоҳи Валӣ фаъолияти худро дар Ҳинд идома доданд ва дар Эрон низ фаъолиятҳои камранге то миёнаҳои давраи Қоҷория доштанд, ки ҳамакнун низ шохаҳое аз он фаъолият доранд.

Дар давраи Қоҷория баъзе аз силсилаҳои Суфия таҳти таъсири тасаввуфи Ҳинд, фаъолиятҳоеро дар Эрон оғоз кардаанд ва олимони бузурге низ буданд, ки вобаста ба ҳеҷ силсила ва фирқаи хос ва тобеи усули муайяни сӯфия набуданд, аммо орифони ба ном ва соҳиби каромот буданд.

Аз ҷумла, Мулоҳодии Сабзаворӣ мутахаллис ба Асрор, ки дурахшонтарин чеҳраи ҳикмати мутаолия дар қарни 13-и ҳиҷрӣ аст. Муҳимтарин таълифи Мулоҳодии Сабзаворӣ асари гаронарзиши «Шарҳи манзума» мебошад, ки дар он ба хулоса кардан ва танзими як давра мавзӯъҳои мантиқӣ, ирфонӣ ва фалсафӣ дар қолиби шеър ва назм пардохтааст.

Ҳаким илова бар ҳамаи маротиби илмӣ ва ахлоқӣ табъи шоирона ва завқи орифона доштааст. Мазмунҳои баланди ҳикмат, фалсафа ва ирфонро ба шакли дилписанд ба риштаи назм даровардааст. Ҳирфаи аслии ӯ тадрис, таълиф ва устодии тамомвақти фалсафа будааст. Дар бештари ашъори шӯрангези ӯ рангу бӯйи ашъори Ҳофизро метавон дид. Ӯ бо илҳом гирифтан аз афкори Ҳофиз ба истиқболи абёти ӯ рафтааст. Масалан, монанди:

Шуриши ишқи ту дар ҳеҷ саре нест, ки нест,
Манзари рӯйи ту, зеби назаре нест, ки нест.

Ба истиқболи ин байти машҳури Ҳофиз аст, ки мегӯяд:

Равшан аз партави рӯят назаре нест, ки нест
Миннати хоки дарат бар басаре нест, ки нест.

Аммо имрӯз ба далелҳои гуногун, ки зикр шуд ва дигар далелҳо ки ҳоҳад омад, ирфон шакл ва шеваи дигар пайдо кардааст.

Зеро башари имрӯза бо пешрафтҳои қобили таваҷҷуҳе, ки дар заминаҳои санъат ва технология, ҳунар, равоншиносӣ ва дигар улум дошта, саъй бар дарки тамоми рамзҳои олам дорад ва дар ростои ин пешрафтҳо дар масоили зеҳнӣ ва моваронӣ низ дақиқтар шудааст ва ҷустуҷӯ дар мавриди ҳуввияти хеш, метофизика ва ҳатто Худованд пардохтааст ва масоили моваруттабииро низ худ мехоҳад таҷриба кунад ва аз пазириши онҳо ба сурати таабудӣ сар боз мезанад.

Дар натиҷа, чеҳраи мазҳаб ва боварҳои аз пеш таъйиншуда, камрангтар шудааст ва ин муҷиб гардида, ки то «Равонии нохудогоҳии ҷомеаи мо дар даҳаҳои охир бо таконҳои сахт ва саҳмгин рӯ ба рӯ шавад. Лояҳо(саҳифа, варақҳо)-и зерини фарҳанг ва зеҳнияти мардум такон хӯрда, заминларзаи сахт аъмоқ (дохил)-ро дастхуши тағйир ва таҳаввул қарор додааст. Дар фаросӯйи ин тағйирот метавон саҳифаи ҷадиде аз таърихро варақ зад ва бо ҳамаи сардаргумӣ ва изтироб ва буҳрони ҳуввияте, ки гиребонгири таърихи инсон аст, рагҳои гаронқимате аз алмоси тааммул ва тафаккурро дар овори беҳуввиятӣ ҷустуҷӯ кард. Дилшурӣ ва маҳдудияти марг, пайкари рӯҳашонро фишурда ва водорашон намуда, то ҳатто дар бораи вуҷуди худ

ба тааммул бинишинанд ва ҳамаи маълумот ба арзишҳои аз пеш пазируфтаро арзёбӣ кунанд» [1].

Бар хилофи нигарониҳои баъзе аз соҳибназарон ин сардаргумӣ ва буҳронро метавон ба фоли нек гирифт. Чаро ки агар бипазирем, андешаи башар дар масири таърих рӯ ба такомул меравад, шояд дар муддати дароз ин баҳамрехтагӣ ва сардаргумӣ, лозимаи пайрезии тафаккури навин ба ибтидои роҳи тааммул ва густариши андешаи башар дар роҳи дарёфти ҳақиқат бошад.

Ин тааммул дар даруниёти хеш, боварҳо ва ақидаҳои мазҳабӣ нигариши навин нисбат ба ҳастӣ ва Худовандро муҷиб гардидааст, ки дар шеъри шоирони муосир бозтоби айнӣ ва малмус ёфтааст. Чӣ шоироне бо диди иҷтимоӣ мисли Фурӯғи Фаррухзод ва ё Аҳмади Шомлу, ки ба ради Худои сохтаи башар мепардозад ва чӣ шоироне бо диди дарунӣ ва ирфонӣ монанди Сӯҳроби Сипеҳрӣ.

Ин сардаргумӣ ва тааммул дар шеърҳои ирфонӣ мунҷар ба навъи ҷараёни зеҳнии амиқ ва ирфони нав гардидааст, ки бештарин намудро дар шеъри Сӯҳроби Сипеҳрӣ дорад.

Ин ирфон, бо вуҷуди ин ки дар роҳи пурпечухами худ марҳилаҳои ирфони гузаштагонро низ мепаймояд, бар пояи навин бино шудааст. Ирфони қадим бар мабнои мусалласи шариат, тариқат ва ҳақиқат бино шудааст, яъне бар мабнои мазҳаб, ишқ ва бо воситаи ин ду Худоро меҷӯяд «ва ба гароиши моваронӣ ва фидокорӣ, ҳатто барои чизе, ки қобили ламс ва дидан нест, эътиқоди қатъӣ дорад» [2].

«Ба забони қадимиён ирфон тариқате аст, ки дар он сайри миналхалқ илал ҳақ сурат мегирад» [3].

Аммо ирфони нав, бидуни он ки аз қабл барои худ маъбуд ва мақсаде қарор диҳад, танҳо дар роҳи фаҳмидан пеш меравад ва агар илоҳае дар роҳи пурхатари худ биҷӯяд, ҳамон илоҳаи ҳақиқат аст. Ҳақиқати маҳзе, ки маъмулан ба таври нохудогоҳ ба Худованд меанҷомад ва эътиқод ба мазҳаб ва шариатро бо ин таҷрибаи дарунӣ ва роҳи фаҳмидан намеомезад ва бо миёнгарии мазҳаб ва зеҳнияте аз пештаъйиншудаи он ба ишқ ва бар ошуфтагӣ ва сар аз по нашинохтан сару коре надорад, балки бо оромиш ва тафаккур ва тааммул ва «майле ба донистан ва дар пайи ин майл, то ҳар куҷо пеш меояд рафтан» бино шудааст [4].

Ин ирфон бар мабнои он чӣ мебинад ва дармеёбад ва он чӣ ҳаст, шакл мегирад, на он чӣ бояд бошад. Инсони имрӯза мехоҳад худ ҳама чизро таҷриба кунад ва дарёбад, ҳатто моваройттабиаро, зеро имрӯза башар, фардгаро ва худгаро шудааст, яъне агар дар гузашта меҳвари ирфон Худо буд ва ориф аз пеш медонист ба куҷо мехоҳад бирасад, имрӯз меҳвар худи инсон аст ва башар аз даруни худ ҳақиқатро меҷӯяд ва мехоҳад танҳо бо болҳои ҳис ва таҷрибаи хеш бипарад, дар ҳоле ки аз пеш намедонад ба куҷо мерасад. Албатта, ин зиддияте бо мазҳаб ва суннат надорад, зеро «баъд аз қарнҳо ошноӣ бо Худованд аз роҳи имон шояд, акнун ба ҷое расида бошем, ки омодаи дарки мустақими фаросат ва басирати илоҳӣ бошем ва аз бисёр ҷиҳатҳо ин огоҳии тоза муҷиби тақвияти он чизҳо мешавад, ки суннатҳои рӯҳонӣ ваъда додаанд» [5].

Дар ин ирфон натанҳо ошноӣ бо ин манбаи басират ва ҳушмандӣ аз ҷанбаи интизоии он имконпазир аст, балки метавон бо ин манбаъ робитаи самимона барқарор кард ва якка шуд. Бад-ин гуна, ки ҳар инсоне бо ҳазорон риштаи номаръии фаъолияти зеҳнӣ монанди замон, макон, ҳуввият ва тамоми таҷрибаҳои гузашта ба дунё пайванд мешавад. Агар инсон битавонад ин тааллуқотро аз зеҳн пок кунад ва дигар ба онҳо наандешад, вақте бо оромиш ва тааммули дарунӣ дар хештани хеш тамоми чизҳоро аз ёд бибарад ва то он ҳад пеш равад, ки ҳатто худро фаромӯш кунад ва ба истилоҳ ба олами халса[§§§] ва бетааллуқӣ ва кашф ва шуҳуд ворид мешавад, метавонад бо ин фаросат ва басирати бекарон иртибот пайдо кунад.

Ҳангоме ки ин ҳолат иттифоқ меафтад, уфуқҳои зеҳнии инсон ба самти воқеиятҳои ҷадид кушода мешаванд ва дар ин марҳила метавон ҳақиқати ҳастиро таҷриба кард. Ин ҳолатро доктор Дипак Чупро орифи Ҳиндӣ пули миёни ду ҷаҳон мехонад ва онро олами гузар меномад ва муътақид аст, ки олами гузар фосилаи миёни инсон ва Худованд аст ва дар авҷи ин ҳол «бе халае тавҳӣ (холӣ) мерасем, ки

§§§ Халса: Яъне амиқтарин ҳолати тамаркузи фикр. Ҳолати шабеҳ ба гипноз. Вақте халса зоҳир мегардад монанди он аст, ки дари зиндони фикр кушода шавад, фикри озод, ки қудрати беандоза дорад, аз марзи замон ва макон убур мекунад ва дар он чи машҳуд ва он чи пинҳон аст ба сайр ва тафарруҷ мепардозад.

манбаъ ва сарчашмаи тамоми чизҳои қобили андозагирӣ, монанди энергия, замон ва макон аст. Монанди зеҳни холӣ, ки сарчашмаи тамоми фикрҳо аст. Ин халаи зоҳири қудрати нуҳуфтаи тамоми зиндагӣ ва ҳастӣ ё вуҷуди ноб аст» [6].

Дар ин ҳангом зеҳни ориф ҳамчун пиёлае, ки пас аз холӣ кардани оби он (яъне андеша) худ ба худ пур аз ҳаво мешавад, пур аз ҳақиқат ва дарёфт мешавад ва Худованд баногоҳ даричаи асрори вуҷудро мекушояд ва дар болотарин дараҷаи ин халсаи ирфонӣ ва тавҳи шудан аст, ки ҳастӣ ва рӯҳи Худое, ки дар мо дамида шудааст (ва нафахту фи ҳе мин рӯҳи) ба ҳақиқати бекарон ва басират ва доноии кул пайванд мешавад. Дар ин ҳангом метавон, ҳамчун Мансури Ҳаллоҷ нидои «анал ҳақ» сар дод ва монанди Мавлоно гуфт:

Ҳамлаи дигар бимирам аз башар,
То барорам аз малоик пару сар
В-аз малак ҳам боядам ҷустан зи ҷӯ,
Кулла шайъин ҳолик илло ваҷҳаҳу.
Бори дигар аз малак қурбон шавам,
Он чи андар ваҳм н-ояд, он шавам.

Агар ин рӯҳи Худоии вуҷудамонро нуқтае дар назар бигирем, ки тааллуқот ва фаъолиятҳои бевақфии зеҳнӣ, монанди доираи давре,ки онро иҳота кардаанд ва монеъ аз дурахшиши он мешаванд, бо ҳазфи ин тааллуқот ва фаъолиятҳои зеҳнӣ, ки бисёр душвор менамояд, ва вуруд ба олами халсаи ирфонӣ, кашф ва шуҳуди ин доира пок ё камранг мешавад ва рӯҳи Худоӣ, ки дар вуҷуди ҳамаи инсонҳо дар азал дамида шудаст, фурсати дурахшиш ва дар болотарин дараҷа пайвастан ба нури Аъзам ва ҳастии кул, яъне Худовандро меёбад. Доктор Чупро дар ин замина мегӯяд: «Тамоми лояҳои як пиёзро аз ҳам ҷудо кунед, дар маркази пиёз халаъ хоҳед ёфт, тамоми лояҳои вуҷуди инсонро аз ҳам ҷудо кунед, дар маркази он донаи Худоро хоҳед ёфт» [7].

Вай муътақид аст, «агар Худованд вуҷуд дорад, ба ин маънӣ аст, ки бояд таҷриба шавад, бояд шинохта шавад. Ин нуктаи бузурге аст, зеро ба ҳар ҷиҳат мушаххас аст, ки Худованд ғайри қобили дидан ва ламс кардан аст ва то вақте бахши кӯчаке аз Худованд бо дунёи моддӣ дар тамос набошад, то абад дастнаёфтанӣ ва ношинохта боқӣ хоҳад монд» [8], ки ин тамос дар олами гузар мумкин аст. Ин бахши кӯчак аз назари вай рӯҳи Худоӣ ва нуқтаи нуронии вуҷуди мо ё ҳамон нури квантии дунёи метофизикӣ мебошад. Ҷаро ки «илм низ дунболаи офаринишро дар нур ҷустуҷӯ мекунад****, ки яке аз бузургтарин калидҳое аст, ки Худованд дар ихтиёри инсон қарор додааст, то роҳашро ба сӯйи ӯ биёбад» [9]. «Алоҳу нуру самовоти вал арз» [10].

«Ба гумони Юнг агар инсон Худои ҳақиқиро канор бигузорад, Худоёни дигаре ҷонишини он хоҳанд шуд ва чӣ басо, ки як Худои зеҳнӣ ҷойгузини он гардад, яъне, нерӯҳое дар даруни мо ба сурати як Худо дар ҷаҳони дарунӣ амал хоҳанд кард. Дар ин сурат ба гуфтаи Юнг шояд, мо ҳақ дошта бошем, монанди Ниче бигӯем: «Худо мурдааст. Аммо дурусттар ин аст, ки бигӯем, ӯ аз тасвире, ки мо сохта будем, қолаб тиҳи кардааст, ҳоло дигар куҷо метавонем ӯро биёбем» [11].

**** Дар қарни гузашта Эйнштейн ва соири пештозони физикаи квантӣ аз садди воқеияти моддӣ убур карда ва ба дунёи ҷадиде қадам ниҳоданд ва дар ҳайрати худ ҳамагӣ таҷрибаи орифона доштанд. Онҳо ҳис кардан замоне, ки рамз ва рози нур аз байн биравад, нури Худоро метавон шинохт. (Чи гуна худоро бишиносем). с.26.

Дар илми физика, агар бихоҳем кӯчактарин атомро таҷзия кунем, ба бастаҳои энергии ларзон мерасем, ки абадан истеҳком, ҷирм ё андоза надоранд, ки «квантӣ» номида мешаванд. Онҳо чизе надоранд, ки битавон онро дид ё ламс кард. Зеро, атом ва электрони перомуни он ба ларзишҳои энергия таҷзия мешавад, ки дар сония милионҳо бор чашмак мезанад. Бинобар ин дар сатҳи квантӣ, вуҷуди ман ва шумо ва тамоми олам шабеҳи нури чашмакзан аст, ки ҳаввоси зоҳирии инсон дар забти онҳо кунд аст ва қодир ба дарки онҳо нест. Бозии нури квантӣ ҷисми мо, фикри мо ва хостаи моро ташкил медиҳад. Ба дигар калом, мо доиман борҳо ва борҳо дар ҳоли офарида шудан ҳастем. Чӣ касе дар паси ин офариниши поён нопазир қарор дорад? Тавони офариниш ҳар чӣ бошад, ҳатто аз ин энергия низ фаротар аст. Дар илми физика ин пояи фаротари пешквантиро «маҷоз» меномем. Он гоҳ, ки инсон ба фаротар аз тамомии энергияҳо (энергияи квантӣ) меравад, чизе вуҷуд надорад ба ҷузъ хала. Нури қобили рӯҳият ба дидан нури маҷозӣ мешавад. Макон ва замони воқеӣ ба сурати макон ва замони маҷозӣ таҷаллӣ мекунад. Нур дигар дурахшандагӣ надорад. Макон фосиларо намесозад ва замон абадӣ аст. Ин зӯҳдони офариниш аст, ки бениҳоят пӯё ва зинда аст. Густураи маҷозӣ он қадар боварнакардани аст, ки ба назар мерасад, фақат забони мазҳаб метавонад ба он даст ёбад. (Чи гуна Худоро бишиносем. с.41-42).

Ин тафаккур ва ирфони нав, ки рӯ ба рушд менамояд, дар шеъри шоирони муосир қобили дарёфт ва мушоҳида аст, вале дар ашъори шоирон бо диди иҷтимоӣ танҳо ҷанбаҳое аз онро метавон ёфт. Монанди Фурӯғи Фаррухзод, ки Худовандро бо унвонҳо ва сифатҳои муаррифишуда тавассути мазҳаб ва бо зеҳнияти пешиниён наменигарад ва ба Худованд сифати «он номаълум» медиҳад ва дар дафтарҳои охири шеъраш метавон ба хубӣ Худоҷӯйӣ ва ирфони хоси худашро пайгирӣ кард. Фурӯғи Фаррухзод монанди Ҳофиз аз ишқи заминӣ ба ишқи осмонӣ наздик мешавад ва марҳилаҳои ин ирфонро ба шеваи худ тай мекунад, аммо умр фурсати расидан ба марҳилаҳои болотари ин ирфонро ба ӯ намедиҳад. Фурӯғи Фаррухзод, Худовандро ҷудо аз табиат ва ҷаҳон ва инсон намебинад:

Ниҳояти тамоми нерӯҳо пайвастан аст, пайвастан,
Ба асли хуршед ва рехтан
Ба шуури нур

Аҳмади Шомлу Худои мазҳабиро ки ба хурофот ва суннатҳо олуда шудааст, рад мекунад ва дар ҷустуҷӯйи ҳақиқат ба пайвастагии инсон ва Худо ва якка будани марг ва зиндагӣ муътақид аст. Ӯ бо сархурдагӣ аз Худои мазҳаб ва суннат Худои раҳо аз қайдҳо ва сифатҳои суннатиро меҷӯяд, ки интиқомҷӯ ва кӯтоҳфикр ва олуда ба хурофот нест:

Худои меҳрубони бебардаи ман,
Ҷабркор ва хавфангез нест.

Ӯ бо захмҳое, ки аз нобасомониҳои ҷомеа ва эътиқодоти нодурусти атрофиён бардоштааст, бар ин Худои суннатӣ меошӯбад ва бар ӯ эрод мегирад. Чаро ки меандешад, чунин Худо шоистаи парастиш нест ва инсонро, ки нерӯи нуҳуфтаи Худо шудан дорад, ва рӯҳи Худоӣ (ва нафахту фи ҳи минрӯҳӣ) дар худ дорад барои парастиш, шоистатар аз ин Худои сохтаи башар ва олуда ба андешаҳои башарӣ медонад (анал ҳақ):

Ман дар кушодагии дасти роҳҳо
Ба пайвастагии инсонҳо ва Худоён менигарам.

Дар диди дарунӣ ва ирфонӣ, ки дар шеъри Сӯҳроби Сипеҳрӣ намуди комил дорад, метавон марҳилаҳои шаклгирӣ ва авҷи ин ирфонро марҳила ба марҳила бозшиноҳт ва қадам ба қадам бо ашъори вай тамоми ҷанбаҳои ин тафаккур ва ирфони нав ва такомули андешаи шоирро пайгирӣ кард.

Ӯ дар дафтари аввал ҳанӯз вориди дунёи дарунӣ ва ирфонии худ нашудааст, аммо, метавон онро пешмарҳила барои ирфонаш донист, яъне, тарки лаззатҳои дунё ва бадбинӣ нисбат ба дунёи атрофаш. Аммо дар дафтари баъдӣ, яъне «Зиндагии хобҳо» мутаваҷҷеҳи дунёи дарунии худ мешавад ва ба дунболи чизи фаротар аз ин ҷаҳони пур аз ғаму андӯҳ мегардад. Гоҳе дар хаёлоти хеш гумроҳ мешавад ва аз масир мунҳариф мешавад, аммо дубора сари нахе ба дасташ меояд ва кам-кам роҳи ирфонии хоси худашро меёбад.

Ӯ ҳанӯз намедонад дар ҷустуҷӯйи чист ва танҳо зеҳн ва андешаашро раҳо ва холис мекунад ва мабнояшро бар майли ба донистан ва дар пайи ин майл то ҳар куҷо пеш меояд, рафтан бино менамояд. Чаро ки ба ҳар чӣ менигарад, асаре аз олудагии пешдовариҳо ва андешаҳои суннатии гузаштагон мебинад ва онро фосилае барои дарки воқеии умур ва падидаҳо медонад. Бинобар ин, худро ба олами халса ва беандешагӣ месупорад ва бо ҳамоҳангӣ бо табиат ва нигоҳи бевositаи хеш он қадар холис ва раҳо мешавад, ки дигар ба дарк ва ёфтани ҳеҷ чиз намеандешад ва то ин андоза беандешагӣ ва озодагӣ муҷиб мегардад, то дар амиқтарин лаҳзаҳои халсаи ирфониаш ба дарки рӯҳ ва ҳастии олам ва ҳақиқати ҷаҳон даст ёбад ва бо он ҳамоҳанг ва якка шавад. Аммо пас аз он дармеёбад, ҳанӯз чизе фаротар аз ин ҳақиқатбарии кашф вуҷуд дорад, ки он қадар ноб ва интизоӣ аст, ки ӯ бо вуҷуди тамоми талошҳояш бо ин ҷисми хокӣ ҳаргиз наметавонад ба он нуфуз кунад ва розашро дарёбад, ки онро дар шеъри «Ин ҷо паранда буд» «Эй каме рафта болотар аз воқеият» меномад.

Ба қавли Доктор Чупро «Шояд, воқеият танҳо намуде аз осори Худованд бошад» ва ба ҳамин далел аз ин пас дар шеърҳои Сипеҳрӣ бар хилофи шеърҳои қабл лафзи Худовандро бисёр мушоҳида мекунем. Чаро ки ӯ дарёфти он ҳақиқати бузург, ки дар ҷустуҷӯйи ӯ аст, ҳамон Худованд аст. Аз ин пас бо ба такомул расидани дидгоҳи ирфонии хоси худ танҳо ба баёни ин дидгоҳ ва таҷрибаҳои ҳосил аз ин оромиш мепардозад.

Хулоса, дар шеъри муосир шоҳиди навъи ҷараёни навин дар мавриди масъалаи моваroуттабиа ва Худованд ҳастем, ки дар он Худованд ба чашми мавҷуде дар

осмонҳо ва болои абрҳо нигариста намешавад, балки онро нерӯи ношинохта дар табиат ва ҷаҳон ва даруни инсонҳо медонанд, ки ҳастиро фаро гирифтааст ва барои дарёфт ва шинохти он бояд зеҳнияти ирсии гузаштагон ва афкор ва пешдовариҳои аз қабл таъйиншударо, канор ниҳод ва «қадам дар роҳи фаҳмидан ва дар ин роҳ то ҳар куҷо пеш меояд, рафтан» ниҳод. Чаро ки инсони имрӯза мехоҳад танҳо бо болҳои ҳис ва тачрибаи хеш бипарад, бидуни он ки аз қабл маъбуд ва мақсуде барои хеш дар назар бигирад. Дар ин пажӯҳиш мо ба баррасии куллӣ дар ин маврид пардохтаем ва мухтасар дар мавриди андешаҳои Сӯҳроби Сипеҳрӣ, Фурӯғи Фаррухзод ва Аҳмади Шомлу дар ин робита суҳбат кардем.

А Д А Б И Ё Т

1. Сиёпуш Ҳамид. Боғи танҳоӣ/ Сиёпуш Ҳамид. – Теҳрон: Интишороти Суҳайл, 1373. – С.142.
2. Сиёпуш Ҳамид. Боғи танҳоӣ/ Сиёпуш Ҳамид. – Теҳрон: Интишороти Суҳайл, 1373. – С.277.
3. Шамисо Сирус. Нигоҳе ба Сӯҳроби Сипеҳрӣ/ Шамисо Сирус. –Теҳрон: Интишороти Марворид, 1376. – С.12.
4. Сиёпуш Ҳамид. Боғи танҳоӣ/ Сиёпуш Ҳамид. – Теҳрон: Интишороти Суҳайл, 1373. – С.36.
5. Чупро Дипак. Чигуна Худоро бишиносем/Тарҷумаи Зуҳре Фотуҳӣ, Фаррухи Сайфи Беҳзод. - Теҳрон: Интишороти Овҳадӣ, 1380. – С.2.
6. Чупро Дипак. Чӣ гуна Худоро бишиносем/ Тарҷумаи Зуҳре Фотуҳӣ ва Доктор Фаррухи Сайфи Беҳзод. –Теҳрон: Интишороти Овҳадӣ, 1380. –С.225.
7. Чупро Дипак. Чӣ гуна Худоро бишиносем. Тарҷумаи Зуҳре Фотуҳӣ ва Доктор Фаррухи Сайфи Беҳзод. –Теҳрон: Интишороти Овҳадӣ, 1380. –С.12.
8. Чупро Дипак. Чӣ гуна Худоро бишиносем/ Тарҷумаи Зуҳре Фотуҳӣ ва Доктор Фаррухи Сайфи Беҳзод. –Теҳрон: Интишороти Овҳадӣ, 1380. –С.26.
9. Чупро Дипак. Чӣ гуна Худоро бишиносем/ Тарҷумаи Зуҳре Фотуҳӣ ва Доктор Фаррухи Сайфи Беҳзод. –Теҳрон: Интишороти Овҳадӣ, 1380. – С.42.
10. Қуръони Карим. Сураи Бақара/ Тарҷумаи Илоҳии Қумшоӣ.
11. Насри Абдуллоҳ. Худо дар андешаи башар/ Насри Абдуллоҳ. —Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Аллома Табатабоӣ. –1371. С.390.
12. Деҳхудо Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо/ Деҳхудо Алиакбар. –Теҳрон: Интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1372.
13. Ҳуҷвирӣ Али ибни Усмони Ҷуллобӣ. Кашф-ул-маҳҷуб/ Тасҳеҳи Жуковский, ба эҳтимоми Қосими Ансорӣ. –Теҳрон: Таҳурӣ, 1367.
14. Бадеуззамон Фурӯзонфар. Тарҷумаи рисолаи ҳушайрия/ Бадеуззамон Фурӯзонфар. –Теҳрон: Интишороти Бунгоҳ, 1345.
15. Зарринкуб Абдулҳусейн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон/ Зарринкуб Абдулҳусейн. –Теҳрон. Интишороти Амир Кабир, 1357.

КЛАССИЧЕСКИЙ И СОВРЕМЕННЫЙ МИСТИЦИЗМ В ПЕРСИДСКОЙ ПОЭЗИИ

В данной статье автор рассматривает классический и современный мистицизм в персидской поэзии. Мистика - это сверхъестественные явления и религиозная практика, направленная на связь с потусторонним миром и сверхъестественными силами. С древнейших времен поэзия была связана со священнодействием и магией и древнейшие магические заклинания изложены в поэтической форме. Но нашу современную действительность трудно представить без науки и ей достижений, которые предоставили человеку огромную силу, в его преобразовательной деятельности людей, о чем свидетельствует и современная поэзия.

Ключевые слова: мистика, расцвет мистики, философская культура, классический мистицизм, современный мистицизм, современная поэзия, древняя поэзия, преобразования в обществе..

CLASSICAL AND MODERN MYSTICISM IN THE PERSIAN POETRY

In this article the author considers classical and modern mysticism in the Persian poetry. The mysticism is supernatural phenomena and the religious practice directed on communication with the other world and supernatural forces. Since the most ancient times the poetry was connected with religious rite and magic and the most ancient magic spells are stated in a poetic form. But it is difficult to present our modern reality without science and it achievements which provided to the person huge force, in his converting activity of people to what the modern poetry testifies also.

Key words: mysticism, mysticism blossoming, philosophical culture, classical mysticism, modern mysticism, modern poetry, ancient poetry, transformations in society.

Сведения об авторе: ***Симин Мирзои Пуинак*** - аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им. А. Рудаки АН РТ

ТАНАВВӮИ МАЗМУН ДАР ҚАСИДАҲОИ АСРИ XV

Муҳаммаддовуди Мунир
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар миёни давраҳои мухталифи адабиёти форсии тоҷикӣ садаи понздаҳи мелодӣ бештар ба унвони асри ғазал ва маснавиҳои орифонаву ошиқона шинохта мешавад, яъне қолаби мусаллат дар ин давра ғазал ва баъд аз он маснавӣ аст. Аммо дар ин миён қасида низ дар ҷойгоҳи севум истодааст. Дуруст аст, ки қасидасарої пас аз мактаби адабии хуросонӣ, бавижа дар давраи тасаллути муғул аз равнақ афтода ва дар шеъри қарни ҳафтуму ҳаштум, чунонки Забеҳуллои Сафо дуруст ба мушоҳида гирифтааст: "Қасида ба тадриҷ матрук шуд ва ба ҳамон нисбат ғазалҳои ошиқони латиф ҷойи онро мегирифт" [5, 73].

Ҳамин тавр, аз шумори қасидасароёне, ки қасоидашонро ба равиши мутақаддимин дар мадоеҳ месурудаанд, коста мешуд ва бар шумори ғазалсароён афзуда мегашт [11, 226-229]. Бо он ки Зайнулобиддини Муътаман мегӯяд: "Қарни нуҳум рӯйиҳамрафта, асри ғазалу шеърҳои ирфонӣ ва луғазу муаммо ва соири тасаннуоту такаллуфоти адабӣ будаву қасида ривоҷ ва эътибори чандоне надошт" [9, 162], аммо дар ҳамин замина меоварад, ки Лутфуллоҳи Нишопурӣ, Шоҳ Неъматуллоҳ, Ибни Ҳисом ва Ҷомӣ қасоиди хубе дар мадҳи подшоҳон ва сарони қавм гуфтаанд ва мадоеҳи мазҳабӣ ва мавзӯоти ирфон ва панду ҳикмату мафохираву шиквоия дар ин давра дида мешавад [9, 172].

Дар ин масъала донишмандони дигар ҳам ибрози назар намудаанд, ки андешаҳояшон яксон нест. Аз ҷумла, Э.Э. Бертелс бар ин бовар аст, ки дар ин давра "қасидаи мадҳии тоҷикӣ қариб ба нестӣ мерасад" [21, 73]. Аммо Эҳсони Ёршотир муътақид аст, ки сароиши қасоиди мадҳӣ, ки дар рӯзгори Элхонӣ ба тақриб ба фаромӯшӣ супорида шуда буд, дигар бор равнақи босазо ёфт. Далели эҳёи ин гуна шеърсароиро бояд дар пуштибонии шоҳон ва шоҳзодагони Темурӣ аз шеъру шоирӣ донист, зеро онон на танҳо дӯстдори шеъру мушаввиқи шуаро буданд, балки бисёре аз эшон аз завқи ҳунарӣ баҳраи вофир доштанд ва худ низ шеър месуруданд [16, 60-72].

Дар мавриди муҳтавои қасида аксари донишмандон чунин назар доранд, ки ба гунаи куллӣ қасида мавзӯъҳои мадҳ, зам, сӯгворӣ, базм, васфи табиат ва мавъизаро шомил мешавад. Ба андешаи Чорлз Фронк, чандин жанри дигар, аз ҷумла шиквоия, мунозира, тағаззулу тавсиф ва қасидаи маснӯъ дар ин давра дида мешавад [24, 347], аммо дар миёни анвои мазкури қасида, бино ба мушоҳидаи мо тағаззулу тавсиф бештар ба унвони мазомини аслӣ дар даруни қасоиди мадҳӣ матраҳ мешавад, то ба шакли қолабҳои ҷудогона.

Ба назари дуктур Забеҳуллои Сафо, бо он ки шуарои ин давра "дар қасида тобеи сабки шуарои қасидагӯйи мактаби ироқӣ будаанд, аммо ибтикори мазомини тоза ва қудрати баён ва лутфи маонӣ дар порае аз ашъори ин давра ҳувайдост" [5, 74].

Бинобар ин, он чӣ гуфта шуд, ба равшанӣ муҳаққақ мешавад, ки бо рӯйи кор омадани аҳлофи Темур ва иноятии шоҳону шоҳзодагони Темурӣ ва дигар омилҳо қасидасароӣ дар ин давра рӯҳи тозае меёбад ва бо мавзӯъҳову мазомини мутанаввеъ озин баста мешавад.

Чорлз Фронк чунин андеша дорад, ки бо мулоҳизаи сарчашмаҳои адабӣ жанрҳо ва мазмунҳои шеъри ин давра низ дасти кам ба танаввӯъ ва гуногунии ҳар давраи дигаре будааст. Илова бар ин, ҳатто дар байни осори мунҳасир ба фарди ҳар шоир, бахусус Аҳлии Шерозӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ, қолабҳои шеърӣ ва жанрҳои гуногуне ба чашм мехӯраду қасоиди мутанаввеъу гуногуне дида мешавад. Мадеҳасароӣ низ дар ин давра ҳамияти худро ба даст меорад. Мазид бар ин теъдоди зиёде аз жанрҳое, ки баъдан аҳамият ёфтаанд, монанди соқиномаю шаҳрошӯб то ҳадди зиёде маҳсули ин давра будаанд ва жанрҳои гузашта, монанди мунозира, луғазу мусаммат низ дар ин давра дубора мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд [24, 666-667].

Дар масъалаи танаввуи мавзӯъ дар қасоиди ин давра аксари андешамандон назари ҳамгун доранд, аммо ҳастанд касоне, ки дидгоҳи мутафовит низ доранд. Ба тавре ки ҳар як аз муҳаққиқону пажӯҳишгарон аз зовияҳои мухталиф қасоиди ин

даврaро дастабандии мавзӯӣ намудаанд. Аз ҷумла, Э.Э. Бертелс ду гуна қасидаро дар ин аср муаррифӣ мекунад: а) маснӯъ б) фалсафӣ [22, 39]. Ҳол он ки яке аз ин ду гуна аз назари сохтор қобили тааммул аст ва дигаре аз ҷиҳати муҳтаво. Эҳсони Ёршотир дар ин аср се гуна қасидаро бармешуморад: а) мадҳӣ; б) ирфонӣ; в) шикоятӣ [16, 197-199]. Аҳмад Абдуллоев қасоиди асри XV-ро аз ҷиҳати мавзӯъ шикоятӣ, фалсафӣ, танқидӣ, таълимӣ ва ахлоқӣ дониста, қасидасароёни давраи мазкурро Исмати Бухороӣ, Бисотии Самарқандӣ, Лутфуллоҳи Нишопурӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ ва Котибӣ бармешуморад.

Ё худ, Зайнулобиддини Муътаман дар қасоиди ин давра мавзӯоти адабие ҳамчун васф, ғазал, ҳикмат, ахлоқ, ҳасби ҳол, луғаз, таърих ва мунозираро шинохтааст ва муътақид аст, ки шоирони асри XV ба василаи ҳамин қасоиди мадҳӣ “дар алоқаманд кардани подшоҳону умаро нисбат ба забону адабиёти форсӣ нақши муҳимме бар уҳда доштаву аз ин роҳ хидмати бузурге дар роҳи ҳифзу тавсеа ва истикмоли забони форсӣ анҷом додаанд” [10, 65-66].

Бо мулоҳизаи дидгоҳҳои мутафовит ва таҷассус дар сарчашмаҳои адабии давраи мавриди назар ба дурустӣ равшан мешавад, ки дар асри XV шуарои қасидасаро кам нестанд ва мазид бар ин мавзӯъҳои мутааддиду мутанаввее дар ин қолаб роҳ ёфтаанд, ки бояд ба онҳо таваҷҷуҳу иноятии лозим сурат бигирад. Бо ин роҳ тасвири куллӣ аз он чӣ инҷониб ба унвони танаввуи мавзӯъ дар қасидасароии асри XV мехонам, ба даст меояд. Бо баррасиҳое, ки нигоранда дар ин замина анҷом додааст, мавзӯъҳои муҳимму қобили баррасие дар қасоиди ин давра ба мушоҳида мерасад, ба мисли мадҳ, манқабат, тавсиф, панду андарз, шиквоия, марсия, мафохира, ҳаҷвия, мунозира, муаммо, моддаи таърих, ишороти илмию фалсафӣ, ки ҳар кадом аз барҷастагии қобили тааммуле бархурдоранд.

Дар идомаи баҳс ба тартиб ба мавзӯоти мазбур пардохта мешавад. Илова бар ин, мазомини мутааддиду мутанаввеи дигаре низ дар қасоиди ин давра вуҷуд дорад, ки аз басомади болои корбурд бархурдор нестанд, бинобар ҳамин аз пардохтан ба онҳо сарфи назар мешавад.

1. **Мадҳ**. Мадеҳасароӣ яке аз пуркорбурдатарин мавзӯъҳои қасида ба ҳисоб меояд. Мадҳ баъд аз беравнақии он дар даврaҳои қабл аз асри XV то андозае бештар дар дарбори ҳукмронони давраи Темурӣ ривоҷ ёфт ва пас аз он дар дарборҳои Шайбонию Усмонӣ ва дасти кам дар давраи шоҳ Исмоили аввали Сафавӣ низ мавриди таваҷҷуҳи зиёде қарор дошт. Ба таври мисол, “Куллиёт”-и Аҳлии Шерозӣ муштамил бар 75 қасида аст, ки ниме аз он дар мадҳу ситоиши Шоҳ Исмоил, хонадони Соидӣ дар ғарби Эрон ва дигар бузургони ҷомеаи он замон суруда шуда. Фиғонӣ низ барои валинеъматаш султон Яъқуб қасоиди мадҳӣ сурудааст. Исмати Бухороӣ 79 қасидаи мадҳӣ дорад, ки беш аз ними онҳо дар мадҳи Халилмирзо аст. Инчунин, Мирзо Улуғбек (13 қасида), Иброҳим Султон, Амирзодаи Ҷукӣ, Хоҷамуҳаммади Порсо ва дигаронро низ мадҳ гуфтааст [2, 12-253].

Ба ақидаи доктар Сафо Котибӣ “бетардид, аз тавонотарин устодони қарни нуҳум дар мақоми муқоиса бо устодони бузурги қасидасарои пешин аст” [6, 239]. Қасоиди Котибӣ илова бар ҳамду наът ва ситоиши устодаш дар мадҳи Темур, Шоҳрух, Мирзо Бойсанғур, Мирзо Султон Иброҳим, Султон Халил ва дигарон суруда шудааст.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ низ теъдоде қасоиди мадҳӣ дорад, ки Ҷаҳоншо Қароёуюнлу, Амир Ҳусайнбек Оқуюнлу, Яъқуббек Оққуюнлу, Султон Муҳаммади Фотеҳ, Султон Боязидхон аз ҷумлаи мамдӯҳон ва дар айни замон иродатмандони ӯ будаанд [7, 358]. Зимнан, дар мавриди қасоиди мадҳияи Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ Аҳмад Абдуллоев тадқиқи муфассале анҷом додааст, ки нукоти бисёреро аз он метавон ба даст овард [17, 112-117].

Мазид бар номбаршудагон қасидасароёни дигаре ҳам будаанд, ки дар мадҳи зимомдорони замони хеш қасоиди мутааддиде сурудаанд. Лутфуллоҳи Нишопурӣ қасоиде дорад дар мадҳи шоҳон ва садри аъзамони қабл аз Темур, ба мисли Тоҷуддин Алии Чашмӣ, Низомуддин Яҳёи Кироӣ, Хоҷа Наҷмуддин Алии Муайяд ва Темуру ҳамзамонони ӯ, амсоли Темур, Амироншоҳ, Шоҳрух, Алоуддин Муҳаммади Фарюмадӣ.

Озарии Тӯсӣ дар мадҳи Мирзо Шоҳрух, Султон Аҳмадшоҳи Баҳманӣ, аз шоҳони Дакани Ҳинд ва ғайра қасоиде дорад. Доӣ Муршидуддин Абӯисҳоқи Баҳронӣ муриди Шоҳ Неъматуллоҳи Валиро мадҳ гуфтааст. Қабулӣ барои Султон Муҳаммадхони Сонӣ, маъруф ба Фотеҳ, императори Усмонӣ, Боязиди писари

Султон Муҳаммади Фотеҳ ва руҷоли давлати Усмонӣ қасоиди мадҳии зебое сурудааст.

Амир Ҳумоюн Султон Яъқуби Оқуюнлу ва Қозӣ Исои ҳомияшро мадҳ намудааст. Ҳасаншоҳи Ҳиравӣ Мирзо Султон Муҳаммад - наводаи Шоҳрух, Султон Ҳусайни Бойқаро ва Амир Алишерро дар қасоиди худ сутудааст. Камолуддини Биноӣ Султон Аҳмад Мирзо ва писараш Султон Алӣ Мирзо, Султон Бадеуззамон Мирзо, Шайх Шамсуддин Муҳаммади Лоҳиҷии Нурбахшӣ, Султон Яъқуб Оқуюнлу ва Фаррух Ясори Шарвоншоҳро мадҳ кардааст. Умедӣ риҷоли бузурги даврони Шоҳ Исмоили Сафавиро ситоиш намудааст. Бисотии Самарқандӣ Халил Султонро мадҳ намудааст. Орифии Ҳиравӣ Хоҷа Пираҳмад - вазири Шоҳрухро дар қасоидаш сутудааст [7, 211-357]. Дар шеъри Ҳилолии Чиғатоӣ низ намунае аз ин жанр ба мушоҳида мерасад, ки он қасидаи бисёр кӯтоҳест, ки дар мадҳи Убайдуллоҳхони ӯзбак суруда шудааст [15, 203-204].

Чунонки ба мушоҳида мерасад, мадеҳа бахши қобили таҳаммуле аз қасоиди шеъри асри понздаҳи милодиро ба худ ихтисос додааст, ки ин ҳолат идомаи суннати мадеҳанависии пеш аз аҳди Муғулро дар муҳити адабии аҳди Темурӣ намоёнида, бо таваҷҷуҳ ба иноятu дастгирии зимомдорони вақт боиси эҳёи дубораи анъанаи мадеҳасароӣ дар замони Темуриён гардидааст. Ҳамин тавр, бо ривоҷи мадеҳасароӣ дар давраи мазкур давраи инҳитоти ин қолаби ҳунарӣ, ки дар замони Муғул пеш омада буд, ба охир мерасад.

2. **Манқабат**. Дигар аз мазомини муравваҷ дар қасоиди асри XV манқабат аст, ки дар адабиёти форсӣ собиқаи дерина дорад. Аммо танҳо дар аҳди Темурӣ аст, ки ин мавзӯъ ҳамчун мухтассоти фикрии қасида шинохта шуда, то давраи Сафавиён ҳам мерасад. Ин мавзӯъ пас аз мадеҳа бахши бузурге аз мазомини қасоиди давраи Темуриро ба худ ихтисос додааст. Дигар ин ки агарчи манқабат дар шеъри ин давра дар қолабҳои маснавӣ ва тарҷеъбанд низ баён шудааст, бештар бори маъноии мазмуни мазкурро қасида ба уҳда доштааст. Се дигар, ин ки яке аз муҳимтарин шохисаи ин мавзӯъ аз он иборат аст, ки манқабат ба андозаи мадеҳа ба сурати маснуъ ва мутакаллиф суруда нашудааст [24, 659-666].

Аз маводи дастрас ва андешаи муҳаққиқон бармеояд, ки қариб тамоми шуарои бузурги аҳди мавриди назар, ба шумули Котибӣ, Юсуфи Амирӣ, Орифӣ, Муҳаммади Бадахшӣ, Исмати Бухороӣ, Лутфуллоҳи Нишопурӣ, Соҳибии Балхии Шарифӣ, Озарии Тӯсӣ, Хоҷа Аҳмади Муставфӣ, Хиёлӣ, Қиёсии Форсӣ, Ҳасани Салимӣ, Мавлоно Толеӣ, Унсӣ, Низоми Астарободӣ, Авҳадии Сабзаворӣ ва бахусус Ибни Ҳисом дар қолаби қасида манқабат сурудаанд [7, 187; 6, 265-276].

Аз рӯйи қавли Давлатшоҳи Самарқандӣ бармеояд, ки Ибни Ҳисом дар сурудани ашъори манқабатӣ беназир буда ва Ҳасани Салимӣ, ки ба унвони беҳтарин шоири вилоятномасаро шинохта мешавад, ба хотири манқабатҳояш бисёр мавриди ситоиш қарор гирифтааст [4, 492-494]. Бобо Савдоӣ низ ба хотири ҳаҷвиёт ва дигар ашъори шӯхиомезаш, ки ҳатто гоҳе онҳоро ба унвони мазмуне дар қолаби ашъори манқабати худ иброз мекард, машҳур будааст [24, 659]. Ҳилолӣ дар қасидае, ки шомили 32 байт аст, Ҳасану Ҳусейнро ба некӯӣ сутудааст [15, 205-207].

Аҳлии Шерозӣ ашъори бисёре аз ин даст суруда, ки бештари онҳо дар мадҳи Имом Ризо ва Имом Алӣ ибни Абутолиб будааст. Яке аз вижагиҳои ҷолиби таваҷҷуҳи чандин қасидаи наъту манқабати Аҳлӣ вуҷуди радифҳои тӯлонӣ, монанди “Муҳаммад аст” ва “шаҳидони Карбало” мебошад [1, 423-425].

Фиғонӣ ашъори манқабатии зиёд дорад, ки дар онҳо Ҳасану Ҳусейнро хуб меситояд, аммо оҳанги манқабатҳои вай, беш аз ин ки сӯгворонаю самимона бошад, ошиқона менамояд. Фиғонӣ дар як қасидааш ба гунае ин ду шахсиятро тавсиф мекунад, ки фарде мумкин аст маъшуқаашро ба он шакл тавсиф бикунад [8, 8-16].

Абёти ибтидоӣ дар ин қасида саршор аз тасовири гулу парандагони мухталиф буда, пас аз он тасовири ситорагон меояд ва дар ниҳоят мадҳи Шоҳ Исмоил пайгирӣ мешавад. Дар қасидаи дигаре, ки дар манқабати Имом Ризо сурудааст, Фиғонӣ шеърашро бо насибе, ки ба тавсифи як гулшан дар баҳор ихтисос дорад, оғоз мебахшад ва сипас ба гунае ба тавсиф ва тамҷиди Имом мепардозад, ки шоире мумкин аст ба ин тартиб як фармонравои зиндаи замониро тавсиф бикунад [8, 23-24] ва ғайра.

Муҳимтарин шохисаи шеваи баёни Фиғонӣ дар ин навъи қасида дар он зоҳир мешавад, ки вай, бо он ки тасовиру мазоминеро ироа медиҳад баёнгари навъе

тамҷиди холисонаву сӯгу мотам мебошад, бахусус, он ҷо ки шоир хаворичро маҳкум мекунад, лаҳни ғазалворай дорад.

Ҳамин тавр, ба ин восита шоир ба таври куллӣ ба манқабат ҷилваи ошиқона бахшидааст [24, 661].

Рӯйиҳамрафта қасоиди манқабатии асри XV монанди даврахои қабл ва баъд аз он аз ҷумлаи сареҳтарин, муҳайиҷтарин ва бетакаллуфтарин мазомини қасида дар шеъри ин давра мебошад.

3. **Панду андарз**. Мавзӯи панду андарз ҳамчун шохисаи сабкӣ дар қолаби қасида аз шеъри Саноии Ғазнавӣ оғоз ва дар ашъори Саъдии Шерозӣ ба авҷи худ расида, дар қасоиди асри XV равнақи зиёд пайдо мекунад. Дар ин давра ба ҷойи тавсифҳои зиёди мубтанӣ бар иғроқ дар қасида тарҳи мавзӯи панду андарз тавсия меёбад.

Бузургтарин шоири ин аҳд, ки ба сурати густурда ба ин мавзӯъ мепардозад, Абдурраҳмони Ҷомӣ аст. Дар қасоиди Ҷомӣ дар паҳлӯи масоили ирфонию фалсафӣ панду андарз ба вуфур дида мешавад.

Яке аз қасоиде, ки бо байти зерин оғоз мешаваду Ҷомӣ онро ба истиқбол аз Хоқонӣ сурудааст, сар то по ба як шеваи баён дар мазомини ахлоқӣ ва тасаввуфӣ мебошад:

Муаллим кист? -Ишқу кунҷи хомӯшӣ дабистонаш,
Сабақнодони доною дилам тифли сабақхонаш.

Мавзӯи аслии ин қасида панду андарз аст, аммо бархе аз байтҳо дорои мазмуни фалсафист. Ҷомӣ на танҳо дар ин қасида, балки дар аксари қасоидаш, ҳатто дар қасоиди мадҳӣ низ илова бар таърифи мамдӯҳ, уро ба адлу доду мурувват тарғиб мекунад.

Аҳмад Абдуллоев дар баррасии ин қасида чунин назар дорад, ки ом дар абёти ҷудогонаи қасоидаш ба нақди тамаъкор пардохта ва қасди асосии вай аз ин қасоид на танҳо таърифу тамҷид, балки ба баҳонаи онҳо тарғибу ташвиқу насиҳат ба адлу доду муруввату риояти ҳоли мазлумону мардумони ҷомеа аст. Аз ин раҳгузар ҳамчун муаллимест, ки ҳатто ба шоҳон ҳам дарси панду насиҳату иддат медиҳад [17, 115]. Ба бовари Э.Э. Бертелс низ муроди омӣ дар навиштани мадоеҳ “панду таълими ҳокимон” мебошад [20, 223].

Панду андарзҳои омӣ фарогири тарғиби андешаҳои зайланд: нак иши тамаъ, ёр ба ниёзмандон, тавсифу ташвиқ ба некӯкор, парҳез аз ноумедӣ, тарғиб ба пойдор, таъкид ба доштани касбу ҳунар, тавсифи ақл ва илму дониш ва ғайра. Аз ин ҷиҳат Ҷомӣ воқеан, муаллими беназир аст.

Ҳилолии Чиғато дар яке аз қасоидаш, ки бо вожаи “забон” боз намуда, иброз медорад, ки набояд забонро ба тамҷидоти зойид ва итнобомез биёлоем, зеро ин амал мумкин аст, боиси зиён расонидан ба маъно ва мафҳуми шеър шавад [15, 204]. Теъдоде аз қасоиди Аҳл низ мазомини мазҳаб-таълимӣ доранд, ки аз он умла метавон ба мавзӯи мавъиза дар онҳо ишора кард [1, 412-414; 431-433; 445-457].

Амир Алишери Навоӣ аз дигар шоиронест, ки дар қасида ба мавзӯи мавриди назар пардохтааст. Дар қасидае, ки Наво ба истиқбол аз қасидаи “Дарёи аброр”-и Амир Хусрав сурудааст, ба андарзҳое бармехурем, ки мухотабро аз фирефта шудан ба оҳу мақом ва соири умури дуняв боз медорад. Мазмуни дигари ин қасида тавсияест, ки одам набояд фиреби файласуфон ё зоҳидону воизони риёкор ва фахрфурӯшро бихӯрд. Аз дигар мазомини ин қасида, ки ба мавзӯи мавриди таваҷҷуҳ иртибот дорад, метавон аз ишора ба адоват, қазову қадар, насиҳат ба гом ниҳодан дар роҳи ишқу Пайғомбар (с), дурӣ аз ғайбат кардан ва дигар мункирот ном бурд [24, 662].

Илова бар ин, Лутфуллоҳи Нишопурӣ, Барандақи Хуҷандӣ, Ибни Ҳисом, Озарии Тӯсӣ, Шоҳ Доӣ ва Унсӣ низ аз шуарое ҳастанд, ки дар қасоидашон ба мавзӯи панду андарзу ахлоқ пардохтаанд.

4. **Тавсиф**. Тавсиф, ки ба унвони мазмуни аслӣ дар даруни қасоиди мадҳӣ матраҳ мешавад, дар ин давра низ зиёд корбуд дорад. Аз қасоиди тавсифии ин давра метавон аз қасидаи Бобо Савдоӣ дар тавсифи ситорагону тулӯи офтоб, қасидаи Камолуддини Ғиёсии Форсӣ таҳти унвони “Тасбеҳот” ё “Саропой”, ки дар он ба тасвири сар то пойи маъшуқ пардохта, ном бурд.

Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ қасоиди тавсифии зиёде дорад, ки мазмуни онҳо ҷанбае аз “андешаҳои орифонаи вай мебошад, монанди тавсифи май, соқӣ ва майхона” [24, 347-348].

Ҳиллоӣ дар яке аз қасоидаш ба тавсифи бемории чашми худ мепардозад ва аз Ҳасану Ҳусейн, ки ононро дар шеъраш меситояд, дархост мекунад, то барои мадовои чашмаш шафоати ӯро бикунанд. Илова бар ин, тасвири дурахшони ин қасида ёдовари тавсифоти Азрақии Ҳиравӣ аз чавоҳирот, гулҳо ва тасвирҳои равшани дигар мебошад. Ин шеър низ монанди бисёре аз ашъори манқабатии Фиғонӣ ва Аҳлии Шерозӣ шаффофу равшан ва ҳатто содаю равон мебошад. Аз қасоиди Ҳилолӣ яке, ки ба пайравӣ аз қасидаи "Шутурҳучра"-и Котибӣ суруда шудааст, ҳам аз назари тасвирсозӣ ва ҳам таркиби алфоз таваҷҷуҳи хонандаро ба тасаннуъ ва оҳангҳои тазйинии шутуру каҷова ҷалб карда, аз дарунмояи аслии шеър, ки наъти Пайғамбар (с) аст, дур месозад [15, 205-208].

Шаҳобии Туршезӣ қасидае дорад, ки дар тасвири сипарӣ шудани шаб ва дамидани рӯз суруда шуда, аз чумлаи қасоиди хуби тавсифист [14, 447-450]. Бобо Фиғонӣ дар як қасидааш, ки дар ситоиши Ҳасану Ҳусейн аст, тавсифоти зиёде дорад, ки он тавсифҳо мубтанӣ бар тасовири гулҳо, парандагон ва ситорагон аст. Ҳамин тавр, дар қасидае, ки ба ситоиши Имом Ризо сурудааст, насиби он дар тавсифи баҳор аст. Илова бар ин Имомро чунон тасвир мекунад, ки гӯё вай зиндаву ҳамзамони ӯст [8, 8-24].

Аз чумлаи тасовири ғайримутадовиле, ки Навоӣ дар қасидаи ягонаи форсиаш ба кор мебарад, тавсифи ӯ аз гунбади осмон ба унвони чисмест, ки донаҳои обила бар рӯйи он зоҳир шудааст, на ситорагон. Илова бар ин, Навоӣ ёқути тоҷи подшоҳро ба зағоле ташбеҳ мекунад, ки дар мағзи инсони нодон хаёлоти хом мепазад. Мавлоно Низомии Астарободӣ ва Шайх Абдуллоҳи Шабистарӣ қасоиде доранд, ки дар тасвири баҳор махсусанд [12, 85-206-369].

Аҳлии Шероз низ дар яке аз қасоидаш ба тавсифи сутунҳои саропардаи подшоҳ, фанҷону камони Шоҳ Исмоил ва низ вафотномаи худаш мепардозад [24, 663]. Абӯисҳоқи Атъама низ қасоиде дар тасвири кичир - навъе аз таоми ҳинд дорад [6, 249]. Дар қасоиди Мавлоно Ҷомӣ низ ба васфи боғу иморатҳо ва ғайра бармехурем [18, 142]. Котибӣ, Ибни Ҳисом, Озар ва Қабулӣ низ аз шуароеанд, ки дар қисмати насиби қасоидашон ба тавсифи зебоиҳои табиат ва соири манозир пардохтаанд.

5. **Мафохира**. Аз мазомини дигаре, ки дар қасоиди ин давра ривоҷ ёфтааст, мафохира аст. Мавлоно Ҷомӣ дар қасидаи машҳури "Рашҳаи бол ва шарҳи ҳол" аз фазли шеъру шоирии хеш ба ифтихор сухан меронад. Ҳарчанд дар идома аз ин худситоию муфохара тавба менамояд, магар пас аз тавба гурез аз шеърро маҳол медонад ва дубора ба мафохира рӯй меоварад" [3, 62].

Абдунабӣ Сатторзода ба дурустӣ ибрози назар мекунад, ки ин қасида ба ин гуна идома намеёбад. Ҷомӣ дар поёни қасида шеъру шоирии худро нақд мекунад ва он мафохираҳоро ҳама ҳамл бар дурӯғ, лофу газоф ва ғурури бечои худ медонад [23, 61-62]. Лутфуллоҳи Нишопурӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ ва Ибни Ҳисом низ аз шуароеанд, ки ба ин мавзӯъ дар қасоидашон пардохтаанд.

6. **Муаммо ва модаи таърих**. Агарчи муаммо ва модаи таърих пеш аз ин давра низ роиҷ буда, дар шеъри ин давра беш аз гузашта ба чашм меояд. Ба гуфтаи Зайнулобуддини Муътаман "Қарни нуҳум асри ғазал ва шеърҳои ирфонӣ ва луғазу муаммо ва соири тасаннуот ва такаллуфоти адабист" [9, 172].

Муаммо аз асри чаҳордаҳ шурӯъ шуда ва дар ин давра ба авҷи худ расидааст. Ҷомӣ, Навоӣ ва дигарон бархе авқот дар даруни қасоидашон ба муаммо пардохтаанд, ки дар ин муаммоҳо маонии дақиқу муҳимми зиндагӣ дарҷ шудааст. Алишери Навоӣ мегӯяд, ки "дар он вақте ки фақир ба "Дарёи аброр"-и Мир Хусрав дар Марв назира навишта, ба номи он кас (Ҷомӣ-М.М.) хатм карда, ба шаҳр фиристодам.., он кас дар муқобилаи он ба тариқи муаммо қасидае гуфта, дар он басе маъниҳои дақиқ ва таркибҳои ғариб дарҷ карда, фиристода буданд [13, 141].

Аз мутолиаи шеърҳои муаммоии ин адибон маълум мешавад, ки "онҳо тариқи муамморо барои баёни он андеша ва мулоҳизаҳое, ки фошофош гуфта натавонистаанд, ёфтаанд" [23, 62].

Бино ба таҳқиқи Аълохон Афсаҳзод, ки дар чомешинос осори мутааддиди арзишманде таълиф намудааст, "Абдурраҳмони Ҷомӣ беҳтарин устоди муаммо буд. Аз чониби ӯ ба ин навъ шеър дар он замони маъмул чор рисола навишта шудааст. Ҳар се девони шоир бо бахши муаммо ба охир мерасад, аммо равиши ин жанрро вай дар як қатор қасидаву ғазалҳо, "Баҳористон" ва мукотиботи манзумаш истифода кардааст" [19, 238].

Яке аз қасидаҳои Ҷомӣ, ки мавзӯи фалсафӣ дораду дар он ба масоили тарбиятӣ, таълимӣ ва интиқодӣ низ иноят шудааст, дорои мақтае мебошад, ки шомили модаи таърих мебошад. Мақтаи он қасида чунин аст:

Соли таърихаш агар фаррух нависам дур нест,
З-он ки соли давлати таърихи он фаррухфар аст.

Дар ин байт моддаи таърих калимаи “фаррухфар” аст, ки ба ҳисоби абҷад ба 880 ҳиҷрӣ, муодили 1475 - 1476 милодӣ баробар меояд.

Ҳамин тавр, модаи таърих низ аз қарни чаҳордаҳ шурӯъ шуда ва дар асри понздаҳ аз ҷумлаи мухтассоти шеърӣ маҳсуб мешавад.

7. **Шиква**. Яке дигар аз мавзӯъҳои роиҷе, ки дар қасоиди ин давра дида мешавад, шиква аз рӯзгор, зиндагӣ ва номулоиматии он аст. Зайнулобуддни Муътаман бар ин бовар аст, ки Лутфуллоҳи Нишопурӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ, Ибни Ҳисом ва Ҷомӣ илова бар он ки қасоиди хубе дар мадҳи подшоҳону сарони қавм, мадоеҳи мазҳабӣ, масоили ирфон ва панду ҳикмат доранд, ба мавзӯи шикваю гила аз рӯзгор низ пардохтаанд [9, 172]. Лутфуллоҳи Нишопурӣ ва Ибни Ҳисом, бавижа ба хотири шиквасароиҳояшон мавриди таваҷҷуҳ будаанд.

Илова бар ин, Мавлоно Зулолии Ҳирав низ аз ҳамқаторони шоираш шикваҳо менамояд [24, 348-663]. Аҳлии Шерозӣ қасидаи фохире дар мазмуни шиква дорад, ки дар он ба тасвири қаҳтӣ мепардозад. Дар ин қасида радифи “намондааст” истифода шуда, ки бо мафҳуми “қаҳтӣ” пайванди маҳкам дорад.

Мавзӯи шикоят аз тангдастию гирифториҳои замона аз тариқи истиқболи қасоиди пешиниён ба қасидаҳои давраи мавриди назар роҳ ёфтааст. Мизони корбурди мавзӯи мазкур дар қасоиди асри XV то ба ҳаддест, ки Эҳсони Ёршотир онро яке аз се мавзӯи муҳимми роҳёфта дар қасоиди ин давра медонад [16, 199].

Гуфтанист, мазмуни шиква дар даруни қасоиди мадҳия низ ҷойе барои худ боз кардааст, ки тафсилоти он ҷойгоҳи дигар мехоҳад.

8. **Масоили илмию ирфонӣ**. Дар робита бо вуҷуди ишороти илмӣ дар шеъри ин давра, бавижа дар қасида метавон ба шеъри мадҳие, ки Исмати Бухороӣ дар тамҷид аз девони шеъри Султон Халил сурудааст, ишоора кард. Ин шеър мамлу аз ибороте дар мавриди ситорагон, сайёрот ва сувари фалакии дигар ва ҳамин тавр ибороте дар мавриди ҷавоҳирот ва рангҳои гуногун мебошад [4, 400-403]. Инчунин, тасвири нуҷумии қасидаи кӯтоҳи Ҳилолӣ, ки қаблан ёд шуда буд, намунаи дигаре аз ин навъ қасидаҳост. Махсусияти ҷолиби дигари ин қасида аз он иборат аст, ки тасвири поёнии шеър бо тахаллуси шоир - Ҳилолӣ пайванди муносиб пайдо кардаанд.

Ғайр аз ин ду шоир Ҷамолии Кашкӯлӣ низ қасоиде дорад, ки мамлу аз ишороти зиракона ба айёми таърихӣ мебошад [12, 34-35; 207-208]. Аз назари тасвирсозӣ шуарои ин давра ба оҳангҳои хирадмандона ва фикрӣ, монанди бозӣ бо ашкол ва маонии зимнии пайванддошта бо ҳуруфи арабӣ таваҷҷуҳ доштанд. Намунае аз чунин оҳангҳоро метавон дар қасидае тӯлонӣ аз Ҷомӣ дарёфт, ки дар он ба тавсифи маонӣ ва бозӣ бо ашколи мухталифи ҳуруфи иборати “Бисми-л-лоҳ” мепардозад [3, 68].

Дар миёни шуарои ин давра Мавлоно Ҷомӣ, Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ ва иддаи дигар қасоиди фалсафӣ ва таълимӣ-ирфонӣ сурудаанд, ки дар онҳо низ масоили илмию ирфонӣ матраҳ шудаанд. Аз ҷумла, яке аз мавзӯоти муҳим дар қасоиди Ҷомӣ, аз ҷумла дар қасидаи “Ҷалол-ур-рӯҳ”, масъалаи тасаввуфу ирфон аст. Шоҳ Доӣ бо қасоиди сабъааш ва Озарии Тӯсӣ низ дар қолаби қасида ба масоили ирфонӣ пардохтаанд.

Гуфтанист, ки мавзӯъҳои тасаввуфӣ ва ирфонӣ аз тариқи истиқбол ва ҷавоб гуфтан ба қасоиди пешиниён дар асри мавриди назар маъмул шуда ва ба яке аз мавзӯоти муҳим дар қасоиди ин аҳд табдил шудааст.

9. **Марсия**. Теъдоде аз марсияҳо низ дар давраи мутолиотии мо дар қолаби қасида гуфта шудаанд. Аз ҷумла, Аҳлии Шерозӣ қасоиде дар марсияи шаҳидони Карбало, дар марсияи азизе, дар таассуф бар марги Мирзо Маҳмуд, дар рисои Малик Мансур, дар сӯги Наҷмуссаодат ва дар сугвории фарзанди худ дорад. Аз миёни ин марсияҳо ҳамоне, ки барои фарзанди кӯчаки худ суруда, бисёр асаргузор аст. Дар ин марсия ба каррот ба покию маъсумияти кӯдакаш ишора карда, ин мусибатро ғайримунтазира ва бениҳоят сахт муаррифӣ мекунад. Ҳамин тавр, ба бахте, ки барои вай рақам хурдааст, дар тақобул ба хушиҳое, ки метавонист ба ӯ рӯй оварад, ишора мекунад. Аҳлӣ ин марсияро бо сабки бидуни пироя ва ғайритасаннуӣ баён кардааст.

Амир Ҳумоюни Исфароинӣ низ дар қасоидаш марсияҳое пардохта, ки сӯзу гудози амиқе дорад.

10. **Ҳачв ва ҳазл**. Бархе ҳачвиёт ва ашъори мубтазал (ҳазл) низ дар ин давра дида мешавад, ки дар қолаби қасида ироа шудаанд. Барои мисол, метавон ба қасоиди Мавлоно Ҳасаншо ишора кард, ки ӯ дар ҳачву ҳазл шуҳраи замони хеш будааст [14, 355-362]. Бобо Савдоӣ низ ба хотири ҳачвиёт ва дигар ашъори шӯхиомезаш, ки ҳатто гоҳе онҳоро ба унвони мазмуне дар қолаби қасоиди манқабатии худ иброз мекард, машҳур будааст.

Ҳамин тавр, бо мулоҳиза ва баррасии шеъри асри XV дармеёбем, ки дар қасоиди ин давра мавзъҳои мутанаввеъ ва гуногуне ба чашм мехуранд. Ҳамон гуна ки ин танаввуъ ва гуногунии мавзъ ва мазмунро дар ғазали ин давра ба маротиб бештару бештар ва дар авҷи таолӣ меёбем,ки чунин дигаргуниву таҳаввулот пас аз ғазал дар қасоиди ин давр қобили мушоҳида аст.

Дар қасоиди ин аҳд ҳам мадҳ вуҷуд дораду ҳам манқабат, ҳам панду ҳикмат асту ҳам масоили таълимию ирфонӣ ва ҳамин тавр мазомини мафохира, муаммо, модаи таърих, шиква аз рӯзгор, марсия ва ҳачвияро дар қасоиди шуарои ин давра метавон ба мушоҳида гирифт. Албатта, ин мавзӯъҳои мухталиф дар қасоиди ин давра ба мизони баробаре нестанд ва басомади онҳо дар қасоиди ин аср аз якдигар мутафовит аст: мавзӯъҳои мадҳ, маноқиби бузургони дин, панду андарз, тавсифи манозири табиату рӯзу шаб корбурди бештаре дорад ва дар шеъри аксари шуарои ин давра метавон онҳоро шоҳид буд. Сужаҳои мафохира, муаммо, модаи таърих ва масоили ирфонӣ дар дараҷаи дувуми мизони корбурд қарор доранд мавзъҳои марсия ва ҳувия аз мизони корбурди нисбатан камтаре бархурдоранд.

Мазид бар инҳо, мавзӯъҳо ва мазомини хурду резаи дигаре, ҳамчун нақди шеър, ҳасби ҳол ва ғайра низ дар қасоиди ин давра ба чашм мехурад, ки албатта, басомади қобили таваҷҷуҳе надошта, мизони болои корбурди онҳо дар қолабҳои дигар ба хубӣ қобили мушоҳида аст.

Дар қасоиди шуарое ҳамчун Бобо Фиғонӣ, Котиби Туршезӣ, Исмати Бухорои, Лутфуллоҳи Нишопурӣ, Мавлоно Қабулӣ, Аҳлии Шерозӣ, Камолуддин Биноӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ ин танаввуъ нисбат ба соири шуарои ин давра ба маротиб бештар аст. Ҳарчанд ки дар қасоиди аксари шуарои ин давра каму беш метавонем шоҳиди танаввуи мавзӯъ ва мазмун бошем.

Ҳосил ин, ки танаввӯи мавзӯъ ва мазмун аз вижагиҳои мутаборизи сабкии шеъри давраи мавриди назар аст, ки дар ғазал ба ҳадди аълое аз мизони корбурд қарор дорад, дар маснавӣ ба дараҷаи поёнтар аз он, аммо қасида ҳам дар ин замина дар ҷойгоҳи севум меистад ва метавон мизони қобили таваҷҷуҳе аз мавзӯъҳо ва мазмунҳои мутааддид ва мутанавеъро дар қасоиди асри XV ба хубӣ мушоҳида кард.

А Д А Б И Ё Т

1. اهلی شیرازی، محمد. دیوان اشعار اهلی شیرازی. به اهتمام و تصحیح حامد ربانی.- تهران: انتشارات کتابخانه‌ی سنایی، چاپ دوم. 1369.-871 ص.
2. بخارایی، عصمت. دیوان عصمت بخارایی. به کوشش احمد کرمی.- تهران: تالار کتاب، 1366.- 589 ص.
3. جامی، عبدالرحمن. دیوان کامل جامی. با مقدمهء هاشم رضی.- تهران: انتشارات پیروز، 1341.- 955 ص.
4. سمرقندی، دولتشاه. تذکرت الشعراء. به اهتمام ادوارد براون.- تهران: انتشارات اساطیر، 1382.- 621 ص.
5. صفا، ذبیح الله. مختصری در تاریخ تحول نظم و نثر فارسی، چاپ چهارم.- قم: مرکز انتشارات دفتر تبلیغات اسلامی حوزه‌ی علمیه‌ی قم، 1363.- 136 ص.
6. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در ایران، ج4، چاپ چهارم. - تهران: انتشارات فردوس، 1369.- 607 ص.
7. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در ایران،.ج:4، چاپ هشتم. - تهران: انتشارات فردوس، 1371.- 607 ص.
8. فغانی شیرازی، دیوان اشعار بابافغانی شیرازی، مصحح احمد سهیلی خوانساری.- تهران: شرکت نسبی اقبال و شرکا، 1353.- 447 ص.
9. مؤتمن، زین العابدین. تحول شعر فارسی، چاپ سوم.- تهران: کتابخانه‌ی طهوری ، 1355.- 414 ص.
10. مؤتمن، زین العابدین. شعر و ادب فارسی، چاپ نخست.- تهران: بنگاه مطبوعاتی افشاری ، 1346.- 376 ص.
11. نفیسی، سعید. تاریخ نظم و نثر در ایران و در زبان فارسی، چ2، ج1.- تهران: انتشارات فروغی، 1363.- 664 ص.
12. نوایی، علیشیر. مجالس النفایس. به سعی و اهتمام علی اصغر حکمت.- تهران، 1323.
13. نوایی، علیشیر. خمسة المتحیرین.- نسخه‌ی 2242 کتابخانه‌ی عامه‌ی ازبکستان.
14. واصفی، زین الدین محمود. بدایع الوقایع. به تصحیح الکساندر بلدروف، چاپ دوم، ج: اول.- تهران: انتشارات بنیاد فرهنگ ایران، 1349.- 533 ص.
15. هلالي جغتايي، بدرالدين. ديوان هلالی جغتايی، به تصحيح و مقدمه‌ی سعيد نفيسي.- تهران: انتشارات سنايي، 1375.- 334ص.
16. یار شاطر، احسان. شعر فارسی در عهد شاهرخ.- تهران: انتشارات دانشگاه تهران، 1334.- 250ص.
17. Абдуллоев Аҳмад. Қасидаҳои Ҷомӣ ва баъзе хусусиятҳои онҳо. Дар китоби Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маҷмӯаи материалҳои ҷашни 550- солагӣ/ Ба кӯшиши М. Осимӣ, Р. Ҳошим, Р. Ҳодизода ва дигарон.- Душанбе: Дониш, 1973.- С. 106.-120.
18. Афсаҳзод, Аълохон. Рӯзгор ва осори Ҷомӣ/ Аълохон Афсаҳзод.- Душанбе: Дониш, 1980.

19. Афсаҳзод, Аълохон. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми асри XV/ Аълохон Афсаҳзод.- Душанбе: Дониш, 1988.
20. Бертельс Е.Э. Избранное труды. Навои и Джами/ Е.Э.Бертельс. Москва: Наука, 1965.-600 с.
21. Бертельс Е.Э. Джами: эпоха, жизнь и творчества/ Е.Э.Бертельс.- Сталинобод: Полиграфкомбинат, 1949.- 174 с.
22. Белинский В.Г. Избаранные философские сочинения.Т.I./ В.Г.Белинский. - Москва, 1948.
23. Сатторов Абдунабӣ. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдурраҳмони Ҷомӣ/ Сатторов Абдунабӣ.- Душанбе: Ирфон, 1975.- 111 с.
24. Charles Frank. Persian Poetry in the Timurid Period.- University of Californian, Berkley. Printed by xerographic process on Acid-Free paper. 1989.- PP. 750.

РАЗНООБРАЗИЕ СОДЕРЖАНИЯ В КАСЫДАХ XV ВЕКА

Целью данной статьи является исследование и анализ поэтического жанра касыды в конкретный исторический период. Определен процесс становления жанровой формы касыды, ее особенности, место касыды среди других лирических жанров в указанный период, а также рассмотрено разнообразие содержания касыд в данный период.

Ключевые слова: касыда, разнообразие содержания, воспевание, прославление, превозношение, наставление и нравоучение, сетование, юмор, загадка, сущность истории, элегия.

A VARIETY OF THE CONTENTS IN KASYDAKH XV CENTURY

The purpose of this article is research and the analysis of a poetic genre касыды during the concrete historical period. Opreden process of formation of a genre form касыды, its features, the place касыды among other lyric genres during the specified period, and also is considered a variety of the contents касыд during this period.

Key words: касыда, variety of the contents, caroling, glorification, prevoznosheniye, manual and moral, complaint, humour, riddle, essence of history, elegy.

Сведения об авторе: ***Мухаммаддовуд Мунир*** – соискатель Таджикского национального университета

ЧАШМАНДОЗЕ БА ЗИНДАГИНОМАИ САҚҚОИ БУХОРОӢ

Фаридун Маҳмадуллоев
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Адабиёти асри XVI, ки осори адабии арзишмандеро ба вуҷуд овардааст, ҷузъи муҳимми адабиёти форсу тоҷикро ташкил менамояд. Бо вуҷуди он ки дар таҳқиқи ин давраи адабиёти тоҷик донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ осори арзишманди илмӣ таълиф кардаанд, ҳанӯз масъалаҳои норавшани он зиёданд, ки яке аз онҳо муҳоҷирати аҳли фазлу адаби тоҷик ба Ҳинд маҳсуб мегардад. Аксари ин муҳоҷирон маҳз тоҷикон буданд, ки бисёре аз онҳо барои такмили дониш ва тарвиҷи адаби форсу тоҷик ба он сарзамин рӯй овардаанд.

Сарзамини Ҳинд дар замони подшоҳии Акбар (1556-1605) гаҳвораи тамаддун ва маншаи рушду такомули забону адабиёт, таърих ва тазкиранигории форсу тоҷик будааст, ки заминаи он дар даврони салтанати Ғазнавиён ва бозмондагони Темуриён ва то андозае бо ҳиҷрати зардуштиён ба Ҳинд муҳайё шуда буд [1, 85]. Ин падида баъд аз таҳаввулоти иҷтимоӣ-сиёсии Мовароуннаҳр дар асри XVI вусъати бештар пайдо кард. Ба сабаби бад шудани вазъи сиёсӣ ва таназзули доираҳои адабӣ, рақобати хонаводагии ҳокимони шайбониву сафавӣ ва ҷангҳои мазҳабии шиаву суннӣ, ё фоҷиаи Биноӣ ва Ҳилолӣ теъдоде аз намояндагони илму адаби ин сарзамин, чун Абдурраҳмони Мушфиқӣ (1525–1588), Фахрии Ҳиравӣ (1493–1563), Калими Кошонӣ (1593–1651), Ғурбатии Ҳисорӣ (ваф. 1558/59), Ҷандавии Бухороӣ, Ҳусайни Марвазӣ, Ғайратии Мовароуннаҳрӣ ва дигарон ҷилои ватан намуда, муддате дар сарзамини Ҳинд зиндагӣ ва эҷод кардаанд ё тамоми умр дар он ҷо манзил гирифтаанд [13, 302].

Яке аз шоирони соҳибдевони Мовароуннаҳр, ки дар асри 16 дар қаламрави Ҳинд зиндагӣ кардааст, Баҳроми Саққои Бухороӣ мебошад. Осор ва рӯзгори ӯ дар адабиётшиносии муосир, қариб ки омӯхта нашуда, ин шоири ориф то ҳанӯз дар ватани аҷдодиаш ношинохта боқӣ мондааст. То ҳол дар доираҳои илмии Тоҷикистон дар бораи осор ва лаҳзаҳои муҳимми зиндагии ӯ тадқиқоти муфассал анҷом дода нашудааст. Танҳо намунаҳое пароканда аз эҷодиёти ӯро метавон дар китобҳо пайдо

намуд ё баъзан дар иҷрои ҳофизону сарояндагон шунид. Аммо девони ашъори ӯ, ки аз 30 ҳазор байт иборат мебошад, то имрӯз барои алоқамандон ва дӯстдорони адабиёт дастнорас аст. Бинобар ин, таҳқиқи илмии зиндагӣ ва осори адабии Саққои Бухорой сафҳаи тозаеро дар адабиёти асри 16 Мовароуннаҳр хоҳад кушод. Шиносой бо Саққои Бухорой ва мероси адабии ӯ, ки ба забони ноби тоҷикист, бори дигар исбот мекунад, ки забон ва адабиёти тоҷикон то кадом андоза бо арзишҳои фарҳангии дигар миллатҳо ва қавмҳо омезиш ёфта, аз мақоми хоссае бархурдор аст ва асарҳои гаронбаҳои илмиву адабӣ ба ин забон навишта шудаанд.

Манбаи аслӣ ва хеле ҳам арзишманд барои шинохти шоирон ва мероси адабии онҳо феҳристномаҳо, китобҳои таърихӣ, подшоҳномаҳову тазкираҳои адабӣ мебошанд. Дар бораи Саққои Бухорой ва намунаҳо аз эҷоиёти ӯ дар кишвари мо, дар ҷилди чоруми китоби «Гулшани адаб» (намунаҳои назми тоҷики асрҳои 16-18) маълумот оварда шудааст [7, 184]. Инчунин, дар тазкираҳои асри 16 ва баъд аз он оид ба Баҳроми Саққои Бухорой иттилооти гуногун ва парокандае ба назар мерасад.

Нахустин маъхазе, ки дар бораи Саққои Бухорой хабар медиҳад, «Ҳумоюн ва Акбар» ном асари тазкирамонанди Боязиди Баёт-муаррихи дарбори Акбаршоҳ мебошад, ки адабиётшиносон муаллифи онро бародари хурдии Баҳроми Саққои Бухорой медонанд [6, 235]. Ин тазкира барои шиносонидани Саққои Бухорой аҳамияти бузург дорад. Тибқи маълумоти он, давраи аввали ҳаёти Баҳром то ба Ҳиндустон расидан ҳамчун мансабдор дар хидмати бозмондагони сулолаи Темуриён–Бобурмирзо (1483–1530) ва Ҳумоюн (1530-39, 1555-56), писари Бобур ва писари дигари модарҷудои Бобур, ҳокими Кобул Комронмирзо гузаштааст. Баҳром ва бародари кӯчакаш Боязиди Баёт дар он замон аз амалдорони дарбори Комронмирзо будаанд. Ба таркиби номи Баҳром илова гардидани насаби Бухорой далели аз Бухоро будани ӯ мебошад.

Баҳром Саққои Бухорой аз Бухоро аввал ба Кобул рафта, солҳои 1545-1546 дар Кобулу Қандаҳор ҳамроҳи бародараш Боязид мезистаанд. Ба қавли Боязид ӯ дар он замон дар хидмати бародараш Баҳроми Саққо буда, дар сафҳои лашкари Комронмирзо мансаб доштааст [6, 234]. Ҳумоюн (1508, Кобул–1556, Деҳлӣ) баъди шикаст додани Комронмирзо ӯ ва мулозимонашро афв карда, Баҳрому Боязиди Баётро низ ба дарбораш ҷалб кардааст. Боязиди Баёт ба хидмати Ҳумоюн даромада, то лаҳзаҳои охири умри ин подшоҳ бо ӯ будааст.

Баъд аз марги Ҳумоюн писараш Ҷалолуддин Акбар соҳиби тахту тоҷи давлати Ҳиндустон шуд, ки ҳамагӣ 14 сол дошт. Умури давлатдориро то муддате вазираш Байрамхон сомон медод. Ӯ ҳамчун ноибуссалтанаи Ҳинд асбоби ба тахт нишастани Ҷалолуддин Акбар (Акбаршоҳ)-ро фароҳам сохт. Байрамхон дар дарбор маҳфилҳои адабӣ меорост, андешаҳои худро оид ба ашъори шоирон баён менамуд, ба адибоне, ки аз Хуросону Мовароуннаҳр ба Ҳинд рафта буданд, кӯмакҳои моддию маънавӣ мерасонд.

Акбаршоҳ ба илму адаб дилбастагии зиёд дошт. Аз ин рӯ, бо мақсади ҷамъоварии хотироти воқеаҳои давраи ҳукмронии падараш фармоне содир намуд. Абулфазли Алломӣ тибқи дастур ба Боязиди Баёт супориш додааст, ки хотироташро бинависад. Боязиди Баёт, ки шоҳиди бевоситаи лашкаркашиҳои Ҳумоюн буд, соли 1591 дар Лоҳур ёддоштҳояшро ба котиби дарбори Акбаршоҳ имло (дикта) карда, дар шакли тазкирае бо номи «Ҳумоюн ва Акбар» мураттаб менамояд.

Мо бештари маълумотро дар бораи рӯзгори Баҳроми Саққо аз ҳамин манбаъ дастрас намудем. Баҳром, ки мансаби махсуси дарбориро дар он айём ба уҳда дошт, дар Кобул ба таҳаввулоти рӯҳӣ дучор шуд: «Мирзо Комрон - ҳокими Кобул идораи корҳои шаҳрҳои Гардез, Нағар, Бангаш, Ғурбанд, Заҳҳок ва Бомиёнро ба Баҳром супорида буд. Аммо ӯ рӯзе дар мавқеи озинбандии Кобул ба ҳолати ҷазба гирифтор гардида, сипоҳигариро тарк кардааст (6, 50). Баъди дур шудан аз хидмати дарбор Баҳром пешаи саққоӣ (яъне, машкобӣ) ихтиёр карда, Баҳроми Саққо ном гирифта, ба

ватанаш Бухоро бар мегардад ва бо тахаллуси «Саққо» ба сурудани шеър мепардозад.

Дар манбаъҳои адабӣ дар бораи таҳсилоти Баҳроми Саққо маълумоте дарҷ нагардидааст, вале аз бозмондаи ашъори ӯ бармеояд, ки шахси таҳсилдида, огоҳ аз улуми адабӣ ва нозукиҳои шеъру шоирӣ будааст. Соҳибони тазкираҳо бо такя ба қавли шогирдону ҳамроҳони Саққо, гузаштагони ӯро аз табақаи ҷавонмардон гуфтаанд. Пешаи саққоӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон дар он замон ҳунари ҷавонмардон ба шумор мерафт.

Абдурраҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» номи чанд нафар фозилро овардааст, ки ба саққоӣ машғул будаанд. Абдуллоҳи Саққо (аз ёрони Зуннуни Мисрӣ), Алӣ ибни Шуайби Саққои Нишопурӣ ва Абӯбакри Саққо аз он ҷумлаанд. Дар «Футувватномаи султонӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ зимни ёдоварӣ аз Абӯтуроби Саққо ва Баҳроми Саққо гуфта мешавад, ки аксарияти сӯфиён бо мақсади риёзаткашӣ ба ин кор машғул мешудаанд. Баҳром низ пас аз дучор шудан ба ҳолати ҷазба ба саққоӣ холисона, бе музду тамаъ машғул шудааст.

Баҳроми Бухороӣ баъди муддате зистан дар Бухоро соли 947ҳ/1540. дар синни камолот ба Ҳиндустон рафта, дар ҳамон ҷо зиндагӣ кардааст. Ақидаҳои адабиашро аз ду сарчашма: эронӣ ва ҳиндӣ шодоб гардонд. Тибқи маълумоти қитъае аз девонаш, ки бо фармони шоҳи Гуҷарот Зоҳир Маҳмудшоҳи сеюм, фарзанди Латиф (1538-1554) дар робита бо ҳодисаи соли 954ҳ /1547. суруда шудааст, аввал ба Гуҷароти Ҳинд рафта, дар хидмати ҳокимони он ҷойҳо будааст. Баъд ба Лоҳур (1560) ва аз он ҷо ба Деҳлӣ ва дар ин миён ҳамроҳи корвони ҳоҷиёни Ҳинд ба ҳаҷ рафта, дар Батҳо, Шом, Миср, Бағдод ва ғайра саёҳат кардааст. Пас аз зиёрати Каъба муддате дар чиллахонаи шайх Низомуддини Авлиё (ваф. 1422) дар канори дарёи Деҳлии нав, ки мақбараи Ҳумоюнподшоҳ он ҷост, зиндагӣ кардааст. Аз рӯйи ривояти муаллифи тазкираи «Ҳумоюн ва Акбар», Баҳроми Саққо ҳамсар доштааст ва ашъори ӯ дар шибҳи Қора (яъне, дар давлатҳои воқеъ дар нимҷазираи Ҳинд-Ҳиндустон, Покистон, Бангладеш) машҳур будааст. Соли 1561 ба зиёрати мазори хоҷа Қутбуддини Бахтёри Кокӣ (ваф. 1236) ба Деҳлии Кӯҳна меравад. Баъди як сол ба Акбаробод (Агра) баргашта, он ҷо дар манзили бародари худ-Боязиди Баёт саққохонае сохта ба саққоӣ машғул мешавад. Саққои Бухороӣ ба омӯзиши адабиёти сӯфия рӯй оварда, чун шоири мутасаввиф бо лақаби «Дарвеш» машҳур мегардад. Иддае аз мардум ба ӯ ихлос намуда, дар пайравиаш ба саққоӣ пардохтаанд.

Сабаби соли 1546 яку якбора ба ашъори Шоҳ Қосими Анвори Табрезӣ таваҷҷуҳ намудани Баҳром Саққои Бухороӣ, тадриҷан шоир шудан ва дар байни омма эътибори зиёд пайдо кардани ӯ тибқи маълумоти Боязиди Баёт, дар он аст, ки Шоҳ Қосими Анвор дар Самарқанд дар хоб ба Саққо фармудааст, ки шеър бигӯяд. Худ мегӯяд: Сабаби шеър гуфтани ман ин буд, ки шабе Қосими Анворро дар хоб дидам, ки бар лаби ҳавзи мазори Қосим ибни Аббос дар Самарқанд нишастааст ва чун маро дид гуфт: Дарвеш, чизе бихон. Ман ашъоре хондам. Гуфт: Аз худ бихон! Чун бедор шудам, дар бадеҳа ғазале сурудам ва шоир шудам ва ҳол он ки падарони ман айёрон буданд» [6, 234]. Боязиди Баёт дар хусуси бехудии Саққо, ки худ онро шахсан мушоҳидагар буд, менависад, ки он ҳолати бехудӣ то се пос кашид, баъд ба ҳол омад, вузӯ сохта ду ракъат намоз ба ҷо овард, сипас аҳволи гузашта он чи пеш аз беихтиёрӣ воқеъ шуда буд, ба бародар баён кард. Саққо, «лойиқ дид, ки як ғазалу як рубоӣ ва як қитъа навишта шавад, агарчи дар девон абёти беҳ аз ин дорад ва аммо баёни аҳвол ҳамин баромад» [6, 237]. Мо танҳо матлаъ ва мақтаи он ғазал ва рубоии мазкурро меорем:

Мезанам дар хилвати асрор бо он ёр чарх,
Дар хароботи муғон чун ринди дурдихор чарх.
Зикри он якто дар ин лангар зи ғайрам фард сохт,
Ҳамчу Саққо мезанам ҳар сӯ қаландарвор чарх.

Рубоӣ:

Саққо, ғаму дарду шодмонӣ ҳама ҳеҷ,
Андешаи маргу зиндагонӣ ҳама ҳеҷ!
Бархез, ки дар ҷаҳони фонӣ ҳама ҳеҷ,
Ҷуз ишқи нигори ҷовидонӣ ҳама ҳеҷ!

Баҳроми Саққо ҳангоми иқомат дар Деҳлӣ дар дарвозаи қалъа саққохонае бино карда, ба ташнагон об медод. Дар ҳамсоягии хонаи Саққо дукони нобиное буд ва нобино дар дукон ҳезуми бисёр ҷамъ карда буд. Оташе дар ҳезуми нобино афтод ва ба ин сабаб хонаи Саққо ҳам сӯхт. Саққо дар ин бора қитъае гуфтааст:

Саққо, ки чу Қақнус умре
Мечид бар ошёна хасро.
Оташкада гашт хонаи ӯ,
Аз сӯзи дарун чу зад нафасро.
Аз оташи дил бисӯхт ҷонаш,
Ҳамсояи бад мабод касро!

Дарвеш Баҳром то ҳадде машҳур гардид, ки Акбаршоҳ ва мулозимонаш ҳангоми шеъргӯйии ӯ дар ҳолати ҷазба ба назди саққохонааш меомаданд ва ба ашъораш гӯш медоданд. Саққо дар ҳолати ваҷд ва ҷазбаи ирфонӣ шеър мегуфт,ки ки ин ҳолат ӯро ҳангоми дар рикоби ҳокими Кобул Комронмирзо буданаш ба ӯ ёр гардида буд. Акбаршоҳ ба Баҳроми Саққо ва пайравону шогирдонаш барои оростани маҷлиси самоъ ва пешбурди кори машкобӣ маош муқаррар карда буд. Аз ин хусус, инчунин дар бораи тадриҷан ба кори эҷодӣ машғул шудани Саққо ва аз муридаш Дарвеш Назар дар ҷилди сеюми «Мунтахаб-ут-таворих» ёд шудааст [2, 245]. Дар ин тазкира, ки шарҳи ҳоли шайхон, донишмандон ва шоирони аҳди Акбарро фаро мегирад, аз маълумоти тазкираи «Нафоис-ул-маосир»-и Мир Алоуддавлаи Қазвинӣ ва «Табақоти Акбарӣ»-и Низомуддин Аҳмад истифода шудааст. Дар ҳар ду асари ахир аз Саққо ёд шудааст.

Баҳром дар Акбаробод муттаҳам ба рофизӣ шуда, аз ин сабаб ин шаҳрро тарк намудааст. Дар «Табақоти Акбарӣ»-и Низомуддин Аҳмад омадааст: «Дарвеш Баҳроми Саққо дар либоси сӯфия будӣ ва саққоӣ кардӣ ва об ба мардум додӣ. Аз мулозамати ҳазрат (Ҷалолуддин Акбаршоҳ–Ф. М.) ба Сарандеб рафт ва он ҷо даргузашт» [9, 509].

Тавре қаблан ишора шуд, яке аз сарчашмаҳое, ки аз Саққои Бухороӣ дарак медиҳад, китоби «Мунтахаб-ут-таворих»-и Абдулқодири Бадоюнӣ мебошад. Бадоюнӣ аз ҳамасрони Саққо буда, ӯро дидааст ва дар асараш аз вай чунин ёдовар мешавад: «Саққо ба форсӣ ва туркӣ шеър мегуфт ва чанд девон дошт, аммо ҳар гоҳе ки бехуд мешуд, ашъори худро мешуст. Бо вуҷуди ин девонаш дар замони ӯ мавҷуд ва миёни мардум мақбул будааст» [2, 244].

Сарчашмаи дигаре, ки дар бораи Дарвеш Баҳром Саққои Бухороӣ маълумот медиҳад, асари «Ойини Акбарӣ»-и муаррих Абулфазл ибни Мубораки Алломӣ (1550–1602), бародари Файзии Даканӣ мебошад. Алломӣ дар бораи Баҳроми Саққо менависад, ки ӯ суҳбати Хизрро дарёфта буд [3, 175].

Дар тазкираи «Арафот-ул-ошиқин ва арасот-ул-орифин»-и Авҳадӣ (таълифаш 1610) дар бахши шарҳи ҳоли шоирони форсизабони муқими Ҳиндустон, ки бо муаллиф муосир ва ҳамсуҳбат будаанд, аз шарҳи ҳол ва ашъори Саққо ёдоварӣ мешавад. Манбаи дигаре, ки дар он оид ба Саққои Бухороӣ маълумот дода шудааст, тазкираи Муҳаммад Музаффар Ҳусейни Сабо «Рӯзи равшан» (таълифаш 1880) мебошад. Соҳиби тазкира фаслеро ба Саққо бахшидааст. Ӯ байти зерро аз ашъори Саққо дар тазкирааш овардааст:

Шуд рӯзгори мо сияҳ аз дуди оҳи мо,
Ё Раб, касе мабод ба рӯзи сиёҳи мо! (10, 360)

Муаллифи тазкираи «Ҳафт иқлим» Амин Аҳмади Розӣ, ки Саққоро дидааст, дар бораи ӯ менависад: «Саққо ягона муншии дарбор будааст, ки ба дараҷаи орифони

фано фӣ-л-Лоҳ расида ва ано (риёзату меҳнат, ранҷу машақати дарвешон) саққоӣ шуғли ӯ будааст» [4, 762]. Муаллифони тазкираҳои «Шоми ғарибон» (таълифаш 1783) Лаҷҳмӣ Нароян Шафиқ, «Махзан-ул-ғароиб» (таълифаш 1803) Алиаҳмади Ҳошимӣ ва «Натоиҷ-ул-афкор» (таълифаш 1840 – 42) Муҳаммад Қудратуллоҳхони Гупомавии Ҳиндӣ, мутахаллис ба Қудрат Саққоро аз муридони ҳоҷӣ Муҳаммади Хабушонӣ (ваф. 1551) зикр кардаанд.

Дар бораи Дарвеш Баҳроми Саққо тазкиранигорони Моваруннаҳру Хуросони ҳамасраш, аз ҷумла намояндаи доираи адабии Бухоро Соммирзо дар тазкираи «Туҳфаи Сомӣ», Хоҷа Ҳасани Нисорӣ дар тазкираи «Музаккир-ул-аҳбоб» маълумоте наовардаанд. Аммо тазкиранависони форсизабони муқими Ҳинд, аз ҷумла муаллифи тазкираи «Сафинаи хушгӯ», Биндробандоси Хушгӯ, Алӣ Иброҳими Халилхон муаллифи тазкираи «Суҳуфи Иброҳим» (таълифаш 1791) дар бораи Саққо маълумот додаанд. Саид Нафисӣ номи дигари Баҳромро Шоҳ Бердӣ зикр кардааст, ки ин маълумот дар тазкираи «Ҳафт иқлим» низ мавҷуд аст [11, 821 – 822].

Баъзе аз феҳристнависон иштибоҳан Баҳром Саққои Бухороиро ба Мулло Ҳоҷӣ Баҳроми Бухороӣ, мутахаллис ба Баҳром (ваф. 1688), Маликушшуаро Абдулазизхон - подшоҳи Турон (1647 – 1680), ба сабаби монандии номашон як донистаанд.

Фатҳии Ҳиравӣ, ки бо Саққо шинос будааст, дар қитъае санаи вафоти вайро чунин ба назм даровардааст:

Зиҳӣ, дарвеши олам гашта Саққо,
Ки дар ирфон дили ӯ буд дарё.
Зи олам рафт дар роҳи Сарандеб,
Шуд аз мулки фано Баҳроми доно.
Ҳисоби соли фавти он ягона
Зи Ҳақ кардем, Фатҳӣ чун таманно,
Нидо омад, ки таърихи вафоташ
Бувад «дарвеши мо-Баҳроми Саққо».

Ибораи «дарвеши мо-Баҳроми Саққо» моддаи таърихи фавти шоир буда, аз он ба ҳисоби абҷад соли 970 ҳиҷрии қамарӣ ё 1563 мелодӣ бармеояд. Бо такя ба ин санад сол ва маҳалли фавти Дарвеш Баҳроми Саққои Бухороӣ маълум мегардад.

Аз ҳамин як назари мухтасар ба рӯзгор ва осори Баҳром Саққои Бухороӣ маълум мегардад, ки ӯ дар доираҳои адабии Ҳинду Афғонистон чун шоири ориф ва шахсияти дарвешмашраб маъруф буда, баъзе ҷузъиёти рӯзгор ва осори ӯ дар маъхазҳои адабӣ-таърихӣ сабт шудааст. Омӯзиши мукаммали зиндагинома ва осори ӯ дар таҳқиқи таърихи адабиёти асри 16 форс-тоҷик ва форсизабони Ҳинд мусоидат хоҳад кард.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиев Г. Ю. Персоязычная литература Индии/ Г. Ю.Алиев.-М.: Наука, 1968.-248 с.
2. Абдулқодири Бадоюнӣ. Мунтахаб-ут-таворих / Абдулқодири Бадоюнӣ. -Теҳрон, 2000.-303 с. (Дар се ҷилд. Ҷилди 3).
3. Абулфазл ибни Муборак (Алломӣ). Ойини Акбарӣ / Абулфазл ибни Муборак (Алломӣ).-Калкутта, 1884.- Дар се ҷилд. Ҷилди 1.-370 с.
4. Амин Аҳмади Розӣ. Ҳафт иқлим / Амин Аҳмади Розӣ. Нусхаи рақами 264 Ганҷинаи мероси хаттии Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ .- Чопи сангӣ.
5. Аҳмад Мунзавӣ. Феҳристи муштараки нусхаҳои хаттии форсӣ/ Аҳмад Мунзавӣ. -Исломобод, 1996.–2354 с.
6. Боязиди Баёт. Ҳумоюн ва Акбар / Боязиди Баёт. - Калкутта: Конпур, 1941.–186 с.
7. Гулшани адаб. Намунаҳои назми тоҷик/ Тартибдиҳандагон Аълохон Афсаҳзод, Ҷобулқо Додалишоев, Лола Сулаймонова Шамсиддин Нуриддинов, муҳарир, Қудби Киром. -Душанбе: Ирфон, 1977.– Дар 4 ҷилд.- 384 с.
8. Зоҳир Аҳрорӣ. Мушфиқӣ / Зоҳир Аҳрорӣ. -Душанбе: Дониш, 1978.–274 с.
9. Низомуддин Аҳмад. Табақоти Акбарӣ/ Низомуддин Аҳмад.–Калкутта, 1933. -Дар се ҷилд. Ҷилди 2.–509 с.
10. Мавлавӣ Муҳаммад Музаффар Ҳусайни Сабо. Рӯзи равшан /Мавлавӣ Муҳаммад Музаффар Ҳусайни Сабо. -Теҳрон, 1343 ҳ. ш.-360 с.

11. Саид Нафисӣ. Таърихи назму наср дар Эрон ва дар забони форсӣ /Нафисӣ Саид.-Теҳрон, Дар се ҷилд. -Ҷ 21,344 ҳ. ш.-1172 с.
12. Каримов У. Литературно-исторические источники и основные тенденции таджикской литературы XVI в / У Каримов -Душанбе: Дониш, 2000.-409 с.
13. Фарҳанги Иршод. Муҳоҷирати таърихии эрониён ба Ҳинд. -Теҳрон, 1986. -688 с.
14. Рипка Ян. История персидской и таджикской литературы / Ян Рипка. -М.: Прогресс, 1970.-418 с.

НЕКОТОРЫ ЗАМЕТКИ О ЖИЗНЕДЕЯТЕЛЬНОСТИ САККО БУХАРИ

Статья посвящена исследованию жизнедеятельности до сих пор малоизвестного поэта XVI века Сакко Бухари. Автором статьи на основе изучения сведений историко-литературных источников и хроник написанных в Индии, Иране и Мавераннахре, а также дивана самого поэта предпринята попытка установления научной биографии поэта.

Ключевые слова: переселение, Сакко Бухари, диван, разносчик питьевой воды, притяжение, поэзия, мистик, мистическое.

A BRIEF DIGRESSION TO THE BIOGRAPHY OF SAKO BUKHARI

The article is devoted to the study of separate episodes of biography of the hitherto little-known tajik poet of the XVI century SakoBukhari. The author attempts to restore the scientific biography of the poet on the basis of analysis of literary sources'information, written in India, Iran and Movarounahr and the divan of poet.

Key words: Migration, poet, Sakko Bukhari, divan, watersale, poetry, mistic, mistical.

Сведения об авторе: ***Махмадулоев Ф. С.***- ведущий редактор редакции литературы, языка и фольклора Таджикской национальной энциклопедии. Телефон: **919 68 85 14., 2 33 38 28.**

НУКОТИ ҚУРЪОНӢ ДАР АШЪОРИ ХОҶУИ КИРМОНӢ

Амирҳамза Сатторов
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода

Яке аз сармояҳои ҷовидона ва ифтихоромези мо мардуми тоҷик-форс ин сурудаҳои шоирону суханварон, навиштаҳои дабирону нависандагон, афкори сӯфиёну орифон, андешаҳои ҳакимону файласуфон ва мутакаллимон мебошад, ки саршор аз ояҳои қуронӣ ва ҳадисҳои набавӣ буда, бо каломи сеҳрангезашон ҳамаро мутеъ ва шайдои худ сохтаанд.

Дуруст аст, ки Қуръон, ин нозилшуда аз назди Раббилоламин ва китоби муқаддаси дини ислом мебошад, ки Офаридгор дар сураи «Воқеа» ин китоби муқаддасро сутуда, чунин мефармояд: *«77. Албатта, ин Қуръонест гиромиқадр. 78. Дар китобе макнун[2], 79. ки ҷуз покон даст бар он назананд. 80. Нозилшуда аз ҷониби Парвардигори ҷаҳониён аст»*.

Дар баробари ин муъҷизаи адабӣ ва олитарин намунаи осори бадеӣ аст, ки барои башар ирсол шудааст. Ин муъҷизаи адабӣ каломи илоҳӣ буда, берун аз қудрату ақл ва тавони башар аст [1, 55].

Яке аз масалаҳои марбут ба Қуръон дар адабиёти тоҷик-форс ин масъалаи ба Қуръон монанд кардан ва тақлид ба фасоҳату балоғати ин китоби осмонӣ буда, дар осори шоирону адибон аз даврaҳои аввали густариши дини мубини ислом мушоҳида мешуд. Масалан, шоир ва донандаи бузурги фарҳанги исломӣ ва улуми қуръонӣ Абуҳанифаи Аскарӣ ба шеъри худ чунин баҳо дода мегӯяд:

Ба сони Фурқон омад қасидаам, бингар,
Ки қадрдон-ш кунад дар дилу ба дида нигор (1,58).

Вақте ки сухан дар бораи Қуръону ҳадис меравад, нуктаеро зикр кардан бамаврид аст, ки аз замони нузули Қуръон ва зуҳури дини ислом дар сарзамини Аҷам, яъне Эрону Хуросон ва Мовароуннаҳр дусад сол гузашта, аксари мардуми Осиёи ғарбиву марказӣ ва шимоли Африқо то Андалузия исломро ба сифати дини худ пазируфта буданд. Донишмандон ва суханварони Аҷам забони арабиро дар камоли устодӣ медонистанд. Бештари шоирони ин аср бо забони арабӣ шеър мегуфтанд ва касе сади роҳи ин набуд. Аксари донишмандони забон ва адаби аҳли араб ин форсизабонон буданд, ки осору ашъори худро бо ин забон эҷод мекарданд. Бинобар шаҳодати сарчашмаҳои таърихӣ, нахустин таълифгари дастурҳои грамматикаи араб Сибавайҳӣ аст, ки ӯ аз фарзандони форс буда, соли 756 дар Истахри Эрон ба дунё омадааст. Дар сарчашмаҳо омадааст, ки аҳди халифа Маъмун ва Ҳорунаррашидро «асри тиллоӣ» меномиданд, зеро дар ин аср тамоми китобҳои илмӣ аз забонҳои юнонӣ, ҳиндӣ ва форсӣ ба забони арабӣ баргардонида мешуд, ки

аксари тарҷумонҳо аз фарзандони сарзамини форс - тоҷик буданд. Дар баробари ин меҳнати онҳо беподош наемонд, зеро дар замони хилофати Аббосиён аҳли дарбор ба соҳибилом эҳтироми хоссе доштан. Мегӯянд, ки халифа Маъмун ба вазни ҳар китоб ба муаллифи он музд медод.

Аз сӯйи дигар, хондани Қуръон ва ҳифзу омӯхтани илмҳои марбут ба он аз илмҳои асосӣ ба шумор рафта, дар мадрасаҳо омӯзонида мешуд. Бинобар ин, ҳар як шоиру нависанда аввал Қуръону ҳадисро хуб ҳифз мекард, баъдан ба дигар илмҳо рӯ меовард. Бино ба қавли тазкиранигорон устод Рӯдакӣ дар ҳаштсолагияш Қуръонро ҳифз карда буд, Хоҷа Ҳофиз Қуръонро бо чаҳордаҳ қироат мехонд, ки худ мегӯяд:

Ишқат расад ба фарёд гар худ ба сони Ҳофиз,
Қуръон зи бар бихонӣ бо чордаҳ ривоят (5,37).

Таъсирпазирии шоирони тоҷик-форс аз Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ ҳанӯз аз асрҳои сеюми ҳиҷрӣ сарчашма мегирад, зеро фарҳанги исломӣ, ки саршор аз Қуръону ҳадис аст, саросари сарзамини форсизабононро фаро гирифта, дар рӯҳу ҷони мардуми ин минтақа реша давонида буд. Шоирон ва нависандагон маънии дилнишину таъсирбахши Қуръон ва ҳадисро дар оинаи каломи хаёлангезу ҳунармандонаи хеш ба ташнагони Қуръон ва ҳадис тақдим мекарданд. Ин амал боис ба афзудани эҳтиром ва обрӯи ҳар як шахси соҳибэҷод мегардид. Аммо бо гузашти айём шоирони тоҷик-форс шеъри худро дар хидмати дин, панду ахлоқ ва тасаввуф қарор доданд.

Аз ин рӯ, агар дар байт ё мисраи шеърӣ мазмуни оят ё ҳадисе меомад, онҳо ба зудӣ метавонистанд, ки маънои онро дарк намоянд. Аз намунаҳои ин матлаб, яке ин аст: «Ҳикоят мекунанд, ки султон Маҳмуди Ғазнавӣ барои халифаи Бағдод нома навишт ва аз ӯ хост, ки номи вайро дар хутба ёд кунанд ва исми ӯро дар сиккаҳо нақш намоянд. Халифа аз ин кор сар боз зад. Маҳмуд номаи дигаре ба ӯ фиристод ва ӯро таҳдид кард ва дар зимни он гуфт:

Агар хоҳам санги Бағдодро ба пушти пилон ба Ғазна биёварам, метавонам. Халифа дар ҷавоби ӯ номаи сарбамуҳр фиристод. Чун онро боз кушод дар нома чизе надид ҷуз номи Худо ва пас аз он ҳарфи- ا(-алиф) ва дар васати он ل(лом) ва дар охири он م(мим) ва саранҷом «Алҳамдулиллоҳ». Султон мутаҳаййир гашт ва аҳли маҷлис низ мутаҳаййир монданд.

Қазоро Абӯбакри Қаҳистонӣ бар ишон ворид шуд мавзӯро ба ӯ гуфтанд. Ӯ низ дар ин бора фикр кард ва ногоҳ сарашро бардошта гуфт:

-Шарҳи онро ёфтам, Султон гуфт:

-Бигӯ ва ҳарчи хоҳӣ, бихоҳ. Гуфт:

-Султон барои онҳо нома фиристода ва эшонро ба бурдани пилон таҳдид кардааст. Ҳоло халифа ин номаро фиристода ва дар он ин «алиф», «лом» ва «мим» ишора аст ба қавли Худои таоло, ки мегӯяд: «الم تر كيف فعل ربک باصحاب الفيل....» *(Оё надидӣ, ки Парвардигорат ба асҳоби пил чи корҳо кард)* (сураи Фил, ояти 1 то 5). Султонро аз ин сухан ларза ба андом афтод ва пушаймону нодим гашт ва пас аз он ҳамвора адаб нигоҳ медошт [5,13].

Чунончи, овардаанд ки халифаи Аббосӣ Маъмун дар ҳаққи Абдуллоҳ ибн Тоҳир дар ғазаб шуд ва бо аҳли дарбор машварати куштани ӯро кард. Дар байни онҳо дӯсте аз дӯстони ӯ ҳузур дошт, дарҳол номае навишт ба Абдуллоҳ, ки матни он чунин буд: «Ё Мӯсо….» Абдуллоҳ номаро кушоду дар ҳайрат монд ва пас аз тааммул дарёфт, ки муроди дӯсташ ояти 20-и сураи «Қасас» аст, ки Худованд мефармояд: *«Эй Мӯсо, ин анҷуман ба ҳам раъй мезананд, то туро бикушанд»* [1,57].

Ин буд, ки суханварон ва нобиғони араб дар назди фасоҳату балоғати Қуръон сари таъзим фуруд оварданд. Адибону шоирон тақлид ба мазмун ва ояҳои Қуръону ҳадисҳои набавӣ намуда, дар пояи он эҷодиёти худро боло мебурданд.

Яке аз ин гуна шоирони баландпоя ва муқтадири адабиёти форсу тоҷик Камолиддин Абулато Маҳмуд ибни Алӣ ибни Муҳаммади Кирмонӣ, машҳур ба Хоҷуи Кирмонӣ мебошад. Ӯ соли 689 (ҳ.қ) мутобиқ ба соли 1281 (м) дар шаҳри Кирмон ба дунё омадааст. Айёми тифлӣ ва наврасии худро дар Кирмон гузаронида, сипас, ба Шероз, Исфаҳон, Ҳиҷоз, Табрез, Хуросон, Бағдод, Миср ва Шом сафар карда, даҳ соли охири ҳаёташро дар Кирмон ва Шероз гузаронидааст. Хоҷу хеле барвақт ба шеъргӯйӣ пардохта, аз худ девони комиле иборат аз қасидаву ғазал, қитъаву рубоӣ,таркиббанду мустазод ва шаш маснавӣ боқӣ гузоштааст. Ашъори Хоҷу ҳанӯз дар замони зиндагиаш машҳур буд. Хоҷу соли 1352 дар Шероз аз олам чашм пӯшида, дар ҳамон ҷо мадфун шудааст.

Дар осори Хоҷу таъсирпазирӣ ва иқтибос аз Қуръони карим ва аҳодиси набавӣ бисёр дида мешавад. Талмеҳ ва ишораҳо ба қиссаҳои қуръонӣ ва ҳадису муъҷизаҳои машҳури Паёмбари Акрам (с) ва дигар бузургони дин низ хеле зиёд ба назар мерасанд. Аксари оёт ва аҳодисе, ки Хоҷуи Кирмонӣ дар девони ашъораш овардааст, саршор аз маънавиёти ирфонӣ буда, дар истифодаи онҳо лаёқат ва маҳорати худро хело хуб нишон додааст.

Хоҷу дар истифодабарӣ аз таркибҳои Қуръон, ҳамчун «равзаи хулд», «равзаи Ризвон», «гулзори Ризвон», инчунин таркибҳои тақрирӣ, мисли «аласту бираббикум», «ҷоми аласт», «шароби аласт», «базмгоҳи аласт», инчунин таркиби «яди байзо», «нун ва-л- қалам» «дору-с-салом», «шаҳоби соқиб» хеле моҳиронаю устодона ба кор бурдааст, ки инҳо ҳама таркибҳои қуръонӣ мебошанд. Сухансарои Кирмонӣ дар қасида ва сурудаҳои ситоишии худ аз оёт ва аҳодис суд ҷуста, дар ғазалиёташ низ аз ин ду чашмаи пургуҳари адаби исломӣ бебаҳра намондааст.

Дар нахустин ғазали девони ӯ, ки дар наъти Паёмбар (с) аст, беш аз даҳ намуна аз иқтибоси оёту аҳодис ва талмеҳ бо Қуръону ҳадис ба чашм мехӯрад.

Инак, бо намунаҳое, ки Хоҷу аз Қуръону ҳадис иқтибос ва талмеҳ овардааст, мепардозем:

Муфтии дарси илоҳӣ, сӯфии саффи сафо,
Маънии гесӯи ӯ «вал-лайлу» ораз «ваз-зуҳо» (4, 136).

Дар мисраи якум шоир калимаҳои «муфтӣ» ва «суфӣ»-ро зикр кардааст, ки мурод аз «муфтӣ» ва «суфӣ» ҷаноби Паёмбар (с) буда, аз «дарси илоҳӣ» калом ва пайғоми Худованд аст. Яъне шоир Расулуллоҳро ба муфтӣ ташбеҳ мекунад, ки маънии муфтӣ «фатводиҳанда» «қонуншинос» аст, зеро ҳазрати Паёмбар (с) аз каломи илоҳӣ ба асҳоби худ фатво медоданд ва ҳукм мебаровардand ва дар дини ислом аввалин муфтӣ буданд, ки дарси илоҳиро бе ягон муаллиму мадраса омӯхтаанд, зеро устод ва муаллими он ҳазрат худи Парвардигор буд, ки аз болои арши аъло ҳабиби худро омӯзонд ва шарҳи он дар сураи «Алақ» батафсил зикр шудааст. Хоҷа Ҳофиз ба ин маънӣ ишора намуда мегӯяд:

Нигори ман, ки ба мактаб нарафту хат нанавишт,
Ба ғамза масъалаомӯзи сад мударрис шуд (5,151).

Мурод аз сӯфӣ низ он ҳазрат мебошад, зеро таълимоти аҳли тасаввуф аз Қуръон ва аҳодиси набавӣ сурат мегирад. Дар мисраи дувум Хоҷу гесӯи сиёҳи Расули Акрамро ба лайл, яъне торикии шаб ва рӯйи муборакашро ба зуҳо, яъне ба равшанӣ ва сапедии рӯз ташбеҳ додааст. Ин иқтибос аз ояти якуми сураи «ал-Лайл» аст, ки Худованд мефармояд: «*Қасам ба шаб чун бипӯшонад*» ва рӯйи мубораки он ҷанобро ба сураи «аз-Зуҳо», яъне «*Қасам ба чоштгоҳ*» ташбеҳ кардааст.

Дар байти боло шоир аз илму дониш ва ҳусну ҷамоли Паёмбар (с) ёд карда, дар байти зерин мақому мартабаи он ҷанобро илова карда, чунин мегӯяд:

Хусрави арши остон, курсинишини кибриё,
Маҳбати Номуси акбар, «раҳматал лил-ъоламин» (4, 136).

Яъне «хусрави арш» ҳамон арши аъло ё ҷаннат ва мақоми «сидрат ул-мунтаҳо» (маконе аст, ки берун аз илми махлуқот, чӣ аз тоифаи ҷин бошад ё инс ва ё малоик) мебошад, зеро он ҳазрат подшоҳу тахтнишини ин дунёи фониро интихоб накардаанд, ки шоир ба он васф кунад. Агар муроди шоир аз «курсинишини кибриё» ҳамон сифати Худованд бошад, пас талмеҳ аз шаби Меъроҷи он ҳазрат ва расидан ба мақоми «сидрат ул- мунтаҳо» мебошад. Чун шаби Меъроҷ Расулуллоҳ ҳамроҳи Ҷабраил (а) ба ҳузури Ҳақ равон шуд, Ҷабраил ӯро то «сидратулмунтаҳо» ҳамроҳ буд. Чун ба «сидратулмунтаҳо» расиданд, Ҷабраил гуфт: «Ё Расулуллоҳ, беш аз ин ба ман иҷозат нест, агар як қадам гузорам ҳароина сӯхта мешавам». Он ҳазрат танҳо рафтанд, то ба ҷамоли Ҳақ мушарраф шуда, бо холиқи худ дар розу ниёз нишастанд. Муроди шоир аз «курсинишини кибриё» ҳамин аст, зеро Паёмбар ба мақоме мушарраф шуданд, ки ҳатто Ҷабраил қудрати онро надошт.

Калимаи маҳбат (مهبط) дар «Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ» ба маънии сарчашма, макон (ҷой, маҳал), ҷойи фуруд омадан аст. Маънии ҷойи фуруд омадан ба мақсад наздик буда, номуси акбар, ки мурод аз он Ҷабраил аст, бори нахуст дар ғори Ҳиро сурати худро ба он ҳазрат намудор кард, ки ин чанд бор сурат гирифт. Аз ҳайбати дидани сурати фариштa он ҳазрат тарсону ларзон ба хонаи хеш омаданд ва ин воқеаро ба ҳамсарашон Хадича (р) нақл карданд. Бо шунидани ин ҳодиса Хадича ҳамроҳи Паёмбар ба назди амаки Хадича (р) Варақа ибни Навфал рафтанд, ӯ шахси яктопараст ва пайрави дини Иброҳим (а) буд. Аз сабабе, ки арабҳо хат хонда

наметавонистанд, вай аз зумраи касоне буд, ки хатти иброниро медонист ва китобҳои «Таврот» ва «Инҷил»-ро хонда, аз саргузашти ҳазрати Исо (а), Мӯсо (а) ва таърихи бани Исроил бохабар буд. Чун ин воқеаро ба ӯ нақл карданд, Варақа гуфт: «Ҳозо Номус яъти бика камо яъти мин қаблик» [4,25], яъне ин ҳамон номуси бузург аст, ки ба Мӯсо (а) меомад ба ӯ фуруд омадааст. Ӯ пайғамбари ин уммат аст. Ба ӯ бигӯ, пойдор бошад [10,205]. Мурод аз ин мисраъ, яъне ё Расулуллоҳ, ту шахсияте ҳастӣ, ки ҳазрати Ҷабраил, он фариштаи амин ба назди ту меомад ва ту он зоте ҳастӣ, ки Худованд туро раҳмате барои оламиён офарид. Мисраи аввал илҳом аз ояти 107-уми сураи «Анбиё» аст, ки дар он Худованд пайғамбарашро ба раҳмат ёд карда, мефармояд: «*Ва фиристодем туро ай Муҳаммад (с), раҳмати оламиён*».

Шоир баъди барои раҳмат офарида шудани паёмбарро зикр кардан ба инсонҳо хитоб мекунад, ки баҳри пос доштани ҳурмати он ҳазрат ба ӯ дуруду салом бифиристед, ки ин фармон ба мо аз ҷониби Худо омадааст.

Бишнав зи мурғ аз шохи гул, к-эй пешвоёни сабил,
Саллу ала хатмир-расул ъанин-набийил Мустафо (4, 539).

Шоир дар байти боло аз забони андалеб (мурғ) ба пешвоёни роҳи ҳақ (пешвоёни сабил) таъкид мекунад, ки хотам ул-анбиё, яъне ҳазрати Мустафо (номи дигари Паёмбар) ӯ сазовори дуруд аст. Лафзи «эй пешвоёни сабил» хитоб буда, мазмуни ояҳои қуръонӣ аст, ки дар Қуръон ба маънии «Эй касоне, ки имон овардаед…», «Эй муъминон…», «Эй аҳлони илм…», Эй аҳли хирад…, ва ғайра хело зиёд зикр шудааст.

Шоир барои тақвияти сухани хеш дар мисраи дувуми ин байт аз ояти 56-и сураи «Аҳзоб» иқтибос меоварад, ки Офаридгор мефармояд: «*Ҳамоно Худо ва фариштагони ӯ ба Пайғамбар(с) дуруд мефиристанд. Эй касоне, ки имон овардаед, ба вай дуруд бифиристед ва ба салом гуфтане салом гӯед*».

Хоҷу, ки худ низ яке аз машоихони аҳли тасаввуф буд, бинобар ин ашъори ӯ саршор аз мазмуни ояҳои қуръонӣ аст. Шоир аҳли хирадро хитоб карда мегӯяд, ки эй пешвоёни уммат ва эй муъминон, ба каломи раббонӣ, яъне Қуръон гӯш диҳед, ки Худованд шуморо амр мекунад, то ба паёмбараш дуруд бифиристед.

Дар байти дигар шоир боз дар ҳамин мазмун он ҳазратро сутудааст:

Эй магасрону сақити шаҳпари рӯҳул-амин,
Нақши тавқии ҷалолат раҳматан лил-оламин (4, 566).

Хоҷу дар ин байт воломақомии он ҳазратро васф мекунад. Мурод аз «магасронӣ» ҳифз ва ҳимояи он ҳазрат аз ҷониби Парвардигор ва аз «соқити шаҳпар» ва «Рӯҳул амин», ҳазрати Ҷабраил аст, ки ваҳйи илоҳӣ бо тариқи ӯ сурат мегирифт. Шоир дар мисраи аввал мамдуҳи худро васф намуда, мегӯяд: Рӯҳ-ул-амин, яъне Ҷабраили Амин, ки яке аз чаҳор фариштаи муқарраб аст, бо он бузургмартабагӣ пайку расули ту аз ҷониби Холиқи якто буда, пайғоми Аллоҳро ба ту мерасонид. Шоир баҳри исботи сухани ҳуд аз ояти 193-и сураи «Шуаро» иқтибос меорад, ки Худованд гуфт: *«Фуруд овард ин Қуръонро Рӯҳ ул-амин (Ҷабриил)».*

Мисраи дувум, яъне нақши ҷалолу бузургии ту он қадар азим аст, ки Офаридгори ҳамаи мавҷудот туро раҳмате барои оламиён офарид, ки илҳом аз ояти 107-и сураи «Анбиё» буда, дар боло зикр намудем.

Дар байти зер тоҷдори анбиё будани он ҷанобро васф кардааст:

Тоқи айвони нубувватро зи фарти кибриё
Бурда бар кайвону одам дар миёни моу тин (4, 566).

Дар ин байт Хоҷу баландмартабагии нубуввати Паёмбарро (с) сутуда, мегӯяд, дар ҳоле ки қолаби бобои Одам (а) дар миёни хоку гил буд, ту аз ҳадди бузургият тахти айвони пайғамбариятро бар болои Кайвон (ситораи Зуҳал), яъне арши Маҷид гузоштӣ. Яъне, вақте Худованд нури нубуввати туро офарид, хилқати Абулбашар Одам (а) ба вуҷуд наомада, ҷисмаш дар байни хоку об буд. Ин байт илҳом аз ояти 12 сураи «ал-Муъминун», ки Худованд мегӯяд: «*Қасам, ки офаридем Одамро аз хулосаи (магзи гилу) лой».*

Ҷуз ҳавои саҳни дилҷӯйи ту мо яфнал ҳумум,
Ҷуз насими боди ҷонбахши ту ман юҳйиял ъизом (4, 106).

Шоир дар мисраи аввал аз таркиботи арабӣ иқтибос оварда, маҳбуби худро бо он васф карда, мегӯяд, ба ҷуз суҳбати дилнишини ту дигар чизе ғамро аз дили мо дур карда наметавонад. Дар мисраи дувум шоир ба мамдуҳи хеш мегӯяд, танҳо насиме, ки аз ҷониби ту мевазад, ба ҷисмҳо марҳаму ҷони тоза мебахшад ва ҷуз ту касе ба

устухонҳои пӯсида ҷон намебахшад. Шоир баҳри таъсирбахш шудани суханаш аз Қуръон иқтибос овардааст, ки Офаридгор дар ояти 78-и сураи «Ёсин», мефармояд: «*Ва ӯ офариниши худро фаромӯш кардааст, ки барои мо достоне падид меоварад ва мегӯяд: «ин устухонҳоро, ки пӯсида бошад, кӣ зинда мекунад?»*.

Сабаби нозил шудани ин оят дар он буд, ки кофирон аз дубора зинда шудани инсон дар рӯзи маҳшар ба тааҷҷуб меомаданд. Гуё он Қодири мутлақро низ махлуқи оҷиз фикр кардаанд, ки мегӯянд, чун билохира бадан билкул пошида ва ба хок биомезад, сарфи устухони куҳна ва пӯсида мемонад. Онро дубора кӣ зинда хоҳад кард? (8,295/2135).

Дар байти зерин Хоҷу ҷаноби Алӣ ибн Абӯтолиб (р)-ро васф карда, ба ҷойи бод калимаи лутфро истифода намуда, чунин мегӯяд:

Кашӣ теғи фаноро бар сари майдони қаҳр,
Ҷуз насими лутфи ҷонбахши ту ман юҳйиял ъизом (4, 537).

Яъне шоир далерию шуҷоати ҳайдарии Алиро (р) сутуда, шамшери ӯро ба теғе, ки сабаби нобудии ҳама мешавад, ташбеҳ кардааст, дар мисраи дувум аз ҷавонмардӣ ва меҳрубонияш васф намуда, аз ояти қуръонӣ иқтибос овардааст.

Ҳар ки аз ҳукмат бигардонад инон шар-уд-давоб
В-он ки ёбад номи нек аз даргаҳат хайр ул-аном.
Гар нахӯрдӣ Мӯсо аз ҷомат майи Унзур илайк,
Аз шароби Лан таронӣ,кай шудӣ масти мудом.
Гар Муҳаммадро намедоди мадад дар шаққи моҳ,
Ҳамчу моҳи чордаҳ кораш куҷо гаштӣ тамом (4, 538).

Шоир дар ин ғазал Офаридгори худро ҳамду сано ва ситоиш намуда, дар мисраи якуми байти аввал мегӯяд, онҳо, ки аз ҳикмат саркашӣ мекунанд, бадтарин ҳайвонот ҳастанд, ки ин илҳом аз ояти 22-и сураи «Инфиол», яъне: «*Ҳамоно бадтарини ҷунбандагон (ҳайвонот) назди Худо карҳоянд (ҳақношунав) ва гунгҳоянд (ки ифшои ҳақ накунанд) ононе, ки намефаҳманд ва дарнаёбанд*». Дар мисраи дувуми ин байт шоир ба мамдуҳаш мегӯяд, ки мутеони ту беҳтарини бандагонанд, ки ин ибора аз таркиб ва дуоҳои исломӣ аст. Дар мисраи сеюм ва чоруми байти дувум Хоҷу бузургӣ ва меҳрубонии Худоро зикр мекунад, ки талмеҳ аз қиссаи роз гуфтани Мусо (а) бо Худо ва чи гуна аз Худо хост, то ҷамолашро ба ӯ нишон диҳад, омадааст. Нӯшидани Мусо аз майи Унзур илайк ташбеҳ аз хостани Мӯсо (а) ҷамоли Худовандиро ва маст шудан, яъне бехуд шудани ӯ аз шароби Лан таронӣ ташбеҳ аз ҷавоби Худо, ки ту маро дар дунё бо ин чашмони оҷизат нахоҳӣ дид, мебошад. Чун Мӯсо (а) аз Худованд хост то ҷамолашро ба ӯ нишон диҳад, Худованд гуфт, ту маро натавонӣ дид, ба он кӯҳ нигар, чун ба он назар кунам, он пойдор монад, ту маро хоҳӣ дид ва илло на. Вақте ки он Зоти пок нури ҷамоли худро ба кӯҳ таҷаллӣ кард, аз ҳайбати он кӯҳ об шуд. Чун Мӯсо (а) ин воқеаро дид, аз хавфу тарс беҳуш шуд. Ин қиссае аст аз қиссаҳои исломӣ ва баҳри ҷолибу таъсирбахш шудани шеъраш аз ояти қуръонӣ иқтибос овардааст. Ҳарду мисраи ин байт илҳом аз ояти 143-и сураи «Аъроф», яъне: «*Ва чун омад (Мӯсо (а) ба ваъдагоҳи мо (мурод кӯҳи Тур аст) ва сухан гуфт (бевосита) бо Ӯ парвардигораш. Гуфт (Мӯсо (а), ай Парвардигори ман, нишон деҳ ба ман (ҷамолатро), то бингарам ба сӯйи ту. Гуфт (Худо): Нахоҳӣ дид маро (ҷамоли маро дар дунё) ва лек назар кун ба сӯйи ин кӯҳ (ки зоти ман дар он таҷаллӣ мекунад), пас агар қарор гирад дар ҷояш, пас хоҳӣ дид (ҷамоли маро). Пас, вақте ки зуҳур кард нури парвардигораш бар он кӯҳ (кӯҳ тоб оварда натавонист), гардонид он кӯҳро ба замин яксон. (Баъди мушоҳидаи ин ҳол) афтид Мӯсо (а) беҳуш гашта, чун ба ҳуш омад, гуфт: Худоё, ба покӣ ёд мекунам туро, тавба кардам ва ман аввалин мусулмононам*».

Дар мисраи сеюм аз муъҷизаи бузурги Расули Акрам (с), ки ба сӯйи моҳ ишора кард, моҳ дарҳол ба ду қисм ҷудо шуд, талмеҳ шудааст, ки ин муъҷиза дар ояти 1-и сураи «Қамар» зикр шудааст, Худованд мефармояд: *«Наздик шуд қиёмат ва пора шуд моҳ»*.

Шоир дар ин мисраъ ба Худованд муноҷот карда мегӯяд: Агар ту қудрати пора шудани моҳро ба Муҳаммад (с) намедодӣ, пас кори ӯ чи гуна ривоҷ меёфт?

Баҳри равшантар шудани ин мисраъ сабаби пора шудани моҳро зикр мекунем. Пеш аз ҳичрат ба Мадина рӯзе Расули Акрам дар Мино ҳузур доштанд ва як ҷамоате аз Қурайш низ дар атрофашон буданд. Онҳо ба Ҳазрат гуфтанд: Паёмбарони пешин баҳри исботи корашон бо худ аз ҷониби Аллоҳ муъҷиза меоварданд, масалан муъҷизаи Мӯсо (а) асо ва аз Исо (а) бо табобати беморону зинда кардани мурдаҳо

исботи паёмбарии хешро мекарданд, ту низ воқеан паёмбар бошӣ, ба мо муъҷизае нишон деҳ. Он Ҳазрат гуфт: Чӣ мехоҳед? Гуфтанд: Ин моҳи пурраро ба ду қисм ҷудо кун. Паёмбар гуфт:-Ба моҳ нигаред. Чун бингаристанд, он Ҳазрат ба сӯйи моҳ ишорае кард, моҳ дарҳол ду пора шуд, аммо он мушриконе, ки ҳозир буданд, гуфтанд, ки Муҳаммад (с) бар мо ё бар моҳ сеҳр кардааст (7,ҷ,6). Ин муъҷизаро дар таърихи ислом бо номи «Шақ-ул-қамар» ёд мекунанд ва яке аз муъҷизаҳои бузурги қиёмат низ ба шумор меравад. Хулоса, Осори Хоҷуи Кирмонӣ, пеш аз ҳама аз ояҳои қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ сарчашма мегирад. Ин каломи раббонӣ ва аҳодиси набавӣ зиннати дигаре талмеҳоти исломӣ ва суханони бузургони дин низ истифода намудааст, ба осори шоир дода, аҳамияти тарбиявӣ ва арзиши эстетикии онро афзудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. А. Абдусаттор. Арабият ва адабиёти аҳди ғазнавиён /Абдусаттор А. -Душанбе,2001. -С. 219.
2. Абулқосими Тасвирӣ. Мақолаи Қуръон ва одоби форсӣ, с.10.
3. Алихонтураи Соғунӣ. Таърихи Муҳаммадия /Алихонтураи Соғунӣ. -Тошкант: Ҷ.2,. соли 1991, с. 250.
4. Девони комили Хоҷуи кирмонӣ. Бо қалами доктор Ҳасан Анварӣ. бо кӯшиши Саид Қонеӣ., -Теҳрон: Чопи аввал 1374.
5. Алиасғари Ҳалабӣ. Таъсири Қуръон ва ҳадис дар адаби форсӣ /Алиасғари Ҳалабӣ.-Теҳрон: Донишгоҳи Паёми нур, 1386, с. 215.
6. Мавлоно Сафираҳмони Муборакпурӣ, мутарҷим, Абдуллоҳи Хомуши Ҳиравӣ. Сират-ун-набӣ, тарҷумаи форсии Раҳиқ-ул-махтум. Пешовард, 1382, с.715.
7. Муҳаммадҳусейни Ҳайкал. Зиндагиномаи Муҳаммад(с). /Муҳаммадҳусейни Ҳайкал. -Душанбе, 2012, Ҷ.1. с. 480.
8. Партав Алӣ. Бонги ҷарас / Партав Алӣ.-Теҳрон,1369.Чопи панҷум.с,177
9. Саид Муҳаммади Ростгӯ. Таҷаллии Қуръон ва ҳадис дар шеъри форсӣ / Саид Муҳаммади Ростгӯ. -Теҳрон, 1387, с. 287.
10. С. Сулаймонӣ.Фарҳанги арабӣ-тоҷикӣ.ҷилди 1- 2 / С. Сулаймонӣ –Душанбе, 2004.
11. *Сайти «Қуръоншиносӣ, тафсири мизон» (форсӣ)*.
12. Сафирраҳмони Муборакпурӣ. Гулшани таърих / Сафираҳмони Муборакпурӣ. -Хуҷанд, 2004, с. 270.
13. Тарҷума ва тавсири Қуръони Карим. ҷилди 6. -Душанбе 1991.
14. Тафсири Кобулӣ/ Тарҷума ва тафсири мавлоно Маҳмуди Ҳасани девбандӣ.- Чопи Покистон.- С. 428/2268. -Ҷ 3.
15. Шайх Муҳаммад ал-Хузурӣ. Нур-ул-яқин/ Шайх Муҳаммад ал-Хузурӣ. -Теҳрон, нашри 3. с. 223

ССЫЛКИ ИЗ КОРАНА В ПОЭЗИИ ХОДЖУ КИРМАНИ

В статье речь идёт о великом поэте начала 14 века Ходжу Кирмани, который использовал в своих сочинениях отрывки из Корана и высказывания пророков. Автор доказывает научными фактами, что главным источником произведения Ходжи является Коран и высказывания пророка Мухаммада.

Ключевые слова: Ходжу Кирмани, Бог, Пророк, мир, отрывки из Корана, честь и достоинство, отрывки из Корана, высказывания пророков.

LINKS FROM THE KORAN IN POETRY TO HODGE KIRMANI

The article focuses on the effective impact Veleka early 14 th century poet Hodzhui Kirmoni with the Qur'an and the tradition of the Prophet Muhammad. Author with the scientific facts prove that the main source of poetry Hodge is a tradition of the Holy Quran and the Prophet Muhammad.

Key words: Hodge Kirmani, God, the Prophet, the world, fragments from the Koran, honor and advantage, fragments from the Koran, statements of prophets.

Сведения об авторе: ***Амирхамза Сатторов***- аспирант Таджикского государственного института языков им.С.Улугзаде. Телефон: (+992) **901 07 37 55**

УБАЙД РАҶАБ – ПУБЛИСИСТ

Фарҳод Ҳусейнзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Публисистика аз жанрҳои пазируфта дар адабиётшиносии тоҷик аст. Дар таҳқиқоти илмии донишмандон А.Маниёзов, А.Сайфуллоев, А.Нуралиев, А.Саъдуллоев, М.Муродов оид ба паҳлӯҳои мухталифи он гузоришҳои илмӣ мавҷуд аст, ки такрори он ҷоиз нест. Аз мутолиаи онҳо бармеояд, ки очерк ва публитсистика дар адабиёти саддаи ХХ-и форсии тоҷикӣ мавқеи устувор дорад. Ба он устодон С.Айнӣ, Ҷ.Икромӣ, С.Улуғзода, Р.Ҷалил, Ф.Муҳаммадиев, А.Шукӯҳӣ, Ҳ.Аскар, М.Турсунзода, Б.Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Гулчеҳра Сулаймонӣ, У.Рачаб, Шералӣ Мӯсо ва чанд нафари дигар эътибори махсус додаанд.

Убайди Раҷаб зиёда аз 20-мақолаи публисистӣ ва гузоришҳои илмӣ омода кардааст, ки то ба имрӯз дар маҷмӯаи алоҳида чоп шуда, дастраси хонанда нагардидааст. Дар рафти пажӯҳиш ва боздид аз бойгонии Убайд Раҷаб маълум гардид, ки онҳоро ба гурӯҳҳои зайл ҷудо кардан мумкин аст:

Якум, гузоришҳое, ки хусусияти забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ доранд. Ба ин «Забон ва ҳусни баён» (1978), «Қайдҳо аз хусуси адабиёти бачаҳо» (1978), «Дар баёзи адабиёти кӯдакон ва наврасон», «Адабиёти бетанқид (1978), «Адабиёти кӯдакон ва тарбияи ахлоқ» (1979) ва ғайра мисол шуда метавонад.

Дар мақолаи «Забон ва ҳусни баён» шоир кӯшидааст, ки диққати ҷиддии хонандаро оид ба ҳусни баён дар матбуот ва радиою телевизион ҷалб кунад. Миллионҳо нафар одамон аз навгонӣ ва бозёфтҳои давр маҳз тавассути радиою телевизион ва матбуот огоҳ мегарданд. Пас, он бояд воқеияти рухдодаро фаҳмо ба мардум расонад. Худихтироъкориҳою кашфкориҳои нолозим ҷоиз нест.

Убайди Раҷаб таъкид мекунад, ки «Забони матбуот ва радиою телевизионро махсус сохтан ва бофтан мумкин нест. Забони матбуот ҳамонест, ки барои аксарияти мардум фаҳмост ва ба забони зиндаи халқ такя мекунад, мувофиқи қоидаҳои китобат аст. Дар айни ҳол он забони шахшудае нест, он забон ба монанди зиндагӣ бой мешавад, пеш меравад ва такмил меёбад.

Баъзеҳо, хусусан кормандони қисме аз рӯзномаҳо даъвое доранд, ки ҳусни забон ва рангинии баёнро риоя кардан кори нависанда мешавад, чунки вазифаи матбуоти ҷорӣ ҳар навъ ки набошад, то ба мардум расонидани воқеаҳои рӯз аст. Ба гумонам ин тавр фикр кардан ғалати маҳз аст. Зеро матбуот дар баробари ҷорчии навъҳои зиндагӣ буданаш паҳнкунандаи он тозагиҳоест, ки тавассути зиндагии ҳаррӯзаи халқ дар забони зинда ба миён меояд. Яъне рӯзноманигорон ҳам тавлидкунандаю тарғиботчӣ ва ҳам пуштибони доимии навиҳои забони зиндаи халқанд. Бинобар ин, тозагии он ба қоидаву қонуни забони китобати халқ мувофиқат кардани он ва сари вақт аз ибтидо дуруст ба қолаби умумии забон рехтани калимаву ибораи нав зарурате дорад ва ниҳоят муҳим аст.

Барои мисол охирҳои соли чилум ва ибтидои солҳои панҷоҳум чӣ дар матбуот ва чӣ дар адабиёт эҷоди калима ва иборасозиҳои аҷибе расм шуд. Мардум ибораҳоро кӯтоҳтару рехтатар баён карданӣ шуда, ихтироъкориҳо кардан гирифтанд. Масалан, ба ҷойи «ҳисоб мекунам – меҳисобам», ба ҷойи «шукӯҳ медиҳем – мешукӯҳонем», ба ҷойи «ҷило медиҳем – меҷилоёнем» ва ғайра менавиштагӣ шуданд. Аммо ин ихтироъҳо, чунонки мегӯянд, умумӣ нашуданд. Халқ қабул накард, зеро гӯшхарош буданд. Қоида ва талаби забонро аксар ба инобат намегирифтанд.

Ҳоло бошад, дар хабару мақолаҳои матбуоти мо, ки аз ҷиҳати забон асосан дурустанд, гоҳо нодуруст кор фармудани калимаҳо ба чашм мерасад ва агар касе ба он бо назари эҷод нигарад, ҳамчун ғалати машҳур маънидод мекунад. Ман калимаҳои **китф, қуфл, вусма, пул, ҳавр, дугона** ва ғайраро дар назар дорам, ки ба шаклҳои **кифт, усма, купрук, ҳавл, экизак** ва ғайра хеле маълум шудаанд. Албатта, халқ қисме аз ин калимаҳоро дар шакли дуюм истифода мекунад, вале набояд фаромӯш кард, ки ҳама вақт онро дар китобат дар шакли аввала, ки шакли дурусти он калимаҳост, овардаанд. Яъне, ин ҷо хулосае бармеояд, ки забони хабару мақолаҳои матбуот низ бар он қоида бояд такя кунад, чунонки дар китобат ҳаст, на дар гуфтугӯ.

Устод Айнӣ, ки аз донандагони хуби забони зиндаи халқ буданд, таълим дода, дар айни ҳол бо эҷоди худ собит кардаанд, ки забони навиштаҳо бояд баробари қонуну қоида ба мантиқ риоя шавад. Он чи аз рӯйи мантиқ баён мешавад, нишонрас аст. Таҷриба ва мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки мо гоҳо ба ин талаби аз таҷрибаи рӯзгор ҳосилшуда риоя намекунем вагарна дар саҳифаҳои матбуот чунин ҷумлаҳо ва ифодаҳои гӯшхарош ба чашм намерасид. Масалан, гоҳо навишта мешавад:

Говчӯшони ферма уҳдадор шуданд, ки <u>аз сари ҳар модагов</u> се ҳазор литр шир ҷӯшанд.

Сартарошони шаҳри мо уҳдадории худро сарбаландона иҷро карда дар зарфи як моҳ <u>дах ҳазор мӯйи сар</u> мегирифтанд.

<u>Мошинаи таъҷилии ёрирасон хеле</u> дер кард.

Ӯ ханда <u>менамуд</u>, ман тамошо <u>менамудам</u>. Вай завқ <u>менамуд</u>…

Иллати ин ҷумлаҳо дар чист? Пеш аз ҳама дар ноҳамворӣ ва гӯшхарошии онҳост ва ниҳоят, нукси онҳо дар вайрон кардани талаби забон ва мантиқ аст. Масалан, нависанда диққат надодааст, ки ширро аз сари гов намедӯшанд, мошини таъҷилӣ не, балки ёрии таъҷилист…

Ин ҷо сухан аз хусуси калимаи намуд рафт ва бояд бигӯям, ки ин калима дар адабиёти ҳазорсолаи мо асосан ба маънии афт, шакл, симо, намуна, тимсол ва ғайра омадааст. Дар шакли феъли ёридиҳандаи намудан хеле кам вомехӯрад ва асосан маъниҳои намоён шудан, зоҳир шудан, ба назар расидан ва ғайраро ифода кардааст. Имрӯзҳо дар матбуот хеле серистеъмол шудани он дар шакли феъли ёридиҳанда низ чандон матлуб нест…

Дар байни баъзе кормандони матбуот ва радиою телевизион ҳамчунин равияи номақбуле ҳам ҳаст, ки бо умеди хушрӯбаёнӣ ва покизагии забон гоҳо ҳусни онро мекоҳонанд ва халалдор мекунанд, чандон, ки хондани навиштаҳояшон касро дилгир мекунад. Ин ҷо панди устод Мирзо Турсунзода бояд чун ҳалқа дар гӯш дошт, ки гуфтаанд: «ҳар қадар дар таълифи худ камтар ба муғлақбаёни роҳ диҳем, ба шеваи рангини тоҷикӣ, чунон ки халқ гап мезанад, эҷоди худро ба рӯйи қоғаз оварем, ҳамон қадар ин навиштаҳо ба дили хонанда роҳ меёбад. Яъне, дар ин бобат ҳам аз халқ омӯхтан лозим аст…»

Дар гузоришҳои адабиётшиносии шоир аз қабили «Қайдҳо дар хусуси адабиёти бачаҳо» (1978), «Дар баёни адабиёти кӯдакон ва наврасон», «Адабиёти бетанқид» (1978), «Адабиёти кӯдакон ва тарбияи ахлоқ» (1979) масъалаҳои гуногуни адабиёти бачагонаи тоҷик, аз қабили нашри ашъори нави шоирон, ҳусну қубҳи дастовардҳои назм, наср, драматургия дар адабиёти кӯдакон ва наврасони тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Масалан, дар гузориши «Дар баёни адабиёти кӯдакон ва наврасон» заҳмати 5-солаи қаламкашони соҳа чунин баҳогузорӣ шудааст:

«Панҷ соли гузашта адабиёти кӯдакон ва наврасони тоҷикро таконе дод ва пеш бурд. Нашри панҷҷилдаи «Тазкираи адабиёти тоҷик барои кӯдакон» поён ёфт. Беҳтарин намунаҳои адабиёти тоҷик, ки замони зиндагии устод Рӯдакӣ то имрӯз дар бахши назм, наср, драматургия ва адабиёти шифоҳӣ гирд омадаанд, ба таври фишурда дар панҷ ҷилд чоп шуданд.

Шӯрои адабиёти кӯдакон ва наврасон боз қадаме пештар гузошт ва «Тазкираи адабиёти шуравӣ барои кӯдакон»-ро дар ду ҷилд мураттаб сохт, ки намунаи назму насри кунунии понздаҳ ҷумҳуриятро фаро гирифт. Ин ду китоб солҳои 1988-1989 низ рӯи чопро надид.

Нашри ҳафт китоби ду тазкира водор кард, ки барои кӯдакони Тоҷикистон бояд китобхонаи адабиёти ҷаҳонро манзур сохт.

Пайдост, ки нашри чунин силсила, ки бояд 40-китоби калонҳаҷмро дар бар гирад, корест заҳматталаб ва дандоншикан. Лекин набояд ҳаросид ва даступо хӯрд. Ба ин андеша лоиҳаи китобхона тартиб ёфт ва аз муҳокима гузашт. Нашриёти «Адиб» ташаббус нишон дод ва нашри китобхонаро ба нақша гирифт. Се китоби аввали китобхона соли равон ва се китоби дигараш соли оянда чоп мешавад. Нашриёт дар ҳамин даҳсола пурра ба табъ расонидани «Китобхонаи адабиёти ҷаҳон барои кӯдакон»-ро ният дорад.

Дар ин давра ҷумҳуриҳои бародар ба тарҷума ва нашри адабиёти кӯдакон ва наврасони тоҷик мароқ зоҳир карданд. Китобҳои Мирсаид Миршакар, Гулчеҳра Сулаймонӣ, Убайди Раҷаб ва Наримон Бақозода дар нашриёти «Детская литература» (Москва) чоп шуданд. Тазкираи адабиёти кӯдакон ва наврасони тоҷик бо номи «Чашмаҳои Помир» дар нашриёти «Юнацва» (Минск) ба забони белорусӣ ва «Мо аз Помир омадем» ба забони литвонӣ дар нашриёти «Витурис» (Вильнюс) ба табъ расиданд. Чунин як тазкира дар нашриёти «Жали» (Алма-Ато) ба забони қазоқӣ ба нақша гирифта шудааст.

Китобҳои алоҳидаи нависандагону шоирони шинохтаи мо ба забонҳои қирғизӣ, ӯзбекӣ, эстонӣ ва молдавӣ низ рӯи чопро диданд…»

Дар гузориши зикршуда, ки иборат аз як ҷузъи чопӣ аст Убайди Раҷаб ба масъалаи наср, назм ва драматургияи бачагона диққати ҷиддӣ додааст. Ӯ роҷеъ ба насри кӯдакон ва наврасон чунин ишора дорад:

«Насри кӯдакон ва наврасон дар ин панҷ сол қадаме ба пеш гузошт ва мавқеи худро дар адабиёт мустаҳкам кард. Ин пешравӣ бо ҷаҳд ва кӯшиши чанд тан аз нависандагони шинохта ва нисбатан ҷавон, монанди Болта Ортиқов, Абдумалик Баҳорӣ, Абдулҳамиди Самад, Қулмуҳаммади Абдулҳусайн, Равшани Ёрмуҳаммад ва Насими Раҷаб сурат гирифт. Мизи мудавваре, ки моҳи октябри соли гузашта бо иштироки нависандагони Москаву Ленинград барпо гашт, ин нуқтаро бори дигар хотиррасон кард…».

Дар мавриди назми бачагона ӯ чунин ишора дорад:

«Шеъри кӯдакон ва наврасон дар ин давра ду тарз ҷараён ёфт: бо усули маъмулӣ ва қиссапардозӣ. Шеъри наврасон бештар дар қолабҳои маъмулӣ ва образу ифодаҳои маълум баён гардид. Шоирон гоҳо ба мавзӯъҳои тоза ва як андоза ҷолиб даст заданд, аз хусуси табиат ва паррандаву наботот доманадор сухан ба миён оварданд (дар ин роҳ бештар Алӣ Бобоҷон камар баст), аз боби хидмати аскарони имрӯз, сангин ва пурифтихор будани ин хизмат ва муҳофизати Ватан лаб ба гуфтор кушоданд. Дар ин мавзӯъ Ҷӯра Ҳошимӣ бо номи «Хати амонӣ» як китоб шеър гуфт. Гулчеҳра ва Ҳайдаршоҳ дар боби ситоиши Ватан ва одобу ахлоқи ҳамида ва рафтору кирдори нек шеърҳо навиштанд…

Дар шеъри наврасон китоби яклухту чашмрасе ба табъ нарасид. Аз ин ҷост, ки нашриёти «Адиб» ҷойи холии ин қисматро бо маҷмӯаи шеърҳои барои калонсолон таъйиншуда пур кард.

Аммо барои кӯдакони синни хурду мактабӣ ва томактабӣ шеъри зиёд ва достон навишта шуданд. Барои хонандагони ин сину сол китобҳои Гулчеҳра («Сичароғ»), Убайди Раҷаб («Тирукамон дар рӯйи бом», «Кучо шуд пинҳон тафси тобистон?», достони «Бобо чаро ризо нест»), Н,Бақозода («Дафтари мо кони панҷ!»), Алӣ Бобоҷон («Зардолуи маҳтобӣ»), Ҷӯра Ҳошимӣ («Хати амонӣ»), Гулназар («Се кулчаи танӯрӣ») Юсуф Аҳмадзода («Ҳулбу») аз чоп баромаданд. Қисме аз ин китобҳо, монанди китобҳои Гулчеҳра («Сичароғ») ва Наримон Бақозода (« Дафтари мо кони панҷ!») як навъ гулчини эҷодиёти муаллифон буданд, дастовардҳои эҷодии онҳоро ба тариқи мунтахаб пешкаши хонандагон карданд…»

Шеъри томактабиён ва кӯдакони синни хурди мактабӣ бештар кӯтоҳӣ ва саҳеҳии баёнро мехоҳад. Андешаи шоир агар саҳеҳ ва равшан аст ва дар қолаби шинам баён шудааст, писанд меафтад. Чунончӣ дар як шеъри аз чаҳор сатр иборати Ҷӯра Ҳошимӣ мехонем:

Чумчуқ чӣ-чӣ мегӯяд,
Медонӣ чӣ мегӯяд?
Дар мактаби чумчуққо
Ман аълочӣ мегӯяд.

Убайди Раҷаб пешравии драматургияро бо театр сахт мансуб медонад ва роҷеъ ба драмаҳои бачагона чунин гуфтание дорад:

«Драматургияи кӯдакон ва наврасон мисли ҳамеша аз бахши суст ва қафомондаи адабиёти мост. Дар ин бобат шоир Наримон Бақозода ва драманавис Шамсӣ Қиём беш аз дигарон кор мекунанд. Намоишномаи «Бахтатро бедор кун» соли 1967 дар театри ба номи Лоҳутӣ намоиш дода шуд, ки муаллифаш Наримон Бақозода аст. Ҳамчунин кӯдакон соли 1989 дар Театри лухтаки шаҳри Душанбе афсонаи «Ҳасанак – Алфасанак»-ро тамошо карданд ва намоиши он то имрӯз давом дорад. Ин асар ҳам навиштаи Наримон Бақозода аст…

Инкишофи драматургия ба театр сахт вобастагӣ дорад. Ҳамкории театр ва драманавис омили пайдо шудани намоишномаҳои хуб аст…»

Ба пиндори мо гузоришҳои фавқ дар пешравии забони матбуот ва омӯзиши адабиёти бачагона аз аҳамият холӣ нест.

Дуюм, гузоришҳое, ки дар маҷлис, машварат, ҷаласаҳои Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва берун аз он садо додаанд. Ба он гузоришҳои «Музокира дар анҷумани VIII нависандагони Тоҷикистон», «Матни гуфтор дар анҷумани нуҳуми нависандагони Тоҷикистон» (27-28.03.1986) «Анҷумане, ки даъваташ як сол тӯл кашид» («Адабиёт ва санъат» 18.06.1992) ва чанде дигар мисол шуда метавонад.

Убайди Раҷаб дар тамоми гузориш ва музокираҳояш бо асноди илмӣ ва мисолҳои реалӣ пуштибон ва ғамхори адабиёти кӯдакон ва наврасони тоҷик буданашро нишон додааст. Ӯ ба ҳамкасбони худ эрод гирифта, дар анҷумани VIII Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон қайд кардааст:

«Кӯтоҳии кори мо дар он аст, ки кам меомӯзем: аз бузургони гузаштаи худамон ва саромадони дирӯзу имрӯзи адабиёти ҷаҳон дуруст сабақ намегирем, мутолиа ва омӯзиш шуғли ҳамешагии мо қарор нагирифтааст. Аз хона кам берун меравем, тағйироти дар рӯзгори халқ ба вуқӯъ пайвастаро кам мушоҳида мекунем, аз ҳаёти бача, аз мактабу маориф, аз сохтмонҳо худро канора мегирем. Бинобар ин, назарамон маҳдуд, доираи мавзӯамон танг ва масъалаҳои бамиёнмегузоштаамон хурданд.

Муаллифони адабиёти кӯдакон ва наврасони мо аксарият имрӯз ҷавонон ва миёнсолонанд ва ин миқдор аз ҳисоби як зумра ҳаваскорон, ба монанди Муҳаммад

Ғоиб, Ҷӯра Ҳошимӣ, Юсуф Аҳмадзода, Латофат Кенҷаева, Маҳбуба Неъматова ва дигарон меафзояд. Адибони ботаҷрибаамон, онҳое ки барои калонсолон асар эҷод мекунанд, ба адабиёти бачаҳо наздик намешаванд, ки ба назарам чандон дуруст нест. Таҷрибаи бисёрсолаи адабиёти худамон ва адабиёти дигар халқҳо собит кардааст: онҳое ки барои калонсолон эҷод мекунанд, барои бачагон ҳам асарҳои хуб ҳадя карда метавонанд.[††††] Чаро муаллифони кордида ва соҳибтаҷриба ба эҷоди асарҳо барои бачагон машғул намешаванд ва бори вазнини ин адабиётро каме сабук намегардонанд ва ҷойи холии онро бо асарҳои хубу пураразиш пур намекунанд? Ба замми муҳтарам Ҷалол Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Сотим Улуғзода, Фотеҳ Ниёзӣ ба ин кори муфид Мӯъмин Қаноат ва Фазлиддин Муҳаммадиев, Лоиқ Шералӣ ва Бозор Собир, Муҳиддин Хоҷаев ва Саттор Турсун, Сорбон ва Расул Ҳодизода барин касон низ хизмате карда метавонанд. Ҳам адабиёти бачаҳо ва ҳам худи онҳо аз ин кори хайр бурд мекунанд…»

Ба назари инҷониб масъалаҳои бамиёнгузоштаи Убайди Раҷаб ҳақиқати воқеӣ доранд. Модоме, ки Ватанамон, сарзаминамонро, оилаамонро дӯст дорем, пас, ғами атфоли он парвариши он ва таъбу нашри адабиёташро ҳам хӯрдан лозим аст. Убайди Раҷаб ба собиқ СССР нигариста нигоштааст:

«Дар мамлакати мо қариб ҳаштод нашриёти махсус соле зиёда аз се ҳазор номгӯйи китоби бачагона чоп мекунад, 150 газета ва 72 журнал дар хизмати кӯдакон аст. Як худи нашриёти «Детская литература» соле 650 номгӯйи китоб мебарорад. Адади умумии нашри китоб дар ин нашриёт дар зарфи панҷсолаи гузашта 1 миллиарду 120 миллион нусхаро ташкил дод. Ба иловаи ин санад чунин газетаю журналҳо, монанди «Пионерская правда», «Юность», «Пионер», «Вожатый», «Юный техник», «Юный нотуралист», «Техника молодежь», «Мурзилка», «Весёлые картины», «Колобок» ва ғайра барои бачаҳо асар чоп мекунанд…»

Дар Тоҷикистони мо газетаи «Анбоз», журналҳои «Истиқлол», «Чашма», «Чистон», «Афсона» ва чанде дигар бори ин нашрияҳоро бар дӯш дорад.

Хушбахтона, нашрияҳои махсус барои бачаҳо бо ибтикори Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо номи «Адабиёти бачагона» фаъолият намуда истодааст, ки яке аз бунёдгузору ба самъи ҳукумат расонидани чунин як кори муҳим марҳум Убайди Раҷаб аст. Зеро бо ташаббуси ӯ дар вақти вохӯрии Президенти кишвар бо аҳли зиё дар кохи «Ваҳдат» масъалаи таъсис додани нашриёти алоҳидаи бачагона ва бо дастгирии Ҷаноби Олӣ ҳар сол чоп шудани китобҳои уламову удабо ва шоиру нависандагон тавассути нашриётҳои кишвар ба миён гузошта шуда буд.

Сеюм, мақолаҳое, ки хусусияти тарғиботи китоби кӯдак, саломатии кӯдак, такягоҳи кӯдак ва дӯстдори кӯдак будани ҷомеаро баррасӣ мекунанд. Ба он «Базми китоби кӯдакон» («Маданияти Тоҷикистон», 25.03.1983), «Дилсӯзи кӯдакон бошем» («Тоҷикистони советӣ», 1.06.1988), «Кудаконро ранҷонидан наметонем» («Газетаи муаллимон», 11.04.1989) ва чанде дигар мисол шуда метавонад.

Шоир ифтихор аз он дорад, ки 70-сол пеш бо иқдоми яке аз фидоиёни арсаи адабиёти кӯдакон ва наврасон Лев Кассиль фикре пайдо шуд, ки «бояд рӯзҳои таътили баҳоронаи мактабиёнро ҳамчун ҳафтаи мулоқоти нависанда бо хонанда, ҳафтаи тарғибу ташвиқи китоб истифода бурд. Онҳое, ки барои кӯдакон асар менависанд ва манфиати ин адабиётро дар ҷойи аввал мегузоранд, бояд ба клубу қасрҳои пионерон, мактабу маҳфилҳо ва китобхонаву қироатхонаҳо бираванд, бо хонандагони қунҷкову серталабашон мулоқот ороянд, аз хусуси китоби оянда ва пешомадҳои эҷодиашон ҳикоя кунанд, аз талабот ва дархости мусоҳибонашон огоҳӣ ёбанд ва бо суҳбати шавқовари худ дилашонро нисбат ба китоб ва адабиёт бештар гарм кунанд, то аз китоби барояшон таъиншуда беҳтар манфиат бардоранд, Маслиҳат, ки муфид буд, писанд омад, қабул карданд ва «Ҳафтаи китоб»-аш номиданд, ки аввалин маротиба баҳори соли 1944 гузаронида шуд.

[††††] Ба ин «Ҷаллодони Бухоро», «Мактаби кӯҳна», «Ятим»-и устод Айнӣ, ашъори рӯҳбахши устод Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Пайрав ва Деҳотӣ, повести Ҷалол Икромӣ «Аз Москав чӣ овардӣ?», китоби Сотим Улуғзода «Субҳи ҷавонии мо», ҳикояҳои намакини Раҳим Ҷалил, «Қиссаи Димаи диловар»-и Фотеҳ Ниёзӣ, повесту ҳикояҳои Пулод Толис, шеъру достонҳои Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ, Аъзам Сидқӣ ва дигарон ба назари мо мисоли хуб шуда метавонанд. – Ф.Ҳ.

Дар давоми бештар аз бисту панҷ сол «Ҳафтаи китоб» асосан дар шаҳри Москва гузаронида мешуд, расми кушоди он дар рӯзи аввали таътили баҳорона дар хонаи иттифоқҳо ба вуқӯъ мепайваст. Баъд аз он муаллифон ба суҳбати ҳаводорони беқарори шеъру ҳикоя ва қиссаву достон мешитобиданд, тавассути нашрияву радиову телевизион андешаҳои худро ба арзи умум мерасониданд. Роҳбар ва ташаббускори бебадали ҳамаи ин мулоқот ва суҳбатҳо ҳамон Лев Кассили ғамхору дилсӯз буд» (12, 1).

Ҳоло ин ташаббус дар ИДМ ба ҳукми анъана даромадааст. Дар ҷумҳурии мо илова бар ин чорабинии «Корвони китоб» ва «Корвони саломатӣ» таъсис доданд, ки дар ҳар як шаҳру ноҳия бо шоиру нависанда ва аҳли илму адаб мулоқот доир мегардад. Саломатии кӯдак, тарғиби китоби кӯдак вазифаи ҷонии он аст. Дар шароити имрӯза, ки асри иттилоот, интернет ва технологияи нав аст, ҷойи китоб холӣ аст. Ба пиндори инҷониб лаззат ва ҳаловате, ки аз мутолиаи китоб мегирӣ, аз расонаҳои зикршуда бардоштан амри муҳол аст. Аз ин рӯ, месазад, ки шавқи кӯдаки мактабӣ ва синни томактабиро ба мутолиаи китоб даҳчанд кард, зеро ки «аниси кунҷи танҳоӣ ва фурӯғи субҳи доноӣ» китоб аст.

Баргузории ҳафтаи китоб, ҳафтаи дӯстии нависандаю хонанда ва базми адабиёти халқҳову миллатҳои гуногун аст, чунки бе китоб дониш нест ва бе донишӣ умр ба сар бурдан маънӣ надорад.

Дар мақолаи «Кӯдаконро ранҷондан намемонем» Убайди Раҷаб кӯшидааст, ки ҳамчун раиси президиуми правленияи Хазинаи кӯдакони Тоҷикистон як навъ ҳисобот диҳад. Дар он омадааст, ки «хазинаи кӯдакони Тоҷикистон нашрия надорад. Шуъбаи Оренбургии Хазинаи советии кӯдакон ҳамроҳи рӯзномаи вилоятии «Южный Урал» моҳномае ба чоп медиҳад. Хазинаи кӯдакони Литва якҷоя бо Вазорати маорифи халқи Литва маҷаллаи ҳармоҳаи «Оила»-ро нашр мекунад.

Мо аз КМ ПК Тоҷикистон хоҳиш кардем, ки нашрияҳои партиявӣ ва комсомолӣ моҳе як саҳифаи худро ба ихтиёри хазина вогузоранд. Аммо ҳанӯз ризоият нагирифтаем. Фақат тавонистем, ки ризоияти роҳбарияти телевизионро бигирем, то тавассути он аз хусуси корҳоямон ба мардум гуфтугӯ бикунем. То ҳол се намоиш ба мардум пешкаш шуд. Ба намоиши чаҳорум омодагӣ меравад. Ҳаминро ҳам бигӯям, ки дар давоми сол мо ба воситаи «рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ», «Газетаи муаллимон» ва «Ҷавонони Тоҷикистон» аз кори хазина хабар додем. Ин нашрияҳо саҳифаҳои худро ба ихтиёри санадҳои хазина гузоштанд ва ҳамроҳи телевизиону радио дар бобати ҳимояи кӯдак ва кӯдаки иттифоқчиёни хазина буданашонро собит карданд. Ташаккури самимӣ ба онҳо…» [13, 3].

Сад шукр, баъд аз Истиқлолият ба даст овардани ҷумҳурии Тоҷикистон орзуҳои шоир ҷомаи амал пӯшид. ТВ кӯдакон ва наврасон бо номи «Баҳористон» ба фаъолият оғоз кард. Мактабҳои типи нав аз қабили литсей, гимназия, мактаб барои хонандагони болаёқат ва дабистонҳои Президентӣ кӯдакону наврасонро фаро гирифтанд. Таъсиси квотаи Президентӣ ва кушодани суратҳисоби алоҳида барои кудакони ятим ва бепарастор далел бар он аст, ки онҳо яккаву танҳо нестанд. Гуфтаи М.Горкий ба хотир меояд: «Ҳар қадаре мо ба кӯдакон эътибор диҳем ва оқилона муҳаббат изҳор кунем, ҳамон қадар ҳаёт дурахшонтару зеботар хоҳад шуд, чунки кӯдакон гулҳои зиндаи заминанд».

Чорум, мақолаҳое ки ёде аз рӯзгори «Садои Шарқ» ва муҳити корию таъзиқу фишори замони рукудро пешкаши хонанда мегардонад ва маҳз он то ба имрӯз рӯйи чопро надида дар бойгонии шоир маҳфуз мондаанд. Онҳо ҳамагӣ ду адад буда, «Чанд сухан» (1978) ва «Сабақҳои мактаби «Садои Шарқ» номгузорӣ шудаанд. Аз омӯзишу таҳқиқ ва пажӯҳиши онҳо бармеояд, ки Убайди Раҷаб гарчанде 14-сол сармуҳаррири «Садои Шарқ»-ро сарбаландона иҷро карда, адади нашрро аз чаҳор ҳазор ба чиҳил ҳазор расонид (дар шароити Тоҷикистон нишондоди баланд аст. – Ф.Ҳ.), аммо ба ӯ бо хусумат назар мекарданд. Сахтгириашро намеписандиданд ва ба унвони КМ ПК Тоҷикистон мактубҳо равона мекарданд. Обро лой карда, моҳӣ доштанӣ мешуданд ва қарори бюрои КМ ПК Тоҷикистонро бароварда журналро месанҷиданд. Тавре Убайди Раҷаб овардааст:

«Қарори КМ ПК Тоҷикистон асосан кори ду шуъбаи журнал-шуъбаи наср ва танқидро дар бар гирифтааст. Аммо гуфта метавонем, ки аз ин қарор тамоми шуъбаҳои журнал хулосаи даркорӣ хоҳанд бароварда ва кори худро дар асоси он аз нав хоҳанд сохт…

Хулосаи аввалин аз суҳбати дар котиботи КМ ПК Тоҷикистон оид ба журнал (1973) баровардаи мо он буд, ки роҳбарони журнал (сармуҳаррир, ҷонишини сармуҳаррир ва котиби масъул) вазифаи ба шуъбаҳо роҳбарӣ карданро байни ҳам тақсим кардем. Назорати бевосита ба шуъбаи танқиди адабӣ ба уҳдаи ҷонишини сармуҳаррир, мунаққид Аскар Ҳакимов, шуъбаи наср ва очерку публисистика ба зимаи котиби масъул нависанда Юсуф Акобиров ва шуъбаи назм ба уҳдаи сармуҳаррир гузошта шуд. Ҳамаи асарҳои аз ин шуъбаҳо ба чоп ҳозиршуда бо тасдиқ ва тавсияи бевоситаи онҳо ва бо ризоияти сармуҳаррир чоп шудаанд.

Асарҳое, ки ба редаксия меоянду дар ҳайати таҳририя муҳокима мешаванд, дубора аз назари шуъба ва шахси масъул мегузарад, ки ба ин кор вобастааст. Мо панҷ соли охир ҳамин тавр кор кардем ва кор карда истодаем. Асарҳои дар қарори бюрои КМ ПК Тоҷикистон зикршуда низ ҳамин тавр ба чоп рафтанд.

Камбудии шахсии ман ин ҷо шояд аз он иборат аст, ки ман нисбат ба ин рафиқон камтар сахтгирӣ кардам.

Принсипи кори журнал дар интихоби материалҳо, чунон ки роҳбарияти Правленияи Иттифоқи нависандагон таъкид кардаанд чунин аст: **Мангар, ки муаллифи асар куҷост, бингар, ки чӣ овардааст ва он чиз ба адабиёт чӣ медиҳад**…»

Маҳз ҳамин сахтгирӣ ва серталабӣ буд, ки сифати чопи журнал ва маводҳои он дар байни хонандагони Тоҷикистон ва берун аз он маҳбубияти зиёде пайдо кард. Тибқи гузориши «Чанд сухан»-и Убайд Раҷаб агар дар давоми соли 1976 дар саҳифаҳои журнал 204 ва дар зарфи соли 1977 дар саҳифаҳои журнал 245 нафар муаллифон асар чоп карда бошанд, бад нест. Дар қисми охири ҳамин мақола Убайди Раҷаб зикр кардааст:

«Дар маълумотномае, ки ба унвони аъзоёни Бюрои КМ ПК Тоҷикистон расидааст, маро ба маҳалпарастӣ айбдор кардаанд. Бюрои КМ ин фикрро рад кард, ки сад ташаккур мегӯям. Чунин гумон ба сари онҳое меояд, ки худ дар ботин гирифтори чунин беморӣ ҳастанд… Мисоле нест ва касе гуфта наметавонад, ки чун сармуҳаррир ин ё он асари шахси маҳалли дигарро, ки аз тарафи сексияҳои эҷодии мо, ё котибот, ё президиуми Иттифоқи нависандагон барои чоп ба «Садои Шарқ» тавсия шудааст, аммо ман ба баҳонае гардонда ва ба ҷои он чизе аз «ҳамшаҳриёнам» чоп карда бошам. Чунин далеле нест ва нахоҳад буд. Баръакс агар асарҳои намояндагони маҳалҳои дигар баъди як муҳокима ба чоп рафта бошад, асарҳои Кӯҳзод, Сорбон («Як рӯзи дароз…»-ду бор, «Шинел»-се бор) ва дигарон ду ва себорӣ мавриди муҳокима қарор гирифтааст ва ҳатто барои чопашон бо шуъбаҳои КМ маслиҳат кардам. («Шинел»-и Сорбонро шахсан собиқ ҷонишини мудири шуъбаи маданияти КМ Қ.Мирзоев хонда, ба чоп низ тавсия кардааст)…»

Аз мақола ва иқтибосҳои зикршуда ҳамчун далел бармеояд, ки сармуҳаррирро дар назди хонанда доғдор карданӣ шудаанд. Илова бар ин аминам, ки гузориш дар ҷаласаи ҳамонвақтаи партиявии замондорони давр баррасӣ шуда, лек ба ном идеологияи қолабии давр мӯйро аз хамир ҷудо карда натавонист ва Убайди Раҷаб бо баҳонаҳои гуногун ва чопи китоби «Гузашти айём»-и равоншод Ҷумъа Одина аз вазифа сабукдӯш гардид. Ҷумъа Одина таҳаммул карда натавониста, фавтиду Убайди Раҷаб шоҳиди бо мукофоти давлатии ба номи Рӯдакӣ қадр гардидани «Гузашти айём» гардид ва бо дили пок ба назди бузургон рахти сафар баст. Аҷаб қонунҳои носуфтае дорад, зиндагӣ…

Бо вуҷуди ин, Убайди Раҷаб нисбати «Садои Шарқ» садоқати хоссае дошт. Ӯ дар «Сабақҳои мактаби «Садои Шарқ» ном мақолааш, ки аз бойгониаш дарёфтем, гуфтааст: «Барои ман ин нашрия дар ҳисоби як мактаб аст, мактаби зиндагӣ. Дар оғӯши пур аз муҳаббаташ муддати бист сол ба сифати як нафар шогирд дарс хондам ва пой бар муҳити амал гузоштам. Хотироти фаромӯшнашудание аз худ боқӣ мондаанд он солҳо…» Кадом хотираҳо? Ба пиндори инҷониб дар он солҳо «Садои Шарқ» барои толибони илми адабиёт ягона сарчашмаи донишомӯзӣ ба шумор мерафт.

Дувум, ин ки ҳар як қаламкаш ва аҳли илму адаб аз ин даргоҳ аз суҳбатҳои самимӣ ва муҳокимаҳои ҷиддӣ аз хусуси адабиёт таассуроти хуб мебардошт. Убайди Раҷаб гуфта: «Эҳсосоти аз суҳбати устодон баҳра бардоштан ва панде чанд омӯхтан боло гирифт ва маро ба остонаи «Садои Шарқ» бо даъвати Турсунзода оварда.

Шаш соли аввали хизмат дар «Садои Шарқ» зарурат маро аз шуъба ба шуъба гардонд ва шароите муҳайё сохт, ки бо ҳама кори нашрия хубтар шинос шавам ва дақиқ сарфаҳм биравам. Азбаски ходимони мувофиқ кам буданд, лозимам омад, ки аввал дар шуъбаи танқиду адабиётшиносӣ, пас дар шуъбаи назм ва муддати як сол

дар вазифаи котиби масъул хидмат кунам. Ҳамин шаш соли аввал роҳ нишон дод, ки хубиро аз зиштӣ ва хомиро аз пухтагӣ беҳтар фарқ кунам ва ба асрори кори идора дуруст сарфаҳм биравам. Бинобар ин, соате анҷумани шашуми нависандагони Тоҷикистон вазифаи бисёр масъули сармуҳарририи «Садои Шарқ»-ро ба зиммаи ман гузошт, бо ҳамаи ғайричашмдошт будани ин таъинот, ба қадри сари мӯе вуҷуди маро эҳсосоти нобоварӣ ва ҳарос фаро нагирифт. Чунки мушкили вазифаро хуб дарк мекардам ва як андоза омода будам. Аён буд, ки душвориҳо ба миён меояд…» Суоле ба миён меояд, ки кадом душвориҳо?

Сараввал бо ҳар баҳона ходимони масъули маҷалла аз иҷрои вазифаи ҷониашон рӯ тобиданд ва муҳарририи нашриётро аз ходимии «Садои Шарқ» авло донистанд.

Дуюм, вазъи кор дар идора хуб набуд: мудирони мувофиқи табъ дар шуъбаҳо намерасанд, чопи нашрия се-чор моҳ қафо монда буд, санад барои шумораҳо кифоя намекард. Бо вуҷуди ин Убайди Раҷаб аз сари андеша фурӯ рафта? устод Мирзо Турсунзода маслиҳат пурсид. Аз Пӯлод Толиси сармуҳаррир ва муҳаррирони дигар ёд кард. Аз рӯҳашон мадад хост ва ананаи Пӯлод Толисро дар идора, ки қобили қабул буд, идома доду ёди он рӯзҳоро кард:

«– Нашрияи адабӣ, – гуфта буд Толис, – байни дастнависи муаллиф ва китоб як навъ пул аст. Агар дастнавис ба баҳои аъло сазовор бошад, нуран алонур ва агар ба баҳои севуниму чаҳор арзад ҳам, ба шарте нуқси дигар надошта бошад, бояд рӯйи чопро бинад. Маҷалла восита ва василаест, ки асари муаллифро ба хонанда мерасонад, то ӯ арзи мулоҳиза кунад ва муаллиф пеш аз ба нашриёт супорида китоб кардан онро дубора қалами таҳрир занад ва пухтатар гардонад…»

Ҳамин тавр, Убайди Раҷаб панди Пӯлод Толисро пилта дар гӯш карда нақшаи моҳона, семоҳа, шашмоҳа, нуҳмоҳа ва солонаи журналро бо кормандони идораву муаллифони фаъол таҳия кард. Фикру мулоҳиза ва пешниҳоди ҷолиби эшонро ба инобат гирифта аз паси кор шуд… Таъсиси гӯшаҳои «Аз мост, ки бар мост» ва «Мактубҳои хонандагон» самараи ҳамин ҳамкорист. Убайди Раҷаб нигошта: «Мо навиштаҳои муаллифонро ба хушнудӣ қабул мекардем ва кӯшиш бар он доштем, ки дар андаке вақт қобили чоп будан ё набудани дастнависро бигӯем. Кашолкорӣ ва дуруштмуомилагиро аз байн бурдан лозим буд. Ҳамин тавр ҳам шуд, аксарияти муаллифон аз муомилаи хуши ходимон ва софкориву дақиқназариашон изҳори мамнуят мекарданд. Аммо касоне ҳам буданд, ки усули таҳрири ходимони «Садои Шарқ» барояшон як андоза хуш намеомад ва агар дастнависашон андаке кӯтоҳ шуда бошад, аз ноинсофӣ ва беҳурматӣ ба муаллиф медонистанд.

Пештар дар давраи муҳарририи Толис ҳам, инчунин норозигӣ кам набуданд. Вобаста ба ҳамин масъала муноқишаи муаллифи як тақриз ва ходими онвақтаи «Садои Шарқ» ба хотирам меояд. Тақризи муаллифи муҳтарамро ходими идора ба дараҷае таҳрир кардааст, ки аз навиштаи муаллиф ҷумлаи дурусте рӯйи коғаз намонда буд. Ходим лозим донистааст, ки тақризро аз нав покнавис кунад ва ҳамон нусхаи покнависшударо ба муаллиф хононад. Муаллиф тақризро хонда, дар он аз ҷумла ва баёни худ чизеро рӯйи коғаз намеёбад ва барои дар чунин шакл ба чоп рафтани тақризаш ризомандӣ намедиҳад. Чун ходими идора ва муаллифи тақриз ба як қарор намеоянд ва фикрашон байни худ намепазад, назди Толис меоянд, то ҳакам шавад. Толис муаллифи бақаҳромадаро ором мекунад ва мегӯяд, ки то фардо як назар дида мебарояд ва албатта, ҳақ ба ҷояш қарор мегирад.

Баъди рафтани муаллиф Толис аввал матни асл ва баъд матни таҳриршударо аз назар гузаронида то ҳадде худрафтории ходимро аён мебинад ва ӯро назди худ мехонад ва мегӯяд:

– Барои ин қадар таҳрир ва пок навиштани тақриз эҳтиёҷе набуд, муаллифро рӯ ба рӯ нишонда, фаҳмонидан лозим буд, нуқси корашро худаш бигузор дубора таҳрир кунад ва агар қонеъ нашавед, боз барои таҳрир ба худаш баргардонед, вазифаи нашрияи мо муаллифони худро низ тарбия кардан аст.

Панди Толис низ барои ман дарсе шуд… Муаллифон табиати хоса доранд, ба ҳисоб нагирифтани ин чиз то ба ҳадде нуқси кор аст. Муаллифро ба манфиати редаксия кор фармудан ва асари барои чоп ба табъи идора мувофикро бо дасти худи ӯ таҳрир карда, такмил додан кори осон нест. Ҳамин тавр мекардем. Бо яке кор мебурдем, ду ба ду нишаста эродҳояшонро мефаҳмонидем ва худаш ба ислоҳ розӣ мешуд. Ба дигаре шарҳ медодем, ки чи тавр навиштаашро бояд ислоҳ бикунад, то аз ӯ чӣ мехоҳем, ҷоҳои нодаркори дастнависаш кадомҳоянд. Ба ҷоҳои таҳрирталаби

навиштаҳои шахси савум хат мекашидем ё дар ҳошия ва ё дар вараҳи алоҳида як-як батартиб роҳи таҳрири асарашро сабт мекардем ва ба дасташ медодем.

Албатта, қабл аз фиристодани асар ба чопхона хоҳ шеър бошад, хоҳ ҳикояю очерк ва ё хоҳ роману повест ва хоҳ мақола муаллифро бо нусхаи охирини матни асараш ошно мекардем, то чун шахси ризо аз таҳриру тасҳеҳ ба зери матн имзои муборакашро бимонад. Одоби кори матбуотӣ чунин муомиларо тақозо мекард. Бинобар ин, дар ёд надорам, ки дар тӯли солҳои муҳарриям байни ходимон ва муаллифони «Садои Шарқ» дар ин бобат ягон воқеаи боиси дилхунукие рӯй дода бошад. Хиштро аз аввал ба пояи девор рост гузоштем…»

Убайди Раҷаб бисёр сабақҳои зиндагиро аз Толис ва мактаби «Садои Шарқ» омӯхт. Яке аз онҳо дар идора нишаста тавонистани роҳбар аст. Ӯ мегуяд: «Ин хислат ҳам аз Толис ба ман мерос мондааст. Ӯ ҳар рӯз то бегоҳӣ дар идора менишаст. Як нима нони обпарида, як баста қанди сафед, ду сигори «Прима» ва як чойник чойи кабуд ҳамеша дар рӯи мизи кораш буд. Дар идора, ки буд ҳама рӯзи дароз дар атрофаш ҷамъ меомаданд. Агар мепурсиданд, ки чаро ин қадар бисёр менишинад, мегуфт: «Роҳбар бояд дар паси мизи кор нишаста тавонад». Кору гуфтораш ба ҳам мувофиқат дошт.

Убайди Раҷаб хурсанд ва сарбаланд аст, ки аз мактаби Мирзо Турсунзодаю Боқӣ Раҳимзода, Раҳим Ҷалилу Ҷалол Икромӣ, Фотеҳ Ниёзиву Сотим Улуғзода, Пулод Толису Аминҷон Шукӯҳӣ, Мӯъмин Қаноату Ашӯр Сафар гузашта дар пешрафт ва обрӯю эътибор пайдо кардани оинаи адабиёти муосири тоҷик «Садои Шарқ» ба қадри имкон саҳм гузоштааст. Ё ба қавли ӯ:

«Ҳамаи кӯшишу ҷӯшиш ба нияти бо ёрии «Садои Шарқ» ба хонандагон ҳар чӣ бисёртар ғизои маънавӣ додан ва ба ин восита дастраси мардум гардонидани зубдатарин намунаҳои адабиёти имрӯз ва дирӯз буд. Хурсандам, ки бо рағми чашмдошти хеле касон то ҳадде аз уҳдаи ин вазифа баромадем, сазовори бовар шудем, ба мақсаде ки дар назди худ гузошта будем, ба туфайли заҳмату ғайрат баромадем. Солҳои бардавоми умри ҷавон барабас сипарӣ нашуданд…»

Ин аст шаммае аз «Сабақҳои мактаби «Садои Шарқ»-и Убайди Раҷаб ва асарҳои публитсистии ӯ, ки омӯзиши он дар адабиёти садаи ХХ форсии тоҷикӣ ба манфиати кор аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбарзода Ю. Рисолати шоир ва шеър / Ю. Акбарзода. - Душанбе: Адиб, 2009. – 376 с.
2. Амонов Р. Лирикаи халгии тохикӣ / Р. Амонов. – Душанбе: Дониш, 1968. – 412 с.
3. Асозода Х. Воеият, сиёсат ва Айнӣ / Х Асозода. -Душанбе: Шухоиён, 2010. -208 с.
4. Бобокалонова Х. Дар uами айём бар сар мебарӣ айёмро / Х. Бобокалонова // То Ҳаст оламе, то {аст одаме. –Душанбе, 2012. – С. 97-102.
5. Ёрмуҳаммади Р. Адабиёти кӯдакон ва асри ХХI / Р. Ёрмуҳаммади // Омӯзгор.-2006. -28 апрел.
6. Муродов М. Аз таърихи ташаккул ва инкишофи ҳаҷви публитсистӣ дар матбуот / М. Муродов. – Душанбе: Сино, 2007. - 144 с.
7. Насриддинов А. Шар{нависӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик/ А. Насриддинов – Хуханд: Нашриёти давлатии ба номи Ра{им Халил. Ҷ. 1.– С 253.
8. Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ. Шеър дар сарчашмаҳои назарӣ / Раҳим Мусулмониёни Қубодиёнӣ. – Теҳрон:, 1377.
9. Солеҳов Ш. Адабиёт ва шинохти он / Ш. Солеҳов. – Душанбе: Ирфон, 2009. – 240 с.
10. Саъдуллоев А. Публитсистикаи Турсунзода / А. Саъдуллоев. –Душанбе: Адиб, 1988. 108 с.
11. Убайд Рахаб. Дилсӯзи кудакон бошем / Рахаб Убайд //Тохикистони советӣ, 1988, 1 июн.
12. Убайд Рахаб. Базми китоби кӯдакон / Рахаб Убайд // Маданияти Тохикистон, 1983, 25 март.
13. Убайд Рахаб. Кӯдаконро ранхондан намемонем / Рахаб Убайд //Газетаи муллимон, 1989, 11 апрел.
14. Файзуллоев Н. Шеъри атфол дар ғарни бист / Н. Файзуллоев – Хуханд: Нури маърифат, 2005. – 234 с.
15. Шакурӣ М. Хусторҳо дар бораи забон, адабиёт ва фарҳанги Тохикистон / М. Шакурӣ – Теҳрон: Асотир, 1382 (2003). -199 с.
16. Шарифов Х. Сухан аз адабиёти миллӣ / Х. Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2009. - 482 с.
17. Шарифов Х. Каломи бадеъ / Х. Шарифов – Душанбе:, Маориф, 1991,
18. Ҳусейнзода Ш. Каломи манзум / Ш. Ҳусейнзода.– Душанбе, Сарпараст, 2001.
19. Шамсуддин Муҳаммади Қайси Розӣ. ал-Муъҷам… Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп У.Тоиров / Шамсуддин Муҳаммади Қайси Розӣ. – Душанбе, Адиб, 1991.
20. Шарифов Х. Фанни шеър. Танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Ш.Ҳусейнзода / Х.Шарифов – Душанбе, Ирфон, 1985.

УБАЙД РАДЖАБ – ПУБЛИЦИСТ

Статья посвящена публицистической деятельности известного таджикского детского поэта. В своих публицистических статьях поэт обсуждая проблемы таджикского литературного языка и вопросы литературной критики отмечает о способах решения возникших в литературе проблем. Вклад поэта в развитие языка художественной литературы и в целом таджикского литературного языка является весомым и значимым. Убайд Раджаб в свое время стал достойным последователем предыдущих великих таджикских поэтов и литераторов, таких как Мирзо Турсунзаде, Боки Рахимзаде, Рахим Джалил, Джалал Икрами, Сатим Улугзаде и Пулод Толис.

Ключевые слова: детская поэзия, литература, язык, публицистика, литературный язык, поэт, творчество.

UBAID RAJAB – JOURNALIST

Article is devoted to journalistic activities known Tajik children's poet. In his journalistic articles discussing the problems of the Tajik poetry, literary language and questions of literary criticism notes on how to fix problems in the literature and language. Contribution in the development of the poet's language and literature in general Tajik literary language is a significant and meaningful. Ubaid Rajab in his time became a worthy follower of the previous great Tajik poets and writers such as Mirzo Tursunzade Boki Rahimzade, Rahim Jalil Jalal Ikrami, Satim Ulugzade and Pulod Tolis.

Key words: children's poetry, literature, language, journalism, literary language, poet, art and poetry.

Сведения об авторе: ***Хусейнзаде Ф.*** -главный научный сотрудник кафедры теории и современной персидско-таджикской литературы филологического факультета ТНУ.Телефон: **927538765.**

ҲАКИМ КАРИМ ДАР АДАБИЁТШИНОСИИ ТОҶИК

Додихудоев Раҷабалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳаким Карим (1905-1942) аз зумраи он нависандагони муосири тоҷик мебошад, ки бо жанри ҳикоя ё худ новелла дар адабиёти тоҷик мавқеи хосаро ишғол намудааст. Агар устод Садриддин Айнӣ дар заминаи забони адабиёти классикӣ ва забони гуфтугӯйии халқ асосгузори насри бадеӣ ва забони адабии имрӯзаи тоҷик бошад, пас Ҳаким Карим аз бунёдгузорони жанри ҳикоя ва ё худ новелла мебошад, ки дар он мазмунҳои мухталифи иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва таърихӣ дар қолаби кӯтоҳи насрӣ баён мегарданд.

Ӯ ҳангоми таълифи осори худ бештар аз ғановати забони зиндаи гуфтугӯйии баҳра бурда, дар рушду нумӯи забони адабии навини тоҷик саҳми чашмрас гузоштааст. Аз ҳамин сабаб мегӯяд, Б.Камолиддинов: «Дар асарҳои ӯ унсурҳои лексикию фразеологӣ, аломату хусусиятҳои грамматикии забони гуфтугӯйии умумихалқӣ мавқеи муҳим доранд. Вале нависанда аз ганҷинаи луғавии забони адабии тоинқилобӣ низ ба хубӣ воқиф буд ва аз рӯйи тақозои услуби талаботи фикр аз он баҳравар мегардид» [17,184].

Осори Ҳаким Карим дар адабиётшиносӣ ва забоншиносии тоҷик барвақт мавриди таҳқиқот қарор гирифта перомуни он мақолаҳо ва китобҳо ба чоп расиданд, ки дар ин мақола роҷеъ ба мазмуну муҳтавои онҳо ишора мешавад.

Ба андешаи адабиётшиноси маъруф С.Табаров: «Ҳаким Карим ҳанӯз аз солҳои аввали ба адабиёт шавқу завқ пайдо кардан ва пас аз бештар дӯст доштани насри бадеӣ ба навиштани ҳикояҳои хурд иштиёқи калон пайдо мекунад. Муҳаббати бузурги ӯ ба ҳикоянависӣ ба он оварда мерасонад, ки дар як муддати кӯтоҳ (солҳои 1931-1935) аввалин новеллаҳои вай дар байни хонандагон тез паҳн мегарданд ва дар дили онҳо маскан меёбанд» [1,55].

Ҳаким Карим пеш аз панҷоҳ адад достони кӯтоҳ эҷод кардааст, ки аксари онҳо дорои арзиши бадеии хубанд, зеро нависанда таваҷҷуҳи умдаи худро ба шахсияти қаҳрамони достонҳояш равона намудааст [24,84].

Аз соли 1932 сар карда, ҳикояҳои Ҳаким Карим дар саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳои ҷумҳурӣ пай дар пай мунташир мешаванд. Маҷмӯаи нахустин, ки ҳикояҳои «Бегӯш», «Туҳфа», «Оқшуда», «Атака» ва «Марги Коволенко»-ро дар бар мегирад, бо унвони «Садои рӯзҳо» соли 1933 нашр гардид [2].

Маҷмӯаи дуюми нависанда «Ҳикояҳои майда» соли 1935 аз чоп баромад, ки дар он илова бар ҳикояи «Туҳфа» асарҳои нави муаллиф «Латиф Қутил», «Ҳақиқати талх», «Худписанд», «Ҳикояи духтараки ҷингиламӯй», «Хаппак», «Не, ту бадбахт

набудӣ» ҷой дода шудаанд. Ин ҳикояҳо ба мавзӯҳои гуногуни актуалии замони барқарорӣ ва таҳлили Ҳокимияти Шӯравӣ дар Тоҷикистон бахшида шудаанд.

Дар ҳамин айём Ҳаким Карим «оид ба ҳодисаҳои Кӯлоб» ба навиштаи повести «Муҳосира» шурӯъ кардааст. Таъсири услуби новелланависии муаллиф дар повест равшан эҳсос мегардад. Ҳангоми мутолиа ба назар чунин менамояд, ки ҳар як қисми он ҳикояи хурдест, ки як эпизод, як воқеа, як порчаи саргузаштро дар бар мегирад. Ин яке аз аломатҳои характерноки жанри новелла аст. Агар дар тасвири манзара ва эпизодҳои ҷудогона каме тафсил ёфтани сухани муаллифро ба назар нагирем, дар истеъмоли калимаю ифодаҳо, тарзи иборасозию ҷумлабандӣ ва воситаҳои тасвири бадеӣ забони порчаҳои повест аз дигар ҳикояҳои нависанда фарқияте надорад [10,21].

Маҷмӯаи сеюми асарҳои нависанда таҳти унвони «Оқшуда» ва ҳикояҳои дигар соли 1936 интишор гардидааст. Маҷмӯаи нав аз ташаккули услуби новелланависӣ ва то рафт пухтаю мустаҳкам гардидани он, аз инкишофи маҳорати адабии Ҳаким Карим шаҳодат медиҳад [10,21].

Маҷмӯаҳои дигари асарҳои нависанда таҳти унвони «Оқшуда ва ҳикояҳои дигар» (1936), «Ҳикояҳо» (1940) ва «Оқшуда» (1965) интишор гардидааст. Таврe, ки Б. Камолиддинов Таъкид намудаанд, ҳар як тарҷумаи нави нависанда аз ташаккули услуби новелланависӣ ва то рафт пухтаю мустаҳкам гардидани он, аз инкишофи маҳорати адабии Ҳаким Карим шаҳодат медиҳад [10,21]. Аз ин ҷост, ки забони асарҳои ӯ аз як нашр ба нашри дигар суфтатар мегарданд, гоҳе аз элаки софкории таҳрири муаллиф гузашта ба дараҷае сайқал меёбанд, ки суханеро бечо кардан, кам ё зам намудани имконнопазир мешавад [10, 185].

Аз қадамҳои аввалини фаъолияти адабии Ҳаким Карим новеллаҳои пурмазмуну шоиронаи вай диққати аҳли қалам ва мунаққидонро бо худ ҷалб намуд. Пас аз нашр шудани ҳикояи «Худписанд» соли 1934 А.Н.Болдирев дар бораи он тақризи мухтасаре навишта услуби кӯтоҳбаёнии муаллифро ба ананаҳои адабиёти классикӣ ва фолклори тоҷик алоқаманд мекунад [3,38].

Дар баъзе мақолаҳои дигар паҳлӯҳои мухталифи ҳикояҳои нависанда таҳлили мухтасари худро ёфта [4,5,6,7], дар зимни баррасии масъалаҳои адабиётшиносии ҳамонвақта мавриди таҳлил қарор гирифта буданд.

Дар рисолаи номзадии Н.П.Ричкова «Становление и развитие жанра расказа в современной таджикской литературе» бевосита новеллаҳои Ҳаким Карим мавриди таҳқиқ қарор нагирифта бошад ҳам, муаллиф ба забон ва услуби нависанда баҳои баланд дода, ба хулосае меояд, ки новеллаҳои ӯ чӣ аз ҷиҳати мундариҷа, тасвири образ, забон ва бадеият аз ҳикояҳои ҳамонвақтаи дигар нависандагони тоҷик болотар меистад [8].

Дар мақолаи Инна Левшина бо номи «Дар бораи ду нашри асарҳои Ҳаким Карим», ки дар маҷаллаи «Шарқи Сурх» чоп шуда буд, оид ба баъзе паҳлӯҳои эҷодиёти нависанда сухан меравад [16]. Муаллиф аз ҷумла қайд мекунад, ки «Ҳаким Карим бо адабиёти рус ба хубӣ шинос буда, хусусан А.П.Чеховро дӯст медошт ва орзу мекард, ки Чехови адабиёти тоҷик шавад» [16, 133].

Мақолаи махсусе, ки ба омӯзиши забони асарҳои Ҳаким Карим бахшида шудааст, мақолаи Х. Ҳусейнов «Диалектизмҳо дар забони ҳикояҳои Ҳаким Карим, баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик» мебошад, ки дар он унсурҳои шевагии забони ҳикояҳои нависанда таҳлил карда мешавад [9].

Ба муносибати шастсолагии нависанда китоби Б.Камолиддинов «Ҳаким Карим» аз чоп баромад, ки дар он ҳаёт, эҷодиёт ва услуби адабии нависанда мухтасар таҳлил карда мешавад [10]. Дар аввалҳои солҳои сиюми қарни ХХ ба саҳни адабиёти тоҷик як гурӯҳ адибони ҷавон ворид шуда, ба кори эҷодӣ камар бастанд. Устодони забардасти назму насри тоҷик Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ онҳоро ба тарбия гирифта, дар мактаби худ дарси нависандагӣ омӯхтанд [10,2].

Ҳаким Карим яке аз он шогирдони пурмаҳорат буд, ки бо ҳикояҳои хурд-хурди пурмазмун ва услуби хоси новелланависӣ дар адабиётамон мақоми босазое дорад. Бинобар ин, «ҳеҷ як адиб ва адабиётшинос, вақто ки ба таърихи инкишофи адабиёти советии тоҷик нигоҳ мекунад, ин номро ба забон нагирифта гузашта наметавонад» [11,78].

Соли 1965 асарҳои мунтахаби Ҳаким Карим бо номи «Оқшуда» аз чоп баромад, ки тартибдиҳанда ва муаллифони сарсухан адабиётшиносон М. Ҳодиева ва А.

Сайфуллоев буданд [12]. Муаллифони сарсухан қайд менамоянд, ки эҷодиёти Ҳаким Карим ҳанӯз омӯхта нашудааст, фақат дар баъзе китоб ва мақолаҳо маълумоти ниҳоят мухтасар ва умумие мавҷуд аст, ки онҳоро иқдоми нахустин дар ин соҳа шуморидан мумкин аст [13, 14, 15].

Соли 1966 дар «Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон, шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ» мақолаи С. Табаров бо номи «Ҳаким Карим ва новеллаҳои советии тоҷик» (баъзе мулоҳизаҳо дар бораи хусуситяҳои наср ба афкори адабии нависанда) нашр гардид [1].

Устод С.Табаров Ҳаким Каримро дар адабиёти шӯравии тоҷик асосгузори новеллаи реалистии ҳозиразамон мешуморад [1,54]. Ҳамчунин дар мақолаи мазкур таъсири нависандагони бузурги рус, махсусан А.П.Чехов ва А.М.Горкий ба эҷодитиё Ҳаким Карим таъкид карда мешавад. Муҳаққиқ хусусияти фардии эҷодии нависандаро чунин баҳо медиҳад: Ҳаким Карим аз як тараф бо воситаи тарҷума кардани асарҳои А.П.Чехов ва А.М.Горкий бо хусусиятҳои фардӣ – эҷодии онҳо беш аз пеш ошно мешавад, дар эҷод намудани ҳикоя ва новеллаҳои реалистӣ аз ин адибони бузург бисёр чизҳоро меомӯзад, маҳорати нависандагии худро ривоҷу равнақ медиҳад ва аз тарафи дигар, ӯ дар заминаи адабиёти миллии худ, дар шароити нави таърихӣ дар якҷоягии хусусиятҳои миллӣ ва интернатсионалӣ асарҳои ҳозиразамони баландмазмуни хусусиятҳои фардидоштаи худро ба вуҷуд меорад [1, 55].

Адабиётшинос Л.Н.Демидчик зимни баррасии насри солҳои 30, ба ҳикояҳои Ҳаким Карим ва тарҷумаи осори адибони рус махсусан М.Горкий диққати махсус додааст. Аз ҷумла, вай қайд мекунад, ки «агар ба Раҳим Ҷалил ва Ҷалол Икромӣ ба олами психологии барои мо бегонаву душман ва ба олами одатҳои аз байн раванда пурратар нуфуз кардан муяссар шуда бошад, ба қалами Ҳаким Карим тадқиқи позитивии характери одами советӣ, рафтори ботинии вай хос мебошад.

Ба ҳамин тариқ фаъол будани мавқеи ғоявӣ, ҷанбаи гуманистӣ дар эҷодиёти Ҳаким Карим ба воситаи мустақиман нишон додани зебоиҳои одами нав, муносибатҳои нави инсонӣ ифода меёбад» [20, 192].

Мунаққид чанд ҳикояи Ҳаким Каримро муфассал таҳлил намуда ба тасвири образҳо, воситаҳои забонӣ, баёни ҷузъиёти алоҳидаи онҳо баҳои баланд медиҳад. Муҳаққиқ ҳумчунин хидмати арзандаи Ҳаким Каримро дар соҳаи тарҷумаи осори М.Горкий таъкид менамояд. Ӯ аз соли 1935 то ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ рафтанаш пайваста тарҷумаи асарҳои М.Горкийро давом медод. Ба қалами ӯ тарҷумаи «Кампир Изрегил» (1935), «Фома Гордеев» (1938), «Таронаи мурғи тӯфон» («Шарқи сурх», 1938, № 3) ва ғайра таалуқ дорад. Хусусан тарҷумаи «Макар Чудра» («Шарқи сурх», 1940, №1), «Таваллуди инсон» («Шарқи сурх»,1940, № 6), «Малва» (1941), «Бисту шаш ва як» ва «Челкаш» аз беҳтарин тарҷумаҳои Ҳаким Карим ҳисобида мешаванд. Л.Н.Демидчик ҳадафи аслии Ҳаким Каримро аз тарҷумонӣ чунин қайд мекунад: «Аз тарҷумаи осори Горкий мақсади вай танҳо интишори ин асарҳо ба забони тоҷикӣ набуда, балки бештар дар аснои ин кор захира андӯхтан барои маҳорати эҷодии худ будааст» [20,203] . Кор дар болои тарҷумаи осори Горкий барои Ҳаким Карим тавъам ба такомули маҳорати нависандагиаш будааст.

Ҳаким Карим бо воситаи мақолаҳои танқидӣ ва адабиётшиносии худ низ дар роҳи рушду такомули насри бадеии нави тоҷикӣ дар солҳои сиюми асри ХХ хизмати босазое кардааст. Умуман, Ҳаким Карим «дар умри кӯтоҳи худ саҳифаи заррини адабиёти шӯравии тоҷикро бо дурдонаҳои қиматбаҳо, бо ҳикоя ва новеллаҳои реалистӣ, бо баъзе намоишномаҳо ва очеркҳо ва мақолаҳои танқидӣ – адабиётшиносӣ оро дод ва, махсусан, дар ганҷинаи насри бадеӣ мавқеи муҳимро ишғол намуд» [1,65].

Ягона таҳқиқоти муфассал ва алоҳидае, ки доир ба ҳаёту эҷодиёт ва омӯзиши хусусиятҳои лексикию грамматикии забони новеллаҳои Ҳаким Карим бахшида шудааст, асари Б.Камолиддинов «Забон ва услуби Ҳаким Карим» мебошад [17].

Муаллиф дар боби хусусиятҳои лексикии новеллаҳо, калима ва ифодаҳои китобӣ, унсурҳои гуфтугӯйии халқӣ, калимаҳои иқтибосӣ, калимаҳои таърихӣ ва архаистӣ, воҳидҳои фразеологӣ ва дигар ҷиҳатҳои лексикии забони муаллифро ба риштаи татқиқ кашидааст. Бобҳои минбаъдаи асари мазкур ба хусусиятҳои сарфию наҳвии забони ҳикояҳои Ҳаким Карим бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки «Ҳикояҳои Ҳаким Карим на танҳо дар ташаккул ва инкишофи жанри

новеллистика, услуби насри бадеӣ, балки ба такомулоти минбаъдаи забони адабии тоҷик, аз ҳар ҷиҳат бой ва суфтатар гардидани он низ таъсири мусбат бахшиданд» [17,184].

Дар адабиётшиносии баъдинаи тоҷик чандон таваҷҷуҳи зиёде нисбати эҷодиёти Ҳаким Карим дида намешавад. Танҳо дар оғози солҳои 80-уми асри гузашта бахшида ба 80-солагии зодрӯзи нависанда дар нашрияҳои ҷумҳуриявӣ чанд мақола «Саҳифаҳои рангини умр», «Ҳамсояҳо», «Дар даҳр баҳор аст» ба чоп расидаанд [18, 19], ки дар маҷмӯъ бештар хусусияти таблиғотӣ доранд, на ҷанбаи таҳқиқӣ.

Дар мақолаи М.Ҳодиева ва Р.Тошматов бо номи «Сарояндаи баҳори ҳаёт» мухтасар баъзе ҳикояҳои Ҳаким Карим мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, такя ба гуфтаи Ҷалол Икромӣ қайд карда мешавад, ки Ҳаким Карим нависандае буд нисбат ба худ серталаб ва пухтакор. Вай як ҳикояро се – чор хел навишта тамом мекард. Ӯ дар яке аз мактубҳое, ки 27-уми сентиябри соли 1940 ба Ҷ.Икромӣ навишта буд, гуфтааст: «Ҳоло дар болои ҳамон повести куҳнаи машҳур, яъне «Муҳосира» нишастаам. Инро тамоман аз даст бароварда, ба нашриёт мефиристонам». Мутаасифона то ҳол қадри ин повест маълум нест [21].

Дар мақолаи Ф.Зокирӣ «Симоҳои фаромушнашаванда» зимни таҳлили ҳикояҳои Ҳаким Карим ба ҳикояи «Оқшуда»-и вай диққати махсус дода шудааст. Муаллиф аз ҷумла қайд мекунад, ки қаҳрамони ҳикояҳои Ҳаким Карим барои ҳаёти нав ва ҳуқуқи комил фаъолона иштирок менамоянд [22].

Адабиётшинос Х.Асозода дар китоби «Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ» мавқеи махсуси Ҳаким Каримро дар таърихи шуравии адабиёти тоҷик таъкид намуда, аз ҷумла қайд мекунад, ки ба таъбири нависандаи сермаҳсули тоҷик Ҷ.Икромӣ «Ҳар ки мехоҳад ба баррасии адабиёти шуравии тоҷик бипардозад набояд номи Ҳаким Каримро аз қалам биандозад» [23, 83].

Аз сайри мухтасари татқиқоти адабиётшиноси тоҷик ва шӯравӣ оид ба эҷодиёти Ҳаким Карим маълум мегардад, ки бо вуҷуди хеле ҷавон канда шудани риштаи умри нависанда дар адабиёти шӯравии тоҷик мавқеи сазовори худро ишғол намудааст.

Боварӣ дорем, ки ҳаёту эҷодиёти ин адиби рангинхаёл диққати адабиётшиносони тоҷикро ба худ ҷалб намуда, ба эҷодиёти вай баҳои сазовор дода ва мавқеи ӯро дар раванди ташаккули насри бадеии навини тоҷик дар солҳои 30-40 қарни ХХ муайян хоҳанд намуд.

А Д А Б И Ё Т

1. Табаров С. Ҳаким Карим ва новеллаҳои советии тоҷик /С.Табаров // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ. -1966.- №2. (44) - С. 54-64.
2. Ҳаким Карим. Садои рӯзҳо / Карим Ҳаким //- Нашриёти Давлатии Тоҷикистон. Сектори адабиёти бадеӣ. Душанбе: -1933.
3. Болдирев А.Н. Дар бораи ҳикояи «Худписанд»-и Ҳаким Карим / А.Н.Болдирев // Барои адабиёти сотсиалистӣ. -1934.-№ 9-10. - С. 38-39.
4. Дунган. Дар бораи сюжет / Дунган // Барои адабиёти сотсиалистӣ.- 1935.-№ 5. - С. 10-11.
5. Ҳусейнзода Ш. Дар бори баъзе камбудиҳои насри имрӯзаамон / Ш.Ҳусейнов // Тоҷикистони Сурх. - 1940.29-уми декабр.
6. Брагинский И. Назаре ба адабиёти советии тоҷик /И.Брагинский // Шарқи Сурх. -1947.- №5.
7. Инна Лиёншина. Қайдҳо оид ба таърихи тараққиёти ҳикояи советии тоҷик /Лиёншина Инна // Шарқи Сурх. -1955. -№12.
8. Ричкова Н.П. Становление и развитие жанра рассказа в советское таджикское литаратуре. Диссертация на соискание ученой степени кандидата филологических наук. Ленинград 1965. (иқтибос аз Камолиддинов Б.)
9. Ҳусейнов Х. Деалектизмҳо дар забони ҳикояҳои Ҳаким Карим, баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик / Х.Ҳусейнов // Нашриёти АФ РСС Тоҷикистон. Душанбе.- 1964.
10. Камолиддинов Б. Ҳаким Карим /Б.Камолиддинов // Душанбе: -1964.
11. Ҷ. Икромӣ. Ҳикояҳои Ҳаким Карим / Икромӣ Ҷ. // Шарқи Сурх.- 1956.-№5. - С. 78.
12. Ҳаким Карим. Оқшуда. / Карим Ҳаким // Душанбе: -1965.-370 с.
13. Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик. Қисми 1. Душанбе: - 1956. С. 95.
14. Очерк истории таджикской советской литературы. М: 1961.- 83 с.
15. Ҷ. Икромӣ. Ҳаким Карим / Икромӣ Ҷ // Шарқи Сурх.- 1956.- № 5. -С. 77.
16. Инна Левшина. Дар бори ду нашри асарҳои Ҳаким Карим / Левшина Инна // Шарқи Сурх.- 1955.- № 4.
17. Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим: /Б. Камолиддинов.–Душанбе: Ирфон, 1967.-186 с.
18. Табаров С. Саҳифаҳои рангини умр / С.Табаров // Маориф ва Маданият.- 1965. 16 декабр.
19. Ҷ. Икромӣ. Ҳамсояҳо / Ҷ. Икромӣ //Адабиёт ва санъат.- 1985. 9 май. - С.11.
20. Л.Н.Демидчик. Таърихи адабиёти советии тоҷик,ҷ 2, Душанбе 1978.
21. М.Ҳодиева, Р. Тошматов. Сарояндаи баҳори ҳаёт / Р.Тошматов, М.Ҳодиева // Комсомоли Тоҷикистон. -1965. -26 декабр

22. Ф.Зокирӣ. Симоҳои фаромушнашаванда /Зокорӣ Ф // Занони Тоҷикистон. -1959. -№ 7.
23. Х.Асозода. Адабиёти тоҷик дар садаи ХХ /Асозода Х. //Душанбе, 1999.

ХАКИМ КАРИМ В ТАДЖИКСКОМ ЛИТЕРАТУРОВЕДЕНИИ

В данной статье исследуется жизнь и творчество первого таджикского писателя новелл Хакима Карима с точки зрения отечественных и зарубежных литераторов.

Ключавые слова: жанр, новелла, рассказ, повесть, очерк

HAKEEM KARIM IN THE TAJIK LITERARY CRITICISM

In this article has given information about life and the first novel of Tajik writer Hakim Karim analyzed by the Tajik and foreign writers.

Key words: ganre, short story, novel, story, novella, essay

Сведения об авторе: ***Додихудоев Раджабали*** - аспирант кафедры арабской филологии ТНУ.
Телефон**: (+992) 918 26 44 56**

НАЗАРЕ БА МАЪНОИ ЛУҒАВӢ ВА ИСТИЛОҲИИ ҲИКОЯТ

Ғ. А. Турсунов
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Адабиёти оламшумулу пурғановати форсӣ, ки мисли баҳри бекарона аст ва ҳар ғаввосе метавонад ба он ворид бигардаду аз он гавҳари мақсуд биҷӯяд, бо назму насри бебаҳои худ миёни оламу оламиён шукӯҳу шаҳомати хосса пайдо намудааст. Дар баробари назми ҷаҳонгири он мавқеи наср низ дар ин адабиёт барҷаста ба ҳисоб рафта, онро таровату малоҳати тоза мебахшад, ки яке аз жанрҳои насрии он ҳикоят ба шумор меравад.

Ҳикоят дар адабиёти классикии форсӣ аслан, аз адабиёти шифоҳӣ, кутуби қадимии паҳлавӣ, манбаъҳои арабӣ ва ҳиндӣ сарчашма гирифта, ба воситаи "Қобуснома"-и Кайковус, "Сиёсатнома"-и Низомулмулк, "Насиҳат-ул-мулук"-и Муҳаммад Ғаззолӣ, "Чаҳор мақола"-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, "Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт"-и Муҳаммад Авфӣ барин асарҳои машҳури насрӣ дар адабиёти китобӣ мавқеи худро пайдо намудааст.

Мафҳуми ҳикоят, чи гунае ки аксари нигорандагони фарҳангҳову луғатномаҳо [2, 5, 7] ва адабпажӯҳон ишора мекунанд, аслан, аз забони арабӣ вориди забони форсӣ гардида, ба маънои сухан гуфтан, нақл кардани ҳодиса ё воқеа, хабар аз чизе, достон кардани ягон матлаб мебошад. Чунончи, «ҳикоят» вожаи арабӣ аст, ки ағлаби фарҳангнигорон онро ба маънии нақл, қисса, достон, нақл кардани матолиби ёддоштӣ ва амсоли он шарҳу тавзеҳ додаанд. Аз лиҳози фарогирии вижагиҳои жанрӣ ба назари муфассирон ва муҳаққиқон роҷеъ ба ҳикоя мутаваҷҷеҳ гардем, андешаву муҳокимаи онҳо дар ҳадиси сода ва мухтасару воқеӣ будани ҳикоя хулоса мешавад» [5,271].

Дар ин замина тафовути назар ба мушоҳида мерасад, монанди: «Ба маънои ҳикоят ба нудрат мафҳуми сарворо кор фармудаанд, вале корбурди вай ба дараҷае кам аст, ки соҳиби нуктаҳои шомих нест, ки бори таҳлили ҷудогонаро мебардошта бошад. Маънои луғавии ҳикоят сухан гуфтан, хабар аз чизест... Дар ин суханони умумӣ оё маънии дақиқеро дарёфтан мумкин аст? [9,291]

Дар ин радиф қайд кардан бамаврид аст, ки сарворо на ҳама вақт ба маънои ҳикоят истифода мебаранд ва ҳикоят маъноҳои гуногуни луғавию истилоҳиро дорост. Инчунин ҳикоятро метавон ҳамчун жанри мустақили адабӣ шинохт ва дар ин замина Салимов Н.Ю. муътақид аст, ки «Ҳикоят дар даврони нахустини зуҳури насри форсӣ бо мустақилияти жанрии худ имтиёз мекард. Дар осоре, ки аз паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума шудаанд, ҳикоят дар миёни достонҳои дароз барои истидлоли афкори нависанда ба кор рафтааст. Намунаҳои нахустини ҳикоят дар «Номаи Тансар», ки аз осори арҷманди насри тоисломии форсу тоҷик маҳсуб мешавад, ба назар мерасад» [5,272] .

Бо далоили фавқ ҳикоят ҳамчун жанри мустақили адабӣ буда, дорои мушаххасоти жанриву услубӣ мебошад.

Дар мавриди маъноҳои луғавию истилоҳии ҳикоят дар китобҳову фарҳангҳо ва сарчашмаҳо ишораҳое рафтааст. Ҳикоя(т) – 1) нақл кардани воқеа ё достоне; 2) асари бадеии мансури ҳаҷман хурд, ки дар он воқеа ё саргузаште баён меёбад, қисса,

саргузашт, ҳикоят – 1) боз гуфтан аз чизе, боз гуфтани чизе, бозгуфтан гуфтореро, сухан нақл кардан, қавли касеро гуфтан, сухани касе бозгуфтан, қавли касеро нақл кардан, нақл кардан, шабоҳат доштан, нишон додан аз достон, достон, матлаб, масъала, қазия, сухан, гуфтор, такаллуми ҳадис [6, 7, 8, 10].

Дар мавриди маънои луғавии ҳикоят дар фарҳангҳо шарҳҳои мухталифро вохӯрдан мумкин аст. Дар «Луғатномаи Деҳхудо» он ба маъноҳои афсона, саргузашт, шарҳи ҳол, таърих низ омадааст (3:004575). Ӯ суханони худро бо абёти зерин исбот мекунад:

Ҷони ширин хуш асту чун бишавад,
Аз паси ҷон ба ҷуз ҳикоят нест (Амир Муиззӣ).

* * *

Ҳикоятҳои шоҳонро ҳамехониву механдӣ,
Ҳаме бар хештан хандӣ, на бар шоҳи самарқандӣ
(Носири Хусрав).

Инчунин ҳикоят иборат аз нақли калимае аст, аз мавзӯе ба мавзӯи дигар, бидуни он ки ҳаракат ё сиғаи (майл) он калима тағйир кунад ва ҳикоят иттиёни лафз аст, бад-он гуна ки аз қабл будааст.

Ба ғайр аз ин, ҳикоят истеъмоли калима аст ба нақли он аз маконе ба макони дигар ба ҳифзи ҳоли нахуст ва сурати аввалии он.

Маънии ҳикоят ҳоли гузашта дар урфи уламо ин аст, ки ончи дар замони гузашта воқеъ шуда, фарз шавад, ки дар замони ҳол иттифоқ афтодааст ва аз он ба лафзи исми фоъил таъбир кунанд ва маънои он ин нест, ки лафзи дар замони гузаштабуда, айнан дар ин замон такрор шавад [3, 004575].

Бо вуҷуди маъноҳои аслӣ вожаи ҳикоят дар байни мардуми авом ба маънои маҷозӣ низ истифода мешавад. Монанди: киноя аз вазъи нохушоянд, авзоъ ва аҳволе, ки мутобиқи майли шахс набошад: «Аҷаб ҳикояте аст! Имрӯз ҳамаи навкарҳоям бо ман мухолифат мекунанд… Маро бигӯ, ки ба чӣ касоне пушт гар медоштам [1, 496].

Дар «Фарҳанги киноёти сухан» бошад, ҳикоят (hekayat) хабар ё мавзӯи бисёр муҳим ё аҷибе маънидод шудааст ва нигоранда барои собит шудани суханонаш ҷумалоту абётеро ҳамчун далел меорад:

«Шумо дар он маросим ширкат накарда будед ва хабар надоред, ҳикояте буд.

Ёд бод, он ки чу ёқути қадаҳ ханда задӣ,
Дар миёни ману лаъли ту ҳикоятҳо буд (Ҳофиз).

* * *

Ҳикояте зи даҳонат ба гӯши ҷони ман омад,
Дигар насиҳати мардум «ҳикоят» аст ба гӯшам (Саъдӣ).

Албатта, мафоҳими зиёде роҷеъ ба маънои луғавии ҳикоят шарҳу тафсир ёфтааст, вале мо ба ҳамин иктифо намуда, ба тавзеҳи маънои истилоҳии он мепардозем.

Ҳикоят дар луғат қиссаи кӯтоҳ ва мухтасар аст, ки ба сурати назм ё наср навишта мешавад. Ҳикоят дар адаби форсӣ аз дер боз ба сурати мустақил ё ба сурати достоне фаръӣ роиҷ будааст. Истилоҳи ҳикоя бори аввал дар «Тафсири Табарӣ» истифода шудааст.

Шеваи ҳикоят дар ҳикоят низ, ки маъмулан ба достони баланди саргармкунандае табдил мешавад (мисли «Ҳазору як шаб», «Синдбоднома»), аз суннатҳои куҳани адабиёти ҳиндӣ сарчашма мегирад. Агарчи дар адаби форсӣ анвои гуногуни ҳикоят вуҷуд дорад, қисмати аъзами ин ҳикоятҳо ҷанбаи таълимӣ (адабиёти таълимӣ) доранд. «Гӯянда нахуст достонеро ривоят мекунад ва баъд аз он натиҷаи ҳикамӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ мегирад. Ё он ки худи ҳикоят ба унвони тамсил дар тавзеҳу тақрири баҳсе, ки қаблан матраҳ шуда омадааст. Дар ҳақиқат, тарҳи достон ҷанбаи сонавӣ дорад ва ҳадафи аслии ахзу баёни натиҷа аст… Ҳикояте муваффақ аст, ки аввалан байни натиҷаи онҳову достон ва сониян байни достону матлабе, ки достон барои таъйиду тавзеҳи он зикр шуда, иртиботи зичи мантиқӣ барқарор бошад» [8,212].

Аз намунаҳои барҷастаи ҳикояти манзум дар адаби форсӣ метавон ба унвони «Бӯстон»-и Саъдӣ ишора кард ва дар наср бошад, маҷмӯаи ҳикоёти «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Авфӣ, «Фараҷ» баъд аз шиддати тарҷумаи Деҳистонӣ, «Гулистон»-и Саъдӣ ва ҳикоёти «Фиҳӣ мо фиҳӣ»-и Мавлавӣ ном бурд.

Дар баъзе сарчашмаҳову фарҳангҳои истилоҳӣ вожаи достон низ ба маънои ҳикоят тавзеҳ дода шудааст. Луғати достон дар забони форсӣ ба маънии қисса, ҳикоят, афсона ва саргузашт ба кор рафтааст [8,212].

Таҳияву тадвинкунандагони «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» ҳикоятро чунин шарҳу тафсир намудаанд: «Ҳикоя (ар.) – яке аз намудҳои адабиёти ахлоқиву таҳкиявӣ; асари хурди бадеӣ, ки як воқеаро аз ҳаёти шахсе тасвир менамояд, вале воқеаҳоеро, ки пеш аз ин ва баъд аз он рӯй додаанд, муфассал нақл намекунад.

Фарқи ҳикоя аз повест ин аст, ки одатан дар повест чанд воқеае тасвир мешавад, ки як давраи ҳаёти касеро фаро мегирад, дар ин воқеаҳо як шахс не, балки чанд нафар иштирок мекунанд, ки ҳамагӣ бо тафсилоти муайяне тасвир шудаанд. Аммо дар ҳикоя танҳо як эпизоди (эп. (юн.) - он чи ба вуқӯъ омадааст) – воқеае аз чанд воқеаи алоқаманд, ки дар сюжети асари эпикӣ то андозае мустақилона аҳамият пайдо кардааст, ҳаёти касе мавриди тасвир гирифта шуда, хусусиятҳои муҳим ва типии зиндагии ӯ ба воситаи ҳамин эпизод маълум мегардад» [4,155].

Дар «Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик» бошад, истилоҳи ҳикоят хеле рӯшану возеҳ бо мисолҳо тавзеҳ шудааст: «Ҳикоя, ҳикоят (ар. حکایت حکایه – нақл, қисса, ривоят, сухан) як навъ асари эпикист, ки лаҳза ва ҳолатҳои муҳимми зиндагии инсонро дар бар мегирад.

Ҳикоя яке аз навъҳои адабии қадимтарини адабиёти форсу тоҷик мебошад. Баъзеи ҳикоятҳо дар китобҳои адабӣ, таърихӣ, динӣ, тасаввуфӣ ва ғайра барои такмили воқеаҳо ва шарҳи матлаб чун воситаи намоишу тасдиқи андешаҳои тарбиятӣ, иҷтимоӣ ва динию мазҳабӣ омадаанд.

Намунаи комили ҳикоят дар «Қобуснома», «Сиёсатнома» ба назар мерасад. Ҳикоятҳо дар асарҳои мансури «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Муҳаммад Авфӣ, «Гулистон»-и Саъдӣ, «Рисолаи дилкушо»-и У. Зоконӣ, «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва асарҳои манзум «Махзан-ул-асрор»-и Низомии Ганҷавӣ, маснавиҳои Аттор, «Матлаъ-ул-анвор»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, «Туҳфат-ул-аҳрор»-и Ҷомӣ, «Равзат-ул-анвор»-и Хоҷуи Кирмонӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Румӣ, «Бӯстон»-и Саъдӣ ва ғайра хеле зиёданд. Қисме аз ҳикоятҳо маҳсули нависандагон ва бештари онҳо парвардаи хаёлу андешаи мардуманд, ки аз тарафи мусаннифон таҳрир шудаанд.

Ҳикоятҳо аз китобе ба китобе бо андаке таҳриру такмил кӯчида, ҳамчун асари адабиёти шифоҳӣ дар байни мардум паҳн шудаанд. Ҳикоятҳои адабиёти классики форсу тоҷик аз ҷиҳати мавзӯъ гуногунанд. Дар онҳо намунаи тасвири реалистӣ, романтикӣ ва гоҳо натуралистиро дидан мумкин аст [10, 461].

Бо назардошти далелҳои овардашуда метавон чанд нуктаро роҷеъ ба ҳикоят хулоса кард:

1. Кӯтоҳбаёнӣ хоси ҳикоят аст;
2. Аксари ҳикоятҳо воқеиятро баён мекунанд;
3. Ҳангоми хондан ба хонандазавқбахш буда, дилгиркунандагӣ эҳсос намешавад;
4. Ҳамаи ҳикоятҳо аз ҳаёти воқеӣ ибтидо мегиранд;
5. Хонанда ҳикоятҳоро зуд ва бо як завқи зиёд мехонад;
6. Ҳикоятҳо ағлаб муассиранд, дар хотир хуб нигоҳ дошта мешаванд ва хонанда кӯшиш мекунад, ки ба персонажи он монанд бошад, ба он пайравӣ кунад ё ба рафтори он нафрат дошта бошад;
7. Албатта, эҷоди ҳикоят заҳмати зиёд талаб мекунад, зеро мусаннифи он андешаи зиёд ва маънии баландро дар чанд сатр меғунҷонад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абулҳасан Наҷафӣ. Фарҳанги форсии омиёна / Абулҳасан Наҷафӣ –Теҳрон: интишороти Нилуфар, 1378. – 585 с.
2. Доктор Баҳром Мақдодӣ. Фарҳанги истилоҳоти нақди адабӣ: Аз Афлотун то асри ҳозир / Абулҳасан Наҷафӣ. – Теҳрон, 1378 – 368 с.
3. Луғатномаи Деҳхудо (нашри электронӣ).
4. Ҳодизода Р. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ / Р. Ҳодизода Нашри 2,бо тағйирот ва иловаҳо. (М. Ғуломова). – Душанбе: Ирфон, 1966 – 225 с.
5. Салимов Н.Ю. Пайдоиш ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсиву тоҷикии асрҳои 10-13 / Н.Ю. Салимов –Душанбе, 2008.
6. Солеҳ Ҳусайнӣ. Вожагони истилоҳоти адабӣ: (форсӣ-англисӣ) / Солеҳ Ҳусайнӣ. –Теҳрон: Нилуфар, 1369 – 286 с.

7. Фарҳанги забони тоҷикӣ, иборат аз 2 ҷилд. Зери таҳрири Сайфиддин Назарзода (раис), Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон. –Душанбе, 2008.
8. Фарҳанги истилоҳоти адабӣ. Вожаномаи мафоҳиму истилоҳоти адабии форсӣ ва аврупоӣ (татбиқӣ ва тавзеҳӣ): Таълифи Симодод. –Теҳрон, 1382–463 с.
9. Худоӣ Шарифов. Назарияи наср дар адаби форсии асрҳои 4-9 ҳичрӣ /Худоӣ Шарифов. –Душанбе, - 2004 - .
10. Энциелопедияи адабиёт ва санъати тоҷик/ Сармуҳаррир А.Қ. Қурбонов.– Душанбе, 2004. -Қисмҳои 2-3.

НЕКОТОРЫЕ АСПЕКТЫ ЛЕКСИЧЕСКОГО ЗНАЧЕНИЯ И ВЫРАЗИТЕЛЬНЫХ СРЕДСТВ РАССКАЗОВ

В данной статье рассматриваются вопросы, связанные с лексическим значением и выразительными средствами рассказов, показываются источники жанра, их отличие от сказаний, сказок и легенд. Автор пытается рассмотреть и проанализировать суждения современных и классических исследователей, литературоведов и культурологов о рассказах.

Ключевые слова: жанр, рассказ, дастан (былина), легенда, сказка, предание, мысли, роман, литература, исследователь.

A GLANCE TO THE LEXICAL AND TERMINOLOGICAL MEANING OF STORY (HIKOYAT)

In the article are described the lexical and terminological meaning of story, the origins and the sources of story genre and the difference between story and epos, tale and saying. The author tried to compare and consider the viewpoints of classic and modern literary critics and lexicographers.

Key words: genre, story, byline, tale, legend, saying, thought, novel, literature, researcher.

Сведения об авторе: ***Турсунов Ғ. А.*** **–** аспирант кафедры теории и истории литературы Таджикского государственного института языков имени С. Улугзода. Телефон: **(+992) 935439906**

ТАРФАНДҲОИ БАДЕӢ ДАР ҒАЗАЛИ АСРИ XV

Салоҳиддини Ҷомӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ғазал яке аз жанрҳои умдаву пуркорбурд дар адабиёти давраи Темуриёни Ҳирот (асри XV) мебошад. Дар ин давра шуарои бисёре ба сурати густурда ва бархе низ танҳо ба ин жанр эҳтимом варзидаанд. Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияту корбурди фаровони ғазал дар ин давра, мавҷудияти ғазалсароёни устод ин жанр бо нақду таҳлилҳои фаровон ва албатта, баъзан бо довариҳои салиқавӣ аз ҷониби адабпажӯҳон мувоҷеҳ шудааст. Чунонки гоҳ ин нақду таҳлилҳо ғайримунсифона буда, бисёре аз арзишҳои ҳунарии онро нодида ангоштаанд, то ҷое ки бархеҳо таъкид бар рукуд, адами лутфу тозагии ғазали ин давра нисбат ба давраи қабл намудаанд.

Дар ҳоле ки бар хилофи ин иддао метавон гуфт, ғазалсароёни асри XV дар қаламрав ва маҳдудаи шеърии асотиди гузашта ба унвони улгуву суннати ҳокими адабӣ дар қолиби ин жанр ба ибдоъ ва навоварӣ низ пардохтаанд. Ба гунае ки ин ибдоъ ва навовариро метавон дар муҳтаво, мазомин, сохтмон, таркиби алфоз, оҳанг, тасвирсозию тарфандҳои бадеии ғазали ин давра ба хубӣ мушоҳида кард.

Ибдоу навовариҳо дар ин заминаҳо ба тозагию лутфи ғазали ин аср афзудааст. Ин навовариҳо то он ҷост, ки метавон аз онҳо ба ҷиҳати басомади болояшон ҳатто ба унвони мумайизаи сабкии ғазали ин давра низ ёд кард.

Он чи мусаллам аст, ин ки тарфандҳои бадеӣ яке аз аносири созанда дар эҷоду офариниши каломи адабист ва он ҷо, ки суҳбат аз навоварӣ, тағйиру таҳаввул дар сабкҳои адабӣ мебошад, яке аз ин маворид фароянди истифода аз зебоиҳои бадеист. Аз ҷонибе, он чи дар иртиқои забони одию рӯзмарра ба забони адабӣ нақши бунёдию арзанда дорад, ағлаб ҳамон кайфияти корбурдҳои балоғӣ ва абзорҳои бадеӣ ҳастанд, ки ба вуҷуҳи шоиронагии калом меафзоянд.

Ба ибораи дигар, дар адабиёт, бахусус дар шеър, адабияти матн, яъне убур аз сатҳи одии забон ба забоне ҳунарӣ муҳим аст, ки ин амр аз раҳгузари корбурди шигардҳои балоғӣ сурат мегирад. Аз ҳамин ҷиҳат аст, ки соҳибназарон аз ин шигардҳои балоғию тамҳидоти бадеӣ ба унвони тамҳидоти сабкӣ низ ёдовар шудаанд.

Бинобар ин, дар ростои таъкид дар меҳварӣ будани нақши санооти адабӣ ва арзиши авомили бадеӣ дар сабки адабӣ, ки метавон гуфт, дар осори бархе шоирони бадеъгаро, ба монанди Низомию Хоқонӣ сабки комилан мубтанӣ бар шигардҳову авомили бадеию баёнист, агар ин унсурро аз он ҳазф кунем, сабки адабӣ ба суръат ба сатҳи каломи одӣ таназзул меёбад ва ҳатто мумкин аст, музҳику бемаънӣ шавад (10, 24).

Бо ин ҳама дар хусуси ибдоъ ва навоварии ғазали ин аср он чиро набояд аз назар дур дошт, ҳамоно вафодорӣ ба суннатҳои ҳоким дар адабиёти класикӣ мебошад ба ин маънӣ ки ҳар гуна таоруз бо суннатҳо ва ё дурӣ ҷустан аз меъёрҳои муайяни адабии аср навъе муқобала бо арзишҳои адабӣ талаққӣ мегашт. Табиист, шоирон низ бар риояти ин ҳинҷорҳо худро мулзам медоштанд. Бинобар ин, бештари ибдооту навовариҳо дар маҳдудаи ҳамин суннатҳо шакл мегирифт.

Бо таваҷҷуҳ ба он чи дар боло гуфта шуд, ба рӯшанӣ метавон гуфт, ки дар давраи мавриди назар ва дар мисоли ғазали ин аҳд, қабл аз ҳама, бояд ба ин нукта таваҷҷуҳ дошт, ки ағлаби ибдооту навовариҳои шуаро дар аҳмон маҳдудаи суннатҳои адабист, ки аз ҷониби устодони пешин вазъ шудаву мавриди корбурд қарор гирифтааст.

Ҳамон сон, ки баён шуд, дар ин давра низ вафодорӣ ба қаламравҳои муайян ба манзили суннатҳои ҳокими адабӣ ва пайравӣ аз онон ҷузъи усул буд ва ҳар гуна парҳез аз ин ҳинҷорҳо ба маънии шикастани усули собита буда, нафйи арзишҳои адабӣ талаққӣ мегашт. Бинобар ин, абзорҳои бадеӣ дар ин давра низ аз ин амр мустасно набудааст. Ба ҳар ҳол ибдоу тозагӣ дар ғазали сароишгарони ин асрро бояд дар қолаби ҳамон улгуҳои таъйиншудаи устодони пешин ҷустуҷӯ кард.

Дар идома бо таваҷҷуҳ ба мабоҳиси ёдшуда барои рӯшании бештар дар наҳваи офаринишу ибдои абзорҳои бадеӣ дар ғазали асри мавриди назар ба баррасии корбурди воситаҳои зебоиофаринӣ дар ғазали ин аср ва зикри намунаҳое аз устодони ғазали ин давра пардохта мешавад.

Ба сурати куллӣ, агар аз бархе маворид дар заминаи гароиш ба такаллуфу тасаннӯъ дар ғазали авоили давраи темурӣ бигзарем, санооти бадеӣ дар каломи ғазалсароёни ин аср ба сурати устодонае ба кор рафта, ки ағлаб муҷиби ҷаззобияти шеър гаштааст. Дар ғазали ин давра ҳамчун дигар адвори шеъри форсӣ бисёре аз санъатҳои бадеӣ озинбахши шеър будааст, аммо дар ин миён бахше аз ин тарфандҳои бадеӣ бештар мавриди таваҷҷуҳи ғазалсароён воқеъ гашта, дар шеърашон корбурди болотаре ёфтааст. Ин низ табиист, ки дар ҳар даврае “бархе аз санооти балоғӣ арӯси ороёҳосту адабиёти ҳар давра бар асоси ғалабаи баъзе аз ҳамин санооту абзорҳои балоғист, ки бо давраи дигар тафовут мекунад” [14, 148]. Дар ин давра абзорҳои бадеӣ, чун саҷъ, муздаваҷ, тарсеъ, таҷнис, иштиқоқ, иҳом, таносуб, муроотиназир, мутобақа, тазод, анвои гуногуни илтизом, тазмин, иқтибос, ибдоъ, талмеҳ, ирсоли масал ва иғроё корбурди зиёде доранд. Албатта, саноеи дигаре низ ҳастанд, ки нисбат ба санооти мазкур мизони корбурди камтаре ёфтаанд. Дар зайл ин саноот дар ду бахш: а) ороёҳои бадеии лафзӣ ва б) бадеи маънавӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Ороишҳои марбут ба бадеи лафзӣ. Ин ороишҳо ва тарфандҳои ҳунарӣ дар баланд бурдани сатҳи мусиқии калом ва оҳангин сохтани ҳар чӣ бештари онҳо нақши барҷастае доранд. Аз дер боз гуфтаанд, ки адабиёт ҳунари забонист ва бештар лаззате, ки мо аз шеър мегирем, аз ҷанбаи гуфтории он аст. Аз ҳамин раҳгузар аст, ки арзиши саноеи бадеи лафзӣ, ки мусиқии каломро таолӣ мебахшад, ба маротиб нисбат ба соири шеваҳои зебосозии калом беҳтару бештар аст. Аз ин ҷост, ки дар ин бахш ба санъатҳое пардохта мешавад, ки арзиши мусиқиву оҳанги ғазали ин давраро боло бурдаанд.

Ҳамҳарфӣ. Ҳамҳарфӣ ё воҷоронӣ такрори як ҳарф бо басомади болост, ки муҷиби хушовоии мисроъ ё байт мегардад. Ба ин намунаҳо таваҷҷуҳ намоед:

Хами дақад пайи нақши суми саманди туам,
Сазад, ки рост набинам ба моҳи нав ҳаргиз.
Ба даври ҳусни ту шуд пора-пора пардаи сабрам,
Дили маро чӣ кунад, ҷурми ишқи пардадар аст ин?!
Гар ту танро сару сар надиҳӣ сомоне,
Сару сомон кӣ диҳад бесарусомониро? (1, 99; 2, 72).

Такрори ҳарфи “с” дар байти нахуст, “п” дар байти дувум ва “с” дар байти севум муҷиби зебоии лафзӣ ва хушоҳангӣ дар ин абёт гардидааст.

Такрор. Такрори як вожа ба сурати пайиҳам ё бо андаке фосила аз ҳам, ки мафҳум ғайри мафҳуми ягонаи онро дорад, мисолаш дар намунаҳои зерин аз шеъри фалсафии Ҳиравӣ намудор аст:

Ба сару рӯйи ту гул - гул шуда гулзори сифат,
Мӯ ба мӯ зулфи ту чин-чин шуда сунбулворӣ.
Куҷо баранд зи гул баҳри булбулон, ки чунин
Зи хор-хори бало меҷаҳанд шох ба шох (2, 114).

Такрори вожаҳои “гул гул”, “мӯ ба мӯ”, “чин чин” дар байти нахуст ва “хор хор”, шох ба шох” дар байти дувум муҷиби зебоии ин абёт шудааст.

Саҷъ. Барои ин санъат нахуст аз эҷодиёти Аҳлии Шерозӣ як мисол меорем:

Ҳам мурғ нолон дар чаман, ҳам гул дарида пираҳан,
Ҳар кас ба ёрӣ дар сухан, ман бо дилафгории худ.
Ақлам, ки будӣ раҳнамун, хандид бар аҳли ҷунун,
Ман низ механдам кунун бар ақли даъвидори худ (4, 17).

Намунаҳое аз саҷъ дар ғазалиёти шумораи 308 ва 314 девони Фиғонӣ низ вуҷуд дорад. Шаш байт аз ҳар ҳафт байти ҳар ғазал саҷъ ҳастанд [15, 268; 15, 272].

Тарсеъ низ гунае аз саҷъ аст, ки дар он вожаҳои ду мисраи як байт ба сурати амудӣ бо ҳам саҷъи мутавозӣ месозанд. Ду намуна аз Аҳлии Шерозӣ ва Мавлоно Ҷомӣ дар ин ҷо меоварем:

Бас давидам дар ҳавои васли ёр,
Кас надидам ошнои асли кор (4, 1).

Дигар:

Чун пардаи мо ҷомаи тақво бидариданд,
Чун тавбаи мо хомаи тақво бишикастанд (5, 124).

Таҷнис. Дар ғазалҳои нимаи нахусти асри XV таҷнис ба фаровонӣ дида мешавад. Ба таъбири дигар, ин санъати адабӣ яке аз пуркордбурдтарин тарфандҳои бадеӣ дар ғазали ин давра аст. Ба таври мисол метавон ба корбурди калимаи “дилбар” дар ғазали зер аз Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ ишора кард:

Дил ба дилбар гар супорӣ, дил барӣ,
Дилбарӣ кун, то биёбӣ дилбарӣ.
Ҳар кӣ з-он сон аст, инсон хонамаш,
Ончунон инсон басе беҳ аз парӣ.
Аз сари сар даргузар чун ошиқон,
Ишқбозӣ нест коре сарсарӣ.
Гар биёрӣ ҷоми май, ёбӣ зи мо,
Ҳар чӣ орӣ назди мо, онро барӣ.
Ҷон ба ҷонон деҳ, вале номаш мабар,
Ҳайф бошад номи ҷоне гар барӣ.
Чун Халил-ул-Лоҳ ҳама бутҳо шикан,
То набоши бутпарасти озарӣ.

Неъматуллоҳро агар ёбӣ хуш аст,
З-он ки дорад муъҷизи пайғамбарӣ (8, 654).

Ибҳоми ҳунарии ношӣ аз вуҷуди саноеи бадеии иҳом, таҷнис ва тазод дар ин ғазал муҷиби латофату зебоии бештари он шудааст. Ба гуфтаи Навоӣ, Мавлоно Муҳаммад Амини Балхӣ аз ин низ фаротар рафтаву ғазале ба Абулқосими Бобурмирзо пешкаш кардааст, ки дар он ҳафт бор калимаи “дилбарам”-ро ба шакли таҷнис ба кор бурдааст. Ин ғазал ва бахусус, байти зер номе барои ӯ дар дарбор дасту по кард:

Эй сияҳчашми хитоӣ, мурғи ҷонро бо ту унс
В-аз сияҳчашмони дигар ҳамчу оҳу дилбарам (18, 216).

Намунаҳои дигаре аз ин санъати ҳунарӣ аз Осафии Ҳиравӣ:

Шабе, ки зинда намехостам чароғи фароғ,
Зи субҳи васли ту умед доштам нафасе (2, 118).

Дар байти боло ибораи “чароғи фароғ” таҷнисест аз навъи муздавоҷ ва:

Бода дар пойи гуле нӯш, ки айём басе
Сабз карда зи гили бодагусорон гули сурх (2, 35).

Дар мисоли ин байт калимаҳои “гул” ва “гил” бо ҳам ҷиноси ноқисро месозанд. “Хайл”-у “хаёл” дар байти зерин бо ҳам ҷиноси зойид менамоянд:

Омад ба дида хайли хаёли ту нимашаб,
Шодам, к-аз оби дида надорад гузар ҳанӯз (2, 72).

Аксу табдил. Порае аз мисраи нахуст дар мисраи дувум ба сурати маъкус меояд, ба мисли намунаҳои зерин, ки аз шеъри Осафии Ҳиравӣ шинохта шудаанд:

З-он гул имрӯз гиребони сабурӣ зада чок,
Он, ки дӣ чоки гиребони маро дӯхта буд.
Накӯст ёру Худо дӯстдори рӯйи накӯст,
Дилам ба ҷониби Ҳақ асту ҳақ ба ҷониби ӯ.
Оҳу кунад сайд зи абрӯи анбарин,
Сайёд - мардум, оҳуи мушкин каманди ӯст.
Бар номи ту, к-аз нанги рақибон зи ҷаҳон рафт,
Худро зи ғами ному ғами нанг баровард.
Зи нолаам ту ба ҷониву ман ба ҷон аз ту,
Ки ҷон балои ману ман балои ҷон шудаам (2, 52-53).

Илтизом. Ин санъат чунон аст, ки шоир худро маҷбур менамояд, то вожа ё ибораеро дар тамоми мисраҳо такрор намояд. Мисолаш аз ашъори Фиғонии Шерозӣ чунин аст:

Мангар ба ошиқон, ки зи сад як нишон намонд,
Маъшуқро бубин, ки зи сад як нишона монд.
То оташи ҳавои ту дар дил забона зад,
Моро забон ҳамон шуду дигар забона монд (15, 20).

Дар ин шеър корбурди иҳому таҷнис ба сурати мутавотир дар поёни ҳар ду мисроъ дар сар то сари ин ғазал навъе илтизом дар шеър ба вуҷуд овардааст.

Аз дигар ашколи илтизом дар ашъори дигар метавон ба такрори як вожаи калидӣ дар сар то сари ғазал истифода аз санъати тазод дар ҳар байти ғазал ишора кард. Гуфтанист, ки маснуътарин намунаҳои илтизомро метавон дар қолабҳои қасида ва рубоӣ дид, на дар ғазал.

Дар шеъри Мавлоно Ҷомӣ низ ба намунаҳое аз илтизому иънот бармехурем. Корбурди илтизом дар радиф аз ҷумлаи маворидест, ки бояд ба он таваҷҷуҳи хосе дошт. Ҷомӣ дар радифҳояш низ аз илтизом истифода мекунад. Ӯ дар яке аз ғазалҳояш худро мулзам ба овардани вожаи “сафед” дар поёни ҳар байт мекунад ва ҳамин тавр, илова бар ороияи иънот дар ин абёт ба рангҳои гуногуне, монанди сурх, лаъл, сиёҳӣ ва сиёҳ ишора менамояд. Намунаи дигаре аз санъати иънотро метавон

дар ғазали шумораи 440 Ҷомӣ дид, ки шоир дар он вожаи “ид” ва ҳамин тавр калимотеро, ки бо “ид” поён меёбад, дар тамоми абёти он ба кор бурдааст [21, 738).

Ороишҳои марбут ба бадеи маънавӣ. Баррасиро дар ин бахш аз санъати **иҳом** оғоз мекунем, ки бесабаб нест: иҳом яке аз мушаххасаҳои боризи ғазали ин давра аст, ки корбурди ҳунармандонаи он дар шеър бар ҷаззобияту зебоии он меафзояд. Намунаҳое аз ин санъатро дар теъдоде аз абёте, ки дар зер меояд, ба рӯшанӣ метавон дид:

Ҳар кӣ ӯ бонги ана-л-Ҳақ зи дами ёр шунид,
Шоҳи олам шуду дар ҳар ду ҷаҳон Мансур аст (2, 20).

Иҳом дар шеъри давраи мавриди назар корбурди зиёде дошта, бо бакоргирии он ҳамроҳ бо ибҳом ва ҷанбаҳои мухталифи маъноии як тасвири шеърӣ бозии моҳронае анҷом шудааст. Масалан, дар ин байти Осафии Ҳиравӣ:

Бар сарат гардад гаҳи таб офтоби нимрӯз,
Аз камоли меҳр мехоҳад заволи хештан (2, 191).

Мизони корбурди иҳом дар шеъри Осафии Ҳиравӣ то ба он ҷост, ки Давлатшоҳи Самарқандӣ ӯро устоди иҳом муаррифӣ кардааст (7, 585). Воқеан, намунаҳои бештаре аз иҳомро дар шеъри Осафӣ ба мушоҳида мегирем:

Муҳтасиб дар хум намак андохту дастафшон гузашт,
Бишканад дасте, ки андар кони айш андохт шӯр (2, 70).

Калимаи “шӯр“ дар ин байт ба ду маънӣ омадааст: ғавғо ва навъе таъм, ки зидди ширинӣ аст.

Ё:

Чу рӯйи хуби ту гулгуни ҳусни ҷавлон дод,
Намуд хатти сиёҳи ту гарди мушкине (2, 117).

Лафзи “мушкин” номи аспе буда, дар ин сурат бо калимаи “гард” таносуб дорад. Ҳамчунин, аз иҳоми калимаи “мушкин” ба маънии асп ва таносуби он бо гулгун ба маънии навъи дигаре аз асп мерасем. Яъне, дар ду калима “гулгун” ва “мушкин” иҳом вуҷуд дорад.

Ва ё:

Ба сӯзу нола чу парвонаву чу булбул сӯхт,
Гули чароғу гули оташин ҳазоронро (2, 5).

Калимаҳои “чароғ” ва “оташ” дар ғайри маънии мурод бо сӯзу нолаву сӯхтан таносуб дорад, яъне ин ҷо иҳоми таносуб нуҳуфтааст.

Ҳилолии Чағатоӣ низ аз шоиронест, ки ба иҳом таваҷҷуҳи зиёд доштааст:

Чин дар абрӯи ту дар суҳбати аҳбоб хатост,
Пеши ағёр дар абрӯи ту чин бояст (20, 182).

Ғайр аз ин ду шоири дигар низ ба иҳом иноят доштаанд:

Зи айни мардумӣ, эй нури дида, сокин шав,
Ба сони мардумаки дидаам ба маскани чашм (17, 155).

Дар ин байт калимоти “мардумаки дида” бо “мардумӣ” ва ин ду бо вожаҳои “дида”, “айн”, “чашм” ва саранҷом “сокин”-у “мискин” дар пайванданду баин васила як маънии бисёр одиро бо як забони фишурдаву моҳирона баён мекунад.

Байти зерин аз Бобо Фиғонист:

То чашм боз кард Фиғонӣ бад-он камар,
Худро ба ҳеҷ шакл дигар дар миён надид (15, 191).

“Миён” ба маънои “камар ва зуҳур” ҷанбаи зебои иҳомӣ дорад.

Таносубу тазод (муроот-ун-назир ва мутобақа). Таносуб ё муроот-ун-назир ва ҳамин тавр мутобақа ба маънои таносуби байни вожагон ва тазод ба навъе таносуб ба акс далолат дорад, дар корбурди вожаҳои ҳамхонавода дар шеър далолат менамоянд, вожаҳое, ки ба наҳве аз назари маъно бо ҳам хешованд ҳастанд, ҷузъе аз як доираи маъноӣ маҳсуб мешаванд. Дар ниҳоят, таносубу тазод бо таваҷҷуҳ ба

наздикии беш аз ҳад ба ҳамдигар метавонанд аз аносири асливу асосии шеър ба ҳисоб раванд. Мисол:

Ҳамчу *субҳ* аз меҳри *рӯят* мезанам *дам*ҳои сард,
То расам *рӯзе* ба *кӯят* дил басе *шаб*гир кард (17, 181).

Дар байти боло илова бар пайванди ҳамхонаводагӣ миёни калимаҳои “субҳ”, “дам”, “рӯз”, “шаб” дар “дам” санъати иҳом ва дар “рӯят”-у “кӯят” саҷъ низ дида мешавад. Ба мисли намунаи зерин аз Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ:

Дар аз ту хуш асту ҳам даво низ,
Ранҷам бахшиву ҳам даво низ.
Бегона нагашт аз ту маҳрум,
Мо хеши туему ошно низ (8, 389).

Мисоли дигар:

Ҳадиси кӯҳи ғам гуфтам, ки шояд меҳрубон гардӣ,
Туро худ ин сухан бар хотири нозук гарон омад (2, 81).

Аҳлии Шерозӣ низ монанди дигарон шефтаи ин санъати адабӣ буд. Вай дар яке аз абёташ калимоти “оташ”, “об” ва “хокистар”-ро дар тақобул бо ҳам ба кор мегирад. Дар байти дигаре Аҳлӣ калимаи “чин”-ро *ба маънои чарук ва кишвари Чин* бо “Рум” *ба маънои номи кишвар, сафедӣ* ва “ҳабаш” *ба маъноии халқият ва сиёҳӣ* пайванд медиҳад. Ҳам ӯ дар байте аз ғазалаш барои ифодаи калимаи “хуршед” ду ибораро дар канори ҳам меоварад ва дар ҳамон ғазал ду ибораро низ барои калимаи “занҷирҳо” истифода мекунад [4, 17; 4, 127; 4, 411].

Намунаҳои бешуморе аз ин ороишҳои бадеӣ дар шеъри шуарои ин аср ба мушоҳида мерасад. Аз ҷумла, ғазале аз Навоӣ аст, ки дар он номҳои “Баҳман”, “Зол”, “Искандар”, “Ҷамшед” ва “Кай”-ро овардааст [17, 155].

Ҷомӣ низ монанди дигар ҳамасронаш ба санъатҳои бадеии мутобақа, муқобала (тазод), муроот-ун-назир ва таносуб таваҷҷӯҳ дошта, дар байте чаҳор рангро бармешуморад. Дар абёти дигаре калимоти мутазоде, амсоли “турш”-у “ширин”, “сар”-у “по”-ро ба кор мебарад [21, 738]. Дар ин байти Ҷомӣ ташбеҳу тазод, мутобақат, саҷъи мутавозин ва санъати мусовӣ низ дида мешавад:

Ман абри баҳорам ту гулбарги хандон,
Маро кор гиря, туро хӯй ханда (3, 491).

Ва:

Ба сӯзу нола чу парвонаву чу булбул сӯхт
Гули чароғу гули оташин ҳазоронро (2, 5).

Вожаҳои “сӯз”, “нола”, “парвона”, ”булбул”, “сӯхтан”, “гул”, “чароғ” “оташ” ва “ҳазорон” ҳама бо ҳам таносуб доранд. Инчунин, калимаҳои “чароғ”-у “оташ” бо дигар вожаҳо иртиботи иҳомӣ барқарор мекунанд. Байти зеринро аз назар мегузаронем:

Рӯшан шавад аз сӯзи дарун бар тани ушоқ
Дар ҳашр чу пироҳани фонус кафанҳо (2, 4).

Вожаҳои “фонус”, “рӯшан” ва “сӯз” бо ҳам таносуби маънои доранд. Ҳамчунин калимаҳои “тан”, “кафан” ва “ҳашр” бо ҳам пайванду иртибот доранд.

Ҳамчун намуна абёте чанд аз ин шоирро ба хотири намоёнидани мавқеъ ва чигунагии корбасти ороияи бадеӣ зикр мекунем:

Даврон, ки дили ту шоду ғамнок кунад,
Аз тахтаи умр нақши мо пок кунад.
Хуш бош, ки тинати туро дасти қазо
Аз хок сиришту оқибат хок кунад.

Ва:

Дили ободро хароб макун
Баҳри ин олами харобобод.

Шоми ғам шод мешавам зи фалак
Номуроде, ки мерасад ба мурод.

Ва ё:

Эй шарми рӯйи мо, ки зи исёни рӯзу шаб
Бошад нишонаи рӯйи сафеду сиёҳ маро (2, 122; 2, 44; 2, 8).

Тазмин ва иқтибос. Тазмин, ибдоъ ва чандин санъати муртабит ба онҳо низ дар шеъри ин аср дида мешавад. Санъати тазмини муздавақ дар абёти мақтаи ғазалиёт, ки дар сабки ҳиндӣ бисёр маҳбуб буда, дар чанд ғазали Ҳилолӣ низ дида мешавад. Ҳилолӣ дар мақтаи яке аз ғазалҳояш шеъреро бо мисраи оғозини девони Ҳофиз ба поён мебарад [15, 17-20]. Ин саноеи бадеӣ низ бо ҳам дар пайванданд ва ҳамчунин ба ҳамроҳи тарфандҳои дигаре, монанди талмеҳ (муламмаъ) ва ирсол-ул-масал дар ғазали ин давра корбурди фаровоне доранд. Барои мисол, чанд мисраи муламмаъ дар ғазале аз Фаттоҳии Нишопуриро меоварем:

Ту, эй сархайли маҳрӯён, чи номӣ?
Малак ё ҳур, ё Ризвон, кадомӣ?!
Чу дар бӯстон хиромӣ, сарви нозӣ,
Маҳӣ, ҳар гоҳ бар болои бомӣ.
Маро рухсору зулфи туст матлуб,
Анису қути ҷон дар субҳу шомӣ.
Насиме, бигзарӣ гар бар диёраш,
Фабаллиғ ъинда маъшуқӣ паёмӣ.
Марон аз кӯйи ӯ моро, рақибо,
Фало тартад масоил ъан киромӣ.
Гул андар ғунча тардоман бувад, лек
Дарида пираҳан дар некномӣ.
Гадои туст Фаттоҳии мискин,
Фаҳасбӣ ъинда акрон иҳтишомӣ (7, 470-471).

Мавлоно Ҷомӣ низ дар ғазалиёти хеш аз ин тарфанд суд бурда, ӯ бештар аз ҳар шоири дигари мактаби адабии Ҳирот аз ин санъат истифода кардааст.

Ибдоъ ва тазмин. Намунаҳои хубе аз ибдоу тазминр ба далели майли вофири шуарои асри XV ба истиқбол метавон дар девони онҳо ёфт. Яке аз ин намунаҳо дар ғазали нахусти девони Амир Шоҳии Сабзаворӣ бо матлаи зер дида мешавад:

Биё, эй аз хатти сабзатро ҳазорон доғ бар дилҳо,
Марав, к-аз ашки муштоқон ба хун оғушта манзилҳо (21, 345).

Қофияҳову ибороте, ки дар поёни мисроъҳои ин шеър вуҷуд дорад, ба монанди “ҳалли мушкилҳо” ва “шамъи маҳфилҳо” нишонаҳои рӯшане аз вомгирии шоир аз Ҳофизи Шерозию Заҳири Форёбӣ аст, ки Амир Шоҳӣ гоҳ баъзе абёташонро калима ба калима тазмин карда ва бархе дигарро низ бо истифода аз ибдоу нақл ба таркиботи ҷадиде мубаддал карда ва барои аҳдофи навин ба кор бурдааст [6, 2; 11, 183].

Талмеҳ. Талмеҳ низ аз ҷумлаи саноеи бадеиест, ки дар ғазали ин давра зиёд мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар зер ба чанд намуна аз Осафии Ҳиравӣ таваҷҷуҳ менамоем:

Масеҳ лаб ба *Хизр*и хат шуда ҳамроҳ ҷононро,
Магар дар *чашмаи хуршед* дорад *оби ҳайвон*ро.
Дар фироқи ӯ шабе, к-аз умри мо хоҳад гузашт,
*Умри Нӯҳ*у *меҳнати Айюб* медонем мо.
На *Масеҳ*е, ки дили сӯхтаро сӯзад боз,
Оташи мурдаи моро ба даме *зинда кунад*.
Чу нақши *ҷоми Ҷам* аз Осафӣ нақши фано хоҳад,
Чаро пурсад нишони *Осаф*у *мулки Сулаймон* ҳам (2, 6-7; 2, 39-91).

Ирсол-ул-масал. Ин санъат яке аз шохистарин вижагиҳои шеъри ин давра аст, ки дар сабки ҳиндӣ мизони корбурдаш ба маротиб боло меравад. Ин ороя дар бархе аз ғазалиёти Ҷомӣ, монанди ғазали шумораи 649- дида мешавад, ки муштамил аст бар таркиботе, амсоли "ҳалоки сайд на аз ханҷари сайёд мехезад", "Нафири ҷуғд кай аз хонаи обод мехезад" ва ғайра [21, 740].

Як намунаи ирсол-ул-масал аз ғазали Амир Аминуддини Назлободӣ:

Дили ман дар сари он зулфи сияҳ музтариб аст,
Мурғ дар дом чу афтод, тапидан гирад.
Ларза бар тан фитад он лаҳза, ки ман оҳ кашам,
Шох ларзад, чу саҳар бод вазидан гирад (7, 509).

Ду намунаи дигар аз овардани масал дар шеъри Озарӣ, ки тамоюли хосе ба корбурди ин санъат доштааст:

Зинҳор, Озар зи касон ростӣ маҷӯ,
Натвон намуд рост дарахти хамидаро.

Ва:

Дило, дар гиря васли ёр дархоҳ,
Дуо ҳангоми борон мустаҷоб аст (1, 494).

Дар ғазалиёти Осафии Ҳиравӣ намунаҳои зиёде аз ин санъати ҳунарӣ ба чашм мехӯрад:

Ба рӯзи васл шудам коҳи хирмани гили ту,
Зи бод тафриқа дорад ҷудо нигоҳ он ҷо (2, 10).

Ва:

Арзи фироқ мекунад айёму шарҳи роз
*Мегирадам ба марг, ки розӣ шавам ба т*аб (2, 13).

Ва ё:

Бирехт дурди маю муҳтасиб зи дайр гузашт,
Расида буд балое, вале ба хайр гузашт (2, 14).

Ё худ:

Дасти туро гирифт табиб аз пайи илоҷ,
Ин дастро мабод ба он даст иҳтиёҷ (2, 32).

Иғроқ. Ин санъати бадеи маънавӣ, ки ҳамвора бахши муҳимме аз шеъри форсӣ будааст, дар шеъри ин давра низ аҳамияти худро ҳифз карда, бештари авқот дар тасовире, ки ба мазомини ранҷу ғам далолат дорад, ба кор мерафтааст, монанди тавсифи ашкҳо ё хунҳое, ки аз чашми ошиқ мерезад. Дар байти зер аз Амир Шоҳӣ як намунаи хубе аз ин тарфанд ба чашм меояд:

Биё, эй аз хатти сабзат ҳазорон доғ бар дилҳо,
Марав, к-аз ашки муштоқон ба хун оғӯшта манзилҳо (21, 374).

Намунаи дигар:

Ғуборолуда меоию чарх ин орзу дорад,
К-аз оби чашмаи хуршед шӯяд гарди рухсорат.
Ба нома дарҷ макун шарҳи шавқи худ, Ҷомӣ,
Мабод, шуъла занад оташ аз найи қаламат (3, 492).

Тасовири иғроқии дигаре аз ин даст, ки дар ғазалиёт тарсим мешудааст, иборатанд аз уқёнусе, ки аз ашкҳои ошиқон равон гаштааст ва бар фарози он мардумони бедарду ноогоҳ нишастаанд. Ё худ, бартарӣ додани гарду ғубори кӯйи маъшуқ бар сарвати подшоҳон ва ҷаззобияту дилфиребии оламгири маъшуқ.

Бар хилофи бисёре аз ороятҳои дигаре, ки баррасӣ кардем, иғроқ дар қонуни муҳтавову оҳанги ҳар ду навъи ғазалиёти орифонаву ғазалиёти ғаноӣ-ишқӣ (erotic) қарор доштааст. Намунаҳое аз ин ороя дар зер аз Амир Шайхумбеги Суҳайлӣ ва Осафии Ҳиравӣ нақл мешавад:

Шаби ғам кард, боди оҳам аз ҷо бурд гардунро,

Фурӯ хӯрд аждаҳои сели ашкам рубъи маскунро (21, 283).

Ва:

З-устухони ман, ки аз санги ҷунун сад ҷо шикаст,
Устухони қиссаи Фарҳоду Маҷнун бастаанд (2, 142).

Дигар:

Чу баҳри дафн дар кӯят зи тобутам бурун оранд,
Зи хушҳолӣ кунам бори дигар қолаб тиҳӣ он ҷо (2, 9).

Зебоии муболиға дар байти дувуми Осафӣ ин аст, ки метавон онро тавҷеҳ ба ҳақиқат намуд: “қолаб тиҳӣ кардан”, яъне аз “тобут бурун гаштан” ҳам метавонад бошад.

Ҳусни таълил. Яъне, овардани иллати шоирона дар тавҷеҳи иддаои шоир, ки фақат дар ҳавзаи ҳунар ҷанбаи иқноии метавонад дошта бошад. Ин маъдуд намунаҳо аз ғазалиёти Осаф баёнгари ин иддаост:

Ба оби дида нашуд хунфишон, ки сохт дилам
Зи барқи оҳи шарар қатраҳои боронро (2, 1).

Ва:

Ҳаст оҳи ман боди хазон, ҳар гаҳ ки мегардад вазон,
Дар анҷуман бошад аз он афғону зори чангҳо (2, 4).

Ва ё:

Маҷнун, ки мурд, аз ӯ дили аҳли ҷунун шикаст
В-аз марги кӯҳкан камари Бесутун шикаст (2, 21).

Дар байти нахуст аз ташбеҳи *оби дида* ба *борон* ва *оҳ* ба *барқ*, ки бигзарем, шоир мегӯяд: “бориш” аз асари “оҳи сӯзноку шарарбор”-и ман аст, ки меборад ва ин илатест ҳунармандона. Дар байти дувум шоир мегӯяд, ки мусиқии чанг аз асари оҳи ман аст; ки овози ҳазине дорад.

Намунаҳои фаровоне аз ин даст дар ғазали шоирони ин аср қобили мушоҳида аст, ки аз зикри онҳо ба далели дароздоман шудани матлаб мепарҳезем. Аммо ин байтро ҳам зикр накарда наметавонем:

Чу мумкин нест тасвири ҷамолат,
Шариат монеи тасвир гашта (3, 495).

Таҷоҳули ориф. Ин санъат чунон аст, ки шоир матлаберо иддао мекунад, аммо изҳори беиттилоӣ менамояд, ҳол он ки қасдаш бештар ташбеҳ аст. Намунаҳое аз шеъри Осафии Ҳиравӣ:

Чашми анҷум бар рухат ҳар шом боз аст ин ҳама
Ё зи меҳрат моҳро ашки ниёз аст ин ҳама? (2, 110).

Ва:

Тӯтист хатти сабзи ту аз бод парзанон
Ё мурғи рӯҳи мост, ки парвоз меунад? (2, 39).

Дигар:

Офтоб аст барафрӯхта ё сурхии шом,
Ё ба хунам кафи худ он маҳи шабгард олуд? (2, 50).

Суолу ҷавоб. Ин санъат борҳо дар ашъори ин давра ба кор рафта, ҳарчанд ба андозаи бархе давраҳои дигари шеър мутадовил набудааст. Бо ин ҳол баъзе авқот мазмуни ғолиби ғазал аст, ки муҷиби пайвастагии шеър мо ҳавли як саҳнаи гуфтугӯ мегардад:

Гуфтамаш: ид асту он рухсору абрӯ моҳи нав?
Гуфт: оре, рӯшан аст ин ҳол пеши аҳли дид! (7, 497).

Дар байти зерин илова бар санъати суолу ҷавоб се тазод, таҷниси ноқис, маҷоз ва муболиға вуҷуд дорад:

З-ашку оҳам дар замину осмон расвои ишқ,
Чун кунам, к-он то сарӣ в-ин то сурайё меравад?! (3, 493).

Илова бар ин тарфандҳо, ки боризтарину мутадовилтарин ороярҳои ин давра будаанд, мукин аст дар шеъри шоирони давраи мавриди назар ба санъатҳои дигаре ҳам дучор шавем, монанди тансиқ-ус-сифот, рад-ул-аҷз ала-с-садр, ҷамъ, тафриқу тақсим, лафу нашр ва баъзан бархе тасаннуоти душвори дигар, амсоли мақлуби муставфӣ. Ин мавриди охир, қалб ё акс, бисёр мавриди таваҷҷуҳи Мавлоно Қозӣ Абдулваҳҳоби Машҳадӣ будааст, ки ба қавли Навоӣ дар корбурди он устод будааст [18, 201; 18, 45]. Мисолҳое аз ин санъати шеърӣ дар ибороте, монанди “муроде дораму барояд, ё Раб” дида мешавад, ки метавон онҳоро аз ҳар ду тараф хонд.

Дар ин давра маҳоратҳои бадеию “бозӣ бо вожаҳо” (word-plays) беш аз ҳар замони дигар фикру зеҳни шуароро ба худ машғул карда буд.

Аълохон Афсаҳзод ба ин бовар аст, ки ғазалҳои Ҷомӣ аз санъатҳои шеърӣ ниҳоят ғанӣ ҳастанд, вале ӯ тарафдори шеъри пуртакаллуфу маснуъ нест, вай мисли Котибӣ, Яҳёи Себак, Аҳлии Шерозӣ ва дигарон барои қудратнамоӣ ба ҷуз маворидиу мустасно ашъори маснуъ нагуфтааст. Санъатҳои шеъриро ӯ ба таври табиӣ, бомаврид, дар ҳадди эътидол мувофиқи фикру ифодаи эҳсос истифода мебарад. Аз ин ҳайс, ғазалҳои ӯ бо вуҷуди фаровонии саноеи бадеии шеърӣ матбӯъ, ҳамафаҳм, гӯшнавоз ва осонписанд буда, ба соҳибашон чун ғазалсарои устод шуҳрати ҷаҳонӣ овардаанд [3, 498].

Ӯ монанди бисёре аз шуарои дигар анвои гуногуне аз ин ороярҳоро ба сурати муътадиле дар ғазалиёташ истифода мекунад. Тарфандҳои бадеии лафзӣ, монанди саҷъ, таҷнис, иштиқоқ ағлаб дар шеъри Ҷомӣ дида мешавад. Дар матлаи ғазали шумораи 1191 Ҷомӣ яке аз намунаҳои шадидтари ин ороишҳои каломиро метавон дид:

Шуд вазон сӯйи разон боди хазон боз вазон,
Гашт зард аз ғами бебаргии худ ранги разон.

Аз тарфандҳои бадеии дигаре, ки ба гунаи зебо ва на ба шакли ифротӣ дар ашъори Ҷомӣ ба чашм мехӯрад, ороярҳои маънавии ҳусни таълил, иҳом, ирсол-ул-масал, иғроқ ва тазмин аст. Яке намунаи зебо аз ороярои иҳом дар ғазали 886 дида мешавад. Ҷомӣ дар мақтаи ин ғазал ба хоитри қофияи душвори он, ки бо ҳарфи “т” поён меёбад, чунин мегӯяд:

Ҷомӣ хиҷил мабош, ки аз қаҳти қофия
Воқеъ шавад ба матлау мақтаъ туро ғалат.

Дар ин ҷо “ғалат” ҳам ба маънои аслии худи вожа ва ҳам ба маънии иштибоҳ ба кор рафтааст. Саноеи ирсоду тасҳим ва рад-ул-аҷуз ала-с-садр низ дар шеъри Ҷомӣ маъмул мебошанд [21, 737; 21, 740].

Ба сурати куллӣ ағлаби тарфандҳои бакоргирифташуда дар ғазали асри XV бо навъе ҳиси содагиву худҷӯшӣ ҳамроҳ аст. Шояд ба ин далел, ки шоирони ин аср мехостанд навъи муколамаи сареъ ва мустақимро дар ғазали ин давра матраҳ намоянд.

Агар мабоҳиси дар фавқ матраҳшударо хулоса бикунем, ба чунин натиҷа мерасем, ки дар ғазали давраи мавриди мутолиа аз саноеи бадеӣ, аам аз лафзию маънавӣ суди фаровоне бурда шудааст.

Дар сатҳи бадеии лафзӣ санъатҳое, ки корбурди фаровонтаре доранд, ҳамоно ҳамҳуруфӣ, такрори вожаҳо, саҷъу гунаҳои он, таҷнису анвои он, аксу табдил корбурди бештаре ёфтаанд. Албатта, ки гоҳе шуаро бо илтизоми вожаҳою иборатҳо ва иттихози шеваи ифротӣ дар ин шева муҷиби навъе гароиш ба такаллуфу тасаннуъ шудааст. Аммо ин илтизомҳо ба он ҳад нест, ки дар куллият ғазали ин давраро ба такаллуф кашонда бошад. Дар ивази тарфандҳои зебову ҳунармандонае, ки дар боло ба онҳо ишора рафт, нақши фавқулодда болое дар иртиқои мусиқии калому хушовоии онҳо дошта ва ғазали ин давраро таровату тозагии хосе бахшидааст.

Дар сатҳи бадеи маънавӣ, ки муҷиби иттилои мусиқии маънавии калом аст, ороясҳои фаровоне ҳамчун таносуб, тазод (таносуб ба акс),таҷоҳули ориф, ибдоу тазмин, ибдоу иқтибос, суолу ҷавоб, талмеъ, талмеҳ, ирсол-ул-масал, ҳусни таълил, муболиға, иғроқ ва бавижа, иҳом дар зебоию навоинии ғазали ин давра нақше босазо доштаанд. Аз ин миён нақши таносубу тазод, талмеҳ, ирсол-ул-масал, ҳусни таълил ва иҳом бо басомади болояшон аз таборузи вижагиҳои мумтози ғазали ин давра ба ҳисоб рафта ва яке аз аносири таъсиргузор дар зебоию таровати ғазали ин аср шудаанд.

Дар миёни ғазалсароёни асри XV шуарои лоиқу тавонманде, ба монанди Осафии Ҳиравӣ, Ҳилолии Чағатоӣ, Мавлоно Ҷомӣ, Исмати Бухороӣ, Камолуддини Биноӣ тавонистанд, бо истифода аз бархе умури тазйинӣ ба шеъри худ истеҳком, зебоӣ ва зарофати хосе бубахшанд. Бисёр нодир аст агар гуфта шавад, ки аксари ғазалиёти шуарои ин давра маснӯӣ будааст. Бисёре аз ғазалиёти шуарои асри XV забону тасвире рӯшану мустақим доранд. Бинобар ин, бо вуҷуди мунтақидини фаровони мактаби Ҳирот набояд аҷулона ба ин натиҷа бирасем, ки шеъри ин давра танҳо як бозии маҳз ва ё дунболарави мунҳат аз пешиниён аст.

Мавлоно Ҷомӣ дар яке аз қасоид ва теъдоди зиёде аз маснавиҳояш ороиши беш аз ҳади сухан бо истифода аз тарфандҳои бадеӣ ва ибдооти шеърии дигарро накӯҳиш мекунад. Вай муътақид аст, ки шоир бояд ибтидо шеърашро бо маънию мафҳум биёрояд, чаро ки агар шеъре тиҳӣ аз маъниву мафҳум бошад, ҳеҷ ороиши каломӣ сазовори ситоишу тамҳид намебошад. Бинобар он ки чунин назариёти Ҷомӣ моҳияти дастурию назарӣ ҳам касб кардаанд, зайлан ба чанде аз онҳо ишора мешавад:

Чу дебоест аз нақши такаллуф сода назми ман,
Чӣ ғам, к-аз содагӣ хонад фалон бенақшу баҳмонаш.

Ва:

Хуш ояд дар сухан санъат зи шоир, лек на чандон,
Ки орад дар камоли маънӣ мақсуди нуқсонаш.

Ва ё:

Хаёли хос бошад холи рӯйи шоҳиди маънӣ,
Чу хол андак фитад бар рух, диҳад ҳусни фаровонаш.

Дигар:

В-агар гирад зи бисёрӣ ҳама рухсори шоҳидро,
Миёни содарухсорон сияҳрӯйӣ расад з-онаш (5, 67).

Бо ин ҳол, аксар ба иттифоқ шуарои тавонманди мактаби адабии Ҳирот, бавижа нимаи дувуми асри XV дар корбурди тарфандҳои бадеӣ ҷониби эҳтиётро риоят намуда ва нагузоштаанд, ки ин шева ба такаллуфу тасаннӯъ гарояд. Балки бо таодулу таносуб тавонистанд бо судбарӣ аз ин шеваҳои озинбандии калом ба ғазалиёти хеш ҷозибаи ширинию зебоӣ бахшанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Озар Бегдилӣ, Оташкадаи Озар /Озар Бегдилӣ, Лутфалибег.-Теҳрон: Нашри китоб, чопи офсет.1337.-629 с.
2. Осафии Ҳиравӣ. Девони ашъор/ Ба тасҳеҳ ва таҳшияи Фикрии Салҷуқӣ.-Ҳирот: Матбааи давлатӣ, чопи аввал, 1347.-122 с.
3. Афсаҳзод, Аълохон. Нақд ва баррасии осор ва шарҳи аҳволи Ҷомӣ/ Афсаҳзод, Аълохон.-Теҳрон: Маракази мутолиоти эронӣ, чопи аввал,1378.-776 с.
4. Аҳлии Шерозӣ, Муҳаммад. Девони ашъори Аҳлии Шерозӣ/ Ба эҳтимом ва тасҳеҳи Ҳомид Раббонӣ.-Теҳрон: Интишороти китобхонаи Саноӣ, чопи дувум, 1369.-871 с.
5. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Девони комили Ҷомӣ/ Бо муқаддмимаи Ҳошим Разӣ.-Теҳрон: Интишоротии Пирӯз, 1341.-955 с.
6. Ҳофиз, Шамсуддин Муҳаммад. Девони Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ/ Ба эҳтимоми Абдурраҳими Халхолӣ.-Теҳрон: Ҳофиз, 1362.-360.
7. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкират-уш-шуаро/ Ба эҳтимоми Эдуард Броун.-Теҳрон: Асотир.1382-621 с.

8. Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ. Девони ашъор/ Шоҳнеъматуллоҳи Валӣ.-Теҳрон: Интишороти илм, 1382.-907 с.
9. Шамисо, Сирус. Баён / Сирус Шамисо.-Теҳрон: Митро, вироиши савум, 1385.-348 с.
10. Шамисо, Сирус. Нигоҳе тоза ба бадеъ/ Сирус Шамисо.- Теҳрон: Интишороти Фирдавс, чопи чордаҳ, 1368.-211 с.
11. Форёбӣ, Заҳир. Девони Заҳири Форёбӣ/ Ба тасҳеҳи Акбари Баҳорванд.-Теҳрон: Нигоҳ, 1379.-548 с.
12. Футуҳӣ, Маҳмуд. Сабкшиносӣ (назарияҳо, рӯйкардҳо ва равишҳо)/ Футуҳӣ, Маҳмуд.-Теҳрон: Сухан, 1391.-461 с.
13. Футуҳӣ, Маҳмуд. Балоғати тасвир/ Футуҳӣ, Маҳмуд.-Теҳрон: Сухан,1389.- чопи дувум-458 с.
14. Футуҳӣ, Маҳмуд. Назарияи таърихи адабиёт/ Футуҳӣ, Маҳмуд.-Теҳрон: Сухан, 1387.-407 с.
15. Фиғонии Шерозӣ. Девони ашъори Бобо Фиғонии Шерозӣ/ Тасҳеҳи Аҳмад Суҳайлии Хонсорӣ.-Теҳрон: Ширкати насабии Иқбол ва Ширко, чопи дувум. 1353, 447 с.
16. Кадканӣ Шафеӣ, Муҳаммадризо. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ (таҳқиқи интиқодӣ дар татаввури иможҳои шеъри порсӣ ва сайри назарияи балоғат дар ислом ва Эрон)/ Кадканӣ Шафеӣ, Муҳаммадризо.-Теҳрон: Огаҳ, чопи чордаҳ, 1389.-732 с.
17. Навоӣ. Амир Низомуддин Алишер. Девони ашъори форсӣ. Ба эҳтимоми Рукнуддини Ҳумоюнфаррух.-Теҳрон: Асотир, 1375.-347 с.
18. Навоӣ, Алишер. Маҷолис-ун- нафоис/ Навоӣ, Алишер; ба Саъй ва эҳтимоми Алиасғари Ҳикмат.-Теҳрон, 1323.
19. Восифӣ, Зайнуддин Маҳмуд. Бадоеъ-ул-вақоеъ Восифӣ, Зайнуддин Маҳмуд; ба тасҳеҳи Александр Болдирев.-Теҳрон: Интишороти Бунёди фарҳанги Эрон, чопи дувум, ҷилди аввал, 1349.-533 с.
20. Ҳилолии Ҷуғатоӣ, Бадруддин. Девони Ҳилолии Ҷуғатоӣ; Ба тасҳеҳ ва муқаддимаи Саид Нафисӣ.-Теҳрон: Саноӣ, 1375.-334 с.
21. Charles Frank. Persian Poetry in the Timurid Period.- University of Californian, Berkley. Printed by xerographic process on Acid-Free paper. 1989. –PP 750.

ПОЭТИЧЕСКИЕ СРЕДСТВА ВЫРАЖЕНИЯ В ГАЗЕЛЯХ XV ВЕКА

Газель, сформировавшись в IX-X вв, превратился в гибкую жанровую модель лирического стихотворения. В данной статье автором рассматривается структура, специфика и эволюция газелей, а также функции поэтических средств выражения, сущность и природа художественного содержания в газелях XV века.

Ключевые слова: поэтические средства, рифма, таджнис, соотношения, сочинение, нововведения

POETIC EXPRESSION MEANS IN THE GHAZALS OF THE XV CENTURY

Gazelle, was formed in IX-X centuries, turned into a flexible genre model lyrical poems. In this article the author examines the structure, specific features and evolution of the Gazelle, and the functions of poetic means of expression, the essence and the nature of artistic content in the ghazals of the 15th century.

Key words: poetry funds, rhyme, tagines, relationship, composition, innovations

Сведения об авторе: ***Салохиддин Джами*** – соискатель Таджикского национального университета

ТАРАҚҚӢ БА РИВОЯТИ ҶАВОНТАРИН ТАҶАДДУДГАРОИ ТОҶИК

Ҳабибулло Исмоилӣ Ҳусайн
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Равшанфикри ҷавонмарги тоҷик Мирзо Сироҷиддини Ҳаким соли 1877 дар Бухоро зода шуд ва ба чиҳил баҳори умр нарасида, дар 1914 чашм аз ҷаҳон фурӯ баст.

Садриддин Айнӣ талхкомона дар ғами аз даст додани дӯсташ сурудааст:

Сахтҷонем, ки дидему намурдем зи ғам,
Ба ҷавонии ту тобути туро дар таги дар.
Бар сари турбати ту нолакунон омадаем,
Ба куҷо меравӣ? Як бор ба аҳбоб нигар.

«Сафарнома»-и Мирзо Солеҳ, ки бавоқеъ зиндагиномаи ӯст, аслитарин сарчашмаи мо барои огоҳӣ аз нишебу фарози умри кӯтоҳ, аммо пурҳодисаи ӯст. Ба гуфти худаш аз панҷсолагӣ бо даҳсолагӣ хату забони форсӣ омӯхт ва пас аз он ба касби падарӣ, яъне саррофӣ рӯй оварад. Сипас, дар як сол русӣ омӯхт ва дар як мактаби русӣ ба омӯхтани забон ва риёзӣ ва ҷуғрофиё ва аз он пас ба ёд гирифтани

забони фаронса низ пардохт. Сарф ва наҳви арабӣ ва фиқҳ дар шумори дигар омӯхтаҳои Мирзо Сироҷ аст [1,4].

Шавқи омӯхтан дар вай бепоён буд ва ба ин далел, ки дар замони ҳузур дар Теҳрон тибро низ омӯхт. Метавон гуфт, Мирзо Сироҷ аз он касон буд, ки агар дасти аҷал намерабудаш ба воситаи шавқи бепоён ба омӯхтан саромади дониш ва маърифати замони худ мегашт.

Бо ин ки ӯ дар корҳои тиҷоратии худ ба хариду фурӯши пунба ва пиллаи абрешим машғул ва то ҳадде муваффақ буд ва бо тиҷорати русӣ ва фаронсавӣ ва итолиёӣ доду гирифт мекард, аммо майл ба огоҳӣ аз он чи дар дунёи нав рух намуда буд, Мирзо Сироҷро ба худ мехонд. Ба ҳамин сабаб дар соли 1902, дар ҳоле ки беш аз 23 сол надошт, ба сӯйи Аврупо ҳаракат кард. Бо ин ки сафари Аврупоии Мирзо Сироҷ аз моҳи июни соли 1902 оғоз шуд ва то январи соли 1903 бештар тӯл накашид, аммо ҳосили арзишманд барои наслҳои баъд боқӣ гузорид [1,5].

Ӯ дар ин сафар аз Истамбул, Будапешт, Вена, Берлин, Париж, Лондон ва Москва дидан кард. Баъд аз ин сафар Мирзо Сироҷ муддатеро дар Нишопур гузаронд ва сипас ба Афғонистон рафт, ки дар он ҷо ӯро пас аз муддате ба иттҳом ва гумони ҷосусӣ барои Русия ба зиндон афкандан ва баъд аз даҳ моҳ ба дастури Амир Ҳабибуллохон озод шуд. Мирзо Сироҷ ба Ҳинд низ сафар кард, ки дар он ҷо низ тавассути англисҳо боздошт ва баъд аз бозҷӯйӣ озод шуд. Аз сафарҳои ҳаштсолаи Мирзо Сироҷ чор солаш дар Эрон гузашт. Ба ҳамин ҷиҳат гузориши ӯ аз мушоҳидоташ дар солҳои инқилоби Машрута дар Эрон бисёр арзишманд аст [1,7].

Пурсиши Мирзо Сироҷ аз иллатҳои ақибмондагии миллати шарқии мусулмонон аз корвони «тараққӣ» низ дар муқоисаи «худ» бо «дигарӣ» халқ мешавад. Ӯ ба ҳангоми дидор аз Будапешт чун касе, ки муддатҳост дар пайи баёни сухане дар ин боб аст, ибтидо ба мубориза ва шаҳодати сарбозони ислом барои расидан ба он ҷо ишора мекунад ва пас аз он ки рӯзгору иззати мусалмононро ёдоварӣ мекунад ва аз ин ки вазъи кунунӣ, яъне ақибмондагии мо муҷиб шуда то тааҷубаш бияфзояд, сӯгмандона мегӯяд: «Он ҳама тараққиро боис чӣ буд ва ин ҳама таназзулро сабаб кӣ шуд? Он вақт шер будан аз чӣ буд ва ҳолиё рӯбаҳ шудан аз чӣ шуд? …. Сабаб ва боиси инҳо, он ки он вақт итиффоқ доштем, ҳоло нифоқ. Он дам ғайрат ва ҳиммати динӣ доштем, ҳоло муҳаббати дунёӣ. Он вақт ғами дин мехӯрдем, ҳоло ғами дунё. Он вақт адолат мекардем, ҳоло зулм. Он вақт олим будем аз тамоми илм, ҳоло ҷоҳилтарин халқ шудаем….» [2,55].

Медонем, ки Мирзо Сироҷ «Сафарнома-и» худро баъд аз поёни сафараш навишта аст. Ӯ набояд бечиҳат ин суханонро ба баҳонаи тавсиф нишонае аз рӯзгори бошукӯҳи гузашта ба забон оварда бошад. Иттифоқан ин суханон аз манзари таҳлили гуфтмон, фароянди шаклгирии зеҳнияти таърихии моро дар бораи «худ» ва «дигарӣ», ки ҳосил аз огоҳии ношӣ аз шикастҳои низомии қарни нуздаҳум аст, нишон медиҳад. Ин гуфтори ӯ ба лиҳози ҷуғрофиёӣ низ дар ибтидои вуруд ба Аврупо баён мешавад ва ба назар меояд, барои ин ҷо Мирзо Сироҷ сароғози роҳест, ки идомаи ӯро низ чун дигар сайёҳони Шарқ ба «водии ҳайрат»[‡‡‡‡], яъне шаҳрҳои Аврупоӣ, мекашонд.

Мирзо Сироҷ ҳайрати худро ба ҳангоми тавсифи нишонаҳои тараққӣ дар Аврупо пинҳон намекунад. Кофӣ аст,ки ба гузоришҳои ӯ аз шаҳрҳои Вена, Берлин, Париж, Лондон ва Берн бингарем. Ӯ ба таври тақрибӣ дар ҳама ин шаҳрҳо нишонаҳое чун: хиёбонҳои шаҳрҳо, мадрасаҳо, китобхонаҳо, мӯзейҳо, корхонаҳои саноъатӣ, бемористонҳо, салонҳои таотир, боғи вуҳушҳо, бозорҳо ва бонкҳо ва…ро ба унвони намодҳо ва нишонаҳои дунёи ҷадид дар назар мегирад ва дар матни марбут ба ҳар кадом аз шаҳрҳо ҳайрати худро ошкоро бо ифодаҳое чун «ақл мемонад аз вусъати хиёбон, сохтмонҳои баланд, азамат, зебоӣ, назофат ва тарбият ва тамаддуни аҳолӣ» ба забон меоварад[§§§§].

Чорчӯби фикрии Мирзо Сироҷ аз ҷаҳони дигар низ моро ба равойити ӯ аз тараққӣ дар дунёи ҷадид наздик мекунад. Дар тавсифҳои Мирзо Сироҷ аз шаҳр ба унвони мазҳари маданият се даста шаҳр аз ҳам тамиз дода мешаванд: дастаи аввал,

---

[‡‡‡‡] Ин ҳам аз аҷоиби рӯзгори ҷадид аст. Водии ҳайратро на дар осмон, ки дар замин бояд ҷуст.

[§§§§] Ба ин саҳфаҳо нигоҳ кунед: Туҳафи аҳли Бухоро. –С. 57. (Будапешт). – С. 59-63 (Берлин). –С. 67-70-75 (Париж). –С.77. (Лондон). –С. 81. (Берн)

шаҳрҳои куҳна монанди Хуҷанд ва Машҳад. Ӯ ин шаҳрҳоро касиф бо кӯчаҳои танг ва иморатҳои кӯтоҳ, ки тарзи Фарангистон надоранд муаррифӣ мекунанд. Дар ин шаҳрҳо мардум аз маданият дур ва аз ҳамаи чиз ақибмонда аст,ки ва ҳама бояд иваз шаванд ва дар масири тараққӣ қарор бигиранд [1,19].

Дастаи дувум, шаҳрҳое монанди Маскав ва Истамбул ҳастанд. Ӯ ин шаҳрҳоро на комилан куҳна ва нав тавсиф мекунад. Ба назари Мирзо Сироҷ вуҷуди иморатҳо ва хиёбонҳои ба таври Фарангистон дар шаҳрҳои Маскав ва Истамбул нишонаи тараққӣ аст, аммо комил нест. Ӯ ҳатто Тошканд ва Тифлис ва Бокуро, ки бо дасти русҳо обод шудаанд, дар шумори шаҳрҳое медонад, ки дар масири тараққӣ ҷой гирифтанд [1,16].

Аммо дастаи савум, шаҳрҳои тараққиёфта мисли Берн, Париж, Лондон, Берлин дар ин даста ҷой мегиранд. Ҳама чизи ҳамаи ин шаҳрҳо аз назари Мирзо Сироҷ ҳайратангез аст. Мирзо Сироҷ дар тавсифи ин шаҳрҳо бузургнамоӣ мекунад, то ҷое ки мегӯяд: «Инсон орзу мекунад яке аз ҳайвонҳои боғи Париж бошад» [1,73]. ё дар васфи шаҳри Берн пойтахти Шветсия меоварад, ки «ҳайвоноти Шветсия аз инсонҳо ботарбиятар ҳастанд» [1,81].

Дидем, ки дар «Сафарнома-и» Мирзо Сироҷ гуфтмони тараққӣ аз муқоисаи «худ» бо «дигарӣ» шакл гирифт. Ба қавли Мирзо Сироҷ: «Мо номутараққӣ, беодоб ва дур аз маданият ҳастем. Барои расидан ба тараққӣ ва ҳаммонандӣ бо «дигарӣ» як роҳ бештар надорем ва он ҳам низоми омӯзиш аст» [1,66]. Аз назари Мирзо Сироҷ тараққӣ, яъне эҷоди роҳи оҳан, корхона, бонк ва созмонҳои тиҷорӣ ва иқтисодӣ ба таври Фарангистон [1,76].

Ҷонмояи каломи Мирзо Сироҷ дар бораи вазъи мо дар оғози солҳои садаи ХХ дар ҷумлаҳои зер тасвир шудааст: «Эрониҳо дод мегӯянд, ки мо роҳ надорем, вале касе намегӯяд ҳеҷ роҳ абадан надорем… ҳазор афсӯс, ба мо мардуми Бухоро, ки аз Эрониҳо бадтар, танбал ва беҳиммат ҳастем… афсӯс, ки мо мусалмонони Осиёро хоби марг бурда, абадан дар фикри ободӣ ва зиндагии худ нестем» [2,57].

Сухани охир, ин ки Мирзо Сироҷ дар бештари саҳфаҳои сафарномаи худ, аз ин ки ҳукуматҳои Аврупо чӣ қадар маблағ барои таъсиси ниҳодҳои умумӣ махориҷ кардаанд, сухан мегӯяд ва ба нақши ҳукуматҳо дар пеш бурдани тараққӣ таъкид мекунад. Дар ин суханони Мирзо Сироҷ гарчи номе аз Пётри Кабир нест, аммо ба таври нохудогоҳ зеҳн суханони дигар равшанфикрони Эронию тоҷикро дар бораи гурезнопазир будани улгуи Пётр барои расидан ба тараққӣ ба ёди мо меорварад [1,62-66].

А Д А Б И Ё Т

1. Мирзо Сироҷиддини Ҳаким. Тӯҳафи аҳли Бухоро/ Мирзо Сироҷиддини Ҳаким; тартибдиҳандагон: Саҳобиддин Солеҳов ва дигарон. –Душанбе, 1992, – С. 4.
2. Сатторӣ Қиёмуддин. Мирзо Сироҷ-Сироҷи дониш/ Сатторӣ Қиёмуддин. //Фаслномаи Рӯдакӣ. Соли 8-ум. Шумораи 16. 2007. – С.45.

РАЗВИТИЕ И СТАНОВЛЕНИЕ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ МОЛОДОГО ТАДЖИКСКОГО РЕФОРМАТОРА

Изучение истории культуры народа, имеет огромное практическое значение, и дает возможность определить перспективные пути развития Джадидская литература является яркой страницей в истории таджикской литературы и сыграла определенную роль в развитии лучших традиций классической таджикско-персидской литературы. В данной статье автором подвергнута изучению и рассмотрению жизнь и реформаторская деятельность молодого таджикского реформатора Мирзо Сироджиддина Хакима, который во время своих путешествий по странам Востока и Запада ознакомился с их культурой и достижениями и хорошо осознавал, что все они стали возможны благодаря науке.

Ключевые слова: изучение истории культуры народа, культура таджикского народа, зарождение и формирование джадидской литературы, Мирзо Сироджиддин Хаким – таджикский реформатор.

THE DEVELOPMENT AND ESTABLISHMENT FROM THE POINT OF VIEW OF A YOUNG TAJIK REFORMER

The study of history of culture of the people, is of great practical importance, and enables us to determine the prospective ways of development Juditsky literature is a bright page in the history of Tajik literature and played a role in the development of the best traditions of the classical Tajik-Persian literature. In the article the author subjected to study and discuss the life and reformist activities of young Tajik reformer Mirzo of Sirojiddin Hakim, who, during his journeys to countries of the East and the West got acquainted with their culture and achievements and were well aware that they all became possible thanks to science.

Key words: studies of the history of culture of the people, the culture of the Tajik people, the emergence and formation of juditsky literature, Mirzo Sirojiddin Hakim - Tajik reformer.

Сведения об авторе: ***Хабибулло Исмоили Хусайн*** - *соискатель ТНУ*.Телефон:**939-393-066**

ПЕРЕВОДЫ ГАЗЕЛЕЙ ХАФИЗА Д.П. ОЗНОБИШИНЫМ В КОНТЕКСТЕ РУССКОГО ОРИЕНТАЛИЗМА

Б. Р. Рахманов
Российско-Таджикский (славянский) университет

Д.П. Ознобишин, известный любителям литературы под персидским псевдонимом «Делибюрадер» («Деле берадер» - «Сердце брата»), перу которого принадлежат ориентальные труды (переложения и подражания, статьи), выделялся из общего круга современников поэтов и писателей, увлеченных восточной экзотикой. Т.М. Гольц, свою научно-исследовательскую деятельность посвятившая изучению наследия писателя, отмечает, что он был одним из первых русских поэтов, который переводил с оригинала и пропагандировал произведения писателей персидско-таджикской литературы (Саади и Хафиз), арабской и индийской поэзии, ему принадлежат занимательные «восточные повести», в периодике печатаются его критические статьи [2]. Свое видение проблемы русско-восточных литературных связей Делибюрадер подает современникам в статьях «Сочинения об искусстве» (Северная лира, 1827) и «О духе поэзии восточных народов..» (Сын отечества, 1826). Д.П. Ознобишин изучает восточные языки под руководством профессора А.В. Болдырева[*****] и уделяет тщательное внимание трудам европейских ориенталистов. Сотрудничество с С.Е. Раичем[†††††] сыграло положительную роль в творчестве поэта: он получил поддержку своему увлечению восточными языками и понимание того, что восточные переводы обогатят русскую литературу темами и образами. Впоследствии дуэт выпускает альманах "Северная лира", в котором большое место отводится восточной тематике. О творчестве ориенталиста в приложении «…Поэт и полиглот...» к двухтомному собранию произведений Ознобишина Т.М. Гольц пишет: «Поистине, без "восточника" Ознобишина невозможно составить полное представление о литературном процессе 20-40-х годов XIX в.» [2].

Но следует отметить, что видение Ознобишина восточной тематики отличается от традиционного взгляда. Как сторонник углубленного научного подхода к восточной культуре и литературе, точке зрения, видевшей в Востоке только экзотику и развлечение, он противопоставляет свое понимание и восприятие иноязычной культуры.

В персидско-таджикской литературе внимание Ознобишина привлекли эпикурейские мотивы, воспевание любви и веселья в газелях Хафиза Шерази. Его перу принадлежат переводы двух газелей, названных «Ода Гафица» («Без красавицы младой»,

---

[*****] Болдырев Алексей Васильевич (ориенталист) - окончил курс в Московском университете. В 1806 г. утвержден магистром философии и свободных наук. В следующем году отправлен за границу для изучения восточных языков; по возвращении оттуда (1811) назначен адъюнктом по кафедре восточных языков Московского университета; позднее был профессором и с 1832 до 1837 г. состоял ректором того же университета. Из трудов его наиболее известны: «Duae Moallakat Antrarae et Harethi» (Геттинген, 1808) - две арабские поэмы, замечательные по своему эстетическому достоинству; «Арабская хрестоматия» (М., 1824); «Новая арабская хрестоматия» (ib., 1832), «Приключения одного невольника» (арабская повесть, М., 1824); «Краткая арабская грамматика» (М., 2-е изд., 1836), «Персидская хрестоматия» (М., 2-е изд., 1833). // http|| www/ persona.rin.ru/view/f/0/22847/boldy

[†††††] Семён Его́рович Ра́ич (*Амфитеа́тров*) — педагог, поэт, знаток и переводчик античной и итальянской поэзии. Был учителем Ф. Тютчева, М. Лермонтова. «В 1823 году под моим председательством составилось маленькое, скромное литературное общество… Члены этого общества были: М. А. Дмитриев, А. И. Писарев, М. П. Погодин, В. П. Титов, С. П. Шевырев, Д. П. Ознобишин, А. М. Кубарев, князь В. Ф. Одоевский, А. С. Норов, Ф. И. Тютчев, А. Н. Муравьев, С. Д. Полторацкий, В. И. Оболенский, М. А. Максимович, Г. Шаховской, Н. В. Путята и некоторые другие… Здесь читались и обсуждались .. сочинения членов и переводы с греческого, латинского, персидского, арабского, английского, итальянского, немецкого и редко французского языка» — Автобиография С. Е. Раича. // http||www/ ru.wikipedia.org/wiki/Раич С. Е...

«Блестящую чашу наполни вином») и интерпретация или «назира» (ответ) на газель «Дам турчанке из Шираза». Однако следует отметить, что на жанровые особенности газели Д.П.Ознобишин не обратил внимания, поскольку его цель - ознакомить русского читателя с мотивами и сюжетами произведений Хафиза.

Стихотворение «Ода Гафица» («Без красавицы младой» 1826 г.) переложение газели Хафиза о любимой, без которой жизнь теряет свою прелесть, без любимой нет самой жизни, так как любовь и есть жизнь. Газель снабжена сноской (Из книги «Даль» его Дивана) и снабжена как эпиграф строкой в персидском звучании - «Гюль би рухи яр хош небашед» [2], что означает – цветок не радует без лица возлюбленной.

Без красавицы младой,
Без кипящего стакана,
Прелесть розы огневой,
Блеск сребристого фонтана -
Не отрадны для души!
Без напева соловья
Скучны роз душистых ветки;
Шепот сладостный ручья
И ясминные беседки -
Не отрадны для души! [2]

Приведем строки оригинала газели Хафиза Шерози:

Гул бе рухи ёр хуш набошад,
Бе бода бањор хуш набошад.
Тарфи чаману тавофи бўстон
Бе лолаузор хуш набошад.
Раќсидани сарву њолати гул
Бе савти њазор хуш набошад. [3, 213]

Подстрочный перевод этих строк‡‡‡‡‡ показывает традиционные художественные образы из таджикско-персидской литературы, использованные Ознобишиным: красавица младая, милый образ идеала (рўхи ёр) и роза (гул), вино (бода) и красота цветника (тарфи чаман), красота цветов (њолати гул) и трели соловья (савти њазор).

Без лика возлюбленной роза не радует,
Без бокала вина весна не радует.
Красоты цветников и прозрачный воздух садов
Без тюльпаноликой красы не радуют.
Танец кипариса и красота цветов
Без трели соловья не радуют.

В газели встречаются и другие образы - образ, созданный кистью разума или возлюбленная сладкоустая и розоволикая, она – тюльпаноликая, стройна, как кипарис.

Ознобишин стремится сохранить при переводе звучание оригинала, но исходя от языковых особенностей русского языка, вводит свою интерпретацию.

Прелесть девы молодой,
Гибким станом взор чаруя,
Чьи уста, как сот златой! [2]

Но без поцелуя со сладкими устами - нет радости жизни:

Но уста без поцелуя -
Не отрадны для души! [2]

Кусты роз, чаша пиров и шатер неги без любимой не радуют, так как:

Вдалеке от сердцу милой -
Не отрадны для души!

Как бы прекрасно бы не нарисовал художник картину, как бы волнительно не воспел поэт свои чувства, человеку недоступен идеал, если им не познана красота жизни и сладкие мучения любви.

Что б поэт ни создал нам,
Что бы кисть ни начертала,
Если жизнь не дышит там -
Милый образ идеала -

‡‡‡‡‡ Подстрочный перевод выполнен доцентом РТСУ Аминовым А.С.

Не отрадно для души! [2]

Необходимо отметить, что все перечисленные факты являются слабым подтверждением восприятия ориентальной поэзии Д.П. Ознобишиным, поскольку кроме одной связки «роза и соловей» и эпиграфа, остальное с успехом можно отнести и к русской любовной поэзии. Из чего следует, что первый этап знакомства и освоения чужеродной культуры характеризуется для русской ориентальной литературы поисками общих элементов или точек соприкосновения.

Привлекает внимание и другая интересная интерпретация. В русской ориенталистике под влиянием восточной, а точнее таджикско-персидской, литературы получает развитие жанр «назиры» («ответа»[§§§§§]). Строки Хафиза Шерози «Если эта турчанка..» привлекли внимание переводчика. Эта газель переводилась многими предшественниками Д.Ознобишина. И не трудно обнаружить, что персидский текст послужил только фоном, стартовой площадкой, откуда совершили свой полёт переводчики И.В.Гете и фон Хаммер Пургшталь, В.Гюго, М.Д. Деларю и В.Н.Григорьев.

Прежде чем проанализировать произведение Ознобишина, обратимся к газели Хафизи Шерози:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро [3, 33].

Подстрочный перевод: «Если эта турчанка из Шираза овладеет моим сердцем, за родинку ее отдам я Самарканд и Бухару». Этот бейт и послужил отправной точкой для многих писателей в создании назиры. По этому поводу наш современник литературовед Вали Самад [4] в своем фундаментальном исследовании пишет, что только в России XVIII – XX веков содержание бейта газели «Если эта турчанка из Шираза…» использовалась более 150 поэтами.

Напомним о том, что в 1815 г. в "Вестнике Европы" французский ориенталиста Журден [******] ознакомил русского читателя с легендой о встрече Хафиза и Тамерлана. Во время которой завоеватель упрекает в расточительности поэта. «Как, - говорил свирепый завоеватель, - за одно пятнышко на пригожем лице ты отдал бы Самарканду и Бокару, любимые города, которые почитают прекраснейшими плодами моих завоеваний? - Ах, Государь! - отвечал Гафиз, - сия-то расточительность причиною той бедности, в какой теперь меня видишь» [††††††] [2]. А И.В. Гете познакомился с Хафизом через «Диван» австрийского ориенталиста и переводчика фон Хаммера Пургшталя в 1814 году и под его влиянием создает свой «Западно-восточный диван» [5], в котором и переложил этот ответ поэта Тимуру.

Ознакомленный с этими трудами, Д.Ознобишин проявляет исключительно творческий, и вполне вольный, подход при выполнении своей «назиры» или подражания восточному соловью - Хафизу. Общепринятая ситуация получает неожиданную трактовку, сохраняя традиционный мотив - любовь и поклонение любимой выше земных и небесных благ.

В стихотворении «Ница» мы встречаем одноименную героиню – Сирену, игривую и хитрую. Но писатель - романтик по-своему интерпретирует этот мифологический образ, акцентируя свое понимание образа, как совращение женщиной, который приводит к отклонению мужчины от его подлинной цели [‡‡‡‡‡‡].

Истома жаркой, южной ночи
В лице красавицы младой,
Потуплены и робки очи,
Но страстный взгляд их сжет бедой! [2]

[§§§§§] Назира – образец, пример; поэтическое произведение, являющееся подражанием какому-либо произведению, «ответ»; стихотворная пародия. Назирагӯї – сочинение, писание «ответов», особая форма поэтического состязания. /Таджикско-русский словарь. – М.: Гос. изд. иностранных и национальных словарей, 1954.

[******] *Амабль-Луи-Мария-Мишель-Брешилье Журден* (1788-1818) — ориенталист, написал: «La Perse ou Tableau de gouvernement, de la religion et de la littérature de cette empire» (1814).

[††††††] Н.Н. Холмухамедова. Д.П.Ознобишин в контексте русской ориентальной поэзии 20-40 годов XIX в.

[‡‡‡‡‡‡] Значение слова по словарю Символизма: Сирена - означает искушение, совращение женщиной, обман, отклонение мужчины от его подлинной цели, прельщение его притягательностью преходящего, ведущее к духовной смерти, *душа, пойманная чувственными соблазнами.* В Египте птицы-сирены считались душами, отделенными от тел. В греческой мифологии это злые души, жаждущие крови.

Дивной песней героиня сзывает к себе Сынов Севера, обольщая ласками и подводными сокровищами. И позабудутся земные хлопоты и тревоги.

«Заботы будут нам безвестны;
В роскошном, радостном пиру
Ты позабудешь, друг прелестный,
И Самарканд, и Бухару!..» [2]

Герой – «Русский», как и следовало ожидать, после поцелуя забывается:

Она поет... И бранной славой
Был Русский полн; но вдруг замлел;
На миг прильнул к устам лукавой
И вмиг, как мрамор, охладел. [2]

Логичное рассуждение Д.П.Ознобишина: предшественники поэты и переводчики ради благосклонного взгляда и поцелуя готовы подарить Самарканд и Бухару, то правильным будет мысль о служении любимой и противопоставление ее власти могуществу земного и небесного. После поцелуя Герою не до Самарканда и Бухары, ради нее он забывает обо всем. Тут-то и соприкасаются мотивы персидско-таджикской классики и русской ориентальной поэзии: возлюбленная и есть мир, через любовь познается мир.

В стихотворении «Рождение перла» (1828 г.) мы встречаем схожую ситуацию. В легенде о любви духа, который ради девы младой готов забыть земное и дарит ей пышные чертоги за поцелуй:

Степей полнощных дух могущий
Младую деву полюбил,
Для ней он радостные кущи
Ирана светлого забыл.
Чертог из пышного коралла
За поцелуй дарил он ей … [1]

Все ценное земного мира пред ногами девы:

Он приносил ей злата груды,
Он сыпал серебро горой,
Алмазы, яхонт, изумруды
Вокруг лил щедрою рукой.
Земля вся мускусом дышала,
Алой дымился перед ней ... [1]

Можно заметить как много схожего с переводами И.В.Гете, В.Гюго, М.Д. Деларю и В.Н.Григорьева.

Больше всего в восточной литературе Ознобишина привлекает внимание воспевание радости и любви. Культу веселья и вина посвящена «Ода Гафица» (Блестящую чашу наполни вином 1829 г.). Это переложение газели Хафиза Шерози снабжено эпиграфом «Требуй вина и рассыпай розы» с правописанием на фарси. Для того чтобы выявить особенности перевода стихотворения Ознобишиным, обратимся к оригиналу Хафиза Шерози:

Май хоњу гулафшон кун, аз дањр чї мељўї?
Ин гуфт сањаргањ гул, булбул, ту чї мегўї? [3, 602]

В оригинале смысловое звучание – возжелай вина и осыпай цветами, что и видно по подстрочному переводу[§§§§§§]:

Вина ты возжелай, цветами осыпай себя,
что в этом мире ищешь ты еще?
Сказала это роза поутру, что скажешь ты, о соловей?

И сразу можно обратить внимание на иное звучание перевода Ознобишина:

Блестящую чашу наполни вином,
Пусть светлое в чаше играет!
Рви розы, бросай их на землю кругом,
Лишь глупый заранее вздыхает [1].

В стихотворении Ознобишина предложено – разбрасывать розы. Мысль, что наслаждение от дружеской беседы с чарой вина недоступно глупому человеку.

Но если в газели Хафиза задает вопрос роза, то в переводе Ознобишина спрашивает соловей:

[§§§§§§] Перевод выполнен доцентом РТСУ Аминовым А.С.

Так в утренней песни звучал соловей:
Что, розочка, скажешь о песни моей? [1]

Далее у Хафиза:

Маснад ба гулистон бар, то шоњиду соќиро
Лаб гириву рух бўсї, май нўшиву гул бўї [3, 602].

В построчном переводе:

Разбей шатер в цветнике, чтоб кравчего и свидетеля
Уста вкусить, к щекам прильнуть губами, испить вина,
вдыхая розы аромат.

Традиционный образ персидско-таджикской литературы «соки» (виночерпия) пропущен при переводе Делибюрадером, но оставлен цветник и аромат роз.

Роскошное ложе раскинь в цветнике,
Там, роз ароматом облитый,
Пей нектар в прохладном лежа ветерке… [1]

Следующие строки перевода вызывают недоумение, хотя в них сохранено звучание о поцелуях:

Там юной рабыни ланиты,
Меняясь с устами подруги младой,
Пусть вызовут твой поцелуй огневой [1].

Они подтверждают мысль, что ряд образов и значений восточного стиха неправильно растолкованы Делибюрадером, так как традиционно в персидско-таджикской литературе поэт за чашей вина, любуясь красотой юного виночерпия (соки) и наслаждаясь душевной беседой с умным собеседником, представляет перед собой образ любимой и воспевает её.

Что и видно далее по газели:

Шамшод хиромон кун в-оњанги гулистон кун,
То сарв биёмўзад аз ќадди ту дилљўї,
То ґунчаи хандонат давлат ба кї хохад дод,
Эй шохи гули раъно, аз бањри кї меръї? [3, 602]

Это в построчном переводе:

Со станом самшида[*******] кокетливо пройдись и
музыкой цветника покоряющей сердца озарись,
Чтоб грации твоей подражал кипарис.
Кому богатство принесет твой распустившийся бутон,
О, роза, куст божественный, ты для кого цветешь?

Ознобишин четыре строки оригинала при переводе изложил в двенадцати строках. Задается вопросом, кому улыбнется милый «розанчик»:

Какому счастливцу раскроешь листок,
Чей страстной рукой сорвешься? [1]

Образ девушки - легконогая дева, «малютка», прекрасная «свежей прелестью», резвящаяся в «цветущем саду», представленный в виде нераскрывшегося бутона розы, сохранил звучание оригинала:

Но стан твой пленителен взгляду:
Он гибок и прям, как младой кипарис,
Колеблется тихо то кверху, то вниз [1].

Продолжая по оригиналу:

Имрўз, ки бозорат пурчўши харидор аст,
Дарьёбу бинеҳ ганче аз мояи некўї [3, 602].

Что означает:

Когда сегодня ты в цене и покупателей твоих не счесть,
Найди и всем ты покажи тот золотник добра, что в тебе есть.

Мысль Хафиза перелагается Ознобишиным:

Сегодня ты идол влюбленной толпы,
Сегодня – предмет обожанья;
Отвсюду несутся к прекрасной мольбы… [1]

[*******] Самшид – кавказская пихта; қомати шамшод *перен.* высокий, стройный стан. Таджикско - русский словарь. –М, 1954.

Переводчик наполнил свое произведение восточной философией и, напоминая о скоротечности бытия, советует:

Но время умчит ликованье.
Помысли об этом, - в дни ясной зари
Сокровища пылкой любви собери [1].

По Хафизу:

Чун шамъи накурӯӣ дар раҳгузари бод аст,
Тарфи ҳунаре барбанд аз шамъи накурӯӣ.
Он турра, ки ҳар ҷаъдаш сад нофаи чин дорад,
Хуш будӣ агар будӣ бӯеш хушхӯӣ [3, 602].

Мысль о том, что любимая должна быть не только красива внешне, но и желательно, чтобы преобладала духовная красота хорошо передает подстрочный перевод:

Когда на пути ветра покоится свеча красоты,
В творение искусства красоту этой свечи ты обрати.
Тот чудный локон в каждом изгибе,
которого таятся сотни благовоний,
О как прекрасно, если б этот аромат исходил
от доброго нрава твоего.

Ознобишин немного изменил звучание, так как он больше обратил внимание на чистоту души возлюбленной:

О, сладко бы воздух пленительный пить,
Разлитый сей кудрей волнистой,
Когда бы в прелестной мог также он быть
Залогом души ее чистой… [1]

И говоря о своем чувстве, уточняет о надежде на вечную любовь:

Чтоб вместе с дыханьем роскошных волос
Он сладость любви постоянной принес [1].

Хафиз завершает газель:

Ҳар мурғ ба достоне дар гулшани шоҳ омад,
Булбул ба навосозӣ, Ҳофиз ба ғазалгӯӣ [3, 602].

В завершении подстрочного:

В цветник царя всякая птица явилась с песней своей,
Явился соловей, творя мелодию, Хафиз с газелями пришел.

Мысль оригинала близка переводчику – птицы («крылатый народ») «в радостных звуках …песнь веселья день целый поет» и отдает «дань» любви и веселью. Традиционный образ влюбленного соловья, томящегося по розе, сменяется образом поэта, воспевающего любимую и саму жизнь. И этот нежный голос поэта, более близкий и понятный, говорит о страстных и смутных чувствах:

Там, полный заботою страстной,
О розе вздыхает, томясь, соловей:
Но Гафиза голос там льется нежней [1].

Итог сопоставлений оригинала газели Хафиза (используя толкование и значение подстрочного перевода) с переложением дают представление о характере освоения ориентальной тематики Д.П.Ознобишиным. Несмотря на некоторые недостатки перевода, поэт смело вводит в русскую литературу восточную тематику и мотивы, активно использует образную систему. Так через знакомство читателя с произведениями Хафиза Шерази Д.П.Ознобишин вводит в русскую литературу восточные мотивы и образы. Переводя газели, он сумел сохранить звучание и мысль оригинала и в то же время постарался ввести свою интерпретацию традиционных восточных образов. И эта черта переводчика стала характерной особенностью всего русского ориентализма, у истоков которого наряду со многими писателями и поэтами стоит творчество Д.П.Ознобишина.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Ознобишин Д. П. Стихотворения. Проза. В двух книгах. Книга первая. Издание подготовили Т.М. Гольц, А.А. Гришунин, Н. Н. Холмухамедова. –М.: Наука, 2001. -http: kniga.zet - dshinin.ru/modules.php?d_op=vie...
2. Ознобишин Д. П. Стихотворения. Проза. Книга 2. Стихотворения разных лет. Поэмы. Проза. Издание подготовили Т.М. Гольц, А.А. Гришунин, Н. Н. Холмухамедова/ Д. П. Ознобишин–М.: Наука, 2001. -http: //ozon.ru/context/detail/id/15561...
3. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт/ Ҳофизи Шерозӣ. -Душанбе: Ирфон – 2003. – с. 669.
4. Самад Вали. Қадри як ғазал/ Самад Вали // Садои Шарқ, 1971, №3.

5. Gothe Johani Wolfgang von. West – oest – luchez Divan. Von Goethe. Stuttgart, Cotta. 1819.

ПЕРЕВОДЫ ГАЗЕЛЕЙ ХАФИЗА Д.П. ОЗНОБИШИНЫМ В КОНТЕКСТЕ РУССКОГО ОРИЕНТАЛИЗМА

Статья посвящена переводам и переложениям Д.П. Ознобишина газелей Хафиза Шерази и их сравнительно- литературоведческому анализу в контексте русско-восточных литературных связей.

Ключевые слова: газели, Хафиз Шерази**,** восточные мотивы, перевод, переложения, ориентализм, Д.П.Ознобишин - «Делибюрадер».

TRANSLATIONS GAZELLES OF HAFIZ SHERAZI BY D.P. OZNOBISHIN IN A KONTEXT OF RUSSIAN ORIENTALISM

The article is devoted to the translations and versification by

D.P. Oznobishin gazelles of Hafiz Sherazi and their comparative literary analysis in a context of Russian-east literary communications.

Key words: gazelles, Hafiz Sherazi, east motives, translation, versification, orientalism, D.P. Oznobishin - "Delibyurader".

Сведения об авторе: ***Рахманов Б. Р.*** - кандидат филологических наук, доцент кафедры мировой литературы Российско-Таджикского (славянского) университета.Телефон: **(+992 37) 227 49 67.**

ЗИНДАГИНОМАИ ҶАМОЛУДДИН АБДУРРАЗЗОҚИ ИСФАҲОНӢ

Н.А. Ширинов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар барқарор намудани тарҷумаи ҳоли адиб яке аз масоили меҳварӣ асолати ному насаби пурраи эҷодкор ба ҳисоб меравад.

Аввалин сарчашмае, ки оид ба ному насаби ин шоири хушқареҳа баҳс ба миён овардааст, «Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур»-и Абулфазл Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Алӣ Ровандӣ буда, донишманди мазкур дар ин бора чунин навиштааст: «Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ...» [5, 33].

Дар ҳамин шакл ва бидуни тағйирот ду тан аз олимони дигари асри XIII низ ному насаби шоирро зикр кардаанд, ки яке Шамсуддин Муҳаммади Қайсӣ Розӣ дар асари илмии хеш – «Ал-муъҷам фӣ маъойир-ил-ашъор-ил-аҷам» [11, 238] ва дигаре Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубоб-ул-албоб» мебошанд. Чун дар ҷузъиёти маълумоти мазкур, ки ҳар ду донишманд зикр кардаанд, тағйироте манзур намегардад, пас, бо зикри қазовати яке аз онҳо метавон иктифо кард. Фаразан, дар «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфӣ роҷеъ ба ному насаби адиб омадааст: «Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ» [4, 402].

Аз қазоватҳои се сарчашмаи фавқуззикр бармеояд, ки Муҳаммад – ном, Ҷамолуддин – исми эҳтиромӣ, Исфаҳонӣ – нисба ва Абдурраззоқ – исми падари шоир будааст. Аз сарчашмаҳои дараҷаи аввал маълумоти нисбатан муфассалро роҷеъ ба зиндагиномаи Ҷамолуддин Муҳаммад ва мухтассоти ашъори ӯ Амир Давлатшоҳ валади Амир Алоуддавла Бахтишоҳи Ғозии Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» [3, 61] додааст. Ин адабиётшинос дар асари хеш зерфасле таҳти унвони «Зикри Ҷамолуддин Муҳаммад Абдурраззоқи Исфаҳонӣ» дорад, ки дар он оид ба ному насаб, унвони эҳтиромӣ, тахаллус, нисбаи шоир, мухтассоти эҷодӣ – ҳунарии адиб, мақому мартабаи эҷодии ӯ баҳс ба миён оварда, қиёсан бо иттилои дигарон менависад: «Аз бузургону олимони Исфаҳон аст. Шоире хушгӯ буда, ҷоҳу қабули тамом дошт ва Камолуддин Исмоили Исфаҳонӣ писари ӯст. Султон Саид Улуғбеки Кӯрагон сухани Ҷамолуддини Абдурраззоқро аз сухани фарзандаш Камолуддин Исмоил баланд мегузорад ва борҳо мегӯяд: «Аҷаб дорам, ки бо вуҷуди сухани падар, ки покизатар асту шоиронатар, чи гуна сухани писар шуҳрати зиёде ёфта. Аммо ин эътиқод аз кибру ғурур аст, чӣ сухани Камол бисёр нозуктар афтода ва саҳли мумтанеъ аст» [3, 62].

Аз мантиқи қазовати Давлатшоҳи Самарқандӣ бармеояд, ки адабиётшинос ҷонибдори афзал донистани таълифоти писар (Камол Исмоил) аз падар (Ҷамолуддин Абдурраззоқ) аст. Аз тарафи дигар, Давлатшоҳи Самарқандӣ доир ба зикри зиндагиномаи Ҷамолуддин Абдурраззоқ бо маълумоти андак иктифо намуда, доир ба ҷараёни зиндагӣ ва мухтассоти ашъори Камол Исмоил муфассалтар баҳс ба миён овардааст, ки андешаи моро тасдиқ мекунад.

Вале тазкиранигорони мутаахир роҷеъ ба зикри ному насаби шоир Ҷамолуддин Абдурраззоқ ба саҳлангорӣ роҳ додаанд. Фаразан, тазкиранависи асри XVI Хоҷа Муҳаммад Мирзо Амин Аҳмади Розӣ дар «Ҳафт иқлим» роҷеъ ба масоили фавқуззикр таваҷҷуҳ намуда, чунин изҳори ақида кардааст: «Ҷамолуддин Абдурраззоқ аз акобири табақаи шуаро буда ва назму насраш узубати салсабил ва ҷавдати Фуроту Нил дошта, ҷазолат бо салосат омехта ва латофат бо матонат ҷамъ омада…»

Албатта, дар ин қазоват қиёсан бо ахбори қаблӣ андаке тафовут манзур мегардад, хосса дар навишти алифбои арабиасос, зеро дар ин расмулхат «и»-и изофа навишта намешавад ва аз ин рӯ, маълум намешавад, ки Амин Аҳмад исми Абдурраззоқро номи худи шоир ҳукм мекунад ва ё исми падари адиб.

Лутфалибеки Оғохон (Озар) ибни Бекдилӣ – донишманди асри XVIII дар тазкирааш «Оташкада» доир ба ному насаби Ҷамолуддин Абдурраззоқ таваққуф намуда, мутаассифона, ба иштибоҳ роҳ дода чунин менависад: «Ҷамолуддин ва ҳува (вай-Н.Ш.) Абдурраззоқ аз афозили маъруфи Исфаҳонӣ, балки афзали фусаҳои ҷаҳон аст».

Дар қазовати фавқ ҳадафи Озари Бекдилӣ хеле хира аст, зеро ӯ равшан изҳор накардааст, ки лақаб кадом аст ва исми эҷодкор чӣ аст?! Аз мантиқи муҳокимаронии муаллифи тазкира бармеояд, ки ӯ номи адибро Ҷамолуддин дониста ва онро бо Абдурраззоқ тавъам меҳисобад, ки ба назари мо саҳеҳ нест.

Ё худ Ризоқулихони Ҳидоят дар «Риёз-ул-орифин» доир ба ному мартабаи шоир чунин менависад: «Ҷамоли Исфаҳонӣ қуддиса сирруҳу исмаш Абдурраззоқ ва дар фазоили камолот ягонаи офоқ буда…» [6, 34].

Ҳамин олим дар асари дигари хеш – «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» [7, 177] доир ба исму насаби шоири мавриди назар чунин менигорад: «Ҷамолуддини Исфаҳонӣ ба Ҷамолуддин Абдурраззоқ машҳур аст» [7, 177]. Аз баррасии иҷмолии ахбори сарчашмаҳо бармеояд, ки оид ба исми шоир иттилои муътамаду нахустин ахбори Ровандӣ дар «Роҳат-ус-судур» аст.

Мавлоно Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ дар равзаи ҳафтуми «Баҳористон» аз Камол Исмоил ёд намуда, доир ба Ҷамолуддин Абдурраззоқ хабар надодааст. Аз ишораҳои худи Ҷамолуддини Исфаҳонӣ пайдост, ки исми шоир Муҳаммад буда, ӯ унвони «саид-уш-шуаро» доштааст. Чунончи:

Муҳаммад, ай сара мард, об хоҳу даст бишӯй,
Ки рӯйи фазл сияҳ гашту кори ҷуд бирбуд.

Ё худ адиб оид ба дорои унвони «саид-уш-шуаро» будани худ чунин ишораи судманде дорад:

Зи фарри номи ту лафзи раҳӣ қилодаи чарх,
Зи мадҳи ту лақаби банда саид-уш-шуаро.

Аз муаллифони таърихҳои адабиёти форсӣ танҳо Шиблии Нуъмонӣ мисли муаллифи «Ҳафт иқлим», номи шоир ва исми падари ӯро дар шакли Ҷамолуддин Абдурраззоқ зикр кардааст, ки то андозае норавшан аст, зеро тавзеҳ намедиҳад.

Муаллифони дигари ғарбию шарқӣ, ки онҳо таърихҳои адабиёти форсӣ таълиф намудаанд, аз ишораҳояшон пайдост, ки ғолибан ба маълумоти Муҳаммад Авфии Бухоройӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ такя намудаанд.

Масалан, дар таърихҳои адабиёти донишмандони аврупоӣ Ҳерман Этте [23, 179], А. Е. Кримский, Э. Браун, Ян Рипка [20, 137] исми шоир ва номи падари ӯ бидуни тардид ва дақиқ оварда шудааст, ки дар ин бора ҳоҷат ба баҳси ҷудогона зарурат надорад.

Дар осори донишмандон Ризозода Шафақ [19, 181], Забеҳуллоҳ Сафо [21,731], Саид Алиасғари Мирбоқирифард [17,133], (ҳаммуаллифон: Ғуломҳусайни Шарифӣ, Ҳусайни Оқоҳусайнӣ, Исҳоқи Тӯғёнӣ, Маҳмуди Баротӣ, Муҳаммадризо Насри Исфаҳонӣ), Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ ва Абдулҳусайни Фарзод [14, 112], Бадеъуззамон Фурӯзонфар [22, 547] ва дигар таърихҳои адабиёти форсӣ иттилооти сарчашмаҳои дараҷаи аввал ба кор гирифта шудааст, ки муҳаққиқони фавқуззикр ғолибан ба ахбори Муҳаммад Авфӣ ва ё Давлатшоҳи Самарқандӣ такя кардаанд.

Бояд гуфт, ки дар ин миён як андоза натиҷагириҳою баҳсҳои Бадеуззамон Фурӯзонфар [22, 543] ва шарқшиноси рус З.Н. Ворожейкина [13, 21] то андозае густурдаю арзишмандтаранд.

Адабиётшиноси маъруфи Эрон Бадеуззамон Фурӯзонфар, чунон ки ёдовар шудем, дар ин бора андаке ҷиддитар баҳс кардааст. У менависад, ки: «Лақаби вай

Ҷамолуддин ва номаш Муҳаммад ва исми падари ӯ Абдурраззоқ аст ва дар кутуби тазкира ному насаби ӯ ба ҳамин сурат омада ва гоҳе низ лақаби ӯро ба номи падар изофа карда ва Ҷамолуддин Абдурраззоқ гуфтаанд» [22, 547].

Мо аз аҳли таҳқиқ роҷеъ ба масоили мавриди назар бештар ба қазовати Б. Фурӯзонфар рӯ овардем, зеро ӯ дар қиёс бо муҳаққиқони дигар амиқравиҳои нисбатан ҷолиб дорад. Фаразан, ӯ менависад: «Баъзе аз тазкиранависон аз ин нукта ғофил гардида ва лафзи Ҷамолуддинро лақабу Абдурраззоқро номи вай пиндоштаанд ва он ғалат аст» [22, 547].

Ғалати мазкур аз Амин Аҳмади Розӣ сар задаст, вале ин чиз торик асту маъхази ин донишманд номаълум аст ва ӯ ишорае надорад.

Дар интиҳои баҳси мазкур ҳаминро таъкид кардан ҳастем, ки мураттиби дуюми девони шоир доктор Ваҳиди Дастгардӣ роҷеъ ба ному насаби шоир ба хулосаи зерин меояд: «Устод Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ… Номи вай Муҳаммад, лақабаш Ҷамолуддин ва исми падараш Абдурраззоқ буда, ҳар куҷо қудамо Ҷамолуддин Абдурраззоқ гуфта бошанд, мутобиқи қонуни наҳви форсӣ калимаи фарзанд васати маҳзуф аст, монанди Маҳмуди Сабуктегин ва Абӯалӣ Сино ва амсоли он» [8, 4].

Мунтаҳо метавон роҷеъ ба ному насаби адиб шакли зерини онро, ки мураттиби девон ва Бадеуззамон Фурӯзонфар пешниҳод кардаанд, саҳеҳ донист, яъне Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ, зеро сарчашмаҳои дараҷаи аввал шакли фавқуззикрро таъйид кардаанд.

Валодат, зодгоҳ, наврасӣ ва ҷавонии шоир. Барои барқарор намудани зиндагиномаи илмии шоир муайян кардани санаи валодати ӯ хеле муҳим аст. Санаи валодати Ҷамолуддин Муҳаммад дар сарчашмаҳои адабию таърихии мавҷуда қайд нашудааст. Аз ин рӯ, бештари муҳаққиқон роҷеъ ба санаи валодати адиб рӯ наоварда, танҳо бо зикри санаи вафоти Ҷамолуддин қаноат кардаанд. Ҳатто дар охирин таърихи адабиёт, ки то ин муддат рӯйи кор омадааст, танҳо санаи вафоти шоир қайд шудаасту халос [17, 134].

Дар Аврупои ғарбӣ аз мусташриқин, ки роҷеъ ба ҷузъиёти зиндагӣ ва мухтассоти адабӣ-ҳунарии Ҷамолуддин Муҳаммад баҳси ҷиддитаре кардааст, донишманди чех Ян Рипка мебошад. Вале ин донишманди мумтоз низ роҷеъ ба ҷузъиёти мавриди назар таваққуф накарда, танҳо бо зикри санаи вафоти шоир иктифо кардааст.

Аз шарқшиносон танҳо донишманди рус З.Н. Ворожейкина дар асари илмӣ-тадқиқотиаш [13, 21], ки ба мактаби адабии Исфаҳон ва симоҳои адабӣ-эҷодии он дар асрҳои XII-XIII бахшида шудааст, баҳси нисбатан ҷиддӣ ва андаке доманадор сомон додааст. Аз ҷумла, ҳамин муҳаққиқ роҷеъ ба масъалаи мавриди назар чунин менависад: «Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқ дар Исфаҳон ба дунё омада, дар ҳамон шаҳр тамоми умр зиста ва дар ҳамон ҷо соли 588 ҳичрӣ, соли 1192 мелодӣ вафот кардааст. Валодати ӯро метавон солҳои сиюми асри XII, на дертар аз соли 1138 тахмин кард, зеро дар яке аз шеърҳояш шоир 55 сол доштанашро ёдовар шудааст» [13, 21] ва ҳадафи муҳаққиқ байти зерин аст:

Чӣ монд умр чу панҷоҳу панҷ сол гузашт,
Ки гашт сарви ту чун хайзурон, бунафша- суман.

Забеҳуллоҳ Сафо маҳз бо манзури санаи мазкур менависад: «Вафоти ӯро (Ҷамолуддин Муҳаммадро –Н.Ш.) Ч. Риё дар феҳристи нусхаи форсии музейи Британиё ба соли 588 навиштааст ва феълан далеле бар қабул ё ради ин қавл нест» [21, 554]. Вале доир ба санаи валодати Ҷамолуддин Муҳаммад баҳс накарда, танҳо ӯро «Шоири номовари қарни шашум» мегӯяд.

Роҷеъ ба санаи валодати Ҷамолуддин Муҳаммад ишораи қиёсӣ ба Бадеуззамон Фурӯзонфар мутааллиқ аст, ки менависад: «Баъзе вафоти ӯро (Ҷамолуддин Муҳаммадро – Н.Ш.) ба соли 588 медонанд ва муаллифи «Шоҳиди содиқ» дар санаи 600 фарз кардааст ва зоҳиран сухани аввал ба савоб наздиктар бошад» [22, 554]. Барои боз ҳам мушаххастар намудани санаи фавқуззикр ва саҳеҳ донистани он ҳамин муҳаққиқ мефармояд: «… Роҳат-ус-судур» ба соли 599 таълиф шудааст, пас вафоти Ҷамолуддин қабл аз санаи 600 мусаллам ва соли 588 дар таърихи вафоти ӯ ба савоб наздиктар тавонад буд» [22, 554].

Ба назари мо, қазовати мазкур басо дақиқ ва мушаххас аст ва чун 55 сол умр дидани шоирро ҳамаи муҳаққиқон таъкид кардаанд ва чун соли 588 ба мелодӣ гардонида шавад, соли 1192 ҳосил мешавад ва аз он (соли 1192) панҷою панҷ тарҳ

карда шавад, соли 1137 боқӣ мемонад, ки он санаи валодати шоир аст зеро З.Н. Ворожейкина низ ин санаро «на дертар аз соли 1138 ишора кардааст» [13, 21].

Зоду бум. Ватани Ҷамолуддин Муҳаммад шаҳри куҳантаъриху бостонии Исфаҳон аст ва бо се далел нафаре аз аҳли тадқиқ дар ин бора тардид накардааст: аввал, ин ки худи Ҷамолуддин Муҳаммад роҷеъ ба зодгоҳи худ ишораҳои хеле сершумор дорад. Дуюм, ин ки муосиронаш дар ашъори худ доир ба зодгоҳи ӯ шеърҳо бахшидаанд ва ҳатто баъзеҳо мисли Муҷируддини Байлақонӣ ҳиҷо гуфтаанд ва шоир барои дифои шаҳри худ-зодгоҳаш зидди онҳо-алорағми ҳиҷои онҳо ватани хешро ситоиш кардааст. Сеюм, ин ки ҳам сарчашмаҳо ва ҳам муҳаққиқон ихтилофи назар дар ин бора надоранд. Фаразан, Ҷамолуддин Муҳаммад дар ситоиши Исфаҳон мегӯяд:

Дидӣ ту Исфаҳонро он шаҳри хулдпайкар,
Он сидраи муқаддас, он адни рӯҳпарвар…(9,410)

Ё ин ки Муҷируддини Байлақонӣ дар замми Исфаҳон вақте ки шеър мегӯяд, шоирони ин шаҳр низ ба ӯ ҷавобҳои раддия мегӯянд, ки дар миён шеъри Ҷамолуддин Муҳаммад муассиртар эҷод шудааст. Чунончи, Муҷируддин чунин мегӯяд:

Сифоҳон хурраму хуш менамояд,
Бо сони пари шаҳророи товус.
Вале з-ин зоғтабъон, к-аҳли шаҳранд,
Хиҷил шуд боли хушсимои товус...(9,5)

Ё худ дар ин рубоӣ низ ҳиҷои Исфаҳон манзур мегардад, ки Муҷируддин гуфтааст:

Гуфтам зи Сифоҳон мабади ҷон хезад,
Лаълест муруввват, ки аз он кон хезад.
Кай донистам, к-аҳли Сифоҳон кӯранд,
Бо ин ҳама сурма, к-аз Сипоҳон хезад (9,5).

Алорағми иқдоми Муҷируддини Байлақонӣ бисёр шоирон шеър гуфтаанд, вале шеърҳои гуфтаи Ҷамолуддини Абдурраззоқ ҳам аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ва ҳам аз нигоҳи ҷилоҳои ҳунарӣ афзал дониста шудаанд, ки бесабаб нест. Чунончи, ин шеъри Ҷамолуддин, ки дар ҳаҷви Муҷируддин гуфта шудааст:

Ҳаҷв мегӯйӣ, ай Муҷирак, ҳон,
То туро з-ин ҳиҷо ба ҷон чӣ рассад?
Дар Сифоҳон забон ниҳодӣ, бош,
То саратро аз ин забон чӣ расад?(9,6)

Ё худ Афзалуддин Бадил Хоқонии Шервонӣ бо радифи Исфаҳон қасидае дорад, ки дар он аз Ҷамолуддин ва шаҳри ӯ дифоъ карда, Муҷируддинро сарзаниш мекунад. Аз тарафи дигар, дар сарчашмаҳо низ зодгоҳи шоир сареҳан зикр шудааст, ки афкори мазкурро таҳкиму тақвияти бештар медиҳад. Чунончи, Давлатшоҳи Самарқандӣ дар оғози ахбори хеш бо зикри зодгоҳи Ҷамолуддин Муҳаммад баҳси нисбатан муфассал ба миён оварда, дар фасли «Зикри Ҷамолуддин Муҳаммад Абдурраззоқи Исфаҳонӣ» ин адабиётшиноси асримиёнагӣ чунин маълумот пешниҳод мекунад: «Аз бузургону олимони Исфаҳон аст» [3, 61].

Бояд гуфт, ки чун ҳамаи сарчашманигорон дар ин масъала муттафиқанд, мо бо зикри қазовати Давлатшоҳи Самарқандӣ иктифо хоҳем кард. Як нуктаи дигарро низ метавон хотиррасон намуд, ки Ҷамолуддин Муҳаммад на танҳо зодгоҳи хешро васфу ситоиш кардаасту халос, балки баъзан интиқоду ҳиҷо низ кардааст. Чунончи, дар ин қитъа:

Зод маро хоки Сипоҳон ва лек,
Хӯй надорад, ки писар парварад.
Гарчи шарар зояд аз оташ ҳаме,
Нест бар оташ, ки шарар парварад (9, 7).

Ва ё дар ин қасида:

Ҳама аҳволи хештан гуфтам,
Чун бигуфтам: Ман аз Сипоҳонам…(9, 8)

Ашъори фавқуззикр оҳанги шиквоӣ дошта бошанд ҳам, барои тасдиқи макони валодати Ҷамолуддин Абдурраззоқи Исфаҳонӣ, яъне ватани шоир будани бостоншаҳри Исфаҳон бурҳону далоили шоеъ ва мушаххас мебошанд.

Ҷамолуддин Муҳаммад дар баъзе абёт кушоду равшан қоил шудааст, ки маҳз яке аз сабабҳои ҷалои диёр накардани шоир ҳубби ватан, яъне дӯст доштани ватан будааст. Ӯ мегӯяд:

Натавон зист инчунин мискин,
Набишояд гузоштани маскан.
Ҳаст бар пойи ман ду банди гарон,
Илқати чор тифлу ҳубби ватан (9, 8).

Дар мантиқи одии ифода дӯст доштани зодгоҳ, ватан шоирро иҷозат надодаанд, ки ӯ муқими диёри дигаре шавад. Ба ин маънӣ мураттибону нашрони девони шоир – Ҳасан Ваҳиди Дастгардӣ ва Саид Ваҳиди Самнонӣ низ ишораҳо доранд. Онҳо низ ҷонибдори онанд, ки ҳубби ватан ба Ҷамолуддин Муҳаммад имконияти будубошӣ дар кишварҳои дигарро надодааст. Фаразан, Саид Ваҳиди Самнонӣ бо манзури масоили мазкур менависад: «Зоду буми вай (Ҷамолуддин Муҳаммад – Н.Ш.) шаҳри Исфаҳон аст ва ишқи ватану ҳубби зоду бум беш аз он чӣ тасаввур шавад, ӯро дар ниҳод буда» [10, 10].

Доир ба овони наврасию ҷавонии Ҷамолуддин Муҳаммад ахбори сарчашмаҳо ниҳоят ҷузъӣ ва хеле парешон буда, муҳаққиқон низ натавонистанд ба хулосаҳои мушаххас биёянд. Аз ин рӯ, барои баркарор намудани ҷараёни зиндагии адиб тибқи тақозои илми соҳа, қазоватҳои муаллифони сарчашмаҳоро бо натиҷагириҳои аҳли тадқиқ метавон басо боэҳтиёт омӯхт. Аз тарафи дигар, ин ду манбаи фавқуззикрро бо муътамадтарин маъхаз-ишораҳои шарҳиҳолии шоир дар ашъораш ва хосса дар ғазалиёти Ҷамолуддин Муҳаммад қиёсан мавриди тадқиқу таҳқиқ ва пажӯҳишу ковиш қарор дода, он гоҳ метавон то андозае матни нисбатан комили зиндагиномаи адибро ба вуҷуд овард.

Маълум аст, ки дар манобеи дараҷаи аввал, ки қаблан ёд шуд, ишораҳои ҷузъӣ доир ба аҳди наврасию барноии Ҷамолуддин Муҳаммад манзур мегардад, ки сарчашмаҳои мутааххир чизе дар ин бора бо онҳо илова накардаанд.

Бадеуззамон Фурӯзонфар оид ба баромади иҷтимоии Ҷамолуддин Муҳаммад баҳс оғоз намуда менависад, ки: «Хонадони Ҷамолуддин аз табақаи фузало ва шуаро набуданд ва чунон ки аз ашъори вай ва ишороти баъзе тазкиранависон мустафид аст, ӯ бо хонадонаш ба шуғли заргарӣ мепардохтаанд ва ӯ ба гуфтаи Камолуддин – писараш аз дӯкон рахт зийи мадраса оварда» [22, 547]. Қазовати олим дар асоси ахбори Муҳаммад Авфӣ аст, ки Ҷамолуддинро «… заргаре, ки офтоб дар санъати саёғат шогирди хурдакори ӯ будӣ» [4, 240] гуфтааст.

Ҷавонии шоир дар бостоншаҳри Исфаҳон сипарӣ шудааст. Аз мутолиаи ашъори шоир ва ахбори сарчашмаҳои адабӣ маълум мегардад, ки ӯ сойири улуми ройиҷи замонро фаро гирифта будааст, зеро коргирии вожаҳою мусталеҳоти фунуни гуногуни манқулу маъқул дар ашъори Ҷамолуддин Муҳаммад гувоҳи онанд, ки ӯ роҷеъ ба анвои улуми фавқуззикр вуқуфи вофир, иттилооти зарурӣ дорад.

Ӯ хосса дар улуми адабӣ ва ғолибан дар илми шеър қареҳаи хуш доштааст. Аз тарафи дигар, шоир баҳри касби маош ду ҳунари ҷолиб доштааст, ки ҳунарҳои ӯ яке заргарӣ ва дигаре наққошӣ будааст. Бояд гуфт, ки заргарӣ аслан пешаи асосии шоир буда, ба ин ҳунари хеш ишораҳои бештаре дорад. «Устод Ҷамолуддин Муҳаммад, - менависад мураттиби девони шоир Ваҳиди Дастгардӣ, - илова бар маротиби илмӣ ва ҳикмату риёзӣ дорои санъати заргарӣ ва наққошӣ – ҳар ду буда, чунон ки гӯяд:

То чу ман бошанд абру бод доим дар ду фасл,
Дар рабеъ ин нақшбандӣ, дар хазон он заргарӣ» (9, 34).

Муҳаққиқи мазкур Ваҳиди Дастгардӣ барои тақвияти қазовати хеш аз девони шоир далоили дигари шеърӣ низ зикр менамояд, ки он таҳкимбахши орои ӯст. Чунончи:

Бо чунин муътиёну мамдӯҳон
Шукр Ҳақро, ки санъате донам.
Ай басо, атлат аз забон будӣ,
Омили осиёи дандонам.
Баъд аз Эзид, ки воҳибурризқ аст,
Ин се ангушт медиҳад нонам... (9, 9)

Ба ақидаи В. Дастгардӣ, «Дар ин абёт назар ба санъати наққошӣ дорад, на заргарӣ, зеро қалам аст, ки бо се ангушт ё сарангушт гирифта мешавад, на олоти заргарӣ, ки чакушу сандони кӯчак ва даму кӯра бошанд. Пас, мусаллам аст, ки устод Ҷамолуддин дар асри хеш ба Ҷамоли заргар ва наққош -ҳар ду машҳур будаву Ҷамоли наққош ҳам бар шуарои бостони Исфаҳон афзуда роҳи иштибоҳ паймудаанд» [9, 21]. Воқеан, қазовати мазкур аз он ҷиҳат арзишманд аст, ки он даъвии онҳоеро, ки Ҷамолуддини наққошро шахси дигар донистаанд, ботил сохта

дар ин навъи санъат комилан даст доштани Ҷамолуддин Муҳаммадро собит месозад. Чунон ки қаблан ёдовар шудем, Ҷамолуддин Муҳаммад сарфи назар аз мушкилоти рӯзгор, ҳамаи улуми роиҷи даврро фаро гирифта будааст, зеро дар ин бора ӯ худ ишораҳои сершумор дорад. Чунончи, мегӯяд:

Улуми шаръӣ маълуми ҳар кас аст, ки ман
Зи ҳеҷ чиз дар ин шева кам қадам назанам.
Агар ба назм расад кору шеър бояд гуфт,
Ту худ бигӯй, ки ин ҷой ҳеҷ дам назанам...(9, 23)

Маълум мегардад, ки сабаб ҳамин будаву Давлатшоҳи Самарқандӣ Ҷамолуддин Муҳаммадро: «Аз бузургону олимони Исфаҳон аст» [3, 61] мегӯяд ва дар ин бора тардид накардаанд.

Сарфи назар аз мушкилоти давр ва пойбандиҳои рӯзгор, Ҷамолуддин ба сафар баромада ба рӯзгору зиндагии мардумони кишварҳои дигар ошноӣ пайдо намудааст. Тибқи тасдиқи муҳаққиқон Ҷамолуддин дар рӯзгори хеш мусофират низ ихтиёр кардааст. Дар девони Ҷамолуддин Муҳаммад, ки бо эҳтимоми Ваҳиди Дастгардӣ ба табъ расидааст, дар пешгуфтори он таҳти унвони «Мусофират ва савонеҳ» зерфасли хурде ҷой дода шудааст, ки он роҷеъ ба мусофирати шоир маълумот медиҳад. Чунончи, Ваҳиди Дастгардӣ дар ин бахш менависад, ки: «Устод Ҷамолуддин ба шаҳри Ганҷа мусофирате карда ва шояд дар ин сафар ӯро бо Ҳаким Низомӣ, ки он гоҳ оғози шоирии вай буд, мулоқоте даст дода бошад, вале аз ашъори вай дар ин боб хабаре ба даст наомада» [9, 19].

Чунончи, ӯ мегӯяд:

Ҷу шаҳри Ганҷа андар кулли офоқ,
Надидастам ҳақиқат дар ҷаҳон хок...(9, 413)

Васфияи мазкур ниҳоят устодона эҷод гардида, хеле ва хеле ҳунармандона ва марғубу матлуб таълиф шудааст.

Гузашта аз ин, шоир ба Мозандарон низ савонеҳ анҷом дода будааст, зеро дар хидмати сипаҳбуди Мозандарон Ардашер ибни Ҳасан мезиста, вале дар ашъори вай тасреҳе бад-ин мусофират нашудааст [9, 19].

Зиндагии шоир дар дарбор. Ҷамолуддин Муҳаммад аслан қасидасаро буда, шоири дарборист, вале ӯ кай ва ба кадомин дарбор бори аввал омадааст, сарчашмаҳо хабар надодаанд. Дар девони Ҷамолуддин Муҳаммад 128 қасида мавҷуд аст, ки 5963 байтро фаро гирифта, 65,7 фисади ашъори ӯро ташкил медиҳад [13, 22]. Яъне, мамдуҳони ӯ бисту ҳашт тан буда, тибқи қазовати Бадеуззамон Фурӯзонфар… «бештари мадоеҳи шоир роҷеъ ба ду хонадони бузург аст, ки дар Исфаҳон раёсат доштаанд, яъне Оли Хуҷанд, ки раиси шофеиён будаанд ва Оли Соид, ки қуззову сарварии ҳанафиён бар уҳдаи онон будааст» [22, 553].

Аз ишораҳои шарҳиҳолии адиб бармеояд, ки ибтидои рӯзгори ӯ аз нигоҳи мадори маишат то ба ҳадде мураккаб будааст. Ҷамолуддин соҳиби чаҳор фарзанд буда, ӯ дар ин бора чунин ишора дорад:

Натавон зист инчунин мискин,
Набишояд гузоштани маскан...(9, 6)

Аз ин чаҳор тифли шоир Камолуддин Исмоил дар шеъру адаб аз эҷодкорони номовар буда, дар таърихи адабиёти форс-тоҷик ҳамчун нахустин халлоқ-ул-маонӣ унвони ифтихории эҷодиро сазовор гардидааст. Фарзанди хурдтарини Ҷамолуддин, ки ӯро худи шоир Муиниддин Абдулкарим ном бурдааст, яке аз пуриштиҳортарин фуқаҳои замон маҳсуб мешудааст. Ҷамолуддин Муҳаммад дар замоне зиндагӣ ва эҷод кардааст, ки хеле мураккаб ва печидаавзоъ будааст. Аз ин рӯ, дар ашъори Ҷамолуддин оҳангҳои интиқоди ҷомеа ва зимомдорони замон, табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ низ хеле қавӣ садо медиҳанд. Вале дар таърихи адабиёт Ҷамолуддин Муҳаммад, пеш аз ҳама ҳамчун шоири мадҳиясаро иштиҳор дорад.

Ба қавли З. Сафо «Ҷамолуддин идае аз риҷоли маорифу руасои Исфаҳон ва салотину умаро ва судури муосири худро мадҳ гуфтааст» [21, 732], ки теъдоди мамдӯҳони ӯро 28 нафар қайд кардаанд. Ин ҳам мусаллам аст, ки дар он замон дар қаламрави Исфаҳон аз чаҳор мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоа ду мазҳаб бештар ривоҷ доштааст, ки яке аз онҳо ҳанафия ва дигаре шофеӣ буданд.

Ҷамолуддин Муҳаммад аз хонадони Соидия Рукнуддини Соид, Қавомуддини Соид, Садриддин ибни Қавомуддин, Низомуддин Абулаълои Соид – бародари Рукнуддин, Баҳоуддин ибни Қавомуддини Соидро мадҳу сано гуфтааст.

Воқеан, Оли Соид ё Соидия, ки асли онҳо аз Нишопури Хуросон буда, баъзе аз шуаро, фаразан Ҷамолуддин Муҳаммад маҳз аз ҷониби хонадони Соидиён ба унвони ифтихории адабӣ-ҳунарии «саид-уш-шуаро» сазовор гардида, миёни муосирон ҳамчун адиби хушқареҳа пазируфта шуд. Шоир аз навозишу парастории хонадони мазкур, ки ҳанафимазҳаб будаанд, хеле хушҳол буда, дар қасоидаш аз онҳо сипосгузорона ёд кардааст.

Хонадони дигар, ки Ҷамолуддин Муҳаммад дар қасоиди хеш аз эшон фаровон ёд мекунад, оли Хуҷанд буда, онҳо шофеимазҳабанд. Роҷеъ ба хонадони мазкур Бадеуззамон Фурӯзонфар баҳс ба миён оварда менависад: «Асли онҳо аз шаҳри Хуҷанд аз билоди Мовароуннаҳр мебошанд ва аввалин касе, ки аз ин хонадон маъруф шуда Имом Абӯбакр Муҳаммад ибни Собити Хуҷандӣ аст, ки ба хоҳиши Низомулмулки Тӯсӣ аз Марв барои тадрис ба «Низомия»-и Исфаҳон омад ва баъд аз ин фарзандони вай дар Исфаҳон ҳашмате азим ба даст карданд» [22, 553].

Ҷамолуддин аз ин хонадон ба Хоҷа Садруддини Хуҷандӣ ва писари ӯ – Хоҷа Ҷамолуддини Хуҷандӣ мадҳияҳо бахшида, як рисолати бузурги таърихиро тавассути эҷоди бадеъ ба ҷо овардааст. Ин рисолати таърихии баҷоовардаи шоир аз он иборат аст, ки тавассути хидматҳои адабии ӯ амнияту сулҳ миёни Соидиёну Хуҷандиён таъмин гардида, низоъҳои мазҳабии эшон ба мушоҳида нарасидааст.

Аз ҳокимони туркнажод бошад, Ҷамолуддин Муҳаммад аз Салҷуқиҳо: Маликшоҳ ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ, Маликшоҳи II (1155-1160), султон Сулаймон ибн Муҳаммад ибни Маликшоҳ (1160-1161), султон Арслон ибн Туғрал ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ (1161-1175), султон Туғрал ибн Арслон (1176-1194)-ро ситоиш кардааст ва дар девонаш қасоиди ба эшон эҳдошуда ғолибан арзиши таърихӣ доранд.

Ҷамолуддин Муҳаммад ҳамчунин сипаҳбуди Мозандарон Ардашер ибни Ҳасан ва имом Зайнуддин тоҷалислом ва Ҳисомуддинро аз оли Бованд ва ҳамчунин Нусратуддин Ҷаҳонпаҳлавон Муҳаммад ибни Элдигизро (1173-1187) мадҳу ситоиш кардааст. Албатта, чунонки қаблан ишора шуд, мадҳи ӯ дар баробари арзишҳои адабӣ-ҳунарӣ, инчунин аҳамияти таърихӣ низ дорад, зеро ҳаводису воқеоти фаровони таърихӣ, фаъолияту амалҳои зимомдорони замон, муносиботи онҳо бо халқ, бо фарҳангу илм, адабиёт ва ғайраро фаро мегирад.

Барои намуна байте чанд аз як қасидаи шоир Ҷамолуддини Муҳаммадро зикр хоҳем кард, ки он дар ситоиши қозиюлқуззот Рукниддини Соид эҷод шудааст:

Ай гузашта пояи қадрат зи ҳафтум осмон
В-эй, расида сити инсофат ба ақтори ҷаҳон…(8, 281)

Ё худ дар ин қасида, ки «Дар мадҳи Султон Маликшоҳ» ном дошта, бо чунин матлаъ оғоз мешавад:

Ай мамлакат, бибол, ки аҳди шаҳаншаҳ аст
В-эй салтанат, биноз, ки султон Маликшаҳ аст…10, 14)

Ва ё қасидаи зерин, ки «Дар мадҳи Атобак Муҳаммад ибни Маликшоҳ» ном дошта, бо чунин абёт шурӯъ мегардад:

Бисоти адл бигустурд боз дар олам,
Ҳудойгони ҷаҳон хусрави бани Одам...(10, 225)

Аз абёти фавқуззикр мушоҳида мешавад, ки то андозае образи сирф таърихӣ ҷанбаи басо қавии идеалӣ-ормонӣ касб кардааст ва албатта, арзиши вофири муассири тарбиявӣ дорад. Ин ҷанбаи бисёр характерноку мутафарриқи қасоиди мадҳии Ҷамолуддин Муҳаммад ба шумор меравад ва яке аз ҷиддитарин ҷанбаи фарқкунандаи қасоиди мадҳӣ дар қиёс бо мактаби адабии шуарои Ғазнин мебошад.

Зеро маддоҳони Маҳмуди Ғазнавӣ ғолибан ӯро ба он даъват мекарданд, ки мардумони қаламрави Ҳиндро бояд мисли алаф дарав кард. Магар дар ин қазоват нишоне аз адолат ҳаст?!

Барои намуна боз ба як қасидаи мадҳии Ҷамолуддин Муҳаммад рӯ хоҳем овард, то ки асрори эҷодии ӯ, ҳунари мазмунсозию маъниофарии шоир, сеҳри сухани адиб, маҳорату истеъдоди эҷодкор ва ғайра бароямон бештар ошкор шавад. Фаразан, дар қасоиди Ҷамолуддин Муҳаммад нақши радиф хосса аст ва метавон гуфт, ки ҳадафманду мақсаднок аст. Махсусан радифҳои мураккаби мармуз, ки ғояи ниҳонӣ дорад ва мамдӯҳро пеш аз ҳама водор ба сиголиш месозад. Масалан, қасидаи зерини шоир, ки «Дар мадҳи садр Саид Қавомиддин Абулфутӯҳ» унвон дошта, чунин оғоз мегардад:

Зиҳӣ, зи ройи ту равшан ҷаҳони тегу қалам,
Фалак ба дасти ту дода инони тегу қалам.

Қавоми дин, сари аҳрору ихтиёри мулук,
Ки нест ҷуз ту касе қаҳрамони тегу қалам…. (10,230)

Қасидаи мазкур мадҳӣ буда, танҳо радифи он рамзи хеле баланд ва таҳлилталаб дорад. Беҳуда нест, ки ин ду вожаи моҳияти сиёсидошта ҳанӯз дар асрҳои миёна таваҷҷуҳи донишмандонро ҷалб карда буд. Ҳатто устод С. Айнӣ дар оғози сохтмони ҷомеаи навин беҳуда ба ин мавзӯъ рӯ наоварда буд. Дар ин бора дар мақолаи профессор Х. Шарифов [24,136] баҳси хеле ҷиддии илмӣ сурат гирифтааст.

Профессор Х. Шарифов дар такя ба қазовати Умари Хайём менависад: «Теғ ба ақидаи Хайём воситаи гирифтани вилоят ва барпо кардани аркони сиёсат аст, қалам воситаи забти мулк ва нигоҳ доштани ҳадди сиёсат мебошад». Аз ин рӯ, аввалан чун ҳар ду вожа паҳлӯи ҳам гузошта шудаанд, пас, муҳтавои ягона доранд. «Умумияти онҳо, - менависад профессор Х. Шарифов, - воситаи ҷорӣ кардани сиёсат мебошад» [24, 136].

Албатта, ба назари мо теғ ё шамшер як вазифа дорад: буридан. Аз ин рӯ, дар қасидаи мазкур, ки теғ зикр шудааст, мутлақо моҳияти иҷтимоӣ надорад. Теғ дар ин ҷо ҳамоно шамшер аст ва ҳадаф аз қалам комилан моҳияти иҷтимоии масъала аст, яъне шоир ва шоҳ аст. Шоир гуфтан мехоҳад, ки кадом ҳоким, амир, подшоҳ ё кадом сиёсатмадоре, ки бошад, бояд донад, ки шукӯҳу шаҳомати кишвари ӯ ба қалам низ сахт марбут аст.

Дар мантиқи одии ифода ҳама гуна сохтори сиёсӣ бидуни илму фарҳанг ва шеъру адаб вуҷуд дошта наметавонад. Аз тарафи дигар, шамшер метавонад ба сари соҳиби худ таҳдид кунад, вале чунин амал барои соҳибқалам носавоб аст. Аз ҳама муҳим боз он аст, ки қалам аз олами тақаддус нозил аст. Қалам дар замин метавонад вазифаи хешро тағйир бидиҳад, зеро инъикоси адабӣ лаҳза ном дорад. Фаразан, «Вақти он аст, эй қалам»- ном шеъри Ҳабиб Юсуфиро метавон хотиррасон кард, ки он комилан моҳияти ярқро ба худ касб кардааст.

Дар девони шоир 128 қасида мавҷуд аст, ки аз ин миқдор 12 қасидаи шиквоӣ аст. Ин худ гувоҳи он аст, ки Ҷамолуддин Муҳаммад шоири чоплус ва тамаъгар нест ва барои ниёзҳои зиндагӣ худро ҳеҷ гоҳ хору залил намекунад. Масалан, дар ин қасидаи шиквоии худ хеле бо дарду алам сухан мегӯяд:

Дилам аз бори гам хароб шудаст,
Рухам аз хуни дил хизоб шудаст.
Қадаҳи сурхи лола мебинӣ,
Ҷигараш бин, ки чун кабоб шудаст…(9,56).

Қасидаи фавқуззикр комилан ҳасбиҳолӣ буда, шоир ҳолати худро ба лола монанд мекунад, зеро лола низ дар назари мардум сурх буда (воқеан ҳам сурх аст), ҳама ба ӯ ҳасад мебаранд. Вале касе намедонад, ки дили ӯ сиёҳ аст. Ҳадафи марказии адиб пас дар қасидаи мазкур чист? Ҳадафи эҷодкор шиква аз бекадрии ҳунар ва зиёда аз он бекадрии ҳунарманд мебошад. Ҷамолуддин Муҳаммад дӯстдори ғановати моддӣ низ нест. Ӯ ҳатто қасидае дорад таҳти унвони «Накӯҳиши зару сим» ва ҳатто аз номи қасида пайдост, ки назари шоир ба ғановати моддӣ хуб нест. Қасидаи мазкур бо чунин абёт оғоз мешавад:

Ин ҳама лоф мазан гарчи туро симу зар аст,
Ки зару сим бари аҳли хирад мухтасар аст.
Дил мабанд ар хираде дорӣ бари симу зарат,
Ки зару сими ҷаҳон ҳамчу ҷаҳон даргузар аст…(10, 98)

Ба қавли шоир ғановати моддӣ мисли маконаш-ҷаҳони моддӣ бевафо ва нопойдор аст. Аз ин хотир, набояд ба он дил баст, зеро дар дунё касе аз пайи зару сим шуд, гумном гардид ва агар номаш монда бошад ҳам, ба некӣ ёд намешавад. Ин аст, ки шоир аз шаҳри хеш борҳо оҳанги шиква кардааст. Шикоят аз шаҳр, шиква аз зимомдорон ва муосирон аст.

Муҳаққиқон яке аз сабабҳои савонеҳи шоир ба шаҳрҳои Ганҷаи Озарбойҷон ва Мозандарони Хуросон ҳамоно тангии маиширо донистаанд, ки ба назари мо қобили қабул аст. Роҷеъ ба мушаххас намудани шахсияти мамдӯҳони Ҷамолуддин Муҳаммад дар асари монографии шарқшиноси рус Зинаида Николаевна Ворожейкина [13, 22] маълумоти басанда дода шудааст.

Дар ягон сарчашма доир то ба кадом сол дар дарбор будани Ҷамолуддин Муҳаммад ишорае нест, вале аз ашъори шоир ва махсусан, аз қасидаҳои ин адиб маълум мегардад, ки ӯ чандон рӯзгори пурнишоте надоштааст. Ҳатто оҳангҳои интиқоду шиква дар қасоиди ӯ то ба дараҷаест, ки баъзан ҳеҷ гумон намекунед, ки ӯ

шоири дарбор аст. Зеро дар девони Ҷамолуддин Муҳаммад 12 қасидаи шиквоӣ манзур мегардад, ки мо аз мутолиаи қасоиди мазкур доир ба рӯзгори адиб ва хонадонаш иттилооти вофир ба даст меорем.

Дар ин қасидаи шикоятӣ, ки оғози он комилан фахрия асту анҷоми он шиква мегӯяд:

Манам он кас, ки ақлро ҷонам,
Манам он кас, ки рӯҳро монам.
…Шикамам аз таом холӣ монд,
Лоҷарам ҳамчу чанг нолонам… (9, 256).

Чунин оҳангҳои шиквоӣ, норизоӣ аз зимомдорони замони худ, беқадрии донишу ҳунар, беш аз он нодорию тангдастӣ шояд ба даврони пирии шоир рост омада бошад, зеро дар баъзе қасидаҳои ӯ даъват ба зуҳду тақво, накӯҳиши дунё ва мофиҳо хеле ва хеле қавӣ садо додаанд.

Умуман, шояд дилмондагии Ҷамолуддин Муҳаммад аз умарову ҳукамо будааст, ки ӯ ба интиқоду танз, ҳиҷову шикоят рӯй овардааст. Бо вуҷуди он ки ӯ аз хонадону фарзандон ва зодгоҳи азизаш дил канда наметавонистааст, иҷборан ба сафар баромада, муддате ҷилои диёр кардааст.

Фарҷоми рӯзгори Ҷамолуддин Муҳаммад. Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ на танҳо аз эҷодкорони дараҷаи аввали адабиёти асри XII аст, балки яке аз шуарои сермаҳсул ва навҷӯю навовари таърихи адабиёти форс-тоҷик аст, ки ба адабиёти давр ва минбаъда таъсири вофир гузоштааст. Дуруст аст, ки ӯро ҳамчун яке аз устодони пуриштиҳор хосса дар эҷоди қасоиди мадҳӣ медонанд. Ҳам сарчашманигорон ва ҳам аҳли таҳқиқ асосан ба ҳамин ҷанбаъ ғавр кардаанд, вале агар ба девони ашъори ӯ ҷиддитар таваҷҷуҳ шавад, масъала ранги дигар мегирад.

Ӯ махсусан дар баъзе қасидаҳову ғазал муқаттаоташ комилан шоири дигар аст. Мутолиаи муқаттаоти ӯ Ҷамолуддин Муҳаммадро, пеш аз ҳама ҳамчун шоири носеҳ ба омма муаррифӣ менамояд. Дареғо, ки сарчашмаҳо роҷеъ ба зиндагиномаи ин адиби хушқареҳаю навовар ниҳоят ахбори нокифоя додаанд.

Сарчашманигорон ба мухтассоти осор ва ҷилоҳои ҳунарӣ-эҷодии ӯ ғолибан рӯ овардаанд. Аз ин хотир, барои барқарор намудани ҷузъиёти зиндагиномаи илмии Ҷамолуддин Муҳаммад асосан ба девони ӯ ручӯъ намудан аз фавоид барӣ нест.

Аз ишораҳои шоир метавон натиҷа гирифт, ки ӯ аз хидмати дарбор ва мадҳи ашхоси нолоиқ хастадилу пушаймон шуда, сахт норизоиҳо кардааст. Фаразан, дар ин қитъа, ки ҳадаф қаноату таҳаммулпазирист, мегӯяд:

… Ҳастам ҳаёт дар ҳама олам ба обрӯй,
З-он рӯ, ки ҳеҷро наситоям ба қасди ҳеҷ (9, 391).

Ҳол он ки Ҷамолуддин Муҳаммад худро ягонаи замон, эҷодкори бемонанд ва дар фанни сухангустарӣ адимулмисл мегӯяд. Шояд дар чандин сол мисли ман нафаре рӯйи кор биёяд, вале ин ҳама ба назари ӯ хобеву хаёле беш нест. Ин аст, ки мегӯяд:

Бар шуд зи чарх қадри ман аз илтифоти шоҳ,
Ин саъд кай мусоиди ҳар мухтасар шавад… 10,345).

Ҳадафи мо аз қазовати фавқуззикр ин аст, ки шоир аз «хидмати беҳуда» пушаймон гардида, рӯ ба инзиво оварда, зуҳду тақво ва ҳақҷӯйиро пеша мекунад ва дунёю мо фиҳоро билкул беҳуда ва ҷойи истеҳзову мазоҳ қазоват мекунад. Ҷамолуддин Муҳаммад ғами маунат, хонадону иёлу фарзандонро низ аз силки ғамҳои инҷаҳонӣ ва абас медонад ва бояд инсон андӯҳи уқбои ҷовидонро пайваста пеши назар дошта бошад, то фиреби дунё касро фирефтаю шайдо нагардонад. Ба ин маънӣ шоир мегӯяд:

То кай ғами хонумону фарзанд,
Чанд андӯҳи нону ҷома то чанд? (10, 345).

Чунин намунаҳо, ки андешаю орои Ҷамолуддин Муҳаммадро фароҳам оварда, бисёр лаҳзаҳои хираи ҷараёни зиндагии ӯро равшан месозад, ғолибан тавъам бо арзишҳои адабию эстетикӣ, этникию фарҳангӣ, аҳамияти илмӣ-тадқиқотӣ низ доранд, зеро мушкилоти адабиётшиносию адабпажӯҳиро низ басо осон месозад.

«Лекин ашъори ӯ, – менависад доктор Бадеуззамони Фурӯзонфар, – мерасонад, ки гӯянда ҳамаи умрро ба зуҳд нагузаронида ва қисмати умдаи зиндагиро ба мадҳгӯйӣ ва тақозои силлат ба сар бурдааст ва дар ин ҷо ба зарурати яке аз ин ду фарзро бояд мусаллам дошт; яке он ки зиндагонии Ҷамолуддин таҳаввул ёфта ва дар охири умр пайрави зуҳҳод гардида ва пушти по ба наими дунявӣ зада ва дар орзуи

хуррамии абадӣ олами фониро бемиқдор шумурдаву даст аз мадҳгӯйӣ бардошта, бо дастранҷи худ асбоби маишат фароҳам меовардааст.

Дигар он ки Ҷамолуддин ин афкорро ба тасаннӯъ дар шеъри худ оварда ва аслан, бад-он муътақид набуда, ё агар эътиқоде доштааст, фишори зиндагӣ ва касрати аёл, ки ҳифзи эшон ақлан ва шаръан аз умури лозим ва аз ҷумлаи девони инсонӣ аст, вайро ба амали тому тамом бознамегузошта ва чун муддати умрро дар таҳсили адаб ва такмили фунуни шоирӣ, ки дар он аҳд яке аз тариқи маишат буд, сарф карда ночор ба мадҳи ину он пардохтааст» [22, 551].

Ба андешаи мо, қазовати нисбатан тӯлонии яке аз бузургтарин адабиётшиносони Эрон Бадеуззамон Фурӯзонфар роҷеъ ба баъзе лаҳзаҳои зиндагии Ҷамолуддин Муҳаммад хеле илмӣ, мӯшикофона аст, ки аз донистани ашъори шоир ва қонуниятҳои рушди адабиёт ва суннатҳои адабӣ башорат медиҳад. Ҳатто ин падида ба муҳаққиқи бевосита рӯзгору осори Ҷамолуддин Муҳаммад ва писари ӯ– халлоқулмаонӣ Камолуддин Исмоил, умуман ба пажӯҳандаи мактаби адабии Исфаҳон (то истилои муғулҳо) ва бисёр намояндагони ин доираи адабии шукуҳманд, шарқшиноси тавонои рус З.Н.Ворожейкина қазовати фавқуззикр даст надодааст.

Ҳоло барои дарёфти нишонаи зуҳд ва даст кашидани Ҷамолуддин Муҳаммад аз дунё ва алоиқи он қитъаи «Одамӣ ва дунё»-ро чун намуна зикр хоҳем кард:

Одамӣ з-ин ҷо нахоҳад бурд ҳеҷ,
Гар Сикандар гардаду Қорун шавад.
Дар ҷаҳон дидӣ, ки чун омад нахуст,
Ҳамчунон, к-омад, чунон берун шавад (10,340).

Равобити тарафайни Ҷамолуддин бо шуарои муосираш Анварии Абевардӣ, Заҳири Форёбӣ, Хоқонии Шервонӣ, Муҷириддини Байлақонӣ, Рашидуддини Ватвот ва дигарон манзур мегардад, ки ин падида аз чанд ҷиҳат муҳим аст: Якум, равобити доираи адабии Исфаҳон бо марказҳои адабӣ-фарҳангии дигари замон ва тақвияту таҳкими рушди адабиёти форс-тоҷик. Дуюм иштиҳори эҷодиёти Ҷамолуддин Муҳаммад ва эътирофи бузургтарин қувваҳои адабӣ ашъори ин эҷодкорро, ҳатто дар замони зиндагии худи шоир. Сеюм, рушди қонуниятҳои адабӣ ва жанрҳои ҷудогона: татаббӯъ, тазмин, назира, ҷавобиягӯйӣ, номаву номанигорӣ ва ғайра.

Умуман, Ҷамолуддин Муҳаммад, қариб ки тамоми умр дар зодгоҳаш–шаҳри Исфаҳон зиндагӣ ва эҷод кардааст. Сарчашманигорон ва аҳли тадқиқ сафари Ҷамолуддин Муҳаммадро ба қаламрави Мозандарон ва Қафқоз (хосса шаҳри Ганҷа) таъкид кардаанд ва дар ин бора ишораҳои шарҳиҳолии шоир низ гувоҳӣ медиҳанд, ки қаблан ишора карда будем.

Яке аз фарзандони Ҷамолуддин Муҳаммад, ки ӯро ҳатто ҳамсанги падар донистаанд, Камолуддин Исмоил мебошад, ки аз шуарои номовари таърихи адабиёти форс-тоҷик аст ва ӯ нахустин халлоқулмаонӣ низ ҳаст. Аз ҳама муҳим он аст, ки Ҳофизи Шерозӣ ва Камоли Хуҷандӣ барин шуарои кашшоф ба Камоли Исмоил ишораҳо доранд. Фаразан, Ҳофиз мефармояд:

В-ар боварат намекунад аз банда ин ҳадис,
Аз гуфтаи Камол далеле биёварам.
«Гар барканам дил аз туву бардорам аз ту меҳр,
Он меҳр бар кӣ афканам, он дил куҷо барам?».

Ё худ Камоли Хуҷандӣ фарзанди Ҷамолуддинро ҳампояи хеш мешуморад, ки шояд ифтихоре беш аз ин барои Камол Исмоил набошад:

Ду Камоланд дар ҷаҳон машҳур,
Яке аз Исфаҳон, яке зи Хуҷанд.
Ин яке дар ғазал адимулмисл
В-он дигар дар қасида бемонанд…

Поёни рӯзгори Ҷамолуддин Муҳаммад низ мураккабу печидатар сипарӣ шудааст, ки сабаби асосии он ҳамоно ниёзҳои рӯзгор будааст.

Маҳз ҳамин тангии маишӣ ва ниёзҳои зиндагӣ шоирро иҷборан ба дарбор кашида, жанри қасоиди мадҳиро пешаи асосии эҷодиёти ӯ кардааст. Ба қавли Бадеуззамон Фурӯзонфар «Фишори зиндагонӣ ва касрати аёл» шоирро «ночор ба мадҳи ину он» водор намудааст:

Дар бораи пеш омадани сафедмӯйӣ, ки шоир онро оғози расидан ба пирӣ мегӯяд, хеле хуб дар як шеъраш қазовате манзур мегардад:

Дар ойина то нигоҳ кардам,
Як мӯйи сафеди хеш дидам.

З-андешаи заъфу бими пирӣ,
Дар ойина низ нангаридам…(10,364)

Огоҳдилон ҷаҳони дигаре доранд. Аз ин рӯ, Ҷамолуддин хосса дар муқаттаоту қасоиди хеш бештар ба зиндагиномаи худ сар фурӯ бурдааст. Ин навъи ашъори адиб маҳз бо ин хусусиятҳои худ бештар арзиши илмӣ доранд, ки барои маърифати ҷараёни зиндагии шоир ва корномаи ӯ маводи бештари шарҳиҳолӣ медиҳанд ва агар мушаххастар арз намоем, бисёр лаҳзаҳои зиндагиномаи Ҷамолуддин Муҳаммадро метавон барқарор намуд.

Аз баъзе лаҳзаи тасвирҳо ва баёнҳои шарҳиҳолии шоир чунин ҳам натиҷа гирифтан мумкин аст, ки шоир шахси то андозае шӯхтабиату зарофатгӯ низ будааст. Ҳатто аз баъзе тасвирҳои Ҷамолуддин Муҳаммад чунин ҳам бармеояд, ки ӯ шахси ҳақирҷуссаву миёнақад ва лоғарандом буда, андаке нуқсони забонӣ ҳам доштааст ва инро муҳаққиқон низ дар асоси таъкидҳои худи адиб мушоҳида кардаанд, Чунончи:

Гӯянд кажзабонам, каж бош гӯ, забон
Чун ҳаст дар маонию дар лафз устуво...(10, 16

Дар баъзе абёти ҳасбиҳолии Ҷамолуддин Муҳаммад омадааст, ки пайкари шоир хеле ҳақиру наҳиф будааст, ки ҳатто ёрои истодагарӣ алорағми бодро ҳам надоштааст:

Чӣ аҷаб гар дилат зи ман бигрифт,
Ки маро дил зи хештан бигрифт.
Шудам аз заъф ончунон, ки маро
Бод бирбуду пираҳан бигрифт…(9, 438)

Ба қавли сарчашмаҳо ва қазовати аҳли таҳқиқ, ки ин ҳама дар асоси ишораҳои хеле нозуки падару писар сурат гирифтааст, Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ то поёни рӯзгори хеш дар зодгоҳаш шаҳри Исфаҳон умр ба сар бурда, дар ҳамон макон соли 588 ҳичрӣ мутобиқ ба с. 1192 мелодӣ олами фониро ба ҳамешагӣ падруд гуфтааст, ки дар ин айём фарзанди калонии шоир-Камолиддин Исмоил нуздаҳсола будааст. Дастгардӣ дар зерфасли «Валодат ва реҳлат»-и пешгуфтори хеш бар девони шоир ба чунин натиҷа меояд, ки: «Реҳлати ӯро (Ҷамолуддин Муҳаммадро –Н. Ш.) баъзе аз нависандагон, монанди Муҳаммад Иқболи Ҳиндустонӣ ба нақл аз «Феҳристи нусхаи форсӣ»-и Ч. Риё, дар соли 588 ҳичрӣ муайян кардаанд, вале маъхазу далеле барои ин матлаб то ҳол моро ба даст наёмада…». Муҳим он аст, ки муҳаққиқин низ ин санаро саҳеҳ донистаанд ва касе тардид накардааст. Мутаассифона, то кунун ҷойи манзили охирати эҷодкорро мушаххасан на сарчашманигорон ва на аҳли таҳқиқ қайд накардаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Амин Аҳмади Розӣ. Ҳафт иқлим. Бо тасҳеҳ ва таълиқи Ҷаводи Фозил, дар се ҷилд /Амин Аҳмади Розӣ – Теҳрон, 1340. – 571с.
2. Бегдилӣ, Лутфалибеки Озар. Оташкадаи Озар / Бегдилӣ, Лутфалибеки Озар. – Теҳрон, 1378. – 1149с.
3. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро / Давлатшоҳи Самарқандӣ – Теҳрон: Ховар, 1338. – 431с.
4. Муҳаммад Авфии Бухоройӣ. Лубоб-ул-албоб. Дар ду ҷилду як китоб / Муҳаммад Авфии Бухоройӣ – Теҳрон: Китобфурӯшии Фахри Розӣ, 1361. – 1034с.
5. Рондӣ Муҳаммад. Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур. Бо кӯшиши Муҷтабо Минавӣ / Рондӣ Муҳаммад – Теҳрон, 1364. – 575с.
6. Ҳидоят Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин. Бо кӯшиши Меҳралии Гургонӣ / Ҳидоят Ризоқулихон – Теҳрон: Китобфурӯшии Маҳмудӣ, 1344, - 632с.
7. Ҳидоят Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо. Ба кӯшиши Мазоҳори Мусаффо. – Дар 3 ҷилд – Ҷилди 2 / Ҳидоят Ризоқулихон. – Теҳрон, 1339. – 697с.
8. Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ. Девони комил. Бо тасҳеҳу ҳавошии Ҳасан Ваҳиди Дастгардӣ /Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ – Теҳрон: Армуғон, 1320
9. Ҷамолуддин Абдурраззоқи Исфаҳонӣ. Девони Абдурраззоқи Исфаҳонӣ бо тасҳеҳи Ваҳиди Дастгардӣ / Ҷамолуддин Абдурраззоқи Исфаҳонӣ – Теҳрон: Нигоҳ, 1379.
10. Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ. Девон / Ҷамолуддин Муҳаммад ибни Абдурраззоқи Исфаҳонӣ – Теҳрон, 1390.
11. Шамси Қайси Розӣ. Ал-мӯъҷам / Шамси Қайси Розӣ – Душанбе, 1991. – 464 с.
12. Ворожейкина З. Н. Исфаханская школа поэтов и литературная жизнь Ирана / З. Н. Ворожейкина. -Москва: Наука. 1984.
13. Ёҳақӣ Муҳаммад,Таърихи адабиёти Эрон ва ҷаҳон. Ҷ. 1 / Ёҳақӣ Муҳаммад, Ҷаъфар.Фарзод А. – Теҳрон, 1388.
14. Мирбоқирифард С. А. ва дигарон. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷилди 2 / С. А Мирбоқирифард.– Теҳрон, 1389.
15. Рейснер М. Л. Эволюция классической газели на форси (X-XIV века) / М. Л. Рейснер.– М.: Наука, 1989. – 224с.

16. Ризозода Шафақ. Таърихи адабиёти Эрон /Ризозода Шафақ. – Теҳрон: Донишгоҳи Паҳлавӣ, 1352 ҳ. – 648 с.
17. Рипка Ян. История персидской и таджикской литературы. Перевод с чешского. Ред. и авт. пред. И.С.Брагинский / Рипка Ян. – М., 1970. – 440с.
18. Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ. Аз миёнаи қарни V то оғози қарни VII ҳичрӣ. Ҷилди 2 / Сафо Забеҳуллоҳ -Теҳрон, 1388. – 720 с.
19. Фурӯзонфар Б. Сухан ва суханварон / Фурӯзонфар Б – Теҳрон: Хоразм. 1358. – 713с.
20. Ҳерман Этте. Таърихи адабиёти форсӣ. Тарҷума бо кӯшиши доктор Ризозода Шафақ / Ҳерман Этте – Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1356. – 361с.
21. Шарифов Х. Шоир ва шеър / Х. Шарифов. – Душанбе, 1998.

ЖИЗНЕОПИСАНИЕ ДЖАМАЛАДДИНА АБДУРРАЗЗАКА ИСФАХАНИ

Данная статья посвящена изучению и рассмотрению жизни и поэтического наследия персидского поэта XII века Джамалладина Абдурраззака Исфахани. Он запомнился современникам как великолепный поэт и знаток истории и культуры своего народа, и в своих сочинениях он говорил в основном о социальной несправедливости в обществе.

Ключевые слова: Джамалладин Абдурраззак Исфахани, поэзия, наследие, литературный стиль.

BIOGRAPHY OF THE JAMAL-AL-DIN OF ABDURRAZZAK ISFAHANI

This article is dedicated to study and discuss the life and poetic heritage of the Persian poet of the 12th century Jamaludin of Abdurrazzak Isfahani. He was remembered by contemporaries as a great poet and scholar of the history and culture of his people, and in his writings he spoke mainly about social injustice in society.

Key words: Jamaludin Abdurrazzak Isfahani, poetry, heritage, literary style.

Сведения об авторе: ***Н. А. Ширинов***- аспирант кафедры истории таджикской литературы Таджикского национального университета.Телефон: **(+992) 999 99 99 71**

ПЕРСИЯ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ УСТНОГО НАРОДНОГОТВОРЧЕСТВА И ДРЕВНЕРУССКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

Масуме Мотамедния
Мазандаранский университет города Баболсар, Иран

Эпизодические контакты сопровождали историю отношений Ирана и Древней Руси на протяжении многих столетий, что нашло свое отражение в глубоком многовековом взаимопроникновении культур двух этих стран. Неоспоримые примеры подобного взаимовлияния можно найти не только в искусстве (архитектуре, иконописи, орнаментике), религии, на социально-политическом уровне, но даже в известных русских антропонимах. Так, в «Повести временных лет» в числе русских представителей, подписавших в 945 г. договор с Византией, упомянуты «Сфаиндр», «Прастен», «Фрутан», имена, которые уверенно отождествляются с иранскими Исфандийаром, Ростамом и Фаридуном. А великий князь Юрий Долгорукий, как и другие русские князья с тем же прозвищем, получил его не вследствие собственного корыстолюбия, как уверяет летопись, а, очевидно, в силу сохранившегося пережитка общеарийской традиции, которая предписывала прилагать эпитет «долгорукий» в значении «способный защитить, исцелить, покровительствовать, покарать» применительно к племенным вождям, царям и божествам. В Иране это почетное прозвище носили не только цари династии Ахемединов, но и Зороастр, сохранялось оно и у некоторых североиранских князей в XII–XIII вв. Вера в целительное прикосновение руки государя бытовала в течение длительного времени в этой восточной стране.

Несмотря на подобную общность двух государств, Иран долгое время оставался манящей и в то же время пугающей своей «варварской» данностью загадкой для русского человека, что ярко демонстрируют произведения древнерусской литературы и устного народного творчества. «Хождение за три моря» Афанасия Никитина, «Хождение» купца Федота Котова в Персию, исторические песни, предания, легенды о походе Степана Разина в Персию в XVII веке – вот тот корпус художественных текстов, которые наглядно отражают сложность представлений русского сознания об Иране.

«Официальное введение» образа этой восточной страны в древнерусскую литературу тесно связано с развитием торговых отношений двух государств и, в частности, с активной деятельностью русских купцов. Яркие впечатления торговых людей, вынужденных в поисках новых товаров и покупателей совершать дальние и небезопасные путешествия (в том числе и в Персию), не могли не получить

художественное словесное оформление.

«Хождение за три моря» тверского купца XV в. Афанасия Никитина – бесспорно, один из наиболее замечательных памятников древнерусской литературы. Важнейшей особенностью этого памятника следует считать его совершенно неофициальный характер – это не имеющие определенного адресата записки простого русского купца, попавшего на чужбину. Отстраненность А. Никитина от профессиональной литературной деятельности придает его произведению большую достоверность, документальность, и позволяет нам через призму миропонимания и мироощущения одного человека выйти на уровень общего восприятия Востока русскими людьми и вместе с вынужденным путешественником пройти путь преодоления предубеждений и страхов в пользу истины.

В «Хождении за три моря» описываются 7 лет (1468–1475) из жизни тверского купца, в течение которых он совершает длительное путешествие через Астрахань в Индию. Богатство фактических сведений позволяет четко воссоздать путь А. Никитина, пролегающий по кавказскому побережью Каспия, а затем через территорию Гиляна, Мазандарана, Чебоксара. Непосредственно по Ирану купец странствует 2 года, из которых полтора он проводит в Гилани и сопредельных областях: «И прожил я в Чабоксаре шесть месяцев, да в Сари жил месяц, в Мазандаранской земле. А оттуда пошел к Амолю и жил тут месяц. А оттуда пошел к Демавенду, а из Демавенда Рею»[1].

Гилян – это иранская провинция, расположенная на южном побережье Каспийского моря и состоящая с Древней Русью в непростых отношениях из-за притязаний последней на территорию этого региона. Вполне возможно, что русский купец был заочно знаком с Гиляном, так как в «Хождении», наряду с описанием своеобразия устройства жизни иранской провинции, наблюдается достаточно яркое столкновение ирреального, мифологического (общего представления русского человека о восточных землях) и реальной действительности. А. Никитин с присущей ему природной наблюдательностью, любознательностью, твердостью и решительностью сравнивает, оценивает, переосмысливает и воспроизводит увиденное и с удивлением приходит к выводу, что «реальный портрет» Гиляна далек от существовавшего тогда на Руси мифа об Иране как сказочно богатой стране, населенной мудрыми и красивыми людьми, которые живут по самым гуманным законам. Уже само изображение пейзажа иранской провинции развенчивает «восточный рай», показывает его неоднозначность. Так, море, которое омывает берега Гиляна, его плодородные долины и бесконечные горы, в изображении А. Никитина предстает могущественной, но неуправляемой и непредсказуемой стихией, источником всевозможных бед. Горы тоже таят в себе опасность: их заселяют племена, главным делом которых является разбой и работорговля. Красоту высокого голубого неба омрачает солнце, жар от лучей которого непереносим. Именно зной правит этой территорией, наполняя яркостью, сообщая точность, глубину и резкость краскам гилянского пейзажа, в котором даже воздух – это огненно-влажные испарения земли: «А в Гиляне очень душно и парит сильно…»[1, 267].

Личностное субъективное восприятие рассказчика – русского путешественника приводит к пристрастности описываемого, преувеличению в отборе некоторых описываемых событий. Отсюда – резкая очерченность характеров и страстей, рассказ именно о тех исторических событий страны, которые бы вызвали полное неприятие восточной страны у истинно православного русского человека: «Тут убили шаха Хусейна, из детей Али, внуков Мухаммеда, и пало на убийц Мухаммеда – семьдесят городов разрушилось» [1,260]. Здесь за лаконичной передачей информации скрывается комплекс представлений русского человека о религиозных обычаях, суровых нравах, неукротимом, взрывном характере населения Ирана.

Подобное отрицание восточной страны могло сложиться у русского купца вследствие сильнейшего давления на него фанатично настроенного населения и внутреннего понимания А. Никитиным своего социального статуса, а главное, духовного мироощущения в Иране и в Индии как «кафира», «гарипа» – чужеземца, которого всячески принуждают к отказу от своей веры и принятию мусульманства. Все это становится причиной некоторой отчужденности рассказчика, и обилие отрицательных характеристик при создании образа восточной страны становится совершенно понятным: «А так, братья русские христиане, захочет, кто идти в Индийскую землю – оставь свою веру на Руси, иди в Гундустанскую землю» [1, 262].

В то же время русский купец не озлобился, не воспылал ненавистью к своим притеснителям. Наоборот, он находит в себе силы подняться над ограниченностью

религиозных конфессий и провозглашает идею единого Бога для всех людей: «Бог един, то царь славы, творец неба и земли» [1,266]. Далекий от религиозной нетерпимости А. Никитин признает право народов веровать в своих богов: описывая мусульманские обычаи и обряды, купец замечает, что «правую веру только Бог ведает» [1, 266].

«Хождение за три моря» написаны в форме дневника, поэтому читатель может проследить диалектику личности рассказчика-путешественника, синтезирующего в себе два мира – русский и иранский, что, в первую очередь, отражается на языковом уровне. Проведя длительное время в Иране, А. Никитин становится билингвом, поэтому в художественном тексте постоянно происходит пересечение двух языков, их гармоничный, взаимодополняющий синтез. Так, фарсоязычные элементы стали одним из важнейших художественно-изобразительных средств «Хождения за три моря», придав повествованию неповторимый стилистический колорит. Речевое поведение повествователя, его личностные системы языковых и речевых предпочтений являются показателем настроенности на добро, сотрудничество, компромисс, взаимопонимание и этическую разборчивость.

За период пребывания в Иране в миросозерцании путешественника происходят значительные сдвиги. Теперь, наряду с православными установками, оно включает в себя и некоторые постулаты ислама. Как пишет Д.С. Лихачев, «в своем длительном путешествии А. Никитин запутался в церковном календаре. Он забыл, когда пасха, когда пост, и стал поститься вместе с местными жителями. Иными словами, он частично признал их веру. Он даже молился на их языке…»[2]. Действительно, его речь насыщена лексическими формулами Корана, заимствованиями из фарси. Русский и фарси органично сочетаются в обращениях рассказчика к Богу: «Господи, Боже мой, яко дни своя переплых во зле все. Господи мой, Олло перводигель, Олло ты, карим олло. Рагим олло, карим олло, рагим олло; алхамдулело» …»[1, 270]. Проводя аналогии между религиями, А. Никитин приходит к выводу: «…а правую руку один Бог знает» и берет себе имя ходжа Юсуф Хорасан. По этой причине многие исследователи считают, что русский путешественник к концу своих странствий все-таки принял мусульманскую веру, а потому называют его сочинение «паломничеством наизнанку»[3], ставя тем самым данное произведение в антагонистические отношения с традиционным жанром древнерусской литературы хождения в «святые земли». В то же время Д.С. Лихачев в работе «Великий путь. Становление русской литературы XI–XVII веков» придерживается мнения, что славословие Бога, которым завершаются «Хождения», более свидетельствует не о смене вероисповедания, а о «необычной для средневекового сознания религиозной терпимости»[4] А. Никитина, его толерантности и глубоком уважении, как христианства, так и в чем-то схожим с ним ислама.

Вторым по значимости событием со времен путешествия А. Никитина стала поездка в 1623–1624 гг. по царскому указу «купчины московского гостя Федота Афанасьева сына Котова, а с ним в товарищах 8 человек» [5], которые «ходили за море в Персицкую землю в купчинах з государевой казною» [6] и, благополучно вернувшись, сообщили множество разнообразных сведений о состоянии ремесел, сельского хозяйства, торговли иранского государства, а также географии, этнографии быте и нравах народонаселения. Так, в «Хождениях в персидское царство» [7] от 1623 г. русский купец Федот Котов блестяще опишет увиденные им мусульманские праздники, особенности жизни в Персии. Правда, его описания Ирана уже не столь наивны и драматичны, как у А. Никитина.

Язык Котова предельно точен и лаконичен. «Его ″Хождение″ предназначалось для Посольского приказа, где к этому времени уже выработался определенный язык, на котором составлялись все официальные документы. Немногословность, точность выражений, отсутствие непонятных и двусмысленных формулировок — таковы были требования, предъявляемые к языку официальных документов в московских приказах» [8], и эти требования были выполнены Ф. Котовым. Просто удивительно, что в его маленьком отчете о путешествии содержится так много самых разнообразных сведений о Персии. Не пересказывая содержания произведения, остановимся лишь на характере привомых Ф. Котовым сведений.

Они знаменательны тем различием, которое демонстрируют рассказчик «Хождения за три моря» и повествователь «Хожения купца Федота Котова». Последнее отличается критическим прагматизмом, взвешенностью, уравновешенностью. Ф. Котов прежде всего купец. Вопросы торговли, состояние торговых путей стоят у него почти всегда на первом месте. Он считал, что его описанием должны воспользоваться русские купцы, которые

будут ездить в Персию, и старался как можно точнее описать все особенности и опасности путешествия туда. Торговый путь в Персию был к этому времени уже хорошо известен.

Он проходил через многие крупные города. Ф. Котов тщательно отмечает расстояния между городами и другими населенными пунктами, указывает характер дороги — горы, степь, пустынные места, наличие или отсутствие воды, на чем ехать, нужно ли опасаться нападений, например: лезгинцы грабят купцов и продают в рабство, а если тихо – взимают по три киндяка с вьюка [9], дорога от Ширвана до Шемахи идет по горам и ехать там «нужно и безводно» .

Очень важное значение для купцов имели переправы через реки, поэтому Ф. Котов всегда отмечал, где была переправа на лодках, стругах и паромах, где переходы вброд, где есть мосты. Он описывал их строение, отмечая иногда даже детали, например: через Куру переброшена железная цепь, чтобы было безопаснее проходить по мосту и т.п.

Как видим, образ Ирана в древнерусской литературе воссоздан с большим стремлением к реалистичности, хотя нельзя не отметить естественной пристрастности и субъективизма рассказчиков хождений, которые сравнивали иранскую культуру (образ жизни иранцев, в том числе) с более привычными для них, а следовательно, кажущимися более *правильными* обычаями родной Русской земли.

Заметный всплеск интереса русского этноса к Персии обозначился во второй половине XVII в. (в 1668–1669 гг.), когда Степан Разин, предводитель крестьянского восстания в России, совершает нападение на северный Иран, пройдя через города Решт, Фарабад и Астрабад к полуострову Миян-Кале, где его отряд останавливается на зимовку. Победоносный поход по Каспию и особенно богатая добыча произвели настолько сильное и неизгладимое впечатление на русский народ, что практически сразу о Степане Разине начинают создаваться исторические песни, предания и легенды.

Если произведения древнерусской литературы больше тяготели к реалистичному воссозданию образа Ирана, то фольклорная традиция максимально трансформировала, видоизменяла, можно сказать, «затуманивала» реальные события, придавая им своеобразный сказочный, романтический колорит. По этой причине фольклорные произведения не несут фактологической важности, но, несомненно, придают художественную красочность восприятию полуфантастичного образа Ирана, сложившегося благодаря раскрепощенной творческой фантазии русского народа.

В жанрах устного народного творчества взаимоотношения иранцев и русских, в лице казаков, сводятся в основном лишь к одному виду деятельности – военной, мотивационным толчком к которой становятся сначала религиозные, этнические прения, а затем простое желание «легкой наживы». Так, поход Степана Разина в Иран в исторических песнях первого этапа разинского движения направлен на ограбление не просто богатых людей, но именно «бусурман» (т.е. иноверцев, чужеземцев). Главная цель похода – «напасть на турок, персов, татар и взять добычу» («У нас-то было, братцы, на тихом Дону…» [10]). Таким образом, народное сознание придает набегу вольницы Степана Разина черты этнического конфликта, проявлением чего является акцент на столкновении так называемых суперморальных ценностей, в число которых можно отнести позитивное самопредставление и сложение негативного образа иранцев.

Этнические предубеждения проявляют себя в восприятии фарси как чужого языка, в отторжении восточных нравственных и этических норм, в осмыслении восточных людей как опасных и несостоятельных: иранские воины в произведениях русского фольклора неумелы и трусливы, а царь – жаден, глуп и непомерно агрессивен. В легенде «Степан Тимофеевич Разин и персидский царь» говорится: «Разбил, разметал он (Разин) все персидское войско: кого побил, кого в плен взял, а кто и сам невесть куда разбежался – и пропал. Узнал об этом персидский царь, насмерть перепугался и не знает, что делать…» [11].

На примере произведений фольклора о походе Степана Разина в Гилян раскрываются те национальные стереотипы и предубеждения, которые доминировали в то время в русском народном сознании. Так, край воспринимался как райская, богатейшая, но «бусурманская» страна, а потому насилие по отношению к ней вполне оправдывалось и одобрялось как проявление героизма и молодечества. Ограбление чужеземной страны описывается как совершенно обыденная, даже необходимая вещь, дающая возможность казакам добыть там средства к проживанию в России. В «Переволоке» Степан Разин, узнав, что царь повелел в устье реки Камушенки поставить крепость и не пускать казаков с Дона на Волгу, «задумался»: «Поставит царь крепость, тогда беда, не пройти казакам на

Волгу с Дона, не гулять им на Каспийском море, не бывать в Персии. Где добудут себе бедные-голутвенные казаки сунна на зипуны, юфти на сапоги?». Что касается описания самого похода, то в произведениях избегается реалистическая детализация: полностью игнорируется изображение гибели и страданий иранцев, ставшими жертвами нападения разинской вольницы. В «Стеньке-чернокнижнике» эпически спокойно сообщается: «Потом собрал он шайку и, поплыв в Персию, и воевал он там 2 года, и набрал там много богатства, что и счесть и сметить невозможно…»

Каждый жанр устного народного творчества вносит свои особенности в художественное изложение реальных событий. В таком жанре несказочной прозы, как легенда, столкновение вольницы Степана Разина с гилянцами осмысляются фантастически. Чудесное здесь воспринимается как достоверность, что и определяет структуру, систему образов и поэтику произведений. Проблематика же варьируется в зависимости от характера взаимоотношений двух государств, сложившихся ко времени создания того или иного произведения. Так, ряд легенд позднейшего времени носит социально-утопический характер: через утопию выражалась мечта народа о «справедливом» размежевании на Каспии, звучал призыв к принятию активных и серьезных дел. В легенде «Чей Каспий», к примеру, утверждается безграничное право России на все пространство Каспийского моря, поскольку, если процитировать главного героя данного произведения, то «свои воды Волга-матушка река со всей нашей русской земли собирает, значит в Каспии-море вся вода наша, русская, а значит, по праву и справедливости быть ему нашим русским морем». В легенде «Степан Тимофеевич и персидский царь» на предложение персидского царя перейти к нему на службу, главный герой дает ответ истинного патриота: «А служить я буду своим сестрам и братьям – простому русскому народу. Хочу я ему добыть волюшку вольную, тряхнуть крепко его злодеев – бояр да царских воевод». Тяга к родной земле, «к славному городу Астрахани» – сильнее всего. Национальные интересы в легендах становятся личными интересами Степана Разина, превращая его чуть ли не в «государственника».

Кстати, воспроизведенный легендой патриотизм атамана расходится с фактами реальной действительности. Отношение «свободного люда» (казаков) к Родине ярко иллюстрирует следующий пример. По воспоминаниям известного французского путешественника Жана Шардена, находящегося в то время при персидском шахе, в начале 1667 г. казаки во главе со Стенькой обратились к шаху, прося даровать им немного земли, причем давали самые решительные заверения, что казаки будут вести себя как настоящие верноподданные. Ж. Шарден пишет, что «Персия казалась им справедливой, где лучше других обращались с поданными» [12].

Вместе с тем и русское фольклорное сознание сохранило и сберегло в народной памяти не только события военных, а значит – недружественных, отношений России и Персии. Свидетельство тому – легенда о любви храброго атамана к пленнице-персиянке. Глубокое и подлинное чувство заставляет атамана забыть о своих этнических предубеждениях, между ним и восточной девушкой устанавливаются поистине подлинные человеческие взаимоотношения. Легенда на языке художественных образов говорит о возможности и желательности взаимопонимания между людьми разных культур и национальностей. Хотя в то же время разворачивающиеся в легенде события утверждают приоритет надличностных интересов.

Таким образом, на уровне подсознания Иран воспринимался для создателей произведений устного народного творчества и древнерусской литературы как сказочная, манящаяся и непознанная страна, сочетающая в себе иной тип мироустройства, не тот, к которому они принадлежали сами. Социально-политические отношения и постоянные контакты русских людей с Персией привносят в произведения долю реалистичности, оставив за собой право на художественный вымысел. Конвергенция условно-сказочных и реалистических принципов воплощения образа Ирана послужила в дальнейшем той универсальной моделью, которая, сохраняясь в искусстве слов, как мы это увидим далее, могла в разное историческое время и в разных исторических обстоятельствах динамично трансформироваться и получать совершенно неожиданные художественные воплощения.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Никитин А. Хождение за три моря / А. Никитин // Литература Древней Руси: Хрестоматия. - М., 1990. -С. 260. Далее цитаты из этого сочинения приводятся по данному изданию с указанием страниц в скобках.

2. Лихачев Д.С. Великий путь. Становление русской литературы XI–XVII веков / Д.С. Лихачев. -М., 1987. - С. 139.
3. Успенский Б.А. Дуалистический характер русской средневековой культуры (на материале «Хождения за три моря» Афанасия Никитина) /Б.А. Успенский // Успенский Б.А. Избранные труды. Т. 1. Семиотика истории. Семиотика культуры. -М.: Гнозис, 1994. - С. 258.
4. Лихачев Д.С. Великий путь. Становление русской литературы XI–XVII веков / Д.С Лихачев -М., 1987. - С. 139.
5. Хождение купца Федота Котова в Персию / Сост. и подгот. текста Н.А. Кузнецова. М., 1958; Федор Котов. Предисловие // Библиотека сайта XVIII век. Режим доступа: http://www.vostlit.narod.ru
6. Там же.
7. Федор Котов. Предисловие // Библиотека сайта XVIII век. Режим доступа: http://www.vostlit.narod.ru
8. Песни и сказания о Разине и Пугачеве. -М. – Л., 1935.
9. Песни и сказания о Разине и Пугачеве. -М. – Л., 1935.
10. Выдержки из книги Ж. Шардена в переводе Е.В. Александровой см.: Хронос / Ред. сайта Вячеслав Румянцев. http://www.hronos.km.ru
11. Атаев, Х. А. Торгово-экономические связи Ирана с Россией в XVIII – XIX вв. [Текст] / Х. А. Атаев – М. , Знание, 1991.
12. Злобин, С. П. Степан Разин : в 2 кн. [Текст] /С. П. Злобин. – Минск : БелСЭ, 1987.
13. Каменский, В. В. Степан Разин; Пушкин и Дантес: Художественная проза и мемуары [Текст] / В. В. Каменский. – М. : Правда, 1991. – ISBN 5-253-00256-1.
14. Кюхельбекер, В. К. Лирика и поэмы : В 2 т. [Текст] / В. К. Кюхельбекер ; вст. ст. Ю. Тынянова. – Л., 1939. – Т. 1.
15. Мережковский, Д. «Было и будет»: Дневник 1910–14 гг. [Текст] / Д. Мережковский. Прага, 1915.
16. Наживин, И. Ф. Казаки (Степан Разин) [Текст] / И. Ф. Наживин. – М.: Издательский дом Мещерякова, 2007. – ISBN 5-91045-049-7.
17. Чапыгин, А. П. Разин Степан [Текст] / А. П. Чапыгин. – Л. : Художественная литература, 1986.

ПЕРСИЯ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ УСТНОГО НАРОДНОГО ТВОРЧЕСТВА И ДРЕВНЕРУССКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ

Отношения России и Ирана уходят в глубокую древность. Об этом свидетельствуют дошедшие до нас предания, легенды, художественные тексты и дневники русских купцов, которые отражают сложность представлений русского сознания об Иране. Ряд произведений, в которых воссоздан образ Ирана, стал заметным явлением истории русской литературы.

Настоящая статья посвящена российско-иранским отношениям, которые получили свое отражение в русской литературе, и является исследованием исторической памяти России о контактах с иранцами. Эта память неизбежно затрагивает широкий круг исторических и социологических проблем, даже религиозных вопросов, и воплощается, в том числе, в литературно-художественной форме.

Ключевые слова: Россия, Иран, древность, история, отношение.

IRAN IN THE RUSSIAN FOLKLORE AND OLD LITERATURE

Relations between Russia and Iran go back to great antiquity. The traditions, legends, works of art and Russian merchant's diaries which came to us, testify this reality and reflect the complexity of representations of Russian consciousness about Iran**.** The literary works which are affected by Iran, have a role to play in Russian old literature. This paper is headed for the relationship of Iran and Russia which is reflected in the Russian literature, and is based on Russian historical relations with Iran. Undoubtedly, this memory includes a wide part of historical, social and even religious problems and is reflected in the literary art context.

Key words: Russia, Iran, antiquity, history, relation.

Сведения об авторе: ***Масуме Мотамедния*** – кандидат филологических наук, преподаватель кафедры русского языка факультета гуманитарных наук Мазандранского университета города Баболсар, Иран Телефон: **98-911-138-5036**

ШЕВАҲОИ КОРБУРДИ ҲИКОЁТ ДАР «РИСОЛАИ ҚУШАЙРИЯ»-И АБДУЛҚОСИМИ ҚУШАЙРӢ

Муътабар Оқилова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Таърихи таҳаввулоти насри ирфонии форсу тоҷик собит менамояд, ки барои шарҳу тафсири муҳимтарин матолиби сӯфиёна ҳам аҳли тасаввуф ва ҳам адибони сӯфимашраб бо таълифи осори гаронмояи хеш хидматҳои шоистаеро ба сомон расонидаанд. Нуктаи ҷолиб он аст, ки бо зуҳури адабиёти ирфонии форсу тоҷик махсусиятҳои таълифи осори мутасаввифа бо рангу тобиш ва сабку салиқаи хоси хеш дар қаламрави адабиёти форсӣ ба зуҳур расидаанд.

Яке аз нахустин намунаҳои насри ирфонии форсу тоҷик «Рисолаи Қушайрия»-и Абулқосими Қушайрӣ маҳсуб меёбад, ки фарогири муҳимтарин матолиб ва масоили тасаввуфи назарӣ ва амалӣ ба шумор меравад. Дар мавриди сохтору муҳтаво ва

мундариҷаи он метавон баҳсҳои фаровоне ба миён гузошт, аммо дар ин ҷо чун бештар таҳқиқоти мо дар заминаи шеваи корбурди ҳикоёт дар ин асари муътабари ирфонӣ сурат мегирад, баррасии мо дар заминаи ҷараёнҳо ва равишҳои корбурди ҳикоёти сӯфиёна дар ин асар анҷом мепазирад.

Мусаллам аст, ки бо зуҳури насри ирфонӣ бештар масоили нақли ақволу аҳволи орифон ба мавзӯи аввалияи намунаҳои осори тасаввуфии мансур қарор гирифт. Ба назари аввал, нависандагони сӯфимашраб кӯшидаанд, ки гуфтор ва суханони аҳли тасаввуфро ба қалам ованд ё китобат намояд. Аз ин хотир, шеваи муҳим ва аввалияи корбурди ҳикоёт дар ин навъ осор ба сурати нақлӣ ҷараён гирифтааст ё ба таъбири дигар ҳикояти асарҳои тасаввуф ба шакли хеле кӯтоҳ ва нақли як ду сухани марзуми ирфонӣ ҳастӣ пайдо намудаанд.

Академик Носирҷон Салимов зимни баррасии ҳикоёти дорои мазмунҳои ирфонӣ ба хусусиятҳои аслии онон таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, аз ҷумла таъкид намудааст ки: «Дар ҳикоёти сӯфиёна бештар матолиби махсуси табақаи мазкур таҷассум ёфтааст, ки идроки қасди гӯянда ва маонии манзури назари ӯ ба афроди ҳамин гурӯҳ муяссар аст, ҳарчанд ки бунёдашон бар пояи маърифати завқист ва ба ин далел дар шакли холис ҳам аз кайфияти осори бадеӣ, ки мақбули ҳамагон аст, бархурдор мебошад.

Аз ҷониби дигар, дар ҳикоёти аҳли тасаввуф истилоҳоти марбут ба зиндагӣ ва рӯзгори ин тоифа тақаллуб дошта, забони рамзу роз ва аз маънои луғавӣ дур шудани вожаҳо бештар ба чашм мерасад. Вижагии мазкур дар забони ҳикоёти «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттор, ҳикоёте, ки дар «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт» аз забони сӯфиён нақл шудаанд, инчунин ҳикояҳои «Табақот-ус-сӯфия» ва дигар осори мансури тасаввуфӣ ба касрат дучор меояд. Баъзе аз ин истилоҳот ва матолиби махсуси сӯфиёна дар ҳикоёти манқул аз забони сӯфиён гоҳо шарҳу тавзеҳ ҳам ёфтаанд [3, 276].

Ин хусусият дар насри Қушайрӣ низ хеле барҷаста аст ва чун бахши муҳимми ҳикояти ин асарро зикри тарҷумаи ҳол ва суханони сӯфиён ба вуҷуд овардааст, нуфузи ин навъ ҳикоёт ҷойгоҳи махсус дорад. Аз ҷумла, зимни зикри номаи рӯзгори Сарӣ чунин оварда: «Ҳикоят кунанд, ки Сарӣ гуфт: Тасаввуф номе аст се маъниро ва он аст, ки нури маърифаташ нури вараъро фурӯ накашад ва андар илми ботин ҳеҷ чиз нагӯяд, ки зоҳири китоб бар ӯ нақз кунад ва каромоти ӯро бад-он надорад, ки парда боздарад аз маҳорим» [2,32].

Аз ин ҳикоят равшан аст, ки он танҳо аз тафсири маънии тасаввуф дар андешаи ин сӯфии маъруф иборат аст ва чун худи муаллиф бо ибораи ҳикоят кунанд, ки матлабро оғоз менамояд, бо такя ба ҳамин нуктаи муҳим мо онро ба гурӯҳи ҳикоёти кутоҳу нақлӣ шомил менамоем, ки хоси асарҳои тасаввуфӣ мебошад.

Аз мутолиаи «Рисолаи Қушайрия» пайдост, ки бештари ҳикоёти овардаи муаллиф хусусияти тарҷумаиҳолӣ доранд ва ба нақли номаи рӯзгор ва суханони аҳолии тасаввуф бахшида шудаанд. Нақли зиндагонии намояндагони ҷараёнҳои мухталифи тасаввуф худ ба таври ҷудогона навъе ҳикояти тарҷумаиҳолӣ ё такя бар санадҳои воқеиро нишон медиҳад. Масалан, навъе аз ин гуна ҳикоятро дар мавриди Фузайли Аёз ба гунаи зайл тазаккур додааст:

«Ва аз эшон буд, **Абӯалӣ Фузайл ибни Иёз** ва хуросонӣ буд аз ноҳияи Марв ва гӯянд, ки мавлудаш ба Самарқанд буд ва ба Бовард бузург шуд ва вафоти вай ба Макка буд андар муҳаррами санаи сабъа ва самонин ва миата».

Фазл ибни Мӯсо гӯяд, ки: «Фузайл айёре буд ба роҳ задан миёни Бовард ва Сарахс ва сабаби тавбаи вай он буд, ки бар канизаке ошиқ буд ва зери деворҳо ҳамешудӣ ба наздикии он каниз, шунид, ки касе ҳамехонад: **«А лам яъни лиллазийна оману ан тахшаъа қулубуҳум лизикриллоҳи».** Ӯ гуфт: Ё Раб, гоҳ омад ва аз он ҷо бозгашт. Он шаб бо вайронӣ шуд ва гурӯҳеро дид он ҷо (аз корвониён) баъзе гуфтанд, биравем ва дигарон гуфтанд, то бомдод, ки Фузайл андар роҳ аст ва Фузайл тавба кард ва эшонро эмин кард ва омад ба ҳарам.

Фузайл гуфтӣ, ки: «Худой, азза ва ҷалла чун бандаеро дӯст дорад, андӯҳаш бисёр диҳад ва чун душманаш дорад, дунё бар вай фарох кунад».

Ибни Муборак гӯяд: «Чун Фузайл бимурд, андӯҳ бархост».

Фузайл гӯяд: «Агар ҳама дунё бар ман арза кунанд, бад-он шарт ки бо ман шумор накунанд, наздики ман чун мурдоре бувад, ки яке аз шумо ба вай бигзарад ва ҷома аз вай нигоҳ дорад».

Фузайл гӯяд: «Агар савганд хӯрам, ки ман муроиам, дӯсттар дорам, боз он ки савганд хӯрам, ки на муроиам».

Ва Фузайл гӯяд: «Даст боздоштани амал аз баҳри мардумон риё бувад ва амал аз баҳри мардумон ширк бувад».

Абӯалии Розӣ гӯяд: «Сӣ сол суҳбат кардам бо Фузайл ва ҳаргиз надидам, ки бихандид ва надидам, ки табассум кард, магар он рӯз, ки писараш Алӣ бимурд. Аз вай пурсидам ки: Ин чӣ ҳол буд? Гуфт: Худой дӯст дошт, ки ин писар бимирад, ман низ дӯст доштам он, ба мувофақати фармони вай».

Фузайл гуфт, ки: «Чун дар Худои азза ва ҷалла осӣ шавам, асари он дар халқи чаҳорпои худ ва ходими худ бинам» [2,27].

Мутолиаи ин ҳикояти муттакӣ бар воқеият ва дорои хусусияти тарҷумаиҳолӣ чанд ҷузъиёти муҳимми шеваҳои корбурди ҳикоётро дар насри ин китоби муътабар ҷилвагар месозад. Дар назари аввал мукаммалан навъе бо шеваи хос тарҷумаи ҳоли намояндаи тасаввуф нақл карда мешавад. Нуктаи дувум он аст, ки дар таркиби ҳикоят суханони қаҳрамони асосӣ роҷеъ ба ин ё он масоили тасаввуфӣ оварда мешавад ё ҳадди ақал суханони қаҳрамони сӯфӣ аз номи дигар намояндагони аҳли тасаввуф нақл мешаванд, ки муаллиф онҳоро аз осор ё сарчашмаҳои дигар ё зимни суҳбати фардӣ бо онҳо фароҳам овардааст.

Тавре тазаккур ёфт, нақли суханони сӯфӣ худ ба шакли як ҳикояти кӯтоҳи нақлӣ омадааст, ки ин нукта баёнгари он аст, ки дар таркиби ҳикояти тарҷумаиҳолии ҳаҷман бузургтар чунин ҳикоёти шаклан кутоҳи нақлӣ истифода шудааст, ки ин равиши хоси сабкии насри ирфонӣ, бахусус «Рисолаи Қушайрия» мебошад [1,179]. Дар баробари ин, дар таркиби ин навъ ҳикоёти воқеӣ ва тарҷумаиҳолӣ суханони намояндагони дигари аҳли тасаввуф дар бораи шахсият ва каромоти қаҳрамони аслии ҳикоят оварда мешаванд, ки намунаи он дар боло оварда шудааст.

Аз назари сабки таълиф ва равиши нигориш бошад, ҳарчанд дар ҳикоёти ин навъ осор ҳаракати қаҳрамон ва воқеот зиёд нестанд ва бештар ҷанбаи нақлӣ доранд, аммо маълум мешавад, ки дар вусъати ҳодисаву воқеаҳои хеле мухтасар рамзу роз ва матолиби фаровон нуҳуфтааст ва дар баробари ин нақли шарҳу тафсири бисёри мавзӯъ ва матолиби ирфонӣ дар каломи қаҳрамони ҳикоёти «Рисолаи Қушайрия» аз он дарак медиҳад, ки дар асарҳои сӯфиёна бештар нафароне ба унвони қаҳрамони ҳикоёт баргузида мешаванд, ки дорои фазилати хоси инфонӣ, мақоми шоистаи тасаввуф ва донишу хирад ва заковати баланд ҳастанд.

Усули дигари корбурди ҳикоёти марбут ба шарҳи ҳол ё асноди воқеӣ дар «Рисолаи Қушайрия» дар он зоҳир мегардад, ки дар бархе маворид ӯ воқеаҳоро аз забони худ нақл мекунад ва дар андаруни воқеаҳои худ ширкаткунанда ҳикоятро аз забони нафарони дигари маълум ё шахси савум меоварад. Ин усули ҳамон қисса андар қисса мебошад, ки хусусиятҳои нақли ирфонӣ касб кардааст ва нисбати ҳикоёт ва қиссаҳои пурмоҷарои навъҳои дигар асарҳо мухтасартар баён шудааст. Барои намуна аз оғози «Рисолаи Қушайрия» чунин ҳикоётро нақл мекунем:

«Гӯянд, ки муриде буд устод Имом Раҳимаҳуллоҳуро марде муътамад ба сукун. Ҳикоят кард, ки дар аҳди устод Имом, Раҳимаҳуллоҳ, яке аз ҷумлаи дарвешони Моваруннаҳр биёмад ба Нишобур ва гуфт: Ман дар диёри Шом будам ва ба масҷиде шудам ва ҷамъеро дидам дар он масҷид, ки намоз ҳамекарданд ва чун аз намоз фориғ шуданд, бар сафи ҷамъият биншастанд ва ҳеҷ сухан намегуфтанд. Дар хотири ман чунон омад, ки эшон автоди заминанд. Ман низ дар он масҷид бо эшон биншастам ва албатта, ҳеҷ сухан намегуфтанд. Ҳар гоҳ ки вақти намоз даромадӣ, яке бархостӣ ва бонги намоз кардӣ ва қомат гуфтӣ ва яке дар пеш шудӣ ва фарз бигузоридандӣ ва дигар боз сари вақт ва фикрати худ шудандӣ. То муддате бар ин баромад, ба хотирам даромад, ки бозгардам, бояӣ, ки маро панде додандӣ, ё васияте кардандӣ. Яке аз эшон гуфт: Агар туро он чӣ дидӣ аз ҳолат ва сират ва сукунати мо басанда нест, ҳеҷ чизи дигар басанда накунад. Пас хомӯш ҳамебудам, ба хотирам даромад дигарбора, ки бозпурсам, ки ба ғайр аз эшон дар диёри ислом ҳеҷ кас дигар чун эшон ҳаст, ё на. Яке аз эшон гуфт, ки: Қутб дар Хуросон аст ва он Абулқосим раҳимаҳуллоҳу аст. Ман аз масҷид берун омадам ва қасди Нишопур кардам» [2,34].

Аз ин ҳикоят нуктаи дигаре ҳам маълум мешавад, ки дар муҳтавои ҳикоёти насри ирфонӣ, бахусус «Рисолаи Қушайрия» шеваи нигориши сафарномаҳо низ ҷой дорад ва гоҳо барои тавзеҳи матолиби ҷуғрофӣ ва ахлоқиву ирфонӣ нақлҳое оварда мешавад, ки аз рӯйи шунидаву дидаҳои қаҳрамон сурат гирифтааст.

Дар сабки ҳикоёти дар «Рисолаи Қушайрия» истифодашуда бештар нақл аз номи шахси савуми номаълум ба назар мерасад ва инчунин усули муколама ё саволу

ҷавоб бисёр истифода мегардад. Ҳаракати қаҳрамонҳо ё истифодаи ҳодисаву воқеа танҳо дар ҷараёни аз назди касе ба касе рафтан ё ба истилоҳ фосилаи бисёр кӯтоҳ сурат мегирад ва дар охири ҳикоят як нуктаи муҳимми ирфонӣ ё фалсафӣ тафсир ё тавзеҳ пайдо мекунад.

Нақли ҳикояте аз рӯзгори Зуннуни Мисрӣ ин андешаро ба субут мерасонад, ки дар мавриди касеро назди Боязиди Бистомӣ фиристодани ӯ нақл мекунад:

«Ҳикоят кунанд ки Зуннуни Мисрӣ касеро наздики Бӯязид фиристод, то хабари ӯ бозпурсад ва сифати вай бидонад. Мард ба Бастом омад ва сарои Бӯязид пурсид, андар наздики Абӯязид шуд. Бӯязид ӯро гуфт:

-Чӣ мехоҳӣ?

Гуфт: Бӯязидро мехоҳам.

Бӯязид гуфт: Бӯязид кист, дер аст, то ман Бӯязидро мехоҳам.

Мард берун омад ва гуфт: Ин девона аст. Бо наздики Зуннун шуд ва ӯро хабар дод, ки: Бӯязидро бар чӣ ёфтам. Зуннун бигрист ва гуфт: Бародари ман Бӯязид ба Худой шуд бо ақрони хеш» [2,112].

Дар маҷмӯъ, аз баррасии ин чанд ҳикоёти мавриди истифодаи Қушайрӣ дар рисолаи хеш маълум мегардад, ки аксари ҳикоёт дар ин навъ осор бар асоси воқеоти зиндагонии аҳли тасаввуф ба қалам омадаанд ва қаҳрамонони ҳикоёт низ бештар афроди вориди тасаввуфи амалӣ ё хонақоҳӣ ҳастанд. Аз сӯйи дигар, агар нақли тарҷумаи ҳол ва суханону ҳолоти намояндагони тасаввуф ба сурати ҳикояти мукаммали тарҷумаиҳолӣ даромада бошад, зикри суханон ё муколамаи онҳо бо нафарони дигари сӯфимашраб ба таҷассуми равиши корбурди ҷолиби ҳикоят андар ҳикоят бо усули махсуси насри ирфонӣ ишорат менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Арзиши мероси сӯфия /Зарринкӯб Абдулҳусайн. – Душанбе: Адиб 1383 ҳ. -С.336 .
2. Қушайрӣ. Рисолаи Қушайрия /Қушайрӣ –Теҳрон: Нашри Фурӯзонфар, 1374. -С.9.
3. Салимов Н. Марҳилаҳои услубии таҳаввули насрӣ дар адабиёти форсиву тоҷикии асрҳои миёна(асрҳои X-XIII)/ Н. Салимов// Нури маърифат.-Хуҷанд, 2002.
4. Тадаййюн Атоуллоҳ. Ҷилваҳои тасаввуф ва ирфон дар Эрон ва ҷаҳон/ Тадаййюн Атоуллоҳ. - Теҳрон: Интишороти Теҳрон 1375ҳ.- С.338.

ПРИНЦИПЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ РАССКАЗОВ В «РИСОЛАИ КУШАЙРИЯ» АБДУЛКАСЫМА КУШАЙРӢ

С возникновением персидско-таджикской суфийской прозы появились произведения мистического толка с отличительными литературными особенностями. Пересказы (повествование), высказывания и рассказы из жизни суфиев составляли темы произведения мистического толка. «Рисолаи Кушайрия»-и Абулкасыма Кушайри является одним из первых образцов суфийской прозы, в котором отражены теоретические, практические аспекты и важные проблемы суфизма. Многие рассказы автора имеют биографическую основу. Высказывания и рассказы из жизни суфиев, их диалоги в основном составлены принципом рассказ за рассказами, который является особым приёмом мистической прозы.

Ключевые слова: персидско-таджикская суфийская проза, произведения мистического толка, «Рисолаи Кушайрия»-и Абулкасыма Кушайри, принцип рассказ за рассказами.

THE PRINCIPLES FOR THE USE OF STORIES IN «RISOLAI KOSIRE» ABDULKASIM QUSEIR

With the emergence of persian-tajik Sufi prose works appeared mystical persuasion with distinctive literary features. Retellings (narration), statements and stories from the life of the Sufis were the theme of work mystical persuasion "Risolai Qushayri" of Abulkasim Qushayri is one of the first examples of Sufi prose, which reflects the theoretical and practical aspects of the important problems of Sufism. Many stories of the author has biographical basis. Sayings and stories from the life of the Sufis, their dialogues are mainly composed principle of the story behind the stories, which is a special reception of mystical prose.

Key words: Persian-Tajik Sufi prose works mystical sense, «Risolai Kosire»-and Abulkasym Kushairi, the principle of the story behind the stories.

Сведения об авторе: ***Муътабар Окилова*** – заведующий кафедрой персидского языка факультета восточных языков Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова

НАҚШИ НАРИМОН БАҚОЗОДА ДАР ТАҲАВВУЛИ НАЗМИ АТФОЛИ ТОҶИК

Файзуллоҷон Баҳриев
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Мусаллам аст, ки дар назми атфоли тоҷик тағйироти ҷиддӣ аз нимаи дуюми солҳои 50 – уми асри моқабл, баробари ба майдони ин адабиёт ворид шудани як гурӯҳ адибони навҷӯву навовар, ба монанди Убайд Раҷаб, Гулчеҳра Сулаймонӣ, Нӯъмон Розиқ, Наримон Бақозода, Мавҷуда Ҳакимова, Бобо Ҳоҷӣ ва дигарон рух дод. Муҳимтарин муваффақияти эҷодии ин шоирон рӯ овардан ба эҷодиёти лафзии халқ, риояи сабки нигориш ва забони зиндаву равони осори шифоҳӣ мебошад. Ба табъ расидани маҷмӯаҳои шеъру тарона ва достону манзумаҳои эшон аз пайваста рушду такомул ёфтани назми кӯдакони тоҷик шаҳодат медиҳад.

Яке аз шоирони маъруф ва сермаҳсул, ки ба майдони адабиёти атфоли тоҷик бо нигоҳи нав ва сабку услуби ба худ хос ворид гардид, Наримон Бақозода маҳсуб мешавад. Ҳанӯз аз нахустин маҷмӯаи ашъори шоир, ки «Гулдара» ном дорад, эҳсос кардан мумкин аст, ки Бақозода барои бачагон шеърҳои самимӣ гуфтан мехоҳад. Дар сурудҳои шоир ҳисси ифтихор аз корномаҳои падарони шуҳратманд, оҳанги миннатдорӣ нисбат ба обу хоки Ватан, дилбастагӣ ба деҳу диёр мавқеъ доранд. Дар натиҷаи ҷустуҷӯҳои судбахши эҷодӣ шоир барои хонандагони хурдсол шеърҳое офарид, ки чӣ аз ҷиҳати мазмун, чӣ аз ҷиҳати шакли бадеӣ дар адабиёти тоҷик, хусусан адабиёти бачагонаи тоҷик ҳодисаи хурсандибахшест.

Наримон Бақозода дар дарозои фаъолияти пурбаракоти эҷодии хеш зиёда аз 10 китоб ба табъ расонидааст, ки маҷмӯаҳои «Гулдара» (1969), «Шеърҳо. Афсонаҳо. Чистонҳо» (1971), «Сурнайчӣ» (1974), «Оши ҳалол» (1978), «Чӣ хуш аст?» (1983), «Дафтари мо – кони 5!» (1985), «Алифбои дилкушо» (1997), «Иди алифбо омад» (1999), «Дунё ба умеди ман» (2005), «Озода шав» (2005) аз ҳамин қабиланд.

Яке аз муҳаққиқони шинохтаи адабиёти кӯдак Неъматҷон Файзуллоев роҷеъ ба нақшу нуфузи шеъри адиб чунин нигоштааст: «Аслан, Наримон Бақозода шоирест, ки эҷодиёти хешро маҳз аз таълифи асарҳо ба кӯдакон оғоз кардааст ва то тамоми умр танҳо барои атфол шеър гуфтааст ва дар ин ҷода эҷодкори устувору собитқадаме буд. Ба ин маънӣ, ӯ шоири сирф бачагон буд ва пайваста дар олами пурасрори кӯдакон ҷавлон мезаду бо арзу ниёз, табиат, хислат, орзуву ормонҳои эшон хуб ошнову ҳамеша розгӯйи онҳо буд» [2, 195].

Чунонки аз гуфтаҳои ин адабиётшиноси номӣ равшан бармеояд, шахсият ва хидмати Наримон Бақозода дар рушду нумӯи адабиёти кӯдаки тоҷик басо назаррасу намоён аст. Шоир кӯшиш кардааст, ки асарҳояш ба Ватан, ба падару модар, ба зебоиҳои табиат ва ҳаёт меҳру шафқат ба вуҷуд ованд, завқи бадеии кӯдаконро вусъат диҳанд. Худи сарлавҳаҳои шеърҳо мавзӯъҳои асосии назми адибро барои бачагон ба хубӣ акс мекунад: «Суруди писарбачаҳо», «Ҷингилапо бузича», «Хурӯсаки қут - қутӣ», «Мавлонпишак», «Курраи ҷонам», «Турна қатор омадаст», «Сурнайчӣ», «Наврӯзи гурбаҳо» ва монанди инҳо.

Дар шеъри машҳури шоир «Ҷингилапо бузича» қаҳрамони афсонавии кӯдакон бо тамоми сифатҳояш тасвир шудааст:

Ҷингилапо бузича,
Кокулало бузича,
Ум – ба магӯ, гӯш кун
Ваъдаи мо бузича.
Бар ту шакар медиҳам,
Ҳалвои тар медиҳам.
Мазза диҳад, боз гӯй,
Бори дигар медиҳам.
Мешавӣ шириндаҳон,
Қобилу ширинзабон.
Дар сари охурчаат
Хӯрда, бигардӣ калон.
Меъ – е! – гӯяд бузича,
Неъ – е! – гӯяд бузича,
Аз шакарат ҳам алаф
Беҳ – е! – гӯяд бузича (3, 11).

Кас ин сатрҳоро хонда ҳамоно пеши назараш шеърҳои машҳури А. Деҳотӣ «Баррачаи ман» ва А. Шукӯҳӣ «Баррачаи гурезпо» равшан ба ҷилва меояд, ки дар онҳо меҳру муҳаббати кӯдак ба баррачаи шӯху бозигар ифода ёфтааст.

Пайдост, ки аввалин унсури адабиёти бадеӣ, забон, сухани зебову шево, латифу зариф, ширину дилкашу завқпарвар ва содаву равону ҷонпарвар аст. Ба ҷуз ин ҳама, ки зикр шуд, боз воситаҳои дигари сарватманд, ки боиси барҷастагиву муассирии тасвир ва зебову шевою дилкаш гардидани адабиёти бадеӣ мегардад, воситаҳои асосии тасвироти бадеӣ – ташбеҳ, тавсиф, истиора, маҷозу киноя ва амсоли ин аст ва

адабиёти асилро бидуни онҳо тасаввур кардан мумкин нест. Яке аз шеърҳои Наримон Бақозода «Ҷон Тоҷикистон» унвон дошта, симои кишвари ҳамешабаҳори мо ва хонаи умеди мо тавассути санъатҳои ташбеҳ ва тавсиф чунин зебову хотирмон ба қалам омадааст:

Ихлосгоҳи некони олам,
Маъвои бахти авлоди одам,
Бо ёр дида ҳар ҷуръа бо ҳам,
Зебо заминӣ, шоёни инсон,
Офат набинӣ, ҷон Тоҷикистон!
Гарчи қадимӣ монанди дунё,
Устоди Дониш, момои Сино,
Умри наве дод айёми эҳё,

Зебо заминӣ, шоёни инсон,
Офат набинӣ, ҷон Тоҷикистон! (6, 6).

Ташбеҳ дар ашъори шоир гоҳо барои пуртаъсир нишон додани ҳаракату бозии қаҳрамон низ ба кор рафтааст. Масалан, дар шеъри «Ҳофизаки қут - қутӣ» муаллиф хурӯсакро ба «тилло» ташбеҳ додааст:

Рӯйи ту тилло барин,
Ханда намо мо барин! (6, 54).

Дар шеъри «Шаҳпараки атласӣ» бошад, шоир бештар аз санъати бадеии тавсифу истиора истифода кардааст:

Шаҳпараки атласӣ, **То зи гулони чаман**
Мӯйи лабат чилгазӣ, **Чида дусад даста ман,**
Мепарӣ рӯ - рӯйи гул, **Бар бибиҷонам барам,**
Кофта хуш бӯйи гул, **Бар дадаҷонам барам.**
Мекунамат илтимос, **Бар апаи чеварам,**
Шаҳпараки гулшинос: **Зочаяки Зеварам.**
Гӯй, ки хушрӯтарин, **Лек ба бузғола не,**
Тозаю хушбӯтарин **Барраю гӯсола не.**
Лолаи дунё кадом? **Беда гумон мебарад,**
Шаҳгули гулҳо кадом? **Тез даҳон мебарад (6, 58).**

Эҷодиёти рангину доманадори Наримон Бақозода дар роҳи тавсеаи жанрҳои адабӣ, густариши сабку услуб ва дарунмояи адабиёти атфоли тоҷик нақши мунир дорад. Ба андешаи адабиётшинос Юсуфи Акбарзода: « Айни замон дар эҷодиёти Наримон Бақозода афсонаю шеъру достон, суруду тарона, чистону тезгӯяку драмаҳои аҷибе мавҷуданд, ки олами рангин, зиндагии пурҷӯшу хурӯш, табиати мураккабу пурихтилоф, сирру асрор, нозу нуз, бозию шодӣ, ҳаракату фаъолият, рӯҳияю ҳолати бачагонро бо рангҳои мухталифу зебо пеши назари мо ҷилва медиҳад… Бисёр шеърҳои ӯ аз аввалин сатрҳо диққати хонандагонро ба худ ҷалб мекунад. Чунончи, шеъри «Ҳой, ла - ла», ки пур аз шодию сурур ва ҳаракату бунёдкорист, аз шумули чунин ашъори ҷолибу рӯҳнавоз аст:

Ҳой, ла – ла сирк омадаст, **Мушбача – чӣ? – Гурбабоз,**
Дар таги зирк омадаст. **Ҳалқачабоз Абдуғоз!**
Баррача кассир будаст, **Мӯрча – чӣ? – Паҳлавон,**
Қурбоққа соҳир будаст. **Қурбоққабой яккахон»(1, 6).**

Бояд гуфт, ки муҳимтарин ва равшантарин падидаи эҷодиёти Наримон Бақозода ҷанбаи нерӯманди фолклорӣ доштани асарҳои ӯст. Шеърҳои «Хоб омад», «Филбибӣ шуд сартарош», «Агар, магар», «Устоҳои хонасоз» ва «Суруди ҷонваракон» дар оҳанги шӯху зебову равони ашъори шифоҳии кӯдакон иншо шудаанд, бартарии тамом доранд. Дар ин шеърҳо кӯтоҳии мисраъҳо, шодобии ҳиҷоҳои кушода, задаву такрор ва паси ҳам қофиябанд шуда омадани сатрҳо мабдаи мусиқиро тақвият бахшида, оҳанги шеърҳоро ба оҳанги бозии кӯдакон мутобиқ гардонидаанд. Чунончи, дар шеъри машҳури «Ҳиштала ҳишт», ки ба равияи ашъори халқӣ эҷод шудааст, омадааст:

Ҳиштала, ҳиштала, ҳиштала ҳишт!
Бобои Гунҷишк арзан кишт,
Отаи Гунҷишк арзан кӯфт,
Очаи Гунҷишк хирман рӯфт.
Акаи Гунҷишк арзан бехт,

Апаи Гунҷишк ба чош рехт.
Ҳиштала, ҳиштала, ҳиштала ҳишт!
Худаки Гунҷишк бекор шишт (4, 25).

Ин шеър аз панҷ банд иборат буда, аз хушоҳангтарин ва рӯҳнавозтарин офаридаҳои шоир аст, хеле бамавқеъ ва эҷодкорона ба кор рафтааст. Шеъри «Ҳоб омад» низ айнан дар вазну қолаб ва оҳанги шеърҳои халқӣ офарида шуда, дар он муаллиф феъли «омад» - ро дар охири ҳар мисраъ такрор кардааст, ки ба шеър як навъ равонию хушоҳангӣ бахшидааст:

Ҳоб омаду хоб омад, Чун бӯйи баҳор омад!-
Лаб - лабаки об омад. Ҳоби маталдор омад,
Қад – қади чӯй омад, Бо чашми хумор омад.
Аз байни ҳулбӯй омад. Алла дар чашми хумор,
Бо нури ахтар омад, Гашта дар мижгон савор.
Хоби чу шакар омад. Алвончак парад, алла,
Аз боғи анор омад, Хобакаш барад, алла! (5, 60).

Ҳамин тариқ, Наримон Бақозода аз шумули он шоирони тоҷик аст, ки фақат барои атфол шеър мегӯянд яъне, пайванди ӯ ба адабиёти кӯдак якумрӣ, қисмат ё сарнавишт аст ва танҳо ба офаридани ашъор барои кӯдакон ихтисос ёфтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбарзода Ю. Муниси атфол / Ю. Акбарзода // Адабиёт ва санъат. – 1995. – 20 октябр
2. Файзуллоев Н. Назми кӯдакон / Н Файзуллоев// Нури маърифат.- Хуҷанд, 2010.
3. Бақозода Н. Гулдара / Н. Бақозода– Душанбе: Ирфон, 1969.
4. Бақозода Н. Сурнайчӣ / Н Бақозода – Душанбе: Маориф, 1974.
5. Бақозода Н. Дафтари мо – кони 5 / Н. Бақозода.– Душанбе: Маориф, 1985.
6. Бақозода Н. Дунё ба умеди манн / Н. Бақозода – Душанбе: Адиб, 2005.
7. Бақозода Н. Озода шав / Н Бақозода – Душанбе: Маориф, 2005.

РОЛЬ НАРИМАНА БАКОЗОДА В РАЗВИТИИ ДЕТСКОЙ ПОЭЗИИ

Во второй половине прошлого века в таджикской детской литературе произошли сильные изменения в стиле и структуре стихов. Молодые поэты как Убайд Раджаб, Гулчехра Сулаймонї, Нуъмон Розик, Нариман Бакозода, Мавджуда Хакимова и Бобо Ходжи писали свои стихи только в стиле детской литературы. Но Нариман Бакозода из всех перечисленных выше поэтов посвящал свои стихи только детям.

Ключевые слова: Нариман Бакозода, детская поэзия, детская современная литература, проза, рифмы, фольклор.

A ROLE OF NARIMAN BAKOZODA IS IN DEVELOPMENT OF CHILD'S POETRY

In the second half of the last century in Tadjik child's literature strong changes happened in style and structure of verses. Young poets as Ubaid Rajab, Gulchekhra Sulaimonova, Numon Rozik, Nariman Bakozoda, Мавджуда Хакимова and Бобо of Ходжи wrote the verses only in style of child's literature. But Nariman Bakozoda from all poets listed above dedicated the verses only to the children.

Key words: Nariman Bakozoda, child's poetry, child's modern literature, prose, rhymes, folklore.

Сведения об авторе: ***Бахриев Файзулложон*** – доцент кафедры таджикской современной литературы Худжандского государственного университета им. Б. Гафурова. Телефон**: (+992) 918-76-94-72**

МАХДУМҚУЛИ- ИФТИХОРИ МИЛЛАТИ ТУРКМАН

Каноат Рачабова
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Махдумқулӣ яке аз мутафаккирони барҷастаи мардуми куҳанбунёди туркман мебошад, ки аз ӯ осори ғании пурмуҳтаво боқӣ мондааст.

Махдумқулӣ дар соли 1773 дар авули Ҳоҷиравшан, водии Гургон дар хонаводаи шоир ва мутафаккири барҷаста Давлатманди Озодӣ чашм ба олами хастӣ кушодааст. Махдумқулӣ аз нафароне буд, ки идомаи таҳсилашро дар чавонӣ, дар Бухоро идома медиҳад. Баъдтар ба кишварҳои Афғонистон, Эрон ва Хиндустон роҳи сафар пеш мегирад ва пас аз бозгашт аз нав ба Самарқанд омада, баъдан ба Хоразм рафта, таҳсилро идома медиҳад.

Шеъри «Герсем» («Кош медидам») ифодакунандаи ҳавасҳои шоир аст, ки ин гуна аст:

Екарда Хиндистаны,
Аркада Туркустаны,
Овлуйэлер умманы,

Ол Румустаны горсем (1. 400).
Бувад дар Ховарон ҷогир Ҳиндустон,
Падид аст аз шимол амлоки Туркистон,
Қадам аз сар кунон дар Рӯму дар Уммон…(тарҷумаи мо)

Албатта, ин гуна сафарҳо ва мухити илмӣ дар навбати худ дорои хавзахои гуногуни адабии адабиёти форсу тоҷик ба тафаккур ва осори Махдумқулӣ бетаъсир наметонад. Махдумқулӣ бо ошноӣ аз осори классикони бузурги адабиёти форсу тоҷик, мисли Саъдӣ, Ҳофиз, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ тавонист, ки таъсирпазир гардад ва ба онҳо пайравӣ намояд. Ин аст, ки дар яке аз шеърҳои худ шоири туркман ифтихор аз ин менамояд ва худро пайрави ин шоирон меномад:

Абу Сагыт, Омар Хайям,
Хемеданы, Фирдевси,
Нызами, Хафыз перваны,
Желаледдин Румы,
«Жами-ул-маны»,
Оларнын жайыида менем сан болсам…(1. 376).

Мисли Абусаид Умари Хайёму Ҳамадонӣ,
Фирдавсӣ, Низомӣ ва Ҳофиз.
Мисли Ҷалолуддини Румӣ ва Ҷомӣ.
Бимонам дар сафи онҳо(тарҷимаи мо)

Ҳамзамон Махдумқулӣ аз образҳои бадеии хоси адабиёти форсии тоҷикӣ бевосита истифода намуда, ба он махсусияти миллиро медиҳад.Масалан, чунин меорад:

Окып идим Сагдынын «Бостанны»,
Гор, не ажап Хаканыныц «Медайны?
Истерем «Шахнама», «Сакынаманы».
Мэлик Омар билен Сулейман болсам... (1. 347).

Бихондам «Бустон»-и Саъдӣ,
Бингаред, чӣ гуна хуш аст «Мадоин»-и Хоқонӣ.
Таманно зи хондани «Шоҳнома» ва «Соқинома» аст.
Кош мешудам мисли Малик Умар ва Саломон
(тарҷумаи мо)

Мавзӯи асосии шеъри шоирро, пеш аз ҳама мазмуни тасаввуфӣ фаро мегирад. Шоир дар навбати худ аз осори мардумии худ баҳравар гардида, мавзӯи худшиносии мардуми туркман ва ватанпарвариро низ тараннум намудааст. Оҳанги шеъри шоир бинобар воқеаҳои фоҷиавии ҳаёташ, яъне марги бародаронаш, ҳузнангез мегардад.

Боиси тазаккур аст, ки дар байни мардуми тоҷик Махдумқулӣ хамчун шоири миллии туркманҳо маълум аст. Ин аст, ки дар давраи шуравӣ нахустин тарҷумаҳои ашъори шоир оғоз меёбад. Ҳарчанд ки ин тарҷумаҳо дар доираи идеология сурат гирифта бошад ҳам, аммо ошноӣ аз шеъри Махдумқулӣ барои мухлисони шеъраш як равзанаи тоза барои дидори фарҳанг ва адаби туркманҳо интиҳо мегардад.

Ашъори ноби Махдумқулӣ дар маҷмӯаи ашъори бо забони тоҷикӣ, бо пешсухани адабиётшиноси барҷастаи тоҷик Валӣ Самад интишор гардидааст. Албатта, дар гирдоварӣ ва интишори таҳқиқи омӯзиши ашъори Махдумқулӣ аз ҷониби аврупоиҳо ва Русия бо забони тоҷикӣ хидмати шоёни Валӣ Самад ҳамчун муҳаққиқи робитаҳои адабӣ шоистаи таҳсин аст.

Валӣ Самад арзиши ашъори Махдумқулиро аз ҷониби мухаккикон тазаккур дода, ҳамзамон мавзӯҳои шоирро ингуна нишон медиҳад: «Мавзӯи асосии эҷодиёти шоирро тараннуми ишқи пок ва сӯзу сози беназире дар ин роҳ, эҳтироми падару модар ва забони модарӣ, муттаҳид намудани қабилаҳои парешону парокандаи туркман, осудагӣ ва беҳрӯзии халқ, ободии кишвар, бародарии одамон ва халқҳо ташкил мекунад» [2,15].

Валӣ Самад бо тафсил мисолҳо аз ашъори шоир меорад ва тазаккур медиҳад, ки «Шоири бузурги туркман забонн форсию тоҷикиро ба мисли забони модарии худ хуб медонист ва азиз медошт. Адабиёти дар ин забон эҷодшударо нағз омӯхта, аз дастовардхои адибони тоҷику форс дар рушду камоли эҷодии худ баҳра бардоштааст» [2,16].

Валӣ Самад дар айни замон бар он андеша аст, ки Махдумқулӣ аз жанрҳои хоси

адабиёти Шарқ, мисли ғазал, достон, мусаддас ва мухаммас истифода намуда, дар айни замон аз қолабҳои шеъри мардумии туркман «гошта» ҳаммонанди дубайтӣ ва рубоӣ эҷод намудааст.

Воқеан, омӯзишу таҳқиқи осори Махдумқулӣ аз давраи шуравӣ интиҳо мегирад ва таваҷҷуҳи мухаққиқони барҷаста, мисли Бартолд ва Бертелсро ба худ ҷалб менамояд. Бертелс, аз ҷумла морад:

«Ҳарчанд ки шеъри Махдумқулӣ дар байни туркманҳо маъруф бошад ҳам, аммо маҳз дар даврони шуравӣ мавриди пурраи омӯзиш ва таҳқиқ қарор мегирад…Сайёҳи венгерӣ Г.Вамбери соли 1879 нахустин шуда, чандин шеъри шоирро тарҷума намудаааст…Бо вуҷуди он тазаккур медиҳад, Бертелс тарҷумаҳо ҳунари волои шоирро натавонистаанд инъикос намояд» [3,126].

Валӣ Самад бар он андеша аст, ки «Бори нахуст олими адабиётшинос ва сайёҳи Полша Александр Ходзко аз Махдумқулӣ дарак дод. Вай се шеъри шоирро дар асл ва тарҷумаи англисиаш) соли 1842 дар Лондон ба табъ расонид. Пеш аз овардани шеърҳо каме маълумоти биографӣ ҳам дод. Ин кори Ходзко арзиши бебаҳо дошт, зеро вай барои оламиён, аз ҷумла шарқшиносони рус шоиреро кашф кард. Диққати шарқшиносони Аврупо беш аз пеш ба осори Махдумқулӣ дӯхта шуд» [2,18].

Дар даврони шуравӣ соли 1872 ду шеъри шоир аз ҷониби Ф.Бакулин нашр мегардад.

Маҷмӯаи Махдумқулӣ бо хати арабиасос соли 1911 дар Тошканд интишор меёбад. Дар нашри маҷмӯаи мазкур Н.П.Остроумов, академик А.Н.Самойлович саҳм мегузоранд, ки 197 шеърро дар бар мегирифт. Баъдтар, дар соли 1926 ба таври кофӣ аз ҷониби Бердӣ Карбобоев маҷмӯаи шеъри Махдумқулӣ руйи чопро мебинад.

Махдумқулӣ дар шеъраш на фақат мардуми туркманро тасвир менамояд. Ҳамзамон воқаҳо, дида ва шунидаҳои худро дар мавриди мардуми гуногунмаслаки Шарқ тасвир менамояд. Дар ин маврид дар шеъри *«Дунйодир» дар мавриди мушоҳидаҳои худ роҷеъ ба мардуми ин минтақа меорад:*

Чын-Мачыны гойды зулум астында,
Довзах ачар болды земин устунде,
Хиндистаны аху-зарын кастында
Гоюп баран герун, песент дунйэдир (1. 350).
Чину Мочинро зулм гирифта,
Дӯзахро дар замин кушода,
Ҳиндустон аз ғам фитода,
Ин ҷаҳони аҷибро (тарҷумаи мо).

Ашъори Махдумқулӣ мутобиқи анъана бо номи шоир ба поён расида, баъзан тахаллуси Фироқиро низ мегирад.

Ҳамин тариқ, шеъри Махдумқулӣ фарогири мавзӯҳои гуногун буда, дар он таъсирпазирӣ аз ашъори классикони форсу тоҷикро низ дидан мумкин аст. Махдумқулӣ дар ташаккули забони адабии туркманҳо ва адабиёти он саҳми беназир гузоштааст

А Д А Б И Ё Т

1. Магтымгулы. Сайланан эсерлер. Туркменистан давлет не- шыряты/ Магтымгулы. Сайланан эсерлер. - Ашгабат, 1957.- 403 с.
2. Махдумқулӣ М. Мунтахабот/ М.Махдумқулӣ.— Душанбе: Ирфон, 1983.- 144 с
3. Мақсуди Гулчин. Махдумқулӣ Фироқӣ Лаъли гуҳаррез/ Мақсуди Гулчин.-Душанбе: Истеъдод, 2011.- С.74
4. Махдумқулӣ. Сборник статей/ Махдумқулӣ. —Ашхабад, I960.- стр. 126.- 127.

МАХТУМКУЛИ – ГОРДОСТЬ ТУРКМЕНСКОГО НАРОДА

Махтумкули является великим классиком туркменской литературы, поэзия которого вошла в золотую сокровищницу мировой литературы. Махтумкули жил и творил в XVIII веке, когда в туркменском обществе шли глубокие общественно-экономические процессы. Поэзия Махтумкули – это огромное народное культурное богатство, которой он открыл новую страницу в истории туркменской литературы. Поэзия Махтумкули обогатила содержание литературы идеями общетуркменского патриотизма, свободы и гуманизма.

Ключевые слова: Махтумкули, творчество поэта, классик туркменской литературы, историко-литературные условия, общественно-экономические процессы.

MAKHTUMKULI – PRIDE OF THE TURKMEN PEOPLE

Makhtumkuli is the great classic of the Turkmen literature which poetry was included in a gold treasury of the world literature. Makhtumkuli lived and created in the XVIII century when in the Turkmen society there were deep socioeconomic processes. Makhtumkuli's poetry is a huge national cultural wealth which he opened the new page in the history of the Turkmen literature. Makhtumkuli's poetry enriched the maintenance of literature with ideas of the all-Turkmen patriotism, freedom and humanity.

Kev words: Makhtumkuli, creativity of the poet, classic of the Turkmen literature, historico-literary conditions, socioeconomic processes.

Сведения об авторе: ***Ғаноат Раджабова-*** соискатель кафедры теории и истории таджикской литеретурны ТГИЯ имени С. Улугзода

АРЗИШИ АДАБИИ «МИРСОД – УЛ- ИБОД» - И НАҶМИДДИНИ РОЗӢ

Рухангез Содиқова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Шоҳкории ҷовидонаи Наҷми Розӣ ҳамин «Мирсод-ул-ибод» аст, ки яке аз нафоиси матнҳои мансур ва осори хуби ирфони форсӣ аст. Асари мазкур ҳангоми ҳамлаи муғул ҷомаи таълиф пӯшида, аз ҳамон рӯзгор то асри имрӯз ҳамвора мавриди муроҷиа ва истифодаи соҳибназарон аст. Бузургони адаб ва ирфон чун ҳазрати Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ ва лисон-ул-ғайб Хоҷа Шамсуддин Муҳаммад ҳофизи Шерозӣ аз он бархурдорӣ ёфтаанд. Касрату зиёдии нусхаи хаттии ин китоб аз он шаҳодат медиҳад, ки чигуна ин ганҷинаи ҳақоиқ ва хазинаи хонаи асрори илоҳӣ ҳамаҷониба мавриди таваҷҷуҳу иноятӣ форсизабонон будааст. Дар бораи шуҳрати ин китоб кофӣ аст гуфта шавад, ки маъруфияти Наҷмиддини Розӣ ба ҳадди зиёд маҳз ба шукӯҳу шаҳомат ва овозаи ин китоб пайдо гардидааст ва ҳама ҷо аз «Орифи Рай» ба лақаби соҳиби «Мирсод-ул-ибод» ё муаллифи «Мирсод-ул-ибод» ёд кардаанд.

«Мирсод-ул-ибод» шоҳкории ҷовидонии Наҷмуддин буда, бешубҳа аз бузургтарин осори мансури забони форсӣ аст ва назири он дар миёни кутуби тасаввуф ангуштшумор аст. Худи муаллиф низ ба сеҳри сухани худ ва арзиши «Мирсод-ул-ибод» огоҳ буд ва дар хитоба ба Алоуддини Кайқубод мегӯяд: «… ин хазонаи хонаи асрори илҳоӣ, ки пури нуқуди мавоҳиби номутаноҳӣ аст… ва абвобу фусули он ки пури ҷавоҳири симини ҳақоиқ ва усул…». Ҷойи дигар «…ин ганҷи ҳақоиқро саросарӣ мутолеъ натавон кард ва ба умрҳои дароз бар рамузу дақоиқи он иттилоъ натавон ёфт

Ҳар дил накашат бори баёни суханам,
Ҳар ҷон начашад завқ зи ҷони суханам.
Ин гуна муаммо, ки забони сухан аст
Ҳам ман донам, ки тарҷумони суханам»(5, 545).

Инак, дар чанд нукта арзиши адабии рисолаи «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмиддини Розиро баён сохтанием:

1.Истилоҳоти ирфонӣ. Ҷанбае, ки ҳам аз назари адабӣ ва ҳам аз назари ирфонӣ якҷоя муҷиби имтиёзи «Мирсод-ул-ибод» аст, тавзеҳу табйини теъдоди зиёде аз истилоҳоти ирфонӣ аст, ки ҷо-ҷо дар ин рисолааш овардааст. Худованд, вақте ки дар дунё ҳамаи он чизҳои ҷондорро офаридааст, ба монанди малоикаву ҷин, шаётинҳо ва паррандагону даррандагон ва дар қатори инҳо инсонҳоро низ офаридааст. Вале фарқияти инсонҳо аз ин чизҳои ҷондор дар он мебошад, ки онҳо соҳиби ақли солим ва соҳиби сабру тоқат мебошанд. Худованд танҳо шинохтани ҳақро ба инсонҳо хос донистаасту бас. Чи хеле ки пайғамбарамон Муҳаммад Мустафо (с.) дар ҳадиси худ овардаанд:

قال النبي صلي الله عليه وسلم: الصبر مفتاح الفرح

Тарҷумааш:(сабр калиди хурсандиҳост).

Шахсе, ки сабр мекунаду ба ҳамаи талхию ширинии зиндагӣ тоқат мекунад, бурдбориҳои зиндагӣ сазовори ӯ мегардад. Ин шайхи бузург бо мисолҳои насиҳатомезу ҳикматомезаш дили ҳар як хонандаро тасхир менамояд:

انا عرضنا الامانة علي السموات والارض والجبال فابينا ان يهملنها واشفقنا منها وحملها الانسان

(Осмону аҳли осмон аст, яъне малоика аз замин аҳли замин, яъне ҳайвонот ва ҷинну шаётин ва аз кӯҳу аҳли кӯҳ, яъне вуҳуш ва туюр Хулоса нафси инсон дил аст ва дил оина аст ва ҳар ду ҷаҳон ғилофи оина мебошад [4,3].

2.Тафсири оёт. Ин китоб дорои теъдоди зиёде аз оёти Қуръони карим ороста гардида ва низ тафсири он бо ақоиди сӯфия дар он омадааст. Чунонки худи муаллиф дар бораи тарҷумаи оёт чунин мегӯяд: «Маънии зоҳири оёт шунида бошӣ, лекин маънии ботиниаш бишнав, ки Қуръонро зоҳиру ботине аст».

قال الله تعالي"وما ارسلنا من رسول الا بلسان قومه ليبيان لهم فيضل الله من يشاء و هوا العزيز الحكيم"

(Сураи Иброҳим, ояти4) (1;255)

Ва ҳеҷ пайғамбареро нафиристодем, магар ба забони қавми ӯ, то барояшон баён кунад. Пас, Худо ҳар киро хоҳад, гумроҳ созад ва ҳар киро хоҳад, роҳ намояд ва ӯ ғолиби боҳикмат аст.

Дар шарҳи ояти болоӣ мо ба тафсир шурӯъ намудем ва дар он чунин омадааст: Паёмбарон дар дараҷаи аввал бо қавми худ, ҳамон миллате, ки аз миёни онҳо бархостанд, тамос доштаанд. Нахустин шуо ва ҳаё василаи паёмбарон бар онҳо метобид. Нахустин ёрон ва ёрони онҳо аз миёни онон баргузида мешуданд. Бинобар он, паёмбар бояд ба забони онҳо ва луғати онҳо сухан бигӯяд, то ҳақиқатро ба рӯшанӣ барои онон ошкор созад. Дар ҳақиқат, ин ишораҳо бар он нуқта аст, ки даъвати паёмбарон маъмулан аз тариқи як асар мармуз ва ношинохта дар қалбҳои пайравонаш акс намеёфт, балки аз тариқи равшангарӣ ва таълиму тартиб бо ҳамон забони маъмулӣ ва роиҷ сурат мегирифтааст.

Пасӯ мегӯяд, ки Худованд ҳар касро бихоҳад гумроҳ мекунад ва ҳар касро мехоҳад ҳидоят мекунад. Ишора бар ин ки ҳидоят ва залолат дар ниҳояти амр кори паёмбарон нест. Ин Худо аст, ки роҳнамоӣ ва ҳидояти воқеии бандагонашро дар даст дорад. Ба муқтадои иззат ва қудрататаш бар ҳар чиз тавоност. Бо ҳамин тартиб, сарчашмаи ҳидоят ва залолат аз дасти худи мо мебошад [5, 313- 314].

3.Аҳодис. Дар ин китоб миқдори касире аз аҳодиси паёмбар чӣ дар оғози фаслҳо ва чӣ дар матн омадааст. Ҷойи қайд аст, ки дар асари мазкур 260 ҳадис дар он зикру эзоҳ ва шарҳу тарҷума шудааст. Дар боби дувуми фасли аввали рисола ҳадисе омадааст:

قال النبي صلي الله عليه وسلم"ان الله خلق الارواح قبل الاجساد باربعة آلاف سنة وفي رواية بالفي سنة"

Тарҷумааш: Бидон маъни ки аввал арвоҳи инсонӣ офарид бад- он гоҳ Бидон ки мабдаи махлуқот ва мавҷудоти мабдаи инсонӣ буд. Мабдау арвоҳи инсонӣ руҳи поки Муҳаммадӣ алайҳи салавоту васалам буд. Пас ҳақ таолло чун мавҷудот хост офарид – аввал нуру руҳи Муҳаммадиро аз партави нур падид овард. Чунонки Хоҷа алайҳи Саллоту вассалам хабаре медиҳад, ки: [4;37]

قال النبي صلي الله عليه وسلم انا من الله والمؤمنون مني

(Ман аз Худованд ва мӯъминонам аз они ман).(4;38)

Дар баъзе аз ривоятҳо бар меояд, ки Ҳақ таолло бар назари муҳаббат бад-он нури муҳаббати Муҳаммадӣ нигарист ва ҳаё бар ӯ ғолиб шуд ва қатроти арақ аз ӯ равон гашт, арвоҳи анбиёро алайҳи салату васаллам аз қатроти нури Муҳамммадӣ офарид.

4. **Ашъор.** Дар ин китоб 455 байт аз шоирони мутақаддими шеъри форсӣ, ки дар тӯли қарнҳо аз маҳвшавӣ эмин мондаанд, ки аксари онҳо аз беҳтарину баргузидатарини таронаҳои диёри мо мебошанд. Аз он ҷумла, ду рубоӣ аз Хайём дар батни «Мирсоду-л-ибод» ба ёдгор мондааст, ки аз қадимтарин маъхаз ба ҳисоб меравад, ки аз ҳакими бузург ривоят шудааст. Шеърҳои дигаре, ки аз шоирони соҳибдевон нақл гардида ба иллати кӯҳнагӣ нусхаи «Мирсоду-л-ибод» ва диққату амонате, ки муаллиф дар ривояти ашъор доштааст мавриди аҳамияту бузургии асарро нишон медиҳад. Камина яке аз ашъорҳои ин адиби бузургро меорам:

Эй нусхаи номаи Илоҳӣ, ки Туӣ,
Эй оинаи ҷамоли Шоҳӣ, ки Туӣ
Берун зи Ту нест ҳар чӣ дар олам ҳаст,
Дар худ биталаб, ҳар он чӣ хоҳӣ ки Туӣ (4; 4).

Валекин то нафаси инсон ба камоли мартабаи оинагӣ расида масолик ва маҳолики бисёр қатъ бояд кард ва он ҷӯзъ ба воситаи сулук бар ҷодаи шариат ва тариқат ва ҳақиқат даст надиҳад. Ба тадриҷ чунонки дар ибтидо оҳан аз маъдан берун меоваранд ва онро бо латофат парвариш медиҳанд, дар об ва оташ ва дар дасти чандин устодон мегузарад, то оина мешуд, ки инсон ба он нигоҳ намояд. Маъдану оҳан ин оина аст, ки он оҳанро аз маъдан ва вуҷуди инсон ба ҳусни тадбир берун мебояд овард ва ба тарбият ба мартабаи оинагӣ расонидан вақти зиёдеро талаб менамояд. Барои ҳамин ҳам ҳар коре оғозу анҷоме дорад.

Таҳқиқи арзиши адабии «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷми Розӣ далел бар он аст, ки асари мазкур дар ин фосилаи пурбори таърихи халқҳои форснажод яке аз шокориҳои бузурги тасаввуфӣ маҳсуб мешавад.

Ин асари гаронқадр чи хеле, ки дар боло қайд гардид, аз назари ҳикмати амалӣ ва нишон додани роҳи оини зиндагӣ ҷойгоҳи назаррасе дар миёни осори забони форсию тоҷикӣ дорад. Ва ҳангоми назар кардан ва мутолиаи ҳикояҳои дилкашу тамсилоти муносиб ҳар як ҳикмат дар мағзу ҷони ҳар хонанда асари жарфе боқӣ мегузорад.

Хулоса дар кори худ кӯшидем осори орифи бузурги форсу-тоҷик Наҷми Розиро аз нигоҳи ҷадид баррасӣ намоем. Умедворем, ки нигоштаи шогирдонаи мо барои муайян кардани ҷойгоҳи Наҷми Розӣ дар адабиёти форсу-тоҷик ва мавқеи баланди осори ӯ саҳми андаке гузошта бошем.

А Д А Б И Ё Т

1. Қуръони Карим. -Мадинаи Мунаввара, 604с.
2. Ҳасанова З.А. Нақш ва мақоми инсон дар ҷаҳонбинии Наҷмиддини Розӣ (Место и роль человека в мировоззрении Наджмуддина Рази)/ З.А. Ҳасанова //Известия АН РТ. Серия: философия и правоведение. - 2007. № 1-2. -С. 49-58.
3. Ҳодизода Р. Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик/ Р.Ҳодизода. – Душанбе: Адиб, 1999. –187с.
4. Наҷми Розӣ. Мирсод – ул – ибод/ Наҷми Розӣ; ба эҳтимом доктор Амин Аҳмад Раёҳӣ.- Теҳрон. 1373. – 798с.
5. Оятуллоҳ Аъзамӣ Носири Макорими Шерозӣ. Тафсири намуна/ Оятуллоҳ Аъзамӣ Носири Макорими Шерозӣ. - Теҳрон. Дорулкутуби исломӣ, 1360. –Ҷ.10. – 534с.

ХУДОЖЕСТВЕННАЯ ЦЕННОСТЬ «МИРСОД – УЛ- ИБОД» НАДЖМИДДИНА РОЗӢ

В данной статье исследуется литературный стиль и поэтика произведения Начмиддина Рози на примере «Мирсод-ул-ибод». Доказано что он является одним из выдающихся поэтов и суфиев XIII века и одаренным и признанным поэтом своего века. Начмиддин Рози сумел в различных поэтических жанрах слагать свои сочинения, в том числе преобразовал и развивал суфийский стиль XIII века.

Ключевые слова: Наджмидин Рози, таджикско-персидская литература, суфизм, Мирсод-ул-ибод, Коран, хадисы.

ART VALUE "MIRSOD – UL- IBOD-" NADZHMIDDIN OF ROSÏ

In this article literary style and poetics of work of Nacmiddin Rosi on an example of "Mirsod-ul-ibod" is investigated. It is proved that he is one of outstanding poets and sufiy the XIII century both the gifted and recognized poet of the eyelid. Nacmiddin Rosi managed to compose the compositions in various poetic genres, including transformed and developed sufiysky style of the XIII century.

Key words: Naggmidin Rosi, Tajik-Persian literature, Sufism, Mirsod-ul-ibod, Koran, khadis.

Сведения об авторе: ***Содикова Рухангез*** – преподаватель кафедры английского языка Худжандского государственного университета им. Б. Гафурова. Телефон: **(+992) 92 768-68-82**. E-mail: **jafaќ83@mail.ru.**

МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР «РӮЗНОМА»-И САДРИ ЗИЁ

Ӯгулой Қоситова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

“Рӯзнома” аз лиҳози фарогирии матолиб яке аз калонтарин асарҳои Шарифҷон махдуми Садри Зиё ба шумор меравад, ки аз 500 сафҳа иборат аст. Таърихи таълиф ва сабаби “Рӯзнома” унвон гирифтни онро худи нависанда чунин ташреҳ медиҳад: “ ... аз таърихи як ҳазору сесади ҳиҷрӣ, ки муқорини инқирози муддати ҳаёти ҷаноби мавлоӣ аст, ба худ азм ва бад-ин ният ҷазм намудам, ки муддатулумр вақоеъ ва ҳаводиси дохиливу хориҷиро, ки аҳамият дошта бошад, явман фаявман индалфурсат ба тафсил ва индаззарура билиҷмол сабту забт намоям, бад-ин тариқ аз таърихи мазкур то санаи 1335-и ҳиҷрӣ савонеҳ ва вақоеи муҳимаро ҷумлатан ҳатто таворихи азлу насб ва валодату вафот мустанадон ва ашхоси маълумаи асру замонро тамоман дар қайди таҳрир кашида ва рӯзнома тартиб додам...” [2,90]

Аз ин сатрҳо бармеояд, ки ҳарчанд муаллиф дар “Рӯзнома” тафсилоти мукаммали рӯйдод ва воқеоти худро аз давраи ҷавонӣ, то вафоти падараш қозӣ Абдушакури Оят (яъне аз 18 зулҳиҷҷаи 1306-уми ҳиҷри қамарӣ баробар ба 16 августи 1889 мелодӣ оғоз ёфта, то соли 1348 баробар ба 1929 давом кардааст) ба қалам оварда бошад ҳам, аммо бо сабаби гирудори тақдир ва марг натавонистааст, лаҳазоти ду-сесолаи поёни умрашро баён созад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки “Рӯзнома”-и Садри Зиё нотамом мондааст.

Китоби мазкур аз вақоеи эпидемияи ҷумъаи дар аморат дар соли 1306/1889-1890 паҳнгардида, ки дар асари ин беморӣ падараш вафот ёфтааст, оғоз мешавад. Воқеаи мазкур дар “Рӯзнома” ба тариқи зайл омадааст: “... санаи 1304 ҳиҷрӣ дар балдаи фохира ва туманоту навоҳии он ба ҳоҳиши Илоҳӣ ва қисмати азалӣ вабои азим ва балвои амим бар сари аҳолии балдаи шарифа мусаллат гашта, рӯз ба рӯз оташи қаҳри Худовандӣ дар иштиол ва явман фаявман самуми таффи ҷаҳаннам дар иҳтизоз омада, тамомии хурду калон ҳамаги пиру ҷавон якбора дар ҷомаи хоби ранҷурӣ ва бистари маризӣ ба мазаллату анвои хорӣ афтода, ҳар кас ба ранге ба ақсоми аҷибаву оломи ғарибае, ки пеш аз ин дидаи бинанда надида ва гӯши шунаванда нашнида мубтало гашта, кор ба ҷое расид ва изтирор ба ҳадде анҷомид, ки мазмуни садоқату машҳуни «явма яфиррулмаръу мин ахиҳӣ ва уммиҳӣ»

Соли 1889 қозӣ Абдушукур аз касалии вабо вафот мекунад. То фавти падар Шарифҷон-махдум бо зарбаҳои тақдир дучор нашуда буд. Тахминан дар соли 1885 хонадор шуда бошад ҳам, таъмини зиндагонии онҳо бар зиммаи падар буд. Бинобар таъкиди Садри Зиё аз падар ба ӯ ягон меросе намондааст. Як бахши аъзами молу мулки қозӣ Абдушукур ба туфайли адоват тарака тақсим гардида, боқимондаи он барои таъмири хазинаи амиригарӣ мегузарад.

Баъд аз даргузашти қозӣ Абдушукур аз байни оила ва хешу пайвандони ӯ 7 нафар аз гирифтории бемории вабо реҳлат мекунанд. Дар миёни онҳо духтари 3-сола ва хоҳари 21-солаи Садри Зиё низ буданд. Баъд аз марги падар ва наздикони худ Садри Зиё сахт мутаассир гардида, ҳолоти бавукӯъомадаро якояк ба «Рӯзнома»-и худ таҷассум мекунад. Илова бар ин, дар “Рӯзнома” перомуни ҳаёт ва фаъолияти қозӣ Абдушукур, ба мансаби қозигӣ таъин гардидани Садри Зиё аз соли 1893 то соли 1920 дар ноҳияи Хуфтори Бухоро, ҳамчунин аз хусуси вақоеи мамлакатҳои хориҷӣ маълумот ба қалам омадааст.

«Рӯзнома» аз он рӯзномаҳое, ки дар ҳамон давра ва имрӯз низ қобили қабул аст, тафовути куллӣ дорад. Ин нуктаро Муҳаммадҷон Шакурӣ чунин шарҳ медиҳад: “Зотан “Рӯзнома”-и Садри Зиё чандон рӯзнома ва ёдномаи хотиротмонанд нест, аз он шакли рӯзнома, ки дар Аврупо расм шуда ва имрӯз дар Тоҷикистон ҳам дида мешавад, дур аст” [3,59]. Нависанда дар китоб фақат баъзе рӯйдодҳоро сабт кардаасту халос. Ин нукта дар иқтибоси болоӣ низ шарҳ ёфтааст.

“Рӯзнома” бо насри мусаҷҷаъ эҷод шуда, Садри Зиё ҳангоми нигориши ин китоб аз услуби насри Аҳмади Дониш ва дар маҷмӯъ, аз шеваҳои насри ҳамзамонони худ истифодаи фаровон кардааст. Дар асар бо вуҷуди саҷъу қавофӣ, пӯшидагӯйӣ ва риояи одоби сухан ба ҳамзамонон, инчунин тамоми воқеа бо асноду далели қотеъ тасвир ёфтаанд.

Сирату сияри Садри Зиё дар «Рӯзнома» хеле равшан нигошта шудааст, ки шахсияти ӯро чун олим ва донишманд нишон медиҳад. Ҳамчунин гуфтору андешаҳои ӯ далолат аз он мекунанд, ки гӯянда бо камоли нозукиву нуктасанҷӣ воқеаҳои аморатро омӯхта, баду неки онҳоро дақиқназарона мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар ягон маврид ӯ ба изҳори хусумат, ҷаҳолат, нафрат роҳ надода, одоби таърихнигориро хуб риоя кардааст.

Ҳарчанд «Рӯзнома» ба шарҳи ҳоли муаллиф ихтисос дорад, вале онро метавон як ҷузъи таърихи ҷадиди Бухоро ба шумор овард. Бояд тазаккур дод, ки аз “Рӯзнома”-и Садри Зиё то рӯзгори мо танҳо як нусха омада расидааст, ки доир ба ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мадании охири асри XIX ва ибтидои асри XX-и Бухоро маълумот медиҳад. Ин асари Садри Зиё дар қатори осори дигари ӯ соли 1918 сӯзонида шуда, баъдан дар тӯли солҳои 1920-1930 бо кӯмаки хотироти муаллиф аз нав таълиф карда мешавад.

Нависанда дар нахустин сафҳа менигорад, ки “... рӯзнома тартиб додам, валекин ин рӯзнома дар санаи 1336 дар мавриди муҳорибаи Колесоф ҳамроҳи «Тазкирут-уш-шуаро»-и назм сӯхта шуд, ин рӯзномаи мусаввадаи дигар надошт. Аз камоли ҳирсе, ки дар ин боб доштам, маҷбур шудам, ки вақоеи сисоларо дубора навиштам, бинобар пирӣ ва баъд аҳди бисёр чизҳо баъзе матрук бархе муштабеҳ шуд” [2,90].

Мусанниф дар зимн воқеаҳои соли 1918-ро дар назар дорад. Чи хеле ки аз таърихи ин давра маълум аст, сарвазири ҳукумати болшевикии Туркистони Русияи Шӯравӣ Фёдор Колесов аз Тошканд ба Бухоро лашкар кашида, дар муҳориба шикаст мехӯрад ва роҳи гурезро ихтиёр мекунад. Амири вақт Олимхон дар истифода

аз ин мағлубият фурсати муносиб ихтиёр намуда, дар шаҳр террор эълон мекунад ва кишварро ба коми яғмо мекашад.

Дар ин маврид Садри Зиё дар Насаф (ҳозира Қаршӣ.- Ӯ. Қ.) дар мақоми қозигӣ буд ва дар он ҷо ба ҳабс гирифта мешавад. Вақти ба ҳабсхона бурдан мусаввада ва дастхатҳои ӯро дар пеши чашмаш сӯзониданд, ки дар байни онҳо "Рӯзнома"ва "Тазкори ашъор"низ вуҷуд дошт. Аз хусуси ин воқеа Садриддин Айнӣ дар "Намунаи адабиёти тоҷик" босароҳат ёдовар шудааст [1,405].

Бори дувум асарҳои Садри Зиё, аз ҷумла "Осори зиёия" соли 1338/ 1920 дар асари фитнаи инқилоб, ки дар таърих бо номи "инқилоби Бухоро" маълум аст, талаф шудааст. Бино ба андешаи Рустам Шукуров "болшевикони Русия чаҳор рӯз шаҳрро ба оташи тӯп кашиданд ва аз 11 ҳавопаймо бомбаборон карданд" Ин нукта дар рӯзнома ба гунаи "ба самти ҳавлӣ тӯп расида, рахнае пайдо шуда, тамоми амволу ашёи лозима ба ғорату яғмо рафта," зикр мешавад.

Ба гуфти Муҳаммадҷони Шакурӣ "Пас аз инқилоб дар зарфи даҳ дувоздаҳ сол ба ӯ муяссар шуд, ки он асарҳо ё бархе аз онҳоро дубора ба қалам биёварад. Азбаски ёди қавӣ дошт, ҳатто "Рӯзнома"-ро қисман аз нав таълиф кард" [4,57]. Қабл аз ҳама, пораҳои сиёҳнавис ба таълифи асар кӯмак кардааст, аммо бо дарназардошти ин ба ихтисор намудани баъзе маълумот ва воқеот худи муаллиф низ ишора дорад: "Нигориши гузориши Шаҳрисабзу Қарширо ихтисор кардам ва-рна тафсилоти бисёре дорад, ба татвил меанҷомад. Дар айёми таҳрири рӯзнома ба ҳеч вақҳ ҳавсала надоштам, машғалаам бисёр буд. «мо ло юдраку куллуҳу ло ютраку куллуҳу» муште аз хирвор ва каме аз бисёр изҳор намудам. Алғараз як соли дигар бад- ин вило машғули амри қазо будам".

Метавон гуфт, ки Садри Зиё «Рӯзнома»-ро на аз ҷиҳати заъфи хотирааш ихтисор кардааст, балки сабабу омилҳое пеш омаданд, ки вай ба чунин амал даст занад. Яке аз сабабҳои онро Муҳаммадҷон Шакурӣ чунин тавзеҳ медиҳад: «… дигар барои тасвири муфассал эҳтиёҷ ва имкон намонда буд, лозим буд, ки «Рӯзнома» ҳарчи зудтар дубора барқарор шавад, он чиро ки аз дидгоҳи нависанда, аз дидгоҳи дилсӯзони «мулку миллат» муҳим аст, хулосатан дар бар гирад» [4,59].

Ҳарчанд ки дар «Рӯзнома» масоили хонаводагӣ ва шахсӣ бештар мавқеъ пайдо кардааст, мо наметавонем онро ба сифати асари сирф ёддоштии ба зиндагиномаи худи Садри Зиё тааллуқдошта шиносем. Муаллиф дар «Рӯзнома» дар заминаи мақсадҳои маҳдуд, чанде аз нишебу фарози зиндагии худ, масъалаҳои муҳимми замони худро рӯнамо месозад. Аз мутолиаи асар метавон перомуни хусусиятҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсию фарҳангии давр, бахусус воқеоту рӯйдодҳои ҷолиби охири асри XIX ва ибтидои асри XX ошноӣ пайдо кард. Инчунин дар хатти сужаи асар ақидаҳои иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии нависанда бештар таҷассум ёфтаанд, ки онро метавон ба ҳукми яке аз сарчашмаҳои муҳимми таърихи Бухоро шинохт.

Аҳамияти асар, пеш аз ҳама дар он ба назар месад, ки муаллиф ҳаёти воқеии муосиронашро ба адабиёт дохил намуда, дар ин замина масъалаҳои муҳимми замонро мавриду таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Масоили наҳзати маорифпарварӣ дар «Рӯзнома» гарчанде ба таври равшану возеҳ ба тасвир наомадааст, вале андешаҳои созандаву ислоҳотхоҳонаи муаллифро метавон дар батну муҳтавои он ба хубӣ мушоҳида кард. Ба қавли Муҳаммадҷон Шакурӣ «гӯё аз зоҳири воқеаҳо чашм мепӯшад ва дида ба маънои нопайдои замон медӯзад… Садри Зиё бо ин асари худ муборизаи маорифпарваронро нишон медиҳад» [4,61 – 62]

Яке аз мавзӯъҳои мубрами адабиёти ин давра инъикоси сохти пӯсидаи феодалӣ ва садди он ба пешрафти давлатдорӣ ва ривоҷу равнақи иқтисодӣ-сиёсӣ маҳсуб мешавад, ки таваҷҷуҳи ағлаби нависандагону муҳаққиқинро ба худ кашидааст.

Дар осори намояндагони адабиёти ҷараёни нави адабӣ дар сатҳи паст қарор доштани ҳаёти иқтисодии Осиёи Марказӣ, махсусан Бухоро, ки ҳукумати онро ба манбаи ашёи хоми худ табдил дода, дар бораи пешрафти иқтисодӣ ва ривоҷу равнақи корхонаҳои саноатӣ ғамхорӣ зоҳир намекард, мавзӯи тасвири бадеӣ қарор ёфта буд. Қазияи мазкур мавзӯъ ва ғояи асосии асарҳои «Наводир-ул-вақоеъ», «Рисола дар назми тамаддун ва таовун», «Рисола ё мунтахабе аз таърихи сулолаи манғития»-и Аҳмади Дониш, «Туҳафи аҳли Бухоро»-и Мирзо Сироҷ, «Савонеҳ-ул-масолик фи фаросих-ул-мамолик»-и Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ, «Мунозара» ва «Баёноти сайёҳи ҳиндӣ»-и Абдуррауфи Фитрат ба шумор меравад.

Дар сафаҳоти “Рӯзнома” мо дар хусуси системаи ирригатсионии навоҳии Ҳутфар, Қомат ва Сомҷин, инчунин дар хусуси бунёди кӯпрук (пул)-и, дар болои Амударё сохташуда аз ҷониби муҳандисони рус дар солҳои 1900-1911, гирдиҳамоии сунниёну шиаҳо, воқеаҳои сиёсии солҳои 1917-1918 инқилоби Бухоро, ба хусус дар бораи ҳаракати босмачиёни солҳои аввали ҳокимияти халқии аморат маълумоти зиёд пайдо карда метавонем.

Дар ин асар хотироти муаллиф доир ба ҳаёти иҷтимоӣ ва мадании ҳалқҳои Осиёи Марказӣ, Эрон, Афғонистон ва Русия бештар ба назар мерасад. Аммо аҳамияти асосии китоб дар маълумоти роҷеъ ба Бухоро ва ҳамзамонони муаллиф ба қалам омада, дониста мешавад.

Таъкиди ин нукта ҷоиз аст, ки тафсилоти алоҳидаи забт карда шудани аморати Бухоро аз ҷониби Русия гарчанде дар “Рӯзнома” ҷой дода нашуда бошад ҳам, муаллиф ҷо-ҷо дар хусуси воқеаҳои вобаста ба истилои Чоризм истода мегузарад ва сабабҳои мағлубияти қӯшуни Бухоро дар муҳорибаи Русияро барои нишон додан кӯшиш менамояд.

Бино ба андешаи ӯ иллати аслии мағлубияти лашкари ислом дар камтаҷрибагӣ, норасоии аслиҳаву яроқ ва иттифоқ набудани аҳолӣ мебошад .

Дар асари мазкур воқеа ва ҳаводиси дар соли 1328/1910 миёни суниён ва шиаҳо рухдода ба таври густурда тасвир карда шудааст. Дар он сабабҳои асосии сар задани зиддияти мазкур, омилҳои таъсиррасони бавуҷудоӣ ва ривоҷи минбаъдаи ин воқеа батафсил баён карда шудааст.

Садри Зиё ҳангоми қозии Қаршӣ будан (соли 1910), дар муборизаи байни суниён ва шиаҳо, ки махсусан дар вақти роҳбарии ӯ босуръат ҷараён дошт ва новобаста ба вазъияти мушкил, ки худ шоҳиди ҳол буд, перомуни чанд нафар аз кушташудагон хабар медиҳад [2,141-146].

Қисмати дар бораи воқеаҳои солҳои 1917-1920 таъсисёфтаи “Рӯзнома”-и Садри Зиё дорои аҳамияти алоҳидаи таърихӣ мебошад. Зеро Садри Зиё қабл аз зикри воқеаҳои аморат дар бораи бавуҷудоии тағйироти иҷтимоӣ-сиёсии давлати Русия-сиёсати дохила ва берунаи ҳукумат, алалхусус исён ва норозигии аҳолии мамлакат дар соли 1917 аз иштирок дар ҷанги якуми ҷаҳон ва дар перомуни барҳам додани ҳукумати подшоҳӣ маълумоти мухтасар дода мегузарад.

Авзои сиёсии солҳои 1917-1920 ба ғайр аз “Рӯзнома”-и Садри Зиё дар асари “Доир ба таърихи инқилоби Бухоро ва **ҳудудҳои миллии Осиёи Марказӣ**” низ муфассал баён гардидааст.

Гарчанде дар асари Файзулло Хӯҷаев (мавсуф ба сифати раҳбари ташкилоти ҷавонбухориён бевосита ба он воқеаҳо ширкат варзидааст- Ӯ. Қ) мақсад ва вазифаҳои ҷадидон, фаъолияти онҳо, тафриқаи байни гурӯҳ, муносибатҳо ва зиддияти онҳо бо амир ва ғ. дақиқ баён шуда бошад ҳам, аммо Садри Зиё ба сифати амалдори бузурги амир ва шоҳиди вақоеи мазкур асосан ба низои миёни қуввaҳои реаксионӣ ва тараққипарварони арбобони ҳукумат этибори махсус медиҳад.

“Рӯзнома” барои омӯзиши таърихи мукаммали охири асри XIX ва чоряки аввали асри XX-и аморати Бухоро дорои аҳамияти зиёди илмӣ мебошад.

Дар китоби мазкур ба ғайр аз асноди хусусияти сиёсӣ ва тарҷумаиҳолидошта, инчунин доир ба ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва мадании мамлакат, ҳамчунин дар бораи ҳодисаҳои табиат ва таърихи як қатор кишварҳои хориҷӣ низ аз қабили Эрон, Афғонистон, Ҷопон, Туркия ва Русия маълумоти зиёд ба назар мерасад. “Рӯзнома” барои омӯзиши муҳити адабии ҳамондавраи Бухоро ба сифати манбаи муҳим хидмат мекунад .

Соҳиби «Рӯзнома» дар идомаи тафсилоти воқеаот ба шарҳи ҷузъиёти он аҳамияти махсус дода, бо далелу бурҳони фаровон гуфторашро қаламдод мекунад. Масалан, авзои сиёсии Бухороро дар соли 1920 ин гуна тавзеҳ медиҳад: «Муқорини иди қурбон, санаи 1338 якбора аз тарафи давлати шӯроии болшевики Русия, ки раиси ин ҷумҳуриятро Ленин меномиданд, дар тамоми мамолик ба стансияҳои Бухоро аскари бисёр ҳуҷум оварда. Амиру коргузорони ин давлат як дараҷа дар такопӯ шуданд, дар тардид афтоданд, аскар ҷамъ оварданд. Диданд, ки аскари Русия ба ҳеҷ ваҷҳ ҳаракат намекунад, ба касе зарар намерасонад, давлати Русияро тарсидагӣ ангоштанд. Натиҷаи ин кор чун қазияи Колесов пиндоштанд, тадоруки онро тазйеъ ва авқоти масорифи онро исроф доштанд. Аз ин ҷиҳат, асокири ҷамъшударо аксар иҷозат доданд ё худ аз ғайри иҷозат ба автонашон рафтанд. Амир, вазир ва соири кордорон машғули кайфу сафо гаштанд, ба ҳеҷ ваҷҳ дар фикри ин кор ва тадоруки

он надоштанд. Аҳёнан агар ба хотирашон расад ё касе пурсад, истеҳзо мегуфтанд: панҷ-шаш нафар гурусна омаданд, ду-се рӯзе шикамашонро сер карда мераванд» [2, 282].

Муҳтавои асарро, қабл аз ҳама, шарҳи ҳоли муаллиф ва ҳодисаву воқеоти муҳити иҷтимоӣ, сиёсӣ ва мадании Бухоро ташкил медиҳад. Гузашта аз ин, Садри Зиё дар канори нақли ҳаводиси рӯзгори худ ва авзои иҷтимоии Бухоро, инчунин дар заминаи мутолиаи маводи рӯзномаҳои форсӣ, аз ҷумлаи «Сироҷ-ул-ахбор»-и Афғонистон, «Ҳабл-ул-матин»-и Ҳиндустон, «Меҳрнома»-и мухтасари Миср ба тафсири воқеоти кишварҳои Шарқу Ғарб низ пардохтааст, ки ин иттилои вай гоҳо сурати мухтасар дошта, гоҳи дигар муфассал ҷараён гирифтаанд, ки аз аҳамияти таърихиву ҷуғрофӣ холӣ намебошанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ. С. Намунаи адабиёти тоҷик / С Айнӣ. - Сталинобод,1926.- 402с.
2. Садри Зиё “Рӯзнома” -Таҳқиқ ва пажӯҳиши Муҳаммадҷон Шакурии Бухоройӣ, Маркази аснод ва пажӯҳиш.-Теҳрон -1382, 500с
3. Садои Шарқ//№9,1990 саҳ.113.
4. Шакури М.Садри Бухоро / М. Шакури - Душанбе: Деваштич, 2005.- С.59.

СОЦИАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ В ПРОИЗВЕДЕНИИ «ГАЗЕТА» САДРИ ЗИЁ

Основу данного произведения Садри Зиё составляют автобиография автора и происходящие в Бухаре важнейшие социально-политические и культурные события. Также Садри Зиё наряду с рассказами о своей жизни и жизни Бухары, на основе изучения персидской периодической печати приводит комментарии к событиям, происходящим на Востоке и Западе, которые имеют важное историческое и географическое значение.

Ключевые слова: Садри Зиё, творческая деятельность, автобиографические рассказы, социально-политические и культурные события в Бухаре, историческое и географическое значение произведения.

SOCIAL PROBLEMS IN THE WORK OF «NEWSPAPER» SADRI OF DIVERSITY

The basis for this work Sadri the diversity constitute an autobiography of the author and what is happening in Bukhara most important socio-political and cultural events. Also Sadri, diversity, along with stories about his life and the life of Bukhara, based on the study of Persian periodicals leads comments on events taking place in the East and the West, which are of important historical and geographical importance.

Key words: Sadri, diversity, creativity, autobiographical stories, socio-political and cultural events in Bukhara, historical and geographical importance of the work.

Сведения об авторе: ***Коситова Угулой*** - соискатель кафедры журналистики и теории перевода ХГУ им.Б.Гафурова. Телефон: **92-970-52-50**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

ЖАНР: НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

С. Н. Гулов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Журналистикаи муосири тоҷик дар истифодаи жанрҳо ба тағйироти куллӣ рӯбарӯ шуд. Ин тағйирот боиси он гардид, ки дар шинохти классикии жанрҳо низ таҳаввулот ба миён ояд. Дар бораи жанр ва шинохти он муҳаққиқони рус М. Черепахов, В Учёнова, Ю. Д. Бараневич, В. Д. Пельт, М. Н. Ким, В. В. Смирнов, А. А. Тертичный, олимони тоҷик А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, И. Усмонов, П. Гулмуродзода, М. Муродов, Ҷ. Муқим ва дигарон дар таҳқиқоти хеш андешаҳои гуногун баён кардаанд.

Масалан, муҳаққиқи радиожурналистика В. Смирнов менависад: «Азбаски жанр маҳсули фаъолияти эҷодист,пас вай категорияи эҷодист» [11,13]. Назариётчии машҳури назарияи журналистика М. Черепахов жанрро ҳамчун «василаи тасвири воқеият» медонад [16, 24]. Э. Полетаев жанрро «восита ва шакли ба вуҷуд овардани асари чопии рӯзноманигор» медонад [7, 34].

Ин андешаро дар таҳқиқи олимони тоҷик А. Нуралиев, А. Саъдуллоев ва Ҷ. Муқим [6; 8; 2] низ дучор мешавем. Бояд гуфт, ки то андозае дар байни андешаҳои профессор И. Усмонов ва андешаҳои А. Саъдуллоев, С Гулов дар шинохти жанр ихтилофи назар мавҷуд аст. Масалан, профессор И Усмонов дар ин бора мегӯяд: «Жанр матнест, ки аз матни дигари ҳамон ё ҳамҷинс бо воҳидҳо, воситаҳои дохилии худ фарқ мекунад. Воситаҳои дохилӣ, яъне имкон ё зарурате, ки ҳар кадом жанр дорад, мебошанд. Яъне тарзи баён, имкони истифодаи воситаҳои муассиркунандаи баён, василаҳои зебокунандаи баён, кӯтоҳ ё дароз будани шакли баён , имконияти шахсияти муаллиф дар матн ва ғайраҳо. Пас жанр қолабест, ки дар он фикр, факт рехта мешаванд ва ҳар кадом қолаб ҳамон жанреро дода метавонад, ки ба он мувофиқат мекунад» [14, 5].

Профессор М. Муродов жанрро «намуди маводи публисистӣ, шакли ташкил ва инъикоси воқеият, ки маҷмӯи аломатҳои сохтӣ-композитсиониро фарогир аст» медонад [5, 48]. Номбурда жанрро дар умум чунин таъриф медиҳад: «Шаклҳои гуногун ва мухталифи инъикоси воқеа, ҳолату рӯйдод, ҷараён ва вазъият, ки аз ҷиҳати аломат, хусусият ва сохт унсурҳои умумӣ, такроршаванда ва хоса доранд, жанр номида мешавад» [4, 5].Ҳарчанд дар таҳқиқи муҳаққиқон жанр таърифҳои гуногун ёфтааст, аммо ҳамаашон ба як нукта ишора мекунанд, ки жанр воситаи тасвир ва категорияи таърихист. Пас, метавон хулоса кард, ки жанр воситаест, ки эҷодкор, аз ҷумла журналист аз он барои тасвири ҳаёт истифода мебарад. Яъне жанр шакл, қолабест, ки маводи омодакардашуда ба аудитория (хонанда, шунаванда, бинанда) пешниҳод мегардад.

Муносибати жанр бо факт гуногун аст. Агар барои баъзе жанр (хабар) факт асос бошад, пас барои дигар жанр (мақола) таҳлили факт муҳим аст. Арзишдиҳӣ ба рӯйдод, воқеа ва факт низ аз вазифаҳои жанр бармеояд. Аз ин маълум мегардад, ки ҳар жанр ба факт бо тарзи хос муносибат мекунад. Дар ин бора муҳаққиқони сохибмактаби тоҷик А. Саъдуллоев ва П. Гулмуродзода чунин андеша доранд: «Хабар танҳо ба воқеаҳои ҷудогона эътибор дода, онро мустақиман зикр менамояд. Мавзӯи баҳси мақола якчанд рӯйдод ё фактест, ки қонунмандиҳои инкишоф ё футурро нишон медиҳад. Очерк ҳам ба воқеа, шароити зуҳури он эътибор дода ҷаҳд менамояд, ки характери қаҳрамон бозтоб шуда бошад» [1, 27].

Муносибати муаллиф ба воқеа низ аз омилҳои муайянсози жанр ба ҳисоб меравад. Ба қавли профессор М. Муродов, муносибат ба предмети инъикос ва воқеият ба дараҷаи маърифати эҷодкор вобаста буда, боиси рангорангии жанрҳо ва муайян шудани мушаххасоти онҳо мегардад [5, 48]. Дар гурӯҳбандии жанрҳои журналистика низ дигаргунӣ ба амал омадааст. Аввалтар аз ҳама миқдори жанрҳо афзуда, муҳаққиқон бо диди худ гунаҳои онро муайян месозанд. Агар қаблан дар журналистика 15-18 жанрро ба се гурӯҳ (хабарӣ, таҳлилӣ ва публистистӣ-бадеӣ) ҷудо мекарда бошанд, пас имрӯз муҳаққиқони рус дар ин се гурӯҳ беш аз 30 жанрро мансуб медонанд. Инро мо дар андешаҳои В. Корконесенко, М. Н. Ким, А. А. Тертичный ва дигарон дучор мешавем. Аз ҷумла, В. Смирнов миқдори жанрҳои

радиоро 23-то меҳисобад [11]. А. А. Тертичный дар китоби «Жанры периодической печати» дар шинохти хеш миқдори жанрҳои журналистикаро то ба 42-то мерасонад. Аз ҷумла, жанрҳои наверо, аз қабили назарпурсӣ, пурсишу посух, рейтинг, пешгӯйӣ, фарзия, эълон, таъзия ҷудо мекунад, ки қаблан чун жанри алоҳида шинохта намешуданд [12].

Ё худ дар таҳқиқоти олимон гунаҳои як жанр чун жанри алоҳида шинохта мешаванд. Пештар жанри ҳисоботро ба гурӯҳи жанрҳои хабарӣ мансуб медонистанд. Имрӯз муҳаққиқон жанри ҳисоботро ба 2 гурӯҳи жанрҳо - ҳам хабарӣ ва ҳам таҳлилӣ нисбат дода, 2 навъи он - ҳисоботи хабарӣ ва ҳисоботи таҳлилиро мешиносанд. Ё худ мусоҳибаю репортажро низ ба ду навъ - хабарӣ ва таҳлилӣ ҷудо карда, онҳоро вобаста ба шакл ба гурӯҳи жанрҳои хабарӣ ва жанрҳои таҳлилӣ нисбат медиҳанд [11]. Дар байни муҳаққиқони тоҷик низ тақсимбандии ягонаи жанрҳо вуҷуд надорад. Аслан, ба таҳқиқи назария ва амалияи жанрҳо муҳаққиқон И. Усмонов, А. Саъдуллоев, А. Нуралиев, П. Гулмуродзода, М. Муродов, Ҷ. Муқим, З. Муъминҷонов, С. Хоҷазод, С. Мирзоалӣ, Б. Шукруллоев ва дигарон даст задаанд. Вале дар андешаҳои муҳаққиқон ихтилофе дар гурӯҳбандӣ ва номи жанрҳо ба мушоҳида мерасад.

Агар профессор Иброҳим Усмонов хабар, мухбирнома, репортаж, ҳисоботро ба гурӯҳи жанрҳои хабарӣ мансуб донад [13], пас профессор Абдусаттор Нуралиев мухбирномаро аз ин гурӯҳ намехисобад ва онро ба гурӯҳи жанрҳои таҳлилӣ нисбат медиҳад [6]. Ба андешаи муҳаққиқи охирӣ М. Муродов низ мувофиқ аст [4,11]. Ё худ муҳаққиқон А. Саъдуллоев ва С. Гулов жанрҳои таҳлилии радиоро жанрҳои таблиғӣ–публитсистӣ ном бурдаанд [9]. Усмонов ба ин андешаи муҳаққиқон розӣ нест: «…тақсимбандӣ ва истилоҳоте истифода шудаанд, ки ба меъёрҳои қабулшуда камтар монандаанд. Аввал ин ки мафҳуми «жанрҳои таблиғӣ–публитсистӣ» маъно надоранд» [14,18]. Ҳамчунин профессор Усмонов жанри суҳбатро як навъи мусоҳиба медонад ва ин аст, ки дар китоби «Жанрҳои публитсистика» онро ба таври алоҳида зикр накардааст.

Аммо муҳаққиқон А. Саъдуллоев ва С. Гулов мусоҳиба (интервью)-ро ба жанрҳои ахборӣ нисбат дода, онро аз суҳбат (беседа) ба кулли мутафовут медонанд. Барои суҳбат шахси муаллиф ва андешаи муаллиф муҳим аст, дар ҳоле ки барои мусоҳиба будани омили иттилоотӣ зарур аст [9].

Профессор Ҷовид Муқим таъкид мекунад, ки «Қаблан мусоҳиба ҳамчун усули гирифтани иттилоъ маъмул буд ва ҳамон вақт баъзан аз суханони мусоҳибон дар рӯзномаҳо иқтибос мекарданд. Ҳоло мусоҳиба аз маъмултарин жанри ВАО махсуб мешавад» [3, 3]. Ин муҳаққиқ 10 намуди мусоҳибаро ҷудо мекунад. Дар таҳқиқоти олимони тоҷик таҳқиқоти журналистӣ низ таърифи мушаххасе надорад. Масалан, профессор И. Усмонов онро чун матни журналистӣ медонад [12,131]. Аммо муҳаққиқон А. Саъдуллоев ва С. Гулов таҳқиқоти журналистиро ҳам усул медонанд ва ҳам жанр. Ва чун усул ё жанр кор фармуда шудани онро ба мавқеъ ва усули истифода рабт медиҳанд [10].

Ҳамчунин бояд зикр кард, ки таҳаввулоти сиёсию иҷтимоии ҷомеа ба истифода, шакл ва мундариҷаи жанрҳо таъсир расонидааст. Имрӯз баъзе жанрҳо (хулосаи матбуот, фелейтон, пародия, памфлет, эпиграмма) на танҳо камистеъмол гардидаанд, балки қариб дучор намешаванд. Дар баробари ин дар ВАО хабар ва гунаҳои он, мусоҳиба ва намудҳои гуногуни он (дар радиову телевизион) ва мақола (дар матбуот) хеле зиёд шудаанд. Дар матбуоти даврӣ ба жанри репортаж қариб дучор намешавем. Ин ба табиати матбуоти мусири тоҷик иртибот мегирад. Зеро матбуоти имрӯзаи мо ҳафтавор шудану фаврияти худро аз даст додааст. Ё худ имрӯз дар воситаҳои электронии ахбор байни ҳисобот ва репортаж фарқ гузошта намешавад. Ин ду жанрро бо номи гузориш ёд мекунанд. Шояд ин тарзи шинохти репортаж ва ҳисобот аз аврупоиён ба мо гузошта бошад. Зеро дар адабиёти тарҷумашуда ин ду жанр бо номи гузориш ёд мешаванд. Дар китобҳои «Рӯзноманигории байналхалқӣ: роҳнамо барои муаллифон аз Осиёи Марказӣ», «Даҳ қоидаи журналистика» ва «Рӯзноманигории мустақил» бо чунин андеша дучор мешавем. Дар фаҳмиши классикии жанри мактуб низ дар матбуоти тоҷик тағйирот ба вуҷуд омадааст ва имрӯз зери мафҳуми «мактуби кушод» аксаран шикоят аз болои мақомдорон дар ҳалли мушкилоти шахсӣ баррасӣ мегарданд. Бахусус дар матбуоти ғайриҳукуматии Тоҷикистон чунин мактубҳо ба касрат истифода мешаванд.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки фаъолияти амалии журналистон низ дар таҳаввул, ташаккул ва такмили жанрҳо ҳамчун омили таъсиргузор бокӣ мондааст. Баъди омӯзиш ва таҳлили андешаҳои муҳаққиқони назарияи журналистика дар Тоҷикистон метавон ба хулосае омад, ки ҳанӯз дар миёни муҳаққиқони тоҷик фикри ягона дар бораи шинохти жанрҳои алоҳида (суҳбат, таҳқиқи журналистӣ), мансубияти баъзе жанрҳо (мухбирнома) ба ин ё он гурӯҳ (ахборӣ ё таҳлилӣ) ба вуҷуд наомадааст.

Аз таҳлилу мулоҳизаҳо метавон ба чунин натиҷаҳо расид:

1. Жанр василаи махсуси инъикоси воқеият мебошад;
2. Жанрҳо дар робита ба вазифаҳои мушаххасе, ки журналистика иҷро мекунад, инкишоф ва такмил меёбанд;
3. Ба инкишофи жанрҳо усулҳои омӯзишу таҳқиқи воқеият, талаботи аудитория ва имкониятҳои ВАО таъсир мерасонанд;
4. Маҳорат, чаҳонбинӣ ва муносибати журналист ба иҷрои вазифаҳои касбиаш низ ба инкишофу такмили жанр мусоидат мекунанд;
5. Гуногунжанрӣ имкон медиҳад, ки дар ВАО зиндагии воқеӣ ҳамаҷониба инъикос ёбад;
6. Истифодаи бамавқеи жанрҳои гуногун боиси таъсири бештари ВАО мегардад;
7. Кам ё зиёд истифода шудани ин ё он жанр, гуногунрангӣ дар услуби баён ё пешниҳоди жанр ба маҳорат ва касбияти муаллифон вобаста аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Асадуллои Саъдулло. Жанрҳои таҳлилии матбуот /С.Асадуллои, Г. Пайванди.-Душанбе.1994. -58 с.
2. Муқим Ҷ. Мақоми жанрҳо дар радиои «Озодӣ» / Ҷ. Муқим. -Душанбе: Сино, 2000, - 54 с.
3. Муқим Ҷ. Мусоҳиба ва техникаи тахияи он / Ҷ. Муқим -Душанбе, 2013, -160с.
4. Муродов М. Асосҳои фаъолияти эҷодии журналист / М. Муродов -Душанбе: Эҷод, 2008, 88 с.
5. Муродов М. Луғати мухтасари истилоҳот ва мафҳумҳо рӯзноманигорӣ / М. Муродов -Душанбе: Шуҷоиён, 2011, 145 с.
6. Нуралиев А. Жанрҳои ахбории матбуот / А. Нуралиев -Душанбе: Деваштич, 2004.- 146 с.
7. Полетаев Э. Рӯзноманигории байналхалқӣ: роҳнамо барои муаллифон аз Осиёи Марказӣ / Э. Полетаев -Душанбе, 2010. - 300 с.
8. Саъдуллоев А. Жанрҳои радио. Бахши 1: Жанрҳои ахборӣ / А. Саъдуллоев, С. Гулов. –Душанбе, 1997 - 48 с.
9. Саъдуллоев А. Жанрҳои радио. Бахши 2: Жанрҳои таблиғӣ–публитсистӣ / А. Саъдуллоев, С. Гулов. -Душанбе: Эҷод, 2005. - 72 с.
10. Саъдуллоев А.Таҳқиқоти журналистӣ / А.Саъдуллоев С.Гулов. –Душанбе, 2001. - 22 с.
11. Смирнов В.В. Жанры радиожурналистики / В.В. Смирнов.–М.: Аспект Пресс, 2002. - 288 с.
12. Тертичный А. А. Жанры периодической печати / А. А. Тертичный. -М.: Аспект Пресс, - 2006. - 312 с.
13. Усмонов И. К. Жанрҳои публисистика / И. К. Усмонов. - Душанбе, 2009, - 138 с.
14. Усмонов И.К. Назаре ба таҳқиқот дар соҳаи журналистика» / И.К. Усмонов Душанбе: Эҷод, 2008. - 64 с.
15. Фихтелиус Э. Дах қоидаи журналистика / Э. Фихтелиус - Душанбе, 2011. - 136 с.
16. Черепахов М. Проблемы теории публицистики / М. Черепахов. -М.: Мысль. – 1973
17.

ЖАНР: ТЕОРИЯ И ПРАКТИКА

В статье речь идет о познавании и теории жанра, классификация жанров журналистики, жанровая эволюция в СМИ. Автор полемизирую мнения, идеи русских и таджикских ученых, приходит к выводу о том, что среди таджикских ученых до сих пор нет единого мнения об относительности отдельных жанров к той или другой группе. По мнению автора, частое и редкое использование жанра, разнообразие в способах выражения или использование жанра зависит от мастерства и профессионализма автора.

Ключевые слова*:* журналистика, жанр, исследование, СМИ, информационные жанры, аналитические жанры, информация, репортаж, интервью, беседа

GENRE: THEORY AND PRACTICE

The article devoted to issues of theory of genre, classification of journalistic genre, genre's changing in Mass Media. The author investigates Russian Tajik scientists observations came into consideration, that there is no agreement of opinions on classification of some journalistic genre among Tajik researchers. Also, he added more or less usage of genre, varicosities in expression of speech or proposes of genres is determined by authors skills and experienced.

Key words: journalism, genre, research, Mass Media, informational genre, investigative genre, information, reportage, interview, conversation.

Сведения об авторе: ***Гулов С. Н.*** - докторант ТНУ. Телефон: **(+992) 93-567-60-35**

ПРОБЛЕМЫ ВОЙНЫ И МИРА НА СТРАНИЦАХ ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ

Ш. Б. Муллоев
Российско-Таджикский (славянский) университет

Становление периодической печати в Таджикистане могло успешно осуществляться лишь в условиях развитого книгопечатания и налаженной деятельности средств массовой информации (СМИ) на родном языке населения, поскольку они представляли собой важнейшие средства пропаганды марксистско-ленинской идеологии, поднятия уровня сознания трудящихся.

Следует подчеркнуть, что впервые годы Советской власти Таджикистан представлял, как мы знаем, страну в основном аграрную, преимущественно крестьянскую, с крайне низким уровнем грамотности населения, и реализация задач партии в области книгоиздательства, печати и просвещения имела крайне важное культурное и политическое значение.

«В годы Великой Отечественной войны одна из первостепенных задач советского руководства заключалась в мобилизации многонационального и многомиллионного населения СССР на защиту страны. Сознавая, что классовый подход не сможет быть действенным в достижении поставленной цели, и, учитывая то обстоятельство, что с самого начала войны русский народ принял на себя основную тяжесть борьбы с немецкими захватчиками, руководство Советского Союза стало использовать русский национальный фактор для обеспечения морально – политической мобилизации населения» [12,40].

Сама война диктовала условия выбора надлежащего внутриполитического курса, который, в первую очередь, опирался на фактор национального самосознания и патриотизма. Несмотря на тяжелейшее критическое положение на первом этапе войны, советская государственная система и партийный аппарат сумели должным образом мобилизовать советское общество и в итоге выиграть войну.

Принятие нацистской Германией идеологической доктрины, в основу которой была положена идея расового превосходства, несло прямую угрозу существованию славянских и неславянских народов, населяющих страны Европы и республики Советского Союза. Однако правительственные круги Чехословакии, Польши, Югославии, Болгарии не отдавали себе отчёт в том, что, чтобы они ни делали, какую бы политику ни проводили, они не могут избежать злой судьбы жертв агрессии или насильственного вовлечения в хозяйственный и военный потенциал сил фашистской коалиции.

К сожалению, исследователи до сих пор не располагают в полной мере всем необходимым материалом из советских, государственных и партийных архивов, на основе которого было бы возможно более всестороннее изучить эту тему. Однако, даже ни располагая этими документами, мы знаем о проявлении нового курса советской внутренней политики. Он получил отражение в советской периодической печати, а также в сфере исторической науки, литературы и искусства того времени, что даёт возможность проследить возникновение, развитие и цель политики укрепления патриотизма и национального самосознания.

Нападение фашистской Германии на Советский Союз 22 июня 1941 года, согласно официальной государственной позиции, было сразу же охарактеризовано как «подлое» и «вероломное», и эта оценка по сей день существует в историографии.

Агрессия мобилизовала и объединяла людей, и по всем очевидным признакам было ясно, что Родина опять в опасности. Обращение к истории отчётливо можно ощутить в речи Молотова 22 июня, в которой упоминается судьба Наполеона в России 1812 году [3].

Совсем не метафорически, в речах Молотова новая война получила определение Отечественная точно так же, как и война 1812 года. В этом деидеологизированном, традиционном названии недвусмысленно устанавливался статус начавшейся войны. Эхо истории прозвучало и в речи Сталина 3 июля 1941 года, когда он также напомнил о судьбе Наполеона в 1812 году и Вильгельма в 1918 году [7].

В первые дни ноября 1941 года, когда немцы приблизились к стенам столицы на расстояние 30-40 километров и Москвой овладела атмосфера осаждённого города, в обстановке суровой напряжённости происходило чествование 24-й годовщины Октябрьской революции. Оно, разумеется, не обошлось без выступления Сталина. В своей речи верховный вождь охарактеризовал нацистов как «самых опасных империалистов,

которые хотят поработить славянские народы»: «И эти люди, без чести и совести, с моралью животных, имеют дерзость желать истребления великой русской нации – нации Плеханова и Ленина, Белинского и Чернышевского, Пушкина и Толстого, Горького и Чехова, Глинки и Чайковского, Сеченова и Павлова, Суворова и Кутузова» [2].

Таким образом, к концу 1941 года Сталин отставил идеологию в сторону, так же как и Черчилль, ярый антикоммунист, когда в июне 1941года протянул руку помощи советскому вождю. Речи Сталина 6 и 7 ноября 1941 года послужили сигналом для журналистской и публицистической компании, направленной на усиление патриотических чувств и национальной гордости. Газета «Правда», к примеру, опубликовала статью «Наши предки-Минин и Пожарский». В ней в частности говорилось, что Минин и Пожарский – светлые примеры патриотов, которые мужественно, самоотверженно, с честью исполнили свой долг перед отчизной, когда ей угрожала смертельная опасность» [8].

«Александр Невский» – заглавие большой публикации, в которой описывается победа русского князя над немцами в 1242 году. Автор статьи характеризует князя, опираясь на свидетельство древнерусского летописца: «Князь Александр умел побеждать, а сам был непобедим. Он много сделал для Новгорода и Пскова и за всю русскую землю жизнь отдал» [8].

Новый компонент внутренней сталинской политики, рассчитанный на усиление национальной гордости, морали и патриотизма с помощью воскрешения традиций, нашёл своё отражение и в объёмной статье Ем. Ярославского, носящей красноречивое название: «Большевики – продолжатели светлых патриотических традиций русского народа». Особенность этой статьи заключается в том, что в ней отчётливо выражена тенденция представить большевиков достойными последователями защитников свободы русского народа и сторонниками сохранения его традиций [9].

Эта же идеи красной нитью проходит и через другую статью – «Великая мощь советского патриотизма», - в которой, на основании трудов Ленина, автор предлагает свою трактовку определения патриотизма, с точки зрения пролетарской идеологии. «Отечество, по Ленину, - пишет автор статьи М.Митин, - это определённая политическая, культурная и социальная среда, которая является самым сильным фактором в классовой борьбе пролетариата, и он не может относиться равнодушно к политическим, социальным и культурным условиям своей борьбы и соответственно не может быть равнодушным к судьбе своей страны. Ленин никогда не относился нигилистически к национальному чувству народа, к чувству национальной гордости и патриотизма» [10].

«Труд» также опубликовал на эту тему большую статью «Славные традиции русского оружия», в которой, в частности говорилось, что «славные традиции А.Невского и его воинов с гордостью продолжают бойцы Красной Армии в эти исторические дни борьбы против немецких захватчиков» [13].

Иностранные наблюдатели, представители стран антигитлеровской коалиции, которые находились на территории СССР, обратили внимание на корректировку курса советской внутренней политики в сторону усиления патриотизма, а также на воскрешение исконно русских исторических традиций. Союзники видели, что обращение Сталина к солдатам уже «не идеологическое, а патриотическое», а «русские солдаты борются не за революцию, а за Россию», что они не представляют себя гражданами некой мировой коммунистической державы, а более гражданами любимой Отчизны». Одним из доказательств подобных выводов служило то, что новые военные ордена России были названы именами исторических русских героев, а не героев революции.

Как отмечает исследователь Н.Б.Попович; «….советская внутренняя политика, направленная на пробуждение и усиление русской национальной гордости и патриотизма, стремилась к усилению морального духа армии и народа, которые, в свою очередь, видя преступления фашистов, ощутили, что государственная пропаганда совпадает с их собственными чувствами, наблюдениями и представлениями о фашистских оккупантах» [6, 120].

«Немцы в городах и селах около Москвы, немцы в древних русских городах, таких как Новгород, Псков, Смоленск, немцы в толстовской Ясной Поляне, в Орле, в тургеневском крае, самом русском из всех русских, - писал современник, - грабили, убивали, жгли. Россия не переживала ничего подобного со времён татарского нашествия. Гнев и ненависть к немцам, смешанные с чувством бескрайней жалости к русскому народу, к русской земле, на которую посягнул завоеватель, вызвали эмоциональную

реакцию национальной гордости и оскорблённого самолюбия, которые чрезвычайно сильно отразились в литературе, в музыке и в периодической печати 1941 и первой половины 1942 года» [15].

Следует подчеркнуть, что ненависть к немецким оккупантам стала составной частью сознания советского человека, а своё проявление она нашла в различных видах творчества. Достаточно вспомнить статьи И.Эренбурга и С.Айни, повесть М.Шолохова «Школа ненависти», стихи К.Симонова, А.Суркова, М.Миршакара.

Говоря о советской политике усиления национального самосознания, гордости и патриотизма, её последствиях и эффекте, касательно пробуждения чувств высокого патриотизма и ненависти к врагу, необходимо вспомнить о военных битвах на советско-германском фронте в 1942 году. Не углублялась в описание военных операций и статистику этих самых жесточайших сражений в истории человечества, необходимо обратить внимание на два основных факта:

1) немцы вплоть до февраля 1943 года, до поражения в Сталинградской битве, обладали наступательной инициативой, благодаря которой были захвачены и оккупированы значительные территории Советского государства.

2) СССР в ожидании открытия второго фронта вёл борьбу один на один с основными силами фашистской коалиции [6,120].

Эти два факта наводят на мысль о том, что гнев и ярость, патриотизм и национальная гордость советского человека были смешаны с ощущением изолированности, что ещё больше сказалось на укреплении патриотических настроений. Недаром А.Толстой отмечал, что «Россия чувствовала себя как Атлант, который один держит небо над землёй» [6, 121].

Как отмечает Н.Б.Попович: «результаты советской национально-патриотической политики проявились в высочайшей морали, самопожертвовании советских людей, будь то на фронте, на уральских заводах, в осажденном Ленинграде или в разорённых городах и селах» [6, 122].

Дар хусуси фаъолият ва эҷодиёти Абдулқодир Маниёзов аз Энсиклопедияи советии тоҷик [4,180], «Донишномаи радио ва телевизиони Тоҷикистон» [2] ва дигар сарчашмаҳо маълумот пайдо намудан мумкин аст. Ҳамзамон муҳимтарин маводе, ки дар бораи устод А. Маниёзов маълумоти муфассал медиҳад, китоби «Ёди ёри меҳрубон» [1] буда, маҷмӯи мақолаҳои олимон, адабиётшиносон, ба истилоҳ маниёзовшиносонро дар бар мегирад. Ин китоб соли 2008 ба муносибати даргузашти мавсуф чоп гардидааст. Ба далели он ки маводҳои китоби мазкур ҷолиб ва паҳлӯҳои муҳимми фаъолияти А. Маниёзовро дарбар мегирад, аз он истифода кардем.

Фаъолияти А. Маниёзов гуногун буда, вале манзури мо нигоҳе ба ҳунари ровигии эшон дар қироати гуфторҳои фарҳангии (дар шаклҳои гуногун) радиои тоҷик аст.

Мутаассифона, то ҳол бахши умдаи фаъолияти А. Маниёзов-маҳорати гӯяндагии ӯ, ки яке аз беҳтарин намунаи осори савтии радиои «Тоҷикистон» ба шумор меравад, таҳқиқ нашудааст. Ҳарчанд, дар хусуси паҳлӯҳои гуногуни эҷодиёти А. Маниёзов омӯхтаниҳо, хонданиҳо ба вуҷуд омаданд. Бино ба иттилои китоби «Ёди ёри меҳурбон» ба кори радио омадани А. Маниёзов аз солҳои 1949-1956 қайд мешавад, ки дар баробари таҳсил, ҳамчунин ба сифати наттоқи шуъбаи хориҷии радиои Тоҷикистон (ҳоло «Овози тоҷик»-ОМ) фаъолият кардааст.

Ҳарчанд Х. Отахонова, И. Усмонов марҳум Абдулманнони Насриддин, Бадриддин Мақсудов, Рӯзӣ Аҳмад, Худоӣ Шариф, Қурбони Восеъ ва дигарон дар мақолаҳои ин китоб, ба фаъолияти радиоии эшон ва аҳамияти адабии хонишҳои ӯ ҷо-ҷо ишораҳо кардаанд. Вале дар хусуси кори ровигии ӯ дар радиои тоҷик чандон маълумоти муътамад мавҷуд нест.

Дар ин миён, профессор И. Усмонов ва дигарон марҳум А. Маниёзовро аз беҳтарин гӯянда ва донандаи шеър дар радиои тоҷик медонанд. Фаъолияти хонандагии (ровигӣ) эшон фаротар аз марзҳои Тоҷикистон баромада, ӯро ҳамчун хонандаи шеъри тоҷикӣ дар Эрон, Афғонистон ва дигар кишварҳо муаррифӣ кардааст. Ӯ аз овони ҷавонӣ фаъолияти таҳқиқотӣ, тарҷумонӣ, илмӣ ва шеършиносиву сухансанҷиву хониши шеърро тавъам анҷом додаст.

Ҳангоми омӯзиши маводи «Хазинаи тиллоӣ»-и радиои «Тоҷикистон» ва дафтарҳои Шуъбаи адабӣ, ки номгӯйи осори савтии идораи фарҳангӣ қайд шудааст, маълум мешавад, Абдулқодир Маниёзов ба чунин шаклҳо осори фарҳангиро қироат ва таблиғ кардааст:

-шеърхониҳо (аз ашъори шоирони муосир ва классикони тоҷику [5] ҷаҳон (эрон [6], рус [7], гурҷӣ, арман, англис, ҳинд ва дигарон);

-достонхониҳо (қиссахониҳо) [8], ҳикояхониҳо (аз асарҳои нависандагони тоҷику ҷаҳон: эрон, афғон, рус [9], арман, гурҷ [10], англис, озор ва дигарон);

-радиокомпазитсия; [11]

-панду андарзхониҳо [11] ва суҳбату мусоҳибаҳо дар барномаҳои алоҳидаи радио минбари ӯ буданд.

Инчунин, аз маҷмӯи осори қироатшудаи А. Маниёзов маълум мешавад, муҳтавои он характери замонро ифода намуда, бо мурури замон шаклу мазмун ва моҳияти хонишҳои ӯ тағйир ёфтааст, ҳарчанд кори ровигии А. Маниёзов дар радиои тоҷик мунтазам набуда, вале давраи шурӯъ ва авҷи қироати гуфторҳои ӯ солҳои 50 то 90-умро дарбар мегирад.

Аз тарафи дигар, сатҳи интихоби хонишҳои А. Маниёзов нисбати дигар ровиён фарқ мекунад. Сабтҳои маҳфузбудаи осори савтии эшон дар «Хазинаи тиллоӣ»-ии радио гувоҳи он аст.

Даврабандии муҳтавои хонишҳои фарҳангии А. Маниёзов

-Муҳтавои хонишҳои (назмию насрӣ) солҳои 60-умро қисмати ашъори он шоирон ва нависандагони муосири тоҷику кишварҳои бародар, ки ҳадафҳои сиёсати вақт: таблиғ ё васфи тартиботи нави ҷамъияти шӯравӣ, мубориза ба муқобили мункирони ҳокимияти нав, нақшаҳои сохтмонӣ, пахтакорӣ, партия, ленинномаҳо ва дигар мавзӯъҳоро осори савтиашон инъикос менамояд.

Масалан, дар солҳои 60-ум ашъори манзуму мансури адибони дохилию хориҷиро таҳти унвони «хонишҳои бадеӣ» қироат карданд: С. Айнӣ, М. Турсунзода, А. Лоҳутӣ, А. Баҳорӣ, А. Бобоҷон, А.С Пушкин, А. Сурков, К. Маркс, Ш.Руставели, Н. Нодирпур, П. Эътисомӣ, Э. Мирзо, Б. Раҳимзода, А. Шукӯҳӣ, Л. Шералӣ ва ғайра.

-Муҳтавои хонишҳои солҳои 80-умро давраи авҷи хонишҳое, ки хусусияти ҷаҳоншиносӣ, муаррифии осори бузургтарин ҷеҳраҳои адабу фарҳанги ҷаҳон, хониши ленинномаҳо, қироати порчаҳо ё шакли мукаммали асарҳои назарияпардозони марксизму ленинизм ва дигарон бештар шунида мешавад.

Инчунин, аз мазмуни хонишҳои бадеии ин давра маълум мешавад, бештар ашъори адибони кишварҳои «бародар»-и СССР-ро дарбар мегирад. Гуфтан мумкин аст, ки хусусияти хонишҳои ин давраро асарҳои намояндагони ҷаҳонӣ, ки мазмуну муҳтавояшон характери умумиҷаҳонӣ дорад, аз радио тоҷик садо додаанд.

Вале мутаассифона, дар хонишҳои бадеии солҳои 60-80-ум осори адибони классикии тоҷик камтар мавриди қироати А. Маниёзов қарор гирифтааст, харчанд, соли 1984 таҳти рубрикаи «Нидои бедорӣ» ашъори шоирони муосири тоҷик бо садои эшон қироат шуда, дар хазинаи радио маҳфуз аст. Дар дафтари № 4-уми номгӯйи хонишҳои бадеии Шубаи адабӣ зиёда аз 10 навор (лента) бо рубрикаи силсилавии «Нидои бедорӣ» таҳти № 2858 то № 2973 соли 1984 сабт гардидааст, гулчини ашъори (шеърҳо) лирикии саромадони адабиёти муосири тоҷик С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, Б. Раҳимзода, М. Аминзода, С. Ҷавҳаризода, Ф Ансорӣ ва дигарон вуҷуд дорад.

Мазмуни ин рубрикаро шеърҳои лирикӣ, дар мазмунҳои ватан, ситоиши Ленин, партия, баҳор, дустӣ ва ғайра фаро гирифтааст. Гуфторҳои мазкур 15-дақиқа давомнокӣ дошта, бо мусиқӣ оро ёфтанд.

Инчунин, таҳти рубрикаи силсилавии «Қиссаҳои шабафрӯз» ҳам бар ашъори осори классикон қиссахонӣ кардааст. Дар гуфтори «Қиссаҳои шабафрӯз» ҳикояҳо аз «Калила ва Димна» бо садои А. Маниёзов сабт ва шунавонида шудааст. Аз ин силсила рӯзи 31.12.1981 то рӯзи 5.02.1982 7-гуфтор аз ин қиссаҳо сабт гардидааст. Ин гуфторҳо дар дафтари №3-и Шуъбаи адабӣ таҳти №2510 то № 2551 маҳфуз аст. Ҳар гуфтори он аз 25 то 30 дақиқа давомнокӣ доранд.

-Аз нимаи дуюми солҳои 80 ва аввали солҳои 90-ум моҳияти хонишҳои бадеии А. Маниёзов тадриҷан хусусияти худрагоӣ пайдо карда, моҳияти худшиносӣ бештар гуфторҳои адабии ин солҳоро ифода кардааст.

Махсусан, осори донишмандоне, ки дар таърихи адаби форсу тоҷик ва ҷаҳон аз маъруфияти бештар бархурдор ҳастанд, тадриҷан дар сархати қироати хонишҳои бадеӣ қарор гирифтанд. Бо далелҳои ба мо номаълум, аз чӣ бошад, ки баъзе осори аҳли ирфони тоҷик дар гуфторҳои адабии замони шӯравӣ кам истифода мешуд ва инъикоси худро дар гуфторҳои адабӣ намеёфт.

Хушбахтона, дар солҳои истиқлолият қироати гуфторҳо бар осори классикони форсу тоҷик бештар мегардад. Албатта, баъзе аз ин осор бо садои устод А. Маниёзов садо додаанд, ки шумораи шунавандагони дӯстдори шеъру адабро нисбати радио афзун намуд.

Бояд гуфт, дар миёни осори қироатнамудаи А. Маниёзов қисме аз гуфторҳое вуҷуд дорад, ки аз назари муҳтаво ба як давраи хос алоқаманд аст. Инчунин, хонишҳое ҳам доранд, ки аҳамияти ҷаҳонӣ дошта, шунавонидани он ба ҳама давра хос аст бо вижагии худ нисбати хонишҳои дигар аз маъруфияти бештар бархурдор аст. Ба назари И. Усмонов гуфтори «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, ки устод дар радиои тоҷик хондаанд, на танҳо бузургтарин эҷодашон аст, балки шояд аз бузургтарин мероси фарҳангӣ, адабӣ ва ҳунарии мо бошад, ки дар бойгонии радио маҳфуз аст.

Ин гуфтор таҳти рубрикаи «Гулафшон» гулчини ҳикояҳои «Гулистон»-и Саъдии Шерозиро дар бар мегирад, ки дар 40 қисм мураттаб гардида, аз ҷониби муҳаққиқон баҳои шоиста гирифтааст. Дар ин баробар, хонишҳои ӯ таҳти №3186, 3187, 3190, 3192, 3193, 3200, 3202 дар дафтари мазкур маҳфуз аст, ки аз солҳои 1991 то 1992-ро дар бар мегирад. Гуфтори мазкур дар дафтари №3-и Шуъбаи адабӣ таҳти рубрикаи «Гулафшон» маҳфуз буда, бо садои дигар ровиён низ дар ин рубрика гуфторҳо сабт гардидааст.

Инчунин, гуфтори аввали маҳфили достонҳои «Шоҳнома» рамзӣ бо садои А. Маниёзов оғоз мешавад.

Силсилаи гуфтори «Гулафшон» чакидаҳо аз насри ниёгон, ғазал, рубоиёт, панди ниёгонро дар боби меҳнат, қадри вақт, дӯстӣ, ваҳдат, одамгарӣ, илмдӯстӣ ва ғайраро дар гуфторҳои худ меғунҷонд, ки ҳар гуфтор 15 дақиқа идома дошт.

Ин гуфтор аз чанд ҷиҳат бартарӣ пайдо кард: муҷазбаёнӣ, давомнокии кӯтоҳ, ороиши зебои мусиқӣ, интихоби бомазмуни матн ва дар ниҳоят, интихоби садои гушнавоз дар вақти муносиби пахш.

Силсилаи гуфтори «Гулафшон» дар ташаккули эстетикии шунаванда нақши босазо бозидааст. Банда аз наврасӣ пахши ин гуфторро ёд дорам.

Дар интихоби қироати А. Маниёзов осори классикии форсу тоҷик: Умари Хайём, Бедил, Мавлонои Румӣ, Абулқосим Фирдавсӣ ва махсусан, ашъори сода ва равони Саъдии Шерозӣ ва ашъори адибон ва шоирони муосири тоҷик: С. Айнӣ, А. Лоҳутӣ, М. Турсунзода, А. Баҳорӣ, А. Шукӯҳӣ, Б. Раҳимзода, Ф. Ансорӣ ва Л. Шералӣ, инчунин ашъори шоирони маъруфи муосири Эрон: Парвини Эътисомӣ, Нодири Нодирпур ва ғайра аз ҷойгоҳи вижае бархурдор аст.

Шаклҳои осори савтии А. Маниёзов

Барои гуногунранг қабул шудани гуфторҳои радио барномасозони радио аз тамоми жанрҳои радиожурналистика истифода мекунад. Дар баробари истифодаи жанрҳои маъмули публисистӣ-бадеӣ: очерк, лавҳа, радиофилм, радиокомпозитсия ва ғайра, инчунин аз чандин шакли гуфторҳое, ки худи кори радио онро ба вуҷуд овардааст, истифода мешавад:

Бо чунин шакли гуфторҳои фарҳангӣ осори савтии А. Маниёзовро аз хазинаи радио тақсим намудан мумкин аст:

- хонишҳои бадеӣ;
- қиссахониҳо ё достонсароӣ;
- панду андарзхонӣ;
- радиотеатрҳо ва ғайра.

Ҳамин тавр, ҳамаи осори савтии А. Маниёзов дар «Хазинаи тиллоӣ»-и радиои тоҷик маҳфуз буда, бахши ғании онро ташкил медиҳад, ки аҳамияти таърихӣ ва арзиши фарҳангӣ дорад. Мутаассифона, ба далели суст анҷом гирифтани ҷараёни аз лентаҳои овозӣ ба дискҳо интиқоли моли Хазина, ки то ҳол идома дорад, наметавон маҷмӯи муайяни осори савтии устодро муайян кард.

Яке аз муваффақияти хонишҳои устод дар он аст, ҳунари ровигиро аз солҳои ҷавонӣ, донишҷӯйӣ дар худ тамрин доданд. Профессор И. Усмонов аз лаҳзаҳои донишҷӯйии мавсуф ёд оварда мегӯяд: «Вақте ба ДДТ барои таҳсил омаданд ва ин Донишгоҳ аввалин бор донишҷӯй қабул мекард, пешниҳодаш карданд, ки ба факултети биология дохил мешавӣ. Абдуқодири ҷавон ҷавоб доданд, ки барои ман муҳимаш он ки дар он ҷо шеърро ёд диҳанд. Ҳамин хел он кас филолог шуданд» [1,57].

Адабиётшиноси тоҷик Абдулманнони Насриддин ба ин назар буд, ки «дар таърихи сухансанҷии форсу тоҷик ровиёни шеър ва воизони сухансанҷ аз ҷойгоҳи арҷманде бархурдорӣ доштанд, бархе шуаро ки ровиёни ашъори худро доштанд, онҳоро бо авсофе сутуданӣ ситоиш кардаанд. Чунончи, Масъуди Саъди Салмон дар тавсифи ровии ашъораш Хоҷа Абдулфатҳ чунин гуфтааст:

Шеърҳои маро ба айб магир,
Хоҷа Булфатҳ-ровии меҳтар.
Ту ба лаҳни ҷонфизою бадеъ
Айбҳое, ки андар ӯст, бибар.

Устод Маниёзов бо садои хушоҳангаш ашъори бузургтарини сухансароёни форсу тоҷикро қироат намудаанд, ки он имрӯз ҷузъи захираи тиллоии радиои тоҷик мебошад» [1,57].

И. Усмонов аз ҳунари хонишҳои бадеии ӯ мутаассир шуда дар мақолаашон менависанд: «А. Маниёзов шеърро чунон мехонданд, аҷаб не худи муаллифон чунин хонда наметавонистанд ва агар тавонанд ҳам, шояд мисли хондани устод Маниёзов муассир намешуд, Маниёзоввор намебуд. Ҳамин ҳунари публисистии худи устод буд, зеро ҳадафи публисиситика ба шунавандагон таъсир расонидан, онҳоро ба ҳақиқати худ бовар кунондан, онҳоро аз пайи худ бурдан аст» [1,37].

Таъсиси радиои тоҷик дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар як қатор падидаҳои тоза, ананаҳои миллиро ташкил дода, гулчини онҳоро дар хазинаи тиллоии худ ҳифз намуд.

Ҳар гоҳ тавассути барномаҳои адабии радиои «Тоҷикистон» шеърҳои намояндагони бузурги адабиёти тоҷик садо медиҳад, аудитория шеъри Аҷамро мешунаванд ва аз зебоиҳои гулбори адаби гузаштагони каломи ноби форсӣ ҳаловат мебаранд. Зеро ин осор интихобан шунавонида мешавад, ки аз бартариҳои кормандони эҷодии идораи гуфторҳои адабӣ (фарҳангӣ) мебошад. Шунавандагон дар соатҳои муайянгардида гуфторҳои навбатии радиоро интизор мешаванд ва гуфторҳои дархостиро тавассути номаҳо, SMS ва зангҳои телефонӣ хоҳиш мекунанд, ки такроран шунавонанд.

Фолклоршинос Рӯзӣ Аҳмад ба ин назар аст, ки «солҳои панҷоҳум дар соҳаи наттоқӣ (дар радио-О.М) шахсоне ҳунарнамоӣ мекарданд, ки мактабҳои олии ҳунарҳои Русияро хатм намуда, шеъри тоҷикиро чун назми адабиёти рус ба самъи шунавандагони тоҷик хушку беолоиш мерасонданд. Дар натиҷаи ноогоҳӣ аз табиати шеъри тоҷикӣ, яъне надонистани илми арӯз ва робитаи мусиқии шеъри форсӣ бо арӯз, назми мо ҳангоми қироати шеър аз ҷониби чунин ашхос нохуш ба гӯш мерасид. Ба чунин падидаи номатлуб устод А. Маниёзов хотима гузоштанд. Тавассути он кас як қатор ҷавононе, ки ба радио ва телевизиони ҷумҳурӣ роҳ ёфтанд, матнҳои тоҷикии форсиро мувофиқи табиати шеъри форсӣ такаллум мекардагӣ шуданд» [3].

Ҳамчунин ба назари профессор И.Усмонов А. Маниёзов сухандон ва сухансанҷи бузурги асри 20-и тоҷик буданд. Фарҳанги нави мо-мегӯяд, мавсуф,-дар асри 20 мисли Абдусалом Раҳимов, Михаил Аронбоев, Маҳмудҷон Воҳидов, Наима Қаххорова, Ҳалима Насибулина, Муқим Салим, Ортиқ Қодиров ҳунармандонеро ба олами каломи бадеъ оварда ва онҳоро эътироф кард. Ҳар кадоми онҳо сабки хоси худро дошт. Ҳамаи онҳо бо ҳар тафовут ва хосияти худиашон як умумият доштанд: тоҷикӣ буданд, форсии моваройуннаҳрӣ буданд, ки аз ширинаву малоҳаташон устодон Садриддин Айнӣ, Саид Нафисӣ, Халилуллоҳ Халилӣ, Мирзо Турсунзода, Нодири Нодирпур, Куҳанд Ҷовид, Вамбери Маҷор, Николай Тихонов, Расул Ғамзатов, Чингиз Айматов, Манфред Лоренс, Иржи Бечка бо ифтихор сухан гуфтаанд [1,57].

Ҳамин тавр, сатҳи гуфторҳои А. Маниёзов аз ҳар ҷиҳат баланд буда, гулчини ашъори саромадони адабу фарҳанги тоҷику хориҷиро дарбар мегирад, ки аз бартариятҳои кори ӯ дар радио аст. Аз рӯйи омӯзиши осори савтии А. Маниёзов дар хазинаи радио буда, ба назар менамояд, ки мавзӯи ишқ, зебоӣ, ахлоқ, мавзӯи панду насиҳат асоситарин мавзӯи порчаҳои мансур ё қитъаҳои манзум буданд, ки устод интихоб ва ба мухлисон пешкаш мекарданд.

Инчунин, ба назари профессор И.Усмонов «Бисёри наттоқони радиои тоҷик, ҳатто онҳое ки ҳамсолашон буданд, аз устод омӯхтанд, ба ӯ тақлид кардаанд, аз устод дарс гирифтаанд. «Аз Маҳмудҷон чандин бор шунидаам, ки ҳам ҳангоми омода кардани як шеър барои консерт, ҳам замони таҳияи «Гуфтугӯ бо худ», «Ватан ва фарзандон» ва ҳам айёми таҳияи «Фарёди ишқ» борҳо ва соатҳо маслиҳати Маниёзовро шунидааст ва аз он кас дида ва фаҳмидааст, ки фалон калимаро чӣ гуна талаффӯз кардан беҳтар, фалон шеърро чӣ гуна хондан мувофиқтар аст. Пардаи овози шеърхонии онҳо (наттоқони радио-О.М.) гуногун буд, аммо маъноёбӣ, маъносароӣ ва таваҷҷуҳҳоҳиашон як манбаъ дошт.

Устод А. Маниёзов ҳунармандтарин шеъргӯёни мо буданд. Ӯ ҳар гуна шеър ё матнро намехонданд ва дар ҳар куҷо намехонданд ва барои ҳар кас намехонданд. Се унсуре, ки ҷузъи зиндагӣ ё ҳастии устод Маниёзов мебошад: шеър, таблиғи адабиёт ва устод Айнӣ аст» [1,57].

Албатта, то кунун дар радиои тоҷик ровиёни зиёд хонишҳои бадеию хонишҳои адабӣ (ин ду навъи хонишҳо аз ҳам фарқ мекунад), намоишномаҳои радиоиро қироат карданд, вале хонишҳои А. Маниёзов бо хеле бартариятҳо аз хонишҳои дигар наттоқон тафовут дорад.

Устоди ДМТ Муртазо Зайниддинов менависад, ки ӯ адабиётро бо се тарзи умда- тариқи пажӯҳиши пайвастаи илмӣ, бо роҳи қироат тариқи радио ва телевизион ва ба воситаи тадрис дар мактабҳои олӣ тарғиб намудааст» [1,128].

Масъалаи матраҳ нисбати осори А. Маниёзов ин аст, ки мебояд албоми асарҳои савтии устод- шеърҳо, достонҳо ва порчаҳои мансур аз адабиёти классику шӯравии тоҷикро, ки мавҷуданд, танзим карда, гулчини онро интишор диҳем.

Дар айни ҳол, ин кор барои мардуми тоҷик ва дигар форсигӯёни дунё туҳфаи аҷибе мебуд. Зеро пеш аз ҳама ин садо, ин осор чандин насли тоҷикро ба воя расонида, таҳти таъсир қарор додааст.

Аз тарафи дигар, то ҷустуҷӯгарони ватанию хориҷӣ имрӯз тавонад фишурдае аз ин садои махмалину осмонӣ дар даст дошта бошад ва бо намунае аз садои ровиёни шеъру адаби форсӣ аз Тоҷикистони азиз ошно шаванд.

Зимни натиҷагирӣ ба хулосае омадем, ки бо чунин бартариҳо гуфторҳои қироатнамудаи А. Маниёзов тафовут доранд:

- Пеш аз ҳама, интихоб ва шунавонидани гуфторҳои адабӣ-фарҳангии ӯ аз ҷониби ададиётшиносон, муҳаққиқони соҳаҳои гуногун баҳои баланд гирифтааст;
- Наворҳои (сабт) А. Маниёзов шоҳкори фонди тиллоии радио аст;
- Мактаби хосаи тарбияи наттоқонро дар радио густариш медиҳад;
- Осори савтии А. Маниёзов таблиғгари шеъру адаби миллати соҳибфарҳанги мо мебошад;
- Ба воситаи шеърхонӣ ва достонсароӣ чанд насли тоҷикро дилбастаи (адабиётшиносӣ) адабиёту ҳунари тоҷик ва ҷаҳон кардааст;
- Дурустхонӣ ва иттилову огоҳии А. Маниёзов бар забони форсиву таърихи он зебоии матнҳою офаринишҳоеро, ки ӯ ривоят мекард, имрӯз низ афзун мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ёди ёри меҳрубон. (Маҷмӯи мақолаҳо) -Душанбе: Пайванд, 2008. -280 с.
2. С. Хоҷазод. Донишномаи радио ва телевизиони Тоҷикистон / Хоҷазод С. -Душанбе: Деваштич, 2008,900 с.
3. Ситораи ихлос. (Маҷмӯи мақолаҳо) –Душанбе:, Ирфон. 2000. -108 с.
4. Энсиклопедияи советии тоҷик.-Душанбе, 1986. Ҷ.4. -180 с.

Бойгонии радио (шӯъбаи адабӣ)

5. Дафтари №4. Шуъбаи адабӣ. №1877 Шеърҳои С. Айнӣ, сабти 05.02.1978, №2873 Шеърҳои М. Турсунзода, сабти 17.06.1984, давомнокӣ 21:20-дақиқа.
6. Дафтари №1 Шуъбаи адабӣ.№ 465 Шеърҳои шоир Нодири Нодирпур, сабти 4.06.1965, 33:00-дақиқа.
7. Дафтари №1 Шуъбаи адабӣ.№ 563 Шеърҳои Александр Сурков бо сарсухан, 26. 5 1966,21:00-дақиқа.
8. Дафтари №1 Шуъбаи адабӣ.№ 259 Порчаи «Рустам ва Сӯҳроб» аз «Шоҳнома»-и А Фирдавсӣ, гуфтори 1-ум, хонандагон: Р. Ҳошим, А. Маниёзов. Б. Раҳмон, сабти соли 1963, 29:30 дақиқа.
9. Дафтари №1 Шуъбаи адабӣ.№163 Порча аз достони «Евгений Онегин»-и А. С Пушкин, сабти 1963, 27-дақиқ.
10. Дафтари №3 Шуъбаи адабӣ.№2744 Порча аз достони шоири классики Гурҷистон Шото Руставели, тарҷумаи А. Адҳам, сабти 29.09.1983, 33:20-дақиқа.
11. Дафтари №1 Шуъбаи адабӣ.№715 Радиокомпазитсияи «Назми эҳсос» дар бораи эҷодиёти А. Шукӯҳӣ, сабти 24.10.1967, 37:00-дақиқа.
12. Дафтари №4 Шуъбаи адабӣ.№ 2775 Ҳикматҳои Фридрих Энгелс, сабти 28.11.1983,17:54-дақиқа.

ОСОБЕННОСТИ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ЧТЕНИЯ НА РАДИО «ТАДЖИКИСТАН»

(на примере деятельности диктора радио Абдулкодира Маниёзова)

Автором подвергнуты рассмотрению и изучению особенности художественного чтения на Радио «Таджикистан» на примере ауидоизаписей диктора радио Абдулкодира Маниёзова.

Ключевые слова: радио, Абдулкодир Маниязов, диктор, голос, художествнное чтение, аудио произведения, программа, жанр, стиль.

FEATURES ART READING ON RADIO «TAJIKISTAN»

(on the example of the activity of the radio announcer Abdulkodir Maniyozov)

The author reviewed and studying features of artistic reading on Radio «Tajikistan» on the example of autosabina speaker radio Abdulkodira Maniyozov.

Key words: radio, Abdulkadir of Maniyozov, speaker, voice, hudojestvennoe reading, audio works program, genre, style.

Сведения об авторе: ***Матхолов Обиджон-*** соискатель кафедры телевидения и радиовещания факультета журналистики ТНУ. Телефон: (+992) **919014960**

ТАЪСИРИ ТЕЛЕВИЗИОН БА ПСИХОЛОГИЯИ ҶОМЕА

М.А. Сафарова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар замони муосир барои таъсир ба ин ё он кишвар, ҳифзи манфиатҳои сиёсӣ ва геополитики худ давлатҳои абарқудрат, пеш аз ҳама, аз дигаргунсозии тафаккури омма истифода мекунанд, ки дар амалӣ сохтани ин ҳадаф телевизион бехтарин восита аст. Муҳаққиқи машҳури соҳаи журналистика Прохоров низ аз таҷрибаи чандинсолаи хеш дар соҳаи мазкур хулосабарорӣ намуда гуфтааст: «ВАО, махсусан, телевизион силоҳи муҳимми таъсиррасонӣ ба мафкураи одамон аст, ки онро наметавон ба чизи дигар муқоиса намуд», чунки «симо байни бинандаву рӯйдод ё қаҳрамон муносибати қавии рӯҳӣ барқарор мекунад. Навори телевизион оҳиста-оҳиста торҳои қалбу рӯҳи тамошобинонро навозиш карда, дар дунёи ботинии вай эҳсосоту андешаро бедор месозад» [2,23].

Илми психология асрҳост, ки таваҷҷуҳи донишмандонро ҷалб намудааст. Мутахассиси ҳар соҳаро лозим аст, то аз илми психология баҳравар бошад, махсусан, он нафароне, ки бо иҷтимоъ сари кор мегиранд.

Журналистика аз зумраи илмҳои иҷтимоист, ки вазифааш бевосита ба мафкура ва рӯҳияи одамон таъсир расонидан аст. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф журналистро лозим аст, ба хубӣ аз вазъи равонии омма бохабар бошад. Дар ин мақолаи мо ба масъалаи таъсири телевизион ба ҷомеа дар мисоли барномаҳои шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон равшанӣ андохтанӣ ҳастем.

Воситаҳои ахбори оммаи хориҷ ва дохил (махсусан, мустақил)-и кишвар бо мақсади пиёда намудани ҳадафҳои хеш ахбори гуногунро аз воқеаҳо ва ҳар гуна рӯйдоди дохили кишвар бо обуранги хосса пахш менамоянд. «Агар худи фактро дуруст номбар кунанд ҳам, дар шарҳи он ба худмаънидодкунӣ, ки боиси таҳрифи ҳақиқат мегардад, роҳ медиҳанд» [5,50]. Аудиторияи тоҷик зери таъсири ахбори расонаҳои хориҷӣ мукобили Ҳукумат андешаҳои манфӣ дар ВАО-и «мустақил» иброз менамоянд. Ҳамаи ин бар мукобили сулҳу осоиштагӣ миёни тоҷикон хатаре беш нест. Дар ин вазъият шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон чораи саривақтӣ андешид, рӯйи навор овардани филми мустанади бисёрсериягии «Тоҷикистон ва 20-соли истиқлолият» бисёр нофаҳмӣ ва назарфиребиҳоро аз миён бурд. Соли 2011-ум дар арафаи Рӯзи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон силсилафилми «Тоҷикистон ва 20 соли Истиқлолият» тавассути 4 шабакаи телевизионии сартосарӣ - «Шабакаи якум», «Сафина», «Ҷаҳоннамо» ва «Баҳористон» пахш гардид. Дар он наворҳо аз рафти ҷанги шаҳрвандӣ, нофаҳмиву гирдиҳамоиҳо дар солҳои баъдичангӣ, фаҳмондадиҳиҳо миёни мардум дар мавриди зарурати оромию осоиштагӣ ва сулҳу ваҳдат миёни тоҷикон истифода шуданд. Баъзе наворҳо нахустин маротиба пахш мегардиданд, ки дар бойгониҳои махсус то имрӯз маҳфуз буданд. Бо вуҷуди камбудиҳои касбӣ филм тавонист таваҷҷуҳи ҷомеаро ҷалб созад, аудиторияи тоҷик, махсус он нафароне, ки шоҳиди ҷанги бародаркуш буданд, дар тамошои филм бетараф истода наметавонистанд. Дар фаъолияти кории ТВ усули таъсиррасонӣ ба ҳиссиёти инсон аз ҳама бештар самара медиҳад.

Тадкикоти дар солҳои 70-уми асри гузашта гузаронидаи олимони рус дар ин мавзӯъ чунин хулоса додааст: «Ҳар хабаре, ки тамошобин аз барномаи телевизионӣ шунида буд, монанди хабарҳои дигари нолозим зуд фаромӯш гардид, дар ҳоле ки ҳиссиёти аз он бардошта ивазношуда монд». Аз ин ҷо бармеояд, ки агар дар образҳои телевизион усули мазкурро истифода намоянд, эҳсоси аз намоиш бардошта дар хотира мустаҳкам ҷой мегирад. Ҳамчунин, матнҳои гуногуне мавҷуданд, ки баҳри амалӣ намудани мақсади худ, яъне дар ҳоли ба эҳсоси тамошобин таъсир расонидан, аз матни мифологӣ бештар истифода менамояд. Ба қавли Е.Е. Пронина интихоби матни мифологӣ журналистро доимо ба ҳадаф мерасонад. Он дар ҳама ҳолат метавонад афкори умумро зери таъсир гирад.

«Матни мифологӣ дар ВАО ивазнашаванда аст. Аз ин бармеояд, ки журналист бояд онро истифода намуда тавонад. Он, пеш аз ҳама, маҳорати баланди касбӣ ва баъд истеъдоду донишро талаб менамояд…» [7,67-68]. Журналист он гоҳ дар истифодаи матни мифологӣ муваффақ мегардад, агар «ба дарки арзишҳои миллӣ, асоси пайдоиши идеяҳои одамон ва қоидаҳои ҷамъиятӣ (вобаста ба аудитория

мувайян)» расида тавонад» [7.35]. Аз сухан дида, таъсири навор бештар мебошад, ки сирри муваффақияти ТВ ҳам дар ҳамин аст.

Телевизиони Тоҷикистон дар омода намудани филми мустанади мазкур усул ва матни болоро хуб истифода намудааст. Тамошобини телевизион, ки ҳама даҳшатҳои даврai ҷангро аз сар гузаронида ва бо чашми худ дидааст, дубора такрор шудани воқеаҳои кушторгурусnагӣ, нофаҳмиву ҷангу ҷидоли он давронро ҳеҷ намехоҳад, зеро таъсири он то имрӯз фаромӯш нашудааст.

Гарчанде аз даврони Арасту (атика) то имрӯз «андешае вуҷуд надошт ва надорад, ки ҳамагон тарафдораш бошанд», яъне гурӯҳҳои махсусе ҳастанд, ки наворҳои даврони ҷанги бародаркуш танҳо нафрати онҳоро бедор мекунад, аммо инҳо аққалияти манфиатхоҳанд. Филми мустанади зикршуда воқеияти таърихи миллатро ба аудитория пешниход кард ва хулосаву бардоштро ба онҳо ҳавола дод. Наворҳо ҳама ҳақиқати ҳол буданд. Сохтакорӣ набуд. Аз ин рӯ, аудитория зери таъсири «ҷоду»-и журналистон монд. «Албатта, телевизион ҳама чизро нишон намедиҳад, намегӯяд, балки танҳо ҳамон чизро нишон медиҳад, ки ба завқу максадаш наздик бошад ва ҳамон тавре нишон медиҳад, ки мехоҳад» [5.108]. Ҳеҷ гуна маҳорати журналистӣ ва тарғибот наметавонад мисли воқеияти ҳол ба ҷомеа таъсир гузорад. ТВ тавонист, арзиши сулҳу осоиштагӣ ва самараи онро ба дарки аудитория расонад. Воқеан, ба ягон василаи дигар ин гуна муваффақият даст намедод.

Бояд дар хотир дошт, ки такрори аз ҳад зиёди навор ё сухан на ҳама вақт журналистро ба ҳадаф мерасонад. Дар аксар мавридҳо он дилбазан гардида, таъсири қаблиро ҳам кам мекунад. Дар ин маврид низ боз ҳам мисол меорем аз ҳамон филми боло. Гарчанде филми мазкур дар аввал тамошобинони зиёд пайдо намуд, вале баъдтар бо сабаби чанд маротиба такроран пахш шуданаш таъсири қаблиро аз даст дод. Ба ҳадди ифрот расидани таърифу тавсифҳо боиси кам шудани таваҷҷуҳи омма нисбат ба филм гардид. Бо тамошо намудани филм бинанда хуб дарк мекунад, ки дар ободии Ватан кӣ бештар саҳм дошту кӣ ҷонфидоӣ кард. Худи ТВ ҳам барои ҳамин аст, ки бештар бо навор бояд таваҷҷуҳи бинанда ҷалб гардад, на бо сухан. Психологияи ҷомеа сол то сол тағйир меёбад. Қабули хабарҳои навин ва дарки дурусти он барои ҷомеа осон нест. Шарҳи як хабар дар чанд шабака бо чанд тарз интихоби аудиторияро васеътар мегардонад ва албатта, дар натиҷа ҳамон хабаре эътимодбахш мегардад, ки дар он далелҳо бештар бошанд. Аудитория намедонад, ки «бо вуҷуди факту далелҳои бардурӯғ мухокима метавонад дуруст ва эътимодбахш барояд» [1.15]. Ҳар ТВ вобаста ба манфиати мутахассис ахборро пахш менамояд. Ҳар чизи дигаре, ки ТВ мехоҳад пахш намояд, ба гуфтаи муҳаққиқи соҳа Иброҳим Усмонов ду ҷиҳат, пеш аз ҳама, ба назар гирифта мешавад:

а) дар мукобили манфиати ноширон қарор нагирад;

б) агар берун аз иҷрои вазифаи аслӣ имкон бокӣ монда бошад.

Чаҳор шабакаи телевизионие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бемаҳдудият метавонад барномаҳояшро пахш созад, барои таъмини амнияти сулҳу салоҳ ва фаъолияти Ҳукумати кишвар пайваста барнома омода созанд. Ахбори онҳо аксаран, баҳодиҳии якҷониба аст, бо ин усул ҷомеаи имрӯзаро наметавон қонеъ намуд. Масалан, дар пахши барномаҳои хабарӣ аксар ахборе пахш мегардад, ки ба оммаи васеи тамошобинон кам рабт дорад ва ё хабарҳои аз онҳо муҳимтар ногуфта мемонанд.

Аз ҳама бадаш хабарҳо бо тарзи ғайристандартӣ омода мегарданд. Бо омадани фасли баҳор «маъракаи ниҳолшинонӣ дар гӯшаву канори ҷумҳурӣ» дар ҳар барномаи хабарӣ ҷой мегирад. Тарики ҳама шабакаҳо, алалхусус, «Шабакаи якум» ва «Сафина» аз рафти ниҳолшинонии ду-се ноҳия хабар пахш мегардад. Масалан, дар барномаи «Ахбор»-и «Шабакаи якум» (13.03.2013 с.) аз рафти ниҳолшинонии сокинони ноҳияи Абдурахмони Ҷомӣ, баъди он аз ноҳияи Бохтар хабар пешниход шуд. Тарзи таҳия аз якдигар тафовут надошт, танҳо номи ноҳия ва то андозае наворҳо (дар ҳарду навори гаштугузори одамон истифода шуда буд) фарқкунанда буд. Хабаре, ки аз ноҳияи Бохтар таҳия шуда буд, бо суханони пасинавории хабарнигор дар мавриди тавсифи фасли баҳор оғоз гардид ва навори аввал аз рафти таҷлили ҷашни Наврӯз дар майдон (аниқ набуд, ки кадом майдон аст) истифода шуд. Барои гирандаи хабар ин муҳим нест ва жанри хабари низ чунин талабот надорад.

Барои журналист бояд бараъло маълум бошад, ки хабар ба саволҳои «чӣ шуд?», «кай?» ва «дар куҷо?» ҷавоб гӯяд бас аст, дар ҳолатҳои зарурӣ журналист метавонад

боз ба саволҳои «барои чӣ?», «ки онро амалӣ сохт?» ва «натиҷааш чӣ шуд?» ба бинанда ҷавоб пешниҳод кунад. Агар ин гуна набошад, бинанда дар тофтани гушаки телевизион таъхир намекунад. Бе ин ҳам дар замони муосир бо зиёд шудани ВАО боварии ҷомеа мустаҳкам нест; ҷомеа намедонад бовар кунад ё накунад ва ё ба кӣ бовар намояд. Аз ин рӯ, ба аудитория рӯй меоварад, ба шабакаҳои телевизионии хориҷа ё матбуоти мустақил, ки ҳамагуна далелро пахш месозанд ва мохокиморо ба тамошобин ҳавола менамояд. Ин усул ё матни инсондӯстӣ (гуманистӣ) низ миёни ВАО-и «бегараз» машҳур буда, зуд аудиторияи хешро пайдо карда метавонад. «Барои мо, пеш аз ҳама, худи одамон зарурand ва мо таёрем, ҳама гуна ахборро барои онҳо пешниҳод намоем, то тавонанд аз ҳолати шахшуда бароянд ва мустақилона хулоса кунанд, - ҳадафи матни гуманистиро тахминан чунин метавон баён намуд» -мегӯяд Пронина Е.Е. [7,36].

Мутаассифона, шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон барои аудиторияи худ пешниҳоди факту далелҳои гуногунро дареғ медорад. Набояд фаромӯш кард, ки «ҳамаи зимомдорон дар тамоми ҷаҳон намегузоранд хабаре пахн шавад, ки мухтавояш ба фоидаашон набошад» [5,34], вале телевизионҳои хориҷа маҳорати хуби истифодабарии далел дошта, метавонанд боварии мардумро зуд ба даст биёранд. Аз ин лиҳоз, гуфтаҳояшон таъсирбахш ва натиҷаи фаъолияташон судманд аст. «Воситаи пуркудраттарини тарғибот чун сирраш ба умум ошкор гардад, яъне дуругаш фош шавад, таъсироташро ҳамон лаҳза аз даст медиҳад» [3,119]. Ҳарчанд аудитория худро фиребхӯрда ҳис кунад, ҳамон қадар эътиқодаш ба ТВ камтар мешавад.

Тӯли чанд сол аст, ки дар фасли сармо бо мақсади «сарфа намудани қувваи барқ» ва «мавҷуд будани баъзе норасоиҳо» дар навоҳии кишвар дар вақти муайян баркро хомӯш менамоянд. Чун солҳои пештара соли 2012 низ намояндаи ширкати саҳҳомии холдингии шакли кушодаи «Барқи тоҷик» тариқи шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон баромад намуда, иброз дошт, ки қувваи барқ дар ноҳияҳои кишвар нисбати солҳои пештара зиёдтар дода мешавад, вале таҳаввулоте дар ин соҳа ба чашм намерасид. Матбуоти мустақил пайваста дар хусуси ранҷурии сокинони мазлуми деҳа мақолаҳо менависанд, дар радиои «Имрӯз» ва сомонаи «Озодӣ» дар иртибот бо мавзӯи зикршуда чанд маротиба суҳбату бахсҳо сурат гирифт ва ҷомеа дили худро холӣ кард, аммо телевизионҳои Тоҷикистон ба гуфтаҳои намояндаи ширкат қаноат мекунад ва дигар дар он хусус ҳарфе гуфтан мамнӯъ аст. Дар ин гуна мавридҳо шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон бо мақсади фикри ҷомеаро аз масъалаи асосии рӯзмара дур намудан ва ҳамсоякишварҳоро ба зиндагии осудамандонаи тоҷикон бовар кунонидан бештар барномаҳои фароғатӣ пахш менамоянд. «Чунин намоишҳо монанди саду деворахое бояд хизмат кунанд, ки хамсояҳоро маҷбур созанд то ҳар кадом ба ғами худ бошанд, аз дидани намоишҳо гумон баранд, ки на ҳама бад буда, одамони хушбахт зиёд будаанд…» [5,39].

Сокинони деҳа бо дар гирифтани қувваи барқ ба тамошои телевизион мепардозанд ва шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон низ барномаҳои фарогирифтаашро махз дар хамин соатхои «имконпазир» пахш менамояд. Маълум мешавад, ки телевизион ба ҳадаф расидааст. Мавзӯи асосӣ то андозае фаромӯш гардид, аммо он нафарон, ки ба ғайр аз телевизиони Тоҷикистон ба шабакаҳои дигари телевизионӣ, Интернет ва матбуот дастрасӣ доранд, дигаргуна андеша менамоянд, онҳоро бо ин усул зери таъсир гирифтан мушкилтар аст.

Аввалин шарти бехатарии психологӣ дар ахбори умум - мустақилияти афкор аст. Агар аз рӯйи ин гуфта ба ҷомеаи тоҷик нигарем, эшонро дар ҳолати хатарнок дармеёбем. Хатари психологӣ аз ҳама гуна хатар бадтар аст. Он имкони ба миён омадани таҳаввулоти чиддиро дорад, ки оқибаташ номуайян мебошад. Имрӯз ҷомеаи тоҷик ба чӣ ва ё кӣ бовар карданашро намедонад. Гарчанде аз ҷанги шаҳрвандӣ зиёда аз 20 сол сипарӣ гардид, аммо то кунун ҷомеаи тоҷик зери таъсири он мондаанд. Он насле, ки шоҳиди бетартибиҳои ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта буд, дар синни миёна қарор доранд, яъне алҳол дар кишвар давраи «ҳукмронӣ»-и онҳост. Ин даҳсола ва чанд даҳсолаи дигар лозим аст, ки ҳолати равонии мардуми тоҷик ба ҳолати муътадил баргардад. Барои шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон низ давраи имтиҳон аст. Афкори омма имрӯз дар дасти ТВ буда, ҳар гунае ки ҷомеа муносибат мекунад, махз аз ВАО вобастагӣ дорад, зеро одами замонавӣ «Ман»-и худро дар ВАО, хосса дар ТВ меҷӯяд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алонзо Черч. Введение в математическую логику/ Алонзо Черч. – М.1961. –Т.1.;
2. Вулф В.В. Кадр за кадром/ В.В.Вулф.-М.:Аспект-Пресс.2004. ;
3. Жак Иллюл. Пропаганда/ Жак Иллюл. – Р . 1962. с.119.;
4. Леонтьев М. На самом деле/ Леонтьев М. – ТВЦ. 1998.
5. Пацлаф Р. Застывший взгляд: Пер. с нем/ Р. Пацлаф. – М.: Evidentis, 2003. –224с.;
6. Пронина Е.Е. Психология журналистского творчество. – 2-издание/ Е.Е.Пронина.– М.:Изд-во М.ун-та. 2003 С.36.;
7. Усмонов И.К. Журналистика (қилди 4)/ И.К.Усмонов.– Душанбе-2011.

ВЛИЯНИЕ ТЕЛЕВИДЕНИЯ НА ПСИХОЛОГИЮ ОБШЕСТВА

В данной статье рассмотрено влияние программ таджикского телевидения на психологию общества. Анализируются различные точки зрения ученых по данной тематике и в качестве примера проанализированы отдельные передачи телевизионных программ. А также, дается несколько советов для улучшения качества данных программ, привлечения большего количества зрителей и завоевания доверия населения.

Ключевые слова: журналистика, журналист, психология, телевидение, влияние, агитация, новости, программа, СМИ, аудитория, население, общество.

INFLUENCE OF TELEVISION ON SOCIETY PSYCHOLOGY

In this article considered the influence of Tajik television programs on the psychology of society. The various points of view of scientists on the subject and as an example review some of television programs. Also, a few tips for improving the quality of these programs, attracting more viewers and gaining the trust of the population.

Key words: journalism, journalist, psychology, television, influence, propaganda, news, software, media, audience, population, society.

Сведения об авторе: ***М.А. Сафарова*** – аспирантка очного отделения кафедры телевидения и радиовещания Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 93 862 94 65**

МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

З А Б О Н Ш И Н О С И

ТОБИШҲОИ МАЪНОИИ БАЪЗЕ ҲАРФҲОИ ХАТТИ АРАБИИ ТОҶИКӢ ДАР ОСОРИ ШОИРОНИ ҒАЗАЛСАРОИ АСРҲОИ XII-XIV
М. Саломов …… **3**

ЭКСПЛИКАЦИЯ ОЦЕНКИ В КОМИССИВНЫХ РЕЧЕВЫХ АКТАХ (НА МАТЕРИАЛЕ ДОКУМЕНТОВ РЕГИОНАЛЬНОГО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА)
Е.З. Киреева …….... **7**

ГЛАГОЛЫ С ПРИСТАВКОЙ РАЗ-/РАС- В СОВРЕМЕННОМ РУССКОМ ЯЗЫКЕ И ИХ СООТВЕТСТВИЯ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ
М.Э. Азизова …… **10**

КАЛИМАҲОИ МУРАККАБИ МУОДИЛИ ИБОРА ДАР ОСОРИ МИР САЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ
С.Ҳ. Қурбонов, И.С.Ҳасанов …….. **17**

КОММУНИКАТИВНАЯ ПРИРОДА ЯЗЫКА И ВЕЖЛИВОСТЬ
М. Р. Джураева …… **20**

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ТАШБЕҲӢ БО ПАСОЯНДИ «БАРИН»
Ҳ. Дӯстов…… **23**

МАРОСИМИ ХОНАДОРШАВИИ ТОҶИКОНИ ЧИН ВА ИСТИЛОҲОТИ ХОССИ ОН
Хуршед Кабиров …… **25**

ҚОЛАБИ НАВИ КАЛИМАСОЗИИ ИСМ
Сахидод Хоркашев **29**

ИЗУЧЕНИЕ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ В ПРОЦЕССЕ ОБУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ
С.О.Ходжаева …… **35**

СТРУКТУРНО- СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ДВУСЛОВНЫХ МАТЕМАТИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
С. Р. Шукурова …….. **38**

СЕМАНТИКО - СТРУКТУРНЫЙ АНАЛИЗ СУФФИКСОВ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В ТЕРМИНОЛОГИИ ЖИВОТНОВОДСТВА В РУССКОМ, АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
Д. Абдурозикова …… **43**

ДОБУКВАРНЫЕ ЗАНЯТИЯ
З. А. Абишова …… **47**

МОРФОЛОГИЧЕСКИЕ СПОСОБЫ ОБРАЗОВАНИЯ ТЕРМИНОВ ТЕКСТИЛЬНОГО ПРОИЗВОДСТВА
М. Солиева …… **51**

ИЗ ИСТОРИИ РЕФОРМ ПИСЬМЕННОСТИ В ТАДЖИКИСТАНЕ (XX В.)
А. Усмонов …… **55**

БАРХЕ РАВОБИТИ МАЪНОИИ КАЛИМАҲО ДАР «ЗАҲИРАИ ХОРАЗМШОҲӢ»-И ИСМОИЛИ ҶУРҶОНӢ
Заҳро Аҳмадӣ Калотеҳаҳмад …….. **60**

ДАР БОРАИ БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ МУҚОИСАИ ҶОНИШИНҲОИ ИНКОРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА РУСӢ
Баҳодур Элназаров …… **65**

АСВОДИ ГУФТОРӢ ДАР ГӮЙИШИ ГЕЛАКӢ- РАШТӢ
Муҳаммад Исмоили Шафеъпури Фумантӣ …… **68**

ПЕРЕХОД ПРИЧАСТИЙ В ИМЕНА СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫЕ

О.П. Шарипова, Э.Киматби…….. *72*

КОРБУРДИ ОНОМАСТИКА ДАР АШЪОРИ МУҲАММАД ИҚБОЛИ ЛОҲУРӢ
Ҳилола Оқилова …….. *74*

КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ПРИЗНАКИ КОНЦЕПТА «СЕМЬЯ» (на примере компонента «муж/ шавҳар»)
М.М.Имомова ……... *77*

БАРРАСИИ ПЕШВАНДҲОИ КАЛИМАСОЗ ДАР ВОЖАГОНИ «ЗАХИРАИ ХОРАЗМШОҲӢ»- И ИСМОИЛИ ҶУРҶОНӢ
Заҳро Аҳмадӣ Калотеҳаҳмад …….. *82*

СРЕДСТВО СВЯЗИ АДВЕРБИАЛЬНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ В АНГЛИЙСКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
С.О. Ходжаева …….. *88*

К ВОПРОСУ ОБ АСПЕКТАХ ИССЛЕДОВАНИЯ ГЕОГРАФИЧЕСКИХ ТЕРМИНОВ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ В СОВРЕМЕННОЙ ТЕРМИНОЛОГИИ
М.Р. Асадова …… *91*

БАРРАСИИ ЧАНД ВОЖАИ ҲӮРОКВОРӢ ДАР «ШОҲНОМА»-И ФИРДАВСӢ
Маҳнози Қамарзод …… *96*

КАЛИМАСОЗИИ ИСМҲОИ МУРАККАБИ ПАЙВАСТ ДАР НАСРИ БАДЕИИ ФАЗЛИДДИН МУҲАММАДИЕВ
Аминҷон Амлоев …… *99*

ВОСИТАҲОИ АЛОҚАҲОИ НАҲВИИ ҶУМЛАҲОИ СОДА ДАР «КАЛИЛА ВА ДИМНА»
Ҷаъфари Рӯдсаробӣ……... *104*

БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ САВТИЁТ ДАР «МАТЛАЪ-УЛ-УЛУМ ВА МАҶМАЪ-УЛ-ФУНУН» - И ВОҶИДАЛИХОНИ МУҶМАЛӢ
О. Додаров …… *111*

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

НАЗАРЕ БА ЗИНДАГИНОМАИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
Сироҷиддин Эмомалӣ…… *115*

РУДАКИ ВА ТАКОМУЛИ УЛУМИ АДАБИ
Урватулло Тоиров …… *118*

ТАСВИРИ СИМОИ ЗАНИ МУБОРИЗ ДАР РОМАНИ «БАНТИИ ШУМО» («АПКА БАНТӢ»)-И МАННУ БҲАНДАРӢ
М.А. Нурова ……... *129*

ФИҒОНИ ВА БАЁНИ ВОҚЕИЯТ ДАР МАТОЛИБИ ИШҚИ
О. Ш. Саидҷаъфаров …… *133*

ШАРОИТИ УСТОДӢ ВА ШОГИРДӢ ДАР ШЕЪР АЗ НАЗАРИ АМИР ХУСРАВ
Р. Тағоймуродов …….. *139*

МАВЗУИ МАИ ВА СОҚИ ДАР ДОСТОНҲОИ ИШҚИИ РОМАНТИКИИ АСРИ XV
С. Маҳкамов …….. *147*

ОИД БА ЯК ТАҚРИЗИ ХОЛИҚ МИРЗОЗОДА
А.Худойдодов …… *152*

ПОЭЗИЯ ПУШКИНА НА ПЕРСИДСКОМ ЯЗЫКЕ
Х. Р. Холов ……... *155*

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ПРИТЧИ «КАЛИЛЫ И ДИМНЫ» В РАССКАЗАХ ЛЬВА ТОЛСТОГО
Гуландом Рустамова ……... *160*

ЗАМИН АЗ НАЗАРИ НУҶУМИ ИМРӮЗ

Насрини Қосимӣ Тахта Чӯб *164*

ИРФОНИ КЛАССИКИ ВА ИРФОНИ НАВ ДАР ШЕЪРИ ФОРСИ
Симин Мирзои Пуинак *167*

ТАНАВВӮИ МАЗМУН ДАР ҚАСИДАҲОИ АСРИ XV
Муҳаммаддовуди Мунир *177*

ЧАШМАНДОЗЕ БА ЗИНДАГИНОМАИ САҚҚОИ БУХОРОӢ
Фаридун Маҳмадуллоев *184*

НУКОТИ ҚУРЪОНӢ ДАР АШЪОРИ ХОҶУИ КИРМОНӢ
Амирҳамза Сатторов *189*

УБАИД РАҶАБ – ПУБЛИСИСТ
Фарҳод Ҳусейнзода *194*

ҲАКИМ КАРИМ ДАР АДАБИЁТШИНОСИИ ТОҶИК
Додихудоев Раҷабалӣ *203*

НАЗАРЕ БА МАЪНОИ ЛУҒАВӢ ВА ИСТИЛОҲИИ ҲИКОЯТ
Ғ. А. Турсунов *207*

ТАРФАНДҲОИ БАДЕӢ ДАР ҒАЗАЛИ АСРИ XV
Салоҳиддини Ҷомӣ *210*

ТАРАҚҚӢ БА РИВОЯТИ ҶАВОНТАРИН ТАҶАДДУДГАРОИ ТОҶИК
Ҳабибулло Исмоилӣ Ҳусайн *221*

ПЕРЕВОДЫ ГАЗЕЛЕЙ ХАФИЗА Д.П. ОЗНОБИШИНЫМ КОНТЕКСТЕ РУССКОГО ОРИЕНТАЛИЗМА
Б. Р. Рахманов *224*

ЗИНДАГИНОМАИ ҶАМОЛУДДИН АБДУРРАЗЗОҚИ ИСФАҲОНӢ
Н.А. Ширинов *230*

ПЕРСИЯ В ПРОИЗВЕДЕНИЯХ УСТНОГО НАРОДНОГО ТВОРЧЕСТВА И ДРЕВНЕРУССКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ
Масуме Мотамеднія *241*

ШЕВАҲОИ КОРБУРДИ ҲИҚОЁТ ДАР «РИСОЛАИ ҚУШАИРИЯ»-И АБДУЛҚОСИМИ ҚУШАЙРӢ
Муътабар Оқилова *246*

НАҚШИ НАРИМОН БАҚОЗОДА ДАР ТАҲАВВУЛИ НАЗМИ АТФОЛИ ТОҶИК
Файзуллоҷон Баҳриев *250*

МАХДУМҚУЛИ- ИФТИХОРИ МИЛЛАТИ ТУРКМАН
Қаноат Раҷабова *252*

АРЗИШИ АДАБИИ «МИРСОД – УЛ- ИБОД» - И НАҶМИДДИНИ РОЗӢ
Рухангез Содиқова *255*

МАСЪАЛАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР «РӮЗНОМА»-И САДРИ ЗИЁ
Угулой Қоситова *257*

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

ЖАНР: НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ
С. Н. Гулов *262*

ПРОБЛЕМЫ ВОЙНЫ И МИРА НА СТРАНИЦАХ ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ
Ш. Б. Муллоев *265*

НАҚДИ ТЕЛЕВИЗИОНИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОМОНАҲОИ ХАБАРӢ
З.А. Эшматов *269*

САҲИФАҲОИ АНГЛИСИ ДАР МАТБУОТИ

ХУСУСИИ ТОҶИКИСТОН
Фарзона Мирзоева ***273***

К ВОПРОСУ О РОЛИ СМИ В ДЕЛОВОМ ОБЩЕНИИ
Б. С. Абдуллоева ***275***

БУДУЩЕЕ РЕЦЕНЗИИ В АРТ-КРИТИКЕ: ФОРМЫ ЕЕ СУЩЕСТВОВАНИЯ В ПЕЧАТНЫХ СМИ И В ИНТЕРНЕТ ИЗДАНИЯХ. ЧТО СЕГОДНЯ НАИБОЛЕЕ ЭФФЕКТИВНО - БЛОГЕРСКИЙ РЕПОРТАЖ В СЕТИ ИЛИ ЭКСПЕРТНАЯ РЕЦЕНЗИЯ?
Т. С. Гоибназарова ***277***

МАСС-МЕДИА. К ВОПРОСУ ИНФОРМАЦИОННОГО ВОЗДЕЙСТВИЯ НА СОЦИАЛЬНУЮ АДАПТАЦИЮ ЛЮДЕЙ С ОГРАНИЧЕННЫМИ ВОЗМОЖНОСТЯМИ
Яна Якубова ***282***

ПРОБЛЕМАИ ИНЪИКОСИ «КУДАКОНИ БО ҚОНУН МУХОЛИФАТДОШТА» ДАР МАТБУОТИ ХУСУСӢ
Н.Ҳ. Қадамова ***286***

ВИЖАГИҲОИ ОСОРИ САВТӢ – ФАРҲАНГИИ РАДИОИ «ТОҶИКИСТОН (Дар мисоли осори савтии ровӣ Абдулқодир Маниёзов)
Обидҷон Матхолов ***290***

ТАЪСИРИ ТЕЛЕВИЗИОН БА ПСИХОЛОГИЯИ ҶОМЕА
М.А. Сафарова ***296***

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Таджикского национального университета» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным и экономическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес, e-mail. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи после списка литературы приводятся аннотации на русском и английском языках и ключевые слова (8 - 10 слов).

Список литературы приводится в общем порядке после основного текста статьи. Авторы должны соблюдать правила составления списка использованной литературы. Он должен содержать 5-6 наименований литературы.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку (для статей серии естественных наук) и отзыв специалистов о возможности опубликования.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в в каждом номере журнала.

Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук).

Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков. В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации.

Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд.

Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Муҳаррири масъул: **М. Ибодова**
Масъули бахш**: Г. Зоғакова**
Муҳаррирон: **Ш. Абдуллоева**, **И. Ҳакимова,**
М.Манонова

Ответственный редактор: **М. Ибодова**
Редактор серии Филология: **Г. Зогакова**
Редакторы: **Ш. Абдуллоева, И. Хакимова**
М.Манонова

ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 37
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 37
Телефон: 227-74-41 **E-mail: vestnik-tnu@mail.ru**
Сайт ТНУ: tnu.tj